ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
КАФЕДРАИ ҶОМЕАШИНОСӢ

# ҶАШНИ НАВРӮЗ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## (МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ҶУМҲУРИЯВӢ, БАХШИДА БА ИДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ)

**(12-УМИ МАРТИ СОЛИ 2024)**

**Душанбе – 2024**

**ББК-63.3(2Т)+87.3(2Т)**

**Ҳ-12**

**Бо қарори Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст. «  » 03. 2024**

***Зери таҳрири умумии*** *ректори ДБССТ, д.и.и. Асрорзода У.С. ва мудири кафедраи ҷомеашиносӣ, н.и.п., дотсент Ҳайдаров А.А.*

***Ҳайати таҳририя:*** *д.и.т., профессор Ҳотамов Н.Б., д.и.ф., профессор Ҷононов С., н.и.и., дотсент Хоркашов И.С. -Душанбе, 2024. – 340саҳ.*

**Ҳ-12 Ҷашни Наврӯз ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ**
**(Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ,*(12- марти соли 2024))*.**

Маҷмуа фишурдаи маърузаҳои иштироккунандагони конференсияи илмӣ назариявии ҷумҳуриявии “Ҷашни Наврӯз ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ ”–ро фаро гирифтааст. Маҷмуа аз 3 бахш иборат аст. Дар бахши аввал масъалаҳои муҳими фалсафӣ, сиёсӣ, фарҳангиву эстетикӣ ва дигар масоили ба иди Наврӯз алоқаманд ворид гардидааст.

Дар бахши 2-юм омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ ва таълими онҳо дар муассисаҳои таълимии макотиби олии касбӣ ва проблемаҳои дигари мубрами илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст.

Дар бахши 3-юм масоили лингвистии марбут ба Наврӯз, омӯзиши фарҳанг ва забонҳо дарҷ гардидааст.

Мавод ба ёрии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ, аспирантон, магистрҳо, олимон ва мутахассисони соҳаи проблемаҳои муосири улуми ҷомеашиносӣ тавсия мешавад.

В сборник включены доклады и тезисы участников республиканской научно-практической конференции **“Роль Навруза в формировании национального самосознания”.** Сборник состоит из трёх разделов. В первом разделе представлены важные философские, политические, эстетические и другие вопросы, связанные с праздником Навруза.

Во 2-м разделе анализируется и рассматривается изучение общественных дисциплин и их преподавание в высших учебных заведениях и другие актуальные научные проблемы. В 3-м разделе освещены лингвистические вопросы, связанные с Наврузом, изучением культуры и языков.

Материалы конференции адресованы преподавателям вузов, учителям школ, аспирантам, магистрам, ученым и специалистам в области современного обществоведения.

**ISBN№ 978-99975-1-370-0**
**© А.А.Хайдаров**

*Масъулияти дурустии матолиб ва навоварии мавод ба уҳдаи муаллифон аст.*
*Ответственность за оригинальность и новизну материалов несут авторы статей.*
*ДБССТ, 2024*

## МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор** ...........................................................................................................5
Бахши I. Аҳамияти таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз.................................................6
**Асрорзода У.С.,** Ҳотамов Н.Б. Наврӯз – қадимтарин ҷашни мардуми ориёӣ................6
**Ҳотамов Н.Б.** Илҳоми тоза аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2023..........10
**Аюбов А.Р.** Хусусиятҳои ҷашни Наврӯз дар бархе аз маҳалҳои Тоҷикистон..............13
**Курбонов Б. Р., Шарипов Ш.**Ҷашни Наврӯз дар масири таърих.................................17
**Раҳмонӣ Р.** Гиромидошти Наврӯзи Тоҷикистони соҳибистиқлол..............................25
**Турсунзода Н.О., Исамитдинов Ж. Б.** Ҷаҳонишавии ҷашни Наврӯз ва аҳамияти он..39
**Ҳотамов Н.Б.** Наврӯзи ҳавзаи Занданеи Бухоро............................................................45
**Ҷононов С.** Ҷомеаи иттилоотӣ ва масоили ҳифзи худшиносии миллӣ.........................49
**Абдулатипов У.Ҳ.** Наврӯз ва суннатҳои бостонӣ дар асари Абурайҳони Берунӣ.......60
**Акризоев М.М.** Ҷашни Наврӯзи сокинони Кӯҳистони Бадахшон дар нигориши А.А. Бобринской...............................................................................................................................64
**Ғуломшоев С. А.** Наврӯз ва суннатҳои бостонии мардуми Бадахшон..........................70
**Зайдуллозода С. З.** Таъсирпазирии ашъори Гулрухсор аз баҳору Наврӯз..................74
**Исамитдинов Ж. Б.** Сарчашма ва заминаҳои таърихии ташаккули ҷашни Наврӯз.....83
**Қосимӣ С.А., Бобоҷони Ҳ.** Ҷашни Наврӯз ва худшиносии миллӣ....................................89
**Қосимова Р.** Наврӯзи байналмилалӣ– муаррификунандаи фарҳанги миллии тоҷикӣ.............................................................................................................................101
**Нодирхонов Г.Г.** Наврӯз ва хусусиятҳои гуманистии он..........................................106
**Туйчиқулов З. Ҷ., Дӯстова Н. О.** Пешвои тоҷикон-эҳёгари Наврӯзи Аҷам................111
**Усанов Р., Эркаев С. А**. Наврӯзи Аҷам дар сарчашмаҳои таърихӣ..........................115
**Шарипов Ш.** Нигоҳе ба таърих ва таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ........................121
**Ҷӯраев Р.З.** Асрору сози Наврӯз дар тамаддун ва фарҳанги исломӣ........................126
**Эркаев С. А.**, Ҷашни “Сайри гули лола”.......................................................................133
**Бобоҷонова М., Эркаев С.А.** Аҳамияти ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар замони ҷаҳонишавии фарҳанг..........................................................................................137
**Асадуллоева З.Р.** Наврӯз ҷашни бостонӣ ва худшиносии миллӣ..............................143
**Бухориев О. С.** Таҷаллии таҷлили маросими “Мири наврӯзӣ” дар як ғазали Ҳофизи Шерозӣ.......................................................................................................................................147
**Дилангези Р.** Бозтобу манзалати Наврӯз дар фарҳанги форсу тоҷик.........................153
**Ёрова З.Ҳ.** Сада - пайки нахустини наврӯзӣ..................................................................158
**Қабилова Ф. Р., Мирзоева М. И.** Праздник восставший из глубины веков......................161
**Маҳмудов Д.** Ҳикмати офариниш ва Наврӯз.................................................................166
**Сохибова А.Н.** Навруз в Центральной Азии..............................................173
**Убайдуллоев А., Лутфов М.** Паёми Пешвои миллат- қутбнамои ҷомеа ...................177
**Фарангиси И.** Ҷашни Наврӯз дар сарчашмаҳои таърихӣ................................................180
**Ҳабибов С.И., Одинаев Б.** Наврӯз ва сайри таърихи он...............................................185
**Ҳайитбоева М.А., Каримова Д.**- Фалсафаи Навруз – ҷаҳонсозиву инсонсозист.............170
**Ҳомидҷонова М.Ҳ.** Наврӯз – яке аз сарчашмаҳои бузурги таърихи тоҷикон.............195
**БАХШИ II. МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ**.........................................201
**Рустамова Г.Р.** Образование это - надежная опора государства......................................201
**Ҳотамов Н.Б., Ҳайдаров А.А**. Солори маорифпарварон ва оғози бедориву худшиносии зиёиён барои ҳаёти нав.............................................................................. 207
**Ғуломова М.С.** Таҳлили илмӣ-фалсафии оила ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа...216
**Ғуломова М.С.** Сабаб ва омилҳои пайдоиши каҷрафторӣ дар байни ҷавонон..........225
**Илчибекова М.О., Абдуллоева Л.М.-** Мақоми зан дар ҷомеаи соҳибистиқлол..........236

**Мирзоев С.** Яғноб меҳани меросдорони тамаддуни куҳани Суғд..............................245
**Турсунов Ф.А., Убайдуллоев А. Т.** Изучение проблем национального самосознания в контексте структуры исторического знания........................249
**Ҳайдаров А.А., Давлатова М.А.** Ҳифозати миҳан аз нигоҳи олими шаҳир..................253
**Хоҷаева М. О., Бобоева И.А.** Осори арзишманди бузургон ва парвариши худшиносии миллӣ..........................................................................................................................263
**Убайдуллоев А., Яҳёев** М. Омӯзгорӣ – касби пуршараф..........................................266
**Ҳайдаров А. А.** Зан - решаи калимаи зиндагӣ ва созандагист..................................274
**Шарипов И. И.** Вопросы демократизации политических процессов в Республике Таджикистан.....................................................................................................................277
**Шарипов А.М.**Нақши илмҳои ҷомеашиносӣ дар таълиму тарбияи ҷавонон.............281
**Ҳабибов С.И.** Инкишофи институти супоридани ҷинояткорон дар ҳуқуқи байналхалқӣ...................................................................................................................284
**БАХШИ III.МАСОИЛИ ЛИНГВИСТИИ МАРБУТ БА НАВРӮЗ ВА АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ......289**
**Аликулова С. Т.** Школа – источник социального воспитания..........................................289
**Наҷмиддинова У. С., Зогакова Г.** Рушди фарҳанги миллӣ дар даврони Истиқлолият..294
**Зоғакова Г., Ҳайдаров А.А.** Санъати мусиқӣ ва алҳон дар афкори эстетикии мутафаккир......................................................................................................................298
**Шердилова С.** Вожаҳои марбут ба иди Наврӯз (шогун) дар гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорони ноҳияи Ишкошими ВМКБ..................................................................301
**Зубайдуллоев С. Х.**– Масъалаҳои фарҳанг ва илму маориф дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.................................................308
**Шарипова Р.** Нақши Пешвои миллат дар таҳкими забони давлатӣ.............................314
**Султонова Ш. Б.** Суффиксҳои сифатсоз дар забони франсавӣ......................................318
**Султонова Ш. Б.-** Феълҳои бевосита ва бавосита дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ.........................................................................................................................321
**Шоназар Дж.М., Зокиров Б.М.** Вопросы ремесленного производства таджиков ГБАО (Памира) освещеные в работах ряда дореволюционных европейских и российских исследователей..............................................................................................................325

**ПЕШГУФТОР**

Конференсияи илмӣ - назариявии ҷумҳуриявӣ, ки имрӯз тахти унвони "Ҷашни Наврӯз ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ " бо ташаббуси кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳ баргузор мегардад, ба Иди байналмилалии Наврӯз бахшида шудааст.

Бақои тамоми милалу давлатҳоро аз пойдории унсурҳои фарҳангии он медонанд. Абармардони фарҳанги умумибашарӣ анъанаҳои миллиро посдорандаи тамаддун ва маданияти башарӣ ҳисобидаанд.

Пажуҳишгарони улуми ҷомеашиносӣ аниқ намудаанд, ки тайи 500 соли ахир расму оин ва анъанаҳои зиёди мардумони ақаллияти олам аз байн бурда шудаанд.

Ин он маъноро дорад, ки барои ин миллату халқиятҳо хатари аз байн рафтан ни таҳдид хоҳад намуд.

Бояд, ҳар миллати соҳибтамаддун, ки қадру қимат ва шарафи хешро медонад, дар набарди ҷаҳонишавии шадиди кунунӣ, фарҳанг ва унсурҳои фарҳангии худро чун гавҳараки чашм эҳтиёткорона ҳифз намояд ва дар поку беолоиш нигоҳ доштани он талоши ҷиддӣ варзад.

Мутахассиси имрӯзаи тоҷик намояндаи кадом ҳирфаву пешае, ки набошад, бояд, тибқи раҳнамоиҳои Пешвои миллат амал намояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ(28.12.2023) иброз доштанд: "**Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд. Соли 2023 –юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид** ".

Аз ин рӯ, аз тамоми омӯзгорон ва донишҷӯёни ДБССТ талаб карда мешавад, ки дар амалӣ сохтани ин супоришҳои Пешвои миллат ва эҳтироми фарҳанги миллӣ аз омӯзгорон донишҷӯёни дигар донишгоҳҳо пешқадамтар бошанд ва сазовори боварии Пешвои муаззами миллат бошанд.

Умед дорем, ки Донишгоҳи азизи мо ба меъёрҳои муассисаҳои таҳсилоти олии имрӯзаи олам ҷавобгӯ хоҳад гардид ва мо масъулем, ки ба муқаддасоти миллӣ ва унсурҳои фарҳанги миллии хеш эҳтироми боз ҳам зиёдтаре гузорем .

Дар кори конференсия ба шумо муваффақият таманно дорем!

**Ректори ДБССТ-Асрорзода Убайдулло Саттор**

# БАХШИ I. АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

**(Раиси бахш –н.и.п., дотсент Ҳайдаров А.А.)**

## НАВРӮЗ – ҚАДИМТАРИН ҶАШНИ МАРДУМИ ОРИЁӢ

**Асрорзода У.С. -д.и.и., ректори** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**Намоз Ҳотамов –** профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати таҷлили ҷашни Наврӯз дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе, 25 марти соли 2018 таъкид кардаанд: “Наврӯз, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо тамоми ғановату рангорангии он эҳё гардид, ҳоло ба ҷашни милливу давлатии мо – тоҷикон ва рамзи худшиносиву ифтихори миллӣ, ваҳдату ҳамдилии мардум ва пайванди наслҳо табдил ёфтааст.

Наврӯз, дарвоқеъ яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Таҷлили Наврӯз аз қадимтарин замонҳо то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Далели асосии умри тулонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст. Зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз мекунад ва бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ба замин дона кишт мекунад. Дигар ин ки, Наврӯз айёми тавозуни байни табиат ва инсон буда, баробари дигаргунии куллӣ дар табиат рӯҳи инсонро низ ба куллӣ тағйир медиҳад ва ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод умедвор месозад.”[1]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асари худ “Тоҷикон дар оинаи таърих”, дар боби “сабақҳои таърих ва озмоишҳои мактаби истиқлолият”, ба масъалаи зарурияти донистани таъриху фарҳанги аҷдодон таваққуф намуда, таъкид намудаанд:

“Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд. Ашхоси аз решаву насаби хеш канда, одатан, аз хотираи таърихӣ, гузаштаи пурифтихор ва мероси фарҳангии миллати худ бенасиб монда,

[1] Ниг.: Раҳмон Э. Аз интернет.

чун махлуқи худпараст, бемасъулият ва бегонапарвар ба камол мерасанд ва гирифтори тафаккури ғуломона мегарданд. Ин бадбахтии бузург касро хоҳу ноҳоҳ ба инкори гузашта, ба фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбат ба рӯҳи бузурги фарзандони миллат ва ниҳоят бегонапарастию қадр накардани таъриху тамаддуни миллӣ бурда мерасонад."[2]

30 – юми сентябри соли 2009 бо қарори ЮНЕСКО "Наврӯз" ҷашни байналмилалӣ гардид. 23 феврали соли 2010 Ассанблеяи Генералии СММ (ООН) низ дар бораи ҷашни байналмилалӣ гардидани "Наврӯз" қарор қабул кард. Ҳамин тавр "Наврӯз" ҷашни байналмилалӣ гардид. Ифтихори ҳар як тоҷик аст, ки номи "Наврӯз" бо шакли аслиаш – тоҷикӣ аз тарафи бисёр халқҳои ҷаҳон қабул шуд.

Наврӯз иди бостонӣ ва анъанавии тоҷикон ва тамоми халқҳои ориёӣ ба ҳисоб меравад, ки таърихи беш аз 6-ҳазор сол дорад. Он ба рӯзи аввали солшумории милодӣ рост меояд. Наврӯзро дар баъзе ҷойҳо "Иди сари сол" ва "Иди соли нав" низ меноманд. Баъдтар Наврӯз дар байни дигар халқҳои ғайриэронӣ, аз он ҷумла мардуми туркнажод низ Наврӯз ҳамчун "Иди соли нав" қабул гардидааст.

Иди Наврӯз дар мулки мардуми ориёӣ, пайваста бо инкишофи кишоварзӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ва ривоҷ ёфтааст. Мувофиқи ривоятҳо таърихи ташаккули Наврӯз ба табиати муранда (дар зимистон) ва зиндашаванда (дар баҳор) вобаста будааст. Наврӯз дар аҳди Ҳахоманишиён (солҳои ҳукмронӣ 550-330 то милод) ба ҳукми анъана даромада, ба иди расмии мардуми ориёӣ, аз ҷумла аҷдодони тоҷикон табдил ёфт. Аксарияти ривоятҳои бостонӣ оғози ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед  нисбат медиҳанд.

Аҷдодони мо ин ҷашнро аз замони Пешдодиён қайд мекунанд. Дар "Фарҳанги Деҳхудо" омадааст: "Ҷамшед - чорумин шоҳи давлати асотирии мо –дар ин рӯз ӯ гӯё дар тахти подшоҳӣ нишастааст. Ҷамшед, ки сайри олам мекард, чун ба Озарбойҷон расид, фармуд, тахти гавҳарнишине ба ҷои баланде рӯ ба ҷониби Ховар гузоранд. Ва худ тоҷи гавҳарнишине бар сар ниҳода бар он тахт бинишаст. Ҳамин ки офтоб рух намуд ва партаваш бар он тоҷу тахт афтод, фурӯғе дар ниҳояти рӯшноӣ падид омад, мардумон аз он шод шуданду гуфтанд: "Ин рӯзи нав аст!" Ва чун ба забони паҳлавӣ шуоъро "шед" мегӯянд, ӯро Ҷамшед хонданд ва ҷашни азим карданд ва аз он ин расм (Наврӯз) пайдо шуд".

Умари Хайём гуфтааст: сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки "Офтоб дар 365 шабонарӯз руъбе ба аввали дақиқа ба бурҷи Ҳамал ояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард". Муаррихи араб Муқаддасӣ гуфтааст: "Ҷамшед – подшоҳи Пешдодӣ фармон дод, то барои ӯ гардунае бисозанд ва бар он нишаст ва ба он дар фазо, ҳар ҷо ки мехост, бо гардиш пардохт. Нахустин рӯзе, ки вай бар он нишаст, нахустин рӯзи фарвардинмоҳ буд, ки бо фарру фурӯғи худ ошкор омад ва он рӯзро Наврӯз хонданд".

---

[2] Ниг.: Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. – С.8.

Дар Осиёи Миёна ва Эрони имрӯза аз асри IX то милод тақвими авестоӣ ҷорӣ буд. Мувофиқи он солро ба 12 моҳи 30 рӯза тақсим карда буданд. Ҳар 30 рӯзи моҳ номҳои махсус дошт, ки яке аз он рӯзҳо бо номи он моҳ ҳамном буд ва он рӯзро ҷашн мегирифтанд. Аз ин 12 ҷашн 3-тоаш аз сабаби он ки дар ин рӯзҳо ҳолати табиат тағйир меёфт, муҳимтар шуморида мешуд. Ҷашни аввали баҳорро **Наврӯз**, ҷашни аввали тирамоҳро **Меҳргон**, ҷашни рӯзи 10 – уми баҳманмоҳ (30 январ) – ро, ки панҷоҳ рӯз пеш аз Наврӯз меомад, **Сада** мегуфтанд. Вале дар байни онҳо ҷашни Наврӯз шуҳрату шаҳомати зиёде дошт. Зеро он на танҳо айёми баробар шудани шабу рӯзро ифода мекард, балки ба эҳёи табиат, оғози мавсими баҳории кишту кори деҳқонӣ мувофиқ меомад. Бинобар ҳамин ҳам Наврӯз нисбат ба дигар ҷашнҳо эътибори бештаре дошт.

Дар бораи чанд рӯз ҷашн гирифтани Наврӯз ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Мувофиқи маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ шоҳони Сосонӣ (ин сулола солҳои 224-651 милодӣ ҳукмронӣ кардааст) Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтанд. Аз ҷумла, бо гуфтаи ӯ "... оини Сосониён дар ин айём чунин буд, ки подшоҳ ба рӯзи Наврӯз шурӯъ мекард ва мардумро эълон менамуд, ки барои эшон ба тахт омадааст, ба эшон некӣ кунад. Ва рӯзи дуюмро барои деҳқонон, ки қадре мақомашон болотар аз тӯда бувад, бо тантана қайд мекард. Ва хонаводаҳо низ дар ин қисмат дохил буданд. Ва рӯзе сеюмро барои сипоҳиён ва бузургону мӯбадон бо тантана қайд мекард. Ва рӯзи чорумро барои аҳли байт ва наздикону хосони худ ҷудо мекард. Ва рӯзи панҷум барои хонавода ва ходимони худ ва ҳар кадомро, он чи мустаҳаққи рутба ва икром буданд, ҷудо мекард. Ва он чи муставҷибу сазовори эҳсону инъом буданд, мерасонд. Ва чун рӯзи шашум мешуд, аз қазои ҳуқуқи мардумон фориғу осуда шуда буд ва барои худ Наврӯз мегирифт."[3]

Бояд қайд кард, ки дар Осиёи Миёна, Эрон ва Озарбойҷон Наврӯзро 13 рӯз ҷашн мегирифтанд ва рӯзи 13 - ум аз манзили худ ба беруни шаҳр ба сайр мебаромаданд, онро ҳоло дар Эрон "Сездабаҳор" меноманд.

Арабҳо баъди истилои Осиёи Миёнаю Эрон кӯшиш карданд, ки ҷашнҳои қадимаю анъанавии халқҳои маҳаллиро аз байн баранд. Вале халқ ба мамоният ва истибдоди онҳо нигоҳ накарда, Наврӯзро ҷашн мегирифт. Арабҳо ноилоҷ Наврӯзро "Суннати Ҷамшед" номида, ба ҷашнгириаш иҷозат доданд. Ба ивази ҳафт шин (шакар, шамъ, шарбат, шароб, шиннӣ, шир, шона) ҳафт син ҷорӣ шуд: дастурхонро бо ҳафт навъи неъмат, ки бо ҳарфи син шуруъ мешуд, оро медоданд: сирко, сабзӣ, сумоқ, санҷид, сир, себ ва сипанд. Дар баъзе хонадон ба ҷои сумоқ ва сипанд сабза, суманак ё самбӯса ҳозир мекунанд.

Дар аҳди Сомониён барои равнақи анъанаҳои бостонии халқи тоҷик ва халқҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон шароити мусоид

---

[3] Ниг.: Берунӣ А. Фархундатарин соатҳо. (Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст) // "Ҷумҳурият". 2013. 21 марти. – С.3.

фароҳам омад. Дар ин давра Наврӯз ва Садаю Меҳргон васеъ ҷашн гирифта мешуданд. Мувофиқи маълимоти Абубакр Муҳаммади Наршахӣ Наврӯзро аввал кишоварзон дар рӯзи 1-уми фарвардин, баъди панҷ рӯз муғон (оташпапастон) ид мекарданд, ки аз ин рӯ “Наврӯзи кишоварзон” ва “Наврӯзи муғон” меномидаанд.

Мардум аз қадимулайём ба пешвози Наврӯз тайёрӣ медиданд, хонаҳоро рӯбучин карда, тоза нигоҳ медоштанд ва оро медоданд. 25 рӯз пеш аз Наврӯз дар зарфҳои махсус гандуму адас сабзонда, дар рӯи дастурхон мегузоштанд ва омади кишти деҳқониро аз рӯи ҳолату, сабзиши онҳо пешбинӣ менамуданд.

Дар Самарқанду Бухоро, Хуҷанд Ҳисор, Қаротегину Дарвоз, Бадахшону Кӯлоб ва дигар ҷойҳо идгоҳҳои махсус вуҷуд дошт. Дар рӯзҳои ҷашнҳои Наврӯзӣ ҳаргуна дилхушиҳо ва бозию сайрҳои халқӣ баргузор мегардад. Бештар гӯштингирӣ, бузкашӣ, тагалҷанг ва ғайраҳо ташкил карда мешуд. Бештар “оташпарак” мушоҳида мегардид. Дар деҳаҳо ҳатто дар шаҳрҳо ҳезум ҷамъ намуда, гулхан оро дода, аз болои он давида меҷаҳиданд. Бо ин гӯё баданро аз ғафлати зимистон бедор карда аз гуноҳҳо тоза мешуданд. Зиёфатҳо, ҳашарҳо ташкил намуда ниҳолҳои мевадиҳанда мешинонданд, ғалла мекоранд, ҷӯйборҳоро тоза мекарданд ва ғайраҳо.

Мувофиқи маълумоти дар “Ёддоштҳо” – и худ додаи Садриддин Айнӣ “дар замонҳои пеш деҳқонони тоҷик пеш аз соли нав - пеш аз моҳи ҳамал – дар ҳар деҳа дар майдонҳо ҷамъ шуда гуштингирӣ ва дигар ҳаракатҳои баданӣ карда, гӯё ба тани аз сармои зимистон афсурдашудаашонро қуввати нав медоданд”[4]

Умуман иди “Наврӯз” иди шодию хуррамӣ аст. Ин ид мардумро ба ободию фаровонӣ ҳидоят мекунад. Ҳидоят мекунад, ки ҳар кадоме дарахте шинонем, тухме ба замин корем, манзиламонро обод нигоҳ дорем. Беҳуда шаҳаншоҳи Сосонӣ Анушервони Одил (солҳои 531-579 ҳукмронӣ кардааст) дар мамлакат пурсандагӣ – гадоиро манъ карда, ҳамаи мардонро вазифадор намуда буд, ки ҳатман коре, аз ҷумла кишоварзӣ кунанд. Ба онҳо қитъаи замин ҷудо намуда, бо тухмӣ таъмин мекард, барои харидани чорвои корӣ қарз медод.

Имрӯзҳо шаҳру деҳоти мамлакати соҳибистиқлоламон рӯз аз рӯз ободу зебо гаштааст. Албатта ин натиҷаи меҳнати зарбдоронаи ҳар як фарди ба ору номуси Ватанамон ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани нақшаҳои солҳои 2019-2021, ки “солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардида буд, Ватани азизу маҳбуби мо боз ҳам ободу зебо гардид.

[4] Ниг.: Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷилди 7. – С. 495.

# ИЛҲОМИ ТОЗА АЗ ПАЁМИ НАВБАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶАЛАСАИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**(аз 28 декабри соли 2023)**

**Ҳотамов Н. Б.** -профессор
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон

28 декабри соли 2023 дар толори калони “Кохи Сомон” – Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми шабакаҳои оинаи нилгун ва радио манзури мардум гардонида шуд, ва нусхаи пурраи он дар матбуоти даврӣ нашр гардид. Аз ин рӯ, мардум, ҳатто ҳамватанони бурунмарзии мо Паёмро гӯш карданд.

Бегуфтугӯ, мардуми мо, инчунин дӯстони хориҷииамон, аз муваффақиятҳои махсусан дар солҳои охир ба даст овардаи ҷумҳурии мо ба ваҷд омадаанд. Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оиди пешравиҳо дар тамоми самтҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, ва сиёсат сухан гуфта, таъкид намудаанд, ки “... ҳамаи пешравиҳои зикршуда маҳз бо заҳмати содиқонаву софдилона ва азму талошҳои ватандӯстонаи мардуми шарифи кишвар ба даст омадаанд. Аз ин лиҳоз, ба мардуми соҳибмаърифату тамаддунсоз ва шарафманду сарбаланди мамалакат барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат ва заҳмати аҳлонаву ободгарона сипосу минатдории самимии худро изҳор мекунам” (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

Пӯшида нест, ки ба Истиқлолияти давлатии мо ҳамагӣ 32 сол пур шуда бошад ҳам, ва 10 соли аввали он бо ҷанги бемаънии бародаркуши(солҳои 1992-1997) ва азнавсозии харобиҳои он гузашт. Ба ғайр аз талафотҳои ҷонӣ (мувофиқи маълумотҳо зиёда аз 150 ҳазор нафар қурбон шудаанд), зарари иқтисодии он зиёда аз 10 миллиард доллари америкоиро (бо ҳисоби ҳамонвақта) ташкил дод. Тамоми самтҳои иқтисодиёти мамалакат зарар диданд. Ин ҷанг мамлакати моро даҳсолаҳо қафо партофт. Бисёр мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони маҳаллӣ ҳам ҷумҳуриро тарк намуданд. Зеро онҳо боварӣ надоштанд, ки ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ба зудӣ ба итмом мерасаду, харобиҳои он ба зудӣ аз нав барқарор мешаванд.

Маҳз бо заҳмату талошҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 сулҳи байни тоҷикон имзо гардид ва ҷанги шаҳрвандӣ ба итмом расид. Бояд дар хотир дошт, ки соли 1999 дараҷаи

камбизоатӣ дар мамлакат ба 86% расида буд. Махсусан ноҳияҳои водии Вахш, Ҳисор ва Кӯлобро гуруснагӣ фаро гирифа буд. Дар шаҳри Душанбе пойтахти мамлакат, мардум шабу рӯз дар мағозаҳо, барои нон навбат меистоданд. Сафи гурезагон аз як миллион нафар гузашта буд.

Бо талошҳои Президенти маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қисми зиёди гурезагон ба ватан баргардонида шуданд. Мардуми кишвар бо як дилгармӣ рӯ ба меҳнат оварданд. Дар натиҷа аз соли 2000 рушди иқтисоди мамлакат шуруъ гардид (Ниг. "Минбари халқ".2023, 28 декабр. –саҳ. 1).

Ҷумҳурии мо ба тамоми душвориҳои нигоҳ накарда, сол аз сол ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид. Чуноне дар "Паём" оварда шудааст, танҳо дар 7 соли охир, дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ "аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид". Махсусан ҳиссаи соҳибкорони кишвар дар муваффақиятҳои ба даст овардашуда бузург аст. Аз ҷониби онҳо дар 7 соли охир "беш аз 2 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншоотҳои маориф, 1213 муассисаҳои тандурустӣ, 11, 5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд. Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд". (Ниг. "Минбари халқ".2023, 28 декабр. –саҳ. 1).

Оромии мамлакат, мутобиқати иқтисодиёти кишвар ба талаботи маблағгузаронии хориҷӣ, шароит муҳайё намуд, ки " дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидаст, ки зиёда аз 30 милллард сомонӣ он сармояи мустақим мебошад" (Ниг. "Минбари халқ".2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

Дар мамлакат солҳои 2022-2026 – ро "Солҳои рушди саноат" эълон гардид. Маҳз ба шарофати амалисозии ин иқдоми"тайи ду сли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳи корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст" (Ниг. "Минбари халқ".2023, 28 декабр. –саҳ. 1).

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳолат ва рушди неругоҳҳои барқии мамлакат диққати махсус дода шуд. Зеро, аз рушди ин соҳа на танҳо рушди саноат ва иҷтимоиёт, балки тамоми иқтисодиётм мамлакат вобастагии сахт дорад. Ба ғайр аз сохтмони иншооти бузурги аср - Неругоҳи барқии обии Роғун, соли 2025 ба истифода агрегати сеюми он дар назар аст, боз таъмиру таҷдид, яъне навсозии неругоҳе, ки амал менамоянд, зарур ҳисобида шуд. Бо ин мақсад "беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, Неругоҳҳои барқи обии "Сарбанд" пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд гарда шуд.

Инчунин таҷдиди неругоҳҳои "Норак" ва "Қайроқум" бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расонидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмуъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад. Дар натиҷаи ин ҳама соли 2023 дар ҷумҳурии мо " истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт соатро

ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 4,8 миллиард киловатт соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Барои пешрафти ҷумҳурӣ роҳҳои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта, аҳамияти беназар дорад. Онҳо имконият медиҳанд, ки кишвари азизи мо ҳарчи зудтар аз бумбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, ба кишвари транзитӣ табдил хоҳад ёфт. Ҷумҳуриамон ҳоло ба давлатҳои ҳамсоя: Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қирғизистон, Афғонистон Ҷумҳурии мардумии Чин имконияти муътадили тиҷоратӣ дорад. Ба ҳамин мақсад дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат 58 лоиҳаи гуногуни сармоягузорӣ давлатӣ ба маблағи 26, 6 миллиард сомонӣ амалӣ гардидааст. Чуноне дар “Паём” таъкид гардидааст, “...дарояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин-Тоҷикистон-Афғонистон ва Чин-Тоҷикистон-Узбекистон–Туркманистон–Эрон–Туркия–Аврупо, инчунин Тоҷикистон–Чин–Покистон истифода хоҳад шуд” (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Пӯшида нест, ки пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе боғшаҳр табдил ёфтааст. Биноҳои бисёрошёна, ки қариб тамоми ҳудуди шаҳрро фаро гирифтааст, ба ҳусни шаҳр боз ҳам зам намудааст. Ҳар як меҳмони шаҳр аз чунин муваффақиятҳо дар ҳайрат мемонад. Албатта, вазъи роҳҳои автомобилгарди пойтахт аз мадди назари онҳо дур намондаанд. Дар ин самт ҳам пешравиҳои назаррас мебошанд. Чуноне дар “Паём” таъкид гардидааст: “ дар 7 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар пойтахти мамлакат 82 километр роҳҳо ба маблағи 2 миллиарду 235 миллин сомонӣ азнавсозӣ карда шудаанд.

Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳҳои мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода мешавад”(Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Афзоиши шумораи аҳолии ҷумҳурӣ талаб мекунад, ки минбаъд ҳам ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода шавад. Зеро, агар “ соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст.

Тибқи нақшаи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад...

Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи якум ба 261 ҳазор нафар расидааст.

Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ба биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло кам аст (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Дар ин самт, албатта вазъи таҳсилоти олии касбӣ ҳам ҳама вақт дар мадди назари ҳукумати мамлакат мебошад. Сол аз сол на танҳо шумораи донишҷӯён мефзояд, балки биноҳои нави таълимии ҷавобгӯ ба талабот

қомат рост мекунанд. Ба ин бинои нави Донишгоҳи байналмаилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва филиали он дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон мисол шуда метавонанд.

Дар Паём суръати афзоиши аҳолиро ба назар гирифта, бо мақсади қонеъ гардонидани шумораи донишҷӯён ҳам хело афзудааст. Вале талаботи замон нисбати мутахассисони ҷавон зиёд гардидааст. Бинобар ҳамин ҳам дар Паём таъкид гардидааст, ки бояд “ ... барои ба сатҳи сифати таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Шумораи донишҷӯёне, ки дар давлатҳои хориҷа таҳсил менамоянд, соли 2023 ба 41 ҳазору 232 нафар расидааст. Аз ин миқдор 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. – саҳ. 3).

Хулоса, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ ба мардуми шарифи кишвар мурҷиат менамояд,ки “ табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем” (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

## ХУСУСИЯТҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР БАРХЕ АЗ МАҲАЛҲОИ ТОҶИКИСТОН

**АЮБОВ А.Р.-** доктори илмҳои таърих, профессор
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Наврӯз (айнан «рӯзи нав») яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми тоҷик аст. Дар бораи таърихи пайдоиш ва ҷашнҳои Наврӯз дар маъхазҳои хаттии таърихӣ маълумот мавҷуд аст. Махсусан, Фирдавсӣ дар «Шохнома», Умари Хайём дар «Наврӯзнома», Берунӣ дар «Осор-ул-боқия», Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» маълумоти пурарзиш овардаанд.
Тибқи навиштаи онҳо ва ҳамчунин аз худи номи ид, Наврӯз рӯзи нав, яъне рӯзи нави соли нав аст, ки ба рӯзи аввали моҳи эрониёни бостонии Фарвардин рост меояд. Ин моҳи ҳамал (арҳ) аз рӯи тақвими ҳиҷрии шамсӣ ва 21 март аз рӯи тақвими милодӣ (услуби нав) мебошад.

Умари Хайём менависад: «...сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯзу рубъе аз шабонарӯз ба аввал дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд бад-ин дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард ва пас аз он подшоҳону дигар мардумон ба-д-ӯ иқтидо карданд. Ва қиссаи он чунон аст, ки чун Каюмарс - аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳаду таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯзи бомдод Офтоб ба аввал дақиқаи Ҳамал омад, мӯбадони Аҷамро гирд карду бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд» [7, с.26].

Бояд гуфт, ки шоҳи афсонавӣ Ҷамшед дар замони салтанати худ ба мардум бисёр чизҳои навро таълим додааст. Масалан, ӯ ба одамон либоспӯшӣ аз матоъро омӯзонд, зеро то он вакт нақши либосро пӯсти ҳайвонот иҷро мекард, одамонро ба касбу ҳунар тақсим карда, қонуну қоидаҳоеро, ки одамон бояд аз рӯи онҳо зиндагӣ кунанд, ба тартиб меовард.
Тибқи ривояти дигар, Ҷамшед дар вақти тулӯи офтоб ба худ тахти заррин бино карда, онро ба баландтарин кӯҳ мебардорад, тилло зери шуоъҳои офтоб медурахшад ва чун офтоб медурахшад. Ин рӯз ибтидои соли нав гардид. Решаҳои ин ҷашн ба таърихи дур рафта, ба солҳои 3000 пеш аз милод рост меоянд.

Тоҷикон чун ворисони мардуми бостонии эронитабор Наврӯзро махсус таҷлил мекунанд. Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз чорабиниҳои гуногун баргузор мешаванд. Дар рӯҳияи анъанаҳои халқӣ аспдавонӣ, бузкашӣ, гӯштингирӣ, арғамчинбозӣ, тухмзанак, идгардак ташкил карда шудааст.

Таҷлили Наврӯз дар ҳар минтақа хусусиятҳои ба худ хос дорад. Сокинони деҳаҳои Қалъачаи Раис ва Ғазантараки ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд ҷашни баҳорӣ бо номи “хонагаштак” ва “теппача” доранд. Ид ҷашн ду руз қайд карда мешавад. Рӯзи аввал ба хонаи он арӯсоне, ки баъди ҷашни Наврӯзи соли гузашта тӯяшон баргузор шуда буд, ҳамаи духтарон ва чанде аз занон меоянд. Арӯсон маросими «келинсалом»-ро иҷро мекунанд. Моҳияти ин расму оин дар он аст, ки онҳо руймоли шаффофи ороёфтаро, ки онро «тӯри арӯсӣ» мегӯянд, ба сари худ партофта, ба хар касе, ки мехмон мешавад, сарфи назар аз синну солашон сари таъзим фуруд меоварад. Духтарон тамоми хонаии арӯсро аз назар мегузаронанд. Зеро деворҳои хона бо либосҳои гуногун ва рӯймолҳои зебои арӯсӣ оро дода мешаванд. Дар мобайни хона дастархони калонеро бо шириниву таомҳои болаззат мегузоранд. Ҳангоми рафтан ба духтарон тӯхфаҳои гуногун, аз қабили бозича, рӯймол, собун ва ғайра дода мешавад.

Рӯзи дуюми идро «теппача» меноманд. Дар ин рӯз ҳамон арӯсон бо хешовандонашон ба теппаи пасти наздикии деҳаи Ғазантарак баромада, ҷашнҳои гуногун (сурудхонӣ, рақс, омода кардани хӯрокҳои гуногун) ташкил мекунанд.

Анъанаҳои Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо таҳаввул ёфтаанд. Абӯрайҳони Берунӣ дар асари худ «Осор-ул-бокия» навиштааст: «Ва чанде аз ҳашвия мегӯянд, ки чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд. Эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!» Яъне рӯзе тоза биёмад [2, с.232].

Маросими дигари марбут ба ҷашни баҳор “чуфтбаророн” ном дорад. Дар ҳар хона чалпакҳои калон пухта, ба ҳамсояҳо ва хешу табор тақсим карда мешаванд. Ба майдони маркази деҳа, ки дар он ҷо мардон

ҷамъ мешаванд, ҳафт чалпак оварда мешаванд. Ба шохи барзагов ҳамчун рамзи ҳосили фаровон ду чалпак гузошта мешавад. Рӯзи аввал каме ҷуфт мекарданд ва яке аз мӯйсафедони калонсолтарини деҳа ба тариқи рамзӣ ва муборакии кор чанд мушт гандум мепошид. Он рӯз ба хонаҳояшон бармегаштанду кори асосӣ аз рӯзи дуюм оғоз мешуд.

Рамзи Наврӯз ва Соли нав, ки бо гандум алоқамандӣ дорад, суманак (сумалак) аст. Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон суманакро «сумалак» меноманд. Тибқи боварҳои мардумӣ номи «сумалак» аз ибораи «сӣ малак» гирифта шудааст. Гӯё ҳангоми пухтани суманак сӣ малак (фаришта) аз осмон ба замин ташриф меоранд ва ноаён дар омода намудани ин хӯроки биҳиштӣ ширкат меварзанд. Аз ин рӯ, мардум суманакро «сумалак» номида, онро муқаддас медонанд [6, с.50]. Раванди тайёр кардани суманак чандон осон нест. Тақрибан як ҳафта пеш аз ид, донаи гандум дар зарфи на он қадар чуқур тар карда мешавад. Дар рӯзҳои наздик ба ид гандум нашъунамо меёбад. Чунин меҳисобанд, ки нашъунамои ғаллаи сабзида хар кадар дарозтар бошад, дар соли нав ҳамон кадар бештар ва беҳтар хосил мегиранд. Донахои сабзидаро дар зарфи филизӣ кӯфта, ба дег меандозанд, об пур мекунанд, орд меандозанд ва 10-12 соат мепазанд ва беист омехта мекунанд. Суманак бояд пеш аз тулуи офтоб дар рӯзи асосии ид омода бошад. Ҳангоми омода кардани суманак занону кӯдакон сурудҳои идона ва шеър мехонанд. Суманак таоми оддӣ нест, чизи муқаддас аст. Вай ба ҳама ҳамсояҳо, хешу табор, дӯстон тақсим карда мешавад. Пеш аз чашидан, кас бояд се хоҳиши худро дар дил гӯяд, ки онҳо дар давоми як сол амалӣ шаванд.

Дар бораи пайдоиши суманак ривояте ҳаст. Дар он нақл карда мешавад, ки чӣ тавр дар замонҳои қадим истилогарони хориҷӣ ба хоки бегона ҳуҷум карда буданд. Сокинони он шабу рӯз шаҳри худро муҳофизат карданд. Рӯзе захираи обу ғизо тамом шуд ва дар шаҳр гуруснагӣ сар шуд. Онҳо нақл мекунанд, ки чӣ тавр як зани солхӯрда занҷири мӯрчаҳоеро, ки дар замин донаҳои гандум мекашонанд, пай бурд. Вай ин донаҳоро ҷамъ карда, аз онҳо ғизои болаззат ва шифобахш – суманак мепазад.

Дар атрофи деги суманак базми наврӯзӣ ороста мешавад, дар он соҳибхона, яъне хонае, ки барои пухтани суманак интихоб карда мешавад, меҳмононро бо дастархони пурнозу неъмат, иборат аз нуқлу наво, амсоли нонҳои гуногун, шириниҳо, самбӯсаҳои алафӣ, ширу ҷурғот, саршир, меваи хушку тар меҳмондорӣ мекунад.

Дар солхои 1907-1912 Н.Ликошин сардори округи Хуҷанд буд. Дар мавриди таҷлили Наврӯз дар шаҳр чанд ёддошт дорад. Дар соли 1909 бо ташаббуси ӯ бо мақсади наздик кардани аҳолии маҳаллӣ ба русзабонхо дар мавзеи иди Наврузгоҳ корхои кабудизоркунӣ ба роҳ монда шуданд. Чанде пеш аз ин дар бораи таҷлили ҷашни Наврӯз дар Хуҷанд мақолае навишта буд [3, с.4].

Бояд гуфт, ки дар шаҳри Хуҷанд ҷашни Наврӯз хусусиятҳои хос дорад. Дар ин бора Н.Г. Маллитский навиштааст: «Иди Наврӯзи

эрониён дар шаҳри Хуҷанд бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад. Дар байни бозичаҳое, ки дар Сайлгоҳ (макони ид - А.А.) ба фурӯш мерафтанд, ҳуштаки гилин бештар машҳур буд. Ин ҳуштакҳо шакли аждаҳоро дошта, намунаи санъати тасвирии замони пеш аз ислом буданд» [4, с.137].

Дар Сайлгоҳ чойхона-қироатхонахо, нонвойҳо, ошпазҳо, кабобпазҳо ба ҳамаи меҳмонон дар хаймаҳояшон хизмат мерасонданд, сарояндагон ва навозандагон маҳорати худро нишон медоданд.

Хусусияти хоси ҷашни Наврӯз дар миёни сокинони шаҳри Хуҷанд маросими хӯрдани моҳӣ буд. Ба сайлгоҳ чанд рӯз пеш аз ид моҳидорон моҳӣ оварда, дар тӯрхои махсус нигоҳ медоштанд. Кабобпазҳо дар рӯзи ид онҳоро дар табаққои махсус пухта, ба ҳама тақсим мекарданд [1, с.116].

Мардуми Хуҷанди бостон иде доштанд, ки бо номи «Ҷашни истак» маъруф аст. Ин ҷашн дар ҳафтаҳои идкунии Навруз барпо мешуд. Қадимиён «ван» гуфта як навъ буттаи бедро меномиданд. Дар Хуҷанд ин буттаро истак меномиданд ва он дар соҳили чапи рӯди Сир дар маҳалли беморхонаи дил дар об месабзид. Буттазори истак аз сабаби дар соҳили об сабзидан ва ҳамеша сабз будан мабдаи ситоиш ва парастиш қарор дошт. Ситоиши буттаи беду истак дар замони ориёиҳо низ ба назар расидааст. Чунончи дар ҷараёни ҳафриёти қабристони бошишгоҳи асри биринҷии Саполитеппа, воқеъ дар вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистан, дар яке аз қабрҳо майитро дар рӯи «кӯрпа»-и аз навдаҳои истак густурда гузоштаанд [5, с.45].

Хуҷандиён «Иди истак»-ро дар маҳалли деҳи Пули чуқур, дар паҳлуи мазори Каюмарс- нахустодам, нахуст шоҳи асотирии хонадони пешдодии Эрони бостон ид мекарданд. Дар Хуҷанду Истаравшан, Конибодому Исфара як силсила номҳои ҷуғрофӣ ба назар мерасанд, ки бо забон ва расму одати ориёиҳо марбутанд. Мазори Каюмарс, мазори Бурхи Сармасти Валӣ, Сомғор, Хазонак, Исписор, Найсувор, Моҳрӯй аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар Хуҷанд то ҳол ду маҳалла бо номҳои Каюмарс ва Ҷамшед мавҷуданд.

Ҷашнвораи бойчечак бахше аз ҷашни Наврӯз аст, ҳарчанд пеш аз ҷашни асосӣ баргузор мешавад. Дар минтақаҳои Тоҷикистон онро ҳар хел меноманд. Дар Помир - гулгардонй, дар вилояти Суғд - бойчечак, дар ҷануб - гули сияҳгуш. Бо вуҷуди номҳои гуногун, кӯдакон ин идро як хел ҷашн мегиранд. Кӯдакон ва наврасон ба кӯҳу теппаҳо рафта, гӯё хабари фарорасии баҳорро бо суруд ба хонаҳои маҳаллаҳояшон тақсим мекунанд. Ин анъанаро дар байни мардум «гулгардонӣ» меноманд. Хонандагон аз дасти кӯдакон гулҳои баҳорӣ гирифта, ба чашмонашон молида, Худоро шукр, ки то баҳор расидем гуфта, ба кӯдакон шириниву меваю кулча медиҳанд, ки баробар тақсим кунанд.

Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз ба тайёр кардани дастархони идона диққати калон дода мешавад. Ба дастархони идона танҳо хӯрок гузоштан шарт нест. Табаққое, ки номашон бо ҳарфҳои «с» ва «ш» оғоз мешавад, рӯи миз гузошта мешаванд. Одатан ду намуди дастархони

идона ороста мешавад: «ҳафтсин» ва «ҳафтшин». «Син» ва «шин» номи ғизоҳо бо ҳарфҳои «с» ва «ш» дар алифбои форсӣ буда, шумораи онҳо ҳафтогӣ аст. Дар дини зардуштӣ ва ислом рақами 7 муқаддас дониста мешавад.

«Ҳафт шин» ин шароб, шир, ширинӣ, шакар, шарбат, шамъ ва шона мебошанд. Шароб рамзи эҳё, шир – покӣ, ширинӣ – шодии рӯзгор, қанд – қаноат, шарбат – истироҳат, шамъ ҳамчун нишони рӯшноӣ, офтоб ва оташ гузошта шуда, шона рамзи зебоии зан буд. «Ҳафтсин»-ро арабҳо ҷорӣ кардаанд, зеро дар ислом шароб нӯшидан манъ аст, аммо онхо ҳафтшинро аз байн бурда натавонистанд.

Ҳамин тавр, Наврӯз ин ҷашни поксозии ахлоқӣ, озодии рӯҳи инсон аст. Хусусияти хоси Наврӯз дар он аст, ки он даъват мекунад, ки кинаву дард дар дил нигоҳ дошта нашавад, бахшида тавонистан, бо умед ба рӯзҳои дурахшон ва боварӣ ба оянда зиндагӣ кардан даъват мекунад. Дар ин рӯзҳо меҳмоннавозии анъанавӣ, меҳрубонӣ ва муносибати инсондӯстона нисбат ба ҳама зуҳур мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдуллои Мирбобо. Муқаддимаи таърихи Хучанд. - Хучанд, 2013
2. Берунӣ А. Осор-ул-бокия. - Душанбе, 1989
3. Лыкошин Н. Встреча весны – Сайл в Ходженте // Туркестанские ведомости. - 1903. - №22
4. Маллицкий Н.Г. Учебное пособие по географии Таджикистана. Т.II. - Ташкент, 1930
5. Мирбобоев А.К. Нақши ориёиҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ. – Хуҷанд, 2006
6. Сатторӣ Қ., Муҳаммадӣ Ҳ. Наврӯзи ҷаҳонӣ. - Душанбе: «Аржанг», 2017
7. Умари Хайём. Наврӯзнома. – Душанбе: Адиб, 2012



**Маълумот дар бораи муаллиф:** А.Р. АЮБОВ доктори илмҳои таърих, профессори

МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»


# ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ


**Курбонов Б. Р.-**д.ит., профессор
**Шарипов ш. Ш.,-**н.и.т., дотсент

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Доир ба таҷлили ҷашни Наврӯз яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ «Авасто» маълумот медиҳад ва касби деҳқонӣ, кишти кори зироаткориро аз ҳама касбҳои дигар тавсифи волотар медонад. Дар ин асари гаронбаҳои зардуштиён заминро мадҳу сано гуфта, ташвиқ

менамоянд, ки ҳар ашхосе заминро бо ду даст ронаду корад, ба он шахс ва аҳли оилаи ӯ маводи озуқаи бой медиҳад.

Наврӯз вожаи форсии тоҷикӣ - дарӣ буда, маънояш рӯзи нав, соли нав, оғози тақвими шамсии ниёгон мебошад. Истилоҳи Наврӯз аз ду қисм: сифати «нав» ва исми «рӯз» таркиб ёфтааст. Онро ҳамчун иди соли нави тамоми халқҳои Шарқи Миёна ва инчунин кишварҳои Эрон, Афғонистон, Покистон, Ироқ бошукуҳу шаҳомати басо ҳам хоса ҷашн мегирифтанд [7, 66].

Дар Осиёи Миёна ва Кавқоз: дар қатори тоҷикон боз халқҳои дигаре чун ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Озарбойҷон Наврӯзро ботантана пешвоз мегиранд.
Аҷдодони мо тоҷикон низ ба монанди Фарвардин, Меҳргон, Сада, Тиргон ва амсоли инҳо ҷашнҳои бисёреро доштанд, ки Наврӯз аз ҳамаи идҳои миллӣ мақому мартабаи волотар дорад, бинобар онро Наврӯзи Бузурги Султонӣ ҳам меноманд. Чунки ин ҷашн аз қадимулайём оғози рамзи некӣ буда, мардумро бо зиндадилӣ, кӯшишу ғайрат ва дӯст доштани табиат водор намудааст.

Муаррихи асри XI-и тоҷику форс Абусаиди Гардезӣ дар осори хеш «Зайн-ул-ахбор» доир ба ҷашни Наврӯз чунин нигоштааст. «Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро, ки сари сол бошад ва шаб бо рӯз баробар шавад ва он сояҳое аз деворҳо бигзарад ва офтоб аз равзанаҳо уфтад”. Сайри таърихии Наврӯз молик ба он аст, ки ин ҷашн ҷашнест, ки таърихан ва моҳиятан халқӣ ва ҳамчунин нахустин рӯзи сафобахшандаи аввали баҳор буда, мардумро ба шодию сурур ва ба киштu кори баҳорӣ талқин менамояд [4, 35].

Аз маълумоти китобҳои таърихӣ, адабӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ чунин бармеояд, ки ҷашни Наврӯз дар ҳақиқат маросими халқӣ буда, онро гузаштагони мо ҳатто пеш аз истилои араб ҳам ботантана истиқбол мегирифтанд. Дар сарчашмаҳои қадим оид ба ҷашни халқии Наврӯз маълумоти ҷолибе вомехӯрданд. Мувофиқи ривоятҳои халқӣ пайдоиши Наврӯз гоҳо ба давраи нахустодами олам Каюмарс, гоҳо ба замони шоҳи гетиафрӯз Ҷамшед, баъдтар ба давраи салтанати Куруш, Ардашери Бобакон нисбат дода шудааст. Бархе аз он ривоятҳои қадимаи мардумиро, ки ба пайдоиши Наврӯз иртибот доранд, Фирдавсии бузузргвор ҷамъоварӣ намуда, дар асари гаронбаҳои хеш «Шоҳнома» хеле моҳирона истифода кардааст.

Дар тӯли асрҳои гузашта, ин ҷашн борҳо ба таъқиб дучор гардида, гоҳе бо «айб»-и он, ки аз ҳад зиёд урфӣ ё баръакс «динӣ» буд, манъ ҳам шудааст [1, 122].

Муаррих Ҳамза Камол ба он назар аст, ки “Дар миёни ҳама ҷашнҳое, ки пас аз ислом дар қаламрави Хуросони Бузург ба далели бетаваҷҷуҳии ҳокимон ба фаромӯшӣ супорида шуданд, Наврӯз тавонист ҷойгоҳи худро ба унвони ҷашни миллӣ ҳифз кунад. Далели пойдор мондани Наврӯз дар фарҳанги мо ин пайванди амиқи ин ҷашн бо ойинҳои миллати мо, таърихи кишвар ва ҳофизаи фарҳангии мо тоҷикон

аст. Гуфта мешавад, ки арабҳо пас аз фатҳи қаламрави Эрон ва Хуросони Бузург молиёти сангине барои баргузори ҷашни Наврӯз ва Меҳргон вазъ карданд. Халифаҳои Умавӣ ва Аббосӣ низ ин равияро идома доданд. Агарчи баъдҳо худи халифаҳо дар ҷашни Наврӯз ҳузур пайдо мекарданд" [16]. Таърих ба ҷашни Наврӯз борҳо гулгулшукуфиро низ ато сохтааст. Файласуфони бузурги халқамон чун Мӯсо ибни Исо Ал-Кисравӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Гардезӣ, Муҳаммадӣ Наршахӣ ва махсусан Умари Хаӯём борҳо ба ҷашни Наврӯз ва маросимҳояш рӯ оварда, онро хеле босамимият бузург сутудаанд.

Ҳар сол мардуми тоҷик ҷашни аҷдодии худ Наврӯзи оламафрӯзро бо беқарорӣ интизор мешуданд. Наврӯз барои тоҷикон рамзи сериву пурӣ, шодмониву хушнудӣ, сулҳу сафо, ширинии зиндагӣ, эҳёи табиати хуфта ва зебогии оламу одам мебошад. Дар арафаи омад - омади ҷашни Наврӯз, дар чоршанбеи охири сол ва рӯзҳои дигар хонаро тамиз карда, гирди оташдонро тоза намудан, оташ афрӯхтан, фол кушодан, ҳазориспанд дуд кардан, намак гирди сар гардондан, гиреҳ кушодан, кӯза кушодан, чойнику пиёлаи шикастаро нест кардан, оташбозӣ (аловпарак), тухмҷанг, чиллику дастабозӣ ва амсоли инро мардуми Мовароуннаҳру Хуросон бахусус тоҷикон ба анҷом мерасонданд[4].Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти хаттӣ Наврӯз ва ҷашнгирии он таърихи хеле қадимаю қадимаи худро дорад. Дар бораи ин рӯзи фархунда дар навиштаҳои пешин омадааст, ки онро нахустин бор Ҷамшед ҷашн гирифтааст.

Оид ба зуҳури ҷашнгирии Наврӯзи бостон, дар сарчашмаҳо ва осори бозмондаи бузургони адабу фарҳанг гуфтори фаровоне ба ин рӯз расидааст. Аз ҷумла, «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Китоб-ал-махосин-в-ал-одоб»-и Мӯсо ибни Ал-Кисравӣ ва ғайраҳо оиди пайдоиши Наврӯз, ойини ҷашнгирии мардум маълумот додаанд.

Мусо Ибни Ал-Касравӣ дар асараш "Китоб-ал-махосин-в-ал-одоб" аз ҷумла чунин овардааст: "Нахустин касе, ки Наврӯзро ойин гузоштааст, подшоҳиро бунёд ва рамзи давлатдориро барқарор ва нуқраву тилло ва дигар маъданҳоро ба даст овард, аз оҳан силоҳ сохт, асп ва дигар ҳайвонотро ром кард, садафу мушку анбар ва дигар накҳатҳоро пайдо кард, қасру кӯшкҳо сохт, корез ва обёрӣ мекард-Ҷамшеди каёнӣ писари Виванҷаҳону, яъне нигаҳдорандаи олам, писари Арфархшод, писари Сом, писари Нуҳ буд, Наврӯзро асос гузошт, бад он сабаб, ки ӯ дар ин рӯз оламро ба даст даровард ва кишвари Эроншаҳро, яъне замини Бобулро барқарор кард, Наврӯз оғози барқароршавии ҳокимияти ӯ ба шумор рафт".

Дар «Занд-Авасто», ки китоби муқаддаси Эрониёни қадим аст, дар бораи Наврӯз низ бештар сухан меравад. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки ба мабдаи муқаддас ва тавонотарини тавоноҳо-Ҳурмузд баъди 3000 сола подшоҳиаш аз тарафи мабдаи ҷаҳолат ва торикӣ Аҳриман бо

лашкариёнаш ҳуҷум сар мешавад. Мабдаи тозагӣ ва равшанои Ҳурмузд барои несту нобуд намудани Аҳриман равшаниро эҳдо карда, ба муқобили душманаш равона менамояд. Ҳамин рӯзи пайдоиши равшании аввалин гӯиё «Наврӯз» мебошад [3, 166].

Олим ва файласуф Абурайҳонӣ Берунӣ сабаби Наврӯз номида шудани рӯзи аввали моҳи фарвардинро чунин шарҳ додааст: «Чун Ҷамшед барои худ тахт сохт дар ин рӯз ба он савор шуд, ҷин ва шайтон онро ҳамл карданд ва дар як рӯз ба кӯҳи Дамованд ва Бобул омад ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро чашн гирифтанд”.

Мувофиқи маълумоти бархе аз олимон ҷашни Наврӯз таърихи 7000 солаи худро дорад. Пайдоиши ҷашни мазкур бунёд гузоштани он одатан ба қаҳрамонони асотири эрониён нисбат дода мешавад. Аз ҷумла, Абурайҳони Берунӣ «Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст» андар «Осор-ул-боқия» чанд нуқтаи назар доир ба пайдоши ҷашни Навруз баррасӣ карда, пеш аз ҳама ба ин маълумот таваҷҷуҳ дорад». Бархе аз олимони маъруфи Эрон чунин гуфтаанд, «Сабаби ин рӯзро Наврӯз номидан, ин аст, ки дар айёми Таҳмурас, сабия ошкор шуданд ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ва назар омад. Ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт” [5, 88].

Ба Ҷамшед нисбат додани ин ҷашн ва анъанаҳои наврӯзӣ ва хамсаву эҷодиёти даҳонии халқ маълум аст. Муаллифи «Зайн-ул-ахбор» Маҳмуди Гардезӣ дар китоби худ қайд мекунад, ки ин рӯзро «Наврӯз» гӯянд, зеро, ки сари сол бошад ва ба рӯз баробар бошад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад ва офтоб аз ин рӯз ниҳони ӯ афтад. Ва аз расми муғон андар рӯзгори подшоҳии эшон чунин буд, ки хироҷҳо андар ин рӯз иттифоқ карданд ва аҷамиён чунин гӯянд. Дар «Шоҳнома»-и ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ низ васфи ҷашни Наврӯз, таърихи он ба анъанаҳои вай қаламдод шудаанд. Абулқосим Фирдавсӣ низ пайдоиши ҷашни Наврӯзро таърихи ба Ҷамшед нисбат медиҳад [1, 222].

Яке аз китобҳое, ки ба ҷашни Наврӯз, бахшида шудааст «Наврӯзнома»-и Умари Хаём мебошад. Сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз шабонарӯз ба аввал дақиқаи ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа битвонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард, пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо карданд ва қиссаи он чунон аст, ки чун Гаюмарт (Каюмарс) аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд, бинигарист, ки он рӯзи бомдод офтоб ба аввал дақиқаи ҳамал омад, мӯъбадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз инҷо оғоз кунанд, мӯбадон ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд ва чунин гуфтанд

мӯбадони Аҷам, ки доноёни он рӯзгор будаанд, ки Эзиди Таборак ва Таоло дувоздаҳ фаришта офаридааст, аз он чаҳор фаришта бар осмонҳо гумоштааст, то осмонро ба ҳар чӣ андар ӯст аз аҳриманон нигоҳ доранд ва чаҳор фариштаро бар чаҳор гӯшаи ҷаҳон гумоштааст, то аҳриманонро гузар надиҳанд, ки аз кӯҳи Қоф баргузаранд ва чунин гӯянд, ки чаҳор фаришта дар осмонҳову заминҳо мегарданд ва аҳриманонро дур медоранд аз халоиқ ва чунин мегӯянд, ки ин ҷаҳон андар миёни он ҷаҳон чун хонаест нав андар сарои куҳан баровавардa ва Эзиди Таоло Офтобро аз нур биёфарид ва осмонҳову заминро бад-ӯ парвариш дод ва ҷаҳониён чашм бар вай доранд, ки нурест аз нурҳои Эзиди Таоло ва андар вай бо ҷалолу таъзим нигаранд, ки дар офариниши вай Эзид Таолоро инояти беш аз дигарон будааст ва гӯянд мисоли ин чунон аст, ки малики бузург ишорат кунад ба халифатие аз хулафои хеш, ки ӯро бузург доранд ва ҳаққи ҳунари вай бидонанд, ки ҳар ки вайро бузург доштааст, маликро бузург дошта бошад ва гӯянд, чун Эзиди Таборак ва Таоло бад-он ҳангом, ки фармон фиристод, ки субот баргирад, то тобишу манфиати ӯ ба ҳама чизҳо бирасад, Офтоб аз сари ҳамал бирафт ва осмон ӯро бигардонид ва торикӣ аз рӯшноӣ ҷудо гашт ва шабу рӯз падидор шуд ва он оғозе шуд мар таърихи ин ҷаҳонро ва пас аз он ба ҳазору чаҳорсаду шасту як сол ба ҳамон дақиқаву ҳамон рӯз боз расид ва он муддати ҳафтоду (се бор қирони) Кайвон ва Урмузд бошад, ки онро қирони асғар хонанд ва ин қирон ҳар бист сол бошад ва ҳар гоҳ, ки Офтоб даври хештан сипарӣ кунад ва бад-ин ҷой бирасад ва Зуҳалу Муштарӣ ба ҳамин бурҷ, ки ҳубути (паст шудан) Зуҳал андар ӯст қирон бувад бо муқобалаи ин бурҷи мизон, ки Зуҳал андар ӯст як даври инҷо ва як давр онҷо бар-ин тартиб, ки ёд карда омад ва ҷойгоҳи кавокиб намуда шуд, чунон ки Офтоб аз сари ҳамал равон шуд ва Зуҳалу Муштарӣ бо дигар кавокиб онҷо буданд, ба фармони Эзиди Таъоло ҳолҳои олам дигаргун гашт ва чизҳои нав падид омад, монанди он ки дархурди олам ва гардиш буд, чун он вақтро дарёфтанд маликони Аҷам аз баҳри бузургдошт Офтобро ва аз баҳри он ки ҳар кас ин рӯзро дар натвонистандӣ ёфт нишон  карданд ва ин рӯзро ҷашн сохтанд ва оламиёнро хабар доданд, то ҳамагон онро бидонанд ва он таърихро нигоҳ доранд ва чунин гӯянд, ки чун Гаюмарт ин рӯзро оғози таърих кард, ҳар сол Офтобро (ва чун як даври Офтоб бигашт дар муддати сесаду шасту панҷ рӯз) ба дувоздаҳ қисмат кард, ҳар бахше сӣ рӯз ва ҳар якеро аз он номе ниҳод ва ба фариштае бозбаст аз он дувоздаҳ фаришта, ки Эзиди Таборак ва Таоло эшонро бар олам гумоштааст, пас онгоҳ даври бузургро, ки сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз шабонарӯзист соли бузург ном кард ва ба чаҳор қисм кард, чун чаҳор қисм аз ин соли бузург бигзарад, Наврӯзи бузург ва нав гаштани аҳволи олам бошад ва бар подшоҳон воҷиб аст ойин ва расми мулук ба ҷой овардан аз баҳри муборакӣ ва аз баҳри таърихро ва хуррамӣ кардан ба аввали сол, ҳар ки рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр

дар шодиву хуррамӣ гузорад ва ин таҷрибаи ҳукамо аз барои подшоҳон кардаанд [5, 231].

Аз мисолҳои боло оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд хулосаҳо баровардан мумкин аст. Пеш аз ҳама тамоми сарчашмаҳо ба қадимӣ будани ҷашни Наврӯз шаҳодат медиҳанд. Ташаккули ҷашни Наврӯз аз расмӣ шудани он ба асрҳои XX-XVII пеш аз мелод ва ҳатто дуртар аз он рост меояд. Таърихи ҷашнгирии иди Наврӯз хело қадима мебошад ва ин ҷашни калони порсиён аст. Ин ҷашн бо вуҷуди он, ки дар баробари шоҳони ҳахоманиши арзу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди шукуҳу баланд расидани ҷашн он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбия кард. Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз меоростанд, ки овози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду ширу шаробу шакару шамъу шамшод ва шоя (меваҷот) иборат буданд [7,43].

Дертар аҳкоми ислом нисбати мамнуъ будани шароб «ҳафт шин»-ро ба «ҳафт син» табдил доданд. Баъди исломро гароидани мардуми мо оҳиста - оҳиста «ҳафт син» дар хони Наврӯзии мо мураввաҷ гардида, ки он чизҳо қарори зайл мебошад: сирко, сабза, (суманак), санҷид, сир, сумок (мева) сипанд, себ иборат аст.

Тақвиме шамсие, ки аз Наврӯз ибтидо меёбад, дорои 12 моҳ буда, чунин тартиб дорад. Ҳамал, Сарв, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сумбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷаддӣ, Далв, Ҳут номи моҳи шамси аз бурҷе, ки офтоб дар ҳамон вақт дар он қарор дорад, гирифта шудааст ва бидуни номи моҳҳои 10 ва 11 барои Осиёи Миёнаю Афғонистон як аст.

Ҷашни Наврӯз дар тамоми Осиёи Миёна бо як тантанаи ба худ хос қайд карда мешавад. Этнографияи Наврӯз басо рангину дилпазир аст [6, 100].

Ҳамин тавр, пос доштани Наврӯз ва анъанаҳои наврӯзи ин эҳтироми хотираи гузаштагонамон аст. Оиди зуҳури ҷашни Наврӯзи бостон дар сарчашмҳо ва осори бозмондаи бузургони илму адаб, гуфтори фаровоне ба имрӯз расидааст. Аз мисолҳои боло оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд хулосаҳо баровардан мумкин аст. Пеш аз ҳама тамоми сарчашмаҳо ба қадими будани ҷашни Наврӯз шаҳодат медиҳанд. Ташаккули ҷашни Наврӯз аз расми шудани он ба асрҳои xx-xvii пеш аз мелод ва ҳатто дуртар аз он рост меояд. Таърихи ҷашнгирии иди Наврӯз хело қадима мебошад ва ин ҷашни калони порсиён аст. Ин ҷашн бо вуҷуди он, ки дар баробари шоҳони ҳахоманиши азизу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди шукӯҳу баланд расидани ҷашни Наврӯз он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбия кард. Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз меоростанд, ки овози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду ширу шаробу шакару шамъу шамшод ва шоя (меваҷот) иборат буданд. Бо ташабуси бе воситаи Президенти Чумхурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Рахмон дар Созмони Милалӣ Муттаҳид  Наврӯз ба феҳрасти ҷашнҳои бостони  пазируфта шуда ҷаҳони гардид.

Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арҷгузори намуда, ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Ҳамин тавр, пос доштани  Наврӯз ва анъанаҳои Наврӯз ин эҳтироми хотираи гузаштагонамон аст. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арҷгузори намуда, ба наслҳои оянда мерос гузорем.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадов Р. Наврӯзи хуҷастапай  . -Душанбе, 2008.- С. 111.
2. Беруни А. Осор ул бокия  . -Душанбе, 1990. -С 432
3. Гардези А. Зайн ул ахбор. –Техрон, 1363.- С 365.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим,  асрҳои миёна ва давраи нав.Ҷ.1-2 . –Душанбе, 1998. –С 55
5. Забарова М., Дӯстов З. Таҷлили Наврӯз дар Ҳисори Шодмон. –Душанбе, 1992. С 121
6. Исоматов М. Ҷашни Наврӯз дар Суғд. //Шоҳрҳои Ваҳдат. №3, 2001.
7. Кристенсен А. Эрон дар аҳди Сосониён. Тарҷумаи Ғуломирзо Рашиди Ёсамӣ . –Техрон, 1363.С 143
8. Наршахи М . Таърихи Бухоро . -Душанбе, 2012. С 280.
9. Наврӯзи Қазоқистон. Дасури таълимӣ. –Душанбе, 2007. С 88
10. Обидов Д. Таҳқиқи сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон . –Душанбе, 2009. С 234
11. Раҳмони Р. Наврӯзи ориёи тоҷикон . –Душанбе, 2013. С 312
12. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойтинҳои  суннатии тоҷикон . –Душанбе, 2011. С 323
13. Қосим С., Ҳабибулло Б. Дастури Наврӯзӣ . –Душанбе, 2012. С 25
14. Умари Хаём. Наврӯзнома. Душанбе, 2006. С 81
15. Усмон Н. Наврӯзи чахон . Душанбе, 2012 . С 64
16. Ҳамза Камол. Наврӯз дар гузори таърих. Омӯзгори ҷавон. №3. 18.03.2022.
17. Ҳамза Камол. Иди растохез.Садои мардум. 20.03.2021.
18. Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз . –Душнбе, 2008. С 87



**Аннотатсия**

**ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ**

Мақолаи мазкур ба таърих ва пайдоиши ҷашни Наврӯз бахшида шудааст. Воқеан, яке аз суннатҳои қадимтарини халқи тоҷик ин ҷашни Наврӯз аст. Оиди зуҳури ҷашни Наврӯзи бостон дар сарчашмаҳо ва инчунин осори бозмондаи бузургони илму адаб, гуфтори фаровоне ба имрӯзиён низ омада расидааст.

Аз маълумоти китобҳои таърихӣ, адабӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ чунин бармеояд, ки ҷашни Наврӯз дар ҳақиқат маросими халқӣ буда, онро гузаштагони мо ҳатто пеш аз истилои араб ҳам ботантана истиқбол мегирифтанд.

Дар сарчашмаҳои  қадим оид ба ҷашни халқии Наврӯз маълумоти ҷолибе вомехӯрданд. Мувофиқи ривоятҳои халқӣ пайдоиши Наврӯз гоҳо ба давраи нахустодами олам Каюмарс, гоҳо ба замони шоҳи гетиафрӯз Ҷамшед, баъдтар ба давраи салтанати Куруш, Ардашери Бобакон нисбат дода шудааст.

Муаллиф, дар такя ба омӯзиши як қатор сарчашмаву адабиёти таърихӣ, таърих ва пайдоиши ҷашни Наврӯзро мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** *Наврӯз, ҷашн, адабиёт, сарчашма, миллат, ниёгон, таърих, суннатҳои қадима, анъана, маросим.*

**ПРАЗДНИК НОВОГО ГОДА ПО ПУТИ ИСТОРИИ**

Данная статья посвящена истории и происхождению праздника Навруз.Фактически, одной из древнейших традиций таджикского народа является праздник Навруз. О появлении древнего праздника Навруз в источниках, а также останках великих ученых и литературы до современного человека дошло немало слов.

Из сведений исторических, литературных книг и археологических находок видно, что праздник Навруз – это действительно народный обряд, который отмечали наши предки еще до арабского нашествия.

В древнее источниках найдены интересные сведения о народном празднике Навруз. По народным преданиям, возникновение Навруза иногда относят к эпохе Каюмара, первого в мире, иногда ко времени царя Гетиафруза Джамшеда, позже к периоду правления Куруша Ардашера Бобакона.

На основе изучения ряда исторических источников и литературы автор рассмотрел историю и происхождение праздника Навруз.

**Ключевые слова:** *Навруз, праздник, литература, источник, народ, предки, история, древние традиции, традиция, обряд.*

**PRAZDNIK NOVOGO GODA PO PUTI ISTORII**

This article is dedicated to the history and origin of the Nowruz holiday. In fact, one of the oldest traditions of the Tajik people is the holiday of Nowruz. About the appearance of the ancient holiday Nowruz in the sources, as well as the remains of great scholars and literature of the modern person, there are many words.

From historical, literary books and archeological records, it is clear that Nowruz is a truly national ritual that commemorates our ancestors even before the Arab invasion.

Interesting information about the national holiday Nowruz has been found in ancient sources. According to folk traditions, the emergence of Navroza is sometimes attributed to the era of Kayumara, the first in the world, sometimes to the time of Tsar Getiafruza Jamsheda, later to the period of the administration of Kurusha Ardashera Babakona.

The author has analyzed the history and origin of the Nowruz holiday.

**Key words:** *Nowruz, holiday, literature, source, people, ancestors, history, ancient tradition, tradition, rite.*

**Сведения об авторах: Курбонов Бахром** доктор исторических наук, профессор;

**Шарипов Шомаҳмад Шарипович**, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета.Тел: 931903009.

**Information about the author: Sharipov Shomakhmad Sharipovich,** candidate of historical sciences, associate professor of the department of history of the Tajik people of the Tajik National University

**ГИРОМИДОШТИ НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ**

**Равшан Раҳмонӣ-профессор**
ДМТ

Пас аз Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз ҷойгоҳи худро дар сатҳи байналмилалӣ пайдо кард. Ҳанӯз дар солҳои 1980-1989, 1990 ва 1991 садаи бист мардум ва ҳам давлат Наврӯзро ҷасурона ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Ин ҷашн дар замонҳои гузашта ҳам ҷашни хонаводагӣ буд ва ҳам ҷашни мардумӣ. Пас аз Истиқлояти давлатии ҶТ Наврӯз тадриҷан ба таври пурра ҷашни мардумӣ гардид. Акнун Наврӯзро дар мактабҳо, донишгоҳҳо, дар муассисаҳо, дар ноҳияҳо ҷашн мегиранд. Худи давлату ҳукумат ташаббускорӣ он аст.

Дар арафаи Наврӯз ва рӯзҳои ҷашн шодмонии мардумро ҳадду каноре нест, дар тамоми Тоҷикистон мардум аз хона берун мебароянд ба наврӯзгоҳҳо мераванду ба хушҳолии якдигар шарик мешаванд [ниг.: Раҳмонӣ 2013].

Пас аз Истиқлолият дар кишвар минтақае нест, ки дар он ҷо Наврӯзро ҷашн намегирифта бошанд. Ба вуҷуди он ки аввали солҳои навади садаи бист кишварро буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, мардум аксари минтақаҳо ба таври озод Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Ба сайргоҳҳо, боғҳо, даштҳо, кӯҳҳо баромада шодмонӣ мекарданд. Хурду калон либсоҳои зебо бар тан намуда, хушҳолӣ менамуданд. Дар ҳамин солҳои аввали садаи бист дар матбуот низ мақолаҳо, шеърҳо, гуфтугӯҳо дар бораи Наврӯз зиёд чоп шуд. Аз навиштаҳо бармеояд, ки орзуҳои деринаи мардум амалӣ шудааст. Касе мамоният ба Наврӯз надорад. Вале бо таассуф дар ҳамин сол баъзе шахсони мазҳабие, ки аз кишварҳои хориҷӣ ба кишври мо ворид шуданд, бар зидди Наврӯз таблиғҳо намуда, гуфтанд, ки «Наврӯз исломӣ нест, ид кардани он раво нест». Ин гуфтаи онҳоро баъзе диндорон пазируфта, ба ҷашн гирифтани Наврӯз мамоният нишон диҳанд ҳам, мардум ва зиёиёни кишвар тавассути воситаҳои ахбор сухани муҳаббатомези хешро дар бораи Наврӯз гуфтанд.

Солҳои 1992 ва 1993 вазъият дар кишвар бад буд. Ба хусус дар Ҷануби Тоҷикистон. Пас шонздаҳумин ҷаласаи Шурои Олӣ умед баояндаи оромиш ва пешрафти тоҷикон ва Тоҷикистон пайдо шуд. Ҳамин умед буд, ки соли 1993, зиндагӣ ранги дигар гирифт. Худи Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо меҳр мардуми ҷабрдидаро аз тариқи воситаҳои ахбор бо Наврӯз табрик намуда гуфтанд: «Имрӯз ба сарзамини зиндагисози баҳори нозанин – Наврӯзи дилнишин фаро расидааст. Ин рӯзи саид ба ҳамаи мову шумо муборак бошад. Ба диёри куҳансоли мо, ба кӯҳу водиҳои мо нафаси тозае омадааст. Худо кунад, ки ин нафаси ободӣ, озодӣ, сулҳу салоҳ ва бахту саодат ба мулкамон бошад» [Раҳмонов 2002, с.46].

Аз ин гуфтаҳои Пешвои миллат, ки соли 1993 садо дод Тоҷикистон роҳи дурустро интихоб намудааст. Умед баояндаи дурахшон ва эҳёи бештари Наврӯз зиёд шудааст. Худи Ҷаноби Олӣ дар ҳамон соли 1993

дар идомаи ҳамон суханҳояшон пешомади ояндаи кишварро вобаста ба Наврӯз гуфта буданд: «Агар гӯям, ки зимистони сиёсие, ки аз Наврӯзи соли гузашта (манзур 1992 – Р.Р.) дар Тоҷикистони мо оғоз шуда буд, тирамоҳи соли гузашта, аз сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ рӯ ба баҳор овард ва имрӯз дар баҳори ҳақиқии зиндагӣ аввалин гулҳои он мешукуфад, ғалат намешавад» [Раҳмонов 2002, с.48].

Дар аввали садаи бисту як таваҷҷуҳ ба Наврӯз ҳамчун бедории табиат, ҳамбастагӣ, дӯстӣ, муҳаббат, ваҳдат, пайванди мардумони гуногуни олам бештар гардид. Бале, Наврӯз – рамзи бедории табиат, оғози кишту кор ва тавлиду таҷдиди ҳамаи ҷони зинда мебошад. Мардумони ҳавзаи Наврӯз ва дигар халқҳои олам дар симои Наврӯз ягонагии мероси фарҳангиву анъанаҳои бисёрасраро мебинанд. Наврӯз дар ҳамбастагӣ, ҳамзистӣ, рушд ва пайванди бештари муносибатҳои байни мардумони олам, таблиғи ғояҳои сулҳ ва ҳамҷаворӣ нақши арзишманд мебозад.

Инак, ҳоло Наврӯзро, ки ба забони тоҷики маънои «Рӯзи нав»-ро дорад, рӯзи эътидоли баҳорӣ мебошад, миллионҳо одамони сайёраи мо онро ҳамчун оғози соли нав дар давоми ҳазорсолаҳо дар паҳнои бузурги ҷуғрофӣ ҷашн мегиранд.

Аз соли 2000 то 2010 асарҳои зиёди илмӣ ва оммавӣ дар шаклӣ мақола, шеър, китоб, оҳанг, наққошӣ, филмномаҳои мустанад ва ғайра ба чоп расиданд. Дар даҳ соли аввали садаи бисту як аз тариқи воситаҳои ахбор, радио, телевизион мақолаҳои зиёд пешкаши мардум мегаштанд. Дар кӯчаву хиёбонҳо, муассисаҳо, донишгоҳҳо, мактабҳо шиорҳои зебо дар бораи Наврӯз овезон мешуданд. Дар ин марҳила адибон низ хомӯш набуданд. Онҳо дар ситоиши баҳор ва Наврӯз шеърҳое суруданд, ки ҳар кадоме зебоиҳои Наврӯзро ба пеши назар ҷилвагар месозад. Маҷмуаҳои шеърӣ бахшида ба баҳору Наврӯз ба нашр расиданд. Мақолаҳо ва шеърҳо дар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз низ ба вуҷуд омаданд.

Он мардумоне, ки дар домани фарҳанги мардуми ориёитабор парвариш ёфтаанд ва баъдҳо Наврӯзро ҳамчун мероси фарҳангии худ пазируфтаанд низ дар кишварҳои худ Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Дар натиҷаи дар даҳсолаи аввали садаи бистум як ваҳдати фарҳангии Наврӯз дар байни кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ба вуҷуд омад, ки онҳо хостанд дар якҷоягӣ ба таври расмӣ ҷашн гирифтани онро ба СММ пешниҳод намоянд. Ҳамаи ин таблиғоту талошҳо чунин натиҷа дод, ки кишварҳои ҳавзаи Наврӯз кӯшиш намуданд, ки ин иди пайванди табиат ва инсонро вориди рӯихати фарҳанги ғайримоддии СММ намоянд. Дар ин кор ташаббускори асосӣ Пешвои миллат кишвари Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Ин талошҳо боиси он шуд, ки дар таърихи 30 сентябри соли 2009 Наврӯз ба рӯихати мероси ғайримоддии башарии ЮНЕСКО бо 76 унсури ғайримоддии худ аз кишварҳои гуногуни дунё ворид гардид. Қарори ворид намудани 76 унсури мероси ғайримоддӣ аз ҷониби 24 давлати иштирокчии кумитаи байнидавлатӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддӣ пазируфта шуд.

Баъдан 19 феврали соли 2010 дар 64-умин сессияи Генералии Ассамбелияи СММ дар чаҳорчӯби моддаи 49 рӯзномаи ҷаласа, таҳти унвони «Фарҳанги ҷаҳон», дар бораи ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» дар 21 март ҷашн гирифтани Наврӯз, қарор қабул карда шуд. Лоиҳаи қарори мазкур аз ҷониби ҳайатҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркия ва Туркманистон муштаракан таҳия, баррасӣ ва пешниҳод шуд. Бино ба матни қатънома, Маҷмаи Умумии СММ ба чунин қарор омад:

1) 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эътироф менамояд;

2) аз кӯшишҳои кишварҳои аъзо, ки дар он ҷо Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, ҷиҳати нигаҳдорӣ ва густариш додани фарҳангу анъанаҳои марбут ба Наврӯз истиқбол менамояд;

3) кишварҳои аъзоро ташвиқ менамояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумот дар бораи Наврӯз кӯшиш ба харҷ дода, ҳангоми зарурат, ба муносибати бузургдошти ин ҷашн чорабиниҳои солона баргузор кунанд;

4) аз кишварҳои аъзо, ки дар он ҷо Наврӯз таҷлил мегардад, даъват менамояд, ки ба мақсади дар ҷомеаи байналмилалӣ густурдани дониш дар бораи осори Наврӯз, таърихи пайдоиш ва анъанаҳои ин ҷашнро омӯзанд;

5) ба кишварҳои аъзо ва Созмони Милали Муттаҳид, ба вижа ба муассиса, бунёд ва барномаҳои марбутаи он, пеш аз ҳама ЮНЕСКО, ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин созмонҳои ғайриҳукуматӣ пешниҳод менамояд, ки дар чорабиниҳои кишварҳое, ки дар он ҷо Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, иштирок намоянд.

Соли 2010 эътирофи 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ ба тақвияти ҳусни тафоҳум, эҳтироми ҳамдигар, сулҳ ва ризоияти байни халқҳо саҳми арзанда гузошт.

**Худи ҳамон соли 2010 бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Наврӯз", рӯзҳои 21 – 24 мартро – Иди байналмилаии Наврӯз эълон намудааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, № 611). Тибқи ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 21-24 март дар Тоҷикистон истироҳат муқаррар шудааст**.

Кишвари мо кӯҳсор аст. Барф зиёд меборад. Ҳар сол дар ҳар минтақаи Тоҷикистон ҷашни Наврӯз баробари шукуфтани нахустин гулҳои баҳорӣ шурӯъ мешавад. Бо сар задании нахустин нурҳои офтоби баҳорӣ аввали гулҳои наврӯзӣ аз замин сар мебароранд ва мардумро хушнуд месозанд. Ин гулҳои зебои нозукро касоне, ки мебинанд, мечинанду ба мардум ҳадя менамоянд ва аз омадани баҳору Наврӯз мужда медиҳанд. Дар гузашта ин навъ оинҳо дар байни тоҷикон маъмул буданд. Дар садаи бистум кам-кам аз байн мерафтанд. Акнун пас аз Истиқлолият дубора эҳё мешаванд. Ҳамчунин аз тариқи телевизион саҳнасозӣ шуда пешкаши мардум мегарданд.

Ҳоло оинҳои «гулгардонӣ» (дар Хатлон, Бадхашон, Раштонзамин), «бойчечак» (дар вилояти Суғд) кам-кам эҳё мешавад ва аз ҷониби хурдсолон ва навҷавонон густариш меёбанд. Кӯдакон ва навҷавонон дар

кӯчаҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ, Ҳисор, Панҷакент ва ҳамаи ноҳияҳо дастаҳои гули наврӯзию сияҳгӯшро, ки хеле зебо аст, дастабандӣ карда, пешкаши мардум ва роҳагузарон менамоянд. Баробари дастрас намудани ҳадяи наврӯзӣ гирандаҳои гулҳо онро ба абрӯи худ молида, ба гулдиҳанда ҳадяҳо медиҳанд. Дар Шимоли кишвар дар баъзе хонаводаҳо ба ин муносибат «Оши бойчечак» пухта, хешовандон ва дӯстони худро зиёфат менамоянд. Ан ҳамин тавр Наврӯз бо ташаббуси Пешвои миллат дар тамоми кишвар ба иаври густурда эҳё гардид.

Дар таи солҳои 2010 ва баъд шаҳомати Наврӯз хеле баланд гардид. Наврӯз дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳамчун рӯзи нав, рӯзгори нав, рӯзи шодмонӣ, рӯзи инсофу адолат, рӯзи баробрию бародарӣ, рӯзи бахшоиши гуноҳҳои якдигар, рӯзи созиш ва оштӣ мебошад. Табиат ва инсон дар ин рӯз ҷони тоза меёбанд. Ба муносибати ҷашни фархундаи Наврӯз чун падидаи нодиру бузурги табиат таҷассумгари рамзи рӯшноӣ ва тантанаи адолату накӯкорӣ, тимсоли рӯзи наву оғози соли нав дар тамоми кишвар пас аз Истиқлолият маъракаҳо баргузор мегарданд.

Акнун ҳар сол, дар моҳи март, дар фазои мусаффо, бо сулҳу салоҳ дар сарзамини кӯҳанбунёд ва муҳити созандаю бунёдгари Ватани маҳбубамон накҳати бостонитарин ва зеботарин ҷашни ниёгонамон – Наврӯзи оламафрӯз танинандоз мегардад. Имрӯзҳо дар зиндагии тоҷикон Наврӯз ҳамчун рукни муҳими худшиносии миллӣ, василаи муҳими пайванди наслҳо, робитаи гузаштаю имрӯз, эҳёи анъанаҳои инсондӯстӣ, ҳунарпарварӣ, зебоидӯстӣ аст. Он дар рондану зудудани ғаразҳо, кинаҳо, бахшиши гуноҳҳо роҳнамои инсонҳост.

Воқеан, ниёкони оқилу одили мо, хеле дурандеш, хушфикр ва бедордил будаанд, ки барои мо Наврӯзро дарёфта, онро ҳамчун рамзи ҳамзистӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, равшангарӣ, зебоидӯстӣ, меҳрварзӣ, ҳамдами бо табиат ҷашн гирифта, онро дар тӯли таърихи чандҳазорсола нигоҳ дошта, ба ҳамсоягон ва қавму миллатҳои гуногуни олам пешкаш намуданд.

Пас аз он ки Наврӯз аз ҷониби СММ ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд, аз соли 2010 ба ин тараф дар тамоми кишвар таҳти унвони «Тоҷикистон – ватани Наврӯз аст» маърака ва маҳфилҳои бошукӯҳ доир мегардад. Дар аксари Наврӯзгоҳҳо, сайргоҳҳо ва дашту даману сайру гашт, маҳфилҳо, дилхушиҳо, шодмониҳо ва ҳамчунин бозиҳои варзишӣ, мулоқот бо иштирокчиёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, шахсиятҳои маъруф баргузор мешавад. Намояндагони давлат, созмонҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳи ҷавонон ба хонаҳои пиронсолон, маҷруҳон, беморон, бечорагон рафта, онҳоро бо иди Наврӯз табрик менамоянд ва ба онҳо аз ҷониби муассисаи худ ҳадяҳо мебаранд.

Соли 2010 дар саросари Тоҷикистон Наврӯз бо шаҳомати бузург ҷашн гирифта шуд. Баъд аз он ҳар сол баробари наздик шудани ҷашн тамоми корхонаҳо ва муассисаҳо дар ташвиши баргузор намудани ҷашн мешаванд. Акнун ҳар сол дар шаҳру ноҳияҳои кишвар наврӯздӯстон амалҳои нав ба нав пешниҳод менамоянд.

Соли 2011 низ дар таърихи кишварамон хотирмон буд. Дар он сол низ дар тамоми кишвар Наврӯз хеле бошукуҳ баргузор гардид. Мардум чандин рӯз дар сайлгоҳҳо ва дар майдонҳои назди муассисаҳои худ Наврӯзро бо шодмонӣ ҷашн гирифта, яке ба дигаре Наврӯзро табрик менамуданд. Дар ин рӯзҳои фараҳбахш Сарвари кишвар дар паёми табрикии худ ба муносибати ҷашни Наврӯз суханони нек гуфтанд: «Инак, ба сарзамини куҳанбунёди мо боз бузургтарин ва зеботарин ҷашни мардуми ориёинажод – Наврӯзи хуҷастапай бо қадамҳои сабзу насими ҷонбахш ва бо паёми тозаи рӯзу рӯзгори нав фаро расид. Ва имрӯз мову шумо фаросаи ин рӯзи муборак, яъне Наврӯзи 20-солагии истиқлоли давлатиамонро дар ин майдони бо заҳмати дастони мардуми ободгарамон зебову ороста, дар пойтахти давлати соҳибихтиёри худ истиқбол мегирем.

Мо аз рисолаву осори бахшида ба Наврӯз ва наврӯзномаҳои сершумори гузаштагонамон хуб медонем, ки ниёгони мо ҳанӯз аз замони шоҳ Ҷамшеди бузургу хирадманд ин ҷашнро ҳамчун рамзи пайванди ногусастанӣ миёни табиат ва инсон, айёми покиву сафо, муҳаббату дӯстӣ, эҳсону сахо ва бахшоишу самимият бо шукӯҳу ҷалоли хоса таҷлил мекардаанд.

Зеро он тибқи илми ситорашиносӣ ба нахустрӯзи офаринишу баҳор, рӯидани сабзаву ҷон гирифтани рӯдҳо, шукуфтани гулҳо ва зинда шудани умеду орзу дар қалби инсонҳо ва муҳимтар аз ҳама, ба лаҳзаҳои баробар шудани шабу рӯз рост меояд...

Мо дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз тантанаи воқеии шиори абадзиндаи ниёгони хирадмандамон – «Гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек»-ро мушоҳида мекунем. Вобаста ба ин, мехоҳам ба тамоми мардуми фарҳангиву шарифи Тоҷикистон хотирнишон созам, ки ин шиори пурфазилату пурманфиати гузаштагонамонро, ки пояи ҷовидонии суботу оромии ҷомеа, дӯстиву ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллии мо ва умуман иттиҳоди байни инсонҳо мебошад, дастури амали ҳаррӯзаи худ қарор диҳанд» [www.prezident.tj 2011].

Пешвои миллат дар идомаи суханони худ дар соли 2011 ёдовар шуданд, ки дар давоми 20 соли Истиқлолияти Тоҷикистон чӣ корҳои неке шудааст. Ба гуфти эшон ҳар сол «ҳазор буттаҳои сояафкан шинонида, боғҳои нави дарахтони мевадиҳанда ва токзор бунёд мегарданд, биноҳои нави истиқоматӣ, иншооти маъмурӣ, муассисаҳои таълимиву тиббӣ ва фарҳангӣ, корхонаву дигар иншооти истеҳсолӣ сохта, ба истифода дода мешаванд, ки ҳисоби умумии онҳо то ба имрӯз ба ҳазорҳо мерасад» [www.prezident.tj 2011].

Соли 2012 омодагӣ ва тантанаҳои наврӯзӣ як моҳ пеш шурӯъ гардид. Чунки он сол меҳмонони олиқадри кишварҳои Ҳавзаи Наврӯз бояд ба Тоҷикистон ташриф оранд. Як ҳафта пеш, таҷлили ҷашн тамоми кишварро фаро гирифт. Дар баробари шодмониҳои наврӯзӣ 17 марти соли 2012 ба муносибати ҷашни Наврӯз тибқи қарори раиси шаҳри Душанбе «Дави Наврӯз» бургузор шуд.

Соли 2012 дар таърихи кишвари мо барои ҷашнгирии Наврӯзи байналимилалӣ ёдмон буд. Дар ин сол сарони давлатҳо ва меҳмонони

азиз, беш аз 40 кишвар ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ташриф оварданд. Дар раванди ҷашни Наврӯзи ҷаҳонӣ 25 марти соли 2012 бо сарони давлатҳои Афғонистону Покистону Эрон ва дигар меҳмонони олимақом Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 дар Кохи Сомони бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Соли 2013 бо корҳои нек ва шодиву нишоти зиёд Наврӯзи ҷаҳониро дар тамоми кишвар истиқбол гирифтанд. Дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат созандагиҳои нав ба нав оғоз гардид.

Яке аз оинҳои наврӯзӣ ин аз тариқи ҳашар анҷом додани корҳост. Дар гузашта ва ҳоло низ дар деҳаҳо пеш аз Наврӯз ҷӯйҳо, кӯчаҳо, сайргоҳҳо ва ҷойҳои муҳимро тоза менамуданд. Ба тариқи ҳашар дарахт мекориданд, боғҳоро ба тариб медароварданд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои қадим дар рӯзи сеюми Наврӯз мардум ба ҳашари ободии муҳити зист баромада, деҳқонон корҳои кишоварзиро вусъат мебахшиданд. Аз ин рӯ, бо ташаббусу пешкории Сарвари давлат 23 марти соли 2013 мардуми шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои кишвар ба ҳашари умумӣ баромаданд.

Таи чанд сол аст, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар сартосари кишвар ҳашари ниҳошинонӣ пеш аз Наврӯз ва гоҳе пас аз он баргузор мегардад ва дар баъзе аз онҳо худи эшон бевосиста ширкат менамоянд. Мардум бо Сарварии Ҷаноби Олӣ 23 марти соли 2013 ба ҳашари умумӣ баромада, ба монанди оини ниёгон ба поксозию ободонии муҳити зист ва ниҳолшинонию кабудизорсозии атроф шуруъ намуданд. Ширкати бевоситаи Сарвари давлат дар маъракаи ниҳолшинонӣ, аз як сӯ нишонаи муҳаббати беандозаи эшон ба табиати зебову дилорои Тоҷикистони азиз бошад, аз сӯи дигар ташвиқи мардум ба корҳои ободонӣ, созандагӣ ва муҳаббат кишвар аст.

Соли 2014 низ дар таърихи кишварамон Наврӯз хотираҳои нек дошт. Ҳама сола дар кишвар пеш аз ҷашни Наврӯз ва баъд аз он иншоотҳои муҳими давлатӣ ба истифда дода мешавад. Ҳар сол корхонаҳо, мактабҳо, биноҳои истиқоматӣ, роҳҳо ва муассисаҳои муҳимро шахсан худи Пешвои миллат ифтитоҳ менамоянд ва таҳкурсии сохтмонҳои минбаъдаи муҳимро мегузоранд.

Хеле хотирмон буд, ки 19 марти соли 2014 дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе, бегоҳӣ бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон боғи нави Наврӯзгоҳ, ки дар масоҳати 146 ҳазор метри мураббаъ доман паҳн кардааст, мавриди баҳрабардории умум қарор гирифт.

Маълум шуд, ки боғи Наврӯзгоҳ дар миёни Қасри миллат ва майдони Наврӯзгоҳи пойтахт қарор гирифта, дар баробари Боғи Рӯдакӣ, боғу гулгаштҳои назди Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистон ба маркази шаҳри Душанбе ҳусни тоза зам кардааст.

Дарахтони зебою нодири боҳашамати ороишию сояафкан ва гулу гулбуттаҳое, ки аз гӯшаҳои гуногуни дохил ва хориҷи кишвар овардаанд, аз ороишоти асосии ин боғи гуворои наврӯзӣ ба шумор меравад.

Яке аз ороишоти дигари боғи Наврӯзгоҳ шаршара ва фавворaҳои назди он аст. Баландии ин шаршараи бошукӯҳ 22 метр буда, фавворaҳои сершумори он Наврӯзгоҳро шабонгоҳон бо рангҳои гуногун ҷило медиҳанд.

Дар боғи Наврӯзгоҳ майдончаи бозию дилхушии кӯдакон мавриди истифода қарор гирифт, ки дорои атраксионҳои гуногун аст. Дар гӯшаҳои гуногуни боғи Наврӯзгоҳ, барои мардум ва меҳмонон тарабхона, қаҳвахонаи яхмос, ошхона ва чойхона бунёд ёфтаанд. Ба таври куллӣ боғи Наврӯзгоҳ як макони зебою дилоро барои сайру гашт аст, ки барои мардум пешкаш шудааст.

Ҳар сол Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чун анъана дар арафаи Наврӯзи оламафрӯз бо намояндагони зиёи кишвар мулоқот менамоянд. 20 марти соли 2014 мулоқоти навбатии Сарвари давлат бо зиёиён дар толори театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ буд. Дар ин мулоқот Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Наврӯзро "аз ҷумлаи муҳимтарин ва муқаддастарин ойинҳои миллии мо" номида, гуфтанд, ки "Наврӯз дар худ тамоми шукӯҳу азамати таъриху тамаддуни куҳани моро таҷассум менамояд". Ба гуфти Пешвои миллат "тамаддуни ориёӣ ба инсоният ҷашнеро пешкаш намудааст, ки бар пояи меҳру садоқат ва хираду заковат бунёд шуда, рамзи пирӯзии ақлу хирад бар ҷаҳлу зулмат ба шумор меравад". Ишорат шуд, ки "яке аз сабабҳои асосии мақоми байналмилалӣ пайдо кардани Наврӯз бар ҷавҳари инсондӯстиву таҳаммулгароӣ ва парастиши некиву накукорӣ асос ёфтани он аст".

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки "ин ҷашни пурифтихор ба ягон дину мазҳаб робита надорад, тобеи ягон мафкура ё ҷаҳонбинии диниву мазҳабӣ нест ва аз ҷумлаи ҷашнҳои камназири башарият аст, ки онро хурду бузурги мардумони мухталифи сайёра истиқбол мегиранд". Ҷаноби Олӣ бо муҳаббат ба идомаи суханони худ дар ҷашни Наврӯзи соли 2014 гуфта буданд: "Ба ин маънӣ метавон дилпурона изҳор намуд, ки Наврӯз ҷашни баробарии инсоният, ойини дӯстиву самимият, таҳаммулгароӣ ва аз дилҳо берун андохтани кинаву адоват аст" [www.prezident.tj 2014].

Соли 2014 низ баробраи наздик шудани Наврӯз дар тамоми кишвар омодагӣ ба он шурӯъ шуд. Ҳар деҳ, ноҳия, шаҳр ҷашнро бо шодмонӣ ва хушиҳо пешвоз гирифтанд. Дар рӯзҳои наврӯзӣ на фақат табиат, балки мардум низ либосҳои рангоранги нав дар бар крда буданд. Раисони маҳалла, ноҳияҳо, вилоятҳо дар минтақаи худ ба истиқболи Наврӯз шароити мусоидро дар наврӯзгоҳҳо ва сайргоҳҳо фароҳам оварданд.
Дар Душанбе ҳам берун ва ҳам даруни Наврӯзгоҳи пойтахт ба мисли ҳар сол хеле зебо оро дода шуда буд. Дар рӯзи 21 март 2014 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони аҳли ҷамоати пойтахт бо шодию сурур ва самимияти баланд истиқбол гирифтанд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ва ҳамаи мардумони кишварҳои ҷашнгирандаи Наврӯзро ба муносибати фарорасии ин иди бузург, ки чанд сол ба ин сӯй мақоми байналмилалӣ гирифтааст, сидқан табрик гуфтанд. Ҳамчунин ишорат гардид, ки

“Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи зиндагисозу тамаддунофари аҷдоди тоҷикон пайванди ногусастанӣ дошта, расму ойинҳои он дорои рамзҳое мебошанд, ки аз қадим то имрӯз бо рӯзгори мардуми созандаву ободгар ва фарҳангиву таҳаммулгарои мо созгоранд” [www.prezident.tj 2014].

Тантанаҳои наврӯзӣ дар Хуҷанд, Данғара, Кӯлоб, Хоруғ, Ҳисор, Панҷакент ва ҷойҳои дигар дар таи чандин рӯз барпо гардид. Қариб дар аксари минтақаҳо мусобиқаҳои гӯштин, бузкашӣ, хурӯсҷанг, тухмбозӣ, давидану паридан ва монанди ин баргузор шуданд. Пас аз ҷашнҳо мардум ба домани сабзазори дараву кӯҳ саҳрои гулпӯш баромада шодии худро дар оғӯши табиат идома доданд. Калонсолон, ҷавонон, занон ва ҳатто духтарон ҷудогона-ҷудогона дастаҷамъона лаҳзаҳои хуши худро дар соҳили дарёҳо, рӯдҳо мегузарониданд. Дар ин рӯзҳо дар соҳили Сирдарё, дашту домани тамоми ноҳияҳо, аз ҷумла дараҳои Варзобу Ромиту Алмосӣ мардум ба оғӯши табиат мерафтанд. Гулу гиёҳу растаниҳои баҳорӣ чида ба хонаи худ оварда, мавриди истифода қарор медоданд.

Соли 2015 Наврӯз бо ҳамон шаъну шукуҳи худ вориди зиндагии мардум гардид. Тамоми Тоҷикистон ба ҷашни Наврӯз омода аст. Аз кишварҳои ҳамзабон Афғонистону Эрон сайёҳони зиёд маҳз барои дидани наврӯзи тоҷикон ташриф овардаанд. Аз кишварҳои арабӣ, аврупоӣ, Ҳиндустону Чин ва ҳатто Амрико низ сайёҳон ва фарҳангиён барои дидани ҷашни наврӯз омаданд. Сартосари кишвар ба ҷашни Наврӯз омода аст.

Рӯзи 20 марти соли 2015 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои идонаи наврӯзӣ, ки дар Наврӯзгоҳи пойтахт баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.

Барои таҷлили бошукӯҳи Наврӯзи байналмилалӣ дар ду тарафи роҳи канори Наврӯзгоҳ сокинони ноҳияҳои пойтахт намоиши дастовардҳо, анъанаҳои наврӯзӣ, расму оинҳои миллӣ, маҳсули дасти кадбонуҳо, ҳунари устоҳои чирадастро ба базмгоҳ гузоштанд.

Пешвои миллат пас аз табрики ҳозирин бо иди Наврӯзи ҷаҳонӣ, ҷашни эҳёи табиат, ибтидои пешомадҳои нав, оғози ниятҳои баҳорӣ ва нақшаву тадбирҳои тоза, дар бораи хусусиятҳои хоси Наврӯз, ки дорои сифатҳои инсонпарваронаи накӯкорӣ, бахшишу меҳрубонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ будани он мебошад андешаронӣ карда, бо қаноатмандӣ изҳор доштанд, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки одамони сайёра ба ин ойини воқеан ва моҳиятан фарҳангиву инсонпарварона эҳтиром доранд ва онро ҳамчун воситаи сулҳу субот, покиву садоқат ва зебоиву бедорӣ эътироф менамоянд [www.prezident.tj 2015].

Дар Наврӯзгоҳи пойтахт тантанаҳои наврӯзи байналмилалӣ бо барномаи рангину пурмуҳтавои намоиши театрии санъаткорон, ки таҷассумгари оинҳои хоси Наврӯзи байналмилалӣ буд, рӯҳияи мардумро болида намуд.

Рӯзи 21 марти соли 2015 аз фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ҷаббор Расулов ташриф оварда, парда аз болои пайкараи Исмоили Сомонӣ бардошта, қасри бошукӯҳи фарҳангии онро, ки ба тозагӣ бунёд ёфтааст, ифтитоҳ намуда бо мардуми сершумори ин ноҳия мулоқоти судманд анҷом доданд. Баландии пайкара 12 метр буда, атрофи он бо гулгашти зебое аз гулу буттаҳо ва дарахтони ороишӣ ва ҳамчунин бо фавворaҳои бо рангҳои гуногун ҷилодиҳанда оро ёфтааст. Ба пешвози ҷашни Наврӯзи дилафрӯз дар паҳлӯи майдони атрофи пайкараи Исмоили Сомонӣ қасри фарҳангии бошукӯҳи ноҳияи Ҷаббор Расулов ифтитоҳ ёфт, ки намуди зоҳирии зебо ва толорҳои мунаққашу мунаввар дорад [www.prezident.tj 2015].

Нимаи дуюми 21 марти соли 2015 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз диду боздидҳои наврӯзии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд идома дода, дар маркази шаҳр боғи навсозишудаи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Камоли Хуҷандӣ бо пайкараи ӯ, мақбара ва хонаю чорбоғи рамзии ин шоир, ки оромгоҳи воқеияш дар шаҳри Табрези Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор дорад, ифтитоҳ намуданд. Дар ҳудуди боғ аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон парда аз болои пайкараи навбунёди Камоли Хуҷандӣ бардошта шуд, ки баландии он 7 метр ва зерпояааш 4,5 метр аст. Ин пайкара аз метали биринҷӣ аз ҷониби ҳайкалтарош Даврон Раҳматов сохта шудааст. Атрофи пайкара бо сангҳои хорои маҳаллӣ ороиш ёфтааст.

Тантанаҳои наврӯзии шаҳри Хуҷанд бо иштроки Пешвои миллат хеле дилпазир буд. 23 марти соли 2015 идомаи ҷашни бошукӯҳи наврӯзӣ бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд гузашт. Дар ин макон намоишгоҳи наврӯзӣ тибқи расму оинҳои миллӣ ороста шуда буд. Намоишгоҳро нишони 20-солагии Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, растаи ҳунарҳои мардумӣ, гӯшаи табиати зинда, навъҳои хӯрокҳои миллӣ бо таббохон, суманакпазон, хӯришҳо оро дода буданд. Таваҷҷуҳи меҳмононро ҳунари тарроҳону пардозгарон ба мисли атласбофӣ, адрасбофӣ, либосҳои миллӣ, қоибофон, зардӯзон, гулдӯзон, чӯбтарошон, рассомону наққошон, устоҳои созҳои мусиқӣ, оҳангарону мисгарон, зарфҳои кулолӣ ва ашёи дигари рӯзгор, ҷалб намуданд. Дар канори майдон қариб сӣ деги калон гузошта, озмуни оиши палов баргузор гардид ва баъдан он ба мардум ройгон тақсим гардид.

Аз дидани намоиши барномаҳои театрии ҳунармандон, дорбозон, раққосон, сароядагон, бозиҳои миллӣ, аскиягӯӣ ва дигар ҳунарҳои фарҳанги мардумӣ тамошобинон лаззати маънавӣ мебурданд. Як нуктаи ҷаззоб он буд, ки дар саҳни ҳавлии қасри Арбоб дар ҳузури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмонон барномаи фарҳангии идона бо номи Наврӯзи байналмилалӣ аз нигоҳи кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон намоиш дода шуд, ки воқеан таҷассумгари олами рангину нозанини кӯдакон ва ботини поку мисли Наврӯзи оламафрӯз беолоиши онҳо буд [www.prezident.tj 2015].

Соли 2015 китоби Пеншвои миллат «**Наврӯз – шиносмномаи миллат**» чоп шуд, ки дар он аксари суханрониҳои эшон, ки дар боло мо ҷо-ҷо аз он иқтибосҳо овардем чоп шуд. Ин суханрониҳои наврӯзӣ моломол аз меҳру муҳаббат нисбат ба Наврӯзи оламафрӯз ва саршор аз тарғиби омолу рафтори ҳамидаанд. Қисмате аз онҳо, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, ба мисли як дастагули наврӯзианд, ки табъро болидаву димоғро муаттар месозад. Дар ин китоб суханрониҳои Пешвои миллат таҳти унвонҳои зерин омадааст: «Ҷашни пирӯзии нур бар зулмот”, “Наврӯзи бостонӣ ва ҷаҳонӣ”, “Суннатҳои неки наврӯзӣ безаволанд”, “Рамзи офариниш ва эҳёи табиат”,“Ҷашни озодагӣ ва озодагон”, “Наврӯз – пайки шодмонӣ ва шодкомӣ”, «Наврӯз ифодагари ормонҳои муқаддас ва неки миллист», «Наврӯз таърихи зиндаву бедор ва бақои миллати тоҷик аст», “Тамаддуни халқи мо бо Наврӯз оғоз меёбад”, “Наврӯз дар саросари ҷаҳон бошукӯҳ таҷлил мегардад”, “Наврӯз – пайвандгари халқҳо ва фарҳангҳо”, «Истиқлолият ба Наврӯз умри дубора бахшид», “Наврӯз барои аҳли сайёраи замин тақдим шудааст”, «Наврӯз – ҷашни ваҳдат ва ҳамбастагии башарият», “Наврӯз ҷуғрофиёи худро фарохтар мекунад”, “Бародар, ҷашни наврӯзат муборак!”, “Наврӯз ҷавҳари инсонсоз дорад”, «Наврӯз ҷашни инсони некманиш ва таҳаммулгарост», «Бузургдошти Наврӯз бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист», «Ба наврӯзи абадзинда ниёгони мо асос гузоштаанд», «Ҷовидонагии Наврӯз аз камоли маънавии инсон аст» [ниг.: Раҳмон 2015].

Соли 2016 низ дар саросари кишвар Наврӯзи байналмилалӣ бо шукуҳи баланд таҷллил гардид. Ҳамон анъанаи ҷашн раванди ҷашнгирии Наврӯз дар тамоми кишвар аз тарафи давлат ва мардум идома дошт. Имсол низ дар ҳамаи деҳу ноҳияву шаҳрҳои Тоҷикистон дар рӯзҳои Наврӯз хушҳолиҳо зиёд буд. Муҳим он буд, ки имсол “**Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи наврӯз**” баргузор шуд.

Дар маҷмӯъ аз 18 кишвари ҷаҳон ба теъдоди 52 нафар адибон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Ширкаткунандагон аз кишварҳои зерин иборат буданд: Афғонистон, Англия, Америка, Белоруссия, Ҳоландия, Қазоқистон, Қирғизистон, Олмон, Покистон, Русия, Туркия, Туркманистон, Узбекситон, Ҳиндустон, Чин, Швейтсария, Шведсия, Эрон.

Аз субҳи рӯзи 20 марти соли 2016 ҷашни расмии Наврӯз бо намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ дар назди муассисаи давлатии «Кохи Борбад» оғоз шуд. Меҳмонон дар ин ҷо бо намоиши китоб, осори рассомон, сару либоси миллӣ, суманаку суманакпазӣ ва дигар хӯрокҳои баҳорию наврӯзӣ, дастрахони ҳафтсину ҳафтшин ошно гардида, аз намунаҳои хӯрокҳои мардумӣ ва дастпухти бонувони тоҷик истеъмол намуданд. Барои меҳмонон хотирмон буд, ки онҳо дар ҳамин майдони назди “Кохи Бобад” хӯроки субҳонаи миллии наврӯзиро нӯши ҷон намуда, лаззат бурданд.

Пас аз он меҳмонон барои иштирок дар Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз вориди толор шуда, ба суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои

миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гӯш доданд. Сарвари давлат нахуст аҳли толор, кулли мардуми Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи онҳоеро, ки ин Ҷашни байналмилалии Наврӯзро таҷлил менамоянд, самимона шодбош гуфтанд.

Дар вохӯрӣ шумораи зиёди аҳли зиёи мамлакат, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон ва меҳмонон аз кишварҳои хориҷ – иштирокчиёни Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз иштирок карданд. Дар суханронии худ Пешвои миллат ишорат намуданд, ки дар кишвари мо ҷашни ҷаҳонишудаи Наврӯз бо Симпозиуми байналмилалии илмии "Наврӯз дар адабу ҳунари ҷаҳон" оид ба баррасии масъалаҳои муҳимтарини ташаккулу таҳаввули Наврӯзи байналмилалӣ, оғоз ёфт ва ин пайки тозаи баҳорӣ аст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти пажӯҳандагон, адибон ва равшанфикрони қаламбадастро, ки дар кишварҳои гуногуни олам дар масъалаи омӯзиш ва пажӯҳиши Наврӯз, тарғиби ҷиҳатҳои инсондӯстона ва сулҳпарваронаи он заҳмат кашидаанд, муҳим арзёбӣ карданд. Маҳз барои ҳамин адибони зиёд аз кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ба Тоҷикистон даъват шуд, ки зебоҳиҳои онро ситоиш намоянд. Ҳамоиши байналмилалии адибони хавзаи Наврӯз барои таҳкими бештари робитаҳои дӯстиву адабӣ мусоидат менамояд. Ин ҳамоиш имкон фароҳам овард, ки адибон масъалаҳои муҳимми адабиётро баррасӣ намоянд ва барои рушди ояндаи он заминаи муносиб муҳайё созанд. Дар суханони Пешвои миллат ёдоварӣ шуд, ки яке аз лаҳзаҳои фарахбахши Наврӯзи ҷаҳонӣ ин аз замонҳои қадим то имрӯз барпо намудани базмҳои шеър мебошад, ки ҳоло бо қарори ЮНЕСКО «Рӯзи ҷаҳонии шеър» таҷлил мегардад.

Дар ин ҳамоиш баъди суханронии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ иштирокчиёни Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз шеърҳои худро қироат намуданд ва роҷеъ ба Наврӯзи тоҷикон суханҳои нек гуфтанд.

Рӯзҳои 21-22 марти соли 2016 меҳмонон барои иштирок дар маросимҳои наврӯзӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар сафарбар шуданд. Таи чанд рӯз меҳмонони Ҳамоиши адибони ҳавзаи Наврӯз дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои кишвар сафар намуда, бо базми ҷамшедии ин ҷашн ва шукуҳу шаҳомати он аз надик ошно шуданд.

Меҳмони азизи Ҳамоиши адибони ҳавзаи Наврӯз шоирон, олимон ва ҳунармандони зерин буданд: Саидризо Муҳамадӣ, Абдулқаюми Қавим, Муҳаммади Холиқ, Абдуллоҳи Аҳмадӣ, Парвизи Кова, Қанбаралӣ Тобиш, Яъқуб Ясно, Гулнури Баҳман, Муҳммадсодиқи Исён, Соҳибназар Муродӣ, Саид Ориф (аз Афғонистон), Алиакабр Деҳбошӣ, Муҳаммад Козими Козим, Ҳоҷӣ Муҳаммад Теҳронӣ (Эрон), Юлия Купина, Сергей Казначеев, Маргарита Каратегина, Татяна Бистрова (Русия), Замир Саъдуллозода (Чин), Муҳаммад Шариф Саидӣ (Шведсия), Абудҷалил Пӯлодиён, Латиф Нозимӣ (Олмон), Олим Лабиб (Туркия), Ҳумайро Накҳат (Ҳуланд), Аслиддини Қамарзода, Асадуллоҳ Гулов, Назариян Рубен Файзихоҷа Маҳмудов (Ӯзбекистон), Нақӣ Аббос, Али Акбаршоҳ (Ҳиндустон), Раҳмет Қиличев (Туркманистон), Отамурод

Султонов (Туркманисотон), Тежке Умед, Ғалим Жайлибай, Жанарбек Ашимжан (Қазоқистон), Акбар Ризкулов, Маркабой Аматов, Шоистаи Равшан (Қирғизистон), Липай Татняна, Александр Курлюков (Белорусия), Шанкер Синтхарт, Абдулхолиқи Лаълзод (Англия), Азиззуллоҳ Имо (Швейтсария). Онҳо дар маҳфилҳои адабии наврӯзӣ, дар донишгоҳҳо, дар ноҳияҳо бо шеърхонӣ, ҳунарнамоӣ ва суханронии худ таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб сохтанд. Ҳамчунин аксари меҳмонон аз тариқи воситаҳои ахбор шеърҳои худро пешкаши мардум намуданд.

Наврӯз дар саросари кишвар идома дошт. Рӯзи 26 марти соли 2016 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар майдони Авестои шаҳри Хуҷанд дар ҷашни идонаи "Корвони Наврӯзӣ" ва "Сайри гули лола" иштирок намуданд. Барои истиқболу мулоқот бо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар макони баргузории ин чорабинии бошукуҳ, ки ба таври идона оро дода шуда буд, беш аз 10 ҳазор нафар ҷамъ омада буданд.

Солҳои охир бо ташаббуси Пешвои миллат, дар рӯзҳои Наврӯз ва пас аз он, дар шаҳри Душанбе, Хуҷанд ва шаҳру ноҳияҳои дигари кишвар Ҷашни «Сайри лола» баргузор мешавад. "Сайри лола" дар гузаштаҳо буд. Ҳоло дубора бо диди тоза эҳё шудааст. Ин ҷашн чунин сурат мегирад, ки тамоми кӯчау хиёбону боғу гулгаштҳо бо гулу лолаҳои рангоранг ороиш дода шуда, мардум ба тамошояш мебароянд ва ҳамчунин дар боғҳо ва ҷойҳои серодам карнаю сурнаю суруду рақсу мусиқӣ таннинандоз мегардад.

Таи чанд сол аст, ки дар арафаи Наврӯз порчаҳои атлас ва чакан ҳамчун либосҳои миллии тоҷикон таваҷҷуҳи тарроҳонро ба худ ҷалб намудааст. Пероҳанҳои рангоранги атлас дар таи солҳо хушнамудтарин либоси миллии духтарон ва занон тоҷик аст. Тарҳу гулҳои атлас на танҳо симои духтарон ва занонро рахшанда менамояд, балки тасвригари табиати ин кишвар аст.

Куртаи чакан барои духтарон ва занони тоҷик садҳо сол аст, либоси милли тоҷикони куҳистон мебошад. Дар байни тасвирҳои зиёди мақбули чакан, имрӯзҳо нақшҳое низ дида мешавад, ки дар он нишонаҳое аз замони бостон то рӯзгори мо расида, гулҳои наврӯзиро ба ёд меорад.

Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз, имрӯзҳо дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон, атлас ва чакан пероҳани маъмултарини духтарони тоҷик аст. Баъзе тарроҳон дар ҳар Наврӯз тарҳи чакан ва атласро якҷо сохта, онро боз ҳам мақбултар менамоянд. Дар ҷашни Наврӯз духтарон ва занони тоҷик дар солҳои охир бештар пероҳанҳои чакан, адрас ва атласро бо тарзи дӯхти муносиб ба баҳор супориш медиҳанд. Тарроҳон сохти нави пероҳанҳоро таҳия намуда, барои духтарон бо сабки аврупоӣ дар омехтагии атлас ва чакан либос дӯхта пешниҳод намуданд. Тарҳи либосҳо на фақат дар сабки миллӣ аст, балки онҳо барои меҳмонон дар бозсозии тарзи аврупоӣ низ пешниҳод мегардад.

Бисёре аз духтарон бар он назаранд либоси миллии чакани тоҷикӣ, ки баҳорро ба ёд меорад. Аз ин рӯ, дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз ба бар кардани онро афзал мешуморанд. Ба гуфти онҳо дар чакан фарҳанги миллии тоҷикӣ инъикос ёфта, Наврӯзу баҳорро ба ёд меорад. Баъзе дӯзандаҳо тарзи дӯхти либоси аз бибӣ ва модарҳояшон ба мерос мондаро дида, онҳоро ба диди замон мувофиқ менамоянд.

Пас аз Истиқлоли кишвар сол то сол анъана ва суннатҳои азбайнрафтаи наврӯзӣ эҳё мешаванд. Дар арафаи Наврӯз шахсони саховатманд ва доро, муассисаҳои гуногуни давлатию ғайридавлатӣ ба кӯмаки бепарасторон ва ниёзмандон мешитобанд, ба онҳо тӯҳфаҳои наврӯзӣ ҳадя менамоянд то онҳо низ дар Наврӯз мисли ҳама хурсанд бошанд. Ҳамаи хонаҳои бачагон ва мактаб-интернатҳо аз ин кӯмакҳои хайрия бахраманд мегарданд. Дар солҳои охир бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаи дигаре пайдо шудааст, ки шахсони саховатпеша дар ҷашни наврӯзӣ тӯйи суннатӣ ва инчунин арусии фарзандони оилаҳои камбизоат ва бепарасторонро мегузаронанд.

Ҳамин тавр ҳар сол Пешвои миллат мардумро бо ин ҷашни миллии ниёгон табрик мегӯянд, воситаҳои ахбори умум, махсусан шабакаҳои телевизионӣ ба ин ҷашн тайёрии ҳаматарафа мебинанд ва аз ҳар гӯшаю канори кишвар ва берун аз он намоишҳои наврӯзиро сабт ва пешкаши тамошобинон мегардонанд, бо олимон ва мутахассисон дар бораи таърихи Наврӯз ва суннатҳои наврӯзӣ суҳбатҳо мероянд.

Дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили дастурхони наврӯзӣ бо риояи суннати «ҳафтсин», «ҳафтшин», «ҳафтмим», «ҳафтмева» ба маърази намоиш гузошта мешавад.
Ҳунарнамоии гурӯҳҳои ҳунарӣ, намоиши саҳнаҳои ҷолиби намоиши театрӣ, конкурсҳои гуногун, бузкашӣ, гӯштингирӣ, кабкҷангу хурӯсҷанг ва дигар бозиҳои шавқовар ҷузъи ин ҷашн мебошанд.

Пас аз Истиқлолият ҳар сол Тоҷикистон Наврӯзи ҳуҷастапайро дар марҳилаи нави таърихи худ, яъне дар шароити истиқлоли давлатӣ, дар даврони созандагиву бунёдкориҳо ва рушди устувор таҷлил менамояд.
Дар давраи истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон Наврӯз шукӯҳу ҷилои тоза пайдо кард. Давраи ҷаҳонишавӣ, Наврӯз ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфт, чунки он моҳияти ҷашни инсонпарварона ва зебоипарастӣ мебошад. Мардум ин ҷашнро ҳамчун мероси муқаддастарини ниёгон ва ҷашни покию зебоӣ, баҳору эҳё дар фазои истиқлолу ваҳдат бо шукргузорӣ ва бошукуҳ таҷлил менамоянд.

Барои баргузории ҷашни Наврӯз дар пойтахти кишвармон шаҳри Душанбе Наврӯзгоҳ сохта шуд, ки дар он аз сабки «Тахти Ҷамшед», ки тақрибан 2 500 сол пеш, дар наздики шаҳри Шероз сохта шудааст, истифода гардидааст.

Дигар ин ки яке аз нодиртарин ҳунари устоҳои Тоҷикистон ин «Кохи Наврӯз» мебошад, ки аз 12 толори ғайриодӣ иборат буда, ҳар кадоме бо сабки махсуси ҳунарии мардуми тоҷик сохта шудааст. Аз тамошои он тамоми зебоиҳои Наврӯз ба пеши назар ҷилвагар мешавад. Дар «Кохи Наврӯз» дар як дафъа метавон 3200 (се ҳазору дусад) меҳмонро пазируфт. Гирду гӯшаи боғ низ бо дарахтҳои зебое ороиш

ёфтааст, ки дар рӯзҳои Наврӯз зебоӣ ва таровати махсусро дорост. Баландии «Кохи Наврӯз» 46 метр буда, масоҳати он бо боғу иморатҳои атрофаш се гектар мебошад.

Дар солҳои охир дар тамоми минтақаи кишвар пеш аз Наврӯз барои эҳтиёҷмандон, собиқадорони меҳнат, навхонадорон, кудакистонҳо, хайрияҳо ҳадяҳо дода мешавад. Дар маркази ноҳияҳо маҳсулоти истеҳсолии махсуси Наврӯзро ба намоиш мегузоранд. Расму оинҳои мардумӣ ба мисли ҷашни арӯсӣ, ороиши хонаи арӯсон, гилембофӣ, таҳия намудани ришта, либосҳои маҳаллӣ, ҳунарҳои марудмии минтақаҳо ба намоиш гузошта мешаванд. Дастархони зебои наврӯзӣ бо навъҳои хӯркокворӣ ва рамзҳои наврӯзӣ оро мегардад.

Ҳар ноҳия намоишҳои театрӣ таҳия намуда, дар он маликаи Наврӯз, Бободеҳқон, гулҳои наврӯзӣ ва дигар оинҳои мардумиро ба тамошо мегузоранд. Дар ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, мактабҳо, кӯдакистонҳо Наврӯзро хуш мепазиранд. Дар ин рӯзҳо карнаю сурнай, намоишҳои мардумӣ, озмуни хӯрокҳои наврӯзӣ дар ҳама ҷо баргузор мешавад. Қариб дар ҳама ҷо, оинҳои намоишии наврӯзӣ тибқи намоишномаи махсусе, ки он аз ҷониби адибе ва ё эҷодкоре таҳия гардидааст ва дар он шеъру суруду рақсу шӯхиҳо низ ба саҳна гузошта шудааст, иҷро мегардад.

Инак, чи нек аст, ки дар солҳои охир дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯзи оламафрӯз бо шукуҳи баланд таҷлил мегардад ва дар тантанаҳои наврӯзӣ дар канори мардуми мо аз кишварҳои хориҷӣ сайёҳон низ ширкат варзида аз шодмониҳои наврӯзӣ баҳра мебаранд.

## АДАБИЁТ:


1.Аҳмадов Р. Маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. Душанбе, 2015.
2.Раҳмонов Э. Наврӯз муборак Ҳамдиёрони азиз! // Ҷумҳурият. – 1994. – 20 март.
3.Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 1. Душанбе, 2002.
4.Раҳмон Э. Наврӯз – шиносномаи миллат. Душанбе: Адиб, 2015.
5.Раҳмонӣ Р. Нигоҳе оид ба омӯзиш ва пажӯҳиши наврӯзи тоҷикон то Истиқлоли Тоҷикистон // Пайванд, 2015, №22, с.39-52.
6.Раҳмонӣ Р. Наврӯзи ориёии тоҷикон. Душанбе, 2013.
7.Раҳмонӣ Р. Сухани сардабир (Гузориши ҳамоиши адибони ҳавзаи Наврӯз) // Пайванд, 2016, №23, с.5-7.
8.Ҳазратқулов М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. Душанбе, 2012.
9.Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе, 2011.
10.www.prezident.tj
11.Khovar.tj

# ҶАҲОНИШАВИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ВА АҲАМИЯТИ ОН

**Турсунзода Н.О.-** профессор
**Исамитдинов Ж. Б.-** дотсент

**Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**Телефон: +9929006013**

Даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба як марҳилаи сифатан нави густариши ҷашну маросимҳо, аз ҷумла чашни Наврӯз бадал гардид. Дар канори аз миён рафтани бархе аз ҷашну идҳои барои мардуми тоҷик бегона сиёсати эҳёи ҷашну маросимҳои миллӣ аз сар гирифта шуд.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба низом даровадани фаъолияти ҷашну маросимҳо, таваҷҷӯҳи дигаргунаи ҷомеаи ба ин падидаҳои фарҳанги миллӣ масъалаи эҳёи дурусту асили ҷашну маросимҳоро, аз чумла Наврӯзро роҳандозӣ намуд, ки ин амр ба нақши муҳиму фарҳангсозии мардуми тоҷик ишорат мекунад.

Ҷашнҳои байналмилалӣ, ки ин мақомро аз ҷониби ташкилоти бонуфузи ҷаҳони Созмони Миллали Муттаҳид ба даст овардаанд аҳамияти беназир доранд, зеро онро мардуми тамоми ҷаҳон новобаста аз мансубияти миллӣ, динӣ ва шаҳрвандӣ таҷлил мекунанд, ё дар тамоми маалакатҳои олам ҷашн мегиранд. Беназир будани ин қабил ҷашнҳо дар он аст,ки дар ҷараёни таҷлили он ҳар як инсон бо тамаддуни ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ мегардад ва иштирокчии комилҳукуқи чорабиниҳои чашнӣ мешавад.

Ҷашни Наврӯз барои бисёр халқҳо муштарак буда, дар рамзҳои вай орзую омоли мардум таҷассум ёфтааст. Тоҷикон, форсҳо, курдҳо, паштунҳо, балҷиҳо, тоторҳо, озарҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, туркманҳо,туркҳо ва ҳатто албанҳо ва даҳҳо миллатҳои дигар Наврӯзро ҷашн мегиранд.

Барои ҷаҳонӣ гардонидани ҷашни Наврӯз талошҳои пайгирона аз анҷоми қарни XX оғоз гардида, соли 2004 –ум бори аввал дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон намояндагони даҳ давлати ҳавзаи Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна ҷамъ гардида масъалаи ҷаҳонишавии Наврӯзро ба миён гузоштанд[10].

Он мардумоне, ки дар домани фарҳанги мардуми ориёитабор парвариш ёфтаанд ва баъдҳо Наврӯзро ҳамчун мероси фарҳангии худ пазируфтаанд, низ дар кишварҳои худ ин ҷашнро таҷлил мекарданд. Дар натиҷаи дар даҳсолаи аввали садаи бисту якум ваҳдати фарҳангии Наврӯз дар байни кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ба вуҷуд омад, ки онҳо хостанд дар якҷоягӣ ба таври расмӣ ҷашн гирифтани онро ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намоянд. Ҳамаи ин таблиғоту талошҳо чунин натиҷа дод, ки кишварҳои ҳавзаи Наврӯз кӯшиш намуданд, ки ин иди пайванди табиат ва инсонро вориди рӯйхати фарҳанги ғайримоддии

Созмони Милали Муттаҳид намоянд. Дар ин кор ташаббускори асосӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд[1].

Соли 2008 дар Теҳрон нишасти дуюми ҳамоҳангсозӣ сурат гирифта, дар он намояндагони 12 давлати ҷаҳон тавассути мақолаҳо, маърӯзаҳо ва сабти видео суннатҳои Наврӯз, асотиру таърихи он, расму оин ва маросимҳо, маводҳои зиёди илмиву оммавиро ба намояндагони ЮНЕСКО пешниҳод намуданд. Дар он ҷаласа, ҳайатҳо ба хулосае омаданд, ки Наврӯзро ҳамчун мероси ғайримоддии инсоният аз тарафи чанд давлат - Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркия, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва ғайра ба Иҷлосияи XXXV ЮНЕСКО пешниҳод намоянд. Ниҳоят консенсус ҳосил шуда, 30 сентябри соли 2009 Наврӯз ба рӯйхати мероси ғайримоддии башарии ЮНЕСКО бо 76 унсури ғайримоддии худ аз кишварҳои гуногуни дунё ворид гардид. Қарори ворид намудани 76-умин унсури мероси ғайримоддӣ аз ҷониби 24 давлати иштирокчии Кумитаи байнидавлатӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддӣ пазируфта шуд. Яъне, Наврӯз дар шаҳри Абу-Даби мувофиқи қарори ЮНЕСКО ба феҳрасти фарҳанги маънавии ҷаҳонӣ ворид карда шуд[5,с.176].

23 феврали соли 2010 бошад дар Иҷлосияи 64-уми Маҷмааи кулли СММ дар доираи банди 49-и рӯзнома таҳти унвони «Фарҳанги ҷаҳонӣ», «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» қатънома қабул шуд, ки лоиҳаи онро Ҷумҳурии Точикистон бо ҳамроҳии кишварҳои Озарбойҷон, Албания, Афғонистон, Македония, Ҳиндустон, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Туркманистон ва Туркия пешниҳод намуда буданд [14,с.17]. Аз ҷониби маҷмааи кули СММ 21 март –Рӯзи байналмиллалии Наврӯз эътироф гардид. Дар қатънома гуфта мешавад, ки "Наврӯз ҳамчун таҷассуми ваҳдати мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои чандинасра, дар мустаҳкам намудани робитаҳои байни халқҳо дар асоси эҳтироми якдигар ва идеалҳои сулҳ ва ҳамсоягии нек нақши муҳим мебозад" [9].

Ассамблеяи генералии Созмони Миллали Муттаҳид Наврӯзро эътироф карда, ҷидду ҷаҳди давлатҳоеро, ки дар онҳо иди Наврӯз таҷлил карда мешаванд, дар бобати нигоҳ доштан ва инкишоф додани фарҳангу анъанаҳо вобаста ба Наврӯз маъқул дониста, давлатҳои аъзои созмонро даъват менамояд, ки то дар бораи Наврӯз бештар маълумот пахш намуда, дар мавриди зарурат барои таҷлили иди Наврӯз тадбирҳо андешад.

Ҳамчунин дар пешгуфтори қатънома зикр шудааст «Наврӯз давоми се ҳазор сол дар манотиқи Балкан, ҳавзаи Баҳри Сиёҳ, Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Ховари миёна таҷлил мешавад.

Аз ин пас Наврӯз расман ҳамчун иди бузургу мӯҳташами ҷаҳонӣ ҷашн гирифта хоҳад шуд» [9].

Аз тарафи СММ эълон шудани Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз аҳамияти умумибашарӣ дорад. Наврӯз ҷашни хоса аст ва мазмуни баланди фалсафӣ дорад. Сараввал, огоҳ ҳастем, ки Наврӯзро дар замонҳои қадимтарин шаҳаншоҳи ҷаҳон Ҷамшед ба шарафи ғалабаи нерӯи некӣ аз болои нерӯи бадӣ ва ба ҳамин сабаб фаро расидани рӯзи нав асос

гузошта буд. Наврӯз мактаби бузургест, ки мардумони олам дар тӯли ҳазорсолаҳо аз даргоҳи он сабақ омӯхта, оини давлатдорӣ, номанигорӣ, аҳдбандӣ, муомила бо раият, санъати кишвардорӣ ва кишваркушоӣ, сулҳу салоҳ, шодиву тараб ва шаъну шарафро омӯхтаанд. Фузун аз ин Наврӯз ҷашни табиӣ ва эҷоди мардум аст. Он самараи заковати инсонҳои тавоност, ки дар худ дарки розӣ табиат, забони замин, сӯҳбат бо фалаку сайёраҳо, ахтарон, гардиши Офтобу Моҳ ва муаммои онҳоро фаро мегирад. Ҳамчунин, дар Наврӯз орзӯю омоли мардуми меҳнатӣ баҳри ояндаи дурахшон, озодандешӣ, худшиносӣ, ва дигар хислатҳои волидаи инсонӣ ниҳон аст.

Дар асоси қатъномаи СММ мамлакатҳое, ки дар қаламрави онҳо Наврӯз таҷлил мегардад вазифадор ҳастанд,ки таърихи пайдоиш ва расму оинҳои ҷашнро омӯзанд, ба тарғиби анъанаҳои ҷашни Наврӯз дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намоянд. Инчунин дар қатънома ҳамаи созмонҳои махсуси СММ, Хазинаҳо (Фондҳо) ва барномаҳо хосатан созмонҳое,ки бо масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг, ташкилотҳои байналхалқии ба ин соҳа алоқаманд вазифадор карда шудаанд, ки дар чорабиниҳои ҷашнии мамлакатҳои ҳавзаи Наврӯз фаъолона ширкат варзанд[8].

Баъд аз қабули Қарори ЮНЕСКО оид ба ҷашни байналмилалӣ эълон шудани Наврӯз воситаҳои ахбори кишварҳое, ки Наврӯзро таҷлил мекунанд, ҳамчун ташаббус ва моли худ эъломияҳое медоданд. Вале аз асли матлаб бисёриҳо огоҳ набуданд ва аз оғози кӯшишҳои Президенти кишвар дар ин ҷода хабар надоштанд. Ҳатто баъзе расонаҳои хабарии дохилӣ низ таҳти таъсири ахбори сайтҳои интернетии кишварҳои дигар ҳаюҳуе бардоштанд, ки кишвари мо ҳеҷ ташаббус дар ин замина аз худ нишон надодааст. Баъд аз он дар мусоҳибаҳо дар ин бора равшанӣ андохта шуда, эҳсосоти баъзе ҳангомаҷӯён ба эътидол омад. Аслан, тарҳи масъала, дар қатори масоили дигар, ҳангоми мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ раиси кулли ЮНЕСКО Коичиро Матсуура, ки ба Тоҷикистон аввалин бор ташриф оварда буд, баён шуд. Дар бӯстонсарои ҳукуматӣ Сарвари давлат ба ифтихори Коичиро Матсуура зиёфате оростанд, ки дар он иддаи маҳдуде ширкат доштанд. Эмомалӣ Раҳмон анорҳои хеле калону хушранг ва меваҳои хуштаъми кишварро таъриф карда, ба меҳмон дар бораи анъанаҳои миллии мо, тоҷикон қадим будани фарҳанги кишоварзӣ, ҷашнҳои миллии аз қадим меросомада, бо шавқ нақл карданд. Аз ҷумла, дар бораи фарҳанги моддӣ, яъне ёдгориҳои таърихӣ ва мадании тоҷикон, фарҳанги ғайримоддӣ, аз қабили Шашмақом, Фалак, Наврӯз бо ифтихор ёдовар шуданд.

Дар бораи ба феҳристи ЮНЕСКО ворид намудани Наврӯз ва ҷаҳонишавии он академик Кароматулло Олимов чунин гуфтааст: «Дар мавриди Наврӯз ва Шашмақом ҳамчун ёдгории ғайримоддии тоҷикон соли 2003 ҳангоми мулоқоти ҳайати Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО (ин ҳайат аз банда ба ҳайси раиси Комиссия, Абдуҷаббор Раҳмонзода, он вақт мудири шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи

иҷроияи Президентро ба уҳда дошт ва котиби масъул иборат буд) бо Коичиро Матсуура дар баробари масъалаҳои дигар аз гуфтаҳои Президенти Тоҷикистон дар бораи ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддӣ дохил кардани Шашмақом ва Наврӯз ёдовар шудем»[6].

Баъд аз он ки Наврӯз аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд, дар тамоми кишвар таҳти унвони «Тоҷикистон – ватани Наврӯз» маърака ва маҳфилҳо бошукӯҳтар доир мегарданд. Дар аксари наврӯзгоҳҳо, сайргоҳҳо ва дашту даман сайру гашт, маҳфилҳо, дилхушиҳо, шодмониҳо ва ҳамчунин, бозиҳои варзишӣ, мулоқот бо шахсиятҳои маъруф баргузор мешаванд. Намояндагони давлат, созмонҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳи ҷавонон ба хонаҳои пиронсолон, маҷрӯҳон, беморон рафта, онҳоро бо иди Наврӯз табрик менамоянд ва аз ҷониби муассисаи худ ҳадяҳо мебаранд.

Соли 2010 дар саросари Тоҷикистон Наврӯз бо шаҳомати бузург ҷашн гирифта шуд. Баъд аз он ҳар сол баробари наздик шудани ҷашн тамоми корхонаҳо ва муассисаҳо вобаста ба ин тадбир меандешанд, ки шодии мардумро ҳадде нест.

Сарвар давлати Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон санаҳои 26-27 марти соли 2011 дар тантанаҳои наврӯзии Ҷумҳурии исломии Эрон, ки дар шаҳри Теҳрон баргузор гашт ширкат варзида, зимни баромади худ пешниҳод намуд, ки нахустин Наврӯзӣ Ҷаҳонӣ соли 2011 дар зодгоҳи Наврӯз – шаҳри Шероз дар Тахти Ҷамшед баргузор гардад. Ин таклиф аз ҷониби сарони давлатҳои Афғонистон, Ироқ, Туркманистон, Озарбойҷон ва Туркия пазируфта шуд[4].

Соли 2012 тантанаҳои наврӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гаштанд. Ба кишвари мо сарони давлатҳо ва меҳмонони беш аз 40 кишвар ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ташриф оварданд. 25 март бо Конфронси байналмилалии Наврӯз - 2012 дар Кохи Сомони бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид[3].

Соли 2013 ҷашни байналмилалии Наврӯз бо таклифи Президенти Туркманистон Қурбонқулӣ Бердимуҳаммадов дар шаҳри Ашхобод - пойтахти ин кишвари шомил ба ҳавзаи тамаддунии Наврӯз таҷлил гардид [2,с.10]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Конфронси байналмилалии «Наврӯз – ҷашни башарият ва сулҳ», ки дар Ашхобод қайд намуд, ки «Бисёр рамзӣ аст, ки имсол ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Туркманистони ҳамсояи бародар таҷлил мегардад.

Ин минтақаи меҳмоннавоз дар гузашта ва имрӯз бахше аз фазои ягонаи тамаддун аст, ки зодгоҳи Наврӯзи дурахшон эътироф шудааст”[13].

Соли 2014 Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон доир гардид. 27 март Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кобул, пойтахти ин кишвар, чорабиниҳои бахшида ба ҷашни 5 - умин Наврӯзи байналмилалӣ ва ҳамоишҳои сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва

Эрон ва чорчӯбаи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон иштирок намуданд [12].

Дар ин сол ҳам дар кишварамон пеш аз ҷашни Наврӯз ва баъд аз он иншооти муҳими давлатӣ ба истифода дода шуданд [7].

Тантанахои Наврӯзии соли 2016 хеле хотирмон буд. Дар ин сол низ дар саросари кишвар Наврӯзи байналмилалӣ бо шукӯҳ таҷлил гардид. Муҳимтарин руҳдод дар ин сол он буд, ки "Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз" баргузор шуд. Аз 18 кишвари ҷаҳон адибон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳамин тавр сол ба сол Наврӯз дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷавор дар сатҳи байналмилалӣ мутантан таҷлил мегардид. Дар эҳёи суннатҳои миллиамон, аз ҷумла ҷашни Наврӯз сарвари давлатамон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нақши бориз дорад. Яке аз иқдомҳои ҷасурона ва ифтихормандонаи мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳёи суннатҳои қадимаи миллӣ ва онҳоро дар даврони соҳибистиқлолӣ маъною рӯҳи тоза бахшидан буд. Дар ҷаҳонӣ шудани Наврӯз, таҷлили он дар Тоҷикистон ва ду маротиба баргузор шудани Наврӯзи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон хидмати Президенти муҳтарами Тоҷикистон назаррас мебошад.

Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ Наврӯз шукӯҳу ҷилои тоза пайдо кард. Мардум ин ҷашнро ҳамчун мероси муқаддаси ниёгон ва ҷашни покию зебоӣ, баҳору эҳё дар фазои истиқлолу ваҳдат бо шукргузорӣ таҷлил менамоянд. Ин ҷашни баҳору ҷавонӣ, ки рамзи шукуфоӣ, умедҳои дурахшон ва навсозӣ мебошад, дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба таври васеъ таҷлил мегардад ва аз он шаҳодат медиҳад, ки он ба таври ҳақиқӣ мероси фарҳангии халқҳои шарқ, дар давоми таърихи дуру дарози худ дигаргунихои зиёдеро аз сар гузаронданд.

Имрӯз Наврӯз ҳамчун рамзи сулҳу субот, тантанаи инсонпарварӣ ва анъанаи неки ҳамсоягӣ ба густариши минбаъдаи ҳамгироӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқу кишварҳо мусоидат мекунад.

Эътироф шудани Наврӯз дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ тасодуфӣ нест. Ин иқдоми муҳим на танҳо нишонаи неки рушди тамаддуни муосир аст, балки аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯз ҷаҳон беш аз пеш ба арзишҳои волои маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ ниёз дорад.

Баромади ин ҷашни дурахшон аз ҳудуди ҷуғрофии муҳити зодгоҳаш ва боло рафтани он ба сатҳи ҷашни байналмилалӣ аз умумият ва наздикии арзишҳои Наврӯз барои ҳамаи халқҳои ҷашни Наврӯз гувоҳӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, Наврӯз ба иттиҳоди халқҳо, дӯстиву ҳамбастагии онҳо мусоидат намуда, рисолати муҳими маънавӣ дорад.

АДАБИЁТ:


1. Абдуҷаббор Раҳмонзода, Равшан Раҳмонӣ. Ҷашни мардумӣ//Ҷавонони Тоҷикистон. -02 апрели 2018.
2. Абдуфаттох Шарифзода, Заробиддин Косими. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷа хонишавии Наврӯз// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук.-2015.-№1 (62). - С.5-10.
3. Заявление Навруз – 2012//https://toptj.com/news/2012/3/25/zayavlenie_navruz_2012 (Санаи муроҷиат: 05.03.2024).
4. Итоги визита Э.Рахмона в Иран//https://khovar.tj/rus/2011/03/itogi-vizita-e-rahmona-v-iran/ (Санаи муроҷиат: 05.03.2024).
5. Назаров О. Наврӯз ҳумоюн бод// Маориф-ояндаи Тоҷикистон.- Хуҷанд: Ношир, 2011. –С.171-177.
6. Олимов К. Муқаддастарин мероси ниёгон// Чумҳурият. -№55.-19 марти соли 2016.
7. Раҳмонзода А., Раҳмонӣ Р. Пешвои миллат ва истиқлоли Наврӯз// Ҷумҳурият. -№: 69, 70, 71,72,73,74.- 3 апрели 2017.
8. Резолюция Генеральной Ассамблеи о признании Дня (A/RES/64/253)// Документы Портала Международного дня Навруз на официальном сайте Организации Объединенных наций. // http://www.un.org/ru/events/nowruzday/ (Санаи муроҷиат: 01.11.2022).
9. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 23 февраля 2010 года// https://documents.un.org/doc/undoc /gen/n09/477/03/pdf/n0947703.pdf? token = GdIY Grtg9cFonhOHxj&fe=true (Санат муроҷиат: 05.03.2024).
10. Рӯзии Аҳмад. Наврӯз ба осонӣ ҷаҳонӣ нашудааст// http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=4166 (Санаи муроҷиат: 03.11.2022).
11. Сайвалии Азиз. Наврӯзи ҷаҳонӣ// Ҷумҳурият.- №: 59-60. – 21 марти 2015.
12. Тантанаҳои Наврӯзи ҷаҳонӣ дар шаҳри Кобул//Ҷумҳурият. -№: 58. -29 марти 2014.
13. Участие Э.Рахмона на праздновании четвертого международного Навруза//https://khovar.tj/rus/2013/03 /uchastie-e- rahmona-na-prazdnovanii-chetvertogo-mezhdunarodnogo-navruza/ (Санаи муроҷиат: 05.03.2024).
14. 25 қадам дар паҳнои олам.-Душанбе: Ирфон, 2016. –220 с.


**Аннотатсия**


**Вожаҳои калидӣ:** Ҷашни Наврӯз, Созмони Милали Муттаҳид, ҷаҳонишавии Наврӯз, Рӯзи байналмилалии Наврӯз, феҳристи ЮНЕСКО.



Дар мақола замина ва омилҳои ҷаҳонишавии Наврӯз, ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии башарии ЮНЕСКО ворид шудани Наврӯз, саҳми Тоҷикистон дар мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз баррасӣ шудаанд. Маълумоти ҷолиб роҷеъ ба баргузории Иҷлосияи 64-уми Маҷмааи кулли СММ дар доираи банди 49-и рӯзнома таҳти унвони «Фарҳанги ҷаҳонӣ», доир «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» қабул шудани қатънома, аз ҷониби кишварҳои ҳавзаи Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна ба миён гузошта шудани масъалаи ҷаҳонишавии Наврӯз, аҳамияти ин падида пешниҳод шудаанд.



**Ключевые слова:** празднование Навруза, Организация Объединенных Наций, глобализация Навруза, Международный день Навруза, список ЮНЕСКО.



В статье рассматриваются предпосылки и факторы глобализации Навруза, включение Навруза в список нематериальных памятников человечества ЮНЕСКО, вклад Таджикистана в деле получения международного статуса Навруза. Приведены сведения относительно проведения 64-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН, в рамках пункта 49 повестки дня которого под названием «Мировая культура», была принята резолюция о «Международном дне Навруз», обобщены вопросы, поднятие

странами Центральноазиатского и Ближневосточного региона о глобализации Навруза, а также значимость этого явления.

**Key words:** celebration of Nowruz, United Nations, globalization of Nowruz, International Day of Nowruz, UNESCO list.

The article discusses the prerequisites and factors for the globalization of Navruz, the inclusion of Navruz in the UNESCO list of intangible monuments of humanity, and the contribution of Tajikistan in obtaining the international status of Navruz. Information is provided regarding the holding of the 64th session of the UN General Assembly, under item 49 of the agenda entitled "World Culture", a resolution on the "International Nowruz Day" was adopted, the issues raised by the countries of the Central Asian and Middle East region about the globalization of Nowruz are summarized, and also the significance of this phenomenon.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Турсунзода Назирҷон Очил, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

**Исамитдинов Жорабек Бобобекович,** номзади илмҳои таърих, дотсенти ҳамин кафедра.

**Суроға: 735700. ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.**

**Телефон: +9929006013**

## НАВРӮЗИ ҲАВЗАИ ЗАНДАНЕИ БУХОРО

**Намоз Ҳотамов** -профессор

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Оиди ҷашни Наврӯзи Бухоро устод Садриддин Айнӣ дар асари машҳури худ «Ёддоштҳо», махсусан дар банди «Сайри Файзобод» маводҳои хеле аҷиб овардааст. Албатта пӯшида нест, ки дар замони тошӯравӣ, ҷашни Наврӯз барои мардуми Осиёи Миёна яке аз ҷашнҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт ва онро мардуми шаҳру деҳот, бе ягон мамоният, аз рӯи имконияти худ ҷашн мегирифтанд. Аммо дар замони Шӯравӣ ҷашни Наврӯзӣ ба тарзи расмӣ манъ нагардида бошад ҳам, вале он аз ҷашни тантанавӣ ба ҷашни хонагӣ-оилавӣ табдил ёфта буд. Аниқтараш шахсони масъули он давр ба ҷашни Наврӯз, ҳамчун «боқимондаи замони кӯҳна» назар мекарданд. Баъзеи онҳо аз нодонӣ ин ҷашнро динӣ ҳисобида, манъ карданӣ мешуданд. Аммо, бо сабаби он ки ҷашн дар доираи оила ва маҳал мегузашту, ба корҳои саҳроӣ халали ҷиддӣ намерасонид, сахт монеагӣ намекарданд.

Мо дар ин ҷо мақсад дорем, ҷашни Наврӯзро дар ҳудуди собиқ ҳавзаи Зандане (ин ҳавза бо матоҳои абрешимии «занданеча», дар аввали асри миёна, аз ҷумла дар замони Сомониён шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд), дар солҳои 50-60-уми асри XX каме таваққуф намоем. Дар аввал қайд карданием, ки «Зандане» номи таърихии маҳале, тахминан 50 км дуртар дар қисми шимолии шаҳри Бухоро ҷойгир аст. Мувофиқи ривоятҳо номи аввалаи ин шаҳрча гӯё «Барбар» будааст ва яке аз

оташкадаҳои асосии зардуштиён дар он ҷо ҷойгир будааст. Бинобар ин забткорони араб шаҳраки Барбарро ба хок яксон намуда, мардуми онро тамоман қатл намудаанд. Аз ҳамин сабаб ин маҳал гӯё номи «Зинда-не»-ро гирифтааст ва бо мурури замон он ба «Зандане» табдил ёфтааст. Мувофиқи маълумотҳои дигар, номи «Зандане» аз «занд»-и авастоӣ гирифта шудааст, ки маънояш «дониш» мебошад. Маркази Зандане тахминан 6-8 км дуртар, яъне дар қисми шимолии Варахшаи қадима, ки забткорони араб ҳанӯз соли 705 ба валангор табдил дода буданд, 6-7 км дуртар аз зодгоҳи Абӯ Алӣ ибни Сино – деҳаи Афшона (дар роҳи сӯи шаҳри Бухоро) ва тахминан 10 км аз (дар қисми шимолии) шаҳраки Шофиркон ҷойгир аст. Ҳоло ҳавзаи «Зандане» ба ҳудуди ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро қарор дорад. Аз «Зандане»-и қадима то имрӯзҳо як теппаи харобшуда боқӣ мондаасту халос. Атрофи онро хонаҳои истиқоматӣ ва нуқтаи пахтақабулкунӣ иҳота кардааст ва онҳо имрӯз низ номи «Зандане»-ро доранд. Дар замони тошӯравӣ ин ҳавзаро «тумани Зандане» меномидаанд. Қалъаи (теппаи) Зандане то ҳанӯз аз тарафи бостоншиносон пурра омӯхта нашудааст.

Мардуми ҳавзаи Зандане қариб ҳама тоҷикон буданд. Танҳо дар асрҳои XVI-XVIII (дар замони давлатдории ӯзбекони бодиянишин – Шайбониён (1501-1599) ва Аштархониҳо (1599-1747) ба ин мулкҳо қабилаи ӯзбекии манғитҳо ва қарақалпоқҳо кӯчида омада буданд. Дар ин муддатҳо омехташавии онҳо ба тоҷикон хело зиёд буд. Вале аксари онҳо забони худро нигоҳ доштанд, аммо урфу одаташон ба тоҷикон қариб яхкела гардид. Бинобар ин онҳо ҳам бо тоҷикон Наврӯзро ҷашн мегирифтанд.

Солҳои 50-60-уми асри XX зиндагии мардуми ҳавзаи Зандане давра ба давра рӯ ба беҳбудӣ мениҳод. Зеро, дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) вазъияти мардум хело вазнин, гуруснагӣ бараҳнагӣ ҳукмфармо буд. Беҳтаршавӣ, мувофиқи нақли калонсолон, аз охири солҳои 40-ум сар шуда буд. Маҳз ба шарофати беҳтаршавӣ, мардум албатта мувофиқи қобилияташон тӯю тамошоҳо ташкил мекарданд, ҷашнҳоро, аз ҷумла Наврӯзро мегузарониданд. Дар байни онҳо ҷашни «Наврӯз» мақоми асосиро ишғол менамуд.

Қариб дар ҳама маҳаллаҳои ҳавза ҷашни Наврӯз, бо тартиб даровардани маҳалҳо, таъмири роҳҳо, тоза намудани ҷӯйборҳо оғоз мегардид. Махсусан тоза намудани ҳавлиҳо бештар ба назар мерасад. Бо сабаби он ки ҳама чорвои хонагӣ доштанд, бо ароба ва кашша аз маҳалҳо нириҳои маҳаллиро ба саҳро – киштзорҳо мебароварданд. Бо сабаби он ки баъди «истироҳати тулонии зимистона» якбора ба кори сахти ҷисмонӣ оғоз мекарданд, дар рафти ин корҳо дар деҳаҳо гӯштингирӣ, бузкашӣ, тагалҷанг, хурӯсҷанг ва ғайраҳо ташкил карда мешуд.

Он солҳо ҳанӯз техникаи кишоварзӣ хело кам буд, бинобар ин аксари корҳо бо меҳнати дастӣ, бо каланду бел, бо кӯмаки гови корӣ ва аспи корӣ иҷро карда мешуд. Бо сабаби он ки, аз ҷумла говҳои корӣ гӯё дар фасли зимистон бештар дам мегирифтанд, пеш аз ба кори саҳро баровардан, ба онҳо равғани ҷувоз ва кунҷора мехӯрониданд ва ба

шохҳояшон ҳам равған мемолиданд. Говҳои ҷавони кориро, пеш аз ба кор шурӯъ кардан, ба гардани ҷуфти онҳо юғро гузошта, дар саҳро як-ду рӯз давр мезанонданд, то ин ки барои ҷуфт ҳаракат кардан одат кунанд. Агар замин лой бошад, ҷуфти гови навкори юғдорро дар роҳи дохили деҳа, ё худ берун аз он гӯё машқ медоданд.

Дар саҳро, ҳангоми дамгирӣ оташ гиронда, дар атрофи он ҳама ҷамъ шуда, гарм мешуданд. Калонсолон таъкид мекарданд, ки «ҳар чӣ бештар ба оташ нигаред, чашматон пурнур мешавад, аз вуҷудатон дардҳои кухна баромада нест мешаванд…». Рӯзҳои офтобӣ, албатта пеш аз Наврӯз кӯрпаҳоро офтоб, хонаҳоро шамол ва оро медоданд…

Албатта чорабиниҳо барои Наврӯз як рӯз пеш аз Наврӯз ва дар худи рӯзи Наврӯз – 21 март бештар эҳсос мегардид. Махсусан барои оилаҳое, ки фарзандашон муъҷалро (12 солагиро) пур мекунад. Яъне, он солҳо аксари мардум рӯзи таваллудро ҳар сол қайд намекарданд. Вале ҳамин, ки фарзандашон синни 12 – ро (як муъҷалро) пур кард, аз рӯи имконият, дар доираи оила онро қайд мекарданд. Баъдтар доираи он васеъ гардида, барои баъзе оилаҳои доро ба «муҷалтӯйӣ»табдил ёфт. Дар ин рӯз ба нияте, ки бахташ сафед бошад, ба соҳибҷашн сару либоси нави сафед мепӯшониданд. Оилаҳои доротар ба фарзандонашон: ба духтар камзӯли зардӯзӣ, ба писарон сарупой, аз ҷумла ҷома пӯшонида, миёнбанд мебастанд. Онҳое, ки синну солашон калон бошаду, агар он сол ба соли мӯъҷалашон (яъне 5,6,7, муъҷал) мувофиқ ояд, низ тагпӯши нави сафед мепӯшиданд. Ҳангоми пӯшонидани сару либос, бахшида ба соҳибҷашн мухаммос мехонданд. Умуман дар Бухоро, аз ҷумла дар ҳавзаи Зандане ҳам либосро ба ҷавонон шахси нисбатан калонсоли якниқоҳа мепӯшонад. Яъне, соҳибҷашнон орзу мекарданд, ки ин ҷавон ҳам минбаъд якниқоҳа бошаду, умри дароз бинад.

Бегуфтугӯ дар ҷашни Наврӯз, омада намудани шириниҳо ва хӯрокҳои Наврӯзӣ мақоми асосиро ишғол мекард. Пеш аз ҳама аз кабӯтиҳои гуногун, бештар аз юнучқаи нав сабзида, самбӯса, ё бучак омода мекарданд. Аз хӯрокҳо бошад ӯмоч (бештар бо шир, ё бо гӯшт), мошоба, кашк (аз ҷувории сафед) мепухтанд. Касе, ки имконият дошт гусфанд кушта, ҳалиса мепухт ва мардуми деҳа ва атрофи онро даъват мекард. Ҳангоми куштани гӯсфанди барои ҳалиса пешбинишуда, аз табар истифода намебурданд, то ин ки устухонҳои майда дар хӯрок набошад. Ярмаи он аз гандум буда, онро дар харос, осиё, аввалҳо дар ос, бештар дар уғур майда мекарданд. Гӯшти гӯсфандро бисёр пухта, аз устухон тамоман ҷудо мекунанд, ва онро реш-реш карда, баъд бо ярма каме ҷушонида, тамоми шаб дам медоданд. Пагоҳӣ ҳалисаро таксим мекарданд. Баъзеҳо думбаи гӯсфандро бо нахӯд алоҳида пухта, барои ҳалиса зирбак омода мекарданд. Бахшида ба Наврӯз угро намекарданд, ки гӯё мор зиёд мешудааст, барак намекарданд, ки гӯё қурбоқа зиёд мешудааст.

Аз нӯшокӣ қариб ҳама оилаҳо ғӯлунгоб тайёр мекарданд. Бояд таъкид кард, ки дар ин ҳавза қариб тамоми фасли баҳор, аксари оилаҳо барои худ ғӯлунгоб тайёр мекарданд. Зеро, дар ҳавзаи Зандане зардолузор хеле зиёд буданд. Агар хоҳанд, ки он ғулунгоб ширинтар

бошад, шиннии аз ангур тайёр кардаро ҳамроҳ менамуданд. Баъзе оилаҳо ҳар гуна ҳалвоҳо: ҳалвои лавз, ҳалвои собунӣ, ҳалвои равғанӣ, ҳалвои кунҷитӣ ва ғайраҳоро мефармуданд. Баъзе оилаҳои доро, ки мӯъҷали фарзандашонро ҷашн мегирифтанд, баробари вазни фарзандашон ҳалво омода менамуданд, ва онро бо кулча ё худ зағора (аз ҷугории сафед), ё худ нони тунук – чапотӣ ба ҳамсояҳо тақсим мекарданд.

Ёд дорам, ҳангоми донишҷӯйии моён (солҳои 1962-1967) дар рӯзномаи «Известия» -и Москва хабаре чоп шуда буд, ки як тоҷики бухории кайҳо ба Австралия кӯчида рафта, ҳалвои собунӣ пухта, дар байни пазандаҳои ширинӣ ҷойи аввалро гирифтааст. Ҳамон вақт мо аз ин хабар хеле шод гашта будем…

Албатта сумалак яке аз таъомҳои муқаррарии Наврӯзӣ ин ҳавза буд. Онро баъзе оилаҳо пухта, ба мардуми деҳа тақсим мекарданд. Баъзан, як оила гандумашро сабзонда, ҳамсояҳо орд ҷамъ мекарданд. Бегуфту гӯ ҳамсояҳо дар пухтани сумалак ба ҳамдигар кӯмак мерасониданд. Баъзан мешуд, ки сумалакхӯрӣ 20-30 рӯз давом мекард.

Дар ҳавзаи Зандане калонсолон чунин мегуфтанд, ки агар сумалак ва ҳалисаи пухтаро ҳар чӣ қадар бештар тақсим карда диҳанд, яъне, ҳар чӣ қадар бештар одамон онро чашанд, гӯё ҳамон қадар савобаш бештар мешудааст. Бинобар ин шахсе, ки таомҳоро дар хонааш мепухт, дар он оила чун як маъракаи хурсандӣ мегузашт. Албатта оилае, ки дар он ҳамон сол тазия шудааст, барои умум чунин таомҳо, яъне сумалак ва ҳалисаро намепухт. Ин гуна оилаҳо аз пухтани онҳо ҳатто ду-се сол худдорӣ мекарданд. Вале оилаҳое, ки таомҳои номбурдаро пухтаанд, ба чунин оилаҳои таъзиядор, ё худ азодор ҳатман мерасониданд.

Барои ҳавзаи Зандане, дар арафи Наврӯз, аёдати оилаи фавтидагон одати муқаррарӣ буд. Бисёре аз фавтидагонро дар ҳамин арафа сол мегиранд. Мегӯянд, ки «пеш аз Наврӯз гузаронидани соли фавтидагон барои оилаашон дар соли нав бештар рӯзҳои нек меоварад». Ба ғайр аз ин дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз аёдати беморон, навхонадорон (албатта наздиконашон), шинонидани ниҳолҳо, бурридани шохаҳои зиёдатии дарахтон, кишти замин ва ғайра одати муқаррарӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳангоми пухтани ҳалиса ва сумалак гулхан гиронда доиразанӣ, сурудхонӣ ва рақсу бозӣ мекарданд. Умуман ҷашни Наврӯз дар ҳавзаи Зандане асосан 7-10 рӯз мегузашт. Бо сабаби он ки дар ин рӯзҳо корҳои саҳроӣ қатъ намегардид, баъзан тантанаҳои Наврӯзӣ тамоми моҳи ҳамал давом карда ҳар ҷо ҳар ҷо сумалаку ҳалиса мепухтанд, гӯштингирию бузкашӣ ташкил менамуданд. Баъзе оилаҳо дар ҳамин моҳ тӯйи фарзандони худро (тӯйи хатна ва ё келинбиёрӣ) ташкил мекарданд. Бисёр оилаҳо дар рӯзҳо ҷашни Наврӯзӣ «ҳафт шину» «ҳафт синро»-ро ташкил медоданд.

Бояд таъкид кард, ки шаби даромадани Наврӯз, бояд ҷойгаи об – сатилу кӯзаҳо пур аз об бошад, деги хӯрокпазӣ аз ягон намуди хӯрокҳои Наврӯзӣ, яъне умоч, мошоба, ярма, пур бошад. Аз ҳамин сабаб ин шабро «шаби қазонтӯлдӣ» меноманд, ки маънояш деги пур мебошад. Албатта ин ном аз туркҳо гузаштааст. Ҳатто мегӯянд, ки «ягонтои онҳо дар ин

шаб холӣ бошад, гӯё шикоф мешудааст». Бинобар ин он ҷойгаҳо гӯё ҳатман бояд пур бошанд.

Умуман ҷашни Наврӯз дар ҳавзаи Зандане, чун дар тамоми сарзамини мардуми ориёӣ, ҳам чун анъанаи аҷдодон, ба тарзи васеъ қайд карда мешуд ва имрӯзҳо ҳам чунин анъана идома дорад.

## ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСОИЛИ ҲИФЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Ҷононов С.- профессор**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
тел: 904245500

Имрӯз инсоният, махсусан қавму миллатҳои гуногун марҳилаи басо мураккаб ва печидаеро пушти сар карда истодааст, ки ба масъалаи ҳифзи давлатдорию асолати миллӣ ва арзишҳои неки суннатӣ алоқаманд мебошанд.

Аз як сӯ, қувват гирифтани тамоили ҷаҳонишавӣ ва аз дигар сӯ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, ки ҷаҳонро “ба як деҳи калон” табдил додаанд, мамолики дунёро водор месозад, ки на фақат дар бораи таҳдидҳои муосири берунӣ, балки хатарҳои дохилӣ низ андеша намоянд.

Ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ, бозори ягонаи молу хизматрасонӣ, ба селаҳои асъори ҷаҳонӣ фаро гирифта шудани иқтисодиёти кишварҳо ва қабули санаду уҳдадориҳо ва тартиботи ягона заминаҳои асосие мебошанд, ки раванди ба гирдоби ин ду тамоил кашида шудани онҳоро зиёд мекунад.

Дар партави ин тағйиротҳои сайёравӣ моҳияти мафҳумҳои анъанавии “давлатдории миллӣ”, “сарҳади миллӣ”, “истиқлолияти миллӣ”, “сиёсати дохилию хориҷӣ” ва “анъанаю фарҳангҳои миллӣ” то андозае тағйир ёфта, дастнигарии давлатҳои миллиро аз субъектҳои бозори сиёсию иқтисодӣ ва “нахустин давлатҳои ҷаҳонӣ” пурзӯр менамоянд. Ҳол он ки маҳз ҳамин арзишҳо ҷавҳари ҳастию бақои миллатро ташкил медиҳанд. Пас метавон гуфт, ки дар сурати наандешидани чораҳои зарурӣ тамоилҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ пеш аз ҳама барои истиқлолияти давлатӣ, арзишҳои миллӣ ва худшиносию ҳувияти миллатҳо пайомадҳои ногувор ба бор оварда метавонад.

Дигар хел шуданаш ҳам амри муҳол аст. Зеро ки ҳадафи ниҳоии тамоили ҷаҳонишавӣ ин баробар кардани сатҳи тараққиёти кишварҳои олам дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва билохир дар ҳамин поя яксон кардани онҳо мебошад. Пӯшида нест, ки монеаи асосӣ дар роҳи пиёда кардани ин ҳадафҳо давлатҳои миллӣ, махсусан, фарҳанг, забон, худшиносию ҳувияти миллӣ ва расму русуми онҳо мебошад. Чунки маҳз ҳамин арзишҳо меъёрҳои калидии ташаккули худшиносӣ ва “Ман”- ро аз “Вай” фарқ кардани ин ва ё он миллат аст.

Имрӯз дар баробари ҷаҳонишавӣ ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ низ ба раванди фароҷаҳонӣ ва бебозгашт табдил ёфтааст. Сабаб ҳамин аст, ки ягон давлати миллӣ аз васеъшавии майдони иттилоотӣ канораҷӯи карда наметавонад. Нодида гирифтани ин тамоил маънои ба мушкилиҳо мувоҷеҳ кардани рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мамлакатро дорад. Аз ин рӯ, қисми зиёди сиёсатмадорони кишварҳои ҷаҳон на роҳҳои гурехтан ва ё дар "пироҳани миллӣ" пинҳон шуданро аз таъсири ин тамоилҳо, балки бо талаботи ин ду тамоил мутобиқ кардани арзишҳои миллиро ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он ҷустуҷӯ менамоянд.

Дар ҳошияи ин падидаҳои нав як қатор саволҳо, аз ҷумла дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ давлат то кадом андоза қобилияти назорат кардани иттилоотро дорад? Оё ҷомеаи иттилоотӣ давлатҳои миллиро иваз карда метавонад? Худишиносӣ ва ҳувияти миллиро чӣ гуна пайомадҳо интизоранд? Роҳҳои таъмини бақои онҳо кадоманд?, аҳамияти хоссаи назариявию амалӣ пайдо намудаанд.

Пеш аз ҳама як нуктаи хеле ҳам ҳассос ва муҳимро таъкид кардан бамаврид аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ наметавонанд хуб ва ё бад бошад. Он ҳамчун шакли ҳаёти иҷтимоӣ хусусияти бетарафӣ ва беғаразона дорад ва бо ҳамин сабаб пайомадҳои хуб ва ё бад ба бор оварданаш аз он вобаста аст, ки бозингарони арсаи сиёсати ҷаҳонӣ онро бо кадом мақсад истифода мебаранд ва элитаи сиёсии мамлакатҳои алоҳида то кадом андоза аз имконият ва захираҳои ин тамоил самаранок истифода бурда метавонад.

Ғайр аз ин боз як нуктаи дигар аз табиати беғаразона доштани ин падида гувоҳӣ медиҳад, ки иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва фазою шабакаҳои он аслан натиҷаи рушди ниҳодҳои шаҳрвандӣ мебошанд.

Бо вуҷуди бо сохторҳои ҳокимият робитаи бевосита доштан ҷомеаи иттилоотӣ пеш аз ҳама барои субъектҳои иҷтимоӣ имкониятҳои бештареро барои интихоби арзишҳое, ки ба даст овардани онҳо дар доираи ҷомеа ва давлат маҳдуд аст, фароҳам меоварад.

Бештар аз ин иттилоотро, ки аксаран аз назорати ҳокимияти расмӣ берун аст, "ҳокимияти чорум" меноманд. Иттилоот аз азал табиати байналмилалӣ дорад ва аз мансубияти миллию динӣ орӣ мебошад. Барои он сарҳадҳои миллӣ вуҷуд надорад. Яке аз сабабҳои асосии мушкил будани назорати сарҳадҳои миллӣ аз хавфи воридшавии иттилооти зараровар низ дар ҳамин аст.

Чуноне ки Ҷ. Бабет мегӯяд, дар замони муосир давлат қобилияти назорат карданро на фақат аз болои селаҳои молиявие, ки аз пеши чашми он мегузаранд, балки аз болои иттилоот низ надорад.

Чунин вазъ метавонад сабаби ба фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ворид шудани маводи номатлуб, арзишҳои носолими мафкуравӣ ва бар ҷурми ин ба буҳрон гирифтор шудани ҳувияти миллӣ шавад. Дар чунин ҳолат давлат на ҳамеша имконияти дар руҳияи арзишҳои ахлоқии барои устувории пояҳои ҳокимият зарур ва миллию анъанавӣ тарбия кардани

аҳли ҷомеаро самаранок истифода бурда метавонад. Барои он ки мардум имконияти дастраст кардани қисми зиёди иттилоотро аз дигар манбаъҳои ғайридавлатию алтернативӣ пайдо менамояд.

Ба ҳамин минвол идома ёфтани кор метавонад барои пойдории давлатҳои миллӣ, алалхусус худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ хатарҳои ҷиддӣ эҷод намояд ва нигоҳ доштани оромии сиёсӣ ва назму низоми иҷтимоиро мушкил гардонад.

Худшиносии миллӣ табиатан доираи хосси фаъолият, заминаҳои муайяни ташаккулу рушди худро дорад ва вазъи чи гуна ташаккул ёфтани он аз бисёр ҷиҳат на фақат аз имконияти иттилоотро назорат кардан, балки аз он вобастагӣ дорад, ки давлатҳои миллӣ то кадом андоза ба ҷомеаи иттилоотӣ ворид шудаанд.

Бо дарназардошти он ки имрӯз беш аз 80% аҳолии ҷумҳурӣ ба фазои иттилоотӣ ворид шудаанд, метавон гуфт, ки тарҳи ҷомеаи иттилоотӣ дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор дорад. Агар такрор шавад ҳам, таъкид кардан ба маврид аст, ки дар чунин сурат нодида гирифтани оқибатҳои харобиовари он барои худшиносию ҳувияти миллӣ ва кӯшишҳои канораҷӯи аз таъсири он номумкин аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯшишҳои бархе аз давлатҳо барои дар қаламрави кишвари худ тавассути омилҳои ниҳодӣ маҳдуд кардани фаъолияти сомонаҳои иттилоотӣ ба нокомӣ анҷомиданд.

Бояд таъкид кард, ки имрӯз на фақат ташаккули миллатҳо, худшиносии миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, ифтихори миллӣ, хотираи таърихӣ ва ватандӯстӣ, балки рушди дастовардҳои иқтисодӣ ва дар ин асос мустаҳкам кардани легитимияти сиёсии (қонунӣ будани) ҳокимият ва боло бурдани сатҳи ваҳдати миллию иҷтимоии шаҳрвандон аз он вобаста аст, ки ин ва ё он кишвар то кадом дараҷа имконияти истифода бурдани иттиллоот ва технологияҳои иттилоотию комуникатсиониро доро мебошад.

Ҳақ ба ҷониби С. Бондаренко аст, ки гуфтааст: “Имрӯз ҳувияти сиёсиро дар фазои кибернитикӣ бояд аз диди назари ҳувияти иҷтимоии фарду гуруҳҳо баррасӣ кард, вагарна фаҳмидани ақидае, ки эътиқоди мафкуравӣ ягона заминаи муттаҳидшавии одамон дар ҷомеаҳои самти муайяни идеологидошта буда наметавонад, мушкил мегардад” [1. №3. – С.76-92].

Ба инобат гирифтани ин нукта махсусан дар шароите, ки муборизаи мафкуравӣ дар шабакаҳои интернетӣ шакли ошкороро ба худ касб намудааст, муҳим аст. Инро дар баҳсҳое, ки дар Интернет роҷеъ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд, мушоҳида кардана мумкин аст. Пӯшида аст, ки аксар вақт бисёр ҳодисаҳои таърихӣ, рамзҳои миллӣ, ки ҳукми қонунӣ пайдо карда, заминаи худшиносӣ ва ҳувияти миллии давлатҳои Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд, мавриди ҳуҷумҳои таҳлилию иттилоотӣ ва таҷдиди назар қарор дода мешаванд. Аксар вақт баҳсҳо дар шабакаҳои интернетӣ хусусияти ниҳонӣ, яъне бе нишон додани ному насаби муаллиф, кишвар

ва муассиса баргузор мешаванд. Аз ҳама ташвишовараш дар он аст, ки вақтҳои охир сарварони сиёсӣ, намояндагони алоҳидаи элитаи сиёсӣ ва шахсияти ходимони маъруфи илму санъат ва вазъи иҷтимоии мардум мавриди танқиду таҳриф қарор дода мешаванд, ки ҳамаи ин дар ниҳояти кор метавонад эътиқоди аҳолиро нисбат ба ҳокимият коҳиш диҳад.

Дуруст аст, ки имрӯз Интернет ба озмоишгоҳи иҷтимое табдил ёфтааст, ки дар он ҷиҳати обод ё хароб кардани ҳаёти давлатҳои тозаистиқлол таҷрибаҳо гузаронида мешаванд [12, санаи муроҷиат 23.08.2023].

Тавассути шабакаҳои он бархе аз мамлакатҳо барои таҳрифи воқеияти таърихӣ, ба миллати худ мансуб донистани дастовардҳои халқҳои дигар ва тарғиби бузургманишинию худкомагӣ кӯшиш менамоянд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ташаккули ҳувияти сиёсӣ низ қисми таркибии лоиҳаҳои иттилоотӣ мебошанд ва онҳо ба худшиносию ҳувияти миллӣ қувваи иловагии қонунӣ мебахшанд.

Дуруст аст, ки худшиносии миллӣ ба туфайли арзишҳо ва асолату сарҳадҳои муайяни миллӣ зинда аст. Бинобар ин ҳамеша бо ҷомаеи иттилоотӣ, ки ин арзишҳо ва сарҳадҳои ҳудидиро бераҳмона рахна менамояд, дар муқовимати доимӣ қарор дорад. Вале ҳамзамон дар хотир бояд дошт, ки маҳз ба туфайли ҳамин технологияҳои иттилоотӣ мо имконият пайдо мекунем, ки он арзишҳо ва рамзҳои миллиеро, ки метавонанд ба ташаккул ва рушди худшиносию ҳувияти миллӣ мусоидат намоянд, дар як мудати кутоҳ дастраси аҳолии манотиқи гуногуни кишвар намоем.

Пас чӣ бояд кард, ки хостаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва худшиносии миллиро ба созиш оварем? Дар сурате ки якумаш манфиатҳои фаромиллӣ ва дуюминаш ниёзҳои ҷомеаҳою давлатҳои миллиро ифода мекунад.

Барои ҷавоби дуруст додан ба ин савол пеш аз ҳама бояд аниқ кард, ки давлат то кадом андоза ва дар кадом сатҳ равандҳои иттилоотиро назорат ва танзим карда метавонад.

Таҷрибаи мамолики пасосаноатӣ ва кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта аз он шаҳодат медиҳанд, ки чунин қобилияти назорат кардан аз он вобаста аст, ки давлат дар кадом "мавҷи тамадун" қарор дорад. Агар давлат дар "мавҷи тамаддуни кишоварзӣ" қарор дошта бошад, он гоҳ назорат ҳамафарогиранда мебошад. Зеро ки дар он барои иттилооти озод ҷойи холӣ хеле маҳдуд аст. Дар чунин шароит фазои озоди иттилоотӣ насиби шабакаю ниҳодҳои ғайрирасмӣ аст.

Дар давлатҳои дар "мавҷи тамаддуни саноатӣ" қарордошта назорат аз болои иттилоот суст мешавад, вале афзалияти худро нигоҳ медорад. С. Бондаренко бо дарназардошти ҳамин хусусияти ин марҳила навиштааст: "Элитаи сиёсӣ бошад, дар фазои кибернитикӣ барои ташаккули лоиҳавии ҳувияти сиёсии бозингарони ба ӯ наздик имкониятҳои зиёдтаре доранд, ки дар натиҷа барои ташаккули

шабакаҳои дахлдори маҷозии ҷомеа афзалият пайдо мекунад” [1, №3. – С.78].

Дар ин замина ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар “мавҷи тамадуни пасосаноатӣ ё худ иттилоотӣ” дастрасии одамон ба захираҳои иттилоотӣ баробар мешавад. Чунки шаҳрвандон барои гирифтани иттилоот, бидуни манбаъҳои расмии давлатӣ, ки зери назорати элитаи сиёсӣ мебошад, имконияти бештареро пайдо мекунанд.

Чунин имконият пайдо кардани шаҳрвандон чӣ оқибат дорад? Аз ин савол чунин ҷавоб бармеояд, ки на ҳама гуна иттилоот дорои масъулият ва ҳақиқат мебошад. Пас меъёри масъулият доштани иттилоот ва ҳақиқӣ будани он чӣ вобаста буда метавонад?

Пеш аз ҳама дар хотир бояд дошт, ки легитимияти худшиносии миллӣ аз рӯи он муайян карда мешавад, ки он дорои субъект ё гуруҳи субъектҳои муайян ҳаст ё не, зеро ки барои иттилооти интиқолдода ва ё пешкашнамуда онҳо масъул мебошад. Ҳамзамон ин иттилоот дар фазои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад”нусхаи” оддии воқеият бошад, ки ҳамчун ҳақиқат ба назар расад. Аз ин ҷо зарурати ташаккули фарҳанги иттилоотии аҳолӣ ба миён меояд. То ин ки онҳо ба масъалаи дастрас кардан ё интиқол додани иттилоот дар сомонаҳои интернетӣ масъулият ҳис ва маводи муфид ва ё хавфнокро фарқ карда тавонанд.

Дар хусуси он ки ҷомеаи иттилоотӣ пайгирона давлатҳои миллиро иваз мекунад, ҳаминро бояд гуфт, ки ин бофтаи сегона – давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ маҳсули талаботи ҳаётии инсон мебошанд ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ манфиати онро ифода мекунад.

Бештар аз ин, ҷомеаи иттилоотӣ ин намуди нави сохти иҷтимоӣ набуда, фазоеро инъикос менамояд, ки дар байни ин ду низоми иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ бо вуҷуди ҳамчун низом ташаккул ёфтани худ, на фазои ниҳодӣ, балки фазои вазифавӣ, яъне таъмин намудани робитаи байни онҳоро ишғол менамояд.

Ҳамин хосияти ҷомеаи иттилоотӣ ба мо имконият медиҳад, таъкид намоем, ки дар айни замон дар бораи фаноёбии давлатҳои миллӣ ва ҳамчунин таназзули худшиносии миллӣ фикр кардан барвақт аст.

Бо дарназардошти зиёд шудани падидаҳои иртиҷоии динӣ зикр бояд кард, ки имрӯз ҳаракатҳои ифротии динию сиёсӣ, ки худ парвардаи бозингарони асосии раванди ҷаҳонишавӣ мебошанд, арзишҳои сунатии мардуми мусалмон, ҷашнҳои миллӣ ва расму русуми онҳоро бидъат эълон намуда, барои давлатҳои миллӣ ва худшиносию ҳувияти миллии онҳо хатару таҳдидҳои наву бештаре эҷод карда истодаанд. Ин қабил ҳаракатҳои ғайрианъанавӣ дар ислом иттилоотро барои вайрон кардани арзишҳои сохтори давлат, барпо кардани низоми ягонаи робитаҳои динӣ ва татбиқи ҳадафҳои бунёди хилофати исломӣ, ки ҳамагуна сарҳадҳо, фарҳанг ва анъанаю расму русуми миллиро инкор мекунад, хеле васеъ ва айёрона истифода мебаранд. Мубориза барои дар амал татбиқ кардани

ин лоиҳа аксари ин гуруҳҳои сиёсатзадаи исломиро ба содир кардани амалҳои номатлуб водор месозад.

Дар чунин шароит худшиносии миллӣ ягона “лангаре” мебошад, ки аз як тараф, ҷомеа ва давлатро аз парокандагӣ ва аз тарафи дигар, асолати миллӣ, фарҳанг ва расму русуми миллиро нигоҳ дошта метавонад. Дар тақвият додани ин раванд нақши элитаи сиёсӣ ҳамчун тарҳрез ва ташаккулдиҳандаи худшиносии миллӣ назаррас аст.

Ҳамин тариқ, аҳамияти нақши худшиносии миллӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ дар он аст, ки тавассути таъмин намудани таносуби арзишҳои миллӣ ва байналмилалӣ вазъи муътадили сиёсии ҷомеаро ба миён меоварад. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, худшиносии миллӣ на ба маҳдуд кардани фазои иттилоотӣ, ки барои ташаккул ва рушди он беҳтарин восита аст, балки ба мақсадҳои бунёдкорӣ истифода бурдани он манфиатдор аст. Зеро ки худшиносии миллӣ дар фазои ниҳодҳои давлатӣ қарор дорад ва имконияти фароҳам овардани шароити заруриро барои рушди ҳам ниҳодҳои давлатӣ ва идеологияи он дар шакли рамзҳои миллӣ ва ҳам ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ, ки моҳиятан унсурҳои муҳимтарини худшиносии миллиро дар бар мегиранд, дорад.

Чуноне ки дар боло зикр карда шуд, дар замони муосир яке аз масъалаҳои баҳснок ин раванди ба ҷомеаи иттилоотӣ ворид шудани давлатҳои миллӣ ва тақдири ояндаи онҳо дар ин ҷомеа мебошад. Мувофиқи ақидаи Э. Тоффлер ва Д. Белл ҳомиёну намояндагони давлатҳои миллӣ бояд донанд, ки замони онҳо бо фаророрасии “мавҷи дуюми тамаддун”, яъне давраи саноатӣ ба охир мерасад. Зеро ки баъди давраи саноатӣ замони пасосаноатӣ оғоз меёбад [2, С.176 ]. Ба ибораи Э. Тоффлер, давраи пасосаноатӣ ё ин ки иттилоотӣ арзишҳои куҳнаи ниҳодиро ба арзишҳои наве иваз мекунад, ки ҷавобгу ба талаботи замони муосир мебошанд. Ба ақидаи вай, бо қадри тағйирёбии мавҷҳои тамаддун шаклҳои назорати иҷтимоӣ низ дигар мешаванд. Омили асосии назораткунандаи ҷомеа ҳокимият мебошад, ки дар ин асно ба се омил - зӯрӣ, сарват ва дониш такя мекунад [8, С. 78-79].

Агар дар “мавҷи якуми тамаддун”, яъне ҷомеаҳои тосаноатӣ (кишоварзӣ) назорати иҷтимоӣ дар шакли зӯри (қувва) ба амал бароварда шавад, он гоҳ дар “мавҷи дуюми тамаддун”, яъне ҷомеаҳои саноатӣ ин назоратро сарват, доройӣ иваз мекунад. Танҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳокимият зӯрию сарватро ба шакли сифатан нав – дониш ва иттиллот иваз мекунад. Дар натиҷа дониш ҳамчун арзиши олӣ ва моли асосӣ ба заминаи бунёди сохтори инноватсионии ҷомеа табдил меёбад.

Дар ин хусус яке аз асосгузорони мафҳуми “ҷомеаи иттилоотӣ” Д. Белл чунин гуфтааст: “Дар садсолаи омадаистода барои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, барои тарзи истеҳсоли дониш, инчунин барои хусусияти фаъолияти меҳнатии инсон ба вуҷуд омадани уклади нави иҷтимоӣ, ки ба телекоммуникатсия асос меёбад, аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Инқилоб дар ташкил ва коркарди иттиллот ва дониш, ки дар он нақши марказиро компютер мебозад, маҳз дар ҷомеаи пасосаноатӣ оғоз меёбад.

Барои фаҳмидани инқилоби телекоммуникатсионӣ ба инобат гирифтани се ҷанбаи ҷомеаи пасосаноатӣ муҳим аст: гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи хизматрасонӣ: аҳаммияти ҳалкунанда пайдо кардани дониши назариявии рамзишуда барои татбиқи инноватсияҳои технологӣ: ба муҳимтарин омили таҳлили бонизом ва назарияи қабули қарорҳо табдил ёфтани “технологияи зеҳнӣ” [3, С.330].

Боиси қаноатмандист, ки солҳои охир олимони тоҷик масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷумҳуриро дар партави раванди ташаккули ҷомеаи иттиллотӣ мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додаанд. Вале боиси афсус аст, ки дар аксари ин корҳои илмӣ диди назари асосгузорони назарияи ҷомеаи иттиллотӣ Э. Тоффлер ва Д. Белл нодида гирифта шуда, муаллифон ба он ақидаанд, ки гӯё дар Тоҷикистон ҷомеаи иттилоотӣ кайҳо боз ташаккул ёфта, фаъолият менамояд [8, С.81-83]. Ҳоло он ки ҷомеаи Тоҷикистон дар марҳилаи омодагӣ барои гузариш аз ҷомеаи кишоварзию саноатӣ ба ҷомеаи саноатию кишоварзӣ қарор дорад.

Ғайр аз ин дар бархе аз асарҳои таҳқиқотӣ ба хонанда андешаҳое пешкаш мегардад, ки чандин фарсаххо аз воқеият дур буда, зарурат ба танқид ҳам надоранд. Масалан, муҳаққиқ Нодирхонов Г.Г. дар рисолаи номзадии худ навиштааст, ки “... ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон бо тамоми зуҳуроташ як раванди ногузири объективи барои ташаккули шахсият мебошад” [6, С.14]. Дар ҳамин саҳифа такя ба ақидаи С.Р. Ишанова таъкид менамояд, ки “... ҷомеаи Тоҷикистони муосир дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои нисбатан инкишофёфта, ба монанди Чин, Ҷопон, Сингапур ва ғайра, ки тавонистанд, бидуни сохтори агросаноатӣ, ба марҳилаи ҷомеаи иттилоотӣ гузаранд, метавонад бар асоси ҳувияти худ, пурра аз марҳилаи агросаноатӣ ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ, ки мувофиқи стандарти ҷаҳонӣ бошад, гузарад” [6, С.14].

Вобаста ба ин як нуктаро таъкид кардан зарур аст, ки асоси ҷомеаи иттилоотиро ду сарват – дониш ва иттилоот ташкил медиҳад. Онҳо ҳамчунин қувваи асосии истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва идоракунии ҷомеа мебошанд. Ҷомеаҳое, ки дар ҳоли рушд қарор доранд, онҳо сараввал бояд ба марҳилаи саноатӣ ва баъдан ба давраи иттилоотӣ гузаранд.

Бо дарназардошти ҳамин масъала академик Р.К. Раҳимов нишондодҳои асосии рушди инсониро дар ҷумҳурӣ таҳлил намуда, навишта аст.: “Бо сабаби ҷузъи асосии андӯхтани сармояи инсонӣ будани таҳсилот баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ҳамчун самти муҳимтарини маблағгузории рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне ки дар ҳисоботи таҳлилии Кумитаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, сатҳи таҳсилоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол хеле баланд - 99,3% аст. Чуноне ки ҳисобу китоб нишон медиҳад, дар маҷмуъ, яъне аз рӯи ҳамаи намудҳои таҳсилот, сатҳи таҳсилоти аҳолии машғули кори ҷумҳурӣ 27,8%, аз ҷумла дар шаҳрҳо 40,7% , дар деҳот 22,2%, мардҳо 36,6% ва занҳо 15,3% мебошад. Ин рақамҳо барои

хулосабарорӣ ҷиҳати он ки дар байни аҳолии машғули кор шахсоне, ки таҳсилоти касбӣ доранд, ҳиссаи ночизро ташкил медиҳанд, асос шуда метавонад [7,№4, С.13-14].

Пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки Тоҷикистон имрӯз ба гирдоби ҷомеаи иттилоотӣ кашида шудааст ва барои гузариш ба он бояд пеш аз ҳама заминаи хуби техникию технологӣ, дастгоҳҳои пешқадами иттилоотию коммуникативӣ ва мутахассисони варзидаи соҳаро фароҳам оварад. Сатҳи имрӯзаи иқтидори таҳсилотӣ ва иттилоотӣ барои гузаштан ба ҷомеаи иттилоотӣ имкон намедиҳад.

Табиист, ки имрӯз баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, алалхусус, иқтидори таҳсилотии вай ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат қарор дода шудааст. Ғайр аз ин, ақидаи олимони ҷавон дар бораи он ки кишварҳои минтақаи ҷанубу шарқӣ ба туфайли ҳувияти миллӣ марҳилаи аграриро пушти сар карда, ба давраи иттилоотӣ гузоштаанд, асоси илмӣ надорад. Ҳарчанд ки ҳувият ва нангу номуси миллӣ яке аз муҳимтарин омилҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеаҳои мухталиф ба ҳисоб меравад. Чуноне ки таҷрибаи ба сатҳи ҷомеаи иттилоотӣ расидани онҳо нишон медиҳад, кишварҳои мазкур дар баробари ҳувияти баланди миллӣ доштан, ба ҳама мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявию техникӣ нигоҳ накарда, техникаю технологияҳои пешқадами мамолики ғарбро харидорӣ карда, фаъолияти онҳоро дар пояи арзишҳои ахлоқию фарҳангии миллати худ ба роҳ монданд. Яке аз сабабҳои асосии ба чунин сатҳи баланди рушд расидани онҳо низ дар ҳамин аст.

Ҳамин тариқ, агар андешаи Э. Тоффлер ва Д. Беллро ба инобат гирем, пас метавон гуфт, ки имрӯз Тоҷикистон дар байни сатҳи якум ва дуюм, яъне аграрию саноатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди ба фазои миллӣ роҳ ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои фаромиллӣ сабаби ҷой доштани баъзе аломатҳою унсурҳои ҷомеаи иттилоотӣ шуда бошад ҳам, дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ будани Тоҷикистон сухан гуфтан хилофи воқеияти ҳол аст. Кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати аз пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои авомӣ ҳифз намудани фазои фарҳангии кишвар яке аз иқдомҳои ҷиддиест, ки элитаи сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ барои ба даст овардани ин ҳадаф ҷаҳд карда истодааст.

Бояд гуфт, ки сатҳи худшиносию ҳувияти аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ то кадом андоза байни худ робитаҳои доимии иқтисодию хоҷагӣ ва фарҳангӣ доранд. Бинобар ин шабакаҳои иттилоотӣ, Интернет, алоқаҳои мобилӣ, чун роҳҳо, ба воситаи муҳимтарини мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва рафту омад табдил ёфта истодааст. Он беҳтарин воситаи ба мардум расонидани хабарҳои очил, муҳтавои сиёсати давлат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

Бидуни оқибатҳои манфие, ки дар партави бӯҳрони умумиҷаҳонии иқтисодӣ, аз ҷумла бӯҳрони иқтисодию молиявие, ки солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум дар ҷумҳурӣ ҷой дошт, элитаи сиёсӣ санадҳои

зарурии меъёрии ҳуқуқиро таҳия намуда, барои фароҳам овардани заминаҳои кофии моддию техникӣ ва технологию кадрӣ ҷиҳати гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ чораҳои амалӣ андешида истодааст. Зеро он хуб мефаҳмад, ки сатҳи зарурии иқтидори иттилоотӣ муҳимтарин ва самараноктарин стратегия барои таъмини Ваҳдати миллӣ, мутташакилии иҷтимоӣ, ташкилу сафарбарнамоии аҳолӣ ва рушди худшиносию ҳувияти миллӣ мебошад.

Набудани имкониятҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, махсусан, дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон, метавонад сабаби пайдоиши бисёр ҳолатҳои хурофотие шаванд, ки ба рушди устувори сиёсии ҷомеа хатар эҷод намоянд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки рушди шабакаҳои иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ падидаи мусбат аст. Канораҷӯӣ намудан аз он метавонад сабаби ба фазои иттилоотии кишвар роҳ ёфтани дигар воситаҳои коммуникатсионӣ, аз ҷумла тарғиби шифоӣ ва маҷозӣ дар гардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ягона роҳи ҳифз намудани асолати миллӣ, арзишҳои миллӣ ва худшиносию ҳувияти миллӣ ин фаъол намудани раванди воридшавӣ ба ин фазо, ташаккули фарҳанги иттилоотии мардум ва фароҳам овардани заминаҳои зарурии моддию техникӣ, технологию кадрӣ ва тавассути онҳо дастраси ҷомеаи ҷаҳонӣ гардонидани ин арзишҳои волои моддию фарҳангии миллат ва ба ин васила дар қатори дигар қавму миллатҳои мутамаддин нигоҳ доштани ҷовидонии он мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Бондаренко С.В. Политическая идентичность в киберпространстве // Политическая наука, 2005. - №3.
2. Белл Д. Грядушее постиндустральное общество. Опыт социального прогнозирования. Пер.с анг. Изд.2-ое, испр. и доп. – М.: Асаделия, 2004.
3. Белл Д. Социальные рамки информационного общество. – М.: Политическая литература, 1991.
4. Исомидинова Ф.М. Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ:таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ. Дисс. барои дарёфти дарҷаи ил. н.и.ф., Душанбе. – 2023;
5. Камолов Ш.В. Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ. Дисс. барои дарёфти дарҷаи ил. доктори фал. (Phd), Душанбе. – 2023.
6. Нодирхонов Г. Г. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ). Автореф. барои дарёфти дараҷаи ил. н.и.ф., Душанбе. – 2018.
7. Рахимов Р.К. О национальном доходе \\ Экономика Таджикистана. Стратегия развития. – Душанбе, 2007, №4.
8. Тоффлер Э. Метамарфозы власти \Пер. С англ. – М.: 000 «Издательство АСТ», 2001.
9. Урунова Х.У. Менталитет нации и глобализационные процессы современности (социально – философский анализ). Автореф. дисс.на соиск.уч.степени д.ф.н., Душанбе – 2018;
10. Холиқов Ф.А. Хусусиятҳои амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир. – Душанбе, 2022.

11. Хайдаров Р. Дж. Таджикистан в условиях глобализации: социально – философский анализ. Монография. – Душанбе. – 2020.
12. Turkle S/ Lifoon+he screen:identity in the age of the internet

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти қавму миллатҳои замони муосир – ҳифзи худшиносии миллии онҳо аз пайомадҳои имконпазири раванди ҷаҳонишавӣ, махсусан, қувват гирифтани нуфузи ҷомеаи иттилоотӣ, ки оламро ба як “деҳи калон” табдил додаст, баррасӣ гардидааст.

Аз ҷумла таъкид шудааст, ки ҷомеаи иттилоотӣ наметавонад хуб ё бад бошад. Оқибатҳои хуб ё бад ба бор оварданаш аз он вобаста аст, ки элитаи сиёсии мамолики дунё, аз ҷумла Тоҷикистон то кадом андоза аз имконияту захираҳои ин тамоил самаранок истифода бурда метавонад. Кӯшишҳои канорачӯӣ кардан аз ин тамоил ва ё нодида гирифтани он маънои ба мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ мувоҷеҳ кардани миллатро дорад.

Дар партави тағйиротҳои сайёравии мафҳумҳои анъанавии “давлатдории миллӣ”, “сарҳади миллӣ”, “истиқлолияти миллӣ” , “сиёсати дохилию хориҷӣ” ва “анъанаю фарҳанги миллӣ”, ки ҷаҳвари худшиносии миллиро ташкил медиҳад, зикр карда мешавад, ки ягона роҳи халосӣ ин на пинҳон шудан дар “пероҳани танги миллӣ”, балки фаъолона ворид шудан ба ин маҷро ва ба ҳамин васила дастраси ҷаҳониён гардонидани арзишҳои миллии худ мебошад.

Вобаста ба ҳамин нукта дар мақола як қатор саволҳои рӯзмарра ва ҳамзамон ҳалталаб, аз қабили “Давлат то кадом андоза қобилияти назорат кардани иттилоотро дорад?”, “Оё ҷомеаи иттилоотӣ давлатҳои миллиро иваз карда метавонад?”, “Кадоманд роҳҳои таъмини дурусти хостаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва худшиносии миллӣ?”, “Роҳҳои таъмини бақои арзишҳои миллӣ кадоманд?” ва ғайра ба миён гузошта шуда, зимни омӯзиш ва таҳлили ҳар яке аз онҳо тавсияҳои дахлдори назариявию амалӣ пешниҳод карда гардидааст.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи иттиллоотӣ, худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ, давлатдории миллӣ, арзишҳои миллӣ, нахустин давлатҳои ҷаҳонӣ, иттилоот, технологияҳои коммуникативию иттилоотӣ, фарҳанги иттиллоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, мавҷи тамаддунҳои кишоварзӣ, саноатӣ ва пасосаноатӣ.

**АННОТАТСИЯ**

**Информационное общество и проблемы защиты национальной идентичности**

В данной статье рассматрвается один из важнейших вопросов жизни современных этносов и наций защита их национальной идентичности от возможных последствий глобализации, в частности, усиления влияния информационного общества, превращавшего мир в «большую деревню».

В частности, подчеркивается, что информационное общество не может быть хорошим или плохим. Достижение хороших или плохих результатов зависит от того, насколько политическая элита стран мира, в том числе и Таджикистана, сможет эффективно использовать возможности и ресурсы этой тенденции. Попытки избежать этой тенденции или игнорировать ее приводят к столкновению нации с социально-экономическими, политическими и культурными проблемами.

В свете глобальных изменений традиционных понятий «национальная государственность», «национальная граница», «национальная независимость», «внутренняя и внешняя политика» и «национальные традиции и культура», составляющих сущность национальной идентичности, отмечается, что единственный выход – не прятаться в «узконациональном скорлупе», а активно войти в этот поток и тем самым сделать свои национальные ценности достоянием миру.

В связи с этим, в статье поднимается ряд наболевших и в тоже время актуальных вопросов, таких как: «В какой степени государство имеет возможность контролировать информацию?», «Может ли информационное общество подменять национальные государства?», «Как обеспечить соотношение между потребностью информационного общества и национальной идентичности?» и т. д., в ходе изучения и анализа каждого из которых предложен ряд теоретических и практических рекомендаций.

**Ключевые слова:** глобализация, информационное общество, национальное самосознание, национальная идентичность, национальная государственность, национальные ценности, государства первого мира, информация, коммуникативные и информационные технологии, интернетные-сайты, волна аграрной, индустриальной и постиндустриальной цивилизации.

## ANNOTATION IN ENGLISH

### Information society and problems of protecting national identity

In this article, one of the most important issues in the life of modern peoples and nations is the protection of their national identity from the possible consequences of globalization, in particular, the increasing influence of the information society, which has turned the world upside down. To the «big village».

In particular, it was emphasized that the information society cannot be good or bad. Achieving good or bad consequences depends on how much the political elite of the countries of the world, including Tajikistan, can effectively use the opportunities and challenges of this trend. Attempts to avoid this trend or ignore it mean facing the problems of the socio-economic, political and cultural development of the nation.

In light of global changes in the traditional concepts of “national statehood”, “national border”, “national independence”, “domestic and foreign policy” and “national traditions and culture”, which constitute the essence of national identity, he noted that the only way out is not to hide in “narrow national cloak”, but to actively enter this flow and thereby make our national values accessible to the world.

In this regard, the article raises a number of everyday and topical questions, such as: “To what extent does the state have the ability to control information?”, “national identity?”, “What are the ways to ensure the survival of national values?” etc., during the study and analysis of each of them, a number of theoretical and practical recommendations were proposed.

**Key words:** globalization, information society, national identity, national identity, national statehood, national values, first world states, information, communication and information technologies, Internet culture, wave of agrarian civilization, post-industrial industry.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Ҷононов Сайидамир** –доктори илмҳои фалсафа,- профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; **тел: 904245500**

## НАВРӮЗ ВА СУННАТҲОИ БОСТОНӢ ДАР АСАРИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

**Абдулатипов У.Ҳ. н.и.ф., дотсент**

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Наврӯз падидаест, ки аз ҷониби худи табиат барои аҳли сайёраи Замин тақдим шудааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Наврӯз яке аз ҷашнҳои хуштарину қадимии тоҷикону эрониён буда, аз оғози рӯзи нав хабар медиҳад. Зеро истилоҳи “Наврӯз” дар бештари забони кишварҳои ин ҷашнвораро қайдкунанда, фақат бо тағйири бархе аз овозҳо талаффуз карда мешавад. Тибқи асотиру ривоятҳо ва сарчашмаҳои қадимӣ Наврӯз ҳамчун падидаи нодир барои пайдоишу ташаккули расму оинҳои муайяни халқияту миллатҳо заминаи назариявию амалӣ гузоштааст. Шояд ҳамин ҳукм буд, ки дар Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таъкид шудааст, ки “Наврӯз ба гуфтугӯи миёни фарҳангҳо ва ҳамдигарфаҳмии мардумони сайёра мусоидат мекунад”[6, с.5].

Падидаи наврӯзӣ то андозае дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна густариш ёфта, ки ҳатто ба фарҳанги бештари қитъаи Авруосиё таъсири амиқе гузоштааст.

Бинобар ин, омӯзиши масъалаи иҷтимоиву фарҳангии падидаи Наврӯз аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди назар қарор дода шудаанд. Махсусан заминаи ин гуна таҳқиқот бештар аз сарчашмаҳои қадимӣ ба монанди “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ, “Наврӯзнома”-и Умари Хайём, “Осор – ул - боқия” ва “Ат - тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ, “Зайн – ул - ахбор”-и Абусаиди Гардезӣ, “Ал – маҳосин – вал - аздод”- и Кисравӣ мебошанд. Ҳар яки ин манбаҳои таърихиву фарҳангӣ арзиши беандозае дар таҳқиқоти Наврӯз доранд. Дар байни ин гуна манбаҳо махсусан асари безаволи Абӯрайҳони Берунӣ “Осор – ул - боқия” мақоми хосаро дорост.

Бояд мутаззакир шуд, ки мутафаккир барои исботи қадимияти Наврӯз ва ин ё он расму оини наврӯзӣ бештар ба ҷаҳонбинии асотирӣ такя намуда, сабабҳои ба миён омадани онҳоро шарҳ додааст. Ҷаҳонбинии асотирии Берунӣ бо ҷаҳонбинии динӣ омезиш ёфтаву боиси инъикоси қадимияти расму оини наврӯзӣ маънидод мегардад. Барои

исботи ҳукмҳои сабтшуда бевосита ба фасли “Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст” назар мекунем. Масалан:

1. *Доир ба пайдоиши рӯзи нав, яъне Наврӯз* “мунаҷҷимон мегӯянд, ки Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард ва салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Пас аз чил рӯз аз нав ангуштариашро меёбад ва салатанаташ бар ӯ баргашт ва эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!»[1, с.232]. Аз назари Берунӣ уламои Эрон дар бораи Наврӯз дигар андешаро низ иброз доштаанд. Чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург буд ва он рӯзи тозае буд ва Ҷамшед ид гирифт ва Наврӯз муаззам гашт.

Боз ривояте пеш меорад, ки Ҷамшед ба тахт нишаста дар як рӯз аз куҳи Дамованд ба Бобул омад ва мардум аз ин дар ҳайрат шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд [1, с.233].

2. *Наврӯз ба маънои на танҳо баробарии шабу рӯз, балки дурсозии марг аз аҳли башар маънидод шудааст.*

Маҳз дар ин рӯз Ҷам амр менамояд, ки гӯристони куҳнаро бар замин яксон кунанд ва дигар гӯристони нав насозанд. Бо ҳамин дар давлати Ҷамшед ҳама саломату бардам буданду нафаре низ вафот намекард, то замоне ки хоҳарзодаи ӯ пайдо шуду Ҷамро бикушт [1, с.234].

3. *Оини обпошӣ ва ғусл дар рӯзҳои наврузӣ.*

Чун Сулаймон бодро амр намуд, ки ӯро бо тахт бардорад. Фароштурук омаду гуфт, ки роҳатро дигар кун чун дар роҳи ту ман лона ва дар он тухм гузоштаам. Пас Сулаймон роҳи худ дигар кард, чун фуруд омад, фароштурук ба руи Сулаймон катраи обро пошид ва як рони малахро ҳадя дод [1, с. 232].

Аз ин ҷост, ки мардум пештар дар омад - омади Наврӯз ба рӯи ҳамдигар об мепошанд ва ба якдигар хӯрокаҳо пешниҳод мекунанд.

Берунӣ дар баробари шарҳи обпошии мардум ҷиҳатҳои аслии ин оинро низ ба тарзи зисту зиндагонӣ вобаста месозад ва аз доираи ҷаҳонбинии асотирӣ баромада, нишон медиҳад, ки сабаби асосӣ ин аст, ки одамон аз дуду хокистари оташ дар фасли зимистон олуда шудаанд ва барои пок шудан дар рузи наврӯзӣ ба ҳамдигар обпошӣ менамоянд.

Чун дар замони Ҷамшед ягон ҷонзоте намурд худованд он вақт амр кардааст, ки се баробар Замин васеътар шавад, то одамон бо об ғусл намоянд ва аз гуноҳҳо пок шаванд. Чун об ба фаришта Ҳарузо тааллуқ доштааст бо нияти табаррукии ин фаришта ва дафъи офат одамон пас аз хоб аз оби корезу ҳавзҳо ва обҳои ҷорӣ дасту рӯи хешро мешустаанд [1, с. 236].

4. *Дар бораи ҳафтгонаи гандумдонагӣ*

Чун Иблиси лаъин баракатро аз мардум зоил карда буд, касе аз хӯрдану ошомидан сер намешуданд ва бодро намегузошт, ки бивазад то сабаби рӯидани дарахтон шавад. Пас Ҷам бо амри худованд ва роҳнамоии ӯ ба қасди манзили Иблису пайравони ӯ ба сӯи ҷануб мешавад ва дер мубориза мебарад. Чун Ҷам ба дунё боз мегардад ва монанди Офтоб толеъ шуд ва чун одамон ду офтобро диданд гуфтанд: «Рӯзи нав!». Ва ҳар як шахс дар роҳи табаррук ба ин рӯз дар таште ҷав

кошт. Сипас ин барои эрониён пойдор монд, ки рӯзи Наврӯз дар канори хона ҳафт хел аз ғалладона бар ҳафт табақ бикоранд. Ва аз рӯидани ин ғалла ба хубию бадии зироат ва ҳосили солиёна пешгӯӣ кунанд [1, с.235].

5. *Пайдоиши ҳафт шин:*

Муъбади Бағдод ҳикоят кард, ки найшакар дар кишвари Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуд... ҷамшед рӯзе наеро дид, ки каме аз обҳои даруни он ба берун таровиш карда буд. Ва чун Ҷамшед дид, ки он ширин аст, амр кард, ки оби ин найро берун оваранд ва аз он шакар созанд. Ва рӯзи панҷум шакар ба даст омад ва аз роҳи табаррук ба он мардум ба якдигар шакар ҳадя фиристоданд [1, с.234].

Дар таҳлилу баррасиҳои Абӯрайҳони Берунӣ унсурҳои асотирӣ боиси ҳалли масъалаҳои пайдоиш ва густариши оинҳои наврӯзӣ шудаанд, ки бештар хусусияти рамзиятро доранд. Агар ба осори донишмандони асримиёнагӣ назар андозем қариб тамоми осори онҳо саршори рамзият мебошад. Зеро такя ба асотирҳо яке аз рукнҳоест, ки баъдан дар заминаи он ҷаҳонбинии динӣ ташаккул ёфтааст. Бинобар ин “Рамзият нақши муҳимро дар раванди асотири динӣ бозида, онро (яъне асотирро) ба ҳаёти воқеӣ вобаста месозад ва  ифшошавии сирри олами дигарро инъикос менамояд, ки тафаккури инсони оддӣ на ҳама вақт онро дарк карда метавонад” [2, с.101].

Ҳамин тавр, дар “Осор – ул- боқия”- и Абурайҳони Берунӣ масъалаи Наврӯз аз назари асотирию динӣ мавриди таҳқиқи қарор дода шудааст. Бинобар ин андешаи муҳаққиқи аврупоӣ Л.Леви – Брюлро саривақтист ӯ қайд мекунад, ки “Вазифаи асосии асотир идораи ҷомеаи мавҷудбуда, ки ҳаёти воқеиро дар омилҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, истеҳсолӣ ва ҳатто биологӣ  таҷассум мекунад, иборат мебошад” [3, с.183]. Дар ҳақиқат Берунӣ фарзанди замони худ буд ва доираи андешаҳояш бояд ҳатман ба он давр мувофиқат мекард. Дар масъалаи ошкорсозии оинҳои наврӯзӣ саҳми мутафаккир хеле калон буда, яке аз арзишмандтарин сарчашмаҳои қадимӣ маҳсуб меёбад.  Асари Абӯрайҳони Берунӣ доир ба масъалаҳои наврӯзӣ зиндакунанда ва тақвиятдиҳандаи фарҳанги қадими халқиятҳо гардида дар замони ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангҳо аз ҳар фарди ҷомеа худогоҳиву худшиносии миллиро тақозо дорад. Зеро яке аз муҳаққиқони замони муосир Самюел Хантингтон дар андешаест, ки бо баробари раванди ҷаҳонишавӣ бархӯрди фарҳанги халқият ба вуқуъ пайваста, боиси аз байнравии бештари арзишҳои фарҳанги халқиятҳову миллатҳо мешавад [5].

Бинобар ин таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба масъалаи худшиносиву худогоҳии миллӣ заминаи пойдории расму оинҳои миллӣ аз ҷумла оинҳои наврӯзӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Берунӣ Абӯрайҳон. Осор–ул–боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990. - 432 с.

2. Богомолов А.С. Ойзерман Т.И. Основы теории историко-философского процесса. – Москва: Наука, 1983. - 286 с.
3. Леви – Брюль Л. Первобытное мышление. - Москва: Академический проект, 2022. – 430 с.
4. Лосев А.Ф. Философия, мифология, культура. – Москва: Политиздат, 1991. -521 с. – (Мыслители XX века).
5. Хантингтон Самюел. Столкновение цивилизации. – Москва: Издательство АСТ, 2022. – 640 с.
6. Ҳафт суфраи Наврӯз (суфраи аввал).–Душанбе: Эр–граф, 2014. –176 с.

## Аннотатсия:

Дар мақолаи мазкур ба омилҳои пайдоиши расму оинҳои наврӯзӣ дар асари Абӯрайҳони Берунӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуданд. Аз назари муаллиф пайдоиши Наврӯз дар асари Абӯрайҳони Берунӣ бештар хусусияти асотирӣ дошта, ифодакунанда ва пойдоркунандаи оинҳои наврӯзии халқиятҳо гардидааст. Ривоятҳои китобатшуда аз қадимияту аслияти оини наврӯзӣ гувоҳӣ дода, фардро ба иҷрои амалҳои муайян далолат мекунад. Дар охири мақола муаллиф зарурияти эҳёи анъанаҳои наврғзиро дар замони “бархӯрди тамаддунҳо” роҳи пойдор нигоҳ доштани фарҳанги пурғановати тоҷикон медонад.
**Вожаҳои калидӣ:** наврӯз, оинҳои наврӯзӣ, асотир, рамзият, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ.

**Аннотация:**

В данной статье большее внимание уделено факторам возникновения ритуалов Навруза в творчестве Абурайхана Беруни. С точки зрения автора статьи, причины возникновение Навруза в творчестве Абурайхана Беруни носит более мифологический характер и стал выражением и основанием для обряда народов в празднование Навруза. Записанные повествования свидетельствуют о древности и подлинности ритуалов в празднование Навруза и указывают на необходимость совершения человеком определенных действий. В конце статьи автор рассматривает необходимость возрождения все традиций Навруза когда происходят в наши дни «столкновения цивилизаций» и соблюдение традиции Навруза как способ сохранения богатой таджикской культуры.
**Ключевые слова:** Навруз, обряды Навруза, мифология, символика, мировоззрение, самосознание.

**Annotation:**

In this article, more attention is paid to the factors of the emergence of Navruz rituals in the works of Aburaikhan Beruni. From the point of view of the author of the article, the reasons for the emergence of Navruz in the work of Aburaikhan Beruni are more mythological in nature and became the expression and basis for the ritual of peoples in the celebration of Navruz. Recorded narratives testify to the antiquity and authenticity of the rituals in the celebration of Nowruz and indicate the need for a person to perform certain actions. At the end of the article, the author considers the need to revive all Navruz traditions when “clash of civilizations” occur these days and observing the Navruz tradition as a way to preserve the rich Tajik culture.
**Key words:** Navruz, Navruz rituals, mythology, symbolism, worldview, self-awareness.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулатипов Усуф Ҳасанович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
735700 шаҳри Хуҷанд, 92 779 11 86 usuf66@mail.ru

# ҶАШНИ НАВРӮЗИ СОКИНОНИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР НИГОРИШИ А.А. БОБРИНСКОЙ

**Аҷризоев М.М.-** н.и.т.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Наврӯз қадимтарин ҷашни мардумист, ки арзишҳои умумибашарии баробарии ҳамаи халқҳо ва адён, бародарӣ, хайру эҳсон, кӯшиши инсон ба сабзиш, бахшандагӣ, сулҳу ороми ва зиндагии созанда дар моҳияти он бозтоби бунёдии хешро ёфтаанд.

Таҳқиқотҳои А.А. Бобринской дар се самти асоси махсусан мардумшиносии Кӯҳистони Бадахшон ба ҳисоб мерафт, ки барои таърихи тоҷикон арзиши муҳим пайдо карданд. Ӯ тавассути усули муқоисави тақвим ва идҳои мардумии Кӯҳистони Бадахшон ва Зарафшонро таҳлил намуда, оид ба арзишҳо, анъанаҳо ва вижагиҳои ҷашни Наврӯз маълумоти арзишмандеро ҷавовари намудааст, ки барои илми мардумшиносии тоҷик аҳамияти махсус доранд. Дар мақолаи мазкур кушиш намудем, ки тақвим ва вижагиҳои ҷашни Наврӯзи сокиони тоҷикони Кӯҳистони Бадахшонро бо тоҷикони Зарафшон дар асоси асарҳои А.А. Бобринской ва дигар муҳаққиқон муқоисву таҳлил намоем.

Дар давоми экспедитсияҳо ба Кӯҳистони Бадахшон А.А. Бобринской ва ҳамсафони вай, ки се маротиба (1895, 1898, 1901) сафар намуданд, на танҳо барои омӯзиши этнография, бостоншиносӣ ва антропологияи халқи тоҷик асос гузоштанд, инчунин ба таҳқиқи таърихӣ халқи тоҷик мусоидат намуданд. Маълумотҳои ӯ имкон фароҳам оварданд, то ки ба ҳаёти мардуми кӯҳистон диққати олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб созад. Вай инчунин дар давоми сафари худ ба идҳо, ҷашнҳо ва тақвими мардумӣ диққати хоса дод, зеро дар ин унсурҳо бевосита таърихи анъанаҳои мардумӣ ва фарҳанги ин минтақа инъикос мегардид.

Дар хусуси истифодаи тақвим дар кӯҳистони Бадахшон А.А. Бобринской менависад, ки он пурра аз рӯи сохти бадани инсон номгузорӣ шудааст ва ин тарзи ҳисобкунии рӯзҳо барои А.А. Бобринской ҳамчун нововарӣ буд. Вай қайд мекунад, ки на ҳама ин тақвимро медонистанд ва танҳо пирони солхӯрда як ё ду нафар аз ин донишҳо воқиф буданд.[5]

Мардуми Кӯҳистони Бадахшон вобаста ба шароити табии зиндагониашон, вобаста ба шаклу намуди корашон тақвими шамсию қамарии худро тартиб доданд, ки баъзе аз онҳо то кунун ҳарчанд ба

---

[5]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. - С. 99.

тариқи шифоҳӣ расида бошанд ҳам, аҳамияти нуҷумии худро гум накардаанд. Дар алоқамандӣ бо табиату оламу инсон дар ҳисоби фаслҳои сол ва рӯзҳои он алоқамандии зич пайдо карданд. Бинобар ин, дар солшумории шамсӣ 12 моҳи бурҷи осмониро, ки аз Ҳамал сар мешаваду бо Ҳут ба поён мерасад, бо узвҳои бадани инсон алоқаманд намуда ва ҳар як узвро ба рӯзҳо тақсим мекарданд.[6]

Аз нақли мӯйсафедон А.А. Бобринской менависад, ки баъди он ки 40 рӯзи зимистон чиллаи калони зимистон аз (21 декабр то 30 январ аз рӯи тақвими замонавӣ) мегузарад, аз ҳамин давра ҳисоби рӯзҳо бо узвҳои бадан оғоз мешавад, ки он ба чунин тартиб омадааст:

1. Нохун - 3 рӯз инро баъзан Хир пи чор ё Офтоб ба мард мегуфтанд;
2. Пушти по - 3 рӯз
3. Шурчак буҷулаки пой) - 3 рӯз
4. Линг- 3 рӯз
5. Нармии пой- 3 рӯз
6. Хамби зону- 3 рӯз
7. Зону- 3 рӯз
8. Кордафсон (рони пой)- 3 рӯз

Мунаҷҷимони маҳаллии Кӯҳистони Бадахшон ба монанди Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфарухшоҳ, Мубораки Вахонӣ, Мирзо Мамадамони Рӯшонӣ ва дигарон на фақат ба мутолиаи асарҳои нуҷумшиносон Ғиёсиддин Алӣ Амирон, Мансури Кошӣ, Мирзо Улуғбек ва ғайраҳо машғул шудаанд, балки ба мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои худ баъзе асосҳои илми нуҷумро такмил додаанд. Шоҳзода Муҳаммад дар хусуси давомнокии ин тақвим чунин менависад: "Ин ҳисоб ба ин тартиб аст, ки сол сесаду шасту панҷ рӯз аст. Бибояд шинохт, ки Офтоб чанд рӯз биёбон меравад ва чанд рӯз ба мард меравад ва чанд рӯз Офтоб ниҳоли зимистон ва чанд рӯз Офтоб ниҳоли тобистон мебошад. Аксари доноён ибтидои солро аз аввали Ҷаддӣ мегиранд ва Ҷаддиро бурҷи шитоӣ мегӯянд, яъне Офтоб ниҳоли зимистон. Ва Ҷаддӣ бисту нуҳ рӯз мебошад ба дувоздаҳуми Далв чиҳилу як рӯз мешавад, чиллаи зимистон адо меёбад. Ҳаждаҳи Далв ҳисоб ба мард бояд гирифт, чунонки се рӯз нохун, се рӯз пушти по, се рӯз буҷули по, се рӯз шитолинг, се рӯз нармаи по, се рӯз бағали по. Далв адо меёбад, Ҳут медарояд. Се рӯз зону, се рӯз кордафсон, се рӯз мамари пеш, се рӯз мамари пас, нӯҳ рӯз рӯда, нӯҳ рӯз қабурға, Ҳут адо меёбад. Ҳамал медарояд. Се рӯз пардаи дил, нуҳ рӯз пайванди дил се рӯз дил. Ҳамал адо меёбад, Савр медарояд. Ду рӯз дандон, се рӯз димоғ, се рӯз чашм, се рӯз сар, се рӯз мағз бувад ва шаш рӯз Офтоб ба мард мебошад. Ҳафтдаҳи Сарв Офтоб ба мард мебошад, Зимистон адо меёбад. Аз ҳаждаҳи Савр биёбон ҳисоб бояд гирифт. Чаҳордаҳи Савр, сиву дуи Ҷавзо, чиллаи тобистон адо меёбад, чиллаи тирамоҳ медарояд. Сездаҳи Ақраб, бисту нуҳи Қавс чиҳилу ду рӯз мешавад ва чиллаи тирамоҳ адо меёбад. Чунонки наваду шаш рӯз Офтоб ба мард (аст) тобистон мебошад. Ҳаштоду се рӯз чиллаи тирамоҳ ва

[6]Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфарухшоҳ Осори нуҷумшиносӣ, куллиёт ҷилди 2, таҳиягарони матн, мураттибони луғот ва тавзеҳот: Умед Мамадшерзодшоев ва Шоҳзодамуҳаммад Шерзодшоев.: Нашриёти Паёми ошно. – Душанбе, 2017. – С. 9.

зимистон мебошад. Офтоб ниҳоли зимистон нуҳ рӯз аст: се рӯз аз тирамоҳ ва шаш рӯз аз Зимистони Офтоб ниҳоли зимистон мебошад, чунончи панҷ рӯз аз баҳор мебошад ва даҳ рӯз аз тобистон мебошад. Бад – ин ҳисоб наваду чаҳор рӯз баҳор ва наваду се рӯз тобистон мебошад. Ва як кам навад тирамоҳ ва як кам навад зимистон мебошад. Валлоҳу биҳақоиқ – ил – умур”.[7]

Дар гузашта ҳар як деҳаи кӯҳистонӣ ҳисобдони худро дошт. Онҳо барои ин маъмулан ҷои офтоббароро дар тарафи шарқ ва ғарб қуллаҳои кӯҳиро интихоб менамуданд...... ки онҳо деҳоти кӯҳиро иҳота мекарданд.[8] Ҳисобдонҳо дар дигар минтақаҳои тоҷикнишин низ буданд ва чуноне ки Г.А. Арандаренко дар мисоли Фалғар ва Киштут менависад, ҳисобдонҳо тамоми фасли сол боду ҳаворо пешгуӣ мекарданд.

Ю. Шодихон ва А. Шоинбеков дар китоби “Шогуни баҳор” зикр менамоянд” “Дар миёни мардуми Кӯҳистони Бадахшон ба ғайр аз ҳисоб аз рӯйи “андоми мард” (узвҳои мард) бо аз тақвими ҳисобӣ дигар мардуми Бадахшон истифода мебурданд, ки мантиқан давомаш буда, ҳисоби “марди шикорӣ” ном дорад. Фарқи ин ҳисоб дар он аст, ки дар он на фақат аз рӯйи андоми мард, балки ба он номи ҳайвонҳову ашёҳоро аз қабили “саг”, “асп”, “қучқор”, “барра”, “занҷир”, “зин”, “асо”, “курраи мех”, “камон”, “хайма” ва ҳатто “дашт” - у “даҳанаи дашт” илова карда, ин ҳисоб тӯлонитар мегардад”.[9]

А.А. Бобринской ин тақвими мардуми Кӯҳистони Бадахшонро бо тақвими мардуми Зарафшон муқоиса мекунад. Дар Зарафшон мувофиқи маълумоти ӯ одамон соли худро бо номи ҳайвонот таҷассум мекарданд ва агар касеро мепурсиданд, ки дар кадом сол таваллуд шудааст, вай ҷавоб медод, ки дар соли муш ё паланг ва ё дигар ҳайвонро ном мегирифт. А.А. Бобринской менависад, ки барои мардуми болооби Панҷ ин тариқ солшуморӣ чандон шинос набуд.

Тақвими мардуми Помирро И.И. Зарубин низ таҳқиқ мекунад. Вай соли 1914 ҳангоми сафари худ дар Помир ба тақвими мардуми Помир диққат медиҳад ва менависад, ки дар миёни мардуми Помир тақвими мусулмонии шамсӣ ва қамарии ҳиҷрӣ амал намекунанд.[10] М.С. Андреев ин тақвимро аз суханони сокинони Хуф «ҳисоби мард» ном мекунад.[11]

Аз идҳои мардуми кӯҳистон муҳимтаринаш фарорасии Наврӯз аст, ки он дар таркиби мазмуни худ фалсафаи бузургеро таҷассум мекунад. Аз фарорасии он мардуми деҳаро халифа ё ягон шахси соҳибилм хабар мекунад. А.А. Бобринской доир ба ин рӯз чунин менависад: «Дар рӯзи

---

[7]Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфарухшоҳ Осори нуҷумшиносӣ, куллиёт ҷилди 2, таҳиягарони матн, мураттибони луғот ва тавзеҳот: Умед Мамадшерзодшоев ва Шоҳзодамуҳаммад Шерзодшоев.: Нашриёти Паёми ошно. – Душанбе, 2017. – С. 67.

[8]Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфарухшоҳ Осори нуҷумшиносӣ, куллиёт ҷилди 2, таҳиягарони матн, мураттибони луғот ва тавзеҳот: Умед Мамадшерзодшоев ва Шоҳзодамуҳаммад Шерзодшоев:. Паёми ошно. – Душанбе, 2017. – С. 9.

[9]Шодихон Ю, Шоинбеков А. Шогуни баҳор:. Эр – Граф. – Хоруғ, 2019. – С. 41.

[10]Саркоров С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И.И. Зарубина), дисс. Канд. филол. наук, спец.10.02.22. – М., 2016. - С. 28.

[11]Андреев М.С. Таджики долины Хуф, Издание АН Таджикской ССР, выпуск 2. – Сталинобод, 1958. – С. 245

Наврӯз, вақте ки аҳли хонавода дар хонаанд, касе аз ҳамсояҳо савори хар шуда, ба хонаи онҳо медарояд. Бо худ вай боз гӯсфандро медарорад. Шахси харсавор аҳли хонаводаро бо Шогун Баҳор табрик мекунад ва ба гӯсфанд каме аз ғизо медиҳанд, пас аз он ҳама сари дастархон мешинанд»[12].

Шахси харсавор аҳли хонаводаро бо Шогун Баҳор табрик мекунад ва ба гӯсфанд каме аз ғизо медиҳанд. Пас аз он ҳама сари дастархон мешинанд». Ин ҳарфҳоро граф А.А. Бобринской аз суханони пир Саид Аҳмад оид ба ҷашнгирии Наврӯз дар Ишкошим навиштааст.

Дар баъзе минтақаҳо мардум аз мушоҳидаҳои худ фарорасии иди баҳорро бо нишонае муайян мекарданд. Дар замонҳои хеле пеш дар деҳаи Тингхони Шоҳдара, мардум аз рӯи кӯҳе, ки ба мисли душоха бо номи Тирандоз маъмул аст, тақвими худро муайян мекунанд.

М.С. Андреев қайд мекунад, ки дар Помир одатан барои оғози ягон кор аз шахсони соҳибилм мувофиқ будани рӯзро мепурсиданд, зеро агар рӯз мувофиқ намебуд, оқибати кор самар намеовард.

Дар мавзеи Шоҳдара дар иди Наврӯз ва дар баъзе деҳаҳои Бартанг хӯроки "Бат" ё "Боҷайём" (аз идҳои шогунӣ) тайёр карда, рӯйи девор расми нахчир мекашиданд. Ин одат мувофиқи таълифоти Д. Худоназаров дар вулусволии Шуғнони Афғонистон дар мавриди таҷлили иди Наврӯз низ барқарор аст.

Дар Рӯшон, хусусан, дар баъзе деҳаҳои Бартанг, дар рӯзи «Бат айём», ки ин маросим ҳам, чунон ки ишора шуд, ба иди Наврӯз иртибот дорад, ҳамчунин аз хамир дар шакли ҳайвонҳо, аз ҷумла нахчир месохтанд ва рӯи онро ба таоми маросимӣ молида, бо донаҳои зардолу ва чормағз оро медоданд.[13] Аз суханони сокинони водии Ғунд А.А. Бобринской шакли дигар, аммо ба ин монанди ҷашнгирии Наврӯзро қайд карда, менависад: «Ба хона хар медароранд ва дар кунҷи хона каме алаф ва гандумро мегузоранд. Агар хар ба сӯи алаф равад, сол вазнин ва душвор меорад ва агар хар гандумро интихоб кард ин сол соли фаровонӣ ва серию пурӣ хоҳад шуд.

Вахониҳо то аввалҳои асри XX1 Наврӯзро як ҳафта пеш аз 22 март қайд мекарданд. Аз 14 март сар карда, ба мушоҳидаи ба нишони дар кӯҳ буда, дами ғуруб расидани офтоб сар мекунанд. Рӯзе, ки офтоб ба нишон расид даромади моҳи Ҳамал ҳисобида, рӯзи дуюми Наврӯз ид гирифта мешуд.[14]

Бояд зикр намуд, ки А.А. Бобринской дар давоми сафари худ мутассифона оид ба ҷашни Наврӯзи сокинони Дарвоз маълумот намедиҳад. Гуфтан ба маврид аст, ки аз замонҳои қадим Дарвоз ҳамчун як минтақаи ҷуғрофӣ ва сиёсии таърихӣ бо хусусиятҳои хоси иқлим, шароити зиндагӣ ва урфу одати мардум шинохта шудааст. Ҳудуди Дарвоз дар водии дарёи Панҷ аз маҷрои рӯди Язгулом то кӯҳи Девдара, ки дар миёнаи

[12]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. – С. 163.

[13]Курбонхонова Н. Мифы о животных и птицах в фольклоре населения Горного Бадахшана. – диссер. 10.01.09 . – Душанбе, 2006. – С. 56.

[14]Одинамамад М. Вахон. – Хорог, 2010. - С. 20.

деҳаҳои Зуғари тобеи Дарвоз ва Шовуни тобеи Кӯлоб ҷойгир аст, тӯл мекашид ва соҳилҳои чапу рости ин дарёро фаро мегирифт.

Аз замони пеш дар ноҳияи Дарвоз дар қатори Самарқанду, Бухоро, Хуҷанду Кулоб, Ҳисору Бадахшону Қаротегин ва дигар ҷойҳо идгоҳи махсус ҷой дошт. Наврӯз ҳамчун эҳёи табиат ва хурами, умеду орзуҳои тоза, бахшишҳо ва оғози кишту кор меноманд. Бояд зикр намуд, ки дар бораи чанд рӯз ҷашн гирифтани Наврӯз дар Дарвоз ақидаҳои мухталиф ҷой дорад. Тибқи маълумотҳо дар бъзе деҳаҳои ноҳияи Дарвоз Наврӯзро як ҳафта ҷашн мегирифтанд. Дар баъзе деҳаҳои дигар  бошад аз 3 то 4 рӯз ҷашн гирифта мешуд.

Ба ақидаи Н. Емелянова дар замони Шуравӣ Наврӯзро дар Дарвоз фақат дар деҳаи Ёгед бо тантанаи махсус ҷашн мегирифтанд.[15] Бояд зикр кард, ки ҷашни Наврӯз дар Ёгед то се рӯз давом мекунад. Бегоҳии 20 март мардҳо ба қабристон рафта, сураҳои Қуръонӣ тиловат мекунанд, баъди он ба мазорҳои деҳа рафта  дар он ҷо низ дуохонӣ мекунанд. Баъди дуохонӣ писарону духтарон бо худ каме орд гиритфа ба хонаҳои хешу табор ҳамроҳи дигар шириниҳо ҳамчун рамзи зиндагии ширин ва покӣ гуфта ба онҳо тақдим мекунанд.

Хешу табор дар ин бегоҳии 20 -  март дар як ҷо ҷамъ мешаванд ва ин бегоҳиро дар Ёгед Маросими «Шаби Бурвеҷ» меноманд. Ҳатман дар «Шаби Бурвеҷ» беҳтарин хурокро мепазанд, чун шаби пухту паз, сари дастархони идона ҳамаи хешу табор сари ҳам меоянд шаби хурсадӣ, шаби фаровонӣ, шаби серию пурӣ, шаби табрику таҳният гуфтан ба умеде, ки тамоми сол хушбахти хурсандӣ фаровонӣ сирию пурӣ, сарҷамъӣ дар ҳар як хонавода бошад.»

тАқидаи дигар бо он аст, ки чун офтоб ба «Бурҷи Наврӯзҷойгаҳ» рост шуд», (яъне ки ба кунҷ, нуқтаи нави хеш расид) он гоҳ «Бурҷ веҷ» доир мешавад. Яъне, ки офтоб чун ба Бурҷи Ҳамал расид мардуми Ёгед он рӯзро ҷашн мегиранд ва чунин калима дар забони суғдӣ ба Ьурҷи Ҳамал, расидан мегуфтанд. Н. Шакармамадов менигорад, ки Қуллаи баландтарини ҷашни Наврӯз, ин «Шаби Бурвеҷ», рамзи хайробод бо соли рафта ва истиқболи соли нав, шаби баробаршавии шабу рӯз таҷлил мегардад.[16]

Сокини Ёгед Рустами Содиқиён мегуяд: «Шаби Бурвеҷ, ки одатан ба 20 – уми март рост меояд, мардум либоси нав ба бар карда, гурӯх – гурӯҳ дар хонаи хешу табор ҷамъ мешаванд ва дастархони наврӯзӣ ороста, то нимшаб базм мегороянд.

Баъд ан оне, ки «маросими шаби бурвеҷ» ва « маросими дух-духи бор» ба анҷом мерасад маросими дигар бо номи «Маросими тухумгузаронӣ» сар мешавад. Ин корро мардон ва писарон либосҳои навро ба бар карда анҷом медиҳанд. Тибқи маълумотҳои шифоҳӣ тухм

---

[15]Емельянова Н. Культура и религия Дарваза. – Памирская Экспедиция (статьи и материалы полевых исследований). М: И В Р. А.Н. 2006. - С. 87.

[16] Шакармамадов Н. Шаби бурвеҷӣ Ёгед. - /Адабҷон А. Ёгед ва Ёгедиҳо. – Душанбе.: Матбуот, 2012. - С.316.

рамзи сафедӣ, бахту иқболи сафед. Сериву пурӣ ва ширинӣ бошад рамзи ризқу рӯзӣ ва хайру баракатро доштааст.

Шаби 20 март тамоми хешу табор гирди дастархони пур нозу неъмат ҷамъ шуда, якдигарро табрику суханҳои нек орзу мекунанд. Дар ин тамоми мардум дар гирди хони Наврӯзи гирди ҳам меоянд.

Дар баробари ин чунин анъанаи мардумӣ касоне, ки ба ҳама дар соли гузашта ҷанҷол карда буданд, дар Наврӯз бояд ҳатман аз якдигар бахшиш пурсанду кинаву buғзро аз дилҳояшон дур кунанд. Баъди иҷрои ин маросимҳо дигар қисматҳои ин ид аз қабили: хурӯсҷанг, кабкҷанг, тухумбозӣ харпайка ва бозиҳои варзишӣ гӯштингирӣ, давидан ва бозиҳои ҳозира чун волейбол, баскетбол аз 20 то бегоҳии 21 – уми март ботантана ва шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешаванд.

Хулоса Наврӯз – ҳамчун рӯзи нав ва андешаи нав буда, аз қадим расм буд, ки мардум сари солро аз ин рӯз ҳисоб мекарданд ва бо истиқболи Наврӯз ҳама чизро нав мекарданд. Қариб ҳамаи навоҳии Бадахшон суннатҳои вижагиҳои худро дорад. Гуфтан ба маврид аст, ки А.А. Бобринской дар таҳлили тамоми ҷанбаҳои ҳаёти маънавии мардуми Кӯҳистони Бадахшон саҳми босазо гузошт. Вай тақвими мардуми Кӯҳистони Бадахшонро барои олимони он давра муаррифӣ кард ва онро бо тақвимҳои тоҷикони дигар минтақаҳо муқоиса менамояд. Ҳамзамон оид ба идҳои сокинони Кӯҳистони Бадахшон махсусан ҷашни Наврӯз маълумоти пурарзиш ва хусусиятҳову вижагиҳои онро бо дигар сокинои тоҷикон муқоиса ва таҳлил менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф, Издание АН Таджикской ССР, выпуск 2 [Текст] М.С. Андреев //. – Сталинобод, 1958. – С. 245
2. Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). [Текст] А.А. Бобринской//. – М., 1908. – С. 163.
3. Емельянова Н. Культура и религия Дарваза.- Памирская Экспедиция (статьи и материалы полевых исследований) [Текст] Н. Емельянова //. - М: И В Р. А.Н, 2006. - С-265.
4. Курбонхонова Н. Мифы о животных и птицах в фольклоре населения Горного Бадахшана. – диссер. 10.01.09 [Текст] Н. Курбонхонова //. – Душанбе, 2006.
5. Одинамамад М. Вахон [Текст] М. Одинамамад //. – Хорог, 2010.
6. Саркоров С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И.И. Зарубина), дисс. Канд. филол. наук, спец.10.02.22 [Текст] С. Саркоров //. – М., 2016.
7. Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфарухшоҳ Осори нуҷумшиносӣ, куллиёт ҷилди 2, таҳиягарони матн, мураттибони луғот ва тавзеҳот: Умед Мамадшерзодшоев ва Шоҳзодамуҳаммад Шерзод шоев.: Нашриёти Паёми ошно [Матн] Сайидфарухшоҳ ибни Шоҳзодамуҳаммад //. – Душанбе, 2017.
8. Шодихон Ю, Шоинбеков А. Шогуни баҳор [Матн] Ю. Шодихон, А. Шоинбеков // :. Эр – Граф. – Хоруғ, 2019.
9. Шакармамадов Н. Шаби бурвеҷӣ Ёгед.-/Адабҷон А. Ёгед ва Ёгедиҳо [Матн] А. Адабҷон . – Душанбе.: Матбуот, 2012. - С. 316.

УДК 391/395

# НАВРӮЗ ВА СУННАТҲОИ БОСТОНИИ МАРДУМИ БАДАХШОН

**Ғуломшоев С. А. –н.и.т., дотсент**
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ.
Тел.: +992 93 526 68 52. E-mail: Gulomshoev@mail.ru

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимтарини мардуми ориёитабор буда, дар Иҷлосияи 64-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 23 феврали соли 2010 аз ҷониби созмони байналхалқӣ оид ба ЮНЕСКО дар феҳрасти мероси ҷаҳонӣ сабт гардида, мақоми байналмилалӣ гирифт.

Наврӯз тимсоли покизагӣ, озодагӣ, накӯкорӣ, хайрихоҳӣ, бунёдкорӣ ва созандагӣ буда, фазилатҳои он тарғиби ваҳдати миллӣ, пос доштани хотираи неки гузаштагон ва эҳтироми кӯҳансолон мебошанд.

Таърихи пайдоиш ва таҷлили Наврӯз мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Таърихи Бухоро»-и Байҳақӣ, «Зайн ул ахбор»-и А. Гардезӣ, «Осор ул боқия»-и А. Берунӣ, «Наврӯзнома»-и У. Хаём ба давраи шоҳони пешдодӣ – Каюмарс, Таҳмурас ва Ҷамшед рост меояд.

Ба маросимҳои Наврӯзии гӯшаю канори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Гулгардон» ё «Бойчечакгӯӣ»-и водии Зарафшон, «Сайри лола» ё «Сайри гули лола»-и ноҳияи Исфара, «Иди арӯсон» ё «Ҷашни арӯсон»-и ноҳияи Ғончӣ ва ғайраҳо марбут мебошанд.

Фольклоршинос Рашид Қодиров доир ба таҷлили Наврӯз дар деҳаи Варгонзаи водии Қашқадарё ишора намудаст, ки «ҳар як оила барои пешвоз гирифтани ид тайёрӣ медиданд. Агар имконият дошта бошанд, ба худ ва фарзандон либоси нав медӯхтанд, агар имконият надошта бошанд, либосҳои кӯҳнаро шуста тоза мекарданд... Рӯзи ид зану духтарон ба абрӯвон усма, ба чашмон сурма ва ба даст ҳино баста либосҳои наву тоза мепӯшиданд [3, с.39]. Одамон боварӣ доштанд, ки агар Наврӯзро бо либосҳои наву тоза ва хонаи покиза пешвоз гиранд тамоми сол озодаву хурсандона зиндагӣ намуда, ба муроду мақсад мерасанд.

Таҷлили Наврӯзи Бадахшон аз маросимҳои «ҷуфтбаророн», «чоршанбесурӣ» ё «аловпарак», «ҷоруббандон», «хонатозакунӣ», «хонатаконӣ» ва «салом-салом», «хонагаштак» ва ғайраҳо иборат иборат мебошад. Бадахшониён дар тамоми давраҳои таърихӣ Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Наврӯз, ки ба сардии зимистон ва мушкилиҳои иқтисодӣ хотима мегузошт, одамон таҷлили он бесаброна интизор мешуданд.

Рӯзи таҷлили Наврӯзро мулло (халифа) мувофиқи соати саъд (нек) 19-22 март муайян менамуд ва дар баробари фарорасии Наврӯз корҳои деҳқонӣ оғоз мегардиданд. Мардум онро «Шогун» ё («Шогун- айём») (фоли нек, хайру муборак), «Хидир-айём» (иди бузург), «Бат айём» ва ғайра меномиданд [1, с.60-65].

Таҷлили ҷашни Наврӯз аз маросими «ҷоруббандон» оғоз гардида, одатан бонуи хона дар назди оташдон (танур) гули ҳамешабаҳорро дармегиронанд ва сардори хона ба он саҷда намуда, барои овардани дастаи ҷорӯб (чуб) ва химча ба ҷангал меравад. Баъди баргаштан бонуи хона ба китфи рости ӯ орд мепошид ва мард шибоғи (ҷоруб) сурхро оварда, барои тоза намудани хона чор ҷоруб - ду дастадор (савора) ва ду бедаста (пиёда) мебандад. Шояд онҳо рамзи чор унсури табиат (об, хок, ҳаво ва оташ) бошанд.

Рӯзи Наврӯз одамони калонсол саҳарӣ барвақт курпача ё ягон матои сурхро дар беруни хона паҳн менамояд, ки он рамзи офтоб, алов, гармӣ ва хурсандӣ мебошад. Сардори хона пас аз наҳорӣ, тамоми чизу чораи хонаро ба берун мебарорад. Ва бо чор ҷоруби бастагӣ - ду дастадори «савора» тамоми тиракҳои шифту девор ва ду бедастаи «пиёда» сутунҳо, деворҳои хона ва фаршро руфта тоза менамоянд. Баъди рӯбучини хона партоврро (чирк) берун мебароранд, вале дар ин вақт бояд ба ягон одам дучор нашаванд. Чунки балоҳои яксоларо аз хона берун мебароранд. Дар баробари баровардани партов ҷорӯбҳоро бо рӯймоли сурх баста ба воситаи равзан ба болои боми хона мепартоянд. Дар дохили рӯймоле, ки бо он ҷорубҳоро мебанданд, боз ду кулча мемонад. Ва шахсе, ки ҷорубҳоро дар болои боми хона маҳкам менамояд он кулчаҳоро тӯҳфа мегирад. Ин маросимро «хонабаророн» меноманд, ки баъди тоза намудани хона шифти онро бо орд оро медиҳанд.

Бонуи хона пас аз хонатозакунӣ оббозӣ намуда, либоси нав мепӯшад. Дар баробари хонатозакунӣ тамоми ашъёи хона ва гилему курпачаҳоро аз гарду чанг тоза намуда, ба хона меоранд, ки онро «хонатаконӣ» меноманд.

Чун маросими «хонатаконӣ» ба охир расад, тамоми гилему курпаро аз чанг тоза намуда, ба хона медароранд. Баъди ҷобаҷогузории чизу чораи хона, кӯдакон бо як ҷуфти навдаи тару тоза - гулғунчаи беди сурх «Шогун баҳор муборак» гуён вориди хона мегарданд. Бонуи хона «Бар рӯйи Шумо муборак» ё «Барои Шумо муборак» гуфта, навдаҳоро аз дасташ мегирад ва ба китфи рости онҳо каме орд мепошад.

Баъди хонатозакунӣ, бонувон сутуну сиқфи хонаро бо орди боқило оро медиҳанд ва мардон пусти чуби бедро бо корд оро дода, аз он «каҷак» ва ё «махак» тайёр менамоянд ва онро оварда дар сутурҳои хона мечаспонанд. Барои сафед кардани сутунҳо ва аршу «чорхона» бештар аз орди боқило истифода мебурданд. Ин навъи орд хеле нарм ва равғандор буда, хусусияти хуби часпакӣ дорад.

Орд разми бахту саодат ва серию фаровонӣ мебошад, ки ба фарзандону наздикон дар оғози сол - Наврӯз тамонно менамоянд. Дар замони Сосониён ҳар сол шоҳон дар рӯзи Наврӯз бози сафедро ба ҳаво сар медоданд ва таомҳои наврӯзиро, ки аз ширу ширбиринҷ иборат буданд ва дар болои суфраи сефед мегузоштанд. Дар Бадахшон ба китфи рости тифли навзод, арӯсу домод ва меҳмонони наврӯзӣ, орд (сафедӣ) мепошанд, ки он аз заони қадим хеле маъмул мебошад.

Дар баробари фаррасии Наврӯз одамони қаҳрӣ аз нав оштӣ мегарданд ва соли навро бо ниятҳои нек пешвоз мегиранд. Дасторхони

наврӯзиро бо «ҳафт сину шин» оро дода хешу табору ҳамсояҳоро ба меҳмонӣ даъват мекунанд, ки онро «хонагаштак» меноманд. Ҳамдигарро бо фарорасии баҳор ва кишту кори деҳқонӣ табрик намуда, онро бо рақсу суруд ва бозиҳои гуногун истиқбол менамоянд.

Мувофиқи маълумоти мардумшиносони намоёни рус А.А.Бобринской, М.С.Андреев ва А.К.Писарчик, ки дар деҳаҳои (ноҳияҳо – С.Ғ) Ишкошим, Шуғнон ва Рушону Рошткалъа фарорасии наврӯзро шахсе харсавор ё аспсавор деҳа ба деҳа пахн намуда, мардумро бо фарорасии ид муборакбод менамуд. Дар деҳаҳои номбурда мардум хонаҳояшро бо орд сафед намуда, дар рӯзи ҷашн арғунчакбозӣ ва рақсу сурудхонӣ мекарданд [2, 97].

Ин анъанаҳои дар замони Истиқлол аз нав эҳё гардида, занону духтарон ба арғамчакбозию доиранавозӣ ва бачаҳо ба чавгонбозӣ, буҷулбозӣ, тухмҷангандозӣ, хурусҷанг, кабкҷанг ва ғайраҳо машғул мешаванд. Ҷавонон дар гуштингирӣ, аспдавонӣ ва бузкашӣ ширкат менамоянд.

Дар бархе аз манотиқи Бадахшон маросими «аловпарак» роиҷ аст. Аловпарак расмест, ки пас аз афрӯхтани гулхан одамон дар даст ё гардан ришта баста, аз болои оташ мепаранд ва чунин мегӯянд: «Зардии ман аз ту ва сурхии ту аз ман». Ин анъана дар Самарқанду Бухоро дар рӯзи тӯйи хонадоршавӣ ба тарзи дигар баргузор мегардад.

Дар вақти фаро расидани шоми Наврӯз одатан кӯдакон рӯймолро ба банд баста ба хонаи хешу табор ва ҳамсояҳо идгардак («килоғузғуз») мераванд. «Килоғузғуз» аз «идгардак» бо он фарқ мекунад, ки «идгардак» дар иди Қурбон, Рамазон саҳарӣ барвақ ва «килоғузғуз» дар иди Наврӯз баъди ғуруби офтоб оғоз меёбад. Килоғузғуз дар шоми Наврӯз аз болои боми хона ба востаи равзан иҷро мешавад, ки матни он чунин аст:

Килоғузғуз баҳор омад, бо юғу сипор омад.

Бочак (чормағз) биё кар -кар бикун, равған биё шар-шар бикун…..

Соҳибхона рӯймолчаҳоро кушода, чизи дохили онро мегирад ва онро бо шириниҳо пур мекунад. Мувофиқи расму оини бадахшониён дар ин рӯз хоҳиши талабандагон рад карда намешавад ва мувофиқи имконият иҷро мешаванд. Дар замони пеш бештар дар шоми Наврӯз ҷавонон бо мақсади бунёди оила арӯсталабон меомаданд.

Як моҳ пеш аз ҷашни Наврӯз дар Бадахшон таҷлили «Хирчизун» («Офтоб дар мард»), таҷлил мегардад. Зарферо аз омехтаи хок ва пору пур карда, дар он навъҳои гуногуни ғалладона мекориданд. Аз рӯи нашъунамо сабза мушоҳида мекардан, ки кадом намуди зироатро кишт мекарданд.

Дар баробари Наврӯз маросими «Ҷуфтбаророн» оғоз меёбад ва дар ин рӯз Бобои деҳқон аввалин донаҳои умедро ба замин мекорад.

Дар минтақаҳои гуногуни Бадахшон маросими «Ҷуфтбаророн» бо ному хусусиятҳои гуногун таҷлил мегардад. Дар водии Вахон онро «тухмбаророн» ва дар водии Шуғнону Шоҳдара «ҷуфтбаророн» ё «шудгор» меноманд [4, 60-65].

Мувофиқи ақидаи Шакармамадов Н. дар ноҳияи Рӯшон ин амалро муйсафедоне баҷо меоварданд, ки авлоди онҳо сокинони муқимии ин маҳал будаанд. Ин авлодҳоро дар ноҳияи рӯшон «бункунтсай», дар водии Бачуви ноҳияи Рӯшон «дурчӣ», дар водии Язгуломи ноҳияи Ванҷ «файгунай» меномиданд.

Баъди «Ҷуфтбаророн» зиёфат баргузор мегардад ва атолаи кочиро [6, 51] бо фатиру кулча танаввул намуда, яке аз деҳқонони солхӯрда ва корозмуда ин дуоро мехонад: *«Илоҳо, омин, барори кор, арвоҳи Бобои Одам дар касбу кор мададгор»* ва тухмии бо худ овардаро ба замин пошида, якчанд қатор ҷуфт ронда, юғу сипорро аз говон халос мекунад. «Ҷуфтбаророн» одатан, дар рӯзи чоршанбе барпо мегардад. Ба қавли мардум, агар соле рӯзи чоршанбе ба ҷашни Наврӯз ва ҷуфтбаророн рост ояд, деҳқон аз заминаш ҳосили дилхоҳ гирифта метавонад [5, 25-29].

Дар баробари «ҷуфтбаророн» маросими «тухмбаророн» баргузор гардида, як миқдор гандум ё нахудро дар деги тафсон бирён менамоянд. Қобили қайд аст, ки то кунун суннатҳои зиёди Наврӯзӣ дар Бадахшон маҳфуз мондаанд, ки бо шарофати истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат аз нав эҳё гардиданд.

**Вожаҳои калидӣ:** Наврӯз (рӯзи нав), аловпарак, ҷоруббандон, хонатаконӣ, хонагаштак, орд, килоғузғуз, тухмбаророн, чавгонбозӣ, буҷулбозӣ, тухмҷангандозӣ, гуштингирӣ, ҷуфтбаророн.

АДАБИЁТ:

1.Андреев М.С. Таджики долины Хуф. – Вып. 2. – Сталинабад, 1958. – 526 с.

2. Бобринской А.А. Горцы верховье Пянджа (Вахонцы, ишкашимцы). – М., 1908. – 150 с.

3.Қодиров Д. Фольклори маросимии тореволюционии тоҷикони водии Қашқадарё. – Душанбе, 1963. – С. 39.

4. Шакармамадов Н. Расму оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон. – Хоруғ, 2011. - 169.

5. Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима. - 1975. – 194 с.

## НАВРУЗ И ДРЕВНИЕ ОБЫЧАИ ЖИТЕЛЕЙ БАДАХШАНА

В данном статье речь идёт о некоторых древнейших обычаях и обрядах праздника Навруза, ныне сохранивщихся в некоторых местах Бадахшана и находятся на гране исчезновении.

Древний праздник Навруз является символом чистоты, свободы и доброты, дружбы, нацианальное согласие, почитения памятника предков и уважение к старшим.

В ходе полывых этнографических работ выявлено, что в некоторых труднодоступных регионах Бадахшана до настоящее время сохранились ряд обычаев и обядов связанные с праздником Навруза, в том числе «Джуфтбаророн»-вывода волов, «Хонатакони»-уборка дома, «Салом салом»-посещение родственников, обряд «Килогуз-гуз» и тд.

**Ключевые слова:** навруз (новый день), перепрыгивание через огонь, связь веников, уборка дома, посещение родственников, гуляние по домам, мука, килоғузғуз, хоккей на траве, битва яйца, скачка лошадей, козлодрания, борьба, вывода волов.

## NAVRUZ AND ANCIENT CUSTOMS OF THE RESIDENTS OF BADAKHSHAN

**Sulaimonsho Gulomshoev**

Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of the History of the Tajik People of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 33Rudaki av.

E-mail: Gulomshoev@mail.ru, Phone: +992 93 526 68 52

This article talks about some of the most ancient customs and rituals of the Navruz holiday, which are now preserved in some places of Badakhshan and are on the verge of extinction The ancient holiday of Navruz is a symbol of purity, freedom and kindness, friendship, national harmony, veneration of the monument of ancestors and respect for elders.

Ancient holiday Navruz is the symbol of purity, freedom and kindness, which provides information about it in historical sources as the "Shahname"-A. Firdavsi, "Tarikhi Tabari"-Balhami, «The history of Bukhara»-Bayhaqi, "Zayn-ul-àkhbor"-Gardezi, «Kitob ut tavhim" and "Osor ul bokiya" -Aburayhoni Biruni and "Navruznoma"-Omar Khayyam. Nowruz in Badakhshan is connected with the ceremony of "Chuftbaroron"-output oxen, because on this day "Boboi Dehqon"-Santa-Farmer pours the first fertile grains on the ground.

**Keywords:** Nowruz (new day), jumping over fire, connecting brooms, cleaning the house, visiting relatives, walking from house to house, flour, kiloguzuz, plowing, field hockey, egg battle, horse racing, goat wrestling, wrestling, oxen pulling.

**Сведения об авторе:** Гуломшоев Силемоншо Акимшоевич- *кандидат исторических наук, доцент кафедры история таджикского народа ТГПУ имени Садриддин Айни. 734003, РТ. г.Душанбе,пр.Рудаки 121. Тел.: +992 935 26 68 52. E-mail: Gulomshoev@mail.ru.*

# ТАЪСИРПАЗИРИИ АШЪОРИ ГУЛРУХСОР АЗ БАҲОРУ НАВРӮЗ

**Зайдуллозода С. З.**–н.и.ф., дотсент

ДДОТ ба номи С.Айнӣ

*Дуруд, эй фасли сури орифона,*
*Дуруд, эй васли шӯри ошиқона.*
*Самои ишқро мастона рақсем,*
*Ки Наврӯзи дигар ҳастем ё на.*

Масъалаи таъсирпазирии ашъори адибон аз унсурҳои фолклорӣ, хусусан, таъсирпазирии осори шоирону нависандагон аз суннат ва ҷашнҳои мардумӣ яке аз паҳлӯҳои таҳқиқталаби адабиётшиносӣ ба шумор меравад. Дар ин росто, фаромӯш набояд кард, ки муҳимтарин сарчашма ва омили ташаккулёбии адабиёти навиштторӣ маҳз адабиёти гуфторӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, анҷом додани таҳқиқотҳои зарурӣ дар самти адабиёти гуфторӣ ва таъсирипазирии адабиёти навиштторӣ аз унсурҳои он бояд аз ҳадафҳои муҳитарини муҳаққиқони соҳа бошад.

Яке аз ҷашнҳои нотакрори қавми ориёӣ, ки тули қарнҳо бо шукӯҳу шаҳомати хоса дар умқи ҳадафҳои миллӣ реша давонда, чун дарахти боровар рӯз то рӯз миёни мардум бештар нумӯъ пайдо мекунад, Наврӯзи Аҷам аст. Зеро он гунае ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарҷ кардаанд: "Наврӯз ҷашни хислату амалҳои нек буда, муҳтавои асоси онро пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ташкил медиҳад" (5, 19). Наврӯз аслан падидаи нодири камолёфта ва ташаккулёфтаи иродаи мардум аст. Маҳз, халқи омӣ барои нигаҳдорӣ ва шаклгирии ин ҷашни аҷдодӣ аз замонҳои бисёр дури таърих то кунун саҳми амиқу бориз гузоштаанд. Ҳамин аст, ки моҳияту мундариҷаи ин ҷашни суннатӣ аслан дар осори халқӣ ҳамаҷониба инъикос гардида, баъдан ба адабиёти навиштторӣ роҳ ёфтааст.

Таҷассуми зебоиҳои баҳори нозанин ва Наврӯзи оламафрӯз дар осори адибони форс-тоҷик собиқаи беш аз 2000-сола дорад. Имрӯз низ инъикоси мавзуи баҳору Наврӯз аз ҷониби шоирону нависандагон бо шаклу усулҳои гуногун бозтоб мешавад. Хусусан, дар ашъори бонувони суханвар ин мавзуъ бо назокату латофати хоса ҷило медиҳад. Дар ашъори занона инъикоси мавзуи баҳору Наврӯз аз ду ҷиҳат фарққунанда аст:

1.Аз он ҷо ки баҳор қалби занона ва Наврӯз ҷавҳари модарона дорад, кашфи зебоиҳои ин ду барои бонувон, хусусан, бонувони суханвар дастрастар аст. Масалан, тасвири занонаи Гулрухсор дар мавзуи баҳору Наврӯз дар рубоии мазкур бисёр амиқу нозук аст, ки хоси шеъри мардона буда наметавонад:

Дар дасти ману баҳор барқу қалам аст,  
Дар шасти ману баҳор марги адам аст.  
Наврӯзи ману баҳор аз лаҳза кам аст,  
Пирии ману баҳор пур аз алам аст (1, 68).

Дар воқеъ, танҳо хислати занона ҳаммонанди баҳор бо раъду барқи зудгузар ошност ва танҳо занон баъди Офаридгор қудрати иваз кардани хилқат, андеша ва ҳатто ҳолату воқеаҳоро доранд. Маҳз, занон ҳаммонанди баҳор қудрати офарандагӣ ва аз байн бурдани "адам"-ро доранд.

Ва ё дар ҷои дигар, инъикоси тасвири баҳор, худгумкардагиву ларзишҳои беихтиёри маъшуқа (зилзила) аз беқарории ошиқи пушти дар

бо назокати сухани занона омезиш ёфта, рубоии латиферо чунин тавлид кардааст:
Дарро бикушо, баҳор дар пушти дар аст,
Ишқу ҳавасу хумор дар пушти дар аст.
Як зилзилаи ҳисобӣ дар дидаву дил,
Як ошиқи беқарор дар пушти дар аст (3, 49).
2. Ҳарчанд баҳору Наврӯз зебоипарвару зебоиангезанд, бисёр муҳлати кам идома меёбанд. Аммо бонувон бо қудрати баҳору Наврӯз таваллуд шуда, қариб дар тамоми умр маҳз, дар заминаи ҳамин қудрат зиндагӣ месозанд, чароғ меафрӯзанду зебоӣ меофаранд. Пас, бонувон, хусусан, бонувони суханвар бартар аз баҳору Наврӯзанд. Ва ба ҳамин далел аст, ки шеъри занона дар инъикоси тамоми паҳлуҳо ва хусусиятҳои баҳору Наврӯз муваффақтар аст. Гулрухсор ба ҳамин маънӣ дар дубайтие аз қудрати баҳоргунаи худ чунин ёдовар шудааст:
Саноят дар салои ман шукуфта,
Ҳавоят дар фазойи ман шукуфта.
Бунафша дар канори ҷӯйборон,
Баройи ту, ба ҷои ман шукуфта (3, 110).
Ва ё дар ҷои дигар аз қудрати баҳоргунаи худ ёд карда, решаи ин қудрати созандаро дар таҷаллии ишқи деринтизор мебинад:
Аз он зебову зебобинам имрӯз,
Аз он гулпарвару гулчинам имрӯз.
Ки шояд баъди умре  интизорӣ,
Туро охир, туро мебинам имрӯз (3, 77).

Инъикоси мавзуи баҳору Наврӯз дар ашъори Гулрухсор, агар аз як ҷиҳат бо хусусияти занонагии худ фарқ кунад, аз ҷиҳати дигар бо инъикоси ғояҳои гуногунпаҳлу тафовут дорад. Гулрухсор мавзуи баҳору Наврӯзро дар жанрҳои гуногун сурудааст. Perояи дилнишини баҳору Наврӯз дар шеъри шоир гоҳо дар шакли рубоиву дубайтӣ, гоҳо дар шакли ғазал, ва ҳам гоҳо дар шакли маснавӣ ҷило додааст. Шоир дар партави инъикоси мавзӯи баҳор ғояҳои умедворӣ, садоқат ба ҳаёт, муъҷизадӯстдорӣ ва некбинӣ ба ояндаро талқин намудааст:
Баҳор асту дилам афсонахона,
Умеди зиндагонӣ ҷовидон аст.
Дар ин дунёи пири бемурувват,
Аруси орзуи ман ҷавон аст.
Баҳори орзуҳо бехазон аст (4, 98).
Дар ҳамин равиш гоҳо аз ишқ ва дили гумгашта ёдовар мешавад. Ҳарчанд ёфтани қалбаш барои Гулрухсор осор нест, аммо боз ҳам умедро аз даст намедиҳад:
Ба сад дар мезанам сар, ку садое,
Ки андар хона биншинад баҳорон?
Дили шайдои худро кардаам гум,
Миёни издиҳоми бахтиёрон,

Ки пайдо карадани он нест осон.(4, 44)
Дар осори Гулрухсор мавзуи баҳору Наврӯз бо тамоми паҳлуҳояш инъикос гардидааст. Шоир пеш аз ҳама хусусиятҳои мардумии ҷашнвораҳоро тараннум намуда, нигаҳдориву муаррифии суннатҳои аҷдодиро талқин кардааст.
Маросими "гулгардонӣ" дар байни маросимҳои дигари наврӯзӣ мавқеи калидӣ дорад. Зеро мардум маҳз, бо шукуфтани аввалин гули баҳорӣ омадани баҳору Наврӯзро дар диёрашон исбот мекунанд. Гулрухсор ба раванди баргузории ин маросим низ ишораҳои ҷолиб дорад. Аз ҷумла, дар васфи гули аввалини наврӯзӣ гуфтааст:

Арӯси навраси баҳман гули барф,
Чакан дар домани барзан гули барф.
Ду-се рӯзе бихандӣ сарду сода,
Барои худ ба ҷои ман гули барф (1, 129).

Ҷои дигар аёми кӯдакии худро ёдовар шуда, аз ҷустуҷӯҳои кӯдаконааш дар паи гули аввалбаҳор қисса мекунад:

Тифл будам, интизори навбаҳорон мешудам,
Дар хумори сабзаҳои кӯҳсорон мешудам.
Барфро бо дасти урён бо умеде рӯфта,
Дар зимистон сабзаю себарга ҷӯён мешудам (1, 28).

Ва ё ҷои дигар шодии бекаронаи худро дар талоши дарёфтани "гули нахусти баҳор" ба андозаи ними ҷаҳон číниста, бо тасвири зебои шоирона инъикос чунин намудааст:

Аз нигоҳи шарорабори барқ,
Боз чашми ҷаҳон бишуд равшан.
Дар талоши гули нахусти баҳор,
Боз ними замин бишуд аз ман (1, 51).

Маросими "гулгардонӣ" аслан бо иштироки кӯдакону наврасон шурӯъ мешавад. Зеро маҳз, онҳо ба суроғи гулҳои аввалин ба таллу теппаҳо рафта, пайғоми воқеии баҳорро ба калонсолон меоранд. Тавре Гулрухсор мегӯяд, дили шоиронаи ӯ садои зангӯлаи баҳорро аз рақси парасту, аз афтидани шушаҳои яхини лаби бом, аз шукуфтани аввалин гулҳои баҳорӣ, ки боиси гиряи сӯфиёнаи мурғи ҳақ (булубул) мешавад, аз паёми кӯдакони сабзпаём, ки аввалин гулҳои баҳориро меоранд, интизор аст:

Садои зангӯлаи баҳорро интизорам,
Зи паёми рақси парасту,
Зи алвидои ашки шушаи гӯшаи бом,
Садои зангӯлаи баҳорро интизорам,
Зи гиряи сӯфиёнаи мурғи ҳақ,
Зи хандаи кӯдакони сабзпаём... (3, 79).

Дар осори назмии Гулрухсор мавзӯи баҳору Наврӯз ҳамеша дар радифи мавзуи ишқ суруда шудааст. Аз он ҷо ки тавлиди Наврӯз ва ташаккули оинҳои он бо ташаккули зиндагии халқ тавъам аст, дар шеъри шоир унсурҳои халқӣ бисёр нозукона ба назар мерасанд. Масалан, дар шеъри

“Гулбаҳор” оини гулдӯзии духтарон дар фасли баҳор, хусусан, дар ҷашни Наврӯз бисёр дилнишин ба қалам дода шудааст:

Рӯймолча гулдӯзӣ кунад,
Дар боғи гулҳо Гулбаҳор.
Дар рӯйи шоҳӣ медаванд
Ангуштҳои беқарор (2, 29).

Тасвири табиати зебои баҳорӣ, инъикоси рӯзгордории мардуми оддӣ ва андаруни ташаббусҳои зиндагии деҳа ташаккули расму русуми халқӣ дар шеъри мазкур таваҷҷуҳангез аст:

Зангӯлаи овози мом,
Ҳар лаҳза мегардад баланд:
- Гул, гов нодӯшида аст,
- Гул, чой ноҷӯшида монд.
Моми ҷавону нозанин
Азбаски худ дилдода аст,
Зебоарӯсаш баҳри ӯ
То ҳол тифли сода аст (2, 29).

Зеро ба андешаи халқ вақте духтар ба гулдӯзӣ шурӯъ мекунад, ин яъне барои издивоҷ ва ташкили хонавода омодааст. Дар шеъри мазкур маҳз, ба ҳамин маънӣ ишора гардидааст:

Гул Гул бидӯзад бо ҳавас,
Хушранг чун дунёи худ.
Модар хавотир:
-Шӯхи ӯ –
Якборагӣ гулдӯз шуд?!
Духтар, ки гулдӯзӣ кунад,
Бар ӯ нигар чун бар арус,
Модар либоси туй пӯш,
Момо ҷиҳози туй дӯз (2, 29)!

Ҳамин аст, ки одатан, оилаҳои ҷавон маҳз дар фасли баҳор, хусусан, дар айёми Наврӯз бунёд мешаванд. Гулдӯзии духтарон, агар аз як ҷиҳат оини наврӯзӣ бошад, аз ҷиҳати дигар барои муайян кардани духтарони болиғу қадрас ва ташкили оилаҳои ҷавон фурсати хубест. Ҳамбастагии як оин (гулдӯзӣ) бо оини дигар (тӯйҳои хонадорӣ) дар айёми Наврӯз ҳикмати созандаву бунёдкори ин ҷашни аҷдодиро инъикос менамояд, ки дар шеъри Гулрухсор таҷаллии муассир дорад:

Рӯймолчаи ишқи нахуст
Бар соҳибаш бодо насиб!
Эй навҷавони дилрабо,
Ту дур ҳастӣ, ё қариб?
Гул гул бикорад баҳри ту
Андар замини навбаҳор.
Гулзори ӯро сабз кун,
Гулҳои ӯро дӯст дор (2, 89)!

Аз дигар оинҳои ҳикматофари Наврӯзи оламафрӯз руҳу қалбу ҷонро аз нопокиҳо тоза кардану зоҳиру ботинро яксон дар партави гуфтору пиндору кирдори нек парвариш додан аст, ки дар шеъри Гулрухсор инъикоси ҳамаҷониба дорад. Шоир ба ин маънӣ аз ошиқон мехоҳад, гарди фироқу кинаро бо омадани Наврӯз аз қалбу зеҳн дур намуда, ба аёдати ҳамдигар бираванд:

Бикшо дарамро бо пайки Наврӯз,
Гарди фироқат аз ҷонам афшон.
То хонаи ман гулхона гардад,
Аз хандаи ту баъди зимистон (3, 43).

Дар ҷои дигар бахшишу баҳамоӣ ва рафоқату дилҷӯиро бисёр оқилона аз оинҳои баҳорӣ дониста, ҳикмати зиндагисози баҳорро ошиқона ба қалам додааст:

Баҳор омад, ки мо бо ҳам биёем,
Баҳам чун ғунчаву шабнам биёем.

Ба каф паймонаи фурсатшуморӣ,
Ба базми нози гул хуррам биёем (3, 66).

Тавре маълум аст, аз оинҳои дигари наврӯзӣ ташкили базми суруду тарона ва шеъру сухан мебошад, ки бешубҳа дар ҳар давру замон хусусиятҳои хоси таҷлили худро дорад. Гулрухсор дар чунин рӯзи шодӣ баробарии одаму олам, шоҳу гадо, мансабдору бемансабро бо таманнои бекинаи шоирона бисёр латиф талқин намудааст:

Шеваи барбарӣ гузашт, шаҳнаи шаҳ ғулом шуд,
Насли хамӯшро бигӯ, фасли гулу калом шуд.
Барбати хуррамӣ бизан, Борбади ҳазини ман,
Оташи чашми ошиқон, соиқаи салом шуд... (4, 59).

Дар ҷои дигар бисёр мутмаинона мегӯяд, бо омадани Наврӯз "аламу кина" ҷову мақоме нахоҳад дошт. Қалами адибон ҳатман "ҳасратшикор" паи эҷод хоҳад буд:

Алам бебаргубор омад, шунидӣ?
Қалам ҳасратшикор омад шунидӣ?
Савори боли хушфоли чаковак,
Баҳори интизор омад, шунидӣ? (4, 89)

Дар дубайтии дигар ба анъанаи базми суруду тарона ва рангорангии баҳору Наврӯз ишора намуда, талмеҳи зебое ба Монӣ ва "Аржанг"-и ӯ намудааст, ки бисёр муаасир аст:

Баҳорон ранг андар ранг омад,
Пур аз созу пур аз оҳанг омад.
Ту гӯӣ Монии пири қаламкаш,
Зи руъё дар бағал "Аржанг" омад (4, 89).

Дар айёми наврӯзӣ дар баробари дур кардани кинаву адоват ва аёдати наздикон ба сари мазори гузаштагон рафтан, дуову фотиҳа кардан низ аз анъанаҳои неки халқи тоҷик аст. Маҳз, ба ҳамин маънӣ Гулрухсор дар мисраъҳои баъдӣ гуфтааст:

Аламдору алам Наврӯз дорад,
Қаламдору қалам Наврӯз дорад.
Чароғи лола худафрӯз, худсӯз,
Мазори куҳна ҳам Наврӯз дорад (4, 112).

Яке аз анъанаҳои наврӯзӣ ташкили хони "ҳафтсин"-у "ҳафтшин" аст, ки аслан ҳикмати амиқе дар решаи фарҳанги ориёӣ дорад. Яъне ҳанӯз пеш аз ислом гузаштагони мо ба хотири эҳтироми ҳафт Амшоспандон (фаришта) хони ҳафтгона бо рамзи "син"-у "шин" меоростанд. Ба ҳамин тариқ рақами "ҳафт" дар фарҳанги ориёиҳо ҷойгоҳи махсусе дорад. Гулрухсор низ бо ишора ба ҳамин ҳикмати "ҳафт" чунин овардааст:

...Ба хони ҳафтсину ҳафтшинаш,
Мадоро меваи сабру таваллост.
Чӣ Наврӯзе, ки гулшан меҳаросад,
Зи рақси ҳафтранги шаҳпаракҳо... (3, 66).

Чун Наврӯз ҷашни покизагиву созандагӣ аст, "хонатаконӣ" низ аз анъанаҳои рамзии ин ҷашн ба шумор меравад. Ба ин маънӣ Гулрухсор дар шеъри "Хонатаконӣ" ҳикмати ин анъанаро бо тамоми паҳлӯҳояш тафсир намудааст. Яъне, ҳадаф аз "хонатаконӣ" танҳо покизагии зоҳирӣ нест. Бо раҳо шудан аз ҷиҳози шикастаи хона, инсон бояд руҳу равонро аз шикастагиҳо пок намояд. Маҳз бо ҳамин умед қабл аз анҷоми "хонатаконӣ" мардум ҳатман ҷиҳози шикастаи хонаро берун мекунанд. Ин анъана бо тамоми ҳикматҳояш дар шеъри Гулрухсор бисёр муассир инъикос ёфтааст:

Ба фасли худ зи асли худ нумӯъ кун,
Ба гул бо лаҳни булбул гуфтугӯ кун.
Фикан бишкастаро, то нашканӣ худ,
Зи худ нашкастахудро орзу кун...
... Замони "гум шудан дар гумшудан"-ҳост,
Зи ҳар гумгашта худро ҷустуҷӯ кун.
Ба ашки ток зулфатро бидеҳ об,
Рухатро бо нами шаб ҷустуҷӯ кун.
Макун бад аз бадӣ ҷуз бад нарӯяд,
Накӯ хоҳу накӯ бину накӯ кун.
Бубояд хонаи худро такидан,
Нахуст, аммо дилатро дударӯ кун (3, 76).

Шоир ба ин анъана дар шеъри "Умеди наврӯзӣ" низ ишораи ҷолиб дорад. Ҳарчанд мавзуи шеъstartup ишқ аст ва он ба интизории маҳбуби деринтизор бахшида шудааст, аммо анъанаи наврӯзӣ ва иҷрои он инъикоси зебо дорад:

Рӯфтам пайраҳу гузаргоҳат,
Боиси ту кушода дастархон...
Ҷоми умед то кунун дар даст,
Дар раҳи ту нишастаам ҳайрон (3, 64).

Дар айёми Наврӯз анъанаи "фолкушоӣ" ва ё "бахткушоӣ"-и духтарон бо усулҳои гуногун амалӣ мешавад. Яке аз усулҳои фолкушоии маъмулӣ, ки

ҳанӯз дар байни омма, хусусан, духтарону писарони ҷавон ба назар мерасад, фолкушоӣ бо девони Хоҷа Ҳофиз аст. Гулрухсор бо ишора ба Ҳофиз ва “Шохи набот”-и ӯ аз ин анъана, хусусан, дар айёми фарорасии соли нав, яъне Наврӯзи Аҷам чунини ёдрас мешавад:

Соле, ки расиданист, соли ману туст,
Соли ману ту соли висоли ману туст.
Бо “Шохи набот”-и азалӣ Ҳофизи ишқ,
Фоле, ки гушуданист, фоли ману туст (3, 27).

Дар ҷои дигар шоир ба усули дигари фолкушоии духтарон “бо номи маъшуқ” ишора карда, ба ин тариқ анъанаи “бахткушоӣ”-и духтаронро инъикос намудааст:

Бо номи ту фол мекушоям ҳама умр,
Сарриштаи ҳол мекушоям ҳама умр.
Бо болу пари шикастаи танҳоӣ,
То боми ту бол мекушоям ҳама умр,
Эй боиси худсозиву худсӯзии ман,
Эй дар ҳама фасли сол наврӯзии ман (3, 92)!

Анъанаи “бахткушоӣ”-и духтарон ҳатман бо усулҳои гуногуни дуову муноҷот амалӣ мешавад, ки дар шеъри шоир бисёр ҷаззоб оварда шудааст:

Аз умри наоянда туро металабам,
Аз бахти напоянда туро металабам.
Эй гумшудаи дар нафаси ман пайдо,
Аз рафтаву оянда туро металабам.
Фарнозу фараҳсозу фаромӯз биё,
Бо рози нав аз равзаи Наврӯз биё (3, 92).

Дар ҷои дигар шоир ба анъанаи лухтакбозиву “гулбазми наврӯзӣ” ва ҷашни дафу сур чунин чунин ишора намудааст:

Боз бо шаҳлухтаки дигар “арусак” мекунанд,
Лухтакамро хоҳари бедарду бепарвои ман.
Духтарон дар боғи мо гулбазми наврӯзӣ кунанд,
Даф занад бо завқи тифлӣ хоҳарам дар ҷои ман.(3, 19)

Умуман, дар айёми наврӯзӣ маросими гулгардониву сурури кӯдакон мавқеи хоса дорад. Гоҳо ҳатто калонсолон аз хандаҳои беғашу қалбҳои бекинаи кӯдакон илҳом мегиранд. Худи Гулрухсор “суруди қаҳ-қаҳа”-и “хандаи кӯдакони шодҷон”-ро бо майли тамом тақлид мекунад. Маҳз, илҳом аз бекинагии кӯдакон шоирро, ҳатто, бо душман меҳрубон кардааст. Ба ин маънӣ, дар мисраъҳои “Гул мехарам аз баҳри худ аз номи як номеҳрубон, Худро бибӯсам ҷои ӯ, сӯзандалаб, сӯзандаҷон” як навъ тақлиди қалби содаи кӯдакона ба назар мерасад:

Бо кӯдакони шодҷон, хандам суруди қаҳ-қаҳа,
Чун оби тарма вақти дав, аз раҳ гурезам бераҳа.
Бӯсам зи рӯйи хасми худ бо рамзи ихлосу халос,
Бахти ками худро диҳам, бо як ҷаҳон шодӣ қиёс.
Гул мехарам аз баҳри худ аз номи як номеҳрубон,

Худро бибӯсам ҷои ӯ, сӯзандалаб, сӯзандаҷон...(4, 134)

Ин ки Наврӯз ҷашни аҷдодии куҳанбунёд аст, Гулрухсорро бештар илҳом мебахшад. Ин ҷашни оламафрӯз таърихи бостонӣ дошта, саодатест, ки аз Каюмарси Кӯҳшоҳ ва Ҷамшеди Пешдодӣ боқӣ монда, бо Оли Курушу Кай ташаккул ёфта, то ба замони мо муассиртару мукаммалтар расидааст. Шоир ба таърихи куҳан доштани ин ҷашни оламгир ишора намуда, меросбарони башорати оламгирро сарфарозу хушрӯз медонад:

Сури маю шури най муборак бодо!
Наврӯзи хуҷастапай муборак бодо!
Навгонии гулнигори дунёи куҳан,
Бар Оли Курушу Кай муборак бодо (4, 112)!

Дар воқеъ, Гулрухсор аз қаламкашонест, ки решаи эҷодиёташ аз чашмаи поку мусаффои самимияти халқ рушду нумӯъ гирифтааст. Тасвири маросимҳо ва анъанаҳои наврӯзӣ дар эҷодиёти шоир аз лиҳози адабиётшиносиву таърихият ҷойгоҳи махсус дорад. Маҳз, инъикоси тасвирҳои зебову муассири суннатҳои аҷдодӣ дар саҳифаҳои адабиёт боис мешавад, ки нақши нотакрори як адиб дар таърихи фарҳангу тамаддуни оламгир намоён боқӣ монад. Гулрухсор чун шоири халқ тавонистааст, дар ашъораш зебоиҳои фасли баҳор ва паҳлӯҳои гуногуни ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва маросиму анъанаҳои миллиро, аз қабили бахшишу аёдат, гулгардониву дуохонӣ, хонатакониву фолкушоӣ ё худ бахткушоии наврӯзӣ устодонаву моҳирона тасвир намояд. Бинобар ин, бо итминон метавон гуфт, ки ӯ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чун шоири нотакрору беназир боқӣ хоҳад монд.

АДАБИЁТ:

1. Гулрухсор. Бунафша. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 46 с.
2. Гулрухсор. Хонаи падар. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 80 с.
3. Гулрухсор. Шӯъла дар санг. – Душанбе: Адиб, 2011. – 384 с.
4. Гулрухсор. Девон: Девони ишқу ханда. – Душанбе: Пайванд, 2004. - 958 с.
5. Қосимӣ С. Дар шинохти Наврӯз (дастури таълимию методӣ). – Душанбе: МТНМКДИМ ВМИ ҶТ. - 80 с.
6. Қосимӣ С.А. Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – 135 с.
7. Қосимӣ С.А. Наврӯзномаи Саъдӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. - 193 с.
8. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам (муаллифи сарсухану тавзеҳотва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров). -Душанбе: Адиб, 1991. – 315 с.

**Шарҳи мухтасари мақола**. Муаллиф дар мақолаи мазкур дар оғоз доир ба масъалаи таъсирпазирии ашъори адибон аз унсурҳои адабиёти гуфторӣ, хусусан, таъсирпазирии осори шоирону нависандагони замони муосир аз суннат ва ҷашнҳои мардумӣ, ки яке аз паҳлӯҳои таҳқиқталаби адабиётшиносӣ ба шумор меравад, андешаронӣ намуда, дар ин росто, таъсири фасли баҳор, ҷашни Наврӯз ва суннату оинҳои онро дар ашъори шоири тоҷик Гулрухсор ишора кардааст.

Сипас, бевосита менигорад, ки инъикоси мавзуи баҳору Наврӯз дар ашъори Гулрухсор, агар аз як ҷиҳат бо хусусияти занонагии худ фарқ кунад, аз ҷиҳати дигар

бо инъикоси ғояҳои гуногунпаҳлу тафовут дорад. Гулрухсор мавзуи баҳору Наврӯзро дар жанрҳои гуногун сурудааст. Перояи дилнишини баҳору Наврӯз дар шеъри шоир гоҳо дар шакли рубоиву дубайтӣ, гоҳо дар шакли ғазал, ва ҳам гоҳо дар шакли маснавӣ ҷило додааст.
Баъдан, муаллиф якояк маросим ва анъанаҳои фасли баҳору Наврӯз, аз қабили “гулгардонӣ”, “гулдӯзии духтарон”, “ташкили базми суруду тарона ва шеъру сухан” ё “гулбазми наврӯзӣ”, “дур кардани кинаву адоват”, “аёдати наздикон”, “ба сари мазори гузаштагон рафта, дуову фотиҳа кардан”, “хони “ҳафтсин”-у “ҳафтшин””, “хонатаконӣ”, “фолкушоӣ” ё “бахткушоии духтарон”, “лухтакбозӣ” ва ғайраҳоро дар осори шоир – Гулрухсор бо таҳлилу ташреҳи илмию бадеӣ тасвир намуда, қайд мекунад, ки воқеъан, Гулрухсор аз қаламкашонест, ки решаи эҷодиёташ аз чашмаи поку мусаффои самимияти халқ рушду нумӯъ гирифта, тасвири маросимҳо ва анъанаҳои наврӯзӣ дар эҷодиёти шоир аз лиҳози адабиётшиносиву таърихият ҷойгоҳи махсус дорад.

**Калидвожаҳо:** унсур, адабиёти гуфторӣ, фолклор, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, оин, суннат, маросим, баҳор, Наврӯз, гулгардонӣ, гулбазми наврӯзӣ, ҳафтсин, ҳафтшин, хонатаконӣ, шеър, суруд, шоир, ҷашн.
**Маълумот дар бораи муаллиф:** –Зайдулозода С.З.-н.и.ф., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт, сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ

## САРЧАШМА ВА ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

**Исамитдинов Ж. Б.-н.и.т., дотсент**

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Тел.: +992939006013

Баррасии илмии масъалаи пайдоиш ва ташаккули Наврӯз, расму оинҳои он шароити кунунӣ пеш аз ҳама аз ду ҷиҳат арзиши муҳимро касб мекунад. Диди аввал он аст, ки имрӯз дар робита ба сиёсати фарҳангофарини давлат, ки ба эҳёи суннатҳои қадимӣ, маросиму ҷашнҳои миллӣ такя мекунад, асолати таърихии ин падидаи нодири фарҳангӣ мушаххас карда шуда, мақому манзалати он дар таърихи мардуми тоҷик муайян гардад. Арзиши дигари тадқиқи илмии ин масъала пайванд ба ҷанбаи тарбиявӣ ва омилҳои асосии мутобиқ гардонидани онон ба шароити кунунӣ мегирад, ки воқеан зарурати муҳиме барои анҷоми ин кор имрӯз мавҷуд мебошад. Дар навбати аввал, тадқиқу рӯшан намунадани сарчашма ва заминаҳои таърихии ташаккули ҷашну маросимҳои Наврӯзӣ нишон медиҳад, ки то ин андоза вуҷуди ин оинҳо, ҷашну маросимҳо ба тафаккури ҷомеаи мардуми тоҷик таъсир гузошта, бахри таҳаввули маънавӣ, тарбияи зебоишиносӣ, ахлоқиву

фарҳангии оно нақш доштаанд. Таҷрибаи таърихии истифодаи бомароми онҳо имрӯз бо нигоҳи нав ва корбандии омили асосии мутобиқгардонанда ба ҷомеаи нав  имкон медиҳад, ки ин ҷанбаҳои тарбиявӣ дар ҷомеаи имрӯз ҳам таъсири равшани худро аз даст надода, ҷомеаро ба сӯи шинохти арзишҳои фарҳангӣ ва ташаккули худогоҳии миллӣ ҳидоят намоянд.

Сайри таърихии ташаккули ҷашну маросимҳо ва хосатан Наврӯз, бархурдҳои сиёсиву таърихӣ, эҳёи дубораи қисмате аз онон ба сурати нав ва минбаъд пайдоиши ҷашну маросимҳои ҷадид вобаста ба тақозои замон ва ё аз даруни сиёсати фарҳангии давлати тоҷикон тадқиқу баррасии амиқеро аз манзари таърихӣ пеш меорад, ки аҳамияти муҳими илмӣ доштани масъаларо ошкор месозад. Вобаста ба ин, зарурате пеш меояд, ки сайри мухтасари таърихии пайдоиши ҷашни  Наврӯз, мавриди тадқиқу баррасӣ қарор додан он ҳадафи аслии мақола ба шумор меравад.

Барои ин тадқиқи сарчашмаҳои илмии пайдоиши ин ҷашн ба мо имконият медиҳад, ки асолати таърихии ҷашни бошукӯҳи Наврӯзро мушаххас намуда, онро ба ҳаёти имрӯз мутобиқ гардонем ва ба ин восита дар ҳифзу эҳёи суннатҳои мардумӣ, ки сиёсати фарҳангии давлат тақозо мекунад, нақше бигузорем.

Пайдоиши ҷашну маросимҳо дар таърихи миллати тоҷик ба давраҳои хеле дур пайванд мегирад. ҳанӯз дар замонҳои қадим вобаста ба эътиқоду ормонҳои аҷдоди мо суннатҳои ҷудогона, маросимҳои миллӣ, ҷашну сурҳо ба миён омада буданд, ки баъзе аз унсурҳои онон то имрӯз низ расидаанд. Маълум аст, ки дар аҳди қадим, дар айёме, ки эътиқоди мардум бештар ба сайёраву ситораҳо ва дигар аносири табиӣ пайвастагӣ дошт, ҳаргуна расму оин, падидаҳои милливу фарҳангӣ ба вуҷуд омада буданд, ки баъзе аз онҳо минбаъд ҳатто ба сатҳи ҷашну маросимҳои миллӣ расиданд. Тадқиқи сарчашмаҳои зуҳури оинҳои миллӣ ва ҷашнвораҳои суннатӣ ин андешаро боз ҳам қувват бахшида, собит менамояд, ки баъзе аз ҷашну маросимҳои миллӣ дар назари аввал шакли оинҳои хурди маҳаллӣ ё гурӯҳиро соҳиб буда, дар натиҷаи ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ баъдтар ба сурати ҷашну сур ва ё маросимҳои мӯҳташам даромаданд.

Аз сӯи дигар, дар марҳилаи аввал ҷашну маросимҳо дар таркиби оинҳои мардумӣ унсурҳои нахустини хешро ба зоҳир оварда, баъдтар шакли аслии хешро дарёфтаанд. Масалан, қисмате аз оинҳои наврӯзӣ ҳанӯз дар аёми фарҳанги меҳрпарастӣ ё эътиқод ба Худои офтоб яъне Митро ё Меҳр доштани мардумони мо ба вуҷуд омада буданд ва дар даврони таҳаввули оини зардуштӣ ба ҷузъи таркибии Иди Наврӯз шомил гардидаанд. Ҳатто чунонки аз сарчашмаҳо равшан мегардад, худи ҷашни миллии Наврӯз тибқи ривоёт аввалин бор ба рӯзгори шоҳи Пешдодиён - Ҷамшеди арзи ҳастӣ намуда буд ва аз рӯи таърихи ташаккули эътиқодоти мардуми тоҷик замони Ҷамшед даврае маҳсуб меёбад, ки аввалин бор Худо Аҳурамаздо чандин ҳазор сол қабл аз Зардушт оини Маздоиро ба замин оварда буд, вале чун Ҷамшед фирефтаи Аҳриман шуд ва худро Худо эълон намуд, дар натиҷа аз

даргоҳи Ҳурмуз ронда шуд ва бо дастури ӯ дупора гардид. Аммо нуктаи асосӣ ин аст, ки оинҳои ҷашни мардумии Наврӯз ба ҳамин айём асли худро пайдо карданд ва минбаъд давра ба давра таҳаввул пазируфт. Ин махсусият ба ҷашнвораҳои дигари миллӣ низ робита дорад.

Наврӯз аз ҳама маъруфтарин ва маҳбубтарин ҷашни мардумии халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Наврӯзро аввали фасли баҳор санаҳои 21-22 март (айёми баробарии баҳории шабу рӯз) ҷашн мегиранд. Ин даврро замони паси сар гаштани сармову оғози гармо меноманд, яъне баҳор бо пуррагӣ ҳукми худро оғоз мекунад. Кори деҳқонон шурӯъ мегардад, вақти орзуву омоли кишоварзон шурӯъ мешавад.

Вобаста ба оғози тавлиди Наврӯз файласуфи номвари тоҷик Акбар Турсунов чунин менигорад: «Аз нуқтаи назари илмӣ- таърихӣ сотсиогенетика (оғоз)-и Наврӯз бо инкилоби неолитӣ вобастагӣ дорад, Инқилоби неолитӣ дар ҳазорсолаи 10-6 пеш аз милод сурат гирифтааст ва аз ин давр сар карда Homo sapience (инсони оқил) тадриҷан ташаккул ёфта, одамони ибтидоӣ аз хоҷагии истеъмолӣ (ҷамъоварӣ ва шикорчигӣ) ба хоҷагии истеҳсолӣ (зироаткорӣ ва чорводории муқимӣ) мегузаранд. Тағйироти муҳими ин давр гузаштан аз тақвими моҳтобӣ ба тақвими офтобӣ ба шумор меравад.Ин амал нафақат ивази як низоми ҳисоби вақт, балки тағйирёбии ҷаҳонбинии одамон низ маҳсуб меёбад»[1,с.8; 2]. Ин андешаро муаррихи тоҷик, мардумшинос Н.О. Турсунов [8,с.138] тасдиқ мекунад.

Таърихи Навруз дар китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» инъикос шудааст. Мутобиқи таълимоти зардуштиён одамон бояд ҳар айёми баҳор пайдоиши ҳаётро, ки дар шаш намуд зоҳир мегардад (осмон, об, хок, растанӣ, ҳайвонот ва одам) дар замин таҷлил бикунанд [7].

Аҳди қадим ё давраи нахустини пайдоиши ҷашну маросимҳо, ки аз тамаддуни шукӯҳманди ориёӣ сарчашма мегирад. Ба ибораи дигар, ин давраро метавон марҳилаи ориёӣ ҳам номзад намуд, ки аввалин ҷашнвораҳои миллӣ маҳз дар ҳамин айём ба зуҳур расидаанд. Таҳқиқ дар асолати пайдоиши аксари ҷашну маросимҳои миллӣ, чун Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон ва амсолии ин нишон медиҳанд, ки маҳз дар ҳамин давра асосан ин ҷашнвораҳо ба зуҳур расиданд. Пайванд гирифтани сарчашмаи пайдоиши Наврӯз ба Ҷамшед, Меҳргон ба Фаридун, Сада ба Ҳушанг нақши муассири сарчашмасози фарҳанги ориёиро дар шаклгирии ин ҷашнвораҳои миллӣ бозгӯӣ мекунад. Ногуфта намонад, ки маҳз дар ҳамин айёми рушду нумӯи тамаддуни ориёӣ бархурдҳои аввалини фарҳангии тоҷикон бо қавмҳои ҳиндӣ ва баъдан юнонӣ вуҷуди бархе аз таъсироти фарҳангиро дар шаклбандии оину маросимҳо низ бозгӯ мешавад, ки далели ин дар китоби муқаддаси Ҳиндувон Ведаҳо ёдрас шудан аз Ҷамшед ба сурати Йима ва ҷашни Наврӯз, инчунин Меҳр ё Меҳргон маҳсуб мешавад. Минбаъд дар марҳилаҳои баъдии ташаккули фарҳанги миллӣ, нуфузи оини зардуштӣ дар сарзамини ориёиҳо ин ҷашну маросимҳо боз ҳам вусъат пайдо карда, ҳатто ҷанбаҳои мазҳабӣ ҳам гирифтанд. Масалан, эътиқодмандони оини зардуштӣ баъд аз ривоҷи ин оин дар ин қаламрав Наврӯзро ҳамчун рӯзи

таваллуди Зардушти паёмбар ҳам таҷлил менамуданд, ки ин амр ба ҷанбаи мазҳабӣ пайдо кардани ҷашнвораҳо ишорат мекунад.

Дар мавриди идомаи бошукӯҳи Иди Наврӯз ҳамчун иди расмии давлатӣ дар давраи давлатдории портҳо дар китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон омадааст: «Ва расму оинҳои идона, алалхусу Иди Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта, суннатҳои ориёии аҳди ҳахоманиширо эҳё менамуданд.Ва маҳз расми истиқболи Наврӯзро шоҳаншоҳони Сосонӣ ва Ашкониёни Порт пазируфта, ба иди бузурги умумидавлатӣ табдил додаанд [10,с.76].

Мутафаккирони асримиёнагӣ Мусо ибни Исо Ал-Кисравӣ дар «Китоб-ал-маҳосин в-ал-одоб», Ҳаким Абдулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Абурайҳони Берунӣ дар «Осор ул-боққя» ва «Китоб ут-тафхим», Мухаммад Ҷарири Табарӣ дар «Таърихи расул в-ал-мулук», Умари Хайём дар «Наврӯзнома» пайдоиши Наврӯзро бо номи шоҳи асотирӣ, намояндаи сулолаи пешдодиён Ҷамшед вобаста мекунанд [4,с.233,236; 9,с.187]. Дар яке аз ривоятҳо меояд, ки 15 ҳазор сол қабл аз ин шоҳ Ҷамшед дар тӯли ҳафсад сол ҳукмронӣ кардааст. Ин давр барои мардум асри тиллоӣ буд. Зеро Ҷамшед ба одамон (ба ҷои пӯсти ҳайвонот) пӯшидани либоси матогиро ёд дод, онҳоро аз рӯи касбу кор ва табақа аз ҳамдигар ҷудо намуд, ҳайвонҳоро ром карда чорводориро бунёд кард, қонун ва тартиботро ба танзим даровард, фарорасии нахустин баҳорро баъди ба итмом расидани зимистони бузург – давраи яхбаста ҷашн гирифт.

Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор –ул боқия» таъкид намудааст, ки «Ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд»[4,с.233].

Дар ин рӯз аҳли дарбор дар китф тахти тиллоиро, ки Ҷамшед дар тан бо либоси шоҳона дар он нишаста буд бо худ мебурданд ва аз шӯълаи Офтоб ҷавоҳироти тахт ва либосҳои фарохи шоҳ медурахшид. Мардум ин ҳолатро дида мегуянд: «Рӯзи нав – Наврӯз омад».

Аз рӯи ривояти дигар бошад пайдоиши Наврӯзро бо фаъолияти шоҳ Сулаймон вобаста мекунанд. Дар яке аз рӯзҳо шоҳ Сулаймон нигини сеҳрнокро, ки Эзид таъоло ба ӯ инъом карда буд гум мекунад, бо гум шудани нигин қудрату тавоноии шоҳ аз байн меравад. Баъди 40 рӯзи кофтуков нигин ёфт мешавад. Раият аз ин хурсанд гашта бозгашти шоҳро бо иборaи «Наврӯз (рӯзи нав) омад» истиқбол мегиранд. Пайдоиши ҷашни Наврӯзро инчунин бо оини зардуштӣ – оташпарастӣ низ вобаста мекунанд. Дар замони зардуштиён ақидае вуҷуд дошт, ки мутобиқи он худои неки Аҳуро Маздо (Ҳурмуз) дар фасли баҳору тобистон, худои бадӣ Анҳара Майню (Аҳриман) дар фасли тирамоҳу зимистон ҳукмронӣ мекардааст. Рӯзи нахустини баҳор худои некӣ худои бадиро мағлуб мекунад ва санаи мазкурро муқаддас эълон мекунанд. Ин сана айнан ба рӯзи Наврӯз рост меояд. А.Берунӣ қайд мекунад, ки «Зардуштиён мегӯянд, ки дар ин рӯз Зардушт тавфиқ ёфт, ки бо худованд муноҷот кунад»[4,с.235].

Мутафаккири бузург Умари Хайём дар «Наврӯзнома» пайдоиши Наврӯзро бори нахуст аз ҷиҳати илмӣ исбот намуда, чунин менигорад: «Сабаб ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад. Яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯзу рабъе аз шабонарӯз бо аввалин дақиқаи Ҳамал боз ояд. Ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд ва бад ин дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддате ҳаме кам шавад ва Ҷамшед он рӯзро дарёфт Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард» [9,с. 187].

Муҳаққиқи рус К.А. Иностранцев ба асари «Китоб-ал-маҳосин ул-адад» (муаллифаш номаълум) такя намуда андешаи Кисравиро дар бораи пайдоиши Наврӯз чунин меорад: «Кисравӣ мегӯяд: Якум шахсе, ки Наврӯзро ҷашн гирифт, дараҷаҳои мулкҳои тобеъро муайян намуд, рамзҳои ҳокимияти давлатиро муайян кард, ба истихроҷи тиллову нуқра ва дигар фулузот машғул шуд, аз оҳан олот сохт, аспро ром намуд, гавҳарро дарёфт намуд, сирри атрииётро кашф намуд, низоми обёриро ба вуҷуд овард Ҷамшед, писари Виванҷон, яъне ҳимоятгари олам, писари Арфахшод, писари Сом писари Нӯҳ ба шумор меравад. Ӯ дар рӯзи Наврӯз оламро гирифт ва вилояти Эроншаҳрро, яъне мулкҳои Бобулро ба тартиб даровард. Наврӯз рӯзи ба сари қудрат омадану ӯ маҳсуб меёбад» [6].

Ибн ал- Балхӣ дар «Форснома» менигорад: «Ва Ҷамшед гуфт: Ба нияти оят, ки эзиди таоло шаъну баҳои мо тамом гардонид ва ёрӣ арзонӣ дошт ва дар муқобилаи ин неъматҳо бар хештан воҷиб гардонидем, ки бо мардум адл ва некӯӣ фармоем. Чун ин суханон бигуфт, ҳамагон ӯро дуои хайр гуфтанд ва шодиҳо карданд ва он рӯз ҷашн сохт ва Наврӯз ном ниҳод ва он сол Наврӯз расм шуд ва он рӯзи Ҳурмуз аз моҳи фарвардин буд ва дар он рӯз бисёр хайрот фармуд ва як ҳафта пай дар пай ба нишоту хуррамӣ машғул буданд ва баъд аз он як шабонарӯз дар ибодатгоҳ рафт ва яздонро парастиш ва шукр гузорид ва зорӣ намуд ва ҳоҷат хост, ки дар рӯзгори ӯ ҳама офат аз қаҳтӣ ва вабо ва бемориҳо ва ранҷҳо аз ҷаҳон бардорад» [5,с. 38].

Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб ут-тафҳим» дар бораи ҷашни Наврӯз мегӯяд, ки «Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ в-аз ин ҷиҳат “рӯзи нав” ном карданд, зеро-к пешонии соли нав аст. Ва он-ч аз паси ӯст аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост. Ва шашӯми фарвардинмоҳ Наврӯзи бузург доранд»[3,с. 144].

Аз рӯи навиштаҷоти Берунӣ суғдиён наврӯзро «Навсард», хоразмиён «Навсарҷӣ» форсҳо «Наврӯз» меноманд [4,с. 233-234, 258, 260].

Дар ривояти эрониёни қадим меояд, ки дар рӯзи Наврӯз дар соати муайян фариштаи хушбахтӣ аз осмон ба замин мефарояд ва ин вақт хушбахттарин лаҳза ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз одамон дамидани субҳи Наврӯз, пайдоиши нури Офтобро бо интизорӣ истиқбол мегиранд.

Фикрҳои мутаффакирон аз он шаҳодат медиҳанд,ки Наврӯз ҷашни хеле қадимист. Аз ривоятҳо, асотирҳои нақлшуда хулоса намудан мумкин аст, ки воқеъаҳо доир ба пайдоиши Наврӯз бо шоҳи пешдодиён Ҷамшед вобастагӣ дорад. Дигар он,ки ҳангоми муайян намудан пайдоиши Наврӯз ба қонуниятҳои табиат аҳамият дода мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Акбар Турсон. «Весна вселенной расцвела опять…» Историософские штрихи к культурологическому портрету праздника Навруз.// Иран-наме.-2010. -№1 (13). –С.5-40.
2. Акбар Турсон. Навруз как зеркало цивилизации Аджама //http://news.tj/ru/newspaper/article/navruz-kak-zerkalo-tsivilizatsii-adzhama (Дата обращения: 21. 02. 2020)
3. Берунӣ А. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит–танҷим. –Душанбе: Дониш, 1973. –287 с.
4. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990. –432 с..
5. Ибн ал - Балхӣ «Форснома». –Душанбе: Дониш, 1989. –160 с.
6. Иностранцев К.А. Сасанидский праздник весны (по книге: Магия Навруза. -Алма-аты, 2007). //www. safarabdulloh. kz/img/books/Магия %20Навруза.pdf. (Дата обращения: 28. 02 2020)
7. Навруз // http://ko-kr.facebook.com/note. php?note_idӯ 106158772740677 &comments (Дата обращения: 16.02. 2024)
8. Турсунов Н. Шаҳри офтобӣ – Душанбе: Ирфон, 1989. -160 с.
9. Хайям О. Наврузнаме. Трактаты. – М., 1961. –С.187-224.
10. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён.Китоби дувум. Душанбе:Ирфон, 2002. – 128 с.



**Калидвожаҳо:** Наврӯз, ҷашни миллӣ, Чамшеди пешдодӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, оинҳои наврӯзӣ



Дар мақола дар асосии сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ масоили заминаҳои таърихии ташаккули ҷашни Наврӯз баррасӣ шудааст. Асарҳои Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Кисравӣ, Ибн –ал Балхӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки Наврӯз тибқи ривоёт аввалин бор дар рӯзгори шоҳи Пешдодиён - Ҷамшед арзи ҳастӣ намудааст. Оинҳои ҷашни мардумии Наврӯз ба ҳамин айём асли худро пайдо карданд ва минбаъд давра ба давра таҳаввул пазируфтаанд.



**Ключевые слова:** Навруз, национальный праздник, Джамшед, писйменнче источники, ритуалы Навруза.



В статье рассматриваются вопросы исторических предпосылок возникновения праздника Навруз по материалам средневековых письменных источниках. Проанализированы произведения Абу Райхана Беруни, Умара Хайяма, Кисрави, Ибн аль-Балхи. Подчеркивается, что Навруз, по преданию, впервые появился в жизни пешдодийского царя Джамшеда. Обычаи народного праздника Навруз зародились именно в эти дни и продолжали время от времени развиваться.



**Key words:** Navruz, national holiday, Jamshed, written sources, rituals of Navruz.



The article discusses the issues of historical prerequisites for the emergence of the Navruz holiday based on materials from medieval written sources. The works of Abu Rayhan Beruni, Umar Khayyam, Kisravi, Ibn al-Balkhi are analyzed. It is emphasized that Navruz, according to legend, first appeared in the life of the Peshdodian king Jamshed. The customs of the folk holiday Navruz originated on these days and continued to develop from time to time.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** Исамитдинов Жорабек Бобобекович,

номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд. гузаргоҳи Мавлонбеков , 1.
Тел.: +992939006013

# ҶАШНИ НАВРӮЗ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Қосимӣ С.А.** -фолклоршинос, н.и.ф., дотсент,
**Бобоҷони Ҳабибулло**-адабиётшинос
ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Ҷашни Наврӯз барои мо-тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳими худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Пеш аз он ки ба асли масъала пардозем, мехоҳем оид ба худшиносӣ ва худшиносии миллӣ чанд сухане изҳори андеша намоем. Бузургворе гуфта:

Ҳар касеро бозсозӣ боядо!
Гар насозӣ, худшиносӣ боядо!

Худшиносӣ шинохти хеш, дарёфти худӣ дар тафриқа бо дигарон ва ҷаҳони атроф аст. Шуурест, ки одам тавассути таъсири мутақобила ба ҷаҳони моддӣ ва маънӣ (тафаккур) дархостҳои ҳаётан зарурии андеша, эҳсос, сабаб, завқ ва олами ботинии худро меёбад (19). Ё ба қавли соҳибсухане:

Худшиносӣ меваи олитарини зиндагӣ,
Ҳар кӣ ӯ худношинос, ӯро набишносад Худо.

Худшиносии миллӣ – маҷмуи ҷаҳонбинӣ, худогоҳӣ, арзишҳо, баҳодиҳӣ ва муносибатҳое мебошад, ки аҳамияти бузурги таърихӣ доштани миллатро инъикос карда, мақоми миллатро дар байни дигар қавму миллатҳо нишон медиҳад. Худшиносии миллӣ шарти зарурии ҳастӣ ва ҷузъи асосии тараққиёти миллат буда, аз рӯи баҳогузорӣ ба қадру арзишҳои таърихию фарҳангии миллат муайян карда мешавад (20).

Худшиносии миллӣ аз худшиносии фардӣ, аз ҳувияти миллӣ, аз ватандорӣ, аз донистани таъриху фарҳанги худ ва ифтихор аз он сарчашма мегирад.

Таърих гузаштаест, ки онро наметавон тағйир дод. Оянда таърихест, ки онро ба таври худ ё бо хоҳиши худ на ба манфиати хеш, балки ба манфиати наслҳои оянда метавон сохт. Дар ин маврид гуфтаҳои зерини Мавлоно ба хотир меояд:

Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳам шаб суханам,
Ки чаро ғофил зи аҳволи дили хештанам.
Аз куҷо омадаам, омаданам баҳри чӣ буд?
Ба куҷо меравам охир, нанамоӣ ватанам... (2, 1368).

Худшиносӣ ҷавоб ба ҳамин пурсишҳост. Худшиносӣ асли худро донистан ва аз он дурӣ наҷустан аст. Чунки таърих гувоҳ аст, ки ҳар кӣ аз асли хеш дур шуд, маҳкуми марг гардид. Боз ҳам гуфтаҳои зайли Мавлонои бузургро хотиррасон менамоем:

Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш (3, 16).

Пас донистану эҳтиром гузоштан ба арзишҳои таърихию фарҳангӣ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ будааст.

Дар дунё кишварҳое ҳастанд, ки ёдгориҳои таърихию фарҳангии беназире доранд, ки мояи тафохури онҳост. Аҳромҳои Миср, Колизейи Рум, Парфенони Афина, харобаҳои Палмира, Тоҷмаҳали Агра ва ба ҳаминҳо монанд обидаю муҷассамаҳои қадима, ки дар замони муосир фахри ин ё он миллату кишваранд. Вале як чиз мусаллам аст, ки баъзе аз ин офаридаҳо фахри кишвар бошанд ҳам, вале фахри қавмӣ буда наметавонанд. Аҳромҳои Миср ёдгори қибтиён аст, ки дар Миср мезистанд, на ифтихори арабҳо. Ё ки ёдгориҳои гаронбаҳои Туркиё моли румиён аст, на туркҳо. Ё ин ки маъбадҳои Офтоб дар Мексика аз астекҳост, на аз сокинони имрӯзаи мексикӣ, ки испанӣ ҳарф мезананд. Онҳо қавмҳои бумии ин сарзаминҳо нестанд, ҳарчанд ёдгориҳои бозмондаи қавмҳои бумиро ситоиш менамояндy ифтихор мекунанд.

Миллати мо ва ё кишвари мо низ ёдгориҳои беназири таърихӣ дорад, ки боиси ифтихори мо – тоҷикон аст. Аз ҷумла, Аҷинатеппа, харобаҳои Панҷакат, Ҳисори шумон ё қалъаи Ҳисор, Ҳулбук, Саразм, Карон ва даҳҳои дигар, ки баъзе аз онҳо таърихи беш аз 5 ҳазорсола доранд. Ин ёдгориҳо нишонае аз таърихи куҳан, зиндагӣ, мубориза ва орзуву армони халқи тоҷик аст. Ба қавли адабиётшинос Нуров Нуралӣ: "Тамаддуни ориёӣ барои ниёгони мо нақши нуқтаи оғози таърих, арсаи будубош, пайдоиш ва ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, фарҳанг, дигар арзишҳои миллӣ ва гузашта аз ин, ҷавлонгоҳи худшиносиву ҷаҳоншиносиро бозидааст... Маърифат ва эҳёву гиромидошти тамаддуни ориёӣ, ҳамчун фарҳанги пурбори таърихи тоҷикон пеш аз ҳама барои баланд бардоштани савияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳифзи сарватҳои зеҳнии халқамон амри муҳим ба ҳисоб меравад" (8, 125 ва 128).

Дар қатори ин ёдгориҳо ёдгории беназиру гаронбаҳо, муқаддамтар аз ҳама арзишҳо ва муҷассамтар аз ҳама обидаҳо, ки дар тамоми мавҷудияташ равшангари роҳи миллати мо ва гармкунандаи дилҳои мо будааст, НАВРӮЗ аст.

Дар меҳвари сиёсати фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам эҳёи ҷашни Наврӯз - чун мероси бузурги таърихии тоҷикон мақоми калидию асосӣ дошт ва дорад. Зеро, ки дар шинохт ва эътирофи Пешвои муаззами миллат Наврӯз на танҳо як ҷашн, балки ҳамчун як оини ҳувиятсозу мафкурасоз ва василаи асосии расидан ба худогоҳии миллӣ дониста мешавад. Аз ҷумла, дар яке аз суханронияшон чунин омадааст: «Наврӯз ва дигар ҷашнҳои миллии мо – Сада, Тиргон ва Меҳргон падидаҳои нодире мебошанд, ки дар тули таърихи чандинҳазорсолаи халқамон ҳамчун омилҳои поядагии мо – тоҷикон нақши барҷаста бозидаанд… Расму оин ва суннатҳои наврӯзӣ дар вуҷуди хеш падидаҳои барҷастаи инсонгароӣ ва маънавиёти баландро ҷой додаанд, ки шинохти ҳақиқати онҳо ба худогоҳии маънавӣ ва худшиносии миллӣ, инчунин, тавсеаи фарҳанги ахлоқии ҷомеа мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ иброз намоям, ки Наврӯз бо ҳама таърихи ғанӣ ва рангинаш дар кишвари мо маҳз ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ бо тамоми ғановату рангорангии он ҳамчун рамзи рӯзи нав, саршавии соли нав ва иқдому ташаббусҳои нав эҳё гардида, имрӯз ба беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардум табдил ёфтааст» (13).

Ба қавли Акбари Турсон, агар мафҳуми “хештаншиносии ориёиҳо”-ро ба “бино” ва ё “иморат”-е ташбеҳ диҳем, баъдан метавонем бигӯем, ки ин бино ва ё иморати хештаншиносӣ ду шоҳсутуни асосиро дорост, ки яке забони форсии тоҷикисту дигаре ҷашни Наврӯз. Албатта, қавму миллатҳои гуногун хостанд, ки таърихи аҷамиёнро аз байн баранд ва забони форсии тоҷикиро хонабанд кунанд, таҷлили Наврӯзро манъ намоянд. Вале, хушбахтона, ин корро ба тамомӣ анҷом дода натавонистанд ва то ба имрӯз зинда мондани забони форсии тоҷикӣ ва ҷашни Наврӯз рамзи равшани ҷонсахтии таърихии ориёиҳо аст. Воқеан, забон ва Наврӯз ду боли тавонои миллат буданд, ки мулки Аҷамро зинда нигоҳ доштанд. Маҳз забон ва ҷашни Наврӯз, ки ҳамеша аз муҳимтарин ифтихороти миллии мо дар дарозои таърих буданд, тавонистанд худшиносию худогоҳии моро таъмин намоянд (11, 113-114).

НАВРӮЗ сарчашма ва сароғози ҷашнҳо буда, анъанаест бартар аз ҳама анъанаҳо, оинест поктар аз ҳама оинҳо, расмест гиромитар аз ҳама расмҳо, ки шукӯҳу шаҳомат ва бузургиву ҷоҳи онро фақат ва фақат бо вожаи “Наврӯз” метавон ифода кард. Ҳама гуна таърифу тавсиф ва мадҳу ситоиш ба пояи Наврӯз намерасад, чунки Наврӯз баландтар аз ҳама баландиҳо ва бузургтар аз ҳама бузургиҳост.

Наврӯз, ки имрӯзҳо ҳамчун ҷашни миллию байналмилалӣ шинохта шудаасту таҷлили басо шукӯҳманд ва фарохеро дорад, таърих аст.

Таърихи мардуми тоҷик ё ориёиҳо, ки аз Каюмарси Кӯҳшоҳ оғоз шуда, то замони мо расидааст. Наврӯз таърихи мубоиризаи қавмҳои ориёӣ барои ҳифзи марзу буми хеш, таърихи набардҳои некию бадӣ (албатта бо пирӯзии некӣ), таърихи расму оин, фарҳанг ва билхоса таърихи худи мост. Аз ин рӯ, Наврӯз барои ҳар кадоми мо азиз, мукаррам ва муҳтарам аст, то ба он андоза, ки ба номаш савганд ёд мекунанд:

Ба Яздону номи ту, эй шаҳриёр,
Ба Наврӯзу Меҳру ба хуррамбаҳор (10, 57).

Акнун ҳаме бингарем, ки чӣ чизе боиси пайдиши ин ҷашн ё таърих гардида ва қисмати он чӣ буда ва чӣ гуна ҳаводиси рӯзгорро паси сар намудааст, то ба даврони кунунии мо бо сарбаландӣ расида ва ҷойгоҳи ҳақиқии хешро пайдо кардааст.

Наврӯз аз ҷиҳати пайдоиш ва ташаккули худ ба асотири фалакӣ оид ба табиати миранда (зимистон) ва зиндашаванда (баҳор) вобаста будааст. Ориёиҳо аз замонҳои қадим 2 ҷашни асосӣ доштаанд, вобаста ба 2 фасле, ки аз як замони муайян ба замони дигари муайян мерасид, ки яке фасли гармо ва дигаре фасли сармо будааст. Якум, Наврӯз ҷашни фасли гармо будааст – вақте ки галлаҳоро ба чарогоҳҳои сабзу хуррам мебурданд, заминҳоро кишт карда, анвои гуногуни ғаладона мекоштанд. Дуюм, ҷашни Меҳргон – вақте ки галлаҳо аз чарогоҳ бармегаштанд, маҳсули кишта пурра ҷамъоварӣ мешуд ва ба фасли сармои навбатӣ тайёрӣ медиданд (13, 86).

Ба ин маъно Ибни Ҷоҳиз дар китоби "Ат-тоҷ" чунин навиштааст: "Наврӯз ва Меҳргон ду ҷашни сол ҳастанд. Меҳргон духули зимистону фасли сармо аст ва Наврӯз аввали духули баҳору фасли гармо аст" (13, 86). Ин ҷашнҳо вобаста ба эътидоли баҳорӣ (Наврӯз) ва тирамоҳӣ (Меҳргон) будаанд.

Баъдан, ниёгони мо фаслҳои солро ба 4 бахш ё фасл тақсим намуданд: эътидоли баҳорӣ (баҳор-фарвардинмоҳ, урдибиҳиштмоҳ, хурдодмоҳ), инқилоби офтоб дар тобистон (тобистон-тирмоҳ, мурдодмоҳ, шаҳривармоҳ), эътидоли тирамоҳӣ (тирамоҳ-меҳрмоҳ, обонмоҳ, озармоҳ ва инқилоби офтоб дар зимистон (зимистон-даймоҳ, баҳманмоҳ, исфандормадмоҳ).

Чорводорону кишоварзон вобаста ба дар осмон падид омадану ҷойи худро ба дигар ситорагон додани ситораҳоро бар асоси таҷрибаи чандинсола омӯхта, пай бурдаанд, ки бо пайдоиши ин ситораҳо (бурҷҳо) дар замин чӣ навгониҳо рӯй медиҳанд. Онҳо пай бурданд, ки кадом вақт ҷав мепазад, гандум мерасад, дарахтон бор мебанданд, меваашон пухта мерасад, кадом замон вақти дарави алаф, ҷав ва гандум мерасад. Яъне табиат аввалин муаллиме буд, ки ба онҳо аз улуми нуҷуму зоология ва кишоварзию ҷуғрофия сабақ медод. Онҳо пай бурданд, ки дар чӣ гуна ҷой чӣ гуна наботот месабзад, рушд мекунад, дар куҷо чаронидани молҳо муфид аст, кадом вақт ҳаво тағйи меёбад, борон меборад, бӯрон мешавад, барф меборад ва ғайраҳо.

Вожаи “Наврӯз” дар “Авесто”, ки нахустин китоби энсиклопедии мардуми ориёӣ аст, наомадааст. Дар катибаҳои даврони Ҳахоманишиён низ ин калима дида намешавад, вале ҳам дар “Авесто” ва ҳам дар катибаҳои Ҳахоманишӣ дар бораи ҷашн бидуни овардани ном сухан рафтааст. Вожаи “Наврӯз” дар ёдгориҳои навиштории замони Сосониён дида мешавад. Забони даврони Сосониён забони форсии миёна ба истилоҳ паҳлавӣ давоми забони даврони Ашкониён аст. “Наврӯз” дар паҳлавӣ аз решаи “нак” (ба маънои “нав”) ва “руч” (ба маънои “рӯз”) - “Накруч” омадааст, яъне рӯзе, ки фалак ба гардиш оғоз кардааст. Ба ин минвол Наврӯз аввалин рӯз дар гоҳшуморӣ аст. Ба андешаи зерини Абурайҳони Берунӣ: “Нахустин рӯз аст, аз фарвардинмоҳ в-аз ин ҷиҳат “рӯзи нав” ном курданд, зеро-к пешонии соли нав аст. Ва он-ч аз паси ӯст, аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост. Ва шашуми фарвардинмоҳ Наврӯзи бузург доранд... Ва эътиқоди порсиён андар Наврӯзи нахустин он аст, ки аввал рӯзест аз замона ва бад-ӯ фалак оғозид гаштан” (4, 144).

Умари Хайём бошад, дар асараш “Наврӯзнома” пайдоиши ҷашни Наврӯзро чунин шарҳ додааст: “... Аммо сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар 365 рӯзу рубъе аз шабонарӯз ба аввалдақиқаи ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад. Чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо карданд ва қиссаи он чунон аст, ки чун Каюмарс аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ нишаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад ва марумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод офтоб ба аввалдақиқаи ҳамал омад, муъбадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз он ҷо оғоз кунанд...” (16, 1).

Дар ин росто, адабиётшинос Мерганзода М. менигорад, ки дар мафҳуми «Наврӯз» асроре нуҳуфтааст, ки онро бояд тамоми ҷаҳониён эътироф намоянд. Наврӯз кашфиёти бузурги мардуми форсу тоҷик дар соҳаи илми ҳандаса (геометрия) маҳсуб меёбад. Ин кашфиёти мардуми форсу тоҷик ҳанӯз пеш аз милод, замоне ки ягон асбоби ченкунандаи фазову вақт вуҷуд надошт, тавассути ақли расову солими мутафаккирон форсу тоҷик кашф гардида, «Наврӯз» ном гирифтааст. Наврӯз на фақат рамзи хуррамию сарсабзии табиат ва оғози соли нав аст, балки баробарии «шабу рӯз»-ро ба таври дақиқу мушаххас ифода мекунад. Аз ин рӯ, фалсафаи Наврӯз бузург буда, он кашфиёти нодиру бебаҳои мардуми форсу тоҷик муаррифӣ мегардад. Чунончи, Адиб Собири Тирмизӣ Наврӯзро кашфи ҳама асрор номидааст, ки далели гуфтаҳои болост:

Ҳар сар, ки Меҳргон ба дили хок дарниҳод,
Наврӯз кашфи он ҳама асрор мекунад (7, 341).

Абурайҳони Берунӣ бошад, дар “Осор-ул-боқия” Ҷамшедро асосгузори ҷашни Наврӯз медонад ва ба тариқи зайл нигоштааст: “Сабаби ин ки ин рӯзро “Наврӯз” меноманд, ин аст, ки дар айёми

Таҳмурас собиа ошкор шуданд. Чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро нав кард. Ва ин кори бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд" (5, 233).

Аз ҷумлаи охир метавон натиҷа гирифт, ки Наврӯз аз Ҷамшед пеш пайдо шудааст. Пас Каюмарсро метавон асосгузори ҷашни Наврӯз номид? Ба ин савол ҷавоб бояд ҷуст. Эҳтимол Ҷамшедро аз он ҷиҳат асосгузори ҷашни Наврӯз меноманд, ки шояд дар замони ӯ ҷашни Наврӯз ва расму оинҳои он ба расмият даромада, аз ҷашни одии мардумӣ ба мақоми давлатӣ расидааст. Ба гуфтаи соҳибсухане:

Ҷашни қадиму файзбор, ҷашни ниёгони манӣ,
Мерос аз Ҷамшедшоҳ, шамъи фурӯзони манӣ.
Пайғом аз фасли баҳор, айёми суру кишту кор,
Пайки наву оғози кор, иди бузургони манӣ.

Баъзе муҳаққиқон бар ин андешаанд, ки ориёиҳои куҳан ба оини маздоясно ва митро (меҳр) эътиқод доштанд. Аввалиҳо пайрави Аҳурамаздо ва дуввумиҳо пайрави Митра буда, тақвимҳои алоҳида доштаанд, ки яке оғози солро аз эътидоли баҳорӣ медонистанд ва дигаре оғози солро аз эътидоли тирамоҳӣ мешумурданд. Пасон, Зардушт дар "Авесто" ҳардуро мутаҳҳид сохт. Шаш моҳи аввали сол аз оини маздояснои ва шаш моҳи сонӣ аз оини митроӣ гирифта шуд ва оғози сол рӯзи Ҳурмуз (Маздо)-и моҳи фарвардин қарор гирифт. Ҳамин тариқ, ***Фарвардин, Урдубиҳишт, Хурдод, Тирмоҳ, Мурдод, Шаҳривар*** – эзидони оини маздояснои, *Меҳр (Митро), Обон, Озар, Дай, Баҳман, Исфандармуз* – эзидони оини митроӣ ҳастанд:

Зи Фарвардин чу бигзаштӣ маҳи Урдубиҳишт ояд.
Бимон Хурдоду Тир он гаҳ Мурдодат ҳамеояд.
Пас аз Шаҳривару Меҳру Обону Озару Дай дон,
Ки бар Баҳман ҷуз Исфандормӯз моҳе наафзояд (6, 189).

Ҳар як моҳ сӣ рӯз аст ва барои ҳар рӯз номи хосе буда, ки номи эзид ё сифати Аҳурамаздо аст *(Ҳурмузд, Баҳман, Урдубиҳишт, Шаҳривар, Исфандормад, Хурдод, Амурдод, Дай ба Озар, Озар, Обон, Хур, Моҳ, Тир, Гӯш, Дай ба Меҳр, Меҳр, Суруш, Рашан, Фарвардин, Баҳром, Ром, Бод, Дай ба дин, Дин, Ард, Аштод, Осмон, Зомёд, Морисфанд, Анэрон)*. Ҳамин тариқа ба Наврӯз ҷанбаи динӣ бахшиданд, чунки ҳар рӯзи аввали моҳи нав ба монанди рӯзи аввали сол номи Аҳурамаздо (Ҳурмуздрӯз) аст. Пас Наврӯз ҷашнест, ки ба Аҳуро (Аҳурамаздо) арҷ гузошта мешавад.

Ҳамин тавр, Наврӯз бо ривояту афсонаҳо ва бо тағйиру иловаҳо дар таърихи мардуми тоҷик роҳ паймуда, то замони мо расидааст.

Зимнан бояд гуфт, ки тибқи тақвим ҷойи Наврӯз сайёр будааст, чунки як сол аз 365 рӯзу 5 соату 48 дақиқаю 24 сония иборат аст. Ҳисоби рӯзҳо – 360 рӯз, 5 рӯзи дигарро "андаргоҳ" ё "панҷа" меномиданд, ки баъдан бо номи "хамсаи мустариқа" маъруф шуд. Норасоии тақвим бар он меовард, ки барои сари солро ба якуми фарвардин қарор додан дар

муддатҳои муайян солро кабиса мекарданд, чунки Наврӯз дар ҷойи худ намеомад.

Соли 892 Амир Исмоили Сомонӣ риёзидонҳо ва мунаҷҷимонро назди худ хонда, дастур дод, ки тавқимро ба тарзе тартиб диҳанд, ки ҳамасола Наврӯз дар рӯзи аввали фарвардин биёяд. Ин дастур ва орзуи Исмоили Сомонӣ пас аз гузашти солҳо дар замони Маликшоҳи Салҷуқӣ аз тарафи Умари Хайём амалӣ шуд, ки ҳоло дақиқтарин тавқим ба шумор меравад. Ногуфта намонад, ки ин тақвим аз соли 1925 дар Эрон мавриди истифода қарор гирифт ва дар Афғонистони ҳамсоя ҳам ин тақвим амал карда истодааст, вале номи моҳҳо номҳои бурҷҳои дувоздаҳгона (зодиак)-анд, на номҳои бостонии фарвардину урдубиҳишт.

Як чизи аҷиби ҷашни Наврӯз дар он аст, ки мардуми одӣ ба тақвимҳое, ки дар дарбори шоҳон мавриди истифода буду баъзан Наврӯз дар чиллаи тобистон меомад, нигоҳ накарда, Наврӯзро дар маҳалли худ дар эътидоли баҳорӣ пешвоз мегирифтанд. Мардум худ медонист, ки кай Наврӯз фаро мерасад. Барои мисол, мардум фасли зимистонро ба бахшҳои чиллаи калон, чиллаи хурд, дувоздаҳи кабки рав ва ҳаждаҳи бузкуш ҷудо мекард, ки пас аз он Наврӯз фаро мерасид ва онро бо номҳои “соли нав” ё “сари сол” ҷашн мегирифт. Мардум вобаста ба Наврӯз боварҳои худро дошт ва аз он муайян мекард, ки сол чӣ гуна сол мешавад. Масалан, аз рӯи сабзиши суманак ва лаззати он бобаракат ва пурфайз омадани солро пешгӯӣ менамуд ё аз кадом рӯзи ҳафта оғозшавии сол гувоҳи он буд, ки сол чӣ гуна мешавад. Имсол Наврӯз рӯзи панҷшанбе ворид мешавад, ки аз рӯи гуфтаҳои бузургони мо: “Агар аввали Наврӯз панҷшанбе бошад, соҳиби он сол ситораи Муштарӣ бошад ва далел бувад ба он ки дар он сол аҳволи ашраф ва содот ва қуззот ва уламо ва мутафаккирон неку гузарад ... ҳоли кӯҳсорнишинон некӯӣ ва пунба ва катон хуб ва бурҷҳо арзон, неъмат бисёр ... ва зимистон аз барф ва сармо миёна ва тобистон боронҳо фаровон ба ҷо борад” (18, 4). Чунонки мебинем, имсол бояд соли пурфайзу пурбаракат бошад.

Ҷашни Наврӯз ба худ оинҳое дорад, ки пеш аз ҷашн, рӯзи ҷашн ва баъди ҷашн таҷлил мегарданд. Ин оинҳои наврӯзӣ чӣ дар байни тоҷикон ва чӣ ҳамзабонон муштарак аст. Аз оинҳои маъмули наврӯзӣ – гулгардонӣ, бахткушоён, хонатаконӣ, чоршанбеи охир (чоршанбесурӣ), ободкорӣ, суманакпазӣ, хони наврӯзӣ, ҷуфтбаророн ва даҳҳои дигар аз давраҳои қадим то имрӯз боқӣ мондаанд. Дар ин миён оинҳои нав низ ба Наврӯз шомил шудаанд, ки мо ҳар сол шоҳиди он ҳастем, амсоли намоиши ҳунарҳои мардумӣ, бозиҳои гуногуни варзиш ва ғайра.

Акнун биёед, бубинем, ки чаро Наврӯз пеши мардуми тоҷик арҷманд асту мо онро қадр мекунем, арҷ мегузорем, муҳтарам медорем ва Ватани худро бунёдгузори Наврӯз мешуморем.

Аввалан, вожаи “Наврӯз” тоҷикӣ аст, ба маънии “рӯзи нав”, “рӯзи тоза” ва “рӯзи ҷадид” аст. Ҳамзамон, “боиси ифтихор аст, ки Наврӯз дар

тамоми ҷаҳон имрӯз ҳамчун оини тоҷикон эътироф шудааст ва бо ҳамин ном, яъне номи зебои тоҷикии «Наврӯз» маъмулу машҳур аст. Ҳатто, ҳамасола дар айёми ҷашни Наврӯз як қатор роҳбарони давлатҳои дунё Сарвари давлати моро ба муносибати ин ҷашн, чун ҷашни тоҷикон табрик менамоянд (1). Ба гуфтаҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: "Мо ҳоло аз он хушбахтем, ки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар рӯзи ин ҷашни фархунда ҳамдигарро бо ибораи тоҷикии «Наврӯз муборак!» табрик мекунанд. Ин нукта бори дигар тасдиқ мекунад, ки миллати мо дар тамоми таърихи худ нақши пахнкунандаи тамаддунро бозидааст» (14, 26).

Сониян, оинҳои куҳани наврӯзӣ бештар дар байни тоҷикон боқӣ мондаанд, ки дар боло муфассалан номбар намудем. Аз ҷумла, оини "чоршанбеи охир" ё "чоршанбесурӣ", ки бо номи "аловпарак" низ дар байни минтақаҳои гуногун ёд мешавад. Ҳангоми таҷлили ин оин мардум оташ меафрӯзанд, атрофаш давр мезананд ё аз болои он ҷаҳида: "зардии ман аз ту, сурхии ту аз ман" мегӯянд. Пасон, пораи сафолро ба оташ партофта, ба ақиб нигоҳ накарда, ба хонаи хеш меоянд, ки ин одати бостонӣ аст. Ногуфта намонад, ки оташро эҳтиром кардан ва ҳатто хокистари онро муқаддас доштан одати мардуми мост. Чунончи, шоири шаҳри тоҷик Бозор Собир фармудааст:

Моро убол аст, аз азал,
Хокистаре дар зери по.
Эй аз туам, сад илтимос,
Эй аз туам, сад илтиҷо:
Зардии рӯямро бигир,
Сурхии рӯятро бидеҳ!

Солисан, пеш аз омадани Наврӯз хонатаконӣ намуда, кӯрпаву болиштҳоро офтоб медиҳанд, то сиёҳӣ (қувваҳои аҳриманӣ) дур шавад.

Робиан, омили дигаре, ки Наврӯз зодаи мардуми тоҷик он аст, ки дар байни тоҷикон номҳои Наврӯз, Ҷамшед, Хуршед, Фаршед, Беҳрӯз, Некрӯз, Фирӯз, Баҳор, Гулбаҳор, Сабзабаҳор, Наргис, Лола, Сумбул, Бунафша барин намодҳои наврӯзӣ маъмул ва бештар дида мешавад:

Ном Наврӯзу насаб Наврӯз аст,
Исми ҳар баҳсталаб Наврӯз аст.
Фасли армоншикани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст (6, 247).

Хомисан, аз миллатҳои дигар дида шоирони классику муосири мо дар ҳаққи Наврӯзу Баҳор бештар шеър сароидаанд, чунки ба гуфтаи Беҳрӯзи Забеҳулло:

Ибтидои сухан зи Наврӯз аст,
Сари сабзи Ватан зи Наврӯз аст,
Бӯйи мушки Хутан зи Наврӯз аст,
Боғу роғу чаман зи Наврӯз аст,
Зиннати анҷуман зи Наврӯз аст (10, 8).

Ҳамзамон, китобҳои гуногун навиштан бештар дар миёни намояндагони халқи мо ба чашм мерасад. Аввалин “Наврӯзнома”-ҳо ва рисолаву тадқиқоту мақолаҳо бештар аз тоҷикон аст, ки шояд беҳисоб бошанд. Дар ин маврид овардани иқтибоси Пешвои муаззами миллат мухтаром Эмомалӣ Раҳмон бисёр ҳам ба маврид аст, ки фармудааст: “Ҷашн танҳо ба хотири ҷашн нест ва таҷлили ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои оянда таҳрик созад”.

Содисан, инчунин, дар “Шашмақом” мақомҳое ба монанди “Наврӯз”, “Наврӯзи сабо”, “Наврӯзи бузург” ва “Наврӯзи Аҷам” ҷойгоҳи хос доранд. Бесабаб Манучеҳрӣ нагуфтааст:

«Наврӯзи бузург»-ам бизан, эй мутриби Наврӯз,
Зеро ки бувад, навбати «Наврӯз» ба Наврӯз (10, 42).

Собиъан, дар оини “суманакпазӣ” суманак пухтану дар атрофи он сурудҳои маъмулӣ сароидану рақс кардан бештар хоси тоҷикон аст:

Суманак дар ҷуш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб мо дафча занем (10, 18).

Баъдан, дар байни мардуми мо пухтани хӯрокҳое ба монанди далда, гандумкучӣ, боҷ, кашк, сиёҳалаф, оши бурида ё лафка, санбӯсаи алафӣ ва амсоли инҳо, ки рамзи баҳору фарорасии он бо нияти баракат шудани сол маъмул аст.

Инчунин, расидани баҳору Наврӯзро на танҳо аз рӯидану шукуфтани гулҳои махсусе, ки дар арафаи Наврӯз мерӯянд, балки аз омадани турнаву лаклаку парсату (достак) муайян кардан низ одати мардуми мост. Таронаи зерини машҳури кӯдаконаеро, ки ҳама медонем, ёдовар мешавем:

Аввали фасли баҳор,
Дар шохакҳои чанор,
Ду лаклаки қайроқбоз,
Мехонанд бо як овоз:
Соли нав муборак бод!
Соли нав муборак бод!

Ҳамвора метавонем, бо шеъри шоири ширинбаёни мо Муҳаммад Ғоиб суханамонро тақвият диҳем:

Базми гул дар чамани Наврӯз аст,
Савти ғулғулфикани Наврӯз аст.
То ба гардун сухани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст (6, 246).

Ахиран, Наврӯз дар тули таърихи мавҷудияти хеш борҳо ба таъқибу хорӣ гирифтор шуда, қавму миллатҳое аз қабили арабҳо, қарахониён, салҷуқиён, муғулҳо, шайбониҳо, аштархониҳо, манғитҳо ва ғайраҳо чӣ бадбахтиҳое ба сари мардуми мо наовардаанд. Вале мардуми сарбаланду бофарҳанги тоҷик дар ҳама мавридҳо на танҳо Наврӯзро ҳифз кардаю пос дошта, аз нобудӣ ҳимоят карданд, балки онро ҷаҳонӣ гардониданд. Тоҷикон пас аз ҳазор соли бедавлатӣ боз соҳиби давлати

хеш гардида, ҷашни Наврӯзро боз ҳам бошукӯҳтару фархундатар истиқбол гирифтанд.

Бо талошҳои пайвастаю бесобиқаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1993 инҷониб, барои эҳё ва ҷаҳонӣ гардидани ҷашни Наврӯз иқдомҳои зиёде роҳандозӣ шудааст. Ташаббусҳои пайвастаи Роҳбари давлати тоҷикон буд, ки соли 2009 ҷашни Наврӯз дар конфронси Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии СММ, дар шаҳри Абу Дабӣ, ки давоми рӯзҳои 28 сентябр - 2 октябр чун мероси фарҳангию таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва ин ҷаласа дар ҷаҳонишавии Наврӯз заминаи асосӣ гузошт. Ҳамин буд, ки 23 феврали соли 2010 қарори ҷаласаи 64-уми Маҷмааи генералии СММ бо рамзи A\RES\64\253 ба тасвиб расид ва тибқи ин қарор, муқаррар гардид, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон рӯзи 21 март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» таҷлил карда шавад. Расман ҷаҳонӣ эътироф шудани ин ҷашни тоҷикон ба сифати як падидаи фарҳанги ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза бори дигар собит намуд, ки халқи тоҷик воқеан, аз зумраи он халқҳое мебошанд, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муносиб дошт ва ин рисолати хешро имрӯз низ идома медиҳад. Ин андеша дар яке аз суханрониҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври зайл иброз гардидааст: «Барои мо ҷойи ифтихор аст, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳое мебошанд, ки дар офариниши тамаддуни башарӣ саҳми арзандаву босазо доранд. Тоҷикон дар тули таърихи куҳанбунёди худ фарҳанги баланд ва тамаддуни моддиву маънавии ҷовидона ба вуҷуд овардаанд, ки ҷаҳониён онро эътироф ва истифода мекунанд. Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эълон гардидани Наврӯзи Аҷам ҳамчун ҷашни байналмилалӣ нишонаи возеҳи ин гуфтаҳост» (9, 186).

Имрӯзҳо бояд ифтихор аз он кунем, ки ин мероси гаронбаҳои гузаштаи худро на танҳо аз ҳаводиси рӯзгор ҳифз намудем, балки онро ба ҷашни байналмилаӣ табдил додем, ки феълан 11 кишвари дунё ба таври расмӣ бо нуфуси тахминан 350 млн нафар онро таҷлил мекунанд ва гиромӣ дошта, ҳамзамон зиёда аз 1 млрд. нафар мардуми дунё ба воситаи ВАО аз он огоҳ мегарданд. Чуноне ки Сафармуҳаммади Аюбии Маҳзун:

Маҳ гуфт, ба маҳвора:
“Наврӯз ҷаҳонӣ шуд”.
Эй мардуми сайёра:
“Наврӯз ҷаҳонӣ шуд” (10, 37).

Дар интиҳои мақолаи мавриди назар баъзе пешниҳодотеро манзури хонандаи нозукбин менамоем, ки шояд дар оянда баҳри боз ҳам таҳким бахшидани худшиносии миллӣ вобаста ба ҷашни Наврӯз аз манфиат холӣ набошанд:

1. Ба муносибат ва ифтихори ин ҷашни соли нави ниёгон ҳатман гимни Наврӯзро офаридан шарт аст (тариқи эълон намудани озмуни ҷумҳуриявӣ).
2. Хуб мебуд, агар дар ҷашни Наврӯз озмуни расмии ҷумҳуриявӣ

дар байни ҷавондухтарон тахти унвони “Зебосанами Тоҷикистон” (“Олиҳаи Тоҷикистон” ё “Зебосанами Наврӯз” ё “Олиҳаи Наврӯз” (дар ҳавзаи Наврӯз ҳам)) созмон ёбад. Чуноне ки маълуми Шумо аст, ҳар сол дар яке аз кишварҳои дунё озмуни «Бонуи сайёра» сурат мегирад ва аз тамоми гӯшаву канори олам мардумони бисёре барои дидан ва иштирок намудан ба озмуни мазкур меоянд. Озмуни “Зебосанами Тоҷикистон” (“Олиҳаи Тоҷикистон” ё “Зебосанами Наврӯз” ё “Олиҳаи Наврӯз”) низ метавонад ба ин озмун ҳамнаво бошад.

3. Ё озмуни дигар бо номи «Наврӯзпаҳлавони Тоҷикистон» низ гузаронида шавад, ки ҷолиби диққат аст.
4. Тоҷикистон гаҳвораи шеър ва навою таронаи Аҷам аст. Месазад, ки дар ин рӯзҳои баҳорию наврӯзӣ озмун-фестивалҳои расмии ҷумҳурияви (ё байналмилали)-ро бо номҳои “Шеъри Тоҷикистон” (ё “Шеъри Аҷам”, барои адибони дохил ё ҳавзаи Наврӯз) ва “Навою таронаи Тоҷикистон” (ё “Навою таронаи Ориёно”, барои ҳунармандону овозхонҳои дохилӣ ё ҳавзаи Наврӯз) ташкил намоем.

Хулоса, чуноне ки дар боло ишора шуд, ҷашни Наврӯз - ба қавли адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон: “ҳамон Наврӯзе, ки зодгоҳаш Ориёи бостон, қалбаш Хуросони қадим ва гаҳвораяш сарзаминест, ки ҳоло дар харитаи олам Тоҷикистон номгузорӣ шудааст” (17, 139) дар таҳкими худшиносии миллӣ нақши арзишманду бориз дорад.

Ҳамчун ҳусни мақтаъ, овардани андешаҳои пурмазмуни зерини Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айни муддаост (чун мо худ зиёӣ ҳастем): «Бояд гуфт, ки эҳёи ҷанбаҳои мардумии Наврӯз, тарғибу таблиғи мунтазами суннатҳои ин ҷашни бостонӣ, оммавӣ гардонидани ғояву арзишҳои ҷовидонаи он ва ба ин восита таҳким бахшидани пояҳои фарҳангии зиндагии ҷомеаи мо яке аз вазифаҳои муҳимтарини аҳли зиё мебошад... . Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба аҳли зиё такя карда, ташаббусҳои созандаи онҳоро пайваста дастгирӣ менамоем. Зеро зиёиён ҳамчун нерӯи фаъолу тавонои ҷомеа метавонанд дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нақши басо арзишманд гузоранд ва манфиатҳои милливу давлатиро содиқона ва қотеъона ҳифз намоянд» (12, 2).

**АДАБИЁТ:**


1. Барқияҳои табрикӣ ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ // Ҷумҳурият, 26 марти соли 2022.
2. Балхӣ Ҷалолиддин Муҳаммад. Ғазалиёти Шамси Табрезӣ (Бо кӯшиши Муҳаммадризо Шафеии Калканӣ, ҷилди 2). –Теҳрон: Сухан, 1388.
3. Балхӣ Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ. –Теҳрон: Замон, 2001.
4. Берунӣ Абурайҳон. Китоб-ут-тафҳим. –Душанбе, 1973.
5. Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1992.

6. Дастури наврӯзӣ (мураттибон: С.Қосимӣ, Б.Ҳабибулло. Дастури методӣ-таълимӣ роҷеъ ба таҷлили ҷашни ҷаҳонии Наврӯзи Аҷам, нашри дуюм бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: ДМТ, 2012.
7. Мерганзода М. Ҷашнҳои миллии тоҷикон – Наврӯз, Меҳргон, Сада ва нақши онҳо дар тамаддуни башарӣ. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ зери унвони «Пешвои миллат - Пешвои Наврӯз» бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ (мураттибон: Қосимӣ С.А., Мерганзода М.). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.
8. Нуров Нуралӣ. Пешвои миллат ва масъалаҳои эҳё, таҳқиқ ва тарғиби ҷашнҳои бостонии тоҷикон. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ зери унвони «Пешвои миллат - Пешвои Наврӯз» бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ (мураттибон: Қосимӣ С.А., Мерганзода М.). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 24. 04. 2010, шаҳри Душанбе // Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба омӯзиши таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол (маҷмуи паёмҳо 2000-2021. Мураттибон: Зарифов Н.Х., Холов Ш). – Душанбе, 2021. –С.186.
10. Панҷоҳ пурсишу посухи наврӯзӣ (мураттибон: Аҳмадзод Ғ., Қосимӣ С.). – Душанбе: ДДОТ бо номи С.Айнӣ, 2024.
11. Пешвои миллат - Пешвои Наврӯз. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ (мураттибон: Қосимӣ С.А., Мерганзода М.). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.
12. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 5. – Душанбе: Ирфон, 2014.
13. Раҳоvард. №22, фасли зимистон, 1376.
14. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. 20.03.2017 ш. Душанбе.
15. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ» [www.prezident.tj 2022] ИНТЕРНЕТ: www.prezident.tj; Khovar.tj).
16. Хайём Умар. Наврӯзнома дар маншаъ ва таърих ва одоби ҷашни Наврӯз (Тасҳеҳ ва таҳияи устод Муҷтабо Минавӣ). –Теҳрон: Асотир, 1375.
17. Ҳафиз Раҳмон. Ойини зиндагисоз. Дастовези наврӯзӣ (мураттиб: Қосимӣ С.). -Душанбе: ДДОТ ба С.Айнӣ, 2018.
18. Шаҳрӣ Ҷаъфар. Теҳрони қадим (ҷ.4). –Теҳрон: Интишороти Муин, 1383.
19. [https: // ru.m. Wikipedia.orq. »wiki]
20. tquk.k.14.04.2019.

**Аннотатсия**

Муаллифон дар мақолаи мазкур аввалан роҷеъ ба истилоҳоти “худшиносӣ” ва “худшиносии миллӣ” маълумот дода, сипас доир ба ёдгориҳои таърихӣ, ки боиси ифтихори миллату халқиятҳои гуногун, аз ҷумла тоҷикон мебошанд, андешаҳои худро баён намудаанд.

Баъдан, муаллифон оид ба таърихи пайдоиш, ташаккул ва такомули ҷашни Наврӯз ва оинҳои он ибрози назар намуда, дар ин радиф ҷойгоҳи онро дар таҳкими

худшиносии миллии тоҷикон муайян намудаанд. Муаллифон бар он ақидаанд, ки анъана, оин ва баргузории ҷашни Наврӯз ва таърихи он ихтироъи мардуми эронитабор (тоҷикон) буда, на танҳо онро оғози соли нав, балки ҳамчун рамзи хуррамию сарсабзии зиндагии инсон, ваҳдат, ягонагӣ ва худшиносӣ метавон шумурд.

Хулосаи муаллифон он аст, ки ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз ин эътирофи тамаддунофарӣ ва фарҳанги асил доштани тоҷикон аст.

**Калидвожаҳо**: худшиносӣ, худшиносии миллӣ, ҷашн, Наврӯз, анъана, оин, гоҳшуморӣ, буруҷ, бовар, сайр, ҷашнвора, тақвим, гулгардонӣ, суманак, гули сурх, хонатаконӣ, суруд ва ғайра.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** фолклоршинос, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ;
**Бобоҷони Ҳабибулло-** адабиётшинос.

## "НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ" – МУАРРИФИКУНАНДАИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ

**Қосимова Р. –н.и.с., дотсент**

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Тел: 918-75-00-25.

Ҳамасола дар партави таҷлили Наврӯзи ҷаҳонӣ ва иди баҳору табиат вохӯрӣ ва суҳбати мустақими Асосгури сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвой миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиён, коршиносон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор мегардад. Ин ҳам дар ҳолест, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи ногувори ҳаёти сиёсиву амнятӣ ва бӯҳронҳои ахлоқиву инсонӣ ворид шуда, кам кишварҳое ҳастанд, ки дорои сулҳу осоиши сартосарӣ бошанд. Ва ин иқдоми неки сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ заминасозӣ идеяи ягонаи миллӣ баҳри ободиву созандагӣ ва муттаҳидии халқи шарифи Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷавони кишвари ҳуқуқбунёд аст. Аз ҷониби дигар баргузор намудани чунин вохӯриҳои илмӣ ва дорои аҳамияти оянданигаридошта худ муҳимтарин иқдом дар роҳи бунёди ҷомеаи равшанфикрӣ ва навбунёди Тоҷикистони ободу озод аст. Вохӯрии имсоли Пешвои миллат бо аҳли зиёи кишвар мутафовит аз солҳои қаблӣ буда аз ҳар зовия суханронӣ ва пешниҳодҳои дақиқи сарвари давлат умедҳои тозаеро дар дили аҳли зиё ва фаъолони ҷомеаи мадании Тоҷикистон бедор сохта ҷавонои кишварро баояндаи дурахшон ҳидоят намуд. Аз нигоҳи равоншиносӣ ва ҷомеашиносии илмӣ

интиқодҳои сарвари давлат оид ба баъзе аз масоил ва мушкилоти мавҷуда дар ҷомеаи дар ҳоли рушди Тоҷикистон саривақтӣ буда, бояд пешниҳодҳои президенти кишвар дар самти ҳалли масоили мубрам дар самти синамову ҳунар, бунёди ҳамбастагӣ дар фаъолияти театрҳои кишвар, ҷалби насли ҷавон ба ободиву созандагӣ ва ахлоқу одамгарӣ, меҳрварзидан ба суннатҳои аҷдодӣ, машғулият ба омӯзиши илмҳои замона бахусус бо ҳузури намояндагони илму маориф ва зиёиёни кишвар бояд дар мадди назари сокинони кишвар бошад.
Дар замони ҷаҳонишудан ва зуҳури таҳаввулоти сиёсиву амниятии ҷаҳон нақши равшанфикр ва зиёӣ калидӣ буда ва дар ин самт аҳли зиёи Тоҷикистон бояд дар меҳвари асолати бостонии гузаштагон ва дифои бузург ба мероси қадими ин миллати хирадбунёди тоҷик бояд насли нави кишварро дар роҳи растагориву ваҳдатшиорӣ тарбият созанд.
Бояд гуфт, ки дар ин ҳамоиш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳёи “Наврӯзи бостонӣ” ва хусусиятҳои хосу барҷастаи ин иди ниёгон, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба яке аз дӯстдоштарин ҷашнҳои миллии сокинони Тоҷикистони биҳиштосоямон табдил ёфтааст, андешаронӣ кардаанд.
Сарвари давлат аз ҷаҳонишавии Наврӯз ва минбаъд ба таври густурда ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани оинҳои хоси он ёдовар шуда, изҳори бовар намуданд, ки зиёиёни тоҷик барои ташвиқу тарғиби мунтазами сунатҳои ин ҷашни бостонӣ, оммавӣ гардонидани ғояву арзишҳои ҷовидонаи он ва ба ин вобаста таҳким бахшидани пояҳои фарҳангии зиндагии ҷомеаи мо талош меварзанд.
Бино ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёиён ҳамчун нерӯи фаъолу тавонои ҷомеа метавонанд дар ташаккули худшиносӣ ва худогҳии миллӣ нақши басо арзишманд гузоранд ва манфиатҳои милливу давлатиро содиқона ва қотеъона ҳифз намоянд.
Чун соли 2017 аз ҷониби Президенти мамлакат “Соли ҷавонон” эълон гардидааст, Сарвари давлат муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки аҳли зиё, бояд ташаббусҳои насли ояндасозро дастгирӣ карда, онҳоро ба роҳи омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар ва ободу пешрафта гардонидани Ватани азизамон-Тоҷикистон ҳидоят намоянд. Вобаста ба фароҳам овардани шароити созгор баҳри зиёиёни ҷавон ҷиҳати омӯзиши илмҳои муосир ҳамаи сохторҳои илмиву таълимии кишвар вазифадор шудаанд. Тарғиби бузургтарин дастоварди халқи кишвар ба хотири таҳкими суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ифтихори ватандорӣ ва ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азиз, инчунин, забон, фарҳанг, расму ойин ва суннату анъанаҳои миллӣ низ яке аз вазифаҳои муҳими аҳли зиё арзёбӣ карда шуд.
Доир ба рушди соҳаи фарҳанг, ки ба беҳдошти дунёи маънавии инсон таъсири амиқ мегузорад, зарур шумурда шуд, ки аҳли эҷоди кишвар – олимон, ходимони адабиёт, театр, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, синамо ва дигарон низ бо дарназардошти ин рисолати инсонсози фарҳанг ба рушди ҳамаҷониба ва мунтазами он таваҷҷӯҳи боз ҳам бештар зоҳир намоянд.

Қобили таъкид аст, ки имрӯз равшанфикрон, зиёиён, олимон, таҳлилгарони масоили рӯз беш аз пеш бояд эҳсоси масъулият намоянд, масъулият яъне дифои муқаддас ба обу хоки Ватан, тарғибиу ташвиқи насли наврас ва ояндасоз ба сӯи фитрати софу беолой яъне холӣ аз ифроту хурофот ва зиёдаравиву бегонапарастӣ, муҳаббат ва таомул дар зиндагии ифтимоӣ бо падару модарон. Инҳо масъалаҳое мебошад, ки ҷомеаи дар ҳоли рушди асри XXI-ум ташнаи чунин ормонҳои ҷаҳонӣ ва инсонӣ аст. Зиёиён ҳам дар сурат ва ҳам дар сират бояд зиёӣ бошанд ва барои кору пайкор ва рисолати хеш бо эътимод ва дорои сидқу ихломи сартосарӣ бошанд. Қобили таъкид аст, ки равшанфикрон ҳамеша дар тӯли таърихи сиёсиву фалсафӣ ва илмиву ахлоқии ҷаҳон хоҳ дар кишварҳои Аврупо ва хоҳ дар кишварҳои Осиё ва дигар манотиқи Сайёраи замин дар як рисолати муҳим мутамарказ будаанд, ки он як вожжа яъне бедорӣ аст. Бедории илмӣ, бедориии маънавӣ, бедории ахлоқӣ, бедории фарҳангӣ ва ғайра, ки ин пиндори нек инсонро ба сӯи растагориву башардӯстӣ ва саодати зиндагонӣ ҳидоят месозад. Ва чунин ормонҳоро ҳамеша Пешвои миллати мо ба сокинони Тоҷикистон ва аҳли зиёву насли ҷавони мамлакат ироа медоранд, то ин насли фаррухрӯз ва хушбахт аз ин даврони шкуфоӣ ва дар зери сояи сулҳу осоиш ва истиқлолу озодӣ ҳамвора истифода намуда пайрави некиву покӣ ва идомадиҳандаи фарҳанг ва тамаддуни ҳазорсолагони миллати хеш бошанд.

Миллати тоҷик ба забон овардани калимаи соф тоҷикии Наврӯзро ҳамчун пайғоми иқболи нав, дили саршор аз муҳаббат ва озодию сулҳпарварӣ барои кулли мардуми ҷаҳон меҳисобад.

Наврӯзи оламафрӯз рӯзгори одамиро пайваста поку ғанӣ ва сазу хуррам нигоҳ медорад, ба сарзаминҳои нав ба нав доман паҳн мекунад ва густариш меёбад ва ҷаҳонӣ мегардад. Аз ҳамин ҷост, ки 18-уми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, таҳти фасли 49, ки унвони "Фарҳанги ҷаҳон"-ро дорад, қатъномаи "Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз" ба тасвиб расид. Он бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифт. Дар қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил мегардад. Соли 2016 бо қарои ЮНЕСКО ҷашни бостонии Наврӯз ба феҳристи осори фаҳангии умумиҷаҳонӣ ворид карда шуд. Бояд гуфт, ки ҷашни Наврӯз маҳз бо ташаббуси Ҷуҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи осори фарҳанги ғайримоддии умумиҷаҳонии созмони ЮНЕСКО, ки 28-уми ноябр то 2-юми декабри соли 2016 дар Ҷаласаи ёздаҳуми банидавлатии ЮНЕСКО доир ба ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар шаҳри Аддис-Абабаи Эфиопия баргузор шуд, расман сабт гардид. Дар ин кори хайру наҷиб ва таърихӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бузург аст.

Бо дарки баланди моҳияти ҷашни Наврӯз, ки тавассути беш аз 300 миллион тан дар 11 кишвари ҷаҳон ба расмият онро шинохта аст дар

саросари ҷаҳон, ҳатто кишварҳои ҷангзада онро бо русуми анъанаҳои худ истиқбол мегиранд ва шодбошӣ менамоянд.
Ин ҷашнест, ки тавонистааст, бо ҳамоишҳои гуногун ҳатто роҳбарони давлатҳоро бо ҳам дар доираи сулҳу дустӣ ҳамқадам сохта, аз эътибори на танҳо фарҳангии Наврӯз, балки эътибори сиёсии он дарак диҳад.
Ҳамзамон, бояд гуфт, ки нақши бузурги Наврӯз дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ муҳим мебошад. Дар раванди пур аз таҳаввулоте, ки ҷаҳон ташнаи адолат, ташнаи амният ва ташнаи суботи сиёсӣ аст, Наврӯз фарҳанги муттаҳидиву адолат, ягонагӣ, сулҳ, ормӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсонгароӣ мебошад. Ҷашне, ки худ рушанӣ бар зидди тирагии шаб ва қудрате бар зидди нерӯҳои аҳриманӣ ва неруе алайҳи терроризму ифротгароӣ ва ифротгароии хушунатомез аст. Дар марҳалае, ки башарият гирифтори қатлу куштору бераҳмӣ ва терроризму ифротгароӣ шуда истодааст, Наврӯз ва фаҳанги ҳастии он метавонад, ба осонӣ пеши роҳи чунин бераҳмӣ ва зулму ноогоҳиро бигирад ва инсониятро ба растагориву бародарӣ ва ободӣ ҳидоят намояд.
Наврӯз на танҳо як ҷашни бостониву қадимаи тоҷикон аст, балки он бо эҳёи табиат робита дошта, ҳануз ҳам рушд мекунад.
Ҷашн гирфтани Наврӯз, баробаршавии шабурӯз аст, гувоҳи он аст, ки инсоният бо табиат як маром дорад: тулӯъи равшании офтоб бар торикӣ, рушд кардани фарҳангҳо бар фарҳагситезӣ, сулҳу субот бар зулму ситам, гармию шукуфтанҳо бар сардию карахтӣ.
Гузаштагони мо ҷашни ҷаҳонии Наврӯзро, ки боз ҳам бо мақсади неки оямдасозӣ ва ободонии дастархон ба ҳам меорад, муттаҳид месозад ва дар чашмони мо нури хуршеди ҷаҳоноро муҳаббатомез менамояд, бо дилу нияти пок пешвоз мегирифтанд ва мегиранд.
Якҷоя ин ҷашни бузурги таърихиро таҷлил намудан, маънои хирадмандӣ ва асилии худро побарҷо мондани мардуми тоҷик аст, ки акнун ҷомеаи ҷаҳонӣ бо камоли майл метавонад аз ин ҳадафи иҷтимоӣ, ки ба як фарҳанги ғанӣ мубадал гаштааст, хурсандибахш пешвоз бигирад.
Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ёдгории маънавии гузаштагони мо барои инсоният бо эҳтиром истиқбол намудаанд ва дар моҳияти он манфиати инсондӯстӣ ва ҷаҳонпарвариро эҳсос намудаанд. Ва ин боиси ифтихори мардуми тамаддунофари тоҷик гардидааст.

## *Аннотация*

**Косимова Раджабмо** – кандидат политических наук, доцент кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета Таджикистан имени Садриддина Айни. Адресс: 734003, Таджикистан, Душанбе, ул. Рудаки, 121, Тел: 918-75-00-25

Ежегодно, в свете празднование нового года мира и праздника весны, проводится непосредственная встреча основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмона с участием интеллигенцией, экспертов, общественных активистов. Это также происходит в то время, когда сегодня общество вступило в неприятную фазу политической жизни и безопасности, а также морального и человеческого кризиса, и

лишь немногие страны имеют абсолютный мир и спокойствие. И это добрая инициатива главы государства Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона является фундаментом единой национальной идеи процветания, творчества и единения благородного народа Таджикистана и молодого общества страны, основанного на праве.

## ANNOTIATION

**Kosimova Radjabmo – Candidate in political science, docent of Tajik state pedagogical university hammed after Sadriddin Ayni. Address: 734003, Tajikistan, Dushanbe city, A. Rudaki street 121. Tel: 918-75-25-00**

Every year, in the light of the celebration of the world Navrus and the holiday of spring and nature, a meeting and a direct conversation, between the fonder of peace and national unity, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahman, is held with intellectuals, experts, civil society activists.

This is also at a time when today the world society has entered the unpleasant phase of political and human crises, and there are few countries that have absolute peace and tranquilly.

And this good initiative of the head of the state of Tajikistan, the honorable Emomali Rahman, is the foundation of a single national idea for prosperity, creativity and unity of the noble people of Tajikistan and the young society of the country dosed on law.

## *РЎЙХАТИ АДАБИЁТ:*

1. Суханронии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/30362 ( санаи воридшавӣ: 25.02. 2024).
2. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз [манбаи электронӣ] http://www/president/node/30231 (санаи воридшавӣ: 22.02.2024).
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии “Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар” дар доираи Конфронси оби СММ-2023 [манбаи электронӣ] http://www.President.tj/node/30252 (санаи воридшавӣ: 20.02.2024).
4. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмҳмалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Наврӯз [манбаи электронӣ] http://www/president.tj/node/25297 (санаи воридшавӣ: 20.02.2024).
5. Суханронӣ ба муносибати таҷлили ҷашни Наврӯз дар шаҳри Душанбе [манбаи электронӣ] http://www/presidtnt.tj/node/19696 (санаи воридшавӣ: 20.02.2024).
6. Суханронӣ ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар варзишгоҳи “20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-и шаҳри Хуҷанд [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/22684 (санаи воридшавӣ: 20.02.2024).

## НАВРӮЗ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГУМАНИСТИИ ОН

**Нодирхонов Г.Г. н.и.ф.**
**ДМТ**
**Тел: (+992) 936000618; E- mail: Gulnazarigulbozkhon@mail.ru.**

Фарҳанги ориёӣ аз зумраи куҳантарин тамаддунҳои инсонӣ буда, бо хусусиятҳои инсонгароии худ дар саргаҳи таърих ҷой дорад. Андешаҳои фавқ аз ҷониби бузургтарин донишмандони ватанию хориҷӣ таъкид ва бо далелҳои муътамад исбот гардидааст. Аз ҷумла Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асараш «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз «Ориён то Сомониён» иброз менамояд, ки «Имрӯз миллати тоҷик аз фарозу шеби таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, асолати таърихию фарҳангӣ ва ҳуввияти миллии хешро нигоҳ доштааст, ки аз ҳамон ҷавҳари гуманистии тамаддуни ориёӣ ва дастовардҳои пурарзиши тамаддуни ислом ғизо мегирад» [6, с.31].

Бо назардошти андешаҳои зикршуда муҳиммияти таҳқиқи масъалаи мавриди назарро мушаххасан метавон чунин баён кард:

1. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки ҷомеа ба мушкилоти ахлоқиву фарҳангӣ мувоҷеҳ гардида, мавқеи инсонгароиву инсондӯстӣ то андозае таназзул ёфтааст, таҳқиқ ва арҷгузории дастовардҳои фарҳангӣ ногузир мебошад. Ин рисолатро метавонад фарҳанги Ориёӣ, алалхусус Наврӯз иҷро менамояд.

2. Раҳму шафқат, ҳамдигарфаҳмиву ҳамдилӣ, дӯстиву рафоқат ва эҳтиром ба арзишҳои нодиртарини фарҳанги миллӣ аз миён рафта, ҷойи онҳоро зулму истибдод ва низоми идораи худкома ва консервативии динӣ гирифтааст, ки ҷиҳати пешгирии ин раванди хатарзо, зарур аст, ки дар шуури мардум ҳисси худогоҳию худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ҷой дода шавад.

3. Василаҳои муҳимтарини мустаҳкам намудани ҳисси миллӣ, аз таҳдиди хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани насли наврасону ҷавонон ин таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши фарҳанги гузаштаи миллати тоҷик хоҳад буд.

Яке аз чунин ҷашнҳои бузурги аҷдодиамон Наврӯзи Аҷам мебошад, ки бо хирад ва биниши воқеӣ сиришта шуда, бо қидмату навпардозӣ насл ба насл, давра ба давра ва марҳила ба марҳила то замони мо расида, ба ин тарз ба оянда мунтақил гардида, дар азнавсозии тафаккур, биниш ва ҳувияти миллӣ нақши муассир хоҳад гузошт.

Сарнавишти Наврӯз ба сарнавишти миллати тоҷик, ки эҷодкунанда ва асосгузори ин оини пурифтихори бостонӣ аст, басо шабоҳат дорад. Тайи ҳазорсолаҳо ин миллат ва ин ҷашн шебу фарози бисёр ва санҷишу имтиҳоноти сангинро пушти сар карда, дар таърихи тамаддуни башарӣ нақши бебаҳо гузоштаанд. Кишваркушоёни аҷнабӣ дар пайи паҳнсозии урфу одат ва фарҳангу забони худ дар маҳалҳои зисти ниёгони мо кӯшишҳои зиёди бенатиҷа карда, баръакс худ зери таъсири ойини давлатдорию шаҳрсозии мардумони ориёитабор қарор

мегирифтанд ва онро мавриди омӯзишу пазирой барои кишварҳои худ қарор медоданд. Бадин минвол қаламрави таҷлили Наврӯзи хуҷаста ва дигар расму оини омӯзандаи ниёгони мо ба гӯшаҳои дуродури олам паҳн мегардид.

Дар раванди бузургдошти забону фарҳанги тоҷику форс ва Наврӯзи хуҷастапай фарзандони фарзонаи ин миллат дар давру замонҳои тақдирсоз хизматҳои таърихӣ намуда, нақши барҷаста бозидаанд.

Ҳикмати суннат ва ҷашнҳои аҷдодии мо дар он аст, ки дар ҷавҳари таълимоташон инсон ва табиатро қарор доданд. Маҳз чунин хусусияти башардӯстӣ ва инсонсолории онҳо буд, ки ҳамагуна сарҳадҳоро шикаста, мақоми байналмилалӣ гирифтанд [3, с.14].

Наврӯз бо огоҳию хирад ва навию навоварӣ алоқаманд буда, метавон онро ҷашни хирадмаоб талақӣ кард. Дигар ин ки Наврӯз бо номи шаҳриёри фарзонаи нимустуравӣ ва нимавоқеии мардуми ориёиасл Ҷамшед сахт пайваст аст. Ба сухани дигар, Ҷамшед симои марказӣ дар ташкили аввалин ҷашни Наврӯз мебошад. Ҳаким Фирдавсӣ низ дар китоби безаволи худ «Шоҳнома», ҷашни Наврӯзро ба чунин мазмун овардааст:

Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯй,
Аз он баршуда фарраи бахти ӯй.
Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро «рӯзи нав» хонданд. [5]

Наврӯз чун бо хирад ва тафаккури созанда бастагӣ дорад, бегумон, ормону орзуи инсонсозиро дар худ ғунҷонидааст. Меҳвари ормони мардуми ҳушманди форсу тоҷикро аз бомдоди фарҳанги миллӣ, инсонсолорӣ ва мардумпарастӣ ташкил медод. Ободии иҷтимоӣ ва рифоҳи зиндагӣ танҳо дар сурате даст медиҳад, ки инсон ҷустуҷӯгар, ҳушёру зирак, меҳрварзу хирадпарвар бошад. Дар ин росто, ҷашни Наврӯз ҷашни растахези табиат, таҷдиди зиндагӣ, ҳаракат, ҷунбиш, такопӯ ва кор аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар зимни нахустин таҷлили байналмилалии ҷашни Наврӯзи аҷдодӣ дар шаҳри Теҳрон 27- уми марти соли 2010 чунин изҳор намуда буд, ки «ҳанӯз дар замони қадимтарин ниёгони мо бо холисии ният ва ормони олӣ ҷашнеро падид оварда буданд, ки паёми ваҳдату муҳаббат, покию садоқат, зебоию нафосат ва бедорию заҳмат будааст» [7].

Пешвои миллат бар хилофи онон, ки Наврӯзро як оини зиддиисломӣ қаламдод намуда, аз зеҳни мардум хориҷ кардани онро таблиғ мекарданд, исбот карданд, ки он ҳеҷ тазоде бо ислом надорад ва он аз ҷумлаи ифтихороти миллӣ ва дастоварди муҳими таърихи тамаддуни қадимаи тоҷикон ва халқҳои эронӣ мебошад, ки ба ин васила ба фарҳанги халқҳои дигар таъсири файзбахш кардаанд.

Барои бозгӯ кардани таъриху анъаноти марбут ба ҷашни Наврӯз осори хаттие аз қабили «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ» ва «Наврӯзнома»-и Умари Хайём арзишмандтарин адабиёти илмӣ

мебошанд. Маълумоти андаке дар осори дигари илмию адабӣ, бавижа дар осори назмию насрии шоирони классик дарёфт кардан мумкин аст.

Дар «Таърих-ул-умам ва ал-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, «Осор-ул-боқия»-и Берунӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Хайём ва китобҳои дигар оғози ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед - шоҳи сеюмини сулолаи Пешдодиён нисбат медиҳанд. Дар бораи чи гуна ҷашн гирифтани Наврӯз дар давлатҳои Пешдодиён, Каёниён, Бохтару Суғд ва Хоразми то аҳди шоҳаншоҳии овозадори Ҳахоманишиён сарчашмаҳои хаттӣ маълумоте сабт накардаанд. Аммо аз замони давлатдории сулолаи овозадори Ҳахоманишиён дар бораи ҷашни Наврӯз маълумоти хаттӣ зиёд аст [4, с.89].

Ҳамчун ҷашни Наврӯз дорои як қатор суннату оинҳое аст, ки имрӯз дар Тоҷикистон, махсусан дар Бадахшон, ки ман худ зодаи ин сарзамини сарбадомон ҳастам, асолати худро садсолаҳо боз нигоҳ доштаанд ва имрӯзҳо низ бо шукӯҳи хосса ҷашн гирифта мешаванд, чунки ҳамчун нажоди ориёӣ тоҷикон ин рӯзро фархундатарин ва муборактарин рӯзи сол шинохта, онро бо қалбҳои саршор аз меҳру муҳаббат ва ниятҳои пок истиқбол мегиранд. Ба ин ҷашни хуҷастапай як моҳ пеш омодагӣ мегиранд. Масалан, занҳо гандумро барои суманак месабзонанд, хонаю дарро озодаю пок карда, барои ҳамаи хонавода либоси нав омода сохта, дар рӯзи Наврӯз тухфа менамоянд, ки ин рамзи қавӣ гардидани муҳаббати хонаводагӣ ва дӯстӣ мебошад. Хурду бузург кӯчаҳову боғҳо, роҳҳову ҷӯйборҳоро ба тариқи ҳашар тоза ва обод месозанд, ки ин аз муттаҳидии одамон ва омадани баҳор ва саршавии кишту кор дарак медиҳад. Субҳи Наврӯз модари хона барвақт аз хоб хеста, бо ниятҳои нек, ба болои болишти сурх орд пошида ба берун бароварда мемонад, ки ин рамзи сурхрӯии хонаводаро ифода мекунад.

Субҳи барвақт аҳли хонавода ҳамдигарро табрик гуфта, ҳамаи либосҳои хонаро ба берун бароварда, хонаро тоза мекунанд. То анҷом додани ин кор касе ба хона даромада наметавонад. Бо тоза гардидани хона, падар ё фарзанди калонӣ аз дарахт шохчаҳо бурида, онро гулкорӣ менамояд. Ҳар он кас, ки ба хона даромаданӣ мешавад, аз шохчаҳои буридашуда ба даст гирифта бо овози баланд «лос-лос Шогуни баҳор муборак» гуфта, ба хона медарояд. Ин шохчаҳо то Наврӯзи дигар дар хона нигоҳ дошта мешаванд. Шохчаҳои гулкоришуда рамзи оромию субот, осоишу сулҳро ифода мекунанд. Мардум чунин мешуморанд, ки агар раваду шохчаҳои наврӯзиро шиканӣ ё бисӯзонӣ, дар он хонадон нохушӣ рух медиҳад. Модар ё зани он хона бо чеҳраи кушод ва хандон ба шахси ба хона дароянда орд пошида, ӯро аз самими ҷалб модарона дуо медиҳад ва таманниёти нек менамояд. Зан бо ниятҳои нек ва чеҳраи шод сутуни ҳар хонаро орд мепошад, ки ин рамзи серию пурии солро ифода менамояд. Бонуи хона ҳар гуна хӯрокҳои наврӯзӣ омода месозад ва дар ин рӯз ҳамаи ҳамсояҳо ва хешу табор ба хонаҳои ҳамдигар ғизову савғо равон месозанд, ки ин муҳаббати қавиро ба ҳамагон ҳадя месозад. Инчунин, дар ин рӯз тамоми мардум ҷое ҷамъ шуда аз ҳар гуна хӯрокҳо тановул карда, хурсандӣ менамоянд. Занҳо як ҷо ҷамъ шуда, дар деги

калон суманак мепазанд ва бо навбат сурудҳои наврӯзиро замзама менамоянд. Бобои деҳқон саҳарии Наврӯз обро ба ҷуйборҳо зада, тухмро ба замин пошида, барзаговҳоро ҷуфт ва заминро шудгор мекунад. Ба ин муносибат бонуи хона барои Бобои деҳқон хӯроки махсуси болаззат омода менамояд. Бозиҳои гуногуне, ки махсусан дар иди Наврӯз дар тамоми Тоҷикистон бо номҳои гуногун иҷро карда мешаванд, дар Бадахшон низ иҷро мегардад: аспдавонӣ, гуштингирӣ, арғунчакбозӣ, туби дастӣ, лашбозӣ, хурӯсҷанг, кабкҷанг, тухмҷанг, ва ғ.

Қайд кардан зарур аст, ки ин суннатҳо бо мурури замон тағйири шакл кунанд ҳам, ҷавҳари худро нигаҳ медоранд. Мӯъҷиби ифтихор аст, ки дар ин қисмати кӯҳистони Тоҷикистон мардум беш аз дигарон ин ганҷинаи бебаҳои ниёгонро аз ҳаводиси айём муҳофизат намуда, то ба имрӯз расонидаанд.

Марҳилаи истиқлоли давлатӣ низ уфуқҳои тозаеро барои таҷлили саросарии Наврӯзи аҷдодиро кушод ва он ба сифати бузургтарин ҷашни миллӣ мавриди таҷлили ҳамагонӣ қарор гирифт. Дар ин даврон масоили шинохт, таҳқиқ, омӯзиш, арҷгузорӣ ва сартосарисозии Наврӯз матраҳ гардид ва дар рушду тавсеаи он Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳм гузоштанд. Сарвари давлат дар баромадаш чунин иброз менамояд, ки «Шояд дар олам мисли Наврӯз кам ҷашне вуҷуд дошта бошад, ки русуми дилчасп ва суннатҳои зиндагисози онро миллату халқҳои дигари олам чун дастоварди беназири фарҳангӣ пазируфта, бо ҳамин номи зебои тоҷикӣ таҷлил намоянд» [8].

Пешвои миллат аввалин шуда дар байни давлатҳои Шарқ ҳавзаи нави фарҳангӣ Наврӯзро созмон дода, муштарак бо Анҷумани форсизабонони ҷаҳон, давлатҳои Покистон, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва давлатҳои Осиёи Миёна дар муҳити нави фарҳангӣ Наврӯзро ҷашн гирифтанд. Кӯшишҳои пайвастаи Пешвои миллат натиҷаҳои самарабахш ба бор овард. Наврӯзи тоҷикон тавонисит, ки муҳити нави таҳаммулпазирӣ ва тантанаи саодатро дар сарсари ҷаҳон ба вуҷуд оварад.

Ҳамин буд, ки бо ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 феврали соли 2010 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки тибқи он ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуд.

Ин ҷашни кӯҳану ҳамешҷавон барои мардуми кишвари мо бигузор осоишии рӯзгор, хуррамию некрӯзӣ, сулҳу амният ва неъматҳои фаровонро ато намояд, то орзу ва армонҳои насли имрӯза низ ҷомаи амал пӯшанд. Шодиву сурур ва хурсандию нишоти кӯдакон дар осмони сафобахши рӯзгор танинандоз бошад.

*АДАБИЁТ:*

1. Давлатмирова М.Б. Анализ аксиологических доминант традиционного праздника “Навруз” в таджикском языке. Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет).- Душанбе, 2022.- №2 (77). С. 132-140.
2. Нуров Н. Наврӯзи ҷамшедӣ- фарҳанги худшиносӣ. Мероси фарҳангӣ.- Душанбе, 2021. №4 (56).- С. 48-55.

3. Қаландаров М.И. Ҳафтсин ва ҳикмати он дар Наврӯз. Рӯзномаи «Минбари халқ». 12. 03. 2018.- №12.- Шумораи (1148).- С.14.
4. Салимова З.С. Нигоҳе ба сарнавишти Наврӯзи тоҷикон. Ахбори институти забонҳо.- душанбе, 2017.- №4 (28). С. 89.
5. Фирдавсӣ. А. Шоҳнома. Ҷ 1.- Теҳрон: Паёми адолат, 1389ҳ.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 2016.- С.31.
7. Э. Рахмон. Навруз-это праздник, соединяющий народы и культуры». URL: http: // khovar.tj/rus/archive/ (дата обращение:20. 02.2024).
8. Э Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар. 20.03.2014. URL: http: // president.tj/node/6377 (санаи муроҷиат: 25. 01.2024).

## НАВРӮЗ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГУМАНИСТИИ ОН

***Нодирхонов Г.Г.***

Дар мақола хусусиятҳои инсонгароёнаи Наврӯз ҳамчун дастоварди фарҳангии тоҷикон ва қавмҳои ҳамтабори он мавриди баррасӣ қарор гардидааст. Муаллиф тавонистааст, ки бо далелҳои муътамад арзиш ва аҳамияти на танҳо таърихӣ, балки муосири тамаддунофари ориёиҳоро дар мисоли ҷашни Наврӯз исбот намояд. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки ҷашни Наврӯз на танҳо хусусияти миллию қавмӣ, балки характери умумиинсонӣ дошта, таҷлил ва бузургдошти он метавонад дар мустаҳкам намудани муҳаббату ҳамдилии инсони муосир низ саҳми арҷманд гузорад.

Калидвожаҳо: *ҷаҳоншиносӣ, фалсафа, офариниш, шинохт, инсон, фарҳанг, тамаддун, Наврӯз, ҷашн, истиқлолият, байналмилалӣ.*

## НАВРУЗ И ЕГО ГУМАНИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

***Нодирхонов Г.Г.***

В статье рассматриваются гуманистические особенности Навруза как культурного достижения таджиков и родственных им народов. Автор смог достоверными фактами доказать ценность и значение не только исторической, но и современной цивилизации арийцев на примере празднования Навруза. Среди прочего отмечается, что празднование Навруза имеет не только национальный и этнический характер, но и общечеловеческий характер, а его празднование и грандиозность могут внести ценный вклад в укрепление взаимопонимания, солидарности и единодушия современного поколения.

Ключевые слова: *космология, философия, создание, знание, человек, культура, цивилизация, Навруз, праздник, независимость, интернациональный.*

## NAVRUZ AND ITS HUMANISTIC FEATURES

***Nodirkhonov G.G.***

The article examines the humanistic features of Navruz as a cultural achievement of the Tajiks and related peoples. The author was able to prove with reliable facts the value and significance of not only the historical, but also the modern civilization of the Aryans using the example of the celebration of Nowruz. Among other things, it is noted that the celebration of Nowruz has not only a national and ethnic character, but also a universal human nature, and its celebration and grandeur can make a valuable contribution to strengthening mutual understanding, solidarity and unanimity of the modern generation.

Key words: *cosmology, philosophy, creation, knowledge, man, culture, civilization, Navruz, holiday, independence, international.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович н.и.ф., муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ
Тел: (+992) 936000618; E- mail: Gulnazarigulbozkhon@mail.ru

# ПЕШВОИ ТОҶИКОН-ЭҲЁГАРИ НАВРӮЗИ АҶАМ

**Туйчиқулов З.Ҷ.-н.и.и.**

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
E-mail:mr.zuhaljon @ mail.ru

**Дустова Н.О.-ассистент**

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
Navrasta dustova @bk.ru

Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраи мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва ҳуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд. Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигоҳдорандаи мардум, забон, расму ойин, фарҳангу таърих ва ниҳоят, Ватан будааст.

(Эмомалӣ Раҳмон)

Ҷашни Наврӯз–муқаддастарин ва кӯҳантарин ойини бостонии ниёгонамон аст, ки дар масири пурпечутоби таърих, навобаста аз фишору маҳдудиятҳои сиёсати зимомдорони замон ба мо-чун гавҳари бебаҳое ба мерос мондааст. Ин ҷашни қадимии мардуми ориёинажод, ки дорои таърихи беш аз 6 ҳазор сола мебошад, ҳангоми баробар шудани шабу рӯз дар нахустин рӯзи баҳор ва солшумории хуршедӣ (1-уми фарвардин ё ҳамал, яъне ба 21-уми марти солшумории мелодӣ) рост меояд. Аз ин рӯ, Наврӯзро "Ҷашни сари сол" низ меноманд.

Гузаштагони тамаддунпарвари мо аз қадимулайём ба ин ҷашн эҳтироми хосса дошта тамоми расму ойини суннатии аҷдодиро ба қавли Рӯдакии бузургсолор "гирд карданду гиромӣ доштанд..." то ин ҷашни фархунда эмин аз газанди рӯзгор бо риояи кулли қоидаву русуми худ (ҳафт сину ҳафт шин) то замони мо пояндаву ҷовид бимонад.

Нисбат ба таърихи пайдоиши Наврӯз ақидаҳои мухталифи зерин мавҷуданд: бархе пайдоиши Наврӯзро ба замони ҳазрати Одам ва Каюмарс; дигаре, ба даврони салтанати Шоҳ Ҷамшед ва баъдан ба аҳди Сосониён рабт медиҳанд. Ба андешаи муаррихон ва мутафаккирон, аз замони шоҳаншоҳии империяҳои бузурги Ҳахоманишиёну Ашкониён оиди ҷашни Наврӯз маълумоти дақиқе то замони мо нарасидааст, вале дар аҳди Сосониён ин ҷашн ба авҷи аълои худ расида ба иди умумиллӣ табдил гардидааст.

Ин ҷашни кӯҳанбунёд-аз аҳди бостон аз китоби муқаддаси "Авесто" ибтидо гирифта доир ба таърихи пайдоиш ва баргузории расму русуми он дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва бадеӣ маълумоти бешумору пурҳикмате зикр гаштааст, ки донишмандони тоҷику эронӣ ва хориҷӣ дар асоси онҳо мақолаҳову рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Роҷеъ ба ин ҷашн маълумоти муфассал ва пурмӯҳтаво дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-

ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-маҳосин-вал-аздад»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ин бузургони хирад Ҷамшеди Пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд. Ин сарчашмаҳои мӯътамад ба он далолат мекунанд, ки Наврӯз дар давраи салтанати Пешдодиён, дар замони ҳукмронии Шоҳ Ҷамшед пайдо варивоҷу равнақ ёфтааст. Тибқи ахбори аксари ривоёт давраи салтанати Ҷамшед давраи адлу инсоф буда ба пайдоиши якчанд ҷашнҳои суннатӣ ва ойинҳое, ки аз замони Зардушт боқӣ монда буданд, асос гузоштааст. [4.саҳ. 123]

Дар давраҳои минбаъда, аз ҷумла дар замони Каёниён, Сосониён ва Сомониён Наврӯзи Аҷам ба худ мақоми умумимиллӣ касб карда, бо арзишҳои волояш ба муттаҳидсозии халқҳои ориёинажод ва устувор намудани пояҳои давлатдории онҳо мусоидат намудааст.

Ҳарчанд, ки дар тӯли таърих истилогарони аҷнабӣ барои аз байн бурдани ҷашни Наврӯз ва дигар ойинҳои қадимаи халқҳои эронинажод борҳо кӯшидаанд, вале бо ҳидояту пуштибонии фидокоронаи хонадонҳои фарҳангдӯст ва фарзандони донишманду ғаюри халқамон, бахусус аз тариқи урф фатвои шаръӣ додани фақеҳи бузург Имоми Аъзам ин ойин ба тамаддуни ислом ва суннатҳои исломӣ мутобиқ гардида, на танҳо ҳамчун яке аз рукнҳои таркибии фарҳанги мардуми ориёинажод, балки қавму миллатҳои дигар низ шинохта шуда, идома пайдо кардааст. [2.саҳ. 144]

Дар тӯли садсолаҳо Наврӯз ва ойину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои ҳукмрон борҳо ба тағйиру дигаргуниҳо мувоҷеҳ шуда бошад ҳам (махсусан дар замони Шӯравӣ) вале миллати сарбаланду тамаддунпарвари тоҷик ба ҳамаи ин мушкилиҳо нигоҳ накарда ҷашни зебои ниёгони худро ҳифз ва таҷлил мекарданд.

Наврӯз, ки табиатан гаравиш ба озодагиву воростагӣ дорад, бо фарорасии даврони Истиқлолият дар Тоҷикистони азиз нафаси тоза дарёфту вусъати дигар пазируфт. Истиқлолияти диёри арҷманди мо, диёре, ки чун Ватани Наврӯз дар ҷаҳон эътироф гардидааст, барои ин ҷашни фархунда марҳилаи тозаеро оғоз бахшида шуҳратафзои он гашт. Дар ин даврони шукуфоии халқи тоҷик Наврӯзи ҷахонафрӯз дар симои абармарди фарҳангпарвару хирадгустар Эмомалӣ Раҳмон посдори содиқу нерӯманди хешро дарёфт. [1.саҳ. 37]

Сарвари давлат аз ибтидои роҳбарии кишварро ба зимма гирифтан ба масъалаи инкишофи илму фарҳанг, мактабу маориф ва омӯзишу муаррифии осори мутафаккирон ва эҳёи тамаддуни гузаштагон аҳамияти хосса дода, дар яке аз суханрониҳои хеш бахшида ба таҷлили соҳибистиқлолии кишвар чунин иброз намуда будаанд: “Мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида эътибори доимӣ медиҳем”. [1.саҳ. 112]

Бунёди муассисаҳои муҳташами фарҳангӣ, мақоми давлатӣ гирифтани як қатор муассисаҳои фарҳангӣ аз қабили ансамблҳои “Шашмақом”,”Фалак”-таҷлили ҷашнҳои “Меҳргон”, “Тиргон”,”Сада” махсусан эҳё гардидани ҷашни аҷдодии Тоҷикон-Наврӯз гувоҳи талошҳои беназири Пешвои миллат ба ҳисоб меравeнд. Ба ин масъала ишора намуда Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ва мулоқоташон бо намояндагони зиёиёни мамлакат чунин гуфта буданд: “Шукри истиқлолият ва давлатдории миллӣ, ки аз баракати онҳо дар кишвари мо баргузории ҷашни Наврӯз ва эҳёи суннатҳои он ҳусн ва рушди тоза гирифта, ба иди умумихалқӣ табдил ёфт. Яъне Наврӯзи бостонии мо аз фишори сиёсати даврони гузаштаи таърихамон, ки онро бо ҳар баҳона расму ойини кӯҳна ва нодаркор эълон карда буд, тадриҷан раҳида, мақоми шоиста ва ҷойгоҳи сазовори худро соҳиб шуд”. [3.саҳ. 240]

Боиси ифтихори мо тоҷикон аст, ки ҷашни фархунда ва умумибашарии Наврӯз мақоми воқеии худро маҳз дар даврони Истиқлолият дарёфт, ки ин бо ташаббуси бевосита ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат амалӣ гардидааст.

Натиҷаи саъю кӯшиши роҳбарияти Тоҷикистон махсусан талошу ташаббусҳои ватандӯстонаи бевоситаи Пешвои миллат буд, ки санаи 19-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид, таҳти фасли 49, ки унвони “Фарҳанги ҷаҳон”-ро дорад, Қатъномаи “Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз” ба тасвиб расид. Дар Қатънома гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун “Рӯзи байналмилалии Наврӯз” таҷлил гардад.

Дар партави қарори мазкур санаи 2-юми августи соли 2011 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул гардид, ки мувофиқи он дар кишвар ҳангоми ҷашнгирии Наврӯз чаҳор рӯз расман истироҳат эълон шудааст. [4.саҳ. 126]

Роҳбари давлат дар самти эҳёи анъанаҳои миллӣ ва муаррифии фарҳанги миллии ниёгонамон дар арсаи байналхалқӣ аҳамияти хосса дода пайваста кӯшишҳо ба харҷ доданд то ин ҷашни аҷдодӣ аз нав эҳё карда шавад. Маҳз арҷгузорӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, эҳтиром ба фарҳангу тамаддун ба ин абармарди сиёсат имкон дод, ки садоқатмандонаву пайгирона бикушад ва дар ин ҷодаи пурифтихор комёбу шарафманд гардад.

Шоистаи таъкид аст, ки Сарвари давлати соҳибистиқлоли тоҷикон Пешвои тоҷикони ҷаҳон-Эмомалӣ Раҳмон дар радифи ин ҳама хидматҳои фидокоронаашон баҳри пойдориву рушди миллат дар ҷодаи густариши адабиёту фарҳанг низ корҳои зиёдеро сомон бахшиданд ва дар ин миён ба эҳёи Наврӯз таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда, эҳёгари ин фархундаҷашн гардиданд, зеро ормонҳои наврӯзиро ба ормонҳои миллатпарастонаву башардӯстонаи хеш бисёр мувофиқу созгор дарёфтанд: “Ҷашни Наврӯз, ки зодаи хирад, андеша, ҷаҳонбинӣ ва

тафаккури гузаштагони бузурги мо мебошад, дар замири худ ҷавҳари некӣ, накӯкорӣ, бахшишу меҳрубонӣ, покизагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, созандагию бунёдкориро дорад”. [3.саҳ. 122]

Бешак, Наврӯз баёнгари наҷибтарин орзуву омол, ормону умедҳои башар буда, некиву накӯкорӣ, покиву озодагӣ, тарабу шодӣ, осудагиву ободиро талқин намуда, мардумро ба созандагиву бунёдкорӣ даъват мекунад. Наврӯз ҳамчунин пайвандгари дӯстиву бародарӣ, нерӯбахши сулҳу оштӣ, зудудояндаи занги кинаҳову озурдагиҳост.

Бузургдошти Наврӯз-умуман бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист, ки дар тули садсолаҳо арзишҳои неки инсониро дар худ таҷассум кардааст.

Хулоса, ҷаҳонишавии Наврӯз воқеияти таърихии ба асолати худ баргаштану эътироф шудани ин суннати аҷдодиро барқарор намуд, ва чунонки мебинем, ин ҷашнро халқҳои гуногуни олам бо ин ё он тарзе ҳамчун маросими ба охир расидани фасли сардӣ ва истиқболи мавсими гармиву эҳёи табиат таҷлил мекунанд. Аз ин рӯ, муждаи мақоми ҷаҳонӣ гирифтани ин ҷашн ормони чандинсолаи мардумони ҳавзаи фарҳангии Наврӯзро амалӣ намуд ва барои асилу побарҷо мондани он саҳми босазои Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррасу мондагор мебошад.

АДАБИЁТ:


1. Эмомалӣ Раҳмон, Наврӯз-шиносномаи миллат, Душанбе “Адиб”-2015;
2. Эмомалӣ Раҳмон, Имоми Аъзам . Рӯзгор, осор ва афкор. Душанбе 2009.
3. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 1. Душанбе - 2022
4. Намоз Ҳотамов,Таърихи халқи тоҷик, Душанбе 2011.



**Маълумот дар бораи муаллифон:Туйчиқулов Зуҳалҷон Ҷониқулович -**номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail:mr.zuhaljon @ mail.ru

**Дустова Навраста Оқилбоевна-**ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
Navrasta dustova @bk.ru


**Аннотация**


Мақола фарогири таърихи пайдоиш ва эҳёи ҷашни қадимӣ ва муқаддаси халқҳои ориёинажод-Наврӯзи Аҷам буда, марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва густариши ин ҷашни аҷдодӣ, нақши фарзандони тамаддунпарвару фарҳангсолори миллати тоҷикро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин дар мақола оиди талошҳои пайваставу пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати мақоми байналмилалӣ касб намудани Наврӯзи ҳуҷастапай зикр гардидааст.



**Калидвожаҳо:** Эмомалӣ Раҳмон, Наврӯз, ҷашн, таърих, фарҳанг, Ҷамшед, ойин, эҳё, Ватан.

**Туйчикулов Зухалджон Джоникулович-** кандидат экономических наук, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного университета коммерции.
mr.zuhaljon@mail.ru
**Дустова Навраста Окилбоевна-**ассистент кафедры экономики и управления Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айны.
Навраста Дустова @bk.ru

**Аннотация**
ЛИДЕР ТАДЖИКОВ-НОВАТОР НОВОГО АДЖАМА

В статье освещена история возникновения и возрождения древнего и священного праздника народов Ориоинажода - Навруз Аджам, исследованы исторические этапы зарождения и распространения этого исконного праздника, роль детей цивилизованных и культурных лидеров. таджикской нации. В статье также упоминаются постоянные усилия Основотеля национального мира и единства, великого лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемогоЭмомали Рахмона по приданию Наврузу международного статуса.

Ключевые слова: Эмомали Рахмон, Навруз, праздник, история, культура, Чамшед, ритуал, возрождение, родина.

**Tuychikulov Zuhaljan Jonikulovych-**candidate of economic sciences, head of the economic theory department of the Tajik State University of Commerce. E-mail: mr.zuhaljon @ mail.ru
**Dostova Navrasta Okylboevna-**assistant of the Department of Economics and Management of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ainy.
Navrasta dustova @bk.ru

Abstract
THE LEADER OF THE TAJIKONS-THE INNOVATOR OF NEW AJAM

The article covers the history of the origin and revival of the ancient and holy holiday of the Orioinazhod peoples - Novruz Ajam, and studies the historical stages of the origin and expansion of this ancestral holiday, the role of the children of the civilized and cultural leaders of the Tajik nation. The article also mentions the constant efforts of the founder of national peace and unity, the great leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon, to make Nowruz an international status.

**Keywords:** Nowruz, celebration, Emomali Rahmon, history, culture, Chamshed, ritual, revival, homeland.

# НАВРӮЗИ АҶАМ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

**Усанов Р.-** дотсент
**Эркаев С. А.-** дотсент

ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров
(93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru

«*Мо ифтихор дорем, ки Тоҷикистон, барҳақ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст. Ҳар кадоме аз ин ҷашнҳо таърихи беш аз 6000 – сола дорад ва ин далел низ боиси ифтихори мост, ки Наврӯз бостонӣ имрӯз ҷашни ҷаҳонӣ гардидааст*». **Эмомалӣ Раҳмон**

Дар сарчашмаҳои таърихӣ - асарҳои Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар –«*Таъриху-р-русул ва-л-мулук*», «*Зайну-л-ахбор*»-и Гардезӣ, «*Китоб-ут-тафҳим*» ва *«Осор-ул-боқия*»-и Абурайҳони Берунӣ, Ибни Асир дар «*Комилут-т-таворих*», Масъудӣ дар *«Муруҷу-з-заҳаб*», Фирдавсӣ дар «*Шоҳнома*», Кисравӣ дар «*Ал-маҳосин вал аздод»,* Ҳофиз Шерозӣ «*Девонҳо*», дар асарҳои «*Авасто*», «*Динкарт*», «*Бундпаҳишт*», «*Бурҳони қотеъ*», Имом ат-Термизӣ дар «*Наврӯзнома*», «*Ал-аҳодис ан-наврӯзия*», Страбон, Е.С.Бертелс, Маҳмуд Қашқарӣ дар «*Девони луғати турк*», Юсуф Хос Хоҷиб «Қутатғу билиг», Абӯбакри Наршахӣ дар «*Таърихи Бухоро*», «*Наврӯзнома*»-и Умари Хайём, асари Абӯалии Балъамӣ ва ғайраҳо маълумоти мухтасар баён карда шудааст. Наврӯз оини ҷавонмардӣ ва хайру эҳсон». Наврӯз – дар адабиётҳои таъризхӣ ҳамчун муждаи баҳор намуда, дар барои мазмун ва моҳияти ин ҷашни мардуми маълумотҳои мухтасар баён карда шудааст[1,с.46].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд карда шудааст, ки иди Наврӯз ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми форсуточик мебошад. Наврӯз дар луғатҳо ба маънои рӯзи нав ва тоза, рӯзи нахустин, аввали рӯзҳои сол, яъне, рӯзе, ки соли нав аз он оғоз мегардад, омадааст. Дар ин маврид Абӯрайҳони Берунӣ – донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст: «*Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст*» ва дар китобаш «Ал-тафҳим» менигорад, ки «*нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро огози соли нав аст*». Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои нашр шудани оиди идҳои халқи тоҷик Асосгузори ваҳдати миллӣ- пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як чанд бор қаёд карданд:«*Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки «Шашмақом», «Фалак», Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо мебошад*»-Эмомалӣ Раҳмон[2,с.3].Ёдовар мешавем, ки соли 2019 дар мувофиқа бо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Соли нави миллӣ тасдиқ гардид.

Дар асоси хулосаи донишмандону мардумшиносон, фолклоршиносони тоҷик ва дигар олимони ҳавзаи Наврӯз аз байни рамзҳои наврӯзӣ, ки аз гулҳои бойчечак, сиёҳгӯш, лола, гули зард, шохи дарахти ғунчадор ва парандаҳои асотирии симурғу парасту иборат буданд, суманак ва гули наврӯзӣ ҳамчун рамзи истиқболи Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Соли нави миллӣ ва пайки омад-омади баҳори файзбор дар ҷумҳурӣ қабул гардид[3,с.16].

Дар ҷашни Наврӯз ва оинҳову суннатҳои марбути он ранги сафед аҳамияти бештар доштааст. Мардуми шарқ-тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун *рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу оромиш, осмони соф ва кушоиши кор* шуморида, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Деври хонаҳоро қабл аз фарорасии соли нав сафед мекарданд, ҳангоми табдили сол либосҳои сафед ва бар мекарданд. Рӯи суфраи Наврӯзи шакар, шир, ҷурғот ва хӯрокҳои аз

ширу биринҷ пухта мегузоштанд. Аз маълумотҳои гирдовардаи мардумшиносону муаррихон ва пажӯҳишҳои муҳаққиқони фолклор бармеояд вам о аз ьисёр тавсирҳои мардумшиносӣ ва фолкулории пажуҳишгароне, ки роҷеъ ба Наврӯз ва расму одатҳои марбути он китобу мақолаҳо таълиф кардаанд, шоҳиди он мешавем, ки то ба ин рӯз ранги сафед яке аз муҳимтарин рангҳои рамзомези ин ҷашн мебошад. Солномаи ниёгон. [4,с.8].

Вожаи Наврӯз аз забони қадимаи паҳлавии «нук-нуҷ» ё «нук-рӯз», дар забони муосири тоҷикӣ аз ду калима «нав ва рӯз» таркиб ёфта, маънои рӯзи навро ифода мекунад. Дар забони арабӣ бошад бо номи «най-рӯз» зикр гардидааст. Дар ҳар маврид моҳияти вожаи Наврӯз дорои як маъно-рӯзи нав, яъне нахустин рӯз аз моҳи аввали солшумории хуршедӣ ва оғози фасли баҳор мебошад. Дар хусуси пайдош, ташаккул ва таҷлили ҷашни аҷдодии тоҷикон Наврӯзи хуҷастапай дар манобеи таърихии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ маълумотҳои арзишманде ба мушоҳида мерасанд. Андешаҳои арзишманде миёни ақвоми эронӣ, мусулмон ва пайравони адёни дигар аз қабили яҳудӣ ва насронӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ба пайдоиш ва шаклгирии наврӯз ҳамбастагии зич дорад. Наврӯз – азизтарин ҷашни миллӣ. Тоҷикистон-Ватани Наврӯз аст[5,с.9].

Абӯалии Балъамӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро аз ҷониби Ҷамшед чунин инъикос кардааст: *«Ва чунин рӯзе. Ки ба подшоҳӣ расид рӯзи ҳурмузд буд аз фарвардин. Пас он рӯз Наврӯз кардан два то кунун суннат гашт. Ва ҳафтсад сол биншаст, ки андар ин рӯзгор рӯзе дарди сараш нахост ва душмане бар вай берун наёмад ва ранҷе ва гаме надид».*

Абӯҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар –«Таъриху-р-русул ва-л-мулук» ин масъаларо равшану возеҳ шарҳ додаст: - «*Ҷамшед бифармуд, то чарҳе аз обгина барои ӯ бисозанд ва шаётинро дар он ҷой до два бар он нишаст ва дар ҳаво аз шаҳри хеш аз Данбовард (Дамованд) то Бобул ба як рӯз рафт ва он рӯз ҳурмузрӯзи фарвардинмоҳ буд ва мардум аз ин ширифтӣ, ки диданд Наврӯз гирифтанд. Ва бигуфт. То ин рӯз ва панҷрӯзи дунболи онро ид гиранд ва шодӣ ва хушӣ кунанд ва ба рӯзи шашум, ки мурдодрӯз буд, зимни мактубые ба мардум хабар дод, ки чун Худованд равиши вайро дар подшоҳӣ писандида, подоши вай ин шуда, ки мардум аз гармо ва сармо ва беморӣ ва пирӣ ва ҳасад барканор шудаанд ва мардум аз паси сесаду шонздаҳ сол, ки аз подшоҳии вай гузашта буд ба сар карданд, ки аз ин балиёт ба дур буданд…. Гёяд, ҳама маликии Ҷам аз огози шоҳӣ то вақте, ки кушта шуд, ҳафсаду нуздаҳ сол буд*». Ин маълумоти Табарӣ нисбати ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ ягона буда, танҳо маълумоти «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ ба таҷлили Наврӯз монандӣ дорад.

Дар баъзе маъхазҳои таърихӣ омадааст, ки чун Заҳҳок Ҷамшедро азл кард ва подшоҳиро аз ӯ гирифт, машаққати зиёд кард ва чун Фаридун пас аз нӯҳсад сол бар ӯ ғолиб омад. Мардум ин рӯзро ин гифтанд ва Наврӯз хонданд.Ибни Асир дар «Комилут-т-таворих» овардааст, ки «*бархе аз эрониён гумон мебаранд. Фаридун Ожидаҳок (Зарҳҳок)-ро, ки сахтӣ ва машаққати зиёд овард, дар рӯзи Наврӯз кушт ва аз ин рӯ эрониён гуфтанд «наврӯз омад», яъне ин ки рӯз ва рӯзгори навинро огоз уврдем. Инон ин рӯзро ҷашн гирифтанд*». Аммо Масъудӣ

дар «Муруҷу-з-заҳаб» меорад, ки: -«*Фаридун рӯзи банд кардани Заҳҳокро ид гирифт ва онро Меҳргон номид*".
Абӯбакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» Наврӯзро ҳамчун оғози соли суғдӣ ва оғози соли деҳқонону кишоварзон меҳисобад.- «*Наврӯз соли ҷадиди муғон, эҳтимолан дар тақвимҳои форсӣ ва сӯғдӣ яке буда, ва баъд ба муддати панҷ рӯз тафовут пайдо кардааст, соли ҷадиди деҳқин рӯзи аввали фарвардин ва соли ҷадид муғон рӯзи шашум мебошад*». Яъне Наврӯз дар замони Сомониён ба аввали фарвардин рӯзит 21-уми март ҳамчун рӯзи оғози соли деҳқонон маънидод мешавад, ки аз наврӯзи муғон, ки ба рӯзи шашуми фарвардин рост меомад аз наврӯзи аввал бо хусусиятҳои мазҳабиву ақидавии худ фарқ мекард. Наврӯзро мизони тарозӯи сол меноманд, зеро он ҳангоме фаро мерасад ва замоне ҷашн гирифта мешавад, ки соатҳои шабу рӯз баробар мегарданд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, асарҳои характери таърихнигорӣ дошта, саҳифаҳои матбуоти даврӣ дар бораи таҷлили ҷашни Наврӯз дар ақсои олам маълумотҳои гуногун баён карда шудааст. Мардуми Афғонистон, хосатан сокинони Балх ном шаҳри бомтонии он наврӯзро, ки бо номи «Гули сурх» низ машҳур аст, 40 рӯз ҷашн мегиранд. Дар Озарбойҷон Наврӯзро се рӯз- аз 20 то 23 март ҷашн мегиранд. Оростани дастурхони наврӯзӣ дар ин ҷо ҳатмист. «Бирав, бирав» суруи машҳури озариҳо мебошад, зеро моҳ бояд ҳарчӣ зудтар биравад ва офтоб барояду муждаи рӯзи нав – Наврӯзро бидиҳад. Дар Эрони бостони бошад, Наврӯз 13 рӯз идома меёбад. Соли нави шамсӣ ҳам ҳамин рӯз оғоз мегирад. Рӯзи нахустини Наврӯзро лар Покистон «Олами рӯшноӣ» меноманд. Дар ин Сарзамин Наврӯз бо ду ном шӯҳрат дорад. «Ҷашни Гули сурх» ва «Иди Наврӯз». Дар Қирғизистон Наврӯз ҳамагӣ як рӯз таҷлил мегардад: аз субҳ то шом ва расм будааст, ки бо либосҳои милливу силоҳҳои қадима дар ҷашн ширкат биварзанд. Дар Туркманистон Наврӯз 20-уми март таҷлил карда мешавад. Қазоқҳо Наврӯзро 22 март ҷашн мегиранд. Ба идгоҳ мардум бо либосҳои милӣ мераванд. Аз рӯи расму оин суманакро дар ҳарф зарфи сафед ба ҷашнгирандагон пешкаш менамоянд. Дар Тоҷикистони офтобрӯяи мо,Ҷашни байналмилалии Наврӯз аз 21 то 24-уми март ба таври тантанавӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда мешавад.

Дар сарчашмаҳои таъритхӣ Парасту ва хосияти он бо баҳор ҳам маълумотҳо оварду шудааст. Дар байни парандаҳо парасту тезпар аст. Дар як соат то 200 км парвоз мекунад. Олимон исбот кардаанд, ки дар дунё 79 намуди парасту умр ба сар мебаранд, ки 7 намуди он дар Тоҷикистон низ ба қайд гирифта шудааст.Парасту ҳамагӣ 9-10 сол умр мебинад ва ҳар сол нахустин шуда, муждаи баҳорро маҳз он ба мо мерасонад.Аксар парастуҳо дигар ба кишварҳи ҳамсоя кӯч намебананд. Басо рамзист, ки парастуҳои даҳсола охири фасли баҳор мемиранд.Ана, ҳамин тавр дар баҳор тавлид шудан, бо баҳор зистан ва баробари рафтани он тарки ин дунё намудан фақат хоси парстуҳо мебошад [6,с.4]. Мазмуни ҷашни Наврӯз-пайки шодиву сурур, шукуфоиву зебоӣ, паёми эҳёи табиат, Наврӯзи тоҷикону ҳам иди тоҷикона, Наврӯз бо паёмҳои нек омад, Шогун баҳор муборак! Суманак – рамзи баҳору сулҳ (си малак,

симанак, суманак, сумбалак, сумалак ва ғайраҳо). Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои ҷаҳон аст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 5000 сол боз онро ҷашн мегиранд. Агар дар рӯзи иди Наврӯз барф борад, фоли нек ҳисобида мешавад.

Мардуми Шарқ омадани баҳорро вобаста ба маҳалли ҷуғрофии худ дар моҳҳои *феврал, март ё аввали апрел* бономҳои гуногун ҷашн мегиранд.Наврӯзро дар *Эрон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Покистон ва Кавказ* рӯзи якуми моҳи фарвардин, мутобиқ ба 20-22 марти солшумории мелодӣ ҷашн мегиранд.Дар Қозоқистон номидуюми ин ҷашн вуҷуд дорад- Уластин Улй, ки маънояш «*Рӯзи бузургбарои тамоми мардум*» аст.Агар дар иди Наврӯз *барф* борад, фоли нек ҳисобида мешавад. Дар Тотористон мардум фарорасии баҳорро бо номи «Сабантӯй» истиқбол мегиранд.

Яке аз анъанаҳои Наврӯз ҳафтсин мебошад. Ҳафтсин ҳафт анвоест, ки онҳо бо ҳарфи с(син) сар мешавад: 1.Сир - рамзи саломатӣ. 2. Себ - рамзи зебоӣ ва тандурустӣ. 3.Себарга - рамзи сабзиши табиат. 4.Санҷид - рамзи ошиқӣ. 5.Сирко - рамзи пуртоқатӣ ва хирадмандӣ.6.Суманак - рамзи муҳаббат ва боварӣ. 7.Сипанд - рамзи солимӣ ва давобахшӣ [7,с.24].

Наврӯз яке аз қадимтарини идҳои ориёист. Ривоятаст, ки ин ҷашнро Ҷамшед асос гузоштааст. Ин ҷашн дар моҳи аввали баҳор, ки Фарвардин ном дорад, баргузор мешавад. Дар ин рӯз офтоб ба хатиустувор меояд ва шабу рӯз баробар мешавад. Рӯзи якуми Фарвардинро рӯзи якуми баҳор – *саршавии киштукор, бедоршавии табиат, олами наботот, такмили дунёи н*ав меонистанд. Дартархони Наврӯзи ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он гул, ширинӣ, шарбат, май, нон, меваҷот мугузоранд. Рақами 7 дар урфияти гузоштагон бузург буд ва ба ин хотир дастархони 7-син меоростанд, аз қабили себ, санҷид, сирко, сим, сабза, сабзӣ, ки ишора ба ҳафт амшосипандон – фариштагони бузург аст.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд щудааст, ки дар давраи қадим ҷашни Наврӯз як моҳ - 30 рӯз давом мекардааст. Дар панҷ рӯзи аввали Наврӯз қаюбристонҳоро пок мекарданд, даронҳо қурбониҳо менамуданд. Ривоят аст, ки дар ин рӯзҳо арвоҳи гузаштагон аз осмон ба замин меоянд, аз кору бори авлоди худ огоҳ мешаванд ва барои он, ки онҳоро фаромӯш накарданд, изҳори қаноат менамоянд ва ба авлоди худ кӯмак мекунанд. Панҷ рӯзи дуюмро мардуми шаҳру деҳот бо тӯю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мебахшиданд. Панҷ рӯзи сеюмро мардум дар дарбори шоҳҳо ботантана ҷашн мегирифтанд ва боқимонда 15 рӯзи дигарро дар сахро ба сайри наврӯзи мебахшиданд…

Аз тарафи дигар, калимаҳои *«шамъ», «шароб» ва «шарбат»* ҳарсе арабӣ мебошанд ва то тасаллути арабҳо ин калимаҳо дар байни эрониён риоҷ набуданд. Эрониён *шаробро* «май» ва «бода» меномиданд, шамъро «чароғ»мегуфтанд. Ҳатто ҳарфи «*шин*» ҳам арабӣ аст.Таъбири «ҳафт син» пас аз куҷо сарчашма мегирад? Ин расм дар оғоз тақрибан чунин буда, ки дар ҳафт табақ хӯришу ашёи рамзӣ гирифта, дар суфраи наврӯзӣ мегузоштаанд. Шумораи «ҳафт» дар фарҳанги мардуми эронитабор муқаддас ва серистеъмол аст. Доир ба пайдоиши он ривоятҳои гуногун

мавҷуданд, аммо андешаи ба ҳақиқат наздиктар дар мавриди «ҳафт син» ин аст, ки адади ҳафт аз ҷамъи Аҳура Маздо ва шаш амшоспандон – эзадон ё фариштаҳои соҳибмақоми зардуштӣ ба вуҷуд омадааст. Маҳз дар айёми Наврӯз барои ин ҳафт нафар дар ҳафт табақ ғозову ашёи рамзӣ гирифта дар сурфа мегузоштанд. Масалан, дар як табақча тухми мурғ мегузоштанд, ки рамзи *офариниш* ба шумор мерафт. Дар косае шир мегиританд ва он ҳамчун *ифодакунандаи покманишӣ ва бегуноҳӣ* марбут ба эзиди *Баҳман* буд Табақи сабзаро ба хотири эзиди Урдибиҳишт, ки *нигаҳбони гиёҳу маргзорон* буд, мениҳоданд. Ё худ барои *Шаҳривар*, ки эзиди *нигаҳбону ҳомии маъдану филизот* буд, дар табақе чанд сиккаи нуқрагин мегузоштанд. Испандро намоде аз *Спандармад* (Исфанд) мешумурданд ва ғайра.

Эрониён табақро «синӣ» меноманд, ки муарраби «чинӣ» аст, яъне лаълие, ки аз Чин оварданд, ё ба тарзи чинӣ сохта шудааст. Ба гумони аглаб, таъбири «ҳафт син» бояд аз ҳамин ҳафт синӣ, яъне ҳафт табақ гирифта шуда бошад. Ибораи «ҳафт шин» ва гузоштани неъматҳо бо ҳарфи «ш» баъдтар дар пайравии «ҳафт син» ба вуҷуд омадааст. Суфраҳои Наврӯзӣ, шумораи ҳафт ҳамчун миқдлои муқарарии ашё ва ё ғизо (ҳафт гулу гиёҳ ва сабза, ҳафт хӯша ё донаи аз ҳубубиёти мухталиф), каме қанд, ҳафт сиккаи сафеди нуқра, як шоҳаи гули судоб, дар дохили ҳафт табақи сафолии сафед, ки ба тарзи зибое чида шуда бо ҳафт шоха аз дарахтони анор, биҳӣ, бодом, булут, зайтун вас еб тазйин менамуданд.

Ҳафт сиккаи тилло, шамъ, миқдоре шири тоза дӯшидашуда, нони кумоч, ҳафт куочаи таҳияшуда аз бодому чормағз ва кунҷид, тухм, асал ва ҳафт ҷоми сафед, ки дохили ҳар яке ширу асалу об ва чанд қатра гулоб рехта шуда буд, дар сари суфраи идона қарор меоданд [8,с.17]. Оиди Наврӯз:1.«Наврӯз- рӯзи аввали моҳи фарардин, ки расидани офтоб аст бануқтаи аввали Ҳамал».-«*Ғиёс-ул-луғот*». 2.«Сababи ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки офтоб дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз ба руъи аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, рӯзи нав номид ва ҷашн ойин овард».- «*Наврӯзнома*»-и Умари Хайём. 3. «Ва чанде аз ҳашвия мегӯянд, ки чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале, пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд, эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!».- «*Осор-ул-боқия*»- Берунӣ.4. «Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро сари сол бошад ва шаб ба рӯз баробар шавад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад».- «*Зайн – ул- ахбор*».5. «Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат рӯзи ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст».- *«Китоб – ут – тафҳим»* [9,с.1]. Хулоса, Наврӯзи Аҷам дар сарчашмаҳои таърихӣпурра баён карда шудааст.

## АДАБИЁТ


1.Эркаев С.А. Наврӯзи оламафрӯз.-Хуҷанд:,2020.

2. «Народная газета» № 50 (20331) 22 декабря 2021 года.

3. «Қонун ва ҷомеа» №11 (722), 18.03.2023.

4. «Боҷу хироҷ». № 11 (1264) 18 марти соли 2021.
5. «Боҷу хироҷ». № 11 (1264) 18 марти соли 2021.№ 11 (1315) 17.03.2022
6. «Тирози ҷаҳон № 25(2932), 20.03.2021.
7. «Боҷу хироҷ»№11-12(1367),16.03.2023.
8. «Боҷу хироҷ»№11-12(1367),16.03.2023.
9. «Дурахшандагон» №6(166),18.03.2023.

Аннотатсия

**НАВРӮЗИ АҶАМ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ**
**ДРЕВНЫЙ НАВРУЗ В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ**
**NAVROZI AYAM DAR SARCHASHMAOI TARIKH**

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются материалы о древном Наврузе в историческтх источниках, значение праздника Навруза, чествование Навруза. обряды и традиции народного праздника Навруза и др.
**Ключевые слова:** Древный, Навруз, исторический, праздник, источник, Наврузноме, син, шин, мин, восток.
***Annotation:*** This article discusses materials about ancient Navruz in historical sources, the meaning of the Navruz holiday, and the celebration of Navruz. rituals and traditions of the folk holiday Navruz, etc.
***Key words:*** Ancient, Navruz, historical, holiday, source, Navruz, sin, shin, min, east .

**Маълумот дар бораи муаллифон: Усанов Равшан,** дотсент **Эркаев Сафар Абдулхайрович**, дотсенти кафедраи Археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, иширокчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. (93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru

## НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ ВА ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ.

**Шарипов Ш.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷашни Наврӯз дар тамоми Осиёи Миёна бо як тантанаи ба худ хос қайд карда мешавад. Этнографияи Наврӯз басо рангину дилпазир аст. Дар замони Ҳахоманишиҳо, Ашкониён, Сосониён ва Сомониён дар байни мардуми ориёӣ ҷашни Наврӯз бо бисёр маросиму одатҳои аҷиб баргузор мегардид. Дар давраи Ҳахоманишиҳо маросими Наврӯз ҳам бисёр ноқису маҳдуд буд аз он, ки шоҳони ин силсила ба иҷрои одобу ташрифоте дар Наврӯз мепардохтанд [16].
Чунон ки аз осори Бобул бармеояд, Дорюш- шоҳи Ҳохоманишӣ (486-521 п.аз.м.), дар наврӯзи ҳар сол ба маъбади баълмардук-раббуннӯъи бузургии Бобул мерафт ва дасти онро мегирифт. Чун ин подшоҳони

дигари Ҳохоманишиҳо барои таҳкими бунёди қудрат худ маъмулан дар анзори ҳар як аз миллат худро тарафдори мазҳаби эшон муаррифӣ мекарданд ва мутобиқи одоби мазҳаби онон рафтор менамуданд. Дар ин аҳд подшоҳон дар Наврӯз ба “бори ом” менишастанд. Бори омро иморати махсус буд ва шоҳ дар айвони ин иморат ҷулус мекард ва қаровулони хоса дар атрофи вай саф мекашиданд, ва маросими Наврӯз дар камоли ҷулусу ҷабарут иҷро мешуд.

Дар ин рӯз, маъмулан аз вилояту иёлоти мухталифи мамлакат ҳадяҳое ба васили намояндагони махсус ба хидмати шоҳ фиристода мешуд, ва соҳиби бор намояндагони миллии тобеъро ба навбат ба хидмати шоҳ мебурд. Ҳадяҳое, ки ба хидмати шох оварда мешуд, иборат аз асп, гӯсфанд, шутур, гов, шер, бузи куҳив, зарофа ва намунаҳое аз либосҳои махсуси ҳар қавму заруфи тиллоӣ ва аз амсоли инҳо иборат буд [15].

Наврӯз дар замони Ашкониён ва Сосониён рушду болидагии бештареро касб кард. Асри Сосониён даврони суботи манзалатҳо низ ҳаст ва ҷомеаӣ шаҳрнишинии Эрон ба ҳама талошҳои чандинҳазорсолаи хеш тасвири қонунӣ пӯшонидааст. Дар ин миён Наврӯз низ макому мавқеи хосеро дорад. Эрониён пояҳои асотири куҳани худро низ дар ҳамин даврон ниҳодаанд ва бешак, барои ниҳодҳои гуногуне, ки доштаанд, собиқу заминаи лозимро таҳия кардаанд. Муаррих Мула менависад: “Ҷомеаи Сосонӣ натанҳо барои Наврӯз балки барои ҳар падидаи устувору мондании рӯзгори худ низ реша ёфта буд, ки мавқеияти таърихии худро ҳифз кунад ва бо ҳамаи гузаштаҳои дури куллияи ақвоме, ки миллату фарҳанги эрониро месохтаанд, ҳамоҳангӣ ёбад”[11].

Сосониён Наврӯзро nog roz мегуфтанд. Ба муҷиби ривояти “Динкард”, ҳар подшоҳе дар ин рӯзи фархунда раияти мамолики хешро қарини шодиву хуррамӣ мекард ва дар ин ид касоне, ки кор мекарданд, даст аз кор кашида, ба истироҳату шодмонӣ мепардохтанд. Яке аз кутуби паҳлавӣ нисбатан ҷадид ҳама ҳаводиси гузаштаву ояндаро, ки Наврӯз воқеъ шудаву хоҳад, шуд, шарҳ медиҳад. Яъне аз рӯзе, ки Аҳурамаздо ҷаҳонро биофарид ва аёми фархундае, ки дар таърихи достони мазкур аст, то поёни умри олам дар он омадааст. Наврӯз иди баҳорист ва дар ин рӯз молиётҳои вусулшударо ба ҳузури шоҳ ба азлу насби ҳукком мепардохт. Чи хеле, ки донишмандони Аврупои Артур Кристенсен дар асари “Эрон дар аҳди Сосониён” овардааст дар рӯзи аввали Наврӯз дар он замони дерин низ мардум субҳ зуд бархоста, ба канори наҳри ҷӯйборҳо рафта шустушӯ мекарданд, ба ҳамдигар ҳамчун пайғоми поки рӯшоноӣ об мепошиданд ва ширинӣ медоданд.

Яке аз муҳақиқи араб Ҷоиз дар китоби худ “ал-Маҳосин-в-ал-аздод” дар бораи Наврӯзи замони даврони Сосониён, бахусус хони наврӯзии он рӯзгорон, чунин гуфтааст: “Марди хушному хушгун бомдоди рӯи Наврӯз ба ҳузури шобор меёфт ва мизи симин рӯ ба рӯи ӯ мениҳод. Дар канори миз кулчаҳое гузошта шуда буданд, ки аз ҳубуботи гуногуни монанди:

гандум, ҷав, арзан,нахуд, биринҷ, кунҷид, лубиё пухта шуда буданд ва ҳафт дона аз ҳар як аз анвои ин ҳубуботро бардошта дар канори миз мегузоштанд. Дар васати миз ҳафт шохи дарахтро низ мениҳоданд, номи онҳоро пешгӯи мекарданд, ва шакли онҳоро ба фоли нек мегирифтанд, аз кабили: бед, зайтун ва анор, ки хар кадом ба андозаи як, ду ё се банд қатъ шуда буд ва ҳар шохае бо номи яке аз иёлот рӯи миз мегузоштанд ва бар ҷойҳои мухталиф менависанд: абзуд-абзоид-абзун-барвон-фароҳӣ, яъне афзуда хоҳад шуд. Ва ҳафт ҷоми сафед ва ҳафт дирҳами сафед , як динори нав ва як испанд мегузоштанд” [13]. Шукуҳу ҷалоли Наврӯз махсусан дар аҳди Сосониён боло рафт ва аз осору ашъори шоирон бармеояд, ки ҷашни Наврӯз баёнгари бузургӣ, шукуҳӯ салтанат ва ифтихори аҷдодони шоҳони Сомонӣ буда, барои мардуми Мовароуннахр ва Хуросон рамзи истиқлолталабиро низ доштааст. Дар давраи Сосониён сар карда чунин таомул низ будааст, ки дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон шоҳон аз мардуми меҳнаткаш ба ғайр аз андозҳои муқарарии солона ҳамчун андоз меситониданд. Он хироҷҳо “ҳадяҳои Наврӯзӣ ва Меҳргон” номида мешуданд. Дар бораи чанд рӯз ҷашн гирифтани Наврӯз маълумотҳо мухталиф мавҷуд аст. А.Берунӣ дар аҳди Сосониён 6 рӯз ид кардани Наврӯзро хотиршинос намудааст. Дар аёми Наврӯз махсусан навоҳое махсус дар хидмати шоҳ навохта мешуд, ки фақат ихтисос ба ҳамин ҷашнҳову айём дошт. Мувофиқи маълумотҳои муаллиф, шоҳ рузи аввалро ба кабули мардум ва ҳурмату эҳтироми онҳо мегузароинд. Рузи дуюм мансабдорон ва давлатмандон қабул карда, суҳбат меорост. Рузи сеюм муъбадон, олиму доноёни давр, рузи чаҳорум аҳли дарбор, рузи панҷум фарзанду хешу таборони худро мепазируфт. Рузи шашум, ки расид, худи шоҳ Наврӯзро қайд мекард. Аз ин ҷашни рузи шашумро “Наврӯзи Бузург” меномидаанд. Шоҳ дар Наврӯзи бузург пешкашҳои аз вилоятҳо омадаро қабул менамуд [14]. Дар замони Сосониён ба Наврӯз аҳамияти махсус дода мешуд. Он бо шаъну шукӯҳ баргузор мегардад. Дар ин рӯз молиёти ҷамъшударо ба назди шоҳ меоварданд. Мардум ин маросимҳоро бо нияте ба ҷо меоварданд, ки соли навашон иқбол оварад ва тамоми сол бедарду ранҷ бошанд.

Пос доштани Наврӯз ва анъанаҳои наврӯз ин эҳтироми хотираи гузаштагонамон аст. Воқеан, яке аз суннатҳои қадимтарини халқи тоҷик ин ҷашни Наврӯз аст. Оиди зуҳури ҷашни Наврӯзи бостон дар сарчашмҳо ва осори бозмондаи бузургони илму адаб, гуфтори фаровоне ба имрӯз расидааст. Аз мисолҳои боло оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд хулосаҳо баровардан мумкин аст. Пеш аз ҳама тамоми сарчашмаҳо ба қадими будани ҷашни Наврӯз шаҳодат медиҳанд. Ташаккули ҷашни Навруз аз расми шудани он ба асрҳои xx-xvii пеш аз мелод ва ҳатто дуртар аз он рост меояд. Таърихи ҷашнгирии иди Наврӯз хело қадима мебошад ва ин ҷашни калони порсиён аст. Ин ҷашн бо вуҷуди он, ки дар баробари шоҳони ҳахоманиши арзу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди шукӯҳу баланд расидани ҷашни Наврӯз он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли

дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбия кард. Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз мероостанд, ки овози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду ширу шаробу шакару шамъу шамшод ва шоя (меваҷот) иборат буданд. Бо ташабуси бевоситаи Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон дар Созмони Милалӣ Муттахид Навруз ба феҳрасти ҷашнҳои бостонӣ пазируфта шуда ҷаҳонӣ гардид.
Аз ин рӯ мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арчгузори намуда ба наслҳои оянда мерос гузорем. Ҷашни Наврӯз дар тамоми Осиёи Миёна бо як тантанаи ба худ хос қайд карда мешавад. Этнографияи Наврӯз басо рангину дилпазир аст.

Ҳамин тавр, пос доштани Наврӯз ва анъанаҳои наврӯз ин эҳтироми хотираи гузаштагонамон аст. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арҷгузорӣ намуда, ба наслҳои оянда мерос гузорем.

**Адабиёт**


1. Аҳмадов Р. Наврӯзи хуҷастапай / Р Аҳмадов . –Душанбе, 2008.- С. 111.
2. Беруни А. Осор ул бокия / А Берунӣ . Душанбе, 1990. -С 432
3. Гардези А. Зайн ул ахбор / А Гардезӣ. –Техрон, 1363.- С 365.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.Ҷ.1-2 / Ғафуров Б. –Душанбе, 1998. –С 55
5. Забарова М., Дӯстов З. Таҷлили Наврӯз дар Ҳисори Шодмон / М Забарова., З Дӯстов. –Душанбе, 1992. С 121
6. Исоматов М. Ҷашни Наврӯз дар Суғд /М Исоматов. //Шохрҳои Вахдат. №3, 2001.
7. Кристенсен А. Эрон дар аҳди Сосониён. Тарҷумаи Ғуломирзо Рашиди Ёсамӣ / А Кристенсен . –Техрон, 1363.С 143
8. Наршахи М . Таърихи Бухоро / М Наршахӣ. Душанбе, 2012. С 280.
9. Наврӯзи Қазоқистон. Дасури таълимӣ. –Д., 2007.
10. Обидов Д. Таҳқиқи сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон / Д Обидов . –Душанбе, 2009. С 234
11. Раҳмони Р. Наврӯзи ориёи тоҷикон /Р Раҳмони . –Душанбе, 2013. С 312
12. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойтинҳои суннатии тоҷикон /Д Раҳимов . –Душанбе, 2011 С 323
13. Қосим С., Ҳабибулло Б. Дастури Наврӯзӣ / С Қосим., Б Ҳабибулло. –Душанбе, 2012. С 25
14. Умари Хаём. Наврӯзнома / У Хаём. Душанбе, 2006. С 81
15. Усмон Н. Наврӯзи чахон / Н Усмон . Душанбе, 2012 . С 64
16. Шаъбонӣ Ризо.Одоб ва русуми Наврӯз / Ш Ризо. –Душнбе, 2008 С 87
17.



Аннотатсия

**Нигоҳе ба таърих ва таҷлилӣ ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ.**

Мақолаи мазкур, роҷеъ ба тачлили Наврӯз дар ахди бостон бахшида шудааст. Воқеан, яке аз суннатҳои қадимтарини халқи тоҷик ин ҷашни Наврӯз аст. Оиди зуҳури ҷашни Наврӯзи бостон дар сарчашмҳо ва осори бозмондаи бузургони илму адаб, гуфтори фаровоне ба имрӯз расидааст. Ин ҷашн бо вуҷуди он, ки дар баробари шоҳони ҳахоманиши арзу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди шукуҳу баланд расидани ҷашни Наврӯз он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбия кард. Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз мероостанд,

ки оғози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду шиpу шаробу шакар, шамъу шамшод ва меваҷот иборат буданд. Бо ташабуси бе воситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Созмони Милалӣ Муттаҳид Наврӯз ба феҳрасти ҷашнҳои бостонӣ пазируфта шуда, ҷаҳони гардид. Аз ин рӯ мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арҷгузори намуда, ба наслҳои оянда мерос гузорем.

**Калид вожаҳо:** наврӯз, ҷашн, адабиёт, сарчашма, миллат, ниёгон, таърих, суннатҳои қадима, адабиёти таърихӣ, Ҷамшед, Ориёно, син, шин, оташдон.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Шарифов Шомахмад Шарипович- Донишгохи миллии Точикистон, номзади илмхои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халки точик. Сурога: 734025, Чумхурии Точикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17 Телефон 931903009.

**Взгляд на историю и празднование международного праздника Навруза**

Данная статья посвящена истории и происхождению праздника Навруз.Фактически, одной из древнейших традиций таджикского народа является праздник Навруз. О появлении древнего праздника Навруз в источниках, а также останках великих ученых и литературы до современного человека дошло немало слов.

Из сведений исторических, литературных книг и археологических находок видно, что праздник Навруз – это действительно народный обряд, который отмечали наши предки еще до арабского нашествия.

В древнее источниках найдены интересные сведения о народном празднике Навруз. По народным преданиям, возникновение Навруза иногда относят к эпохе Каюмара, первого в мире, иногда ко времени царя Гетиафруза Джамшеда, позже к периоду правления Куруша Ардашера Бобакона.

На основе изучения ряда исторических источников и литературы автор рассмотрел историю и происхождение праздника Навруз.

**Ключевые слова:** *Навруз, праздник, литература, источник, народ, предки, история, древние традиции, традиция, обряд.*

**PRAZDNIK NOVOGO GODA PO PUTI ISTORII**

This article is dedicated to the history and origin of the Nowruz holiday. In fact, one of the oldest traditions of the Tajik people is the holiday of Nowruz. About the appearance of the ancient holiday Nowruz in the sources, as well as the remains of great scholars and literature of the modern person, there are many words.

From historical, literary books and archeological records, it is clear that Nowruz is a truly national ritual that commemorates our ancestors even before the Arab invasion.

Interesting information about the national holiday Nowruz has been found in ancient sources. According to folk traditions, the emergence of Navroza is sometimes attributed to the era of Kayumara, the first in the world, sometimes to the time of Tsar Getiafruza Jamsheda, later to the period of the administration of Kurusha Ardashera Babakona.

The author has analyzed the history and origin of the Nowruz holiday.

**Key words:** *Nowruz, holiday, literature, source, people, ancestors, history, ancient tradition, tradition, rite.*

**Сведения об авторе: Шарипов Шомаҳмад Шарипович**, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета.Тел: 931903009.

**Information about the author: Sharipov Shomakhmad Sharipovich,** candidate of historical sciences, associate professor of the department of history of the Tajik people of the Tajik National University. Tel: 931903009.

# АСРОРУ СОЗИ НАВРӮЗ ДАР ТАМАДДУН ВА ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

**Ҷӯраев Р.З. -** н.и.ф., дотсент

Донишгоҳи славянии Россия- Тоҷикистон
Тел.2276127; E-mail:rajab RTSU@mail.ru

Наврӯз яке аз нахустин ва бузургтарин ҷашнҳои фарҳанги аҳли башар ба шумор меравад, ки бо оину суннатҳои зиндагисози худ аз гузаштаи ниҳоят дури таърихӣ то ба имрӯз боқӣ монда, эътибору манзалати худро ҳифз намуда, дар густариши ойинҳои минбаъдаи халқиятҳои гуногун саҳм гузоштааст, ки онро ҷомеаи башари ҳамчун дастоварди беназири фарҳанги форсу-тоҷик пазируфта, дар ҳавзаи тамаддуни исломӣ ва берун аз он бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил менамоянд.

Ин хусусият боис гардид, ки 10-феврали соли 2010 бо кӯшиши дастҷамъонаи роҳбарияти Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Озорбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон Қатънома дар бораи Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз таҳия гардида, ба Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод намуданд,ки ба мондагории Наврӯз дар ҷаҳон тақвият бахшид.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари кишварҳои мазкур ташаббускори ин амали нек созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО низ ширкат дошт, ки бо пешниҳоди он ва кишварҳои зикргардида Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар 64-умин иҷлосияи худ (23-юми феврали соли 2010) доир ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» эълон намудани 21-уми март Қатъномаи дахлдор қабул намуд ва ҳамин тавр, Наврӯз расман мақоми ҷашни байналмилалиро соҳиб гардид, умри абадии ин ҷашнро собит сохт.

Дар Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ қайд гардид, ки «Наврӯз ҳамчун забони муштараки миллионҳо инсон дар Осиё ҳавзаи уқёнуси Ҳинд, Осиёи Маркази Ховари Миёна, Қавқоз Балкан, ҳавзаи Баҳри сиёҳ ва бисёре аз нукоти дигари ҷаҳон ворид гардидааст. Имрӯз беш аз 300 миллион нафар Наврӯзро дар саросари ҷаҳон гиромӣ медоранд. Бузургдошти Наврӯз бузургдошти решаҳо, таърих, ва арзишҳои тамаддунҳои дурахшони башарист, ки дар тули қарнҳо арзишҳои инсонро мунтақил сохтаанд. Тарвиҷ ва пешбурди фарҳанги зиндагии созгор бо табиат яке аз ҷанбаҳои Наврӯз аст, ки ҳамсӯи бисёре аз аҳдофи Созмони Миллали Муттаҳид аст» [1, с. 50.].

Бешубҳа, Наврӯз ҷашнест куҳанбунёд, ки онро мардуми ориёнажод ҳанӯз аз даврони асотирии Пешдодиён таҷлил намуда, суннатҳои ҳаётбахши онро то замони мо мерос гузоштаанд.

Аз ин лиҳоз мо гуфта метавонем, ки Наврӯз аз сапедадами рӯзгори инсонӣ оғоз гардида, ҳамзоди тамаддуни ва фарҳанги форсу-тоҷик буда, бо суннатҳои беназир ва муқаддасоти худ нақши пайвандгарро дар байни миллатҳо ва халқиятҳои гуногун бозидааст.

Аз ин лиҳоз, хусусияти ҷолиби Наврӯз он аст, ки ин ҷашн ягон хусусияти қавмӣ, динӣ ва мазҳабӣ надошта, дар доираи як миллат ва ё қавме маҳдуд нашуда, хоси аҳли башар мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки таърих, илму фарҳанг, анъанаву урфи одатҳои тамаддуни форсу-тоҷик дар тӯли асрҳо диққати аҳли башарро ба худ ҷалб карда буд ва дар оянд низ хоҳад кард.

Дар баробари ин тамаддуни форсу-тоҷик ҷашну маросимҳо, суннату анъанаҳои неква арзишҳои волои худро ба дигар халқу миллатҳои ҷаҳон, хусусан ба он миллатҳое, ки ба он тобеияти динӣ доштанд,интиқол дода, ба онҳо меомӯзониданд.

Алалхусус, ин тамаддун бо дилбастагиҳои худ ба суннатҳои Наврӯзи тавонист мақому манзалати ин ҷашнро бо сиришти фарҳангзояш дар андешаи фарҳанги исломӣ устувор гардонад.

Ин буд, ки Наврӯз на танҳо дар байни мардуми форсу тоҷик, балки дар хилофати арабӣ бо шукуҳ таҷлил мегардид.

Наврӯз, ки ҷашни миллии мардуми ориёнажод буда, то пайдоиш ва густариши дини ислом арзи ҳастӣ дошт ва араби пеш аз ислом бо ду ҷашнвораи мардуми Аҷам иди Наврӯз ва Меҳргон аз куҳан ошно буданд.

Донишманди араб Олусӣ чунин нигоштааст: «Мардуми Мадина пеш аз ислом ду ид доштанд: Наврӯз ва Меҳргон» ва чун расули Акрам (с) ба Мадина омад, бар одобу русуми эшон дар ин ду ид огоҳ шуд, гуфт: «Худои таборак ва таоло ба ҷои ин ду иди беҳтар аз онҳоро барои Шумо арзонӣ доштааст, ки «Явмулфитр» ва «Явмуннаҳр»[ 2,с.364. ] аст.

Бояд зикр намуд, ки Наврӯз вобаста ба ҳаводиси таърихиву сиёсӣ ҳарчанд таҳаввулотро аз сар гузаронида бошад ҳам, моҳияту суннатҳои беназири зиндагисози худро тағйир надодааст, баръакс тавонист иқдомҳои некеро дар тамаддуни исломӣ роиҷ созад.

Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки муносибат ва нигоҳи дини ислом ба Наврӯз чӣ гуна аст? Оё ин ҷашнро барои худ бегона мешуморад, суннатҳо ва урфу одатҳои онро рад намудааст ё баръакс онҳоро таҳким бахшидааст?

Аввалан, мо дар даст ягон далел ва ё маводе надорем, ки дини ислом Наврӯзро барои худ бегона, шуморида таҷлил ва ё суннатҳои онро

инкор карда бошад. Ҳар чанд дар ин мавзуъ андешаҳои мухталиф ҷой дошта бошад ҳам вале баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои даврони зуҳури ислом ва адабиёти исломӣ шаходат медиҳад, ки дини ислом баръакс одобу арзишҳо ва суннатҳои зиндагисозӣ Наврӯзро қувват ва неруи тоза бахшидааст.

Зеро мақсади дини ислом барчидани арзишҳои миллии як қавм ё халқе нест, балки барчидани он арзишу суннатҳои волои тамоми инсоният мебошад, ки ба фитрати инсони созгор аст.

Ислом ин суннатҳои созгорро самт ба сӯи олӣ бахшида онҳоро ҳифз намудааст. «Ойини писандидаеро барҳам марез, ки бузургони ин уммат бад-он рафтор намуданд ва ба василаи он мардум ба ҳам пайвастаанд ва раият бо якдигар созиш карданд. Ва ойине магзор, ки чизе аз суннатҳои неки гузаштаро зиён расонад» [3, с.431].

Қобили зикр аст, ки дини ислом ба ин ойини меҳровар ва илҳомбахш ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, суннат ва одобу анъанҳои Наврӯзро эътироф намуда, онҳоро таҳким бахшидааст.

Донишманди араб Аҳмад ибни Фаҳад дар китоби Ал маҳзаб-ул-бореъ, ки Шаъбонӣ Р., дар пажуҳиши худ иқтибос овардааст, чунин навиштааст: «Наврӯз рузест гаронқадр. Бисёре аз урфу одатҳое дар миёни миллатҳо дар гузашта вуҷуд доштааст, монанди хатна дар шариати яҳудиён, рӯза дар шариати масеҳиён вуҷуд дошт, вале ин аҳком дар ислом ботил шуморида нашуд, баръакс аз ҷониби ислом пазируфта шудааст. Ҳарчанд, ки Наврӯз аз ҷумлаи суннати зардуштиён аст, вале ислом онро пазируфт ва муқаддасоти онро ҳифз намуд» [4, с.118.].

Тамаддуни исломӣ ба таҳаввули Наврӯз мусоидат намуда ба он ҷомаи исломӣ пушонида, одобу аъмоли неки исломиро бар он илова намуд. Дар тамаддун ва фарҳанги исломӣ андешае зерин оид ба бузургдошти Наврӯз устувор аст, ки худованд ба Пайғомбар (с) чунин ваҳй намуд. «Арзиш ва қадри Наврӯз бар ман зиёд аст ва ба худ қарор додаам ҳар муъмине дар ин рӯз ҳоҷати худро бихоҳад бароварам» [5, С.164].

А.Берунӣ нисбати таҷлил ва манзалати Наврӯз аз дидгоҳи ислом чунин ишорат кардааст: Овардаанд, ки «дар Наврӯз ҷоме пур аз ҳалво барои Пайғомбар (с) ҳадя оварданд. Он ҳазрат пурсид: «Ин чист»? Гуфтанд: «Имрӯз рӯзи Наврӯз аст». Пурсид «Наврӯз чист»? Гуфтанд: «Иди бузурги Эрониён аст», фармуд «Оре дар ин рӯз буд, ки Худованд Аскараро зинда кард». Он гоҳ аз ҳалво тановул кард ва ҷомро миёни асҳоб қисмат кард ва фармуд: «Кош ҳар рӯз барои мо Наврӯз буд» [6, с.230].

Дар луғатномаи Фирӯзободӣ низ чунин андешаи зайл омадааст: «Полуда (шириниест, ки аз нишоиста ё орди биринҷ, ки бо шакар ё оби мева, ки дар Наврӯз мепазанд) барои ҳазрати Али (а) оварданд, суол кард муносибати ин чист? Арз шуд, ки рӯзи Наврӯз аст. Фармуд: «Ҳама рӯзҳоро агар битавонед Наврӯз қарор диҳед» [7, с.279].

Андешаи зайлро ба таври дигар дар бораи эътироф ва эҳтироми суннатҳои Наврӯзӣ дар дигар сарчашмаи таърихии фарҳанги исломӣ низ дида метавонем. «Нуъмон Ибни Марзбон (падари Абуҳанифа-Имоми аъзам) дар рӯзи Наврӯз ба назди ҳазрати Алӣ(а) полуда овард. Ҳазрати Алӣ фармуд. Ҳама рӯзҳоро Наврӯз барои мо қарор диҳед» [8, с.326].

Эътибор ва манзалати Наврӯз, хусусан дар давраи хилофати Аббосиёи дар тамаддуни исломӣ устувору побарҷо гардид. «Халифаи дуюми аббосиҳо Ибни Мансур-менависад Иностранцев К.А., Наврӯзро ҳамчун расму таъомули мусулмонӣ пазируфта, онро ҷорӣ кард, ки то кунун дар инҷо ҷашн гирифта мешавад» [9, с. 86.].

Дар тафаккури исломӣ яке аз фалсафаҳои пазириши Наврӯз он аст, ки рӯзи аввали он анҷоми офариниши олам ва офарида шудани инсон аст, ки «Худованд дар рӯзи Ҳурмузд аз фарвардии моҳ, ки ҷашни Наврӯз аст, аз кори офариниш фароғат ёфта ба осоиш гузаштааст».

Илова бар ин дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёт ва илму фарҳангӣ исломӣ оид ба бузургдошти Наврӯз ва сабаби эътироф гардидани он ривоятҳои зиёде мавҷуд аст, ки чанде аз онҳоро меоварем.

Дар таҳқиқи Шаъбонӣ Р., аз мақому манзалат ва ҷойгоҳи Наврӯз дар тамаддуни ислом аз номи Муалло ибни Хунайс чунин ривоятҳо оварда шудааст. Ибни Хунайс мегуяд: «Рӯзи Наврӯз хидмати Имоми Содиқ (а) рафтам, фармуданд, оё медонӣ имрӯз чӣ рузест? Арз кардам» «Аҷам имрӯзро бузург медоранд ва барои ҳамдигар ҳадя мефиристанд. Имоми Содиқ (а) фармуданд: «Ба байти Каъба савганд мехурам, ки Наврӯз аз замони қадим аст. Инчунин Имоми Содиқ (а) илова намуданд, ки «Наврӯз рӯзи некуест барои ҳама корҳо алалхусус барои тиҷорат ва кишту кор».

Дар фарҳанги исломӣ Наврӯз ҳамчун рӯзи муқаддас эътироф шудааст. «Наврӯз рузест, ки худованд аз бандагонаш паймон гирифт, ки ӯро бипарастанд, мушрик нашаванд ва имон биёваранд». Мусулмонон Наврӯзро рӯзе медонанд, ки «Ҷабраил ба Пайғомбар (с) нозил шуд. Рӯзест, ки» Иброҳим (а) бутҳоро шикаст.

Рӯзе Наврӯз ғусли кун ва покизатарин либоси худро бипӯш ва бо беҳтарин атр худро муаттар намо ва он рӯзро рӯза бигир. Покизатарин ғусл, ғусли рӯзи Наврӯз аст. «Фарзанде, ки дар рӯзи Наврӯз ба дунё омад муборак аст ва сифати хубе хоҳад дошт» [10, с. 164-167.].

Ба андешаи Маҷлисӣ «рӯзи Наврӯз он аст, ки худо бо дуои яке аз паёмбарон борон ба мардум фиристонд ва об ба эшон дод» [11, с.274].

Шояд ин андеша боиси то кунун боқӣ мондани обпошӣ ҳамчун яке аз суннатҳои Наврӯзи гардида бошад, ки дар байни мардуми Эрон ниҳоят маъмул аст.

Ба андешаи мо ривоятҳои оварда шаҳодати эҳтирому эътироф ва устувору побарҷо мондани Наврӯз дар тамаддун ва фарҳанги исломӣ шояд суннатҳои беназири он бошад, ки яке аз онҳо тақдими ҳадяҳои Наврӯзӣ ё ҷамъоварии хироҷ буд.

Андешаи зеринро мо на танҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ балки тадқиқотҳои муаррихони имрӯза дида метавонем. Масалан: Ба андешаи Асадии Тусӣ менависад Шаъбонӣ Р «Сабаби асосии устувор ва побарҷо мондани Наврӯз дар давлати исломӣ ҳамон сари сол будани он буд, ки замони хироҷ қарор мегирифт»[12,с.120.]. Дар Таърихи Табарӣ чунин омадааст: «Хироҷ дар давраи Аббосиён бар асоси Наврӯз танзим мешудааст» [13, с. 218.].

Сулолаи Аббосиён, ки бо дастгирии Абумуслими Хуросонӣ ба қудрат расида буданд, бисёре аз ойинҳои форсу тоҷикро, аз қабили девонҳои давлатдорӣ ва таҷлили ҷашну маросимҳои ин тамаддунро, аз қабили Наврӯз на танҳо иҷозат доданд, баклки неку писандиданд.

Тавре С. Ҷалолӣ навиштааст «Дар замони салтанати Аббосиён ҷашни Наврӯз ба истисноибаъзе тағйирот мисли даврони Сосониён таҷлил мегардид,дар ин рӯз мардум ба хулафо ҳадя бурда, аз хулафо ҳадя мегирифтанб»[14,с.340.].

Доир ба қабули суннатҳои Наврӯзӣ дар даврони хилофати Аббосиён муҳаққиқи эронӣ  Ризо А чунин нигоштааст: «Тақвими шамсӣ, ки бо Наврӯз шурӯъ мешавад моҳияти онро донишманди араб Умар ибни Хаттаб дар маҷлиси машваратии назди халифа барои ҳозирон шарҳ дод. Халифа он тақвимро барои умури девон ва хироҷ пазируфт» [15, с.26].

Дар сарчашмаи дигари фарҳанги исломӣ  Таърихи Яқубӣ омадааст, ки «Хулафои Умавӣ ва Аббосӣ ҳадяҳои Наврӯзро мепазируфтанд, ҳатто дастур медоданд, то барояшон ирсол гардад»[ 16,с.306.].

Доир ба масъалаи зикргардида муҳаққиқи муосир К. Искандаров чунин ибрози андеша менамояд: «Яке сабаби боқӣ мондани Наврӯз дар давраи ислом ҳамон суннати ҳадя додан бо ҳокимон дар ин рӯз аст, ки фармонравоёни араб ин ҷашнро барои ҷамъ кардани ҳадяҳои Наврӯзи истифода мекарданд» [17, с. 53.].

Баррасӣ, таҳлили андешаҳо ва далелҳои зикргардида ба мо имконият медиҳад, то бигуем, ки Наврӯз ва таҷлили суннатҳои он барои фарҳанг ва дини ислом бегона нест, балки аз нигоҳи ислом эътироф ва пазируфта шудааст. Омӯзиши фарҳанги исломӣ нишон медиҳад, ки дини ислом таваҷҷуҳи бештарро баҳри гиромидошти он тараннум менамояд.

Дар воқеъ Наврӯз ва таҷлили он аз дидгоҳи ислом ва аз назари кулли мусулмонони ҷаҳон рӯзи муборак, рӯзи оромию осоиш, рӯзи бахшидани гуноҳҳо ва ҷашну шодӣ мебошад, ки дар густариш он ислом низ саҳмгузор аст.

Бояд зикр намуд, ки ин ҷашни суннатии фархунда аз зиёдатии такрор дар тулӣ қарнҳо ба сурати одат, ба ҷашни бузурги байналмиллалӣ, ба иди соли нави мардуми мусулмон мубаддал гардида эътибору нуфӯзи ҷаҳонӣ касб намудааст, ки бо фарорасии худ душвориҳои табиию иҷтимоӣ ва ҳатто иқтисодиро бартараф намуда, навиди хушиву фараҳ ва некбахтӣ меоварад.

**Аннотатсия:** Дар мақола масъалаи пайдоиш,таҳаввул ва ба ҷашни байналмиллалӣ табдил ёфтани Наврӯз ҳамчун падидаи мондагори тамаддуни форсу тоҷик мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, ҳадисҳо ва маълумотҳои шифоҳиву хаттии намояндагони фарҳанги исломӣ қайд менамояд, ки фарҳанги исломӣ мақому манзалати Наврӯз, расму ойин ва суннатҳои ҳаётбахши онро пазируфта, барои таҳаввули он шароит муҳаё намудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Наврӯз, фарҳанг, тамаддун, фарҳанги форсу тоҷик, ҷашни бостонӣ, ҷашни миллӣ, ислом, дини ислом тамаддуни исломи, арзишҳо, анъаноти наврӯзӣ, ҳамгироии фарҳангӣ, ҷашни байналмилалӣ.

## Аннотация:

## Навруз в контексте исламской цивилизации

В статье исследуется процесс эволюции Навруз, ее превращение в качестве международного праздника, Нового национального года, праздника весны и пробуждение природы как феномен таджикско-персидской культуры.

На основе анализа исторических источников, хадисов и передание представителей науки и культуры исламской цивилизации в статье обосновано, что исламская религия признавал достоинство, основные обычаи и традиции праздника Навруза, (хотя она не является продуктом ее культуры) и способствовал ее дальнейшему развитию.

**Ключевые слова:** Навруз, культура, цивилизация, таджикско- персидская культура, древнейший праздник, национальный праздник, ислам, исламская цивилизация, ценности, наврузские традиции, культурные интеграция, международный праздник

## Navruz in the context Islamic civilization

In the article researches the process of evolution of Navruz and its transformation into the international holiday of a new national year, holiday of spring and awakening of nature as a prename of tajik - person culture.

On the basis of historical sources habits and the writings of representatives of science and culture of Islamic civilization, that Islam acknowledged the dignity, basic customs and tradition of Navruz holiday, (although Navruz is not the product of Islam) promoted further development.

**Key words:** Navruz, culture, civilization, Tajik-Persian culture, ancient holiday, national holiday, Islam, Islamic civilization, values, Navruz traditions, cultural integration, international holiday

### АДАБИЁТ:

1. Искандаров Қ. Наврӯз: таърихи пайдоиш ва маросимҳои он //Паёми ДТИХД Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1(21), 2011.- С. 49-62.
2. Олусӣ Булуғ-ул араб. Ҷ.1. Бағдод. 1961. -С. 364
3.Солеҳ С. Наҳҷ-ул балоға. - С.431. ( Иқтибос аз Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе., 2006)
4. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе. 2006.С. 118.
5. Дар ҳамин ҷо. с-164.
6. Берунӣ А. Осор-ул боқия. Тарҷ. Акбари Доносиришт. Теҳрон.1324 с.230
7. Фирӯзободӣ. Ал-қомус. Теҳрон, 1384 (ҳ) Ҷ.2.- С. 279.
8. Таърихи Бағдод Қоҳира., 1384. Ҷ.13.- С.326.
9. Иностранцев К.А. Сасанидские этюды. С.-Петербург.,1999. - С.86.
10. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе. С. 164-167.
11. Маҷлисӣ А. Биҳор-ул анвор Ҷ.14. Чопи Амин-уз зарб с. 274.
12. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе. 2006.С.120.
13. Таърихи Табарӣ. Лакнау 1221(ҳ).Ҷ. 9.- С. 218.
14.Ҷалолӣ С.Қиссаи куҳани Наврӯз// Кова, сли ҳафтум,шумораи
15. Ризо А. Гоҳшумории ҳиҷрии қамарӣ ва мелодӣ. Теҳрон. 1365 С. 26. аввалфарвардинмоҳи 1348.-С340
16. Таърихи Яқубӣ. Ҷ.2. - С.306.
17. Искандаров Қ. Наврӯз: таърихи пайдоиш ва маросимҳои он //Паёми ДТИХД Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1(21), 2011.- С. 49-62.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷӯраев Раҷаббой Зухурович-** н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон. Тел.2276127 E-mail:rajab RTSU@mail.ru

**Сведения об авторе: Джураев Раджаббой Зухурович.** к.ф.н., доцент кафедры философии и политологии Российско- Таджикского (Славянского) Университета. Тел.2276127 E-mail:rajab RTSU@mail.ru

**Information about the author: Juraev Rajabboy Zukhurovich**. Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science of the Russian-Tajik (Slavonic) University. Tel. 2276127 E-mail: rajabRTSU@mail.ru

# ҶАШНИ “САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА”

**Эркаев С. А.-дотсент**

ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров
(93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru

«*Қабули зикр аст, ки тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардидаанд*».**Эмомалӣ Раҳмон**[1,с.4].

Дар таърихи мардуми ҷаҳон воқеа, ҷашн, маросимҳо, анъана, ҳодисаҳои таърихӣ бисёр аст. Яке аз онҳо ҷашнҳои мардумию давлатӣ, миллӣ ҳисобида мешаванд. Дар олам миллат ва халқҳое ҳастанд, ки бо тамаддуни пуршукӯҳи худ дар рангингардии фарҳанги башарият саҳми мондагор гузоштаанд. Дар қатори онҳо халқи тоҷик дар сархати ин миллатҳо ҷой дорад. Тамаддуни пуршукӯҳи тоҷикон давоми ҳазорсолаҳо дар рушду нумӯъ мебошад. Яке аз муҳимтарин бахшҳои тамаддуни гузаштаи марбут ба мардуми ориёиасл ҷашнҳои куҳан ва сурурбахшу рӯҳафзуни он ба мисли Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сайри гули лола, Нон, Асал, Картошка, Ангур, Ҳарбузу Тарбуз, Каду ва Сада ба ҳисоб меравaнд. Ҳар яке онҳо дар таърихи халқҳои Шарқ аз ҷиҳати мазмун ва моҳият таърих ва мавқеи худро доранд[2].

Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукуҳу шаҳомати хоса доир намудани "Сайри гули лола" нишонаи арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию фарҳанги халқи тоҷик буда мардумро бо корҳои ободонию сабзкорӣ ҳидоят мекунад. Лола зиёда аз 140 намуд дошта ,дар мамлакатҳои назди Баҳри Миёназамин,Осиёи хурд,қисми ҷанубиву аврупоии Федератсияи Россия як қисми камашон дар Олтой ва Япония паҳн шудаанд. Дар Осиёи Миёна 63 намуди лола парвариш меёбад,ки аз 48 намудаш дар ягон ҷойи дигар вонамехӯрад. Дар Тоҷикистон 24 намуди лола ҳамчун гули худрӯй вомехӯрад, ки 19 намуди он дар рӯйхати рустаниҳои нобудшуда истода ба "Китоби Сурхи Тоҷикистон"

дохил шудааст. Аз ин миқдор 25 намудаш дар водиҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоатҳои типи набототи биёбонӣ, ҷагалзорҳои мезофилӣ ва ксеорофилӣ, арчазорҳо ва даштҳои баландкӯҳ дар аз баландиҳои аз 400 то 3000 метр аз сатҳи баҳр мерӯянд. Ҳафт намуди онҳо ба гурӯҳи рустаниҳои эндимикӣ мансуб буда, танҳо дар қаламрави Тоҷикистон мерӯянд. Яъне, кишвари моро ба маънои томаш кишвари лолаҳо гуфтан лозим аст. Имрӯз сокинони Тоҷикистон бо эҳёи боз як анъанаҳои гузаштагони худ ба ҷаҳониён паём фиристода мегӯянд. "Тоҷикистон кишвари сулҳ, кишвари лолаҳо, кишвари ҳамаи гулҳост". "Сайри гули лола" ҷашнест, пур аз ифтихори миллӣ. Гузашта аз ин, баргузор намудани он дар баробари бедор намудани ҳофизаи таърихи, боз моро водор менамояд, ки нисбат ба сарсабзу шукуфон намудани ҳар ваҷаб хоки Ватан саъю талош варзем. Гули лола рамзи саодат аст ва сайри гули лола эҳсоси фараҳу сурурро ба кас арзони медорад. Шукуфон намудани кӯчаю хиёбонҳо бо гулҳои зебои лола барои борои ҷалби сайёҳон низ ба домони Тоҷикистони азиз мусоидат менамояд[3].

Яке аз ин ҷашнҳо "Сайри гули лола"- ҷашне, ки зиндагиро ранги тоза мебахшад. Дар таърихи замони истиқлолияти кишвар хурсандиовар аст, ки дар ҳамин радиф бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, эҳёгари соҳибистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни «Сайри гули лола» низ аз нав эҳё гардид ва боз мавқеву ҷойгоҳи хешро дарёфт. Гули лола - ифодаги меҳру муҳаббат, хурсандӣ, ҳурмату эҳтиром, зебоги̅, меҳрубонӣ, дилбардорӣ байни мардумон мебошад. Албатта, дар замони муосир тарғиби чунин оини пурғановат ва зебо зиндагии инсониятро рангину муаттар месозад. Гузашта аз ин, ташкил намудани иди "Сайри гули лола" барои худшиносии миллии мо такони ҷиддӣ мебахшад. Он як навъ мероси бузурги гузаштагонамонро аз нав эҳёву тарғиб кардан ва ба наслҳои дигар ба мерос гузоштан аст.

Ҳақиқатан ҳам таърих ҳаками бузургтарини замон аст, бо гузашта замонҳо ҳар як ҷашн, маросим, намудаҳои ҳаёт ва фаъолияти халқҳои қадим, саҳифаҳои санъати халқи тоҷик аз нав барқарор шуда, бо як тайёрии махсус ва бошукӯҳ ҷашн гирифта шуда истодааси. Ба таърихи ҷашнҳои мардумӣ эътибор диҳем, "Сайри гули лола", дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, яке аз оинҳои бостонӣ ва хеле маъмули тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Он дар сарзамини Суғди бостон, водии Фарғона, Бадахшон, Бохтари қадим ва баъзе манотиқи дигар бо номи ҷашни "Гули сурх" баргузор мегардид. Хушбахтона, бар асари ҳаводиси таърих ҷашни "Гули лола" ҳамчун ҷашни расмӣ аз байн нарафт, аммо дар байни мардум ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт аз байн нарафтааст ва то ҳол дар қисмате аз навоҳии вилоятҳои Суғд, Хатлон ва қаламрави Афғонистон побарҷо боқӣ мондааст. Мо (муаллиф) аз солҳои мактабхони то ҳозира дар сайл иштирок карда меоянд[4,с.4].

Дар таърихи халқи тоҷик ҷашни "Гули сурх" - ро бори аввал донишманд, мардумшинос ва мутафаккири рус Элена Пешерева солҳои 20 – уми саддаи XX омӯхта, дастраси аҳли илм гардондааст. Мувофиқи таҳқиқи мавсуф, ҷашни "Гули сурх" маросими басо куҳан будааст ва тақрибан 4 - 5 ҳазор сол пеш дар қаламрави кишварҳои Осиё баргузор мегардид. Дар асоси маълумоти бадастомада дар даҳаи сеюми Фарвардинмоҳ мувофиқи анъана бо фарорасии шароити мусоид сарварони деҳу шаҳрҳо машварат ороста, рӯзи баргузории ҷашнро муайян мекарданд. Субҳи барвақт ҷавонон ба лолачинӣ мерафтанд, гурӯҳи дигар шохаҳои муносиби дарахти сафедорро мебуриданд, нисфирӯзӣ ҷавонон бо бастаҳои калони гули лола баргашта, гулҳоро ба шохаҳоибурида мебастанд. Дар натиҷа дастагулҳои азим ба вуҷуд меомад. Пас, ҷавонон дар ҳавои мусиқию тарона шохаҳои дарахтони пургулро ба базмгоҳ мебурданд. Дар базмгоҳ мардум ба пешвози лоладарахтон аз ҷой бархоста, то ғуруби офтоб суруду таронахонӣ менамуданд. Қабл аз ғуруби офтоб иштирокдорон химчаҳои сабз дар дасту лолаҳои арғувонӣ бар сару бар, ба хонаҳои худ бармегаштанд. Бо фарорасии шаб мардум боз ба базмгоҳ рафта, машъал меафрӯхтанд ва дар атрофи шохаҳои дарахтони бо гули лола ороёфта базми бошукӯҳе барпо мекарданд. Мо ҳар сол баъд аз хатми таълим дар мактабҳои № 15 (55) ва № 24-и деҳаҳои Абдусамад ва Чиларчаи ҷамоати Саразми шаҳри Панҷакент, 25 май бо роҳбари устодони мактаб ва аҳли мактаб ба кӯҳи Зарафшон лолачинӣ мерафтем.

Дар ҳақиқат, дар санадҳои таърихӣ, инчунин, омадааст, ки ҷашни "Гули лола" се рӯз давом мекард. Ҷавонон барои чидани лола рафта, рӯзи дигар занҳо яке аз сафедорҳои сершоху сербаргро интихоб мекарданд ва тамоми лолаи овардашударо бар тани он сафедороро медоданд ва баъдан рӯзи сеюм тамоми мардум бо ҳам ҷамъ меомаданд, сурудхонӣ ва рақсу бозӣ намуда, шодӣ мекарданд. Талабагони мактаб дар давоми як рӯз лола чида, баъд аз он ҷамъ омада, мусобиқаи варзиша, волейбол, шеърхонӣ, сурудхонӣ ва рақсу бозӣ намуда, шодӣ мекардем[5,с.181].

Ҳақикатан ҳам, ҳафриётҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки ниёгони мо ҳамасола ин ҷашни бузургро таҷлил мекарданд. Он бо номи "Антахтун" маъруф будааст. Тибқи боварҳои ниёгони мо, гули сурхи зебо, яъне гули лола *рамзи фариштаи рустанӣ* ва ҳомии тамоми набототу бахшояндаи рисқу рӯзии инсонҳост. Маълумоти таърихию ҳафриётӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳанӯз аз қадимулайём мардуми шарқ, Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла тоҷикон ин ҷашнро - Сайри гули лола бо номҳои гуногун гиромӣ медоштанд ва он бо асолату ҳастӣ ва пиндору гуфтори неки тоҷикон якҷоя шуда, то ба замони мо расидааст.

Таърих гувоҳ аст, ки таҷлили ин ҷашн бо гузашти вақт дар аксар кишварҳои қитъаи Осиёву Аврупо роиҷ мегардад. Дар кишварҳо ва минтақаҳое, ки гулҳои сурху зебо намерӯид, дар чунин маросим ҷойи онҳоро шохчаҳои сабзи арча, бед ва дигар дарахтон иваз мекарданд.

Масалан, дар Британияи Кабир ҷавонон ба бешазор рафта, шохчаҳои дарахтонро шикаста, онҳоро бо гулу гиёҳҳо оро дода, ба деҳаи хеш меоварданд ва ҳамин тавр, ҷашн оғоз меёфт. Бо гузашти вақт ва ҳаводиси таърих мардум ҷашни "Сайри гули лола" - ро фаромӯш карданд, аммо мардуми деҳаҳои водии Зарафшон мунтазам қайд карда меоянд. Аммо ҷавҳари асосии ин ҷашн ҷовидон боқӣ монд[6,с.179].

Агар таърихи кишвар эътибор диҳем, тибқи сарчашмаҳои бостонӣ, ҷашни "Сайри гули лола" тӯли ҳазорсолаҳо дар байни суғдиёну бохтариён ва балхиҳо вуҷуд доштааст, ки имрӯз он дар Тоҷикистон “Сайри гули лола”, дар байни ӯзбекон «Лола сайри» ва миёни тоҷикони Афғонистон ҷашни "Гули сурх" номида мешавад. Ҳоло иззат ва эҳтироми гули лола ва ҷашнҳои марбут ба онро дар байни мардуми шимолу ғарби Чин, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик мушоҳида менамоем. Бояд гуфт, ки ин гули зебо дар фарҳанги бостонии мо мавқеи намоён дошт. Ҳамин аст, ки аз устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, қариб ҳама адибону таърихнигорони мо дар васфи ин рустанӣ-лола ва нақши он дар рӯзгори мардуми тоҷику ӯзбек шеъру нигоришҳои гуногун доранд. Гули лола аз ҷумлаи аввалин гулҳои баҳорист, ки бо оғози фасли баҳор, соли нави миллии тоҷикон, дигаргуншавии табиат ва эҳёи зиндагӣ бар дашту даман мерӯяд. Лола рамзи ҳурмату эҳтиром, дӯстию рафоқат, меҳру муҳаббат, зебоӣ ва зебоипарастист.

Хулоса, гашта-боргашта дубора эҳё гардидани ҷашни "Сайри гули лола", воқеан, ифтихори мардуми тоҷику ӯзбек аст. Ҷашнест пур аз ифтихори миллӣ ва ба ҳамдигар наздик шавӣ, дӯстии вакилони мардуми миллатҳои кишвар. Гузашта аз ин, баргузор намудани чорабинии “Сайри гули лола” дар баробари бедор намудани ҳофизаи таърихӣ, боз моро водор менамояд, ки нисбат ба сарсабзу шукуфон намудани ҳар ваҷаб хоки Ватан саъю талош варзем. Гули лола рамзи саодат аст ва сайри гули лола эҳсоси фараҳу сурурро ба кас арзонӣ медорад. Шукуфон намудани кӯчаю хиёбонҳо бо гулҳои зебои лола барои ҷалби сайёҳон низ ба домони Тоҷикистони азиз мусоидат намудааст. Ҳар сол дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз гузаронидани осмун ва фестивали гули лола ба анъана табдил ёфтааст. Аз тарафи мақомотҳои ҳокимияти давлати ва созмонҳои ҷамъияти ташкили кор. Муайян намудани ғолибон, ҳавасмандкунии онҳо боз ҳам инкишофи сайри гули лола меоранд. Барои ҳамин ҳам ҷашни “Сайри гули лола” яке аз қадимтарин ҷашни мардуми шарқ, аз он ҷумла тоҷикон ба ҳисоб мерафт.

## АДАБИЁТ

1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики»,(28.12.2023 года, город Душанбе). «Народная газета» № 1 (20438) 3 января 2024 года.

2Суҳбат бо этнограф профессор У.Ҷаҳонов(30.01.2024).

3.Мулоқот бо дотсент И. Тӯрақулов(10.05.2023.).

4.Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.

5. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.
6. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.

Аннотатсия

**ҶАШНИ "САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА"**

**Эркаев Сафар Абдулхайрович**, дотсенти кафедраи Археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, иширокчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. (93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru

**Аннотация:**

**ПРАЗДНИК "САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА"**

В данной статье рассматриваются историко-культурное значение праздника "Сайри гули лола", чествование "Сайри гули лола" за рубежом, обычай, обряды и традиции народного праздника и др.
**Ключевые слова:** "Сайри гули лола", праздник, история, культура, красота, значение, восток, Таджикистан.

***Annotation***

**HOLIDAY "SAYRI GULI LOLA"**

This article discusses the historical and cultural significance of the "Sairi Guli Lola" holiday, the celebration of "Sairi Guli Lola" abroad, the customs, rites and traditions of the folk holiday, etc.
***Key words:*** "Sairi Guli Lola", holiday, history, culture, beauty, meaning, east, Tajikistan.

## АҲАМИЯТИ ҲИФЗИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВИИ ФАРҲАНГ

**Бобоҷонова М.-** омӯзгор,
**Эркаев С. А.** дотсент

ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров
(93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru

*"Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фаоҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид".*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар замони ҷаҳонишавии фарҳанг ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ аҳамияти таъоихӣ – умумиҷаҳонӣ доранд. Дар таърихи халқи тоҷик аз қадим ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ (3500 то) ҳамчун

муаррифкунандаи кишвар, минтақа ва ҳар як миллат мебошад. Дар ин раванд мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ниҳоят дараҷа калон буда, аҳамияти таърихӣ,таълимӣ ва илмӣ дорад. Ёдгори³ои таърихию фар³ангии халµи тоæик-Саразм, Навр¢з, Кӯҳ³ои-Парки Помир, Оши палав, Шашмаµом ва ®айра³о аллакай ба р¢йхати ЮНЕСКО дихил шудааст, ки а³амияти калони умумиæа³ноӧ дорад. Ёдгориҳои бостонӣ як сайри таърихӣ мебошанд. (с.2002-СММ).

Шоҳроҳи бузурги Абрешим-дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 шохаи шоҳроҳ аз ҷануб ва шимол бо 5 гузаргоҳ: гузаргоҳҳои Марказӣ, Амударё, Вахон, Панҷакент-Самарқанд-Пойканд ва Фарғона-Сирдарё мегузаштанд, ки яке аз омилҳои рушди шаҳрҳову маҳалҳои тоҷикон ба шумор мераванд. Моҳи ноябри смоли 2009 дар шаҳри Сиянии ҶМҶ 8 ёдгории таърихию фарҳангиро шомил карданд, ки инҳо шаҳраки эленистии Тахти Сангин, ёдгориҳои меъмориии Хоҷа Машҳад, Дайри буддои Аҷинатеппа, шаҳри асримиёнагии Ҳулбук ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъмории ҳудудҳои он мебошанд. 2015-Алма-Ато-5 ёдгории таърихию фарҳангӣ ва меъмори силсилаҷоизаи Шоҳроҳи бузурги Абрешим номнавис карданд.

Ин объектҳо ва гузаргоҳи Фарғона-Сирдарё тааллуқ дошта, ёдгориҳои меъмории Шайх Муслиҳиддин, Қалъаи Хуҷанд, тасвирҳои рӯйисангӣ ва ёдгориҳои бостонии атрофии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ашт, маҷмааи меъмории Мир Раҷабдодҳо ва Мадрасаи Оим дар шаҳри Конибодом мебошанд. Эҳёгари Тоҷикистони соҳибистиқлол, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӧ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самт³ои сиёсати дохилӧ ва хориæии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш.Душанбе, 28 декабри соли 2023) эълон намуданд, ки “*Бо мақсади густариш бахшидан тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад*”[1, с.4].

Дар давраи Истиқлолият рушди хатсайрҳои таърихӣ- фарҳангӣ–сайёҳӣ дар кишвари мо инкишоф ёфта, зиёда аз 241 хатсайрҳои фарҳангӣ-сайёхӣ ташкил карда шудааст. Ёдгориҳои таърих ва фарҳанги кишвар яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррифкунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати бақайдгирии шаҳрвандони кишварҳоеро, ки бо Тоҷикистон низоми раводид дорад то 3 рӯз муайян буд, то 10 рӯз дароз кардан пешниҳод шуд.

Барои инкишофи ин соҳа соли Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода, рушди сайёҳӣ дар ҷойҳои таърихӣ дар сиёсати худ ба ҷойи аввал гузаштанд ва барномаҳои давлатӣ қабул карда

шуд[2,с.2-3]. Ёдгориҳои меъморӣ (шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар, Хоруғ, Панҷакент, Истаравшан ва ғайраҳо) ва археологии Тоҷикистон (Саразм, Санҷарота, Хулбук, Панҷакент, Бундҷикант, Хуҷанд, Муғтепа, Куркат, Қаратоғ, Исфара, Ашт, Ҳисор ва ғайра), осорхонаҳо ҳамчун объекти сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ истифода шудан дар давраи истиқлолият ранги дигарро гирифтанд.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст. Суннатҳои нек ва ҷашнҳои миллии тоҷикон, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат карданд, Дастовардҳои маънавию моддии шарифи мо (Наврӯз, Саразм, Кӯҳҳои Помир, Хулбук, Шошмақом, Оши плав, Роҳи Абрешим, Панҷакенти қадим, Шаҳракҳои Санжаршоҳ, Хисорок, Гардани Хисор, Қалъаи Муғ, Кум, Тали Хамту, системаи «Токсанкорез», Хоҷи Муҳаммад Башорава ғайра) ба феҳристи умумҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд боло баранд[3,с. 8]

Мардуми Осиёи Маркази, аз он ҷумла мардуми тоҷик аз қадим ҳунарманд буда, зиёда аз 4000 намуди ҳунарҳои мардумӣ қайд карда шудааст дар сарчашмаҳои таърихӣ. Ҳар яке онҳо маркази бузургтарин тамаддуни ҷаҳонӣ, сайёҳӣ ва ёдгориҳои таърихии мардумӣ ҳисобида мешаванд. Дар омӯзиш ва тарғиби ғояҳои ойину суннатҳои бостонӣ аҳли ДДХ ба номи акаемик Бобоҷон Ғафуров хизматҳои калон иҷро намудаст.

Барои рушди сайёҳӣ ва таъмири ёдгориҳои таърих ва фарҳангии мардумӣ дар сиёсати худ Ҳукумати кишвар ба соҳибкорон ва ҳунармандон қарзҳо имтиёзнок тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ ҷудо намуданд. Ғайр аз ин бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 истеҳсол ва фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуд. Қайд кардан зарур аст, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва таъмири ёдгориҳои таърихи мардумӣ дар мамлакати мо ҳамаи имкониятҳои зарурӣ ва заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Барои амали гардидани он барномаҳои давлатӣ қабул карда, ба ҳаёт пайдарпай тадбиқ шуда истодааст, ки аллакай маффақиятҳои назаррасро ба даст даровардем. Дар ин раванд чораи ҳавасмандгардонӣ барои рушди сайёҳи гуногун намуд (кӯҳнавардӣ, экологӣ, таърихӣ, археологӣ, этнографӣ, иқтисодӣ ва ғайраҳо) ва ҳунарҳои мардумӣ амалӣ гардида истодааст.

Пешниҳоди Пешвои миллат ба рушди сайёҳӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърих ва фарҳангӣ аз ҳар ҷиҳат рӯҳбаландӣ ва самти пешрафт бахшидаанд, ки дар кишвар ягон деҳа(4500 деҳаҳои зебоманзар) ё хона нест бо сайёҳӣ ва ёдгориҳои таърих ва фарҳанги мардумӣ дошта набошанд. Аз қадим ёдгориҳои таърихва фарҳангӣ яке аз метод (усули) омӯзиши кишварҳои ҷаҳон ҳисобида мешаванд, ғайр аз ин пешрафти иқтисодиёт ва фарҳангӣ ҷаҳон, омили муҳимтарии афзудан ва ғани

гаштани даромад, хазина ва буҷети давлати мутараққӣ, таъмини ҳаматарафаи мардумони кишвар бо ҷои кор ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мардуми меҳнаткаш мебошад. Хатсайрҳои сайёҳӣ, ансанбилҳои этнографӣ, осори бостоншиносӣ, сафарномаҳо ва ғайраҳо ҳамчун омилҳои муҳими рушди ёдгориҳои таърихӣ хизмат менамоянд.

Тоҷикистон ҷаннати рӯи замини мо кишвари зебоманзару афсонавӣ, дилкашу шавқовар буда, бо табиати гуногун мавсуми нотакрор ва ёдгориҳои зиёди нодиртарини таърихию меъморӣ, фарҳангӣ қадимаю хотирмонии худ (3450 намуд), меҳмоннавозии боэҳтироми мардумонаш таваҷҷуҳи сайёҳон ва тамоми оламиёнро ба худ ҷалб кардааст. Барои ҳамин ҳам дар байни мардуми ҳунарманд оиди ёдгориҳои таърих ва фарҳанги мардумӣ шохбайтҳо эҷод шудааст.

Кишвари халқи тоҷик макони қадимтарини ёдгориҳои таърих ва фарҳангии мардумӣ бошад ва барои инкишофи ин соҳа Ҳукумати кишвар дар давраи истиқлолият эътибори махсус дода истодааст. Тавре, Раиси Созмони Байналмилалии Сайёҳӣ Толиб Рифаӣ гуфтааст. “Тоҷикистон Швейтсарияи дуюм дар Осиёи Марказӣ мебошад”. Бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷалби бештари сайёҳону меҳмонон ба ёдгориҳои таърих ва фарҳангии кишвар “Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро таъсис доданд. Айни ҳол дар мамлакат 210 ширкати сайёҳӣ, 50 ширкати бо хатсайри содиротӣ, 50 ширкати бо хатсайри воридотӣ, 60 хатсайри дохилӣ фаъолият менамоянд”[4,с. 16] .

Бо ташаббуси Созмони Байналмилалии Сайёҳӣ пурсиши байналмилали дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон “сайёҳон кадом кишварҳоро меписанданд? “ гузаронида шудааст ва натиҷаи он аз инҳо иборат аст: 1.Франсия, 2.Испания, 3. ИМА, 4.Чин, 5.Италия, 6.Миср.7.Того.8.Сан-Марино, 9.Вйетнам ва ғайраҳо[5,с.16]. Дар қатори ин давлатҳо Тоҷикистон ҳам ҷойи намоянро гирифтааст.

*С*оли 2024 дар кишвари мо 717 муассисаи таҳсилоти томактабӣ (аз он 140 хусусӣва 22 маркази инкишофи хусусӣ), 3991 мактабҳои миёна 79 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ(аз инҳо 12 ададаш ғайридавлатӣ), 68 муассисаи таҳсилоти ибдитоии касбӣ, 46 мактаби олӣ(5 то ғайридавлатӣ), Академияи илмҳо фаъолият мебарад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мактаби Президентӣ ва 6 литсей барои хонандагони болаёқат, 824 маркази касбомӯзӣ, 83 маркази таҳсилоти иловагӣ-1524 маҳфил амал мекунад ва фаъолият дорад(01.01.2024). Ҳар яке он маркази ёдгориҳои таърих ва фарҳангии мардумӣ халқи тоҷик ва тоҷикистониён мебошад, ки мардум зиёда ҳазорҳо сайёҳони дихилию хориҷиро қабул менамоянд[6, с.2].

Тоҷикистон бо иқлими мусоид, 25 000 дарёҳо (дарозии он 947 тош аз 10 км зиёд), 2000 кӯлҳо, обанборҳо, 14000 пиряххо, беш аз 93 000 чашмаҳо (200 то табоботӣ), обҳои мусаффо, чашмаҳои шифобахш, 93 фоиз ҳудидамон кӯҳҳои сарфалаккашида (Помир, Тянь-Шан, Ҳисор, Зарафшон, Туркистон, Қурма, Қоратоғ, Фон, Ҳимолой ва ғайраҳо),

14000 пиряхҳои хурду калон, пиряхҳои азимҷусса, 3 вилоят, 22 шаҳр (Саразм, Хуҷанд. Панҷакент, Бунжиканд, Истаравшан, Хисор, Кӯлоб, Ҳулбук, Қонибодом. Исфара ва ғайраҳо), 75 шаҳрак, 62 ноҳия, 430 ҷамоати деҳотӣ, 4500 деҳаҳои зебоманзар, дараҳои зебо, хушманзар ва хушҳаво (Зарафшон, Варзоб, Ромит, Дарвоз, Шаҳристон, Панҷакент, Яғноб, Масчоҳӣ Кӯҳӣ, Язғулом, Сарихисор, Хоҷабоқирғон, Қоратоғ, Исфара, Искандаркӯл, Ҳафткӯл, Чимдарға, Артуч, Воруғ, Рашт, Варзов ва ғайра). 4000 кони хурду бузург (аз онҳо 400-тоаш кашф шудааст), захираи ангишт 4, 6 миллиард тонна, нафт 140 миллион тонна, газ 857 миллиард метри мукааб, кондонсат 26 миллион тонна, захираи намаки ошӣ ба беш аз 14 миллиард тонна, зиёда аз 3100 корхонаҳои саноатӣ, олами набототу ҳайвоноти нодир ва ҳайратангез, дар маҷмӯъ табиати бихиштосои кишвари мо беҳтарин мавзӯъ ва макони саёҳат, ёдгориҳои таърих ва фарҳангӣ, истироҳату фароғат буда, барои пешрафти самти сайру саёҳат тамоми шароитҳо, омилҳо ва имкониятҳо мавҷуданд. Ҳар яке онҳо дар замони ҷаҳонишавии фарҳанг ҳифзи ёдгориҳои таърих ва фарҳангӣ аҳамияти таърихӣ дошта, воқеан муаррифгари Тоҷикистони биҳиштосо, ҳамчун маркази тамаддуни ҷаҳонӣ, марказҳои бузурги маъмурӣ, маърифатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тиҷорат, фарҳанг ва касбу ҳунар ва тамаддуни қадими мо мебошанд.

Тоҷикон яке аз қадимтарин мардумони ҷаҳон – ориённаҷот буда, таърих ва тамаддуни кӯҳан, мардуми тамаддуннофару асилзодагон, санъати нотакрори нафис ва зебо, ҳунар, ҳунарманду фарҳанги шаҳрсозию шаҳрдорӣ, ҳунармандии тоҷикон кайҳост, ки шону шуҳрати умумҷаҳонӣ гашта, ёдгориҳои таърих ва фарҳангии мардуми муаррифкунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик мебошанд. Дар кишвари биҳиштосои мо ҳазорон обидаи нодири таърихӣ-фарҳангӣ (3500), осори таърихию меъморӣ мадраса, масҷиду мақбара, мазору зиёратгоҳҳо, хиёбону боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳои зебоманзарҳо мавҷуданд, ки бозгӯи таърихи қадимаи халқи тоҷик ва тамаддуни қадимаи ҷаҳон ва оламгири тоҷикон мебошанд. Соли 2020 бо пешниҳоди Пешвои муаззами миллат Саразми қадим ҳамчун шаҳри қадимаи халқи тоҷик, маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ, шаҳрсозӣ, сайёҳӣ ва ҳунрҳои мардумӣ ҷашн гирифта шуд ва он тоҷикон аз қадим мадуми шаҳрсоз, шаҳрнишин буданашон, ҳунармандии онҳо дар ташаккули фарҳанги шаҳрсозӣ, косибӣ нақши муҳим бозиданашон далолат медиҳанд.

Тоҷикон аз қадим баробари ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ, касбу ҳунар соҳиби фарҳанги воло, суннат, урфу одат, одобу ахлоқи ҳамида, ҷашнҳои зебои нотакрори миллӣ ва бисёр арзишҳои бузурги маънавӣ буда, *барқарор намудан, ҳифз, покизаву беолоиш нигоҳ доштан,* истифодаи онҳо дар тарбияи ҷавонон, наврасон ва ҳамчун мероси аҷдодӣ эҳтиёт набудани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар яке мо мебошанд. Хулоса, аз ин борат, ки ёдгориҳои таърих ва фарҳангии мардумӣ муаррифкунандаи таъриху фарҳанг ва сайёҳӣ, табиат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик мебошанд. Барои ҳифз ва рушди ин самт мо ҳамчун

фарзанди фарзонаи миллат саҳми худро гузорем! Мавқеъ ва нақши ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аҳамияти бузург аст!


АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самт³ои сиёсати дохилӧ ва хориæии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ш.Душанбе, 28 декабри соли 2023.-Душанбе: Шарқи озод, 2023."Народная газета"№1(20438) 03.01.2024.-С.4.
2."Қонун ва ҷомеа", №33 (485).16.08.2018.-С.15.
3. "Народная газета"№39(20424) 20.09.2023.-С.8.
4."Қонун ва ҷомеа" , № 37 (489),13.09.2018. – С. 16
5.Эркаев С.А. Резаҳои хикмат.-Хуҷанд: Нашир. 2018.
6.«Омӯзгор» №6(20296) 8 феврал соли 2024 .


**АННОТАТСИЯ**

## АҲАМИЯТИ ҲИФЗИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВИИ ФАРҲАНГ


**Бобоҷонова Муаззама,** омӯзгор**, Эркаев Сафар Абдулхайрович**, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, иширокчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. (93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru


**Аннотация**

## ЗНАЧЕНИЕ ЗАЩИТЫ ИСТОРИКО-КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В ЭПОХИ ГЛОБАЛИЗАЦИИ КУЛЬТУРЫ


В данной статье рассматриваются значение защиты историко-культурного наследия таджикского народа в эпохи глобализации культуры, роль государственных и общественных организации в защиты памятников, создание Агентство по охране историко-культурного наследия и др.



**Ключевые слова:** Защита, значение, историко-культурного, наследия. таджик, народ, глобализация, агентство, роль, организация.


***Annotation***

## The importance of protecting the historical and cultural heritage of the tajik people in the era of cultural globalization


This article discusses the importance of protecting the historical and cultural heritage of the Tajik people in the era of globalization of culture, the role of state and public organizations in the protection of monuments, the creation of an Agency for the Protection of Historical and Cultural Heritage, etc.



***Key words:*** Protection, significance, historical and cultural heritage. Tajik, people, globalization, agency, role, organization.

# НАВРӮЗ ҶАШНИ БОСТОНӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Асадуллоева З.Р.-ассистент**

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**«Метавон ба сарбаландӣ гуфт, ки дар талошҳои чанд кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар сафи пеш қарор дошт ва дар ҷаҳоншавии Наврӯзи бостонӣ саҳми арзандаи худро гузошт. Ба шарофати ҷаҳонӣ шудани Наврӯз муҳимтарин суннатҳои писандида ва неки наврӯзӣ эҳё гардиданд. Моро зарур аст, ки таърих ва анъанаҳои Наврӯзро ҳарчи бештар ва амиқтаромӯзем».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Наврӯз ҷашни бостонӣ аст, ки ҳангоми баробар шудани шабу рӯз дар нахустин рӯзи баҳор ва солшумории хуршедӣ (1-уми фарвардин ё ҳамал ё 21-уми марти солшумории милодӣ) фаро мерасад. Аз ин рӯ, Наврӯзро «Ҷашни сари сол» низ меноманд. Тақрибан зиёда аз 3 ҳазор сол қабл Наврӯз марбути кори деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ёфтааст. Таърихи ташаккули Наврӯз бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста аст.

Иди Наврӯз ин ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми форс мебошад. Наврӯз дар луғатҳо ба маънои «рӯзи нав» ва «тоза», «рӯзи нахустин», аввали рӯзҳои сол, яъне рӯзе ки соли нав аз он оғоз мегардад омадааст. Дар ин маврид Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст» ва дар китобаш «Ал-тафҳим»навиштааст, ки «Нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст».

Бояд гуфт ки манша ва замони пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Аммо ин ҷашн таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Дар баъзе аз матнҳои куҳан аз ҷумла «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ, Таърихи Табарӣ, «Ал-тафҳим», «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ ва «Наврӯзнома»-Умари Хайём, шоҳ Ҷамшед ё ин Каюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудаанд. Падидоварии Наврӯз дар Шоҳномаи Фирдавсӣ, ба ин гуна ривоят шуда аст, ки Ҷамшед дар ҳоли гузаштан аз Озарбойҷон, дастур дод то дар онҷо барои ӯ тахте бигузоранд ва худаш бо тоҷи зарин бар рӯи тахт бинишаст. Бо расидани нури хуршед ба тоҷи заррини ӯ, ҷаҳон нӯронӣ шуд ва мардум шодмонӣ карданд ва он рӯзро Наврӯз номиданд.

Ба Ҷамшед бар гавҳар афроштанд,

Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.

Бархе аз ривоёти таърихӣ оғози Наврӯзро ба бобулиён нисбат медиҳанд. Бар тибқи ин ривоётҳо, ривоҷи Наврӯз дар сарзамини Форс ба соли 538 пеш аз мелод, яъне замони ҳамлаи Куруши Кабир ба Бобул боз мегардад, ки маҳз ӯ Наврӯзро ҷашни миллӣ эълом кард. Вай дар ин рӯз барномаҳоеро барои сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагонӣ ва хонаҳои шахсӣ ва бахшиши маҳкумон иҷро менамуд. Ин оинҳо дар замони подшоҳони дигари Ҳахоманишиён низ баргузор мешудааст. Замони Дорои якум, маросими Наврӯз дар тахти Ҷамшед баргузор мешуд. Албатта дар сангнабиштаҳои баҷомонда аз даврони Ҳахоманишиҳо, ба таври мустақим ишорае ба баргузории Наврӯз нашудааст, аммо баррасиҳо бар рӯи ин сангнавиштаҳо нишон медиҳад, ки мардум дар даврони онҳо бо ин ҷашн ошно будаанд ва Ҳахоманишиён Наврӯзро бо шукӯҳи бузурге ҷашн мегирифтаанд. Санадҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки Дорои I ба муносибати Наврӯз дар соли 414 қабл аз мелод сиккае аз ҷинси тилло зарб намуд, ки дар як сӯи он сарбозе дар ҳоли тирандозӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар баъзе ривоёт, аз Зардушт ба унвони бунёдгузори Наврӯз номбар шуда аст.

Дар замони Ашкониёну Сосониён низ Наврӯз ҷашн гирифта мешудааст. ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд. Масалан Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» овардааст, ки « чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз бар он савор шуд ва ҷину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз куҳи Дамованд ба Бобул омад. Мардум аз дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд».

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи маълумоти овардашуда аз осори Абурайҳони Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки - ин донишманд, ба таври густурдае дар бораи ҷашн гирифтани Наврӯз сухан мегӯяд ва дар таҳқиқоти хеш барои шинохти рамзу рози оинҳо ва маросим[ои гуногун, на танҳо ганҷинаҳои куҳанро мековад ва дарҳои онҳоро ба рӯи хонандагони асари гаронбаҳояш мекушояд, балки аз амалнамоӣ аз суннатҳои дерина дар рӯзгори худ низ, хабар медиҳад ва ошкоро мегӯяд, ки мардумони давронаш бо покиза гардонию навсозии ҳамаи афзорҳо ва дастмояҳои зиндагӣ ва оростану піростани хонаву кошона аз Наврӯз истиқбол менамуданд.

Аз ин китобҳои таърихӣ, яъне «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия», «Ал-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ ва дигар асарҳо маълум мешавад, ки Наврӯз дар даврони қадим ба шаклҳои гуногун қайд карда мешудааст. Рӯзҳои ҷашнгирии ид низ фарқ доштааст. Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тӯл мекашид. Ва ба ду давра тақсим мешуд. Наврӯзи кӯчак ё Наврӯзи омма, ки панҷ рӯз буд ва аз якӯм то панҷӯми моҳи фарвардин гиромӣ дошт мешуд ва рӯзи шашуми Фарвардин (Хурдодрӯз), ҷашни Наврӯзи бузург ё Наврӯзи хосса барпо мегашт.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва амалҳои арзишманди минбаъдаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷонибдорӣ аз давлатҳои Эрон, Афғонистон, Туркия, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Мақдуния, Албания ва дигар мамлакатҳои Ховари Миёна, 23-юми феврали соли 2010-ум Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шуд, ки дар он 21-уми март рӯзи таҷлили ҳамасолаи Наврӯз – ба унвони ҷашни байналмилалӣ эътироф гардид. Дар сатҳи ҷаҳонӣ чунин тадбирандешӣ баҳри эҳёи таърихи иди Наврӯз ва таҷлили ҳамасолаи он барои миллати тоҷик, ки посдоранда ва намояндаи аслии ин ҷашн аст, як тафохури бузурги таърихӣ мебошад.

Аҷдодони бостонии миллати тоҷик- пешдодиёну ҳахоманишиён, сосониёну сомониён иди Наврӯзро чун мероси пурарзиш, дар пояи дилбастагиву эътиқоди қавии мардум, новобаста аз таъсири фарҳангҳои бегона ва сиёсатбозиҳои замон, бо ҷилои тоза ба наслҳои минбаъда боқӣ гузоштаанд. Аз ҷумла, бо воруди дини мубини Ислом, тарғибгарони он бо мақсади зиёд намудани пайравонашон ва таҳкими пояҳои ин дин, аз суннатҳои иди Наврӯз хеле моҳирона истифода бурдаанд. Аз дигар тараф, иди Наврӯз зери ин таъсирот ва афкору андешаҳои нав, ҳатто дар ҳифозати минбаъдаи динӣ қарор гирифту мазмунан дурахши бештаре пайдо намуд ва пайравонаш низ афзуданд. Баъдан, баробари рушди илму фарҳанги ориёӣ, ин ҷашни арзишманду муқаддас бештар муаррифӣ ва эътироф гардида, то дараҷае ба фарҳанги дигар қавму миллатҳо ворид гардид, ки то ҳоло баъзеашон онро танҳо моли фарҳанги хеш меҳисобанд, гарчанде Наврӯз аллакай ҷашни умумибашарист.

Таҳқиқ ва эҳё намудани оину анъаноти бостонии Наврӯз ҳамчун арзиши бебаҳо ва минбаъда сатҳи баланди бузургдошти он, барои меросбарони он-миллати тоҷик бояд вазифаи муқаддас ва ҳамешагӣ бошад. Мавҷудияти суннатҳои зиёди бостонии иди Наврӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар исботи қадимӣ будани Ватани ин ҷашн ва миллати фарҳангии он як далели қавиест. Ва барҳақ, «Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст».

Тибқи осори таърихии хаттӣ ва ривоёт, аз давраи ҳукмронии Ҷам (Йама аз «Вандидод»)-чорумин шоҳаншоҳи Эрон, Наврӯз ба сифати рӯзи аввали фасли баҳор ва оғози Соли нав пазируфта шудааст. Ва ба фикри мо, асли яке аз он ривоят бояд ин тавр бошад: Субҳе барвақт Йама (Ҷам) ба тахти барояш аз зару зевар ва гуҳари басо пурҷило сохташуда мешинад. Субҳ вақти аз Хур (Офтоб) шедпошӣ- («нурпошӣ»)-(вақти «хирғирах» дар забонҳои помирӣ), ба тахту тоҷ ва либоси ялаққосии шоҳӣ, атроф гӯё ба чандин маротиби дигар рушану ҷилвагар

мегардад. (Имрӯз ҳам дар забонҳои мардуми Рушону Шуғнон ва Вахони Ишкошим на вожаи офтоб, балки синонимҳои он «хур»,«хир» ва «ир» истифода мешавад). Афзуншавии нурпошӣ аз ҳисоби тахт ва либоси пурҷилои шоҳӣ лаҳзаи пурфараҳ ва эҳсосу хушиву сурур дар ин ҷамъомади мардум ба вуҷуд меорад, ки ҳамагон ба табрику шодбошӣ, тухфасупорӣ ба ҳамдигар ва ба шоҳ мепардозанд. Ва он лаҳзаҳо халқ шоҳ Йамаро монанд ба Хур (Офтоб) намуда, ба номи шоҳ Ҷам исми «шед» (нур, рух)-ро илова мекунанд.

Дар луғатҳои маъмули таърихӣ «шед» ибораи авастоии «хшаета» буда, рух(аф)шон, нур(аф)шон (решааш калимаи «рух» аст, ки дар забонҳои то ба имрӯз маҳфузмондаи мардуми Кӯҳистони Бадахшон серистифода аст), маънидод мешавад. Шоҳ (Ҷам+шед) монанд ба Офтоб нурпошанда ном мегирад ва он рӯзро дигар «рӯзи нав» ном мениҳанд. Дар ин бора, Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безавол низ чунин овардааст:

Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй.
Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.
Аз он бар шуда фарраи бахти ӯ.
Ба Ҷамшед, бас гавҳар афшонданд.
Мар он рӯзро «рӯзи нав» хонданд.

Ҳаким Умари Хайём ҳамчунин иллати ном ниҳодани Наврӯзро ба гардиши хуршед дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз вобаста дониста, баргашти хуршедро ба рубъи аввали ҳамал (барра) рабт додааст. Яъне хуршед ба ҳамон рӯзу дақиқа, ки рафта буд, бад ин дақиқа натавонад омадан ва ҳар сол аз ин муддат ҳаме кам шавад. Ва дар рӯзи «Ба Ҷамшед, бас гавҳар афшонданд» рост омадани баргашти Хуршедро, бад ин хотир шоҳ Ҷам «рӯзи нав» ном ниҳод ва ҷашн орост. Пас аз ин дигар подшоҳон ва мардумон ба ӯ пайравӣ намуда, Наврӯзро ҷашн мегирифтанд.

Имрӯз шароити озодона таҷлил намудани иди Наврӯз фароҳам буда, зарур аст, ки унсур[ои қадимаи он бо кумаки олимону донишмандон ва донандагони таърих барқарор шаванд. Тамоми оинҳои наврӯзӣ сарчашмаи бузурги ахлоқию тарбиявианд ва метавонанд наслҳоро ба хештаншиносӣ, покии зоҳиру ботин, садоқату вафодорӣ, бунёдкориву созандагӣ ва зебоипарастӣ ҳидоят намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадов Р. Наврӯз дар Варорӯдон. Теҳрон. 2005.
2. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия.-Душанбе: Ирфон, 1990.
3. Аҳмадов Р. Наврӯзи оламафрӯз.-Душанбе: Ирфон.1978.
4. Бобоҷони Ҳ, Саъдии Қосимӣ.-Дастури Наврӯзӣ.-Душанбе: ДМТ, 2012,- 304 с
5. Бозтоби масоили Наврӯз дар адабиёт. Маҷмуаи мақолот.-Душанбе: Дониш, 2016, 294 саҳ.
6. Карамшоев Д. Русум ва истилоҳӣ Наврӯз дар Бадахшон //Номаи

пажӯҳишгоҳ, №3.-Душанбе: Пайванд.2003, саҳ.104-112.
7. Мирраҳимов М. ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ-Душанбе: Ирфон, 1992.
8. Наршахӣ. Абӯбукр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро
9. Раҳмон Э. Наврӯз-шиносномаи миллат. –Душанбе: Адиб, 2015, 168саҳ.
10. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва оинҳои суннатии тоҷикон.-Душанбе:-Истеъдод, 2011.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Асадуллоева Замира Раҳматуллоевна*** ассистенти кафедраи забони хориҷии факултети педагогӣ ва филологии - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
**Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
**Телефон**: (+992)**501121751**.**E-mail**: **zamiraasaduloeva9@mail.com**

## ТАҶАЛЛИИ ТАҶЛИЛИ МАРОСИМИ “МИРИ НАВРӮЗӢ” ДАР ЯК ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

**Бухориев О. С.**

ходими калони илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. E-mail: olim.bukhori@bk.ru, тел.: 93 863 19 62.

Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии тоҷикон ва дагар халқҳои эронитабор ба шумор меравад, ки баргузории он аз куҳантарин давраҳои таърихӣ оғоз шуда, бо мурури замон рушду густариш пайдо карда, дорои саҳнаҳои дилпазиру зебоиҳои бештар гардида, ба як ҷашни бошукӯҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ин ҷашни бостонӣ ҳар сол аз оғӯши баҳор – аруси сол сар кашида, ба ҷаҳониён навиди рӯшноӣ, гармӣ, таваллуди наву сарсабзӣ, сururу шодмонӣ ва дигар хушиҳои зиндагиро ҳадя менамояд.

Фолклоршиносони тоҷик, монанди А. Сӯфиев, Н. Шакармамадов, Р. Аҳмадов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимов дар китобу мақолаҳои худ доир ба расму оинҳо ва шеваҳои баргузории ҷашни Наврӯз гузоришҳои арзишманде арза доштаанд. Дар мақолаи мавриди назар кӯшидаем, ки дар робита ба яке аз суннатҳои ҷашни Наврӯз, ки дар байни мардум бо номи маросими “Мири наврӯзӣ” маъруф аст, баҳсу баррасие анҷом бидиҳем. Бояд гуфт, ки баҳсу баррасии мо дар партави андешаҳои наврӯзии Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки дар як ғазали ӯ баён шудаанд, сурат мегирад. Тавре ки мушоҳида мешавад, ғазали мазкури Хоҷаи Шероз ба пуррагӣ созу наво ва розу рамзҳои наврӯзиро бо ҳолу ҳавои орифона ифода мекунад:

Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ чароғи дил барафрӯзӣ.
Чу гул гар хурдае дорӣ худоро сарфи ишрат кун,
Ки Қорунро ғалатҳо дод савдои зарандӯзӣ...
Тариқи комбахшӣ чист тарки коми худ кардан,
Кулоҳи сарварӣ он аст, к-аз ин тарк бардӯзӣ.
Сухан дар парда мегӯям чу гул аз ғунча берун ой,

Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири наврӯзӣ...
Надонам навҳаи қумрӣ ба тарфи ҷӯйборон чист?
Магар ӯ низ ҳамчун ман ғаме дорад шабонрӯзӣ.
Майе дорам чу ҷон софию сӯфӣ мекунад айбаш,
Худоё ҳеч оқилро мабодо бахти бад рӯзӣ.
Ҷудо шуд ёри ширинат кунун танҳо нишин эй шамъ,
Ки ҳукми осмон ин аст, агар созӣ вагар сӯзӣ.
Ба уҷби илм натвон шуд зи асбоби тараб маҳрум,
Биё соқӣ, ки ҷоҳилро ҳанитар мерасад рӯзӣ.
Май андар маҷлиси Осаф ба Наврӯзи ҷалолӣ нӯш,
Ки бахшад ҷуръаи ҷомаш ҷаҳонро Сози Наврӯзӣ.
Ҷанобаш порсоёнрост меҳроби дилу дида,
Ҷабинаш субҳхезонрост рӯзи фатҳу фирӯзӣ... [Ҳофиз, 1983, с. 551]

Дар маҷмуъ, ҳар калимаву ибораи ғазали Хоҷа иродату алоқамандии шоирро ба сурати рамзу роз нисбат ба ин ҷашну оинҳои ниёкон баён мекунад. Бинобар бовари Г. Юнг, ки равони инсонро ба се башх: худогон, нохудогоҳи шахсӣ ва нохудогоҳи ҷамъӣ тақсим кардааст, афкори инсон дар ҳар давру замон “то ҳудуде бархоста аз амёли рӯзона ва ба мизони зиёде таҳти нохудогоҳи ҷамъию тасовири куҳан (куҳанолгу) аст, ба таври куллӣ инсон дар тули зиндагии худ ба сурати нохоста аз ҷониби нохудогоҳи худ контрол мешавад” [Шарифиён, 1403 ҳ., с. 95]. Пас, бо такя ба ин назарсанҷӣ метавон чунин натиҷа гирифт, ки муҳтавиёти зеҳнии дар матни ғазали мавриди назар матраҳшуда ба таҷрибаҳои адабӣ ва маҳоратҳои эҷодӣ (тасвирсозию ташбеҳофаринӣ)-и шахсии шоир марбут нестанд, балки ҳамон бунмояҳои куҳан (тасовирҳои куҳан, архитипҳо)-е мебошанд, ки дар нохудогоҳи ҷамъии равони шоир анбошта шудаанд. Мувофиқи ақидаи Г. Юнг, нохудогоҳи ҷамъӣ “бахши аслии равон ва нисбат ба бахши худогоҳ бисёр амиқтару густардатар аст. Ин бахше аз равон тасовири куҳанро дар бар дорад, ки дар миёни тамоми афроди башар, тақрибан яксон аст, ки дар хобҳо ва тамоми фаъолиятҳои нохудогоҳ мунъкис мешаванд” [Шарифиён, 1403 ҳ., с. 96]. Дидгоҳи шоир тавассути тахайюлот, хобҳо ва роҳ бурдан ба жарфои устура, қиссаву ривоятҳо бо боварҳои куҳан ҳамоҳанг гардида, таҷрибаҳои дар замони дур анбоштаи миллати худро бозгӯ менамояд. Бо вокушодани пардаи асрори ин бунмояҳо дармеёбем, ки аксари калимаву таъбирҳои ғазал ба бунмояҳои қадимӣ (куҳанолгуҳо ё архитипҳо)-е ишора мекунад, ки ба гунае ба ҷашни Наврӯз иртибот доранд. Масалан калимаи “бод” ба он боде ишорат мекунад, ки ҷанбаи қудсӣ дошта, Абурайҳони Берунӣ онро дар ривояте, ки дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз ҳикоят мекунад, овардааст: “Чун Сулаймон бини Довуд ангуштари худро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале пас аз чиҳил рӯз бори дигар ангуштари худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ ба ӯ баргашт. Ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд. Эрониён гуфтанд: Наврӯз омад, яъне рӯзи тоза биёмад.

Ва Сулаймон бодро амр кард, ки ӯро ҳамл кунад. Ва парастуе дар пеши рӯйи ӯ пайдо шуд, ки мегуфт: Эй подшоҳ, маро ошиёнаест, ки чанд пухм дар он аст. Аз он сӯтар рав, ки ошёни маро дар ҳам машиканӣ. Пас Сулаймон

роҳи худро кач кард ва чун аз тахти худ, ки бар он ҳаракат мекард, фуруд омад, парасту бо минқори хеш қадре об овард ва бар рӯйи Сулаймон пошид ва як рони малах низ ҳадия овард. Ва аз ин ҷост, ки мардум дар Наврӯз ба якдигар об мепошанд ва пешкашиҳо ба назди ҳамдигар мефиристанд" [Берунӣ, 1386 ҳ., с. 326].

Қобили зикр аст, ки дар ривояти мазкур номи Сулаймон ба ҷойи Ҷамшед истифода шудааст. Тавре ки аз мутолиаи қиссаву ривоятҳои марбут ба Ҷамшед ва Сулаймон бармеояд, дар нигоштаҳои ровиёни осори гузашта байни ин ду шахсияти устуравӣ шабоҳатҳои бисёре дида мешаванд. Бинобар ин дар бархе аз қиссаву ривоятҳо номи яке аз онҳо ба ҷойи дигаре ба кор рафтааст [Ниг.: Ёҳақӣ, 2014, с. 510]. Ин ҳолат дар осори Хоҷа Ҳофиз низ мушоҳида мешавад ва шоир дар байте ба масъалаи гум шудани хотами Ҷамшед ишора мекунад:

Диле, ки ғайбнамо асту ҷоми Ҷам дорад,

Зи хотаме, ки даме гум шавад, чӣ ғам дорад [Ҳофиз, 1983, с. 551].

Зоҳиран, чунин ба назар мерасад, ки дар корбурди таъбири "насими бод" ҳашву нуқсоне ҷой дорад, зеро *насим* низ аз ҷинси *бод* аст. Аммо дар луғатномаҳо калимаи "насим" ба ҷуз мафҳуми "бод", инчунин ба маънои "бӯйи хуш, атр, роиҳа..." [Деҳхудо, 1385 ҳ., с. 2991] истифода мешавад ва муфассирони каломи Хоҷа вожаи "насим"-ро дар ин мисраъ ба ҳамин маъно шарҳ додаанд [Ниг.: Хуррамшоҳӣ, 1387 ҳ., с. 458-459].

Дар нигоҳи Хоҷа Ҳофиз боди наврӯзӣ, ки аз "кӯйи ёр" (маъшуқи азалӣ) мевазад, ҷанбаи қудсӣ дорад ва ҳар касе, ки сидқан, аз он мурод металабад, комёр мегардад. Абурайҳони Берунӣ рӯзи Наврӯзро айёми фархунда ва табаррук медонад: "Ва ин рӯз соате аст, ки фирӯз... Ва фархундатарин соати он сооти офтоб аст. Ва дар субҳи Наврӯз фаҷру сапеда ба мунтаҳои наздикии худ ба замин мерасад ва мардум ба назар кардан бар он табаррук меҷӯянд. Ва ин рӯз рӯзи мухторест, зеро номи ин рӯз Ҳурмузд аст" [Берунӣ, 1386 ҳ., с. 326]. Инчунин Абурайҳони Берунӣ фазилати ҷашни Наврӯз ва Меҳргонро бар ҷашнҳои дигар аз забони Салмони Форсӣ чунин баён мекунад: "Мо дар аҳди зардуштӣ будан мегуфтем: Худованд барои зинати бандагони худ ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон берун овард ва фазли ин ду бар айёми дигар монанди бартарии ёқут ва забарҷад аст бар ҷавоҳири дигар" [Берунӣ, 1386 ҳ., с. 338].

Яке аз рукнҳои муҳимми ҷашни Наврӯз маросими баргузории "Мири наврузӣ" ба шумор меравад. Таъбири "Мири наврӯзӣ", ки дар ин ғазали зебову пурмуҳтавои Хоҷаи Шероз иҳомгуна баён шудааст, ба ду маъно: 1) зудгузарии айёми зиндагӣ; 2) маҳдудияти замони салтанати "Мири наврӯзӣ" дар ҷашни Наврӯз, далолат менамояд. Мувофиқи гузориши сарчашмаҳои адабиву таърихӣ маросими "Мири наврӯзӣ" дар даврахои гуногун дар айёми Наврӯз баргузор мешудааст.

Атомалики Ҷувайнӣ дар "Таърихи ҷаҳонкушо" ба маҷудияти ин маросим дар замони салтанати шоҳони хоразмшоҳӣ ишора кардааст: "Дар он вақт (яъне андаке қабл аз ҳамлаи муғул) ... аз аъёни лашкар Хаммор ном турке аз ақрабои Туркон-хотун (модари султон Муҳаммади Хоразмшоҳ) он

ҷо буд... Ба ҳукми нисбати қаробат Хамморро бо иттифоқ ба исми салтанат мавсум карданд ва “подшоҳи наврӯзӣ” аз ӯ барсохтанд” [Зулфиқорӣ, 1385 ҳ., с. 15].

Таърихшиноси мисрӣ Тақиддини Мақрезӣ дар китоби “Ал-мавоиз ва-л-эътибор фи зикр-ал-хитат ва-л-осор” дар бораи баргузории саҳнаи “Мири наврӯзӣ” дар ҷашни Наврӯз, ки дар даврони ҳукумронии Фотимиён дар Миср доир мешудааст, чунин нақл мекунад: “Аз ҷумлаи маросими мардуми Миср дар аёми Наврӯз он аст, ки дар рӯзи Наврӯз амире мавсум ба “амири Наврӯз” савор мешавад ва бо ӯ ҷамъи касире ҳамроҳ мебошанд. Ва ба мардум ҳукумронӣ менамояд... вале ҷамеи ин умур ба унвони танзу сахрия ва тафреҳ аст ва дарвоқеъ ба миқдори қалиле аз атоёе, ки акобир медиҳанд, қаноат мекунад” [Зулфиқорӣ, 1385 ҳ., с. 15].

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” кутоҳии замони салтанати яке аз шоҳони темуриро ба даврони ҳукумронии “Мири наврӯзӣ” қиёс кардааст: “Алоуддавла... баъд аз вафоти бародараш Бобур султон... чанд рӯзе чун “подшоҳи Наврӯз” дар ҳангоми Наврӯзи он сол дар дор-ул-салтанаи Ҳирот ҳукумате шикаста бастае намуд” [Зулфиқорӣ, 1385 ҳ., с. 16].

Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ дар “Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ” роқеъ ба маросими “Мири наврӯзӣ” матолиберо матраҳ кардааст: “Мири наврӯзӣ ё подшоҳии наврӯзӣ маросиме будааст, ки ҳангоми Наврӯз дар Эрон баргузор мешуд. Дар ин маросим барои тафреҳу ханда касеро ба тахт менишонданд ва пас аз инқизои айёми ҷашн салтанати ӯ низ ба поён мерасид” [Ёҳаққӣ, 2014, с. 330].

Меҳрдоди Баҳор низ дар китоби “Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон” роҷеъ ба ҳокимияти ориятии “Мири наврӯзӣ” сухан рондааст: “Мири наврӯзӣ ҳукумати панҷрӯза дорад ва бинобар ин, ба ҳангоми наврӯз амир ё ҳокими маҳал бар ҳасби зоҳир аз амирӣ ё ҳукумат меафтод ва бар ҷойи вай амир ё ҳокиме муваққат менишонданд ва ин шахс дар тайи чанд рӯз ҳукумате суварӣ мекард ва ба узлу насбу тавқифу ҳабсу мусодира мепардохт. Ва сипас, чун ҳукумати панҷрӯзааш ба сар мерасад, ҳокими аслӣ ба ҷойи хеш бармегаштанд.” [Баҳор, 1376 ҳ., с. 226]

Маросими баргузории “Мири наврӯзӣ” то имрӯз дар бисёре аз минтақаҳои кишварҳои Эрону Афғонистон роиҷ аст. Қосими Ғанӣ, ки худ шоҳиди баргузории чунин маросими наврӯзӣ будааст, хотироти худро дар робита ба ин масъала чунин баён медорад: “Дар Баҷнурд (шаҳри маркази Хуросони шимолӣ) то соли 1302 ҳ (1924 м.) ин расм иҷро мешудааст. Дар Наврӯзи ин сол (1302 ҳ.) ҷамоати касире аз мардум савора ва пиёда мегузаранд, ки яке аз онҳо бо либосҳои бисёр фохир ба асби сафеде нишаста чатре бар сари ӯ афрошта буданд. Ва ҷамоате савораву шотир дар ақиб ва теъдоде пешопеши ӯ равон буданд... дунболи ин ҷамоати анбуҳ, касире аз мардуми мутафарриқа: аз кӯчаку бузург буданд ва ҳаёҳу бисёр мекарданд.

Ҳар сол дар Наврӯз як нафар амир мешавад ва то сездаҳи ид амиру ҳукмфармои шаҳр аст. Ва ҳар ҳукме, ки медиҳад нофиз ва қобили иҷро аст... бештари мақсадашон тафреҳу ханда ва ҳифзи суннат буд” [Зулфиқорӣ, 1385 ҳ., с. 17].

Маросими “Мири наврӯзӣ” бо номҳои “Амири баҳорӣ” ва “Мири мирин” дар байни мардуми курд роиҷ буда, баргузории он дар айёми Наврӯз то имрӯз идома дорад [Пайофар, 1401 ҳ., с. 84-97].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо замони баргузори ҳамаи ҷашнҳои бостонӣ, монанди Тиргон, Меҳргон, Баҳмангон ва Наврӯз панҷ рӯзро дар бар мегирад. Аммо айёми таҷлили ҷашни Наврӯз, мутобиқи таҳлилу баррасиҳои Иброҳим Пури Довуд, ба иллати афзалияту маҳбубияти он дар байни мардум ба муддати даҳ рӯз: “аз рӯзи 26 исфандмоҳ то охири рӯзи панҷуми фарвардин” [Пури Довуд, 1377 ҳ., с. 596] идома меёфт.

Хулоса, боварҳои бостонии мардуми ориёинажод бар пояи ин ақидаҳо бунёд ёфтаанд, ки рӯшноию гармӣ, шоидию нишот, ҷашну сӯр ва ҳамаи ашёву падидаҳои меҳрафзуну шодиовар офаридаҳои аҳуроӣ ба шумор меравaнд. Ҷашни Наврӯз дар рӯзи Ҳурмузд (Аҳуромаздо) – рӯзи Худои рӯшноию шодиву нишот баргузор мешавад ва илова бар ин таҷлили ин оини бошукӯҳ ба баҳор – зеботарин фасли сол рост меояд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар ин рӯз на танҳо инсонҳо ҷашн доранд, балки тамоми аҷзои табиат бо дурахши рангҳо, навои обшорону савти парандагон ва бо забони ҳазорон рамзу рози дигар ба истиқбоси Наврӯз бархостаанд.

Мардум тавассути баргузории маросими “Мири наврӯзӣ” дар ҷашни Наврӯз, шодиву нишоти худро ба шакли дастаҷамъӣ ба намоиш мегузоранд. Тавре ки аз муҳтавои баъзе ривоятҳои марбут ба ин маросим бармеояд, дар чунин саҳнаи шодмонӣ аксари табақаҳои иҷтимоӣ иштирок мекарданд ва бо ҳузури хеш ҷараёни баргузории ин оинро бошукӯҳтар менамуданд. Мири наврӯзӣ дар давоми панҷ рӯз дар ин моросими карнавалгуна нақши шоҳи анҷуманро мебозад ва вазифадор аст, ки бо истифода тамоми маҳорату қобилиятҳои завқӣ асбоби шодиву нишоти мардумро фароҳам оварад.

## АДАБИЁТ


1. Авасто. Яштҳо. Ҷ. 1. / Тафсири Пури Довуд, Иброҳим. – Теҳрон: Асотир, 1377 ҳ.–744 с.
2. Баҳор, М. Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон / М. Баҳор. – Теҳрон: Фикри рӯз, 1376. – 360 с.
3. Берунӣ, Абурайҳон. Осор-ул-боқия / Абурайҳон Берунӣ / Тарҷумаи Акбари Доносиришт. – Теҳрон: Амири Кабир, 1386. – 605 с.
4. Деҳхудо, А. Луғатнома. Фарҳанги мутавассити Деҳхудо. Иборат аз ду ҷилд / А. Деҳхудо. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1385 ҳ. – 3224 с.
5. Ёҳаққӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / М. Ёҳаққӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.
6. Зулфиқорӣ, Ҳ. Мири наврӯзӣ / Ҳ. Зулфиқорӣ // Навҷои фарҳанг. – Теҳрон, 1385 ҳ., № 2. – С. 13-20.
7. Пайофар, М. Воковии ҷанбаҳои намоишӣ ва хостгоҳи оинии “Мири наврӯзӣ” дар фарҳанги мардуми Эрони бостон / М. Пайофар // Ҷусторномаи фарҳанг ва ҳунар. – Теҳрон: 1401 ҳ., № 5. – С. 84-97.
8. Хуррамшоҳӣ, Б. Ҳофизнома. Иборат аз ду ҷилд / Б. Хуррамшоҳӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1387 ҳ. – 1540 с.
9. Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддин. Куллиёт [Матн] / Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон. 1983. – 672 с.
10. Шарифиён М., Ҳошимизода Р. Баҳром ва Гуландом. Ривояте аз фароянди тафарруд / М. Шарифиён, Р. Ҳошимизода // Матнпажуҳии адабӣ. – Теҳрон, 1403 ҳ., № 99. – С. 95-116.

**Аннотатсия**
**Таҷаллии таҷлили маросими “Мири наврӯзӣ” дар як ғазали**
**Ҳофизи Шерозӣ**

Дар мақола дар бораи ҷашни Навруз сухан меравад. Навруз бошукӯҳтарин оини қадимии мардуми тоҷик ва дигар халқҳои эронитабор ба ҳисоб меояд. Маросими “Мири наврӯзӣ” ҳамчун як рукни муҳимми ҷашни Наврӯз аз даврони қадим дар байни мардум машҳур буда, дар баъзе минтақаҳои Эрону Афғонистон то кунун баргузор мешавад. Инсону табиат дар ҳамоҳангӣ бо шодиву нишот ҷашни Наврӯзро ҷашн мегиранд. Мардум тавассути баргузории маросими “Мири наврӯзӣ” дар ҷашни Наврӯз, шодиву нишоти худро ба шакли дастаҷамъӣ ба намоиш мегузоранд. Тавре ки аз муҳтавои баъзе ривоятҳои марбут ба ин маросим бармеояд, дар чунин саҳнаи шодмонӣ аксари табақаҳои иҷтимоӣ иштирок мекарданд ва бо ҳузури хеш ҷараёни баргузории ин оинро бошукӯҳтар менамуданд.

**Калидвожаҳо:** Наврӯз, Мири наврузӣ, ҷашн, маросим, шодӣ, рӯшноӣ, меҳр, баҳор, зебоӣ.

**Аннотация**
**Отражение празднования церемонии «Мири наврузи» в газели**
**Хафиза Ширози**

В статье говорится о празднике Навруз. Навруз считается самым величественным древним праздником таджикского народа и других народов иранского происхождения. Церемония «Мири Навруз» издавна популярна среди народа как важная опора праздника Навруз и до сих пор проводится в некоторых регионах Ирана и Афганистана. Люди и природа празднуют Навруз в гармонии с радостью и счастьем. Свою радость и счастье люди проявляют в коллективной форме, проводя церемонию «Мири Наврузи» по случаю Навруза. Как видно из содержания некоторых историй, связанных с этой церемонией, в столь радостной сцене принимают участие большинство социальных сословий, которые своим присутствием сделали процесс этого ритуала более пышным.

**Ключевые слова**: Навруз, Мири новрузи, праздник, церемония, радость, свет, любовь, весна, красота.

**Reflection of the celebration of the Miri Navruzi ceremony in a gazelle by**
**Hafizi Shirozi**

The article talks about the Navruz holiday. Navruz is considered as the most majestic ancient holiday of the Tajik people and other peoples of Iranian origin. The Miri Nowruz ceremony has long been popular among the people as an important pillar of the Nowruz holiday and is still performed in some regions of Iran and Afghanistan. People and nature celebrate Nowruz in harmony with joy and happiness. People show their joy and happiness in a collective form by holding the “Miri Nowruzi” ceremony on the occasion of Nowruz. As can be seen from the content of some of the stories associated with this ceremony, most social classes take part in such a joyful scene, which with their presence made the process of this ritual more magnificent.

**Key words:** Navruz, Miri Novruzi, holiday, ceremony, joy, light, love, spring, beauty.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Бухориев Олим Салимович, ходими калони илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. E-mail: olim.bukhori@bk.ru, тел.: 93 863 19 62.

**Сведения об авторе:** Бухориев Олим Салимович, старший научный сотрудник отдела фольклора Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ. E-mail: olim.bukhori@bk.ru, тел.: 93 863 19 62.

**About the author:** Bukhoriev Olim Salimovich, senior researcher at the folklore department of the Rudaki Institute of Language and Literature of the NAST. E-mail: olim.bukhori@bk.ru, phone: 93 863 19 62.

# БОЗТОБУ МАНЗАЛАТИ НАВРӮЗ ДАР ФАРҲАНГИ ФОРСУ ТОҶИК

**Дилангези Р.-** омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии
Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ

Наврӯз дар миёни аҳли башар ягона ҷашнест, ки оину суннатҳои дилчаспу зиндагисозӣ он аз гузаштаҳои ниҳоят дури таърихӣ то ба имрӯз боқи монда, эътибору манзалати худро ҳифз намудааст, ки онро миллату халҳои дигар ҳамчун дастоварди беназири фарҳанги ориёии форсу тоҷик пазируфта, бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамоянд.

Бешубҳа, Наврӯз ҷашнест куҳанбунёд, гарчанде дар китоби Авесто аз ин ҷашн ном бурда намешавад, вале дар дигар китобҳои Зардуштӣ ба монанди «Бундаҳишт» оиди Наврӯз, суннату маросимҳои Наврӯзӣ ривоятҳои зиёд ҷой доранд. Пас хулоса метавон бардошт, ки Наврӯз ҷашн ва маросимест куҳанбунёд, ки мардуми ориёнажод ҳанӯз аз даврони асотирии Пешдодиёну Зардушт онро таҷлил менамоянд.

Боиси мондагории Наврӯз пеш аз ҳама ҷашни мардумӣ ва табиӣ будани он аст, ки аз оғоз дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ташаккул ёфта, минбаъд ба ҳайси ҷашни давлатӣ ва байналмиллалӣ эътироф шудааст.

Сабаби аз замонҳои бостон то ба ин рӯз ва сипас ба ҷашни байналмилалӣ мубаддал гардидани Наврӯз  он аст, ки дар ҳайати давлатҳои бузурги ориёӣ, аз қабили давлатҳои Пешдодиён, Каёниён, Ҳахоманишиниён, Ашкониён, Кушониён, Сосониён, Ҳайтолиён ва Сомониён на танҳо ориёҳо, балки халқиятҳои ғайри ориёӣ тобеъ буда, таҳти нуфузи тамаддуни ориёӣ қарор дошта, арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ҷашну маросимҳои моро пазируфта  таҷлил менамуданд..

Тавре ки муҳаққиқ Қ. Искандаров қайд кардааст: «Бузургдошти Наврӯз - бузургдошти решаҳо, таърих ва арзишҳои тамаддунҳои дурахшони башарист, ки дар тӯли қарнҳо арзишҳои инсониро мунтақил сохтаанд. Тарвиҷ ва пешбурди  фарҳанги зиндагии созгор бо табиат яке дигар аз ҷанбаҳои Наврӯз аст", [1,с.50].

Воқеан, Наврӯз нишонаи хотираи таърихии миллати мо аст. Ҳар гоҳе, ки мо Наврӯзро ҷашн мегирем, таърихи онро ба хотир меоварем, дар андешаи мо таърихи миллат ва фарҳанги боғановати он ҷилвагар мегардад.  Барои бозгӯ кардани таърихи Наврӯз осори гаронбаҳои хаттие аз ҷумла «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ» ва «Наврӯзнома»-и Умари Хайём арзишмандтарин адабиёти илмӣ мебошанд, ки  аз моҳияту мазмун ва арзишу суннатҳои волои  Наврӯз маълумот медиҳанд.

Вожаи Наврӯз аз забони қадимаи паҳлавии «нук руч» ё «нук рӯз», дар забони муосири тоҷикӣ аз ду калима «нав ва рӯз» таркиб ёфта маънои рӯзи навро ифода мекунад. Дар забони арабӣ бошад бо номи «най рӯз» омадааст. Дар ҳар маврид моҳияти вожаи Наврӯз дорои як маъно-рӯзи нав, яъне нахустин рӯз аз моҳи аввали солшумории хуршедӣ ва оғози фасли баҳор мебошад.

А.Берунӣ чунин нигоштааст, ки «Наврӯз нахустин рӯз аст аз фарвардиимоҳ ва з-ин ҷиҳат «рӯзи нав» ном кардаанд, зеро ки пешонии соли нав аст» [2,с.230.].

Наврӯзнома- У. Хайём дар кашфи ҳақиқати Наврӯз пайдоиш, номгузори ва ҷашн гирифтани он аз даврони Каюмарсу Ҷамшед сарчашмаи муҳим дар шинохти манзалати Наврӯз ба шумор меравад. У чунин овардааст: «Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки офтоб дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз ба рубъи аввали дақиқаи ҳамал бозояд, чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт «рӯзи нав» номид ва ҷашн оийн овард.., чун он вақтро подшоҳони Аҷам дарёфтанд аз баҳри бузургдошти офтоб онро нишона карданд ва он рӯзро ҷашн сохтанд ва оламиёнро хабар доданд то ҳамагон онро бидонанд ва он таърихро нигоҳ доранд» [3,с.112].

Илова бар ин дар осори хаттиву шифоҳии форсу-тоҷик оиди бузургдошти Наврӯз чунин ривоятҳо мавҷуд аст:

Каёмарс ва Ҳушанг, ки аввалин шоҳони асотирии Пешдодиёнанд, дар рӯзи Наврӯз таваллуд шудаанд.

Фаридуншоҳ дар ин рӯзи фархунда қаламрави Ориёноро байни фарзандони худ Салм, Эраҷ ва Тӯр тақсим намудааст.

Кова оҳангар бо диравши Коваёнӣ дар рӯзи аввали Наврӯз барои таъмини инсофу адолат ва осоиши мардум қиём намуда, бунёди зулмро решакан намуд.

Зардушт дар ин рӯз офарида шуда, аз Аҳурамаздо оини паёмбариро баргузид.

Аз ин лиҳоз мо гуфта метавонем, ки Наврӯз аз сапедадами ҳаёти мо,
аз даврони асотирӣ оғоз гардида, ҳамзоди фарҳанги тамаддуни форсу-тоҷик буда, “дар аҳди Ҳахоманишиён ба ҳукми анъана даромада, ба ҷашни расмии мардуми ориётабор табдил ёфтааст” [4,с.57 ], ки суннатҳои илҳомбахш ва зиндагисози он аз Шимоли Чин то Аврупо доман паҳн намуда бо суннатҳои беназир ва муқаддасоти худ нақши пайвандгарро дар байни миллатҳои гуногун иҷро менамояд.

Ховаршиноси варзида М.Бойс роҷеъ ба манзалати Наврӯз дар тамаддуни форсу-тоҷик чунин изҳори андеша намудааст: «Наврӯз ҳамчун ҷашни солиёнаи мардуми эронинажод ҳатто пас аз ғалабаи

ислом низ барпо мегардид, ки нишона аз таҷлили ҷадиди ҳар сол аст»[5,с.163]..

Шояд устувору побарҷо мондани Наврӯз дар зеҳну андешаи фарҳанги форсу тоҷик он далел бошад, ки оғози он ба ибтидои баҳор, ҷашни соли нав ва ба поён расидани сардию умри зимистон рост меояд. Аз ин лиҳоз аҷдодони мо Наврӯзро нигарони намуда, он рӯзро рӯзи умед, рӯзи шикасти ормонҳо номгузорӣ намуданд.

Наврӯзро ҷашни табиат меноманд, дар воқеъ оғози бедории табиат,ки ҷомаи худро сабзпӯш менамояд, эҳёи гулу гиёҳ, нарму бедор гардидани замин, мавсими кишту кор, пошидани донаи умед, тоза кардани наҳру ҷӯйбор, шинонидани ниҳол, ободонии маҳалли зист, озодаву рубӯ чини хона ва дар иҷрои корҳои дигари нек таҷасум меёбад.

Наврӯзро низ мизони тарозӯи сол меноманд, зеро он ҳангоме фаро мерасад ва замоне ҷашн гирифта мешавад, ки соатҳои шабу рӯз баробар мегарданд.

Наврӯзро рӯзи оромию осоиш, бахшидани гуноҳҳо ва ҷашну шодӣ, рӯзе, ки одамиён офарида шудаанд низ меноманд.Ба андешаи Маҷлисӣ «Наврӯзро ҷашни поёни рӯзҳои офариниш ва пайдоиши одамиён нишон медиҳад».

Бояд зикр намуд, ки ин ҷашни суннатии фархунда аз зиёдати такрор дар тули қарнҳо ба сурати одат, ба ҷашни бузург, ба иди соли нави мардуми Шарқ мубаддал гардида эътибору нуфӯзи ҷаҳонӣ касб намудааст, ки бо фарорасии худ душвориҳои табиию иҷтимоӣ ва ҳатто иқтисодиро бартараф намуда навиди хушиву фараҳ ва некбахтӣ меоварад.

Маҳз.Рисолати устувору побарҷои Наврӯз, дар ин амал таҷассум ёфтааст.

Саволе ба миён меояд, ки Наврӯзро дар ҳар давру замон дар як мавсим ҷашн мегирифтанд ё дар вақтҳои гуногун?

Бояд зикр намуд, ки таҷлили Наврӯз аз даврони авастоӣ то даврони салтанати Сосониён дар фарвардинмоҳ, ки аввалин рӯзи он оғози соли нав буд, таҷлил карда мешуд.Сипас бо ивазшавии вақт, тибқи солшумориҳои румию, яздигурдӣ ва ҳиҷрию қамарӣ таҷлили Наврӯз ба монанди идҳои Рамазону Қурбон дар вақтҳои гуногун ҷашн гирифта мешуд.

А.Берунӣ вобаста ба ин маънӣ чунин нигоштааст: «ҳарчанд подшоҳони Эрон ҳангоми Наврӯз аз раият хироҷ мехостанд, вале Наврӯз ҳангоме фаро мерасид, ки ҳосилот ба даст наомада буд».

Танҳо дар соли 392-ҳиҷрӣ-қамарӣ таҷлили Наврӯз ба аввали ҳамал бозгардонида мешавад. Баъд аз ворид намудани тағирот дар солшумории Яздигурдӣ аз тарафи У.Хайём, ки бо номи «Тақвими

ҷалолӣ» маълум аст, таҷлили Наврӯз ба 21-уми моҳи фарвардин, ки мизони тарозуи шабу рӯз ва оғози баҳор мебошад устувор гардонида шуд, ки ин сана аз 16 марти соли 1079 бо ба расмият даромадани «Тақвими ҷалолӣ» то ба имрӯз бетағйир мондааст.

Дар ибтидои ҷашни Наврӯз ба ду бахш: Наврӯзи омма ва хосса тақсим мегардид, ки таҷлили он аз якдигар фарқ менамуд. Шоҳи Сосонӣ Ҳурмузди Шопур онро ба ҳам омезиш дода, рӯзи мобайнии онро рӯзи ҷашн эълон намуд.

Вобаста ба мақому манзалат ва рисолати устувории ин ҷашн, олими варзидаи тоҷик Акбари Турсон Наврӯзро воситаи ваҳдати башарӣ унвон карда, онро дар қатори забони форсӣ шаҳсутуни иморати хештаншиносии тоҷикон дониста, қайд менамояд, ки «Наврӯз-ойинаи қаднамойи тамаддуни шаҳрзоду шаҳрпарварди Аҷам буда, суннати таърихию фарҳангии ӯро ҳусни оғоз бахшидааст. Иморати хештаншиносии тоҷику эронӣ ду шаҳсутун дорад: яке забони форсӣ-тоҷикӣ асту дигар ҷашни Наврӯз..., Ҷашни Наврӯз ба унвони суннати зиндаи халқ замонати бақои рӯзгори миллати мост” [6, с.145].

Наврӯз ҷашни табиист, ки ба сиёсат ва идеология омехта нест. Ҳарчанд дар даврони Шуравӣ бар пояи муносибатҳои идеологӣ таҷлили Наврӯз аз тақвим ба таври расмӣ бароварда шуда бошад ҳам, вале мақому манзалат ва меҳру муҳаббати он аз дилу андешаи мардум зудуда нагардид, ҳарчанд нагузоштанд, вале у сабзиду решаашро устувор кард, ҳамчун унсури ҳуввиятсози миллати тоҷик побарҷо монд, ва бо номҳои иди деҳқон, иди кишту кор ҷашн гирифта мешуд.

Наврӯз, ки ҷавҳари аслии фархангиро дорост, дар ягон маврид, ба ҳеҷ ваҷҳ аз оинаи хотироти миллат зудуда нахоҳад шуд, ягон идеологияи неруманди сиёсиву динӣ онро аз байн бурда наметавонад. Зеро дар сиришти он ду ҷавҳар: инсонсозӣ, зиндагипарастӣ ва меҳрофарӣ нуҳуфтааст, ки ин ду ҷавҳар амалисозандаи ниёзҳои инсоният мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Наврӯз дар тули мавҷудият вобаста ба шароитҳои таърихиву дигаргуниҳои сиёсию-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ такмилу тағйир ёфта, маросиму суннатҳои гуногунро касб намуда бошад ҳам, моҳият ва рисолати азалии худро дигаргун накардааст.

Файзи истиқлол тамоми арзишҳои миллии мо аз ҷумла Наврӯзро эҳё намуда, мақому манзалати онро аз нав устувору побарҷо намуд. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Наврӯз додани мавқеи иди миллӣ, дар сатҳи давлатӣ ва бо тамоми шаҳомати хосса ҷаҳор рӯз ҷашн гирифтану рузҳои истироҳат эълон намудани ин рӯзҳо, самараи истиқлолияти давлатӣ ва гувоҳи сиёсати созандаву бунёдкорона ва эҳёбахши таъриху

фарҳанг ва суннатҳои арзишманди миллӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои бофарҳангу миллатсози давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Аз ин лиҳоз бо эътимод қайд менамоем, ки Наврӯз арзишмандтарин, волотарин ва бузургтарин ҷашни бостонӣ ва муосир дар таърихи тамаддуни форсу тоҷик ва аҳли башар мебошад, ки аз замонҳои хеле дур то имрӯз ҳифз шудааст.

Наврӯз ҷашни бостонӣ ва муосир, яке аз рукнҳои фарҳанги миллӣ, пайвандгари наслҳо ва хотираи таърихии форсу тоҷик аст, ки дар садаи равон нуфузу эътибори он ба ҳайси як ҷашни умумибашарӣ афзудааст ва ин боиси сарфарозӣ ва ифтихори милли мо тоҷикон мебошад.

**АДАБИЁТ**


1.Искандаров Қ. Наврӯз: таърихи пайдоиш ва маросимҳои он //Паёми ДТИХД Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1(21), 2011.С. 49-62.

2. А. Берунӣ Осор- ул боқия. Тарҷ. Акбари Доносиришт, Теҳрон., 1324.-С. 230

3. Умари Хайём. Наврӯзнома. Бо кӯшиши М. Низомов.Душанбе., Ситно,2007.-С.46

4 Ализода Б.П. Наврӯз ҷашни бостонӣ ва муосир / Б.П. Ализода // Паёми ДТИХД №3. – Душанбе, 2013.-С.53-62

5.Бойс М.Зороастрийцы: верования и обычаи. Санкт Петербург, Петербургское Востоковедение.2003.352с.

6.Акбари Турсон Пайвандгари наслҳо ва аслҳо (Ангораҳои таърихию фарҳангшиносӣ перомуни ҷашни Наврӯзи Аҷам) // Дастури наврӯзӣ. Таҳияи С. Қосимӣ, Б. Ҳабибулло. Душанбе: ДМТ, 2012. 304с.


## Аннотатсия


Дар мақола масъалаҳои таърихи пайдоиш, ташаккул ва интишори Наврӯзи оламафрӯз мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҳамзамон дар мақола зикр гардидааст, ки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ Наврӯз ҷашнест, ки дар дарозои таърих новобаста ба ҳаводису рӯйдодҳо ва тағйир ёфтани давлату давлатдорӣ асолату арзишҳои худро ҳифз намуда, то замони мо расидааст.

Ба андешаи муаллиф, мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни Наврӯз дар замони муосир ба ҳамгироии фарҳангии халқҳои ҷаҳон мусоидат хоҳад кард.



**Вожаҳои калидӣ:** Наврӯз, Аҷам, ҷашни бостонӣ, хотираи таърихӣ, ҷашни миллӣ, арзишҳо, анъаноти наврӯзӣ, ҳамгироии фарҳангӣ, ҷашни байналмилалӣ.


## Аннотация


В статье рассматривается история возникновение и формирование Навруз в качестве национального праздника арийской цивилизации и в силу своей собственной, неповторимой природой, ее превращение в качестве международного праздника. Автор, особо отмечает, что несмотря происходившие исторические и политические события, смены ценностей, Навруз сохранил свои собственные, оригинальные традиции и дошел до нашего времени. По мнению автора приобретением Наврузом международного характера способствует не только сближение различных народов,

но и могут содействовать в формирование общечеловеческих ценностей, развитие культурной интеграции современной цивилизации.
**Ключевые слова:** Навруз, Аджам, древнейший праздник, историческая память, национальный праздник, ценности, наврузские традиции, культурные интеграция, международный праздник

**Annotation**

The article examines the history of the emergence and formation of Navruz as a national holiday of the Aryan civilization and, due to its own, unique nature, its transformation as an international holiday. The author especially notes that despite the historical and political events and changes in values, Navruz has retained its own, original traditions and has reached our time. According to the author, the acquisition of an international character by Navruz not only contributes to the rapprochement of different peoples, but can also contribute to the formation of universal human values, the development of cultural integration of modern civilization.
**Key words:** Navruz, Ajam, ancient holiday, historical memory, national holiday, values, Navruz traditions, cultural integration, international holiday
***Маълумот дар бораи муаллиф:*** **Дилангези Р**. омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе. ***Тел. мобили: 93 500-15-51***

***Сведения об авторе*: Дилангези Р. П**реподаватель кафедры гуманитарных наук республиканского медицинского колледжа. г.Душанбе,

***Моб. Телефон: 93 500-15-51***

**Dilangezi R.** Teacher of the department of humanitarian disciplines Republican Medical College Dushanbe.

## САДА - ПАЙКИ НАХУСТИНИ НАВРӮЗӢ

**Ёрова З.Ҳ.**

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Сада дар забони авестоӣ маънои баромадан ва тулӯъ карданро ифода мекунад. Аввалин рӯзи зимистонро пас аз шаби ялдо таваллуди дигаре ба Хуршед ё Меҳр дониста, онро ҳамоҳанг дар ҷашн гирифтан дар даҳумин ва чилумин рӯзи таваллуди оини куҳан ва зиндаи мардум медонанд. Дар замони соҳибистиқлолият бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни таърихии миллати куҳанбунёди тоҷик (Сада) чун идҳои дигари қариб ба ҳукми фаромӯшӣ афтодаи мо – Меҳргон ва Тиргон аз нав эҳё шуда, ҳамчун маросими суннатӣ дар баробари Наврӯз ҷашн гирифта мешавад.

Вожаи сада дар китоби “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст:

“Яке аз ҷашнҳои қадимии миллати мо, ки рӯзи даҳуми баҳманмоҳ (29-30-юми январ) баргузор мегардад, аз Сада то Наврӯз панҷоҳ шаб ва панҷоҳ рӯз будааст”.

Ин андешаро бисёре аз мутафаккирон ҷонибдорӣ намуда, номи ҷашни Садаро баргирифташуда аз сад медонанд. Масалан, донишманди бузурги тоҷик Абурайҳони Берунӣ навиштааст:

“Сада гӯянд, яъне сад ва он ёдгори Ардашери Бобакон аст ва дар иллат ва сабаби ин ҷашн гуфтаанд, ки ҳар гоҳ рӯзҳо ва шабҳоро ҷудогона бишуморанд, миёни он ва охири сол адади сад ба даст меояд”. Ҷойи дигар ин андешаро возеҳтар баён намуда, чунин иброз доштааст:

“Сада маъруф ба садумин рӯзи зимистон аст, яъне аз ибтидои зимистон (аввали обонмоҳ) то даҳи баҳман, ки ҷашни Сада аст, сад рӯз ва аввали баҳор панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб будааст. Ва ба ин сабаб ки аз имрӯз ба баъд инсон ба оташ даст пайдо кардааст, шаб ҳам монанди рӯз равшану гарм аст ва ин шабҳо ҳам шумурда мешаванд”. Аммо бархе аз муҳаққиқон, аз он ҷумла Меҳрдод Баҳор ва Ризо Муроди Ғиёсобод ин андешаро рад намуда, бар он ақидаанд, ки Сада дар забони авестоӣ ба маънои баромадан ва тулӯъ кардан аст ва бо калимаи сад ягон робита надорад.

Доир ба ин ҷашни таърихӣ ривоятҳои зиёде мавҷуданд ва бисёре аз онҳо дар шоҳасари безаволи Фирдавсӣ – “Шоҳнома” низ ҷо дода шудаанд. Доир ба таърихи пайлоиши иди Сада дар яке аз достонҳои “Шоҳнома” ривояте оварда шудааст, ки он бо номи Ҳушанг вобаста аст. Тибқи фармудаҳои Ҳакими Тӯсӣ, Ҳушанг яке аз подшоҳони Пешдодӣ буда, аввалин касест, ки кишту кор, кандани корез, яъне сохтани обанбору ҷӯйҳо, парвариши дарахтон ва ҳатто шаҳрсозиро ба ӯ нисбат медиҳанд. Рӯзе вай дар доманаи кӯҳ мореро дид. Сангеро гирифта ба самти мор андохт, ки дар натиҷаи бархурди ду санг оташ падидор шуд. Фирдавсии бузургвор ин ҳолатро чунин ба қалам додааст:

Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,
Дили санг гашт аз фурӯғ озарранг.
Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,
Ниёиш ҳамекарду хонд офарин.
Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод,
Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.
Яке ҷашн кард он бода хӯрд,
Сада номи он ҷашни фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.

Зикр намудан бамаврид аст, ки кушта шудани мори сиёҳу падидор гардидани шуълаи оташ агар аз як тараф кашф ё ихтирои оташ аз ҷониби Ҳушанг бошад, аз тарафи дигар, он рамзи ғалабаи қувваи некӣ бар бадӣ буд, ки ин ғояи асосии тамоми достонҳои “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким

Фирдавсии Тӯсиро ташкил медиҳаду он дар тарбияи маънавии насли наврасу ҷавон ва умуман ҳамагон, нақши назаррас дорад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки бисёре аз бостоншиносон ҷашни Садаро бо достони кашфи оташ аз ҷониби Ҳушанг, ки тибқи ривоятҳо, яке аз шоҳони Пешдодӣ будааст, вобаста медонанд, ки мисраъҳои зикршуда далели бевоситаи он аст.

Иди Садаро форсзабонҳо бо иҷрои маросими гуногуншакл ҷашн мегиранд. Дар ин ҷашн афрӯхтани оташ, паридан аз болои он, давр задан дар атрофи он анъанаи дерина гардидааст. Дар баъзе аз шаҳрҳои Эрон ба ҳукми анъана даромадааст,ки кишоварзон хокистари аз оташи Сада бавуҷудомадаро ба заминҳо мепошиданд, то ки давоми сол файзу баракати бештар ато намояд. Бояд гуфт, ки ин ҳолат шояд ҳамчун анъана дар байни мардуми маҳаллии мо низ вуҷуд дорад: барои ҳосилхез шудани замин хокистари аз ҳезум сӯхташударо ба замин мепошанд...

Ба ҳамин минвол аз шаби таваллуди Хуршед, пас аз чил рӯз , ба хотири гарму сӯзон шудани Офтоб, ниёгони мо ҷашни Садаро гиромӣ медонистанд ва чилрӯзагии Хуршедро дар рӯзи даҳуми баҳман (30-юми январ) чун Сада ҷашн мегирифтанд ва пас аз 50 рӯз, яъне 21-уми март, замони ба балоғат расидани онро ба таври васеъ ҷашн мегиранд, ки он рӯз Наврӯз аст.

Дар ин айём мардум, тибқи анъана, ба тозаю озода кардани макони хеш, кандани ҷӯй ва захбурҳо, шинонидани ниҳолакони дарахтони мевадор ё сояафкан ва монанди инҳо машғул гардида, аз ҳар як дақиқаи рӯзҳои офтобӣ самаранок истифода мебаранд.

Ҳамин тариқ, ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои мавсимию маросимии мардуми ориёитабор, аз ҷумла ниёгони мо, буда, ҳамчун рамзи бузургдошти Митра (Меҳр), омодагӣ ба киштукори баҳорӣ ва муждарасони Наврӯз пазироӣ мегардад. Ин маъниро шоири тавонои асри Х1 Фаррухӣ чунин баён намудааст:

Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,
Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тироз.

АДАБИЁТ


1. Ғафуров Б. "Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна".-ҷ.1-Душанбе:"Ирфон",1983
2. Ёҳаққӣ М. "Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ".таҳияи Р.Ваҳҳоб.-Душанбе:"Бухоро", 2014
3. Раҳимӣ Д. "Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон".- Душанбе: "Аржанг", 2018
4. Раҳимов Д. " Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон.-Душанбе: "Истеъдод" ,2011
5. С.Назарзода, А.Сангинов, Р.Ҳошим, Ҳ.Рауфзода : Фарҳанг (тоҷикӣ-тоҷикӣ) – 80 000 вожа ва ибора (эҷодгарони барнома: Ҳадятуллои Хайрулло, Маҳмадсаиди Сайфулло)



**Маълумот дар бораи муаллиф**: Ёрова Зулайхо Ҳабибуллоевна-устоди калони кафедраи фарҳанг ва забони ДБССТ

# ПРАЗДНИК ВОССТАВШИЙ ИЗ ГЛУБИНЫ ВЕКОВ

**Кабилова Ф. Р.** -старший преподаватель
**Мирзоева М. И.**-ассистент
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, E-mail: m*mijgon*.9191@mail.ru, тел: (+992) 988023435.

Во многих странах 21 марта отмечают праздник Навруз, зародившийся еще до нашей эры и связанный с приходом весны. Он совпадает с датой весеннего равноденствия - событием, при котором световой день равняется ночи. С древних времен повелось начинать новый год, когда Солнце берет верх над ночью. Это время наступает в весеннее равноденствие, отмечаемое славянами, а у мусулманского народности – это Навруз. Праздник посвящен пробуждению природы, когда можно избавиться от прошлого и получить хороший почин на будущее.

В мусульманских странах Навруз не относится к религиозным событиям, а считается народным праздником. Он традиционно проводится 21 марта, но празднование в некоторых местах может продлиться до 23 марта. Историки расходятся во мнении о том, как давно отмечается праздник Навруз, название которого означает в переводе с персидского языка «новый день». Он связан с приходом весны, началом нового периода, для некоторых культур торжество даже равносильно Новому году.

Навруз празднуют иранские и тюркские народы, традиции торжества в некоторых странах глубоко переплелись с мусульманской религией, хоть оно и не является его частью.

Как государственный праздник Навруз отмечается в Таджикистане, Узбекистане, Туркмении, Азербайджане, Грузии, Албании, Киргизии, Македонии, Турции, Казахстане. Отмечают его и некоторые регионы России, в числе которых Дагестан, Татарстан и Башкирия.

Навруз - это одно из старейших и наиболее древнейших празднований, о котором упоминаются в исторических источниках. С корнями, уходящими в глубины истории, Навруз является символом обновления, возрождения и плодородия для многих культур в Центральной Азии, на Ближнем Востоке.

В этом статье будим рассмотрывать, какие источники что говорят об этом великом празднике.

Традиционными для Навруза угощениями являются сумаляк — блюдо из пророщенных ростков пшеницы, сладкие пахлава и шекербура. На стол, как правило, подают много бобовых, а также ячменные и пшеничные лепешки.

К празднику принято готовиться, очистив дом перед приходом нового сезона - сделав уборку, вынеся мусор, совершив перестановку. Важно также подготовить душу и разум: простить старые обиды, раздать долги, избавиться от того, что тяготит.

А вот начинать новую страницу года с дурных помыслов и поступков категорически нельзя, по поверью, это грозит неудачами и невзгодами.

Поддерживая древние традиции своих народов, мусульмане из разных стран знают, что нужно делать в Навруз 21 марта. Празднование проводят с обязательным набором блюд, которые могут отличаться небольшими элементами, в зависимости от места проживания народа. Символические действия и предметы используются, чтобы начало новой жизни было добрым.

Возникновение Навруза произошло еще при вавилонской цивилизации, и тогда его отмечали почти 2 недели с разными развлечениями, застольем и церемониями. В древние времена он носил магический и духовный смысл. Это была победа над тьмой и злом. Многие действия связывались с огнем, который служил оберегом и очищением от негатива.

Основным символом праздника должны быть огонь и проросшее зерно. Они указывают на новую жизнь. На столе почетное место занимает блюдо с зеленой пшеницей, ячменем, как символ изобилия и процветания.

В Навруз люди веселятся, поэтому вся подготовка проходит накануне. Необходимо до его наступления убрать свой дом, постирать вещи, приготовить еду. В сам праздник люди отдыхают, ходят в гости, собираются семьей, устраивают игры.

С древности повелось, проводить соревнования, в которых участники показывали силу, ловкость, выносливость. Накануне праздника принято было посетить могилы усопших родственников и близких.

Тексты Веды, древние персидские писания, а также арабские источники, предоставляют уникальное понимание о том, как Навруз был важным событием для различных цивилизаций на протяжении тысячелетий. В текстах Ригведы, упоминают об обрядовых песнях и праздничных торжествах, связанных с приходом весны, что отражает основные темы Навруза.

Древние персидские тексты, такие как "Шахнаме" Фирдавси, также содержат описания Навруза. В них рассказывается о том, как люди собирались вместе, чтобы праздновать начало нового года и приход весны. Эти тексты часто описывают праздничные обряды, такие как различные игры, песни и танцы, которые сопровождались праздничными пиршествами.

Арабские источники также оставили свой след в описании Навруза. В работах арабских исламских ученых упоминаются праздничные обряды, проводимые на этот день, а также значение этого праздника в культуре и обществе региона.

Интересно отметить, что Навруз не только отмечает приход весны, но и символизирует начало нового года во многих культурах. Это время радости, обновления и возрождения, когда люди собираются вместе, чтобы отметить прошлое и готовиться к будущему.

Навруз также имеет глубокие религиозные и символические значения. Во многих традициях этот праздник связан с обрядами очищения, помолитвами и благословениями, направленными на обеспечение удачи и процветания в новом году.

Несмотря на то что с течением времени обряды и традиции Навруза могли изменяться и эволюционировать, его значение как символа обновления и возрождения остается неизменным. Исторические источники позволяют нам проникнуть в глубину этого древнего праздника и понять его значение для многих культур и цивилизаций через века. Навруз продолжает служить напоминанием о вечном цикле времени, вечного возрождения природы и человеческого духа.

Древнеперсидский происхождение Навруз имеет свои корни в древнеперсидской культуре и был одним из самых важных праздников в Персидской империи. Он отмечал начало нового года и приход весны, символизируя период возрождения природы и нового начала.

Вавилонский календарь считается, что Навруз имеет связь с более древними культурами, включая древних Вавилонян. Вавилонский календарь также отмечал Новый год весной, что может указывать на древние корни этого праздника.

Современное значение празднование Навруза продолжается и в современном мире, как в традиционных, так и в сообществах, где этот праздник стал символом сохранения культурного наследия и единства нации.

Исторические факты помогают нам понять, как Навруз развивался и преобразовывался в течение веков, оставаясь одним из самых дорогих праздников для многих культур и народов. Его непрерывное существование и популярность свидетельствуют о глубоком значении этого праздника для общества и его культурного наследия.

Празднование Навруза впервые упоминается в древних персидских источниках, таких как "Авеста" и "Шахнаме". "Авеста" - священная книга зороастризма, древней религии Ирана, содержит упоминания о праздновании Навруза как об одном из важных ритуалов в пантеоне зороастризма. "Шахнаме", эпическая поэма, написанная персидским поэтом Фирдавси в 10 веке, также описывает празднование Навруза как важное событие в древней персидской культуре. Таким образом, именно в персидских источниках можно найти первые упоминания о праздновании Навруза.

Празднование Навруза в древности имело множество обрядов и традиций, которые отражали важность этого события для древних культур. Вот несколько основных обычаев празднования Навруза в древности:

1. Подготовка и уборка: За несколько дней до Навруза люди активно готовились к празднику, убирали свои дома, проводили особые ритуалы очищения, чтобы привести свои дома в порядок и приготовиться к приходу нового года.
2. Праздничный стол (Хафт-Син): Один из наиболее характерных аспектов празднования Навруза - это приготовление специального праздничного стола, известного как "Хафт-Син". Этот стол украшали семью предметами, начинающимися с буквы "с" в персидском алфавите, каждый из которых символизировал что-то важное для жизни и процветания, например, здоровье, радость, изобилие и т. д.

3. Праздничные обряды: В древности люди проводили различные обряды и ритуалы во время Навруза, включая чтение стихов из поэзии, исполнение песен и танцев, а также участие в специальных играх и развлечениях.

4. Подарки и благословения: Во многих культурах Навруза дарили подарки и желали друг другу благословений и удачи в новом году. Это был временем для сближения с семьей и друзьями, а также для укрепления социальных связей.

5. Праздничные пиршества: Важной частью празднования Навруза были праздничные пиршества, где люди собирались вместе, чтобы насладиться вкусной пищей, обмениваться историями и проводить время в приятной компании.

Эти традиции и обряды празднования Навруза в древности отражают глубокие культурные и религиозные ценности, а также символизируют обновление, возрождение и плодородие, что делает этот праздник таким важным и значимым для многих народов и культур до сегодняшнего дня.

В "Шахнаме" Фирдавси, великой эпической поэме, написанной на персидском языке в 10-11 веках, Навруз упоминается как одно из важнейших событий и праздников персидской истории и культуры. "Шахнаме" является своеобразным эпическим хрониконом персидского народа, где описывается много различных событий, легенд и историй, связанных с персидской историей и мифологией. Навруз упоминается в "Шахнаме" как праздник, который отмечается встречей нового года и началом весны. В поэме описываются праздничные обряды, которые сопровождают этот день, такие как пиршества, торжественные церемонии, песни и танцы. Навруз также часто связывается с эпическими сюжетами и легендами, рассказывающими о героических подвигах и приключениях персидских героев. "Шахнаме" играет важную роль в сохранении и передаче культурного наследия Персии и воспевании её исторических и культурных достижений. Упоминание Навруза в этой эпической поэме подчеркивает важность этого праздника в персидской культуре и его глубокие исторические корни.

По инициативе нашем Президентом, Лидер нации Эмомали Рахмоном, в 2009 году Навруз был включен в список нематериального культурного наследия человечества ЮНЕСКО, что подтверждает его уникальное значение и значимость для многих народов и культур.

И каждий год при активном поддержке, Лидером нации в честь данного праздника, в Таджикистане проводятся различные культурные мероприятия, включая фестивали, выставки, концерты и конференции, посвященные истории, литературе, музыке и другим аспектам культуры страны. А также в стране ведется работа по реставрации и сохранению исторических памятников, архитектурных сооружений, музеев и других объектов культурного наследия.

В целом, лидер нации Эмомали Рахмон придает большое значение сохранению и продвижению историко-культурных традиций Таджикистана и способствует их укреплению как важной составляющей национальной идентичности и гордости страны.

Все эти отмечанные факты подчеркивают богатство и разнообразие традиций, связанных с празднованием Навруза, а также его распространение и важность для многих народов и регионов мира.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. «Авеста» в русских переводах (1861–1996). СПб., 1998. 370 с.
2. Абу-Рейхан аль-Бируни. Избранные произведения. Ташкент, 1957. Т. I. 309 с.
3. Антонова Е.В. Обряды и верования первобытных земледельцев Востока. М., 1986. 287 с.
4. Бойс М. Зороастрийцы: верование и обычаи. М, 1987. 303 с.
5. Джарилгасинова Р.Ш., Крюков М.В. Календарные обычаи и обряды народов Юго-Восточной Азии. М., 1986. 264 с.
6. Дорошенко Е.А. Зороастрийцы в Иране. М., 1982. 132 с.
7. Древние цивилизации / под общ. ред. Г.М. Бонгард-Левина. М., 1989. С. 154–156.
8. Набиев А. Новруз байрамы. Баку. 1995. 199 с.
9. Омар Хайям. «Навруз-наме» // Трактаты / пер. Б.А. Розенфельда; под ред. В.С. Сегаля, А.П. Юшкевича. М., 1965. С. 187–224.
10. Турсон А. Весна Вселенной расцвела опять // Иран-Наме: научный востоковедчески журнал. Алматы, 2010. №1 (13). С. 5–31.

## Аннотация:

**Праздник восставший из глубины веков**

Навруз, – пожалуй, самый старый новогодний праздник на земле; его следы теряются в глубине тысячелетий. Поэтому нет ничего удивительного в том, что даже такие звезды мирового научного небосклона, как Абурайхан Бируни и Омар Хайям, при объяснении происхождения Навруза прибегали к языку мифологии и религиозных преданий. Навруз, как олицетворение истинной души и живой традиции, представляет собой наиболее типичное явление арийской культуры. Именно этот подлинно народный праздник в качестве сгущенной духовности предшествующих поколений и эпох на уровне нашего исторического подсознания олицетворяет собой извечное единство архетипов и духовных инвариантов культурной традиции, равно как и неразрывную духовную связь поколений – прошлых, настоящих и будущих.

**Ключевые слова:** Навруз, весенний праздник, календарь Майя, шумеры, древние индоарии, календарные обычаи, сакские могильники, мировые религии, средневековье, культура, цивилизация, ислам, согдийцы.

## Annotation

**A holiday that has risen from the depths of time.**

Nowruz-perhaps the oldest New Year's holiday in the land; its traces are lost in the depths of millennia. Therefore there is nothing surprising in the fact that even such stars of world scientific horizon as Aburayhan Biruni and Omar Khayyam, in explaining the origin of Navruz resorted to the language of mythology and religious traditions. Nowruz, as the personification of pldlinnoy soul and living tradition is the most typical phenomenon of Aryan culture. It is this truly national holiday as condensed spirituality of previous generations and eras at our historical subconscious represents eternal unity and spiritual archetypes invariants cultural tradition, as well as the inseparable spiritual bond-generations past, present and future.

**Key words:** Nowruz, a spring festival, the Mayan calendar, the Sumerians, the ancient Indo-Aryans, calendar customs, Saki mounds, world religions, medieval, culture, civilization, Islam, Sogdians.

**Сведения об авторах: Кабилова Ф. Р.** -старший преподаватель,
**Мирзоева М. И.**-ассистент кафедры "Иностранных языков" Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, E-mail: m*mijgon.*9191@mail.ru, тел: (+992) 988023435.

**Kabilova F. R.**-Senior Lecturer of the Department of "Foreign Languages", International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, E-mail: tel:

**Mirzoeva M. I.**-Assistant of the Department of "Foreign Languages", International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, E-mail: mmijgon.9191@mail.ru, tel: (+992) 988023435.

# ҲИКМАТИ ОФАРИНИШ ВА НАВРӮЗ

**Маҳмудов Д.**

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Инсоният замоне, ки қобили дарк гардид ва муҳиммияти табиату муҳитро барои саодати рӯзгораш пай бурд ба он арҷ гузошту навозиш кард. Пасон, бо нияти зудудаю маҳв нашудани ҳаёт дар доираи фаҳмиши хеш ба муносибате ҷашнҳо орост, ки аслан сиришту замирашон шукргузорӣ, ниёиш, дуруду суруд ба осмонҳо буд. Дар ин росто Наврӯзи тоҷикон аз нахустинҳо ба шумор меравад. Бо ин далел, ки асалан ин ҷашн ҳамон тавре, ки аз номаш пайдост, анҷоми офариниш ва оғози ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи таърих гузаштагони зебопарасти мо баъдан ба он анъаноти зиёде эҷод намудаю ворид карданд, ки шукӯҳи Наврӯзро афзуд ва он аз фаҳмиши як ҷашн, ҳатто убур намудаю ба маҷмӯаи донишҳои фалсафӣ, кайҳонӣ, инсоншиносӣ, адабӣ ва динӣ мубаддал гашт. Аммо, ин ҷо мо ба Наврӯз танҳо чун ҷашни анҷоми офариниш ва оғози ҳаёти инсонӣ муроҷиат менамоем. Зеро дар қисме аз сарчашмаҳои таърихӣ, динӣ ва адабӣ ба ин ишораҳои хело баҷо ва пардапӯшона ҷой дорад. Азбаски бештари ин сарчашмаҳо хусусияти асотирӣ доранд дар гузашта, бархе аз олимону коршиносон ба он бо шубҳа муносибат намуданд, ки аз адолат дур аст. Асотир сояи таърих буда, ба он мебояд бо диди хирадмандона муносибат намуд ва аз мағзи он воқеиятҳоро шинохт.

Пайдоиши Наврӯз низ яке аз ҳамин гуна мавзуҳое мебошад, ки пажӯҳиши дақиқро талаб менамояд. Тавре дар боло ишора намудем, бо

такя ба як қатор манобеи таърихию адабӣ ва динӣ метавон гуфт, ки Наврӯз ин анҷоми офариш буда ва ба муносибат оғози ҳаёти инсонӣ аз тарафи ҷаддӣ мо дар бомдоди таърих эҷод шудааст.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихию динӣ Худованд дунёро бо он чизе, ки дар он ҳаст муддати 1 сол ва дар шаш бахш ва ё дар шаш рӯз офаридааст. Дар рӯзи охири офариниш ба ҳаёти кунунӣ оғоз бахшидан аст. Яъне нахустин рӯзи ҳаёти инсонӣ дар рӯи замин ва аввалин рӯзи ҳукмрони замин шудани инсон мебошад. Ин рӯзро ҳамчун рӯзи нав ва ё Наврӯз наслҳои минбаъда гиромӣ дошта таҷлил намуданд, ки то ба замони мо омада расидааст [9].

Ба гумони яқин, дарки инро дар аҳди ҳукуматдории Пешдодиҳо гузаштагони мо ҳосил намуданд. Аз ин ҷост, ки бештари сарчашмаҳои таърихӣ бунёдгузори Ҷашни Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшеди пешдодӣ нисбат медиҳанду ривоятҳои зиёдеро ба ин маънӣ қисса мекунанд. Агарчӣ ба номи Каёмард низ дар баъзе гуфторҳои шифоҳию хаттӣ ба ин маънӣ маълумотҳое ҳастанд.

Дар асоси ривоятҳои бостонӣ Ҷамшед шоҳи офтобӣ дониста мешавад [22, 25] ва истилоҳи «Ҷамшед» низ маънии офтобу нурро дорад. Ҷамшед дар Авесто бо номи Йима ҳам зикр шуда, чанд сифат дорад: яке хшаета (дар форсӣ шед) ба маънии шоҳвор ё дурахшон, дигаре ҳвaредареса ба маънии некдидор ва дигар ҳватра, ки дар паҳлавӣ ҳварамак ва дар форсӣ хубрама шудааст [16, 769; 20]. Чаро чунин аст ва ин чӣ ҳикматеро дорост? Азбаски Ҷамшед дар аҳди худ бо ҳиради хеш тавонист зиндагии инсониро танзиму комил намояд дар ривояту афсонаҳои халқӣ чун шоҳи нурбахш (саодатпарвар) зикр мешуд. Вай сиёсати дар пояи адолат қарордоштаи пешгузаштагонашро тақвият бахшид ва мамлакатро фарохтар гардонид [17, 77]. Аз он, ки Абурайҳони Берунӣ менависад, «Ва дар ин рӯз ҳар чӯбе, ки хушк шуда буд, сабз шуд» [5, 236] аслан ҳамин маъниро дорад. Ӯ моҳияти офариниш ва раванди онро тафаккур намудаю дарк кард ва Наврӯзро чун оғози зиндагии инсонӣ гиромӣ дошт. Раванди офариниш ва гиромидошти табиату ҳаёт ва инсон баъдан дар таълимотҳои динҳои мухталиф ва ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ бо шеваҳои ҳархела ва рамзӣ инъикос шуданд.

Бештар дар адабиёти зардуштӣ нишон дода мешавад, ки дунё дар муддати 1 сол, аммо дар 6 вақт офарида шудааст. Ин вақтҳо бо номи «гаҳанбор» (дар забони паҳлавӣ гocoнбор) зикр мешавад, ки маънии гоҳ ва ё замонро ҳам дорад. Мувофиқи нишондоди фасли 25-ум китоби «Бундаҳишн» Аҳура Маздо офариниши оламро дар муддати як сол, яъне 365 рӯз ва дар шаш бахш (гаҳанбор) офаридааст [23, 243].

Дар китоби муқаддаси «Авесто» шаш гаҳанбор бо номҳои махсус ва вақти офариниш ва чизи офарида шуда муайян шудааст. Нахустин Гаҳанбор ба номи Маидйузарем муддати 45 рӯз, дуюм Гаҳанбор ба номи Маидйушам муддати 60 рӯз, сеюмин Гаҳанбор ба номи Патйашҳим муддати 75 рӯз, чорумин Гаҳанбор ба номи Айасрем муддати 30 рӯз, панҷумин Гаҳанбор ба номи Маидйарем муддати 80 рӯз ва шашумин

Гаҳанбор ба номи Ҳамаспатмадам муддати 75 рӯзро дар бар мегирад [1, 465 – 466]. Дар «Бундаҳишн» бо баъзе фарқият дар адади рӯзҳо айнан гуфтаҳои боло оварда шудааст. Инчунин, мувофиқи ин сарчашмаи таърихӣ Худованд дар гаҳанборҳои зикршуда аввал осмон, баъд об, пасон замин, баъди он олами наботот, баъдан олами ҳайвонот ва дар охир нахустинсон офарида шудааст.

Ин тартиби офариниш дар «Авесто» низ борҳо таъкид мешавад. Масалан, дар қисми «Ясно», бахши 19, чунин матнро вомехӯрем: «Ман дар оғоз, вожагонеро, ки «Аҳу» ва «Рату» дар миёни онҳост фурӯ хондам; пеш аз офариниши осмони барин, пеш аз об, пеш аз замин, пеш аз гиёҳ, пеш аз офариниши гови чаҳорпо, пеш аз зоиши марди ашавани дупо,…» [1, 85].

Аҷибаш дар ин аст, ки доир ба офариниши олам дар китобҳои осмонии динҳои сомӣ, аз ҷумла «Таврот» ва «Қуръон» то ҷое муштаракот бо осори зардуштӣ ба назар мерасад. Танҳо як тафовут дар он аст, ки дар китобҳои динҳои сомӣ офариниш аз ҷониби Худованд дар шаш рӯз сурат гирифтааст.

Дар «Таврот» оварда шудааст, ки Худованд дунёро бо он чизе, ки дошт муддати шаш рӯз офарид. Дар рӯзи шашум ҷонварон ва Одамро офарид ва ба рӯзи ҳафтум баракат дод. Доир ба ин мавзуъ дар «Таврот» чунин омадааст: «Ва Худо корҳои худро, ки карда буд, то рӯзи ҳафтум анҷом дод, ва дар рӯзи ҳафтум аз ҳама корҳои Худ, ки карда буд, ором гирифт. Ва Худо рӯзи ҳафтумро баракат дод, ва онро тақдис намуд, зеро ки дар он ором гирифт аз ҳама корҳои Худ, ки Худо офарид ва ба вуҷуд овард» [7, 17].

Мавзӯи офариниш дар якчанд сураҳои «Қуръон»-и карим ба таври зайл шарҳ ёфтааст: «Ба дурустӣ, Парвардигори шумо Он Худой аст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш мустақар шуд» (Аъроф, ояти 54) [8, 157]; «Ҳамоно Парвардигори шумо он Худоест, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид…» (Юнус, ояти 3) [8, 208]; «Ва Ӯ Он (Худой) аст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид ва Арши Ӯ бар об буд; то шуморо биозмояд, ки кадоми шумо некӯкортар аст» (Ҳуд, ояти 7) [8, 222]; «Худо Он аст, ки осмонҳову замин ва ончиро, ки мобайни онҳо аст, дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш мустақар шуд» (Саҷда, ояти 4) [8, 415] ; «Ва ба дурустӣ, осмонҳову замин ва ончиро, ки дар миёни ҳарду аст, дар шаш рӯз офаридем; ва ба Мо ҳеҷ мондагӣ нарасид» (Қоф, ояти 38) [8, 520].

Ин офаринишҳо, ки аз китобҳои динӣ манзур намудем ба Наврӯз чи алоқамандие дорад? Воқеан дар ҳеҷ асари динӣ, ки то ин ҷо мо аз он ишораҳо намудем ба ном аз Наврӯз чизе ёд намешавад. Аммо таъкиди он, ки Наврӯз анҷоми офаринишу оғози ҳаёти инсонист ба иқтибосҳои овардашуда мантиқан иртибот дорад.

Тибқи таълимоти зардуштия гаҳанбори шашум гиромӣ дошта мешавад. Чаро? Зеро тавре, ки зикр кардем шашумин гаҳанбор Ҳамаспатмадам ном дошта 75 рӯзро дар бар мегирад ва дар давоми

муддати зикршуда аввалин инсон офарида шуд, ки Каёмард (Каюмарс) номида мешавад. Аз рӯи навиштаи Табарӣ маънои калимаи Каёмард ё Каюмарс «нахуст мард» ва ё «нахуст инсони гӯёву зинда» мебошад [4, 57 – 58]. Ва инсон чун асоси ҳаёт ва ёвари Аҳурамаздо эътироф мешавад.

Мувофиқи солшумории зардуштӣ Аҳурамаздо офаринишро дар моҳи исфандаромӯз (мутобиқ ба 21 феврал – 20 март) ба анҷом мерасонад ва рӯзи аввали сол, Ҳурмузрӯз, ки бо исми худованд номгузорӣ шуда буд ва рӯзи якуми моҳи аввали сол фарвардинмоҳ (мутобиқ ба 21 март – 20 апрел) ба ҳисоб мерафт ба ҳаёту зиндагии инсонӣ оғоз бахшид. Ибтидои зиндагии инсонӣ фарвардин номида шуд. Рӯзи нахустини зиндагии Каёмард, ба аввали моҳи фарвардин рост меояд чун рӯзи нав ва рӯзи худованд муқаддас дониста мешуд ва ба исми Ҳурмуздгонӣ ва ё Наврӯз минбаъд, бо такмили фаҳмиши инсоният гиромӣ дошта мешуд. Ба навиштаи А. Берунӣ: «Ва дар субҳи Наврӯз фаҷру сапеда ба мунтаҳои наздикии худ ба замин мерасад ва мардум ба назар кардан бар он табаррук меҷӯянд. Ва ин рӯз «рӯзи Мухторӣ» аст, зеро ки номи ин рӯз Ҳурмузд аст, ки исми худованди таолост, ки офаридгор ва сонеу парварандаи дунё ва аҳли он аст» [5, 233]. Аз ин ҷо метавон боз хулосаеро пайдо намуд, ки Ҷашни Наврӯз агарчанде, бо ном дар «Авесто» зикр наёфтааст, аммо бо номи дигари худ, яъне Ҳурмузрӯз борҳо таъкид шудааст.

Донишмандони тоҷик Носирҷон Салимӣ ва Нуралӣ Нурзод назароти пайравони дини зардуштиро доир ба масъала таҳлил намуда, аз ҷумла чунин менависанд: «Ба ақидаи пайравони ин оини қадимаи эронӣ (дини зардуштия дар назар аст. Д. М) Ҳурмуз дар 365 рӯз оламро биофарид ва дар оғози фарвардин осоиш ёфт. Аз ин лиҳоз, аз диди эшон саранҷоми офариниши Аҳурамаздо Наврӯз аст, ки то он рӯз ҷамъи мавҷудот халқ шудааст» [15, 23 – 24].

Наврӯзу фарвардин, ки рӯзи нахусту моҳи нахуст мебошанд аз нигоҳи истилоҳшиносӣ ҳам маънои ба ҳам наздик доранд. Истилоҳи «фар» ба маънои рӯшноӣ ва яке аз маъноҳои вожаи «дин» бошад ин роҳу равиш, тариқат мебошад. Пас қайд намудан ба маврид аст, ки фарвардин ба маънои роҳу равиши нав, зиндагии нав, ҳаёти нав фаҳмида мешавад.

Доир ба ин ақида муаррихи шинохтаи тоҷик Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ чунин менависад: «... Фарвардин ҷашни ба охир расидани офариниш мебошад, ки онро Наврӯз гуфтанд, яъне оғози зиндагӣ дар замин, аз ҳамин лиҳоз дар ин моҳ ба фуруҳарҳои (дар дини зардуштия сурати ғайримоддии ҳар як махлуқот, ки барои муҳофизат аз осмон фуруд меояд; фариштаҳо. Д. М) осмон, замин, об, гиёҳҳо, ҷонварон ва инсон дуруд фиристода мешавад. Худованд офаринишро дар моҳи Исфандаромӯз ба поён мерасонад ва рӯзи аввали сол Ҳурмуз аз моҳи Фарвардин ид эълон мешавад бо номи Наврӯз» [24, 25].

Ба ибораи дигар, дар ин рӯз шаклгирии табиат ва инсон анҷом пазируфта, инсон бо амри Худованд бо истифода аз табиат, бо дар назардошти қонунҳои он ба зиндагӣ оғоз мебахшад. Тавре, ки Ю. Ёқубшоҳ менаваисад: «Ин ҷашн ба муносибати олами руҳӣ намуди ҷисмонии кунуниро гирифтан аст. Худованд дар офариниши охирини худ, саравлоди инсонҳо, яъне дар аввали ҳазораи сеюм Каёмард саравлоди инсон ва ҳайвонҳо, рустаниҳои шифобахш, Говмардро дар Эронвиҷ офарид ва ба онҳо дастур дод, ки дар олам зиндагиро ҷорӣ намоянд ва ин рӯзро Наврӯз ва моҳро Фарвардин номид» [24, 25]. Профессор Н. Шакармамадов баъди омӯзишҳои зиёд қайд мекунад, ки «… дар навиштаҳои қадимӣ аз Наврӯз ба номи рӯзе, Каюмарс ё нахустинсон офарида шудааст, ёд мешавад» [13].

Рӯзи Наврӯз ё ҳурмуздрӯзи авестоӣ дар «Таврот» ҳам муборак арзёбӣ мешавад. Тавре дар боло аз «Таврот» хондем: «Ва Худо рӯзи ҳафтумро баракат дод, ва онро тақдис (муқаддас шуморидан. Д. М) намуд, зеро ки дар он ором гирифт аз ҳама корҳои Худ, ки Худо офарид ва ба вуҷуд овард». Аз рӯи таълимоти дини яҳудия ва насрония ҳам инсон тани шариф дониста мешавад. Дар иртибот ба ин дар «Таврот» чунин оварда шудааст: «Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурти Худо офарид...» [7, 16]. Ҳамзамон, дар идома гуфта мешавад, ки Худованд инсонро ба ҳама мавҷудоти рӯи замин ҳоким донист [7, 16].

Дар ислом низ ҳамин фаҳмиш вуҷуд дорад. Таҳлили ояҳои зикршуда, махсусан пас аз шаш рӯзи офариниш сипас бар Арш мустақар шудани Худованд аслан ҳамин маъниро таҷассум мекунад. Вобаста ба ин дар «Таърихи Табарӣ» гуфта мешавад, ки он рӯзи муқаддас одина (рӯзи ҷумъа) мебошад [4, 14]. Ин нуктаро муаррихи асримиёнагии тоҷик Мирхонд низ таъкид намуда менависад, ки «Мунаҷҷимон гӯянд, идхоли рӯҳ дар ҷасади Одам ба рӯзи ҷумъа, ошири муҳаррам, ки онро «ошуро» гӯянд, иттифоқ афтод»[10, 69] .

Аз рӯи таълимоти дини ислом агарчанде тани инсон аз олами моддиёт офарида шуда бошад, аммо ҷони ӯро Худованд аз рӯҳи худ офарид. Ҳамон тавре дар «Қуръон», сураи «Саҷда», ояти 9 мехонем: «Сипас, ӯро (инсонро, Д. М) дурустандом кард ва дар вай аз Рӯҳи Худ бидамид...» [8, 415] . Ба одамӣ, инчунин беҳтарин суратро бубахшид (сураи Тин, ояти 4) [8, 597]. Аз ин лиҳоз, инсон ба ҳайси ҷонишини Худованд мақом доштаю аз дигар махлуқот шоистагӣ дорад [18, 17].

Аз бардошти мантиқии ишораҳои зикршудае, ки аз «Таврот»-у «Қуръон» ҳосил гардид маълум мешавад, ки рӯзи охири офариниш, махлуқи офаридашуда (инсон) ва Офаридгор азизу муҳтарам ва муқаддас дониста мешаванд. Ин муқаддасдониҳо аслан ишора ба ҳамон Наврӯз аст, агарчӣ ба ном зикр нашудааст. Мисле, ки дар ибтидо ишора рафт, ниёгони қадимаи мо инро қаблтар аз пайдоиши динҳои сомӣ ва ҳатто аз зардуштия пайхас намуда буданд. Ин фаҳмиш дар осори динҳо ба таври мухталиф ва ривоятию асотирӣ ва нимасотирӣ ворид шуданд. Аз ин лиҳоз, бо итминони комил мешавад ҳадс зад, ки

Наврӯз ба ҳеҷ дин иртибот намегирад ва агар иртиботе ба чашм мехӯрад ин маънои онро дорад, ки динҳои пасон омада ба он алоқа гирифтанд. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин гуфтаанд: «Нуктаи муҳимтарин дар таърихи пайдоиш ва паҳншавии Наврӯз ин аст, ки фалсафа, ҳикмат ва мантиқи он бо ягон дин ё мазҳаб робитае надорад ва оини сирф мардумӣ, баробар ба ҳама, ҷашни бузургдошти табиат ва киштукор, яъне саршавии сол мебошад» [11] . Бо қонуниятҳои худ динҳои минбаъда ба анъаноти наврӯзӣ дигаргуниҳо ворид намуданд [12, 18].

Ҳамин тавр, Наврӯз ба ҳаёти инсонӣ оғоз бахшида ин ҷашн сароғози ҳамаи ҷашнҳои башарӣ дониста мешавад. Ниёгони фарҳангпарвари мо дар дарозои таърих тавонист ин ҷашнро ба сони як муқаддасот аз ҳама селобҳои таърих дар қалбу сиришти худу дили ватани куҳманзари хеш эмин нигоҳ бидорад. Ва инак дар замони соҳибистиқлолии Ватан бо туфайли Пешвои хирадгустари миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он ба худ қабони нав гирифту мақоми ҷаҳониро соҳиб гардид.

## АДАБИЁТ:


1. Авесто. –Душанбе: «Бухоро», 2014. 784 с.
2. Балъамӣ А. М. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1, -Теҳрон, 1380/2001. – 825 с.
3. Берунӣ А. Осор – ул – боқия. –Душанбе: «Ирфон», 1990. – 432 с.
4. Китоби муқаддас. Аҳди қадим ва аҳди ҷадид. -Стокгольм, 1999. – 1959 с.
5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). –Душанбе: «Ирфон», 2007. – 616 с.
6. Маҳмудов Д. Асотири офариниш ва Наврӯз. // Омӯзгор, 14 марти соли 2019.
7. Мирхонд. Равзату-с-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо. Китоби 1. –Душанбе: «ЭР-граф», 2004. – 654 с.
8. Наврӯз оини сирф мардумӣ аст! Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, 21 марти соли 2022. // Ҷумҳурият, 26 марти соли 2022.
9. Неъматов Н.Н., Носирова Ф.Ю. Бобомуллоев С., Довутов Д., Исоматов М.М. Таърихи халқи тоҷик. –Душанбе, 2003. – 368 с.
10. Охонниёзов В. Оини Наврӯзӣ дар Бадахшон. // Садои мардум, 21 марти соли 2020.
11. Салимов Н., Нурзод Н. Мируре андар сарнавишти Наврӯзи тоҷикон. // Масъалаҳои маориф. 2012, №1. –С. 23 – 24.
12. Тавзеҳот. // Авесто. –Душанбе: «Бухоро», 2014. –С. 616 – 772.
13. Ҳақназаров А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик (аз оғоз то охири асри XV-и мелодӣ). –Душанбе: «Нашри Мубориз», 2021. – 408 с.
14. Ҳақназаров Т. Қиссаҳои қуръонӣ. –Душанбе: «Паёми ошно», 2010. – 536 с.
15. Шамолов А. Устура ва ҳақиқат дар бораи Наврӯз. // Садои мардум, 19 марти соли 2022.
16. Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ. Тоҷикшинос. –Душанбе: «Ирфон», 1999. – 112 с.
17. Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ. Давлати Каёниён. –Душанбе: «Эр-граф», 2012. –544 с.

18. Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ. Ҷашни Наврӯз дар устура ва сарчашмаҳои бостонӣ. // Фарҳанг. 2011, № 1-2. –С. 23 – 28

Аннотатсия

**ҲИКМАТИ ОФАРИНИШ ВА НАВРӮЗ**

Ҷашни Наврӯз яке аз қадимтарин оини ниёгони тоҷикон ба шумор рафта, ҳанӯз дар аҳди бостон ба муносибати ҳолатҳои муайяни табиат эҷод шудааст. Пайдоиши он ба айёми эътидоли баҳорӣ алоқа дошта, аз назари илми нуҷум айёмест, ки Офтоб дар қисми ҷанубии коинот ба қисми шимолии он ҳаракат карда, хати экваторро бурида мегузарад. Дар марҳилаҳои минбаъдаи таърих ҳар гуна оину суннатҳои инсондӯстона эҷод шудаю ба он пайваст карда шуданд. Баъзе аз суннатҳои алоҳидаи Наврӯз тадриҷан ҷанбаҳои динӣ гирифтанд. Тавре маълум аст, яке аз хусусиятҳои ҷашни Наврӯз ба офариниш ва ҳикмати он алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ин масъала дар сарчашмаҳои таърихӣ ба шакли асотиру афсона бештар инъикос ёфтааст.

Дар мақолаи мазкур низ ҳамин масъала дар асоси манбаъҳои илмию оммавӣ ва динӣ, аз ҷумла осори муаррихони асримиёнагӣ ва таҳқиқоти олимону коршиносони имрӯза мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин, ишораҳои вобаста ба офариниш, ки дар осори динӣ, ба монанди «Авесто», «Таврот», «Инҷил» ва «Қуръон» тасвир шудаанд, аз дидгоҳи илмӣ бо усули муқоисавӣ мавриди истифода қарор доранд.

***Калидвожа:*** *Наврӯз, ниёгон, табиат, баҳор, экватор, дин, инсондӯстона, офариниш, таърих, «Авесто», «Таврот», «Инҷил», «Қуръон».*

**Аннотация**

**МУДРОСТЬ ТВОРЕНИЯ И НАВРУЗ**

Празднование Навруза является одной из древнейших традицией предков таджиков, созданная еще в древности в связи с определёнными природными обстоятельствами. Его происхождение связано с периодом весеннего равноденствия. Толкованием науки астрологии, это дни, когда Солнце перемещается из южной части Вселенной в северную и пересекает линию экватора. На более поздних этапах истории были созданы и связаны с ним различные гуманистические обычаи и традиции. Некоторые отдельные традиции Навруза постепенно приобрели религиозные аспекты. Как известно, одна из особенностей праздника Навруз неразрывно связана с созданием и его мудростью. Этот вопрос отражён в исторических источниках в виде мифов и преданий.

В данной статье также рассматривается данный вопрос на основе научно-общественных и религиозных источников, в том числе трудов средневековых историков и исследований современных ученых и экспертов. Кроме того, упоминания, связанные с творением, которые описаны в религиозных произведениях, таких как «Авеста», «Тора», «Библия» и «Коран», использованы с научной точки зрения сравнительным методом.

***Ключевые слова:*** *Навруз, предки, природа, весна, экватор, религия, гуманистический, творение, история, «Авеста», «Тора», «Библия», «Коран».*

**THE WISDOM OF CREATION AND NOWRUZ**

The celebration of Navruz is one of the oldest traditions of the ancestors of the Tajiks, created in ancient times in connection with certain natural circumstances. Its origin is associated with the period of the spring equinox. According to the science of astrology, these are the days when the Sun moves from the southern part of the Universe to the northern and crosses the equator line. In later stages of history, various humanistic customs

and traditions were created and associated with it. Some individual Nowruz traditions gradually acquired religious aspects.

As you know, one of the features of the Navruz holiday is inextricably linked with creation and its wisdom. This question is reflected in historical sources in the form of myths and legends.

This article also examines this issue on the basis of scientific, social and religious sources, including the works of medieval historians and studies of modern scientists and experts. In addition, references related to creation, which are described in religious works such as the Avesta, Torah, Bible and Koran, are used from a scientific point of view using a comparative method.
**Keywords:** Navruz, ancestors, nature, spring, equator, religion, humanistic, creation, history, Avesta, Torah, Bible, Koran.

**Маҳмудов Давлатшоҳ** – муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, тел: 985653792.
**Махмудов Давлатшо** – старший преподаватель кафедры истории таджикского народа, Таджикский государственный педагогический университет им С. Айни, тел: 985653792.
**Mahmudov Davlatsho -** Senior Lecturer, Department of History of the Tajik People, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, tel: 985653792.

## НАВРУЗ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**Сохибова А.Н.-** ассистент
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Навруз имеет древнейшую историю. В поэме «Шахнаме» начало его празднования связывается с началом царствования Щаха Джамшида. Слово «Навруз» впервые появилось в персидских источниках во втором веке новой эры, однако само событие отмечалось уже во времена династии Ахеменидов.

Официальный статус Навруз приобрел в Ахеменидской империи, как религиозный праздник зороастризма. Продолжает повсеместно отмечаться и после арабских завоеваний, вплоть до настоящего времени. В современное время отмечается в дни, на которые приходится весеннее равноденствие на территории Ближнего Востока Навруз празднуется только представителями тех народов, которые проживали там до прихода арабов, распространения ислама и возникновения Арабского халифата. Соответственно, Навруз, например, не празднуется арабами. В Турции, как часть антикурдской политики, с 1925 года по 1991 год официально празднование Навруза было запрещено.

Согласно иранской мифологии, в этот день быль был похоронен герой Сиёвуш, убитый туранцем Афрасиабом. Эта легенда упоминается в Авесте. Более подробно она описана в «Шахнаме» Фирдоуси. «Из дошедших до нас источников явствует, что день похорон сиявуша был назван «Навруз» и ежегодно отмечается как праздниичный..». В зороастризме этот праздник был посвящен непосредственно огню, который древние зороастрийцы

считали жизненной силой и поклонялись ему. «Зороасрт приурочил этот праздник к весенному равноденствию, использовав, по-видимому, древнее празднование наступления весны, которое посвятил Аша-Вахишта и огню».

Этот праздник возвещает наступление ахуровского времени года-лета- и отмечает ежегодное поражение Злого духа. По зороастрийским обычаям, в полдень Нового дня приветствовали возвращение из-под земли полуденного духа Рапитвина, несущего тепло и свет.

30 сентября 2009 года Навруз был включён ЮНЕСКО в Репрезентативный список нематериального культурного наследия человечества, с этого времени 21 марта объявлено как Международный день Навруз.

Навруз – один из важнейших праздников для многих народов Восточной и Центральной Азии, который отмечается 21 марта. Этот день является символом начала весны и возвращения природы к жизни после долгой зимней спячки.

Исторически праздник «Навруз» был связан с древними поклонениями солнцу, так как именно с началом весеннего равноденствия пробуждалась жизнь на земле. Отдельные ритуалы и традиции, связанные с Наврузом, сохранились и по сей день.

В этот день люди надевают национальные костюмы, готовят особенные блюда и проводят праздничные мероприятия. В программу входят песни, танцы, игры народные спортивные состязания и демонстрации искусства. На городских площадях устраиваются выставки ремесленников, где можно приобрести национальные изделия и сувениры.

Традиции празднования Навруза различаются в зависимости от региона и народа. Например, казахи отмечают этот праздник под названием Қыз-жібек, узбеки – Норуз байрами, таджики – Суро. Однако общая идея – приветствовать весну и радостно встречать новый год в соответствии с народными традициями и обычаями – соединяет всех.

Навруз – это праздник обновления, надежды и взаимопонимания. Он напоминает нам о красоте природы, о важности единства и гармонии с окружающими людьми. Это время для благодарности и сближения со своей семьей и друзьями.

Навруз – особый день, который объединяет народы Востока и Центральной Азии. Это праздник, который помогает сохранить и передать традиции и культурное наследие из поколения в поколение. В этот день каждый может погрузиться в атмосферу весны, радости и надежды, которая присуща этому празднику, и почувствовать себя частью большой и дружной межнациональной семьи.

Навруз является одним из наиболее празднованных и популярных праздников среди народов Восточной и Центральной Азии. Этот старинный и традиционный праздник, который отмечается весной, имеет глубокие исторические и культурные корни. В этой статье мы рассмотрим историю, символику и традиции празднования Навруза.

Традиции Навруза также включают ритуалы и обряды, например, Чаршишмбе - неделя перед Наврузом, во время которой люди убирают дома, готовятся к празднику и возжигают костры, которые символизируют очищение и изгнание зимы. В последний вторник перед Наврузом проводится традиционная игра Кукун, во время которой поджигают чучело-пугало, в которое перед отсутствием слез каждый кидает вещи, символизирующие несчастья и болезни.

История Навруза уходит своими корнями в глубокую древность. Этот праздник был отмечен ещё во времена доисламского периода и является одним из старейших праздников на Земле. Название "Навруз" переводится с персидского как "новый день". Празднование Навруза связано с культом природы и сельского хозяйства. Древние люди отмечали прибытие весны, первые победы над зимой и начало нового года.

Традиции и ритуалы Навруза имеют разнообразные символы и символику. Один из важных символов праздника - Хафт-Син, что в переводе означает "семь С". Хафт-Син представляет собой специальное украшение, состоящее из семи предметов, название которых начинается с буквы "с" на персидском языке. Каждый предмет символизирует определенную идею и добродетель.

Эти предметы, такие как секель (яблоко), серке (голова овцы), сабзе (зародыши пророщенной пшеницы), саману (паста из пророщенного пшеничного зерна), сомбол (нарцисс), сервиз (яичница) и саманак (конфета из пророщенной пшеницы), символизируют здоровье, богатство, любовь, жизненные силы и пробуждение природы.

Также важной частью праздничного стола являются различные вкусности и блюда. На столе обязательно должен быть суп из зелени, варенье и сладости из сухофруктов. В этот день семьи собираются вместе, готовят и угощают друг друга, а также обмениваются подарками и пожеланиями. В некоторых странах и регионах проводятся традиционные игры, танцы и концерты, которые создают праздничное настроение.

Навруз - это время, когда люди стремятся очиститься от прошлых ошибок и начать новую жизнь. В этот день идут посещать родственников, друзей и соседей.

Навруз - праздник нового года и весны, который отмечается в странах, населенных народами, исповедующими ислам. Этот праздник является одним из самых древних на территории Центральной Азии и датируется уже более чем тысячелетней историей.

Навруз имеет корни в зороастрийской религии и широко праздновался в период Древнего Рима и Египта. В основу праздника заложены такие понятия, как обновление, возрождение природы и мироздания. Символом Навруза стала Наврузгира, которая воплощает эти идеи.

В течение двух недель Навруза в странах Центральной Азии проводятся различные ритуалы и обряды. Одним из самых известных обрядов является "Хайтуни", что переводится как "сбор трав". Люди отправляются на природу,

чтобы собрать травы и цветы, которые используются для праздничных блюд и украшений.

Одним из символов Навруза является "сырдык", это праздничный стол, на котором обязательно должно быть семь изюминок. Каждая изюминка символизирует основные принципы и ценности этого праздника: радость, обновление, здоровье, процветание, свет, мечты и любовь.

На протяжении двух недель Навруза проводятся различные праздничные мероприятия, включая концерты, танцы и национальные гуляния. Люди надевают традиционные костюмы, устраивают народные гулянья и игры, дарят друг другу подарки, поздравляют с праздником и желают благополучия в новом году.

Навруз - это праздник, который ярко отражает древнюю культуру и традиции народов Центральной Азии. Он служит символом обновления, возрождения и начала нового года. Этот праздник объединяет людей, отмечает важные моменты в жизни и напоминает о важности природы и мироздания.

В заключение можно сказать, что Навруз - это особый праздник, который привносит радость и надежду в сердца людей. Это время, когда душа радуется весне и новой жизни. Празднование Навруза - это возможность ощутить связь с древней и богатой культурой народов, для которых этот праздник является одним из самых важных в году.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. «Авеста» в русских переводах (1861-1996). СПБ, 1998. 370 с.
2. Новруз // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. (82 т. и 4 доп.).- СПБ.,и1890-1907
3. Дорошенко Е.А.Зороастрийцы в Иране. М

**Сведения об авторе: Сохибова Азиза Нуруллоевна-**ассистент кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734055 Республики Таджикистан г. Душанбе проспект Борбад, 85/5
**Тел:** [992 501910881].**Электронная почта:**sohibova96@mail.ru
**Маълумот дар бораи муаллиф: Сохибова Азиза Нуруллоевна-**ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Борбад, 85/5
**Тел:** [+992) 501910881]. **Почтаи электрони:** sohibova96@mail.ru
**About the author: Sohibova Aziza Nurulloevna**
Assistant of the Department of foreign Languages
International university of tourism Entrepreneurship of Tajikistan 734055 Repablik of Tajikistan city Dushanbe even Borbad, 85/5
Phone: (+992)501 91 08 81] E-mail: sohibova96@mail.ru

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ- ҚУТБНАМОИ ҶОМЕА

**Убайдуллоев А., Лутфов М.**
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
тел: 92-788-83-80

«Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт .Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид. »

**Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».**28.12.2023, шаҳри Душанбе

Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хоса, диди нав ва файзу баракати тоза ироа гардид.

Зимнан бояд таъкид дошт, ки тамоми мардуми Тоҷикистон Паёми навбатии Президенти кишварро бесаброна мунтазир буда, аз он умеду боварии калон доштанд. Барҳақ, бо боварии комил метавон гуфт, ки Паёмиояндасозу ҳадафманди Президенти мамлакат ҳамчун чароғи дурахшон умед ва боварии халқу миллати тоҷикро ба сӯи ояндаи неки кишвар боз ҳам мустаҳкаму нерӯманд гардонид.

Дар Паёми навбатӣ Пешвои муаззами миллат бурду бохти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро дар соли сипаригашта ҳаллу баррасӣ намуда, самтҳои асосии рушди ҷомеаи кишварро муайян намуданд. Дар Паём ҳадафҳои стратегии дохиливу хориҷии кишвар дар солҳои наздик таҳлил ва баррасӣ карда шуданд.

*Дар баробари ин, ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам:*

*– аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.*

*– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;*

*– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;*
*Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.*

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём вобаста ба таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир кулли мардуми кишвари моро ба ҳушёриву зиракии сиёсӣ даъват намуда, таъкид доштанд:

*Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд.*

*Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.*

*Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.*
*Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.*

Дар ин росто, Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми мардуми Тоҷикистонро ба он ҳидоят намуданд, ки бо шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлату миллат ба Ватани азизи худ содиқ бошанд, Ватанро дӯст доранд ва баҳри ободиву шукуфоии он софдилона меҳнат намоянд ва музаффариятҳои Истиқлолиятро ҳифз намоянд.

*Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем.*

*Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем.*

Дар ҷараёни тадбиқи иқдомҳои неку созанда, ҳадафманду судманди миллӣ, мушкилоту проблемаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар кишвар марҳала ба марҳала ҳаллу фасл гардиданд. Ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Пешвои муаззами миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардиданд: соҳиб шудан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, мушарраф гардидан ба амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар кунун соҳибсаодатии мардуми соҳибиродаи тоҷик мебошанд.

Пӯшида нест, ки пешбурди ҳама гуна иқдомоти созанда танҳо дар шароити субот ва амнияти пойдор имконпазир аст. Биноан, Пешвои муаззами миллат таъкид менамоянд, ки барои ободиву шукуфоии Ватан, оромиву пешрафти ҳаёти ҷомеа, тарбияву ба камол расидани насли меросгари кишвар масъулият, рисолат ва ҳиммати комили ҳар фарди соҳибдонишу соҳибирода бояд нақш дошта бошанд.

*Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар тули ин солҳо 1 миллиону 48 ҳазор нафар ҷавонон дар дохил ва хориҷи кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидаанд.*

*Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд.*

*Қобили зикр аст, ки танҳо соли 2023 беш аз 3000 нафар ҷавонони мо ғолиби озмуну олимпиадаҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ гардидаанд.*

Сарвари хирадманди мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми шарифи Тоҷикистон муроҷиат намуда, иброз доштанд, ки имрӯз моро зарур аст, ки бояд ба хотири ободу зебо гардонидани кишвар ва некӯаҳволии халқамон софдилона бо ҳисси баланди хештаншиносиву худогоҳӣ меҳнат намоем.

*Дар ин замина, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.*

*Танҳо соли 2023 варзишгарони Тоҷикистон аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 343 медал, аз ҷумла 108 тилло, 76 нуқра ва 159 биринҷӣ ба даст овroutрданд, ки нисбат ба соли 2022-юм 226 медал зиёд мебошад.*
Имрӯз мо итминони комил дорем, ки давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими амният ва сулҳу субот боз ба фатҳи қуллаҳои навини музаффарият ноил мегардад.
Ин дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар як шахси ватандӯсту худогоҳи халқу миллатро водор месозад, ки баҳри эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистон ва сазовор пешвоз гирифтани ҷашни пуршукӯҳи 35 – солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дасту дили гарм ва ниятҳои поку беғараз аз сидқи дил хидмат намуда, дар рушду нумуи босуръати халқу кишвар саҳми босазои худро гузоранд.

**АДАБИЁТ:**


1. **Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».** 28.12.2023, шаҳри Душанбе.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Убайдуллоев Аҳрорҷон, Лутфов М.-омӯзгорони** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
тел: 92-788-83-80


## ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ


**Фарангиси Иззатулло**
ассистенти кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон


"Муҳимтарин хусусияти Наврӯз ин аст, ки ин ҷашн ба ягон воқеаи сирф қавмӣ, миллӣ ё минтақавӣ бахшида нашудааст ва як падидаи фаромиливу фаромазҳабӣ буда,заминаҳои ҷаҳонишавиаш ҳанӯз то милод гузошта шуда буд"[1, [17]]
Наврӯз, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо тамоми ғановату рангорангии он эҳё гардид, ҳоло ба ҷашни милливу давлатии мо – тоҷикон ва рамзи худшиносиву ифтихори миллӣ,

[1.] Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии Наврӯз. 27 марти соли 2014 дар шаҳри Кобул.

ваҳдату ҳамдилии мардум ва пайванди наслҳо табдил ёфтааст. Наврӯз, дарвоқеъ яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Дуруст аст, ки Наврӯзро муждарасони баҳор мегӯянд. Табиат аз нав эҳё гардида, бо ҳашамату шукӯҳ, зебу фар ба назарҳо ҷилванамоӣ мекунад. Ҳаёт дар ин айём пуртаровату зебою мубарро мегардад. Тамоми олам аз сармои тӯлонӣ озод шуда, аз нурҳои гарми офтоби оламафрӯз нерӯи тоза гирифта, аз вазидани боди форами барозанда нафаси озод мекашад. Замин аз ғунудан бедор гардида, нурҳои пурсаховати офтобро бо қаноатмандӣ қабул намуда, симои хешро тағйир медиҳад. Ба назарҳо чунин менамояд, ки гӯё пири барҷомонда аз нав ҷавон гардида, худнамоӣ мекунад. Дар ин айём замини саховатманд бунёди ризқу рӯзии инсонро омода мегардонад. Мурғон аз зебу зиннати табиати биҳиштосо ба чаҳ - чаҳ медароянд, гулҳо ба шукуфтан сар карда, инсонро рӯҳи тоза мебахшанд ва ӯ ин рӯзи фараҳмандӣ ва пур аз шодию сурурро бо рӯҳи болида пешвоз мегирад. Дар ин рӯз базму тантанаҳо мероянд. Аз ҳар гӯшаву канор садои хурсндӣ ба гӯш мерасаду олами пурасрор зебову ҳайратангез мегардад. Аз ин ҷост ки Наврӯзи пурнишотро ҳар сол интизор мешаванд, истиқбол мегиранд.

Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму ойине чун ҷашни хуҷастапай ва фархундаи Наврӯз азизу арҷманд ва куҳантар нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму ойин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад. Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва бузургтарин идҳои мардумони эронитабор буда, умри дарози беш аз панҷҳазорсола дорад. Тавре ки аз номи он бармеояд, Наврӯз «рӯзи нав» маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи Соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад. Наврӯз ҷашнест тамоми олами табииро зинда менамояд ва деҳқонон дар ин моҳ ба кишт кардан оғоз мекунанд. Аз нигоҳи ҳисоби ситорашиносӣ Наврӯз рӯзест, ки офтоб ба бурҷи барра (ҳамал) ворид мешавад ва дар ҳамон дақиқаву сонияе, ки ворид шуд, Соли нав фаро мерасад. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Наврӯзро дар аввали моҳи Фарвардиняшт, ки бо солшумории имрӯзаи мо ба моҳи март рост меояд, ҷашн мегиранд.

Дар таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти фасли 49, ки унвони "Фарҳанги ҷаҳон"-ро дорад, қатъномаи "Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз" ба тасвиб расид. Он бо пешниҳоди кишварҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва Туркманистон мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Дар қатънома гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил гардад. Мувофиқи қарори СММ ҳамасола ҷашни Наврӯзро дар тамоми давлатҳои дар ҳайати СММ буда ҷашн мегиранд. Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои мардумони эронитабор,

аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад, ки ба фарҳанги қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ бо ҳамин ном гузаштааст. Ҷашни Наврӯз нишебу фарозҳои таърих, ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиҳои зиёдеро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидааст. Аз ҳама зиёд ва хубтару бештар Наврӯзи хуҷастаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистони худамон ҷашн мегиранд ва тамоми расму русуми дар гузашта мардуми ориёӣ доштаро мо дар ҷашни Наврӯз қайд менамоем ва тамоми он бозиҳое, ки дар ин фасл ҳаст, ҷавонон бо меҳру муҳаббати хос қайд мекунанд.

Аз таърихи ҷашни Наврӯз роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин ҷашни куҳанбунёд дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва бадеӣ маълумоти зиёд зикр гаштааст, ки донишмандони тоҷику эронӣ ва хориҷӣ дар асоси онҳо мақолаҳову рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Маълумоти мустақим ва пурмаъно дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-маҳосин-вал-аздод»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ба иттифоқ Ҷамшеди Пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд. Аксарияти сарчашмаҳои таърихӣ ба он далолат мекунанд, ки Наврӯз дар давраи салтанати Пешдодиён дар замони ҳукмронии Шоҳ Ҷамшед пайдо шудааст.

Чунон чи дар асари машҳури Ҳаким Умари Хайём – «Наврӯзнома» роҷеъ ба бунёд гузоштани ҷашни мазкур чунин суханҳои пурмаъно омадааст: «…аммо сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз як шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад ин дақиқа натвонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад ӯ ибтидо карданд» [2.[18].]

Дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз дар байни олимон ва таърихшиносони қадиму муосир фикрҳои зиёд ба чашм мерасад. Наврӯз ҷашнест, ки аз замонҳои хеле қадим ба мо боқӣ мондааст, ба ғайр аз Наврӯз мо ягон ҷашнро ин қадар бошукуҳ ва шаҳомати зиёд ҷашн намегирем. Наврӯз ҷашнест, тамоми пиру барноро ба як рӯзи хуш меоварад ва дар давраи ҷашнгирии он мардум муттаҳид мешаванд, аз аҳволи якдигар хабардор шуда, онро бо тантана ҷашн мегиранд. Дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз санаи аниқ мавҷуд нест, танҳо ҳаминаш маълум аст, ки он таърихи сеҳазорсола дорад. Дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз Абулқосим Фирдавсӣ чунин маълумот додааст: “Бархе аз ривоёти таърихӣ оғози Наврӯзро ба бобулиён нисбат медиҳанд. Бар тибқи ин ривоёт, ривоҷи Наврӯз дар сарзамини Форс ба соли 538 пеш аз мелод, яъне замони ҳамлаи Куруши Кабир ба Бобул боз мегардад, ки маҳз ӯ Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон кард. Вай дар ин рӯз барномаҳоеро

[2]. Умари Хайём. Наврӯзнома.//Армуғон №3. 1995, 3 март.

барои сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагонӣ ва хонаҳои шахсӣ ва бахшиши маҳкумон иҷро менамуд”[3,[19]]

Санаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Дорои 1 ба муносибати Наврӯз дар соли 414 пеш аз қарни мо сиккае аз ҷинси тилло зарб намуд, ки дар як сӯйи он сарбоз дар ҳолати тирандозӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар баъзе ривоятҳо аз Зардушт ба унвони бунёдгузори Наврӯз номбар шудааст. Дар замони Ашкониёну Сосониён низ Наврӯз ҷашн гирифта мешудааст. Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд. Масалан, Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» овардааст, ки «чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз бар он савор шуд ва ҷину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Мардум аз дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд» [ 4, [20]]

Аз ин китобҳои таърихӣ, яъне «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия», «Ал-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ ва дигар асарҳо маълум мешавад, ки Наврӯз дар даврони қадим ба шаклҳои гуногун қайд карда мешудааст. Рӯзҳои ҷашнгирии ид низ фарқ доштааст. Фарқи ҷашни Наврӯз аз дигар идҳо дар он маҳсуб меёбад, ки онро дар фасли баҳор ҷашн мегиранд ва оғози кишту кори баҳорист. Дар ин фасли сол табиат ба зиндашавӣ оғоз менамояд ва аз ҳама фасли зеботарин маҳсуб мешавад. Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тул мекашид. На ин ки дар давраи Сосониён, балки дар Тоҷикистони имрӯза ҳам Наврӯзро муддати як моҳ ҷашн мегиранд.

Маълум аст, ки агар ҳам дар дарбори шоҳони Сосонӣ як моҳро ба Наврӯз ихтисос медоданд, ин амр мустаҳками он набуд, ки оҳоди раият низ даст аз кор бикашанду ба айшу нӯш пардозанд. Чун давоми зиндагии аксарияти аҳолии заҳматкаш низ бар кору талоши доим устувор буд ва ҳамон ки сездаҳи Наврӯз ба сар мерасид, ба таври ҷиддӣ кӯшишҳои вақфанопазиру бетакаллуфи худро аз сар мегирифтанд. Дар ҳар яке аз рӯзҳои Наврӯзи омма, табақае аз табақоти мардум деҳқонон, рӯҳониён, сипоҳиён, пешаварон ва ашроф ба дидори шоҳ меомаданд ва шоҳ ба суханони онҳо гӯш медод ва барои ҳалли мушкилоти онҳо дасти ёрӣ дароз мекард ва дар ин фасли сол бисёр ба мардум муомилаи хубро ба роҳ мемонд. Дар рӯзи шашуми шоҳ ҳаққи табақоти гуногуни мардумро адо карда буд ва дар ин рӯз танҳо наздикони шоҳ ба ҳузури ӯ меомаданд. Рӯзи аввали фарвардинмоҳ шоҳон ба тахт дар сар тоҷи ҳафтситорадор мегузоштанду тӯли панҷ рӯз мардумро қабул мекарданд, ҳоҷати онҳоро мебароварданд ва ҳадяҳо ба аҳолии маҳаллӣ медоданд. Нахустин касе ки барои дидани подшоҳ меомад, муъбади муъбадон ва пас аз он дигарон, ҳар кадом дар гурӯҳи пешаи худ пеш меомад ва раҳовард пешкаш мекарданд. Рӯзи шашум Наврӯзи Бузург буд ва хонадони шоҳӣ ва

3. Шоҳнома (ҷилди 1) – Душанбе: – Адиб, 1987. – саҳ. 103.

4.Абурайҳони Берунӣ. Осор–ул–боқия. –Душанбе: – Ирфон, 1990. –саҳ 233.

дарбориён дар майдони назди қаср ҷамъ омада, Наврӯзи хуҷастаро бо тантана ҷашн мегирифтанд.

Наврӯз оинаест, ки забону замонҳои ҷаҳони офаринишро бозтоб медиҳад, ҳалқаҳои пайванди қавму миллатҳои ҳамфарҳангу ҳамтаърих ва ҳамтақдирро таҳким мебахшад, ҷашни бузурги Наврӯз дар воқеъ, ваҳдатгарои халқу миллатҳои гуногун мебошад ва ин маънӣ, ин иди миллӣ дар тули таърих на фақат халқу миллатҳо, балки андешаву гуфтору кирдори онҳоро низ бо ҳам сахт пайвастааст, мо инро пеш аз ҳама, дар мисоли ҳамоҳангиюу ҳамчунин маросими ҷашнгирии иди Наврӯз дар Осиёи Миёна мушоҳида карда метавонем.

Асосгузори назми классики форс- тоҷик Абуабдуллои Рӯдакӣ аввалин вассофи баҳор ва ҷашни Наврӯз ба шумор меравад. Ҳамасрони ӯ низ дар васфи сабзаву баҳор, манзараҳои ҷолиби табиат баҳория ва шеъру достонҳои зиёд иншо намудаанд.

Ҳамин тариқ, Наврӯз ҳамчун Соли нав дар қаъри давру замонҳои дури ниёгонамон по ба арсаи вуҷуд ниҳода, дар масири ташаккулу инкишофаш давраи боззоии мудовими табиат ва аз ин тариқ, ҷараёни таквини оламро дар худ таҷассум намуда, дар тӯли асрҳо гоҳ давраҳои номусоиду тундбодҳои решабарандози замона ва гоҳо фазои неку авзои мувофиқу мусоидро аз сар гузаронида, то бар рӯзгори мо омада расидааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1-4. Душанбе: «Ирфон», 2009.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: «Ирфон» - 2009. – 372 саҳ
3. Шоҳнома (ҷилди 1) – Душанбе: “ Адиб”, 1987. – 480 саҳ.
4. Абурайҳони Берунӣ. Осор–ул–боқия. –Душанбе: – Ирфон, 1990. –432.
5. Умари Хайём. Наврӯзнома.Душанбе: “Адиб”, 2012. 352 саҳ.
6. Умари Хайём. Наврӯзнома. //Армуғон №3. – Душанбе, 1995. 3 март.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** Фарангиси Изатулло-ассистенти кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ

# НАВРӮЗ ВА САЙРИ ТАЪРИХИ ОН

**Ҳабибов С.И., Одинаев Б.**
устодони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
тel.: 989141436
E-mail: abibov94@ mail.ru.

“Наврӯз бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ бузугтарин ҷашни милли тоҷикон ва соли нави аҷдодии мо буда, ниёгони некноми мо онро аз замонҳои қадим таҷлил мекарданд, омадани баҳор ва эҳёи табиатро бо шодиву хурсандӣ ва бо иштироки хурду бузурги диёр истиқбол мегирифтанд”.[21]

Истиқлолияти давлатӣ гардиши бузурги таърихи дар ҳаёти тоҷикистониён буда, ба таври муваффақона ноил шудан ба он яке аз ҳадафҳо ва музаффариятҳои миллии тоҷикон дар охири асри XX ба ҳисоб меравад. Зеро ки имрӯз бо шарофати Истиклолияти давлатӣ мо ба арзишҳо ва асолати милии худ рӯ оварда, барои ҳифз, рушд ва эҳёи фарҳангу таърихи ғании худ ва анъанаҳои мардуми кӯшиш ба харҷ дода, айни ҳол тамоюли эҳё, ҳифз ва пешрафти давлатдории миллиамонро дида истодаем. Истиқлолият дар шуури мардуми тоҷик табадуллоти куллиро ба вуҷуд оварда, мафкураи миллиро ташаккул дод. Он имкон дод, ки шуури умумимиллӣ ташаккул, ваҳдати миллӣ таҳким ва худшиносии миллии мо аз ҳарвақта дида бештар ривоҷу равнақ ёбад. Маълум аст, ки дар чунин марҳила дастовардҳои нав ба нави давлат дар самтҳои гуногун хеле муҳим ва тақдирсоз хоҳанд буд. Дар қатори ҷашнҳои миллию давлатӣва мардумӣ таҷлили ҷашни Наврӯз миёни мардуми тоҷик ва тоҷикистониён мақоми хосса дорад.

Наврӯз, соли нав, қадимтарин ҷашни мардумии эронитабор, аз ҷумла тоҷикон аст, ки ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ – 1-уми фарвардин ё 20-21 марти солшумории милодӣ рост меояд. Наврӯзро дар баъзе ноҳияҳо «Иди сари сол», «Иди соли нав» ва дар байни мардуми Бадахшон «Хидир аём»[22] меноманд. Наврӯз ҷашни бузурги бедории табиат ва баробаршавии шабу рӯз мебошад, ки ҳазорсолаҳо боз ҳамчун ҷашни пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо, некӣ бар бадӣ ва оғози хилқати инсону табиат дар байни мардумони Эрону Афғонистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик ва Қавқоз таҷлил мешавад. Наврӯз таърихи хеле қадимӣ дорад. Аксарияти сарчашмаҳои бостонӣ пайдоиши Наврӯзро бо фаъолияти шоҳи чаҳоруми пешдодӣ Ҷамшед нисбат медиҳанд. Аз ҷумла, Ҳаким Фирдавсӣ дар яке аз достонҳои оғози «Шоҳнома» оварда аст, ки “Ҷамшед баъд аз поён бахшидани корҳои бузург дар даврони подшоҳии хеш бо ёрии фарри каёнӣ ва мувофиқ ба шукӯҳи подшоҳии хеш аз зару сим тахте бисохт ва

---

[21] Суханронии Пешвои миллат дар маросими таҷлили ҷашни Наврӯз. 21.03.2019. соати $12^{00}$.
[22] Шодихонов Ю., Шоинбеков А. Шогуни баҳор.: Эр– Граф. – Хоруғ, 2019. – 216 с.

онро бо дурру гавҳар биёрост ва чун нахустин бор девҳо, ки дар итоати Ҷамшед буданд, тахтро ба дӯш гирифта аз замин ба осмон боло шуданд, нури офтоб ба чеҳраи Ҷамшед ва бар тахти ӯ метобид ва инъикос шуда медурахшид. Мардум ин манзараро дида дар шигифт шуданд ва он рӯзро «рӯзи нав» хонданд. Пас аз он рӯз Ҷамшед ба ҷашн гирифтани Наврӯз оғоз намуд[23]. Дар сангнигораҳои Тахти Ҷамшед (Персеполис) тасвири шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ (махсусан Дориюши Бузург) ва таҷлили Наврӯз ба назар мерасад. Дар он мардум аз гӯшаву канори Эронзамин ба сӯйи ин тахтгоҳ бо ҳадяҳои наврӯзӣ равонанд. Намояндагони мардумони гуногун ба шоҳаншоҳ дар баробари неъматҳои дастпарвардаи худ армуғонҳои гаронбаҳо – зару сим ва дурру гавҳар оварда, ба пои ӯ нисор мекарданд. Дар манобеи таърихию адабии бостонӣ ва қариб дар ҳамаи ривоятҳову устураҳо Ҷамшедро асогузори Наврӯз номидаанд. Фирдавсӣ, Истахрӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Гардезӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон дар бораи пайдоиши Наврӯз ва тарзи барпо гардидани он маълумоти муфаса додаанд.

Берунӣ дар баробари баъзе масъалаҳои дигар роҷеъ ба Наврӯз чунин гуфтааст: «Бархе аз уламои эронӣ мегӯянд, ки сабаби ин рӯзро Наврӯз номидан ин аст, ки дар айёми Таҳмурас собиа (бутҳо) ошкор шуданд ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро нав кард. Ваин кор хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин Наврӯз бузург ва муаззам буд»[24]. Аз гуфтаи Берунӣ чунин бармеояд, ки дар рӯзи фархундаи Наврӯз дар байни мардуми эронӣ чунин анъана будааст, ки одамон барои якдигар ҳадя мефиристодаанд. Берунӣ аз Озарбади Мубади Бағдод чунин нақл мекунад, ки найшакарро дар кишвари Эрон рӯзи Наврӯз кашф кардаанд. Пеш аз ин онро касе намешинохтааст. Гӯё, рӯзе худи Ҷамшед буттаи найро дар шикоргоҳ мебинад ва онро ба даст гирифта, обашро чашида дидааст, ки ширин мебошад. Амр кардааст, ки оби онро берун оваранд ва аз он шакар истеҳсол намоянд. Ва он гоҳ дар рӯзи шашуми моҳи фарвардин шакар ба даст омад ва мардум ба муносибати пайдо шудани шакар дар Наврӯз ба якдигар ҳадя мефиристоданд.

Дар аҳди Сомониён ба инкишофи суннатҳои бостонии халқи тоҷик ва халқҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон шароити мусоид фароҳам омад. Дар ин давра идҳои Наврӯз, Садаю Меҳргон васеъ ҷашн гирифта мешуданд. Бино ба маълумоти Абубакр Муҳаммади Наршахӣ, Наврӯзро аввал дар рӯзи 1 - уми фарвардин кишоварзон, баъди панҷ рӯз муғон (оташпарастон) ҷашн мегирифтанд ва аз ин рӯ «Наврӯзи кишоварзон» ва «Наврӯзи муғон» меномиданд. Дар аҳди Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ҳатто баъди истилои муғул Наврӯзро заҳматкашон бо тантана ҷашн мегирифтанд. Мардум ба шарафи Наврӯз пешакӣ тайёрӣ медиданд. 25 рӯз пеш аз Наврӯз дар зарфҳои махсус гандуму адас

[23] Шоҳнома (ҷилди 1) – Душанбе: – Адиб, 1987. – 480 саҳ.
[24] Абурайҳони Берунӣ. Осор–ул–боқия. –Душанбе: – Ирфон, 1990. –432.

сабзонида, дар рӯйи хони наврӯзӣ мегузоштанд ва омади кишти зироатро аз рӯйи ҳолати сабзиши онҳо пешбинӣ менамуданд.

Тоҷикон аз замонҳои қадим фарорасии Наврӯз, эътидолҳои баҳорию тирамоҳӣ ва қисмҳои вақтро дар давоми шабонарӯз аз мушоҳидаи такроршавии ҳодисаҳои табиат, гардиши ҷирмҳои осмонӣ ва рафтори ҷонварон муайян мекарданд. Яке аз тақвимҳои хосси мардуми Бадахшони Тоҷикистон ҳисоби «Офтоб дар мард»[25] (ба забони мардуми маҳаллӣ хирпичор) мебошад. Ҳисоби вақт аз рӯйи узвҳои бадани инсон аз гоҳшумориҳои қадимии тоҷикон буда, дар Қаротегину Дарвоз, Ванҷу Язгулом, Ишкошим, Рӯшон, Шуғнон, Вахон, инчунин дар байни тоҷикони водии Фарғона (Сух) аз ҷониби мардумшиносон ба қайд гирифта шудааст. Ин навъи тақвимро тоҷикони Афғонистон ва ҳатто дар Покистон ҳам истифода мекарданд. Онро сокинони ин минтақаҳо бо номҳои «ҳисоби мард», «офтоб дар мард», «панҷоҳи мард», «нишонҳо» ва монанди инҳо низ номбар мекунанд. Тибқи ҳисоби ин тақвим, офтоб дар ҳар як узви бадан якчанд рӯз меистад. Масалан, се рӯз дар камар, се рӯз дар зону, дар пою нохунҳо ва ғайра.

Мардумони шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Шаҳрисабз ва сокинони водиҳои Ҳисору Зарафшону Фарғона бо дидани лаклак бар он бовар буданд, ки баҳор расидааст, ҷашни Наврӯз наздик аст, чунки лаклак қосиди баҳору Наврӯз буда, одамони аз сармои зимистон дилтанггардида баробари дидани ин парандаи зебо шоду масрур мешуданд, ки фасли баҳор расидааст.

Ҷашни Наврӯз рамзҳои хоси худро дорад. Дар ҷашни Наврӯз ва ойинҳову суннатҳои марбути он ранги сафед аҳамияти бештар доштааст. Мардуми тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покию беолоишӣ, сулҳу осоиш, осмони соф ва кушоиши кор шумурда, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хонаба он афзалият медоданд. Ниёгони тоҷикон кӯшиш менамуданд, ки ҳар чӣ бештар ин ранг дар айёми Наврӯз ба назарҳо расад. Масалан, ҳангоми таҷлили сол либосҳои сафед ба бар мекарданд. Дар рӯйи суфраи наврӯзӣ шакар, шир, мост ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ таҳияшуда мегузоштанд. Аз гӯшти ҷонварон, асосан мурғ ва моҳиро рӯйи дастархон мениҳоданд, ки сафедранг ҳастанд. Дар ин суфраи идона инчунин себу сир ва санҷид ҳамҷойгир мешуданд, ки дарунашон сафед мебошад.

Дар Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Ҳисор, Кешу Фарғона, Қаротегину Дарвоз, Зарафшону Бадахшону Хатлон ва дигар ҷойҳо идгоҳҳои махсус вуҷуд доштанд, дилхушиҳои гуногун, бозӣ ва сайрҳои халқӣ баргузор мешуданд. Тоҷикони Осиёи Марказӣ ин ҷашни аҷдодиро аз қадим бо сунатҳои волояш ҷашн мегиранд. Дар байни мардуми тоҷик оид ба Наврӯз нақлу ривоят, рубоию дубайтӣ, суруду тарона, ғазалу мухаммас ва навъҳои дигари шеър эҷод шудаанд. Мардуми заҳматкаш бо таҷлили Наврӯз сулҳу салоҳ, беҳбуд, оромишу осоиш ва хушнудиро орзу мекарданд.

---

[25] Шодихонов Ю., Шоинбеков А. Шогуни баҳор.: Эр– Граф. – Хоруғ, 2019. – 216 с.

Як бахши ҷашни Наврӯзро бозиҳои суннатии варзишӣ ташкил медиҳанд. Дар айёми Наврӯз мусобиқаҳои гӯштингирӣ, аспдавонӣ, пиёдапойга (давидан), бандкашӣ, чавгонбозӣ (дар Яғноб, Бадахшон), инчунин бозиҳои тухмҷанг, хурӯсҷанг, кабкҷанг, чиликадозӣ, дастхобонӣ ва монанди инҳо барпо мешуданд. Маъмултарини мусобиқаҳои наврӯз гӯштингирӣ ва бузкашӣ буданд. Дар баъзе минтақаҳо мусобиқаи пиёдакашак низ доир мешуд. Ҷавонмардони пурқувват ба ду даста тақсим шуда талош мекарданд, ки пораи матои 2-3 метраро ба даст оваранд. Навъи дигари бозиҳои варзишии наврӯзӣ сараспа буд, ки тирандозон аз болои аспи давон нишони ҳаракаткунандаро (буз ё мурғро аз пояш баста сар медоданд) ба нишон мегирифтанд. Дар водии Хуф найзапартоӣ маъмул буд, ки аз болои аспи давон тухмро дар замин бо найза мезаданд. Инчунин дар ҷашни Наврӯз арғамчинкашӣ, тирандозӣ, лаклакбозӣ, бандпарӣ, ҷаҳидан аз болои арғамчин ва чанде дигар бозиҳо иҷро мешуданд. Мувофиқи маълумоти дар "Ёддоштҳо" – и худ додаи Садриддин Айнӣ "дар замонҳои пеш деҳқонони тоҷик пеш аз соли нав - пеш аз моҳи ҳамал – дар ҳар деҳа дар майдонҳо ҷамъ шуда гуштингирӣ ва дигар ҳаракатҳои баданӣ карда, гӯё ба тани аз сармои зимистон афсурдашудаашонро қуввати нав медоданд"[26]

Дар бисёр маҳалҳо пеш аз фаро расидани Наврӯз мардум расму ойинҳои гулгардонӣ, суманакпазӣ, ҷуфтбаророн, чоршанбеи сурӣ ё чоршанбеи охирон, ҳинобандон, бахткушоён ва ғайраро ба мақсаду ниятҳои нек иҷро мекарданд. Дар бисёр ҷойҳо рӯзи чоршанбеи охири солро «чоршанбеи сурӣ», яъне ҷашну хушнудии рӯзи чоршанбе номида, онро дар арафаи ҷашни Наврӯз барпо менамуданд. Сардори оила субҳ пеш аз баромадани Офтоб ба даст кӯза ё зарфи об ба лаби чашма ё рӯд мерафт. Баъди шустушӯй зарфҳоро пури об мекарданд. Аз болои об се борҷаҳида «Ҳар чӣ дарду бало дорам, об, бибар» мегуфтанд. Оби тозаро оварда ба остонаи дари хонаи худ мерехтанд ва баъзе амалҳои рамзомезро иҷро менамуданд. Ҳангоми таҷлили Соли нав дар байни мардуми мо оростани суфраи «Ҳафтсин» маъмул, ки ба он ҳафт ашёи сарҳарфи номашон «син» дохил мешуданд. Ин ашё себ, сир, сирко, сабзӣ, суманак, санҷид, сумоқ буда, ҳар кадомашон рамзу маъниҳо доштаанд. Баъзеҳо ба тақлиди «Ҳафтсин» суфраи «Ҳафтшин»-ро низ оро медоданд, ки фарогири шаҳд (асал), шир, шароб, шакар, шамъ, шамшод ва шарбат буданд. Тоҷикон суфраи «Ҳафтмева»-ро мероростанд, ки аз ҳафт навъи меваҳои маҳаллӣ иборат буд. Занҳо дар арафаи Наврӯз маслиҳат карда, дартабақҳо гандум месабзонданд ва дар рӯзи муайян аз он дастаҷамъӣ дар деги калоне суманак мепухтанд.

Дар адабиёти хаттии форс-тоҷик ва эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик дар васфи Наврӯз шеъру таронаҳои бисёре эҷод гардидаанд, ки дар онҳо арҷгузории арзишҳои фарҳанги миллӣ, зебоиҳои баҳор, васфи манзараҳои дилфиреби диёр, ишқу ошиқӣ, инсондӯстию рафоқат, адлу инсоф ва дигар ғояҳои умумибашарӣ аксандоз шудаанд. Машҳуртарин

[26] Ниг.: Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷилди 7. – С. 495.

таронаҳову оҳангҳои наврӯзӣ, ки дар аҳди хонадони Сосониён суруда мешуданд, инҳо буданд: «Фаҳлабодӣ», «Сабзаи баҳор», «Офарин», «Хусравонӣ», «Мардистонӣ», «Сабз андар сабз», «Нӯшинлабон», «Боғи ширин», «Наврӯз», «Наврӯзи Хоро», «Наврӯзи Бузург», «Наврӯзи Аҷам», «Кабки дарӣ» ва ғайра. Дар чунин суруду таронаҳо шуҷоату мардонагии ҷаҳонпаҳлавонон васф гардида, ишқу муҳаббат ва дилбастагии мардум бар зодгоҳу диёр, табиати зебоманзари кишвар ифода ёфтаанд. Таронаҳои ба Наврӯз бахшидаи тоҷикон, асосан, мазмун ва мундариҷаи тавсифӣ дошта, бештар табиати диёри зебоманзарро васф ва зиндагии беғашу беолоишу ширинро тараннум кардаанд.

Наврӯз ҷашнест созандаву сулҳовар, муттаҳидкунандаи инсонҳо ва таблиғкунандаи дӯстию рафоқат, баробарӣ, адолату додгустарӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсон. Ин ҷиҳати масъаларо ба эътибор гирифта, Созмони Милали Муттаҳид 23 феврали соли 2010 дар иҷлосияи 64-уми Асамблеяи генералӣ қароре ба тасвиб расонд, ки тибқи он рӯзи 21мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намуд. Мувофиқи он акнун Наврӯз ҳамасола дар тамоми ҷаҳон таҷлил мегардад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон Наврӯз бо тамоми шукӯҳу ҷалолаш эҳё гашта, ба ҷашни асосии миллии тоҷикон табдил ёфт ва дар саросари ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил карда мешавад. Дар пойтахти Тоҷикистон барои таҷлили Наврӯз дар сатҳи баланд, фарогирии миқдори зиёди тамошогарон дар тантанаҳои наврӯзӣ «Наврӯзгоҳи пойтахт» сохта шуд. Дар ин рӯз ҳунарҳои миллии мардумӣ ба намоиш гузошта мешаванд. Намоишҳои дастаҷамъии ҳунармандон, бозиҳои миллӣ – гӯштин, бузкашӣ, аспйойга ва ғайра баргузор мегарданд.

Ин ҷашни мардумӣ, ки аҷдоди орёии мо бароямон мерос гузоштааст, ифодаи ҳувийяти миллию фарҳангие мебошад, ки шахсияти афроди ҷомеаи ҳамаи наслҳои таърихии мо бо ширкату васлат ба он ҳиссагузор мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷашни Наврӯз ва дигар идҳои солонаи аҷдодӣ, ҳамчунин таҷлили онҳо яке аз масъалаҳои муҳими худшиносиюу хештаншиносӣ ва комёб шудан ба умқи ниҳодҳои фарҳангу тамаддуни саршор аз ғановату муқаддаси мо хоҳад буд.

**АДАБИЁТ:**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1-4. Душанбе, «Ирфон», 2009.
2. Шоҳнома (ҷилди 1) – Душанбе: – Адиб, 1987. – 480 саҳ.
3. Абурайҳони Берунӣ. Осор–ул–боқия. –Душанбе: – Ирфон, 1990. –432.
4. Умари Хайём. Наврӯзнома. “Адиб”, 2012. 352 саҳ.
5. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷилди 7. – С. 495.
6. Шодихонов Ю.,.Шогуни баҳор.: Эр– Граф.–Хоруғ, 2019. – 216 с.
7. Шарифзода Абдуфаттоҳ. Фарҳанг ҳастии миллат аст. – Душанбе: “Эр–граф”, 2021. – 432
8. Берунӣ А. Фархундатарин соатҳо. (Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст) // “Ҷумҳурият”. 2013. 21 марти. – С.3

# ФАЛСАФАИ НАВРУЗ – ҶАҲОНСОЗИВУ ИНСОНСОЗИСТ

**Ҳайитбоева М.А., Каримова Д.**

МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"

**Нуқтаи муҳимтарин дар таърихи пайдоиш ва паҳншавии Наврӯз ин аст, ки фалсафа, хикмат ва мантиқи он бо ягон дин, мазҳаб робитае надорад ва ойини сирф мардумӣ, баробар ба ҳама, ҷашни бузургдошти табиат ва киштукор, яъне саршавии сол мебошад.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Файласуфи муосир З.И.Зиёев воқеъбинона қайд менамояд, ки донишҳои фалсафӣ дар рушди таърихи инсоният на танҳо арзиши худро гум намекунанд, балки бо гузашти вақт арзишҳои нотакрор ва саҳифаҳои наверо барои инсоният во менамоянд. Дар шароити имрузаи раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди бемайлони илму техника, ки аксари давлатҳои абарқудрати ҷаҳон имконияти зиндагии шоистаро ба даст овардаанд, ҷаҳонсозиву инсонсозии ба худ хосро ихтиёр намудаанд. Зиндагӣ ва таҷрибаи ҳаёти имруза нишон медиҳад, ки маҳз дар ҳамин кишварҳо арзишҳои нотакрори инсонӣ, рутбаи олитарини инсонӣ – *ахлоқ, хулқу атвори инсон* торафт паст шудаву коҳиш ёфта истодааст. Аз гуфтани паёмаке оид ба ахлоқи инсонӣ ҳамагӣ пас аз 200-300 сол дар ҳарос мемонем, ки ҷаҳони ботинии инсонҳои руи замин чӣ сиратеро ба худ мегирифта бошад.

Оё коҳишу пастравӣ ва косташавии ахлоқи инсонӣ дар шароити кунунии дастовардҳои илму техника барои сарнавишти ояндаи насли наврас ва ҷавонон, умуман барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқоиса бо офаридаҳои таърихи 25-35 000 солаи тамаддуни инсонӣ, ки дар гузашта инсоният бидуни ягон техникаву технология ва шароити вазнини зиндагонӣ то чӣ андоза офарида ва чехраҳои мондагорро ба наслҳои баъдӣ ба мерос мондааст, вале имруз мо чизеро ғайр аз тиру туфанги атомиву ядрой, аз хулқу атвори инсонӣ чӣ чизеро ба мерос монда метавонем ?

Яке аз омилҳои пастраввии ахлоқи инсониятро И.Ғ.Зиёев дар " *он воқеият мебинад, ки шуури ҷавононро воситаи ахбори омма ташаккул дода истодааст, ки бераҳмӣ, зӯроварӣ, бешафқатӣ, бетафовутӣ нисбати марг ва ғаму андӯҳро бе ягон пардаи "шарму ҳаё" бисту чор соат дар як шабонарӯз интишор медиҳад.*

*Дар телевизион ба таври фурӯмоя омехташавии олӣ ва сифлӣ, муҳим ва ғайримуҳим, муқаддасу оддӣ дар авҷи инкишоф қарор дорад, ки дар натиҷа "наслҳои аз дастрафтае" дар маънои маънавиёт ва ахлоқ ташаккул меёбанд, ки аз арзишҳои маънавӣ фарсахҳо дур буда, рафторашонро ғайриахлоқӣ ва аз назари иҷтимоӣ хатарнок мегардонад...* ***Он чизе, ки онро***

***мо ба сифати далел оварда метавонем он аст, ки одамони муосир аллакай барои ибрати дигарон намунаҳо нестанд, зеро онҳо ниҳоят бераҳму бешафқат, беадолат, бетафовут, бепарво нисбати атрофиён, дағалу тундмизоҷ ва ғ. мебошанд”***

Муҳаққиқ дар афкори зикргардида бисёр воқеъбинона ба ахлоқи хосатан насли ҷавони ҷомеаи имрӯза тавсифи умумӣ додааст, ки ин як фоҷиаи ислоҳнопазир аст дар муносибат ба меъроси фарҳангие, ки мо насли имруза барои ояндагони хеш ба мерос мегузорем. Ва маҳз эҳёи арзишҳои фарҳангии ниёгон,таҷлили ҷашнҳои мондагори мардумони эронитабор- Навруз, Меҳргон, Тиргон, Сада, атлас, адрас, чакан, гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва амсоли он, бозгашт ба оин ва суннатҳои неки ниёгон, огоҳ будан аз асли хеш, донистани он ки мо кӣ будему бо чӣ аъмоли нек машғул будаем, дарк намудани арзишҳои аслии ҳаёти падарону модарони мо, муқаддасоти ҳаёти ниёгони мо, яъне маҳз худшиносиву худогоҳӣ моро водор менамояд, ки рутбаи олии инсонӣ-одамиятро фаромуш накунем, ба асли инсонгароии худ баргардем ва лоақал камтар бегонапарастӣ намоем.

Фарзанди фарзонаи миллат, фарзанди миллати куҳанбунёду фарҳангпарвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихору арҷгузорӣ ба гузаштагони хеш тӯли беш аз сивуду сол аст, ки яке аз ҷашнвора ва ойинҳои бостонии мардуми тоҷик Наврузро ба ворисони ин суннат, яъне миллати тоҷик эҳё намуда, ин оини ниёгонро ҳамчун воситаи шинохти ҳаёти панҷ-шашҳазоролаи реша пайванди тоҷикон, муҳимтар аз ин эҷоди фазои сулҳу оромӣ, ҳамчун василаи офаридани меҳру муҳаббати инсонӣ, адо намудани рисолати инсонӣ - дӯстиву рафоқат ба ҳамдигару ба аҳли башар, ки имрӯз аз ҳарвақта бештар ба он ниёз доранд, пешниҳод менамояд.

Шояд Сарвари кишварамон тӯли сиву ду сол пайки баҳору наврӯзро ба хотири бори дигар талқин намудани сулҳу оромӣ, ваҳдат, муттаҳидӣ интизор бошанд, то ин ки ба халқи худ бигӯянд, ки мо тоҷикон яке аз миллатҳои куҳанбунёду бостонӣ, мутамаддин, соҳиби урфу одат ва анъанаҳои бисёр нек, ки саршор аз одамият ва меҳнати ҳалоли деҳқонӣ аст ва ҷилва аз одамият мекунад, ба шумор меравем. Аз ҷумла Наврӯз яке аз бузургтарин ойини мардумӣ буда, *Пешвои Хирадманд дар ин суннати бостонии миллати хеш ҷавҳарҷӯӣ намуда, пайваста андешаву афкор ба он доранд, ки мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодиву нишот иборат буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст.* [1,с.2]

М. Акилова дар мақолаи пурмӯҳтавои худ “Таҷлили ҷашнҳои ориёӣ дар ашъори ниёгон” доир ба масоили инсонсозии ниёгонамон навиштааст: “Таҷлили Наврӯз дар умум шаш рӯз идома мекард ва ҳар рӯзи он барои як қишри муайяни ҷомеа пешбинӣ шуда буд. Барои он ки ид бо хушиву хуррамӣ оғозу анҷом ёбад, одамон то фаворасии он манзилҳои худро тозаву озода мекарданд, гарду ғубори бисоти хонаро меафшонданд, симои худро ба

тартиб даροварда, шири тоза менӯшиданд ва нону панири тоза мехӯрданд. Дар рӯзҳои ид пӯшидани либоси нав ва шинаму озода ҳатмӣ буд” [ 5. с.4 ].

*Чун дарахти фарвардин пуршукуфа шуд ҷонам,*
*Домане зи гул дорам, бар чӣ кас бияфшонам?*
*Ай насими ҷонпарвар, имшаб аз барам бигзар,*
*В-арна ман чунин пургул то саҳар намемонам.*
*Симини Беҳбаҳонӣ*

Яъне, дар фарҳанги мардумони ориёиҳо таҷлили Наврӯз шаш рӯз ( дар баъзе маъхазҳо ҳафт рӯз ва бештар аз он) омадааст, ки дар ин рӯзҳо ба тамоми қишри ҷомеа, табақаҳои мухталифи мардум таваҷҷуҳ намуда, ниёзи мардум бароварда мешудааст. Мардум дар ин айём бо мақсади накӯ, шодию фараҳ пешвоз гирифтани Наврӯз хонаву дари худро тозаву озода менамудаанд. Муҳимтар аз он қавмҳои эронитабор як хусусияти аҷоиб доштаанд, ки ба хотири тоза намудани қалби хеш шири сафед менушиданд, яъне кӯшишҳои тоза намудани қалби худро доштаанд; Сипас, симои зоҳирии худро меоростаанд. Ҳикмати нӯшидани шири сафед ин чун шир сап-сафед софу беолоиш намудани сирати худ будааст.

М. Акилова дар идомаи мақолаи зикргардида менависад: “Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз ба меҳмонӣ рафтану ба дидори ёру дӯстон расидан ҳодисаи маъмулӣ ва таомули дерина буд” [2.с.4].

Дар ҳақиқат сарчашмаи эҳтирому аёдати волидон, хешу ақрабо, дӯстон яке аз суннатҳои беҳтарини мардумони тоҷик ба шумор рафта, ин рафтори нек таърихи бостонӣ доштааст, ки ҳанӯз дар оинҳои неки гузаштагони мо, аз ҷумла Наврӯз мавҷуд будааст.

Нуқтаҳои дигаре аз ҷаҳонсозӣ ва инсонсозии ниёгон то ба мо расидааст, ки онҳо аз қабили “Гулгардонӣ” (имрӯз бо номи “Бойчечак” маъмул аст), “Ҷуфтбаророн”, “Деги дарвешон”, “Суманак”, дастгирии ҳамдигар ва амсоли он ба шумор меравад ва ин оинаест аз рӯзгордорӣ, инсондӯстӣ ва ҷаҳонсозии аҷдодони мардумони форсу тоҷик.

*Пажуҳишу ковишҳо ва ҷавҳарҷуйиҳои фарзандони баруманди тоҷик бо ҳидояту роҳнамоиҳои Пешвои миллат чунин хулоса бармеояд, ки афкору андеша ва мақсади муҳимтарини миллати тоҷик ва Сарвари меҳанамон танҳо сулҳу оромӣ, меҳру садоқат, ҷаҳонсозиву ҷаҳонофаринӣ, инсондӯстиву инсонпарварӣ, донишу хирад, созандагиву бунёдкорӣ будааст ва чунин мемонад.*

Олимону муҳаққиқон сол аз сол аз суннатҳои қадимаи ниёгонамон мантиқу фалсафа, ҳикмату ҷавҳар меҷӯянд ва ин ҳикмати наврӯзӣ чун меҳру *муҳаббат, хираду дониш, сулҳу субот, ҷаҳонро дар ҳамоҳангии худ нигоҳ доштан, қадру қимати одамонро пазируфтан, ба даст овардани қалби инсонҳо зеҳну афкор ва хиради тоҷиконро бештару бештар ба шӯр оварда, олимони муосирро водор менамояд, ки ин ҳикмати бузурги аҷдодиро бори дигар омӯхта, паҳлуҳои амиқи онро аз нигоҳи ҷаҳонофаринӣ*

*ва инсонсозӣ баррасӣ намуда, ин оинро ҳифз намудаву ба халқи хеш ва сониян ба сокинони сайёра бирасонад, то ин ки одамон дар таҷрибаи зиндагии хеш аз он бархурдор бошанд.* Пас, аз нигоҳи Пешвои муаззами миллат фарҳанги Наврӯз дар хислату ҷавҳари инсонсоз доштани он муайян гадидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми таҷлили ҷашни байналмиллалии Наврӯз дар Теҳрон бо ифтихор аз забони орифони сухан гуфтаанд:

***“Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,***
***Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.***

Дар сатҳи Созмони Миллали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯзи Аҷам ҳаргиз амри тасодуфӣ нест. Ин иқдоми муҳим на фақат дар рушди тамаддуни муосир фоли нек аст, балки гувоҳи он мебошад, ки имрӯз ҷаҳон беш аз ҳар вақти дигар ба арзишҳом маънавию ахлоқӣ ниёз дорад...

Чандин ҳазор сол қабл ниёгони фарзонаи мо ба суннати фарҳангие асос гузоштанд, ки баёнгари пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ, ва тантанаи покию садоқат ва тозагиву озодагии инсонӣ мебошад. Дар байни ниёгонамон расми хубе роиҷ буд, ки айёми наврӯзӣ хусумату кинаро аз қалбҳо берун меандохтанд ва дасти нотавону дармондагонро мегирифтанд...”[3, с.3.]

Яъне, ҳикмати наврӯзӣ чӣ аз нигоҳи орифони форсизабон ва чӣ аз нигоҳи муҳаққиқони муосир, дар ҳақиқат фарҳанги инсонсозиву ҷаҳонсозиро дар худ инъикос менамояд.

Пазируфта шудани ҷашни Наврӯз дар СММ ба ҳайси ҷашни байналмиллалӣ бесабаб нест, зеро имруз ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳарвақта бештар ба зиндагии ором, меҳру муҳаббати инсонӣ, ҷаҳонофаринӣ, инсонсозӣ, осмони соф ва як бурдаи нони ҳалол бештар ниёз дорад.

Шашҳазор сол қабл аз ин гузаштагони мо суннати фарҳангиеро асос гузоштаанд, ки мақсаду маънии зиндагӣ, масъалаи ҷовидонаи фалсафӣ, рисолати ҳаёти шоистаи одамиро пурра инъикос менамояд, ки он месазад бо ҳарфҳои заррин дар қалбу афкори инсонҳо маҳфуз нигоҳ дошта шавад, ки он пеш *аз ҳама муҳаббат, садоқат, хирад, саховат, аз ҳолу аҳволи ҳамдигар пурсидан, кинаву адоватро аз қалбҳо бурун кардан, гуноҳи ҳамдигарро бахшидан, ба ҳамдигар кӯмак намудан ва дар умум пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ, тантанаи покиву садоқат* ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз мутафаккирони орифи муосир аз донишу хирад ва суннатҳои неки ниёкон ба он хулоса омадаанд, ки он дониш ва суннатҳои неки гузаштагонамон, ки ба мо ба меърос гузоштаанд, бо гузашти замон зеҳни инсони имрӯзаро ба шӯр оварда, зиндагии шоистаи онҳо дар пеши назари одамони имрӯза возеҳтару рушантар намоён мегардад.

Мутафаккири боризи муосир Шерзод Абдуллозода ҳикмату фалсафа ва дину ойини дини зардуштияро амиқу возеҳ омӯхта, мегӯяд:

“Ҳамаи идҳои Зардуштия бо тақвимҳои деҳқонӣ зич алқоманд аст... Бузургтарин ҷашни Зардуштия, ки онро ҳанӯз пеш аз пайдоиши оини зардуштӣ халқҳои эронинажод бо тантанаву шукӯҳ ҷашн мегирифтаанд, иди Наврӯз аст. Номи авестоии он то мо, мутаассифона омада нарасидааст. Зардушт ин идро, ки эрониён чун оғози фасли баҳор қайд мекарданд, қабул намуда, ба он рамзи тозае бахшид. *Наврӯз дар Зардуштия ҳафтумин ва бузургтарин ҷашнест, ки ба бузургдошти Ашо-Вахишта беҳтарин ростиву адолат, ки рамзи он оташ аст ва охирин рӯзи олам, ки дар он ашо-ростӣ ғалаба мекунад ва ҳамин рӯзи охирин дар ҳамон як вақт аввалин рӯзи ҳаёти нави абадист, бахшида шудааст. Мувофиқи сарчашмаҳои дигар инсон маҳз ҳамин рӯз по ба замин мондааст ва Аҳурамаздо – бузургофаридгор, ҷаҳонро дар чунин рӯз офаридааст.” [4, с.104]*

*Яъне, дар ҳақиқат ойини наврӯзӣ, яке аз бузургтарин ҷашнҳои дини зардуштия дар қатори ҳафт маросимҳои он ба шумор рафта, онро ҳанӯз пеш аз пайдоиши оини зардуштӣ халқҳои эроннажод бо тантанаву шукӯҳ ҷашн мегирифтаанд. Агарчанде, ки номи авастоии он то ба мо омада нарасида бошад, ҳам, вале моҳияту мазмун ва рисолати ин маросим ба аҳли илм то андозае музайян гардидааст. Дар ин рӯзи фархунда нахустин маротиба инсон по бар замин ниҳодаст ва ҷаҳон низ маҳз дар ҳамин рӯз офарида шуда будааст.*

Дар пайравӣ аз рисолату асолати инсонпарваронаи Сарвари муаззамамон мо низ донишу хирад ва суннатҳои неки ниёгонамонро то андозаи дарку фаҳмишамон аз бар намуда, дар ҷустуҷӯи ҳикматҳои нави он буда, ин ойини инсонсозро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

*Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад,*
*Ҷашни фархундаю фируз муборак бошад,*
*Ҳама ҷо хуррамию тоза ҷавони бинам,*
*Ҷеҳраи поку дилафрӯз муборак бошад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** Наврӯз, ҳикмати Наврӯз, сулҳу субот, донишу хирад, меҳру муҳаббат, ваҳдат, оромӣ, саодати рӯзгор, бахшиши гуноҳ.

АДАБИЁТ:

1. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Наврӯз. (аз 20.03.2021)
2. Суханронӣ дар маросими таҷлили ҷашни Наврӯз. (аз 21.03. 2019).
3. Фарҳанги Наврӯз хислату ҷавҳари инсонсоз дорад. Рӯзномаи Садои мардум, соли 27.03.2012.
4. Ш. Абдуллозода Асосҳои диншиносӣ. Нашриёти “Дониш”- 2001. саҳ.104.
5. М.Акилова “Таҷлили ҷашнҳои ориёӣ дар ашъори ниёгон” “Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон аз дирӯз то имрӯз” Саҳ 767.

**Аннотатсия**

**ФАЛСАФАИ НАВРӮЗ - ҶАҲОНСОЗИВУ ИНСОНСОЗИСТ**

Дар мақола сухан доир ба рӯз аз рӯз паст шудани ахлоқи инсонӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ меравад.Инчунин пажуҳишҳо дар мавриди ҷаҳонсозиву инсонсозии гузаштагони мардумони тоҷик дар оинҳои неки худ, аз ҷумла Наврӯз маълумот оварда шудааст.

Эҳёи оинҳои неки наврузӣ – “Гулгардонӣ” (бо истилоҳи имрӯза “Бойчечак”), “Ҷуфтбаророн”, “Деги дарвешон”, “Суманак”, ба меҳмонӣ рафтану расидан ба дидори дӯст ва амсоли он омилҳои беҳтарин барои пойдории ахлоқи ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

**Вожаҳои калидӣ:** Наврӯз, ҷаҳонсозӣ, инсонсозӣ, пастравии ахлоқ, ҷаҳонишавӣ, оинҳои нек, Суманак.

**Аннотация**

**ФИЛОСОФИЯ НАВРУЗА – ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ГУМАНИЗМ**

В статье говорится о ежедневном ухудшение человеческой нравственности в процессе глобализации, а также приводятся сведения о глобализации и гуманизации предков таджикского народа в их добрых обрядах, включая Навруз.

Возрождение добрых традиций современности - «Гулгардонӣ» (в сегодняшнем термине «Бойчечак»), «Ҷуфтбарарон», «Дервишский казань”, «Суманак», быть в гостях, посетить и посещение друга и тому подобное являются лучшими факторами для поддержания мораль современного общества.

**Ключевые слова:** Навруз, глобализация, гумманизация, ухудшение человеческой нравственности, глобализация, добрые традиции, Суманак.

***Annotation***

**PHILOSOPHY OF NAVRUZ – GLOBALIZATION AND HUMANIZATION**

The article talks about the day-by-day decline of human morality in the process of globalization. It also provides information on the globalization and humanization of the ancestors of the Tajik people in their good rituals, including Nowruz.

Revival of the good traditions of modern times - "Flowering" (in today's term "Boychechak"), "Juftbararon", "Dervish Pot", "Sumanak", going to visit and visiting a friend and the like are the best factors for maintaining the morality of modern society. .

**Key words**: Navruz, globalization, humanization, decline of morality, globalization, good rituals, Sumanak.

## НАВРӮЗ – ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ БУЗУРГИ ТАЪРИХИ ТОҶИКОН

**Ҳомидҷонова М.Ҳ.-омӯзгори калон**

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: 92-9559119,
почтаи электронӣ **muqaddas.homidjonova@mail.ru**

“Наврӯз яке аз маҳбубтарин ҷашнҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз давраҳои дур то имрӯз расидааст.”

*Эмомалӣ Раҳмон*

Наврӯз иди бостонӣ ва анъанавии халқи тоҷик буда, ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ, 21 марти солшумории мелодӣ рост меояд. Наврӯзро дар баъзе ҷойҳо “Иди сари сол”, низ мегӯянд. Ҷашни Наврӯз айёми баробар шудани шабу рӯз, ҳангоми эҳёи табиат, оғози мавсиму кишту кор мебошад. Ҳатто замони истилои араб Наврӯзро ҳамчун “Суннати Ҷамшед” пиндошта мунтазам ҷашн мегирифтанд. Наврӯзро ҳазорҳо сол ин ҷониб ҷашн мегиранд. Наврӯзиҳои халқӣ низ ҷилову сайқал ёфта, аср ба аср ғанитар мегарданд.

Аз китобҳои таърихӣ, яъне «Наврӯзнома» - и Хайём, «Осор-ул- боқия», “Ат-тафҳим" и Берунӣ ва дигар асарҳо маълум мешавад, ки Наврӯз дар даврони қадим ба шаклҳои гуногун қайд карда мешудааст. Рӯзҳои ҷашнгирии ид низ фарқ доштааст. Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тӯл мекашид. Ва ба ду давра тақсим мешуд. Наврӯзи хурд ё Наврӯзи омма, ки панҷ рӯз буд ва аз якум то панҷуми моҳи фарвардин гиромӣ дошта мешуд ва рӯзи шашуми фарвардин ҷашни Наврӯзи бузург ё Наврӯзи хосса барпо мегашт. Дар ҳар яке аз рӯзҳои Наврӯзи омма табақае аз табақоти мардум-деҳқонон, руҳониён сипоҳиён пешаварон ва ашрофон ба дидори шоҳ меомаданд ва шоҳ ба суханони онҳо гӯш медод ва барои ҳалли мушкилоти онҳо дастур содир мекард.

Наврӯз яке аз ҷашнҳои писанддидаи халқҳои ориёнажод ба шумор меравад. Ин идест, ки таърихи боифтихор ва пуршараф дорад. Он аз боду борон, сардиву оташи замона газанд наёфта, лашкаркашиҳои аҷнабиён, сиёсати ғосиборонро паси сар карда, дар дилу дидаи тоҷик абадӣ маъво гирифтааст. Наврӯзро дар тамоми давраҳо иди халқӣ мешумориданд. Наврӯз дар воқеъ яке аз ҷашнҳои қадимтарини мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин ҷашн, ки таърихан ба ҳаёти инсон дар рӯи замин алоқаи зич дошт ва тантанае ба эҳёи табиат буд. Маҳз баъд аз таҷилили пуршукӯҳи ин ид деҳқонон ба киштукори саҳро мебароянд. Ниёгони мо дар арафаи Наврӯз хонаву кошонаи худро сафед мекарданд ва ҳама либосҳои кӯҳнаи соли гузаштаро аз тирезаи хона берун намуда, сару либоси нав мепӯшиданд, ки ин рамз орзуи то соли оянда беҳбудиҳои зиндагиро дошт.

Дар қадим деҳқонон аз донаҳои зироатҳои гуногун, мисли ҷав, гандум, шолӣ, мош, нахуд, лубиё, ва ғайра сабзаҳо тайёр ва ба воситаи онҳо ҳосилнокии зироатҳои соли навро пешгӯӣ мекарданд. Дастархони Наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он гул, ширинӣ, шарбат, май, нон, меваҷот мегузоштанд. Рақами ҳафт дар урфияти гузаштагон фархунда буд ва ба ин хотир дастархони «Ҳафт син» меоростанд, аз себ, санҷид, сирко, суманак, сабза, сабзӣ, ки ишора ба хафт фариштагони бузург аст. Баътар «Ҳафт шин» ва «Ҳафт мим» низ ба расмият даровarда шуданд. Ин далели он аст, ки Наврӯз дар масири таърих тозагиву навигариҳои тоза ба худ гирифта, такмилу тавсеъ ёфтааст.

Тавре ки аз номи он бармеояд, Наврӯз «рӯзи нав» маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи Соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад.

Наврӯз ҷашнест, ки тамоми олами табииро зинда менамояд ва деҳқонон дар ин моҳ ба кишт кардан оғоз мекунанд. Аз нигоҳи ҳисоби ситорашиносӣ Наврӯз рӯзест, ки офтоб ба бурҷи барра (ҳамал) ворид мешавад ва дар ҳамон дақиқаву сонияе, ки ворид шуд, Соли нав фаро мерасад. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Наврӯзро дар аввали моҳи Фарвардиняшт, ки бо солшумории имрӯзаи мо ба моҳи март рост меояд, ҷашн мегиранд.

Махсусан, аҳли эҷод ин мавсими атронгинро бо илҳоми саршор истиқбол мегиранд. Наврӯз барои марди деҳқон фурсати такопӯ ва мувофиқ аст, фаро расидани айёми кишт, ки ҳастии инсон ба он вобаста аст, оромии зимистонаро барҳам зада, аз омадани соати меҳнат дарак медиҳад. Дар ҳақиқат, бо меҳнат рангину ширин менамояд. Садои чашмаҳо мисли тифли баҳор дили касро сурур мебахшад. Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии ниёгони мо ба ҳисоб рафта, дорои таърихи ҳазорсолаҳо мебошад. Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни хуҷастапай ва фархундаи Наврӯз азизу арҷманд ва куҳантар нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму оин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад. Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва бузургтарин идҳои мардумони эронитабор буда, умри дарози беш аз панҷҳазорсола дорад.

Дар адабиёти классикаи форсу тоҷик бо номи "Наврӯзнома" китобҳои бисёр навишта шудааст. Аксар муаррихон пайдоиши Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат додаанд. Умари Хайём  дар "Наврӯзнома"- и худ овардааст, ки дар ин рӯз баробар шудани шабу рӯзро нахустин Ҷамшед ошкор карда, минбаъд ҷашн гирифтани Наврӯз чун иди сари сол ба ҳукми анъана даромад. "Ҷамшед дасти бадонро аз бад, дасти бедодгаронро аз бедод кӯтаҳ кард, будпарастию оташпарастиро барҳам зада, дини тавҳид- якопарастиро ҷорӣ кард, оини ҳаётро ба мардум омӯхт ва бар тахти гавҳарнишинон нишаст ва девон ӯро аз ҳомун  ба гардун бурданд, мардум ба шукронаи ин пирӯзӣ, яъне аз ғалабаи ҳақ бар зулм чунин рӯзро ҷашн гирифтанд ва онро Наврӯз хонданд "Ҷамшед қасри бузурги дувоздаҳ манорадор бино кард, мардуми тамоми мамоликро ба қасри худ даъват намуд. Дар ин вақт офтоб ба дараҷаи эътидоли рабеъӣ расида, вақти гардиши сол буд. Ҷамшед ба қасри подшоҳӣ нишаст ва тоҷ бар сар ниҳод. Баъд дар назди бузургони ҷаҳон сухан  оғоз намуда гуфт: Ба "Худои  Азза ва Ҷалла сипосгузорӣ кунем, ки ба мо ин қадар давлат, иқтидору сарват дод. Мо бо шукронаи неъматҳои додааш ба мардум адлу некӣ кунем..." Мардум аз суханҳои ӯ шод гардида, дар ҳаққаш дуои нек карданд.Ҷамшед он рӯзро "Наврӯз" ном ниҳод. Аз ҳамон рӯз сар карда, таҷлили иди Наврӯз расму оин гардид.Ҷамшед он рӯз ҳайроти бисёр кард, базми бошукӯҳ орост. Як ҳафта одамон дар нишоту хуррамӣ буданд. Он ҷашну тантана, то ҳол ба номи "Базми Ҷамшедӣ" маъруф аст.

Баъд аз ҳамаи ин тантанаҳо Ҷамшед як шабонарӯз  ба ибодатгоҳи худ рафта, ба худованд сипосгузорӣ намуд, зориву хоҳиш намуд,ки дар рӯзгори ӯ ҳамагуна офату балоҳо, вабою қаҳатӣ, ранҷу бемориҳо бардошта шавад. Дуоҳояшро Худованд мустаҷоб кард. Дар тамоми муддати салтанаташ ҷаҳон ҳамчун арӯс ороставу ҳамаи офатҳои осмониву заминӣ аз ҷаҳон бардошта

буд. Ҳеҷ кас дар давоми 300 соли ҳукмрониаш аз ранҷу беморӣ хабар надошт. Ҳама дар нозу неъмат мезистанд.

Наврӯзиҳои халқӣ бештар дар рубоӣ, дубайтӣ, тарона барин шаклҳои шеърӣ гуфта шудаанд.Онҳо ҳама дар ситоиши баҳори сабзпӯш, гулу булбул, ишқу ошиқӣ буда, кайфияту руҳияи халқи меҳнаткаринро ифода кардаанд. Наврӯз ин хотироти нек, ёдоварии азизону гузаштагон аст ва дар чунин рӯзи муборак аз суннатҳои хуби ниёгон-наврӯзиҳои халқӣ ёдовар шудан ба назар бисёр шоиста менамояд. Хушбахтона, бо назари нек ва дурбинонаи Сарвари давлатом, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз яке аз ҷашнҳои бонуфуз ва аз ҳама қадими мардуми тоҷик мақоми ҷаҳонӣ гирифту се-чор рӯз қайд карда мешавад. Ба ҷашни Наврӯз бо даъвати Президенти кишвар намояндагони ҷумҳуриҳои дигар ва давлатҳои ҳамсоя ташриф оварда, расму суннат ва урфу одати халқи тоҷикро аз наздик мебинанд. Ҷашни Наврӯзи мардуми Афғонистон, Эрон Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ба мо бисёр наздик мебошад, зеро урфу одат, рафтору кирдор, дину мазҳаб ва забонамон хеле наздик мебошад. Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хело бисёранд Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ат-тафҳим» овардааст, ки чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динҳо аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд Ҷамшед гирифт, агарчӣ пеш аз он ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд» Ҳамчунин дар ҷои дигари ин китоб чунин овардааст, ки «Аз расмҳои подшоҳон Наврӯз чист? Нахустин моҳ аст аз фарвардинмоҳ ва аз он ҷиҳат рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст».

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи маълумоти хондашуда аз осори Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ин донишманд, ба таври густурда дар бораи ҷашн гирифтани Наврӯз сухан мегӯяд ва дар таҳқиқоти хеш барои шинохти рамзу рози ойинҳо ва маросимҳои гуногун на танҳо ганҷинаҳои куҳанро мекобад ва дарҳои онҳоро ба рӯи хонандагони асари гаронбаҳояш мекушояд, балки аз амалнамоӣ аз суннатҳои дерина дар рӯзгори худ низ хабар медиҳад. Ӯ ошкоро мегӯяд, ки мардумони давронаш бо покизагардонию навзосии ҳамаи асбобу анҷоми рӯзгор ва оростани дастархону хона иди Наврӯзро бошукӯх истиқбол менамуданд. Дар баъзе аз матнҳои куҳан, аз ҷумла «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таърихи Табарӣ, «Ат-тафҳим», «Осор-ул боқия» - и Берунӣ ва «Наврӯзнома» и Хайём, шоҳ Ҷамшед, ё ин ки Кайюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифи шудааст. Падидоварии Наврӯз дар “Шоҳнома», ин гуна ривоят шудааст, ки Ҷамшед дар ҳоли гузаштан аз Озарбойҷон, дастур дод, то дар он ҷо барои ӯ тахте бигузоранд ва худаш бо тоҷи заррин бар рӯи тахт бинишаст. Бо расидани нури хуршед ба тоҷи заррини ӯ, ҷаҳон нуронӣ шуд ва мардум шодмонӣ карданд ва он рӯзро Наврӯз номиданд!

Аз омадани Наврӯз қабл аз ҳама кӯдакон бо баргузории маросими гулгардонӣ ба дигарон пайғом мерасонанд. Ин маросим як ҳафта қабл аз Наврӯз, яъне дар аввалҳои даҳаи аввали моҳи март аз сӯи гурӯҳе аз кӯдакон, ки дар даст гулҳои сияҳгуш, бойчечак ё наврӯзӣ доранд, иҷро мешавад.

Воқеан, Наврӯз аз маросими халқи бой аст. Дар маросими рамзҳои Наврӯз орзую омоли мардумони меҳнат таҷассум ёфтаанд. Барои мардум бештар чунин ҷиҳатҳои ид маъқул аст, ки он лаҳзаи пайванди инсон ва табиат буда гуё лаҳзае аз мурочиати деҳқонро ба замин дар урфу одатҳо итикос намудааст. Дар «Наврӯзнома» -и Умари Хайём низ ба ҳамин нигориши равшангарона ба Наврӯзи замони қадим ва хусусиятҳои ойинҳои он рӯ ба рӯ мешавем ва ба бахти дигаре аз рамзу розҳои он пай мебарем. Дар ин китоб оид ба сабаби Наврӯз ниҳодани ин ид омадааст, ки мардум дар замони қадим чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр аст. Яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз чоряке аз шабонарӯз ба аввалин дақиқаи бурҷи Ҳамал боз ояд ба ҳам он вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт «Наврӯз» номниҳод ва ҷашн бар по кард.

Хушбахтона, соли 2010 бо пешниҳоди Тоҷистон ва як қатор мамлакатҳои Осиё Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф намуд.Ин падидаи хуҷаста аз ватани асосии Наврӯз будани, Тоҷикистон мужда расонид. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таърихи фарҳанг ва ҷашну маросимҳои мардумӣ диққати ҷиддӣ дода, барои эҳёи арзишҳои миллӣ талош намуд. Дар қатори ҷашнҳои миллию мардумӣ таҷлили ҷашни Наврӯз миёни мардуми тоҷик ва тоҷикистониён мақоми хосаро пайдо кард. Наврӯз хусусиятҳои деринаашро бо пазироии рӯҳияи замони нав созгор карда, имрӯз он мавриди эътирофи ҷаҳониён қарор гирифтааст. Насли ҷавони даврони нав аз ин падидаҳои умедбахш орзую умедҳои зиёд доранд, зеро зинда ва ҷовидон мондани анъанаи ниёгон бақои ҳастии миллатро нишон медиҳад. “Агар рӯзе Худованд ҷаҳонро оғоз кардааст, мусалламан он рӯз ин Наврӯз будааст” Мусалламан баҳор нахустин баҳор нахустин фасл ва нахустин моҳ ва Наврӯз нахустин рӯзи офариниш аст” – менависад доктор Алии Шариатӣ роҷеъ ба Наврӯз. Воқеан, Наврӯз аз қадимтарин ҷашнҳои таърихӣ ба шумор меравад, ки қабл аз он дар миёни тамоми ақвоми ҷаҳон чунин як иди саидро ёд надорад. Ривоят мекунанд, ки бунёдгузори Наврӯз шоҳ Ҷамшед аст ва чун ӯ ба тахт биншаст, адлу додгустариро миёни мардумон пеша намуд. Шояд аз баробаршавии шабу рӯз ҳамин як вожаи баробарӣ ва адолат аз сӯи аввалин шаҳриёр риоя ва эҳтиром ёфт. Наврӯзи ҳуҷастапай имсол моро водор сохт, ки интизораш бошем ва бо орзуи дидори он чанд рӯзе аз барфи кудумашро қадри манзалат дод. Гӯё фасли ҳеҷ хоҳиши бо ихтиёри хеш рафтан надошт ва барои мансабу мақоматаш мубориза мебурд.Дар ҳоле, ки ҳамеша рӯшноӣ бар зулмат, некӣ бар зиштӣ, муҳаббат бар адоват ва гармӣ бар сардӣ пирӯз меояд. Оре, баҳори нозпайкар дар домони гулрезу гулбезаш ҳавои наврӯзиро бо ишқу муҳаббат атрогину дилнишин месозад.Табиат маст мешавад аз шароби нур ва дигар даймоҳи қаҳратун мемонад дури дур, чун чашмасорон аз зери пардаи булӯрини ях бо навои зиндагибахшу рӯҳнавоз овозхонӣ ва мурғакон аз шоҳсорон нағмасароиву парафшонӣ, дилбарон мафтун аз номаҳои пинҳонӣ, ошиқон саври саманду даъвои қаҳрамонӣ, тифлакон аз бозиҳову набардҳои кӯчак мафтуни шодмонӣ хоҳанд кард. Ҳанӯз ба расму одати

ниёгон буд, ки модарон оташ зери дег монда, суманак мепазанду дару девори хонаро ранг бизананд. Як села бачагон пайки баҳор биёранду дар тоқиҳои онон гулҳои навзӣ шукуфта бошад, мисле ки аз пироҳани хоҳарон нусхабардорӣ карданд. Наврӯз, алҳақ, ҷашни хуршеду осмон, борону тиру камон, гулу булбул билохира, ҷашни замину замон аст. Ҳамин гуна наврӯз ҷашни таърихӣ миллӣ мазҳабии мо тоҷикон аст, ки зери ҳар як тасмим асрору фалсафаҳои зиёда нуҳуфта, ки содатарини он пирӯзишу бахшиш байни инсонҳост.

Мардуми мо ҳам ба шарофати истиқлолияту озодӣ 21-22 март иди Наврӯзро бо тантана ҷашн мегиранд.Таҷлили ин ҷашни қадимаи аҷдодиамон танҳо ҳангоми ба муносибати фаро расидани баҳору соли нави шарқӣ набуда, балки як навъ шукронаи ба чунин рӯз расидан баъди фасли хазону зимистон аст. Гузаштагони мо дар арафаи Наврӯз бо мақсади дастгирии камбағалон, сер кардани гуруснагон кӯмак ба ятимону шод кардани арвоҳи гузаштагони худ се рӯзи чаҳоршанбе бо номи “деги дарвешон” маърака ороста худоӣ мекарданд.Ҳар кас мувофиқи қудраташ чизе медод.Баъди таом ба арвоҳи гузаштагон дуою фотиҳа мебахшиданд.Соҳибхоназанҳо ба деворҳои хонаашон сафедӣ мемолиданд. Кӯрпаю палосҳоро шуста, тоза мекарданд. Ҷангиҳо оштӣ мешуданд. Ба айёдати беморону ба дидорбинии дӯстон мерафтанд. Бачаҳоро бо шириниҳо шод мегардониданд. Либосҳои нав пӯшида, орзуи бахту саодат мекарданд. Бо умедҳои нек ба замин дона мепошиданд. Дар чорабиниҳои фароғатии Наврӯзӣ дастурхон бо ҳафт син: сипанд, санҷид, себ, сир, суманак, сабзӣ, сирко ва ҳафт шин: шир, шакар, шамъ, шароб, шиннӣ, шавла, шоҳдона оро дода мешавад. Ин суннати аҷдодӣ то замони мо расидааст.

Ба ин тариқ, Наврӯз аз оинҳои куҳанбунёди он ҳамагӣ асотир ва армону фарҳанг ва таъриху адаби ҳазорсолаи мардуми форсу тоҷикро якҷо дар худ фароҳам овардааст ва соле як бор онро дар пайванду паймони розомези фарҳангиашон ба сароғози сароғозҳо ва сарчашмаи сарчашмаҳо мебарад то тану ҷон дар оби поки ва рости бишӯянд ва паймони нав кунанд, ки ҳамвора некандеш, некгуфгор ва неккирдору навхоҳу, навҷу,навгардон бимонанд

Хулоса, Наврӯз ҷашни ниёгони мардуми тоҷик буда, дар ҳамаи давру замон ботантана ва бо шукӯҳи хоса қайд карда мешавад.Вазифаи ҳар яки мо аз он иборат аст, ки урфу одати гузаштагони худро ҳурмату эҳтиром намуда,онҳоро омӯзем то ки насли ояндаи мо аз онҳо бохабар бошад.Агар мо гузаштаи худро надонем,имрӯзаро низ дуруст омӯхта наметавонем.

**АДАБИЁТ**

1.Умари Хайём. Наврӯзнома. – Душанбе, «Адиб», 2012, 352 саҳ.
2.Ҳафтаномаи наврӯзӣ (ривоёти мухтасар). – Душанбе, «Адиб», 2011, 20 с.
3.Усмон Назир. Наврӯзи ҷаҳон. – Душанбе, «Адиб», 2012, 64 саҳ.
4.Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам.Душанбе: Ирфон, 1984. 208 с.

Аннотатсия

Дар мақола сухан оид ба тавсифи умумии ҷашни Наврӯз, аҳамияти таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз, пайдоиш ва суннатҳои неки ниёгон меравад. Эҳёи Наврӯз дар ҷомеаи муосир яке аз омилҳои худшиносии миллӣ ба шумор меравад.Омӯзишу ҷашну суннатҳои неки ниёгон заминаи муҳим барои бунёди ҷомеаи имрӯза хоҳад буд.

Аннотация

Статья рассматривает Навруз как праздник с богатыми историческими и культурными корнями, включая его иранское происхождение и добрые традиции предков. Акцентируется значение Навруза в национальном самопознании и его роль в возрождении национальной культуры в современном обществе.

***Annotation***

The article examines Navruz as a holiday with rich historical and cultural roots, including its Iranian origin and the noble traditions of ancestors. Emphasis is placed on the significance of Navruz in national self-awareness and its role in the revival of national culture in contemporary society.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳомидҷонова Муқаддас Ҳакимҷоновна**-муаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» -

(рақами иртиботӣ 92-9559119, почтаи электронӣ **muqaddas.homidjonova@mail.ru**

**Вожаҳои калидӣ:** Наврӯз, худшиносӣ, Истиқлолият, фарҳанги миллӣ, ниёгон, эронитабор.

**Ключевые слова:** Навруз, самопознание, Независимость, национальная культура, предки, иранское происхождение.

**Keywords:** Navruz, self-knowledge, Independence, national culture, ancestors, Iranian origin.

## **БАХШИ II.** МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ.

# ОБРАЗОВАНИЕ - НАДЕЖНАЯ ОПОРА ГОСУДАРСТВА

**Рустамова Г.Р. –профессор**

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

С обретением независимости Республика Таджикистан, которая представилась в международных отношениях в качестве независимого субъекта международного права, объявлена, что в своей деятельности как полноправное государство придерживается достижения стабильного мира, дружбу между суверенными государствами. Эти вопросы указаны в Декларации независимости Республики Таджикистан - «Республика Таджикистан как независимый субъект международного права устанавливает

дипломатические, консульские, торговые и другие отношения с иностранными государствами, обменивается с ними полномочными представителями и заключает международные договора». Сегодня государственную независимость Республики Таджикистан официально признали 150 стран мира. Республика Таджикистан с признанием основных документов международных отношений, в том числе Устава Организации Объединенных Наций и других актов строит фундамент своей внутренней и внешней политики, считает высшими ценностями человека и защиту его прав и свобод, независимо от национальной, религиозной, расовой и половой принадлежности.

За годы независимости для укрепления правовой основы и законодательной базы приняты Законы Республики Таджикистан «Об образовании» (27 декабря 1993 года, в новой редакции 17 мая 2004 года). Вслед за этим принят Законы Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образовании» и «О высшем профессиональном и послевузовском образовании», Национальная Концепция образования Республики Таджикистан, Национальная Концепция воспитания, разработаны более 150 законодательных и нормативных актов и положений учебных заведений, которые отвечают требованиям международных нормативно-правовых актов. В целях развития национальной образовательной системы Правительством Республики Таджикистан принят ряд национальных нормативно-правовых документов, обеспечивающих защиту национальных интересов общества, государства и личности в сфере образования.

Во все периоды жизни таджикского народа образование считалось надежной опорой государства. Поэтому сегодня система образования независимого Таджикистана видит свою задачу в воспитании строителей демократического и правового государства. Серьёзное внимание к отрасли образования, постановка и решение имеющихся проблем, на уровне государственной политики имеют огромное политическое, экономическое, социальное и культурно-просветительское значение. Устойчивое экономическое развитие, обеспечение национальной и государственной безопасности это достижение мирового уровня экономики, техники и технологии, науки и культуры, прежде всего, зависят от стабильного развития образования. Национальная Концепция образования Таджикистана одной из важных задач государства и общества считает создание современной базы образования на основе национальных и общечеловеческих ценностей, включение Таджикистана в единое международное образовательное пространство и установление устойчивой связи процесса национального образования с культурой и мировой цивилизацией.

В ежегодных Посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан и при встречах с представителями интеллигенции страны Президент страны определяет систему образования важной задачей дня. За годы независимости проделана большая работа по развитию сферы образования. Независимость положительно повлияла на содержание общего, начального, среднего и

высшего образования. Расширился наименование специальностей, специализаций и квалификаций в вузах, организованы государством новые типы образовательных учреждений: лицеи, гимназии, колледжи, консерватория и т.д. Правительство республики обеспечивает эффективную работу сферы образовательной деятельности. На обучение и воспитание подрастающего поколения из средств бюджета каждый год прибавляется к заработанной плате преподавателей, стипендии студентов и учащихся. Правительство направило все свои усилия и возможности на постепенное улучшение условий обучения, воспитания и развитие отрасли образования. Ведь в руках сегодняшних учащихся и студентов, по словам Президента Таджикистана Эмомали Рахмона, будущее нации и государства, они призваны быть строителями благополучной и спокойной жизни страны, то есть продолжателями наших дел.

Современные информационные и коммуникационные технологии социально-экономического развития требуют поиска новых подходов к управлению сферой человеческого общения, в котором важная роль принадлежит языку. В связи с этим другим важным направлением развития образования в приоритетной сфере её реализации является языковая политика в образовательной деятельности. Особенность развития образования в условиях суверенизации таджикского общества заключалась в успешной реализации государственного языка в образовательных учреждениях республики. Развитие таджикского языка как государственного и русского языка как языка межнационального общения является одним из приоритетных направлений политики Правительства Республики Таджикистан, что закреплено Конституцией страны и Законом о государственном языке. В соответствии с Указом Президента, Лидера нации Эмомали Рахмона от 4 апреля 2003 года «О совершенствовании преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан», Правительство республики 2 декабря 2003 года приняло «Государственную Программу о совершенствовании преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2004-2014 годы», которая определяет языковую политику государства на ближайшую и долговременную перспективу. Подготовка специалистов русского и английского языков осуществляется в Таджикском государственном институте языков имени С. Улугзода непосредственно занимающимся подготовкой специалистов по русскому и английскому языкам, имеются факультеты русского языка и литературы, английского языка при Таджикском государственном педагогическом университете имени С. Айни, Таджикском национальном университете, Российско-Таджикском (славянском) университете, Худжандском государственном университете, Кулябском государственном университете имени А. Рудаки, Бохтарском государственном университете Носира Хусрава, Хорогском государственном университете имени М. Назаршоева.

В средних специальных учебных заведениях (педагогических колледжах и училищах) осуществляется подготовка специалистов по

русскому и английскому языкам для начальных общеобразовательных школ республики. В республике функционируют центры по интенсивному изучению русского и английского языков, организованные национальными кадрами при поддержке международных организаций.

Согласно Постановлению Правительства Республики Таджикистан от 4.05.1996 г. №194 «О совершенствовании структуры системы образования Республики Таджикистан» при изучении русского и английского языков классы (V-XI) делятся на подгруппы.

Стало традицией проведение ежегодных Олимпиад среди учащихся общеобразовательных школ и студентов высших профессиональных школ республики по русскому и английскому языкам и других предметов. С целью внедрения современных технологий в процесс обучения приняты государственные программы — «Компьютеризация основного и среднего общего образования Республики Таджикистан» и Совершенствование преподавания и изучения русского и английского языков на 2004-2014 годы». В «Государственной Программе о совершенствовании преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2004-2014 годы» конкретно определены цели, задачи Программы и ожидаемые результаты, разработана система мероприятий по реализации Программы.

В соответствии с Конституцией Правительство Республики Таджикистан Постановлением от 3 мая 2002 года № 200 утвердило Национальную Концепцию образования Республики Таджикистан. В ней впервые определена государственная политика в области образования в Республике Таджикистан на ближайшее время и в перспективе, раскрыты цели и задачи, содержание, структура образования, механизм осуществления Национальной Концепции образования.

Наряду с государственными учреждениями расширяется сеть и негосударственных образовательных учреждений на платной основе. Согласно Закону Республики Таджикистан «Об образовании» размеры стоимости обучения определяются образовательными учреждениями, Министерством образования Республики Таджикистан и соответствующими ведомствами.

Национальная Концепция образования является актуальным документом, определяющим политику государства в области образования, стратегии и тактики государства в развитии системы образования в новых экономических условиях. В Концепции определены цели и задачи развития системы образования Республики Таджикистан. В ней особое место занимает изучение родного языка, русского, английского и других языков. В учебных планах образовательных учреждений увеличено количество часов по изучению языков. Параллельно с таджикским языком введен курс изучения персидского языка, что позволит ознакомиться с классической литературой и историческим наследием таджикского народа. Основное образование (I- IX классы) в республике объявлено обязательным, и оно осуществляется за счет государственного бюджета. Образование является важным фактором развития общества, одним из средств его стабильного социально-

экономического и культурного развития. Именно поэтому образование является фундаментом государства, способом возрождения материальной и духовной культуры общества.

Национальная Концепция образования считает создание современной базы образования на основе национальных и общечеловеческих ценностей одной из важных задач государства и общества, также включение Таджикистана в единое международное образовательное пространство и устойчивую связь национального образования с мировой культурой и цивилизацией. Образование способствует экономическому, социальному и политическому развитию общества. Инвестиции в развитие образование и частные капиталовложения будут способствовать увеличению производительности во всех сферах экономики.

В статье 41 Конституции Республики Таджикистан записано: «Каждый имеет право на образование. Общее основное образование обязательно. Государство гарантирует общее основное обязательное бесплатное образование в государственных учебных заведениях. Каждый в рамках, определённых законом, может получить бесплатное общее среднее, начальное профессиональное, среднее и высшее профессиональное образование в государственных учебных заведениях». Эти конституционные права граждан закреплены в Законе Республики Таджикистан «Об образовании», принятом Маджлиси Оли Республики Таджикистан (в новой редакции) 17 мая 2004 года, Национальной Концепции образования, нормативно-правовых актах. В них определены задачи системы образования суверенного, демократического, правового и светского государства. Подчеркивая приоритет образования в условиях перехода к рыночной экономике, правительство республики ставит перед этой отраслью задачу направление обучение и воспитание на защиту интересов личности, общества и государства, на получение качественного образования.

С целью стимулирования повышения качества учебно-воспитательного процесса и профессиональных навыков работников управлений и отделов образования, общеобразовательных школ и учреждений дошкольного и дополнительного образования проводится аттестация работников системы образования республики. В процессе подготовки к Аттестации руководители учебных заведений, начальники и заведующие отделами образования всесторонне изучают работу своих подчинённых и представляют аттестационной комиссии объективный материал на каждого аттестуемого.

Важное влияние на сферу образования оказало празднование знаменательных дат выдающихся личностей таджикского народа, поэтов, писателей, ученых, деятелей культуры, которые на протяжении своей долгой жизни сохранили славные традиции, сладкозвучие родного языка, величайшие творения своих мыслителей в области литературы, культуры и искусства и донесли свою древнюю цивилизацию до наших дней. Память выдающихся ученых, мыслителей и представителей наций, которые своими произведениями на основе убедительных доказательств и неопровержимых научных документов обрекали на неудачу планы недоброжелателей и

защищали историю. Сохраняя культуру и чистоту таджикского языка, они явились ярким примером воспитания будущего поколения в духе уважения к культурным традициям, национального единства и формирования у них национального самосознания.

В свою очередь, следует отметить, что внедрение современных научно-технических достижений и технологий, иными словами дальнейшее развитие страны, налаживание всесторонних связей с развитыми государствами, то есть с цивилизованным миром, невозможно без знания иностранных языков, прежде всего - русского и английского. Особенно важным является русский язык - язык межнационального общения, на котором общаются более трёхсот миллионов населения республик бывшего Советского Союза. В самом сложном положении русский язык оказался на постсоветском пространстве. С одной стороны, по исторической инерции он до сих пор играет там роль языка межнационального общения. Русским языком в ряде стран СНГ продолжают пользоваться в деловых кругах, финансовой и банковской системах, в некоторых госструктурах. Большинство населения этих стран (около 70%) еще достаточно свободно им владеет. С другой стороны, ситуация через поколение может резко измениться, поскольку идет процесс разрушения русскоязычного пространства, последствия которого начинают ощущаться уже сегодня. Владение русским языком учащимися, особенно на селе, желает лучшего. Ощущается проблема нехватка кадров - учителей русского и английского языков.

Анализируя ситуацию, сложившуюся в сфере образования, после полного обеспечения политической стабильности (с 2000 года) Правительство республики занялось решением проблем образования и систематически прилагает усилия к улучшению и реализации его условий и возможностей. В условиях независимости республики шире расширяются функции образования. Они включают в себя факторы обеспечения социальной стабильности и национального единства, востребованности культуры предков, сохранения и умножения нравственного, физического и психологического здоровья подрастающего поколения, воспитания творческой ориентации и ответственного отношения к личности подрастающего поколения.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Алифбеков З. Образование в Республике Таджикистан.-Душанбе: НПЦОГРТ, 2002.-60 с.

2. Алифбеков З. Образование в Республике Таджикистан: Монография. -Душанбе: Субхи Дониш, 2004. 460 с.

3. Базарова С.Ш. Теоретические основы становления и развития высшего педагогического образования в Таджикистане. - Душанбе, 2006. 326 с.

4. Закон Республики Таджикистан "О начальном профессиональном образовании". № 810, 5 марта 2003.

5. Закон Республики Таджикистан "О высшем и послевузовском профессиональном образовании". № 902, 30 июня 2003. Душанбе, 2003. -104с.

6. Закон Республики Таджикистан "Об образовании". Душанбе: Шарки озод, 2004.-91 с.

**Сведения об авторе:** Рустамова Г.Р. – д.ф.н., профессор кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

# СОЛОРИ МАОРИФПАРВАРОН ВА ОҒОЗИ БЕДОРИВУ ХУДШИНОСИИ ЗИЁИЁН БАРОИ ҲАЁТИ НАВ

**Ҳотамов Н.Б.-профессор**
**Ҳайдаров А.А.-н.и.п., дотсент**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Tel: 919.99.75.27
E-mail: avsamad@bk.ru

Аҳмад Махдуми Дониш (1826-1897) дар шароити асримиёнагии тираи амирии Бухоро ба дунё омада, ба воя расидааст. Аммо дар чунин муҳити тираи Бухоро, Аҳмади Дониш бо ақидаҳои маорифпарваронаи худ, чун машъали фурӯзон, барои бедории як гурӯҳи зиёиён барои ҳаёти нав, оғоз бахшид. Зеро, бо гуфтаи устод Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш дар «… уфуқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон …» мегардад, ба ҳисоб мерафт.[27] Дар ҳақиқат ҳам дар замони зиндагии Аҳмади Дониш, махсусан баъди забти сарзамини Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ, дар ин сарзамин дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадаанд. Аммо дар ҳаёти ҷамъиятии аморати Бухоро, маҳз бо кумаку дастгирии руҳониёни дини ислом, ҳаёти тираи асримиёнагӣ, бе ягон ислоҳоту тағйирот нигоҳ дошта мешуд.

Чуноне маълум аст, баъди он ки Осиёи Миёна ба доираи империяи Русияи подшоҳӣ дохил шуд, мустақилияти давлатҳои Осиёи Миёна – аморати Бухоро ва хонигариҳои Қӯқанду Хева аз байн рафт; хонигарии Қӯқанд тамоман барҳам дода шуд; дар ҳудуди кишвари Туркистон, ки бевосита ба доираи идоракунии ҳукумати подшоҳӣ гузашта буд, дар идоракунии ин кишвар нуфузи руҳониёни дини ислом аз байн рафт; сохтани роҳи оҳан; ба вуҷуд омадани корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои бонкӣ; авҷ гирифтани фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии русиягӣ дар тамоми ҳудуди Осиёи Миёна; ба вуҷуд омадани рӯзномаҳо, мактабҳои русии маҳаллӣ, китобхонаҳо, дорухонаҳо, табобатхонаҳо ва ғайраҳо он дигаргуниҳое буданд, ки ба бошандагони ин сарзамин бе таъсир намонданд. Махсусан зиёиён, ки асосан аз ҷумлаи муллою мударрисҳо буданд, ин дигаргуниҳоро ба тарзи гуногун қабул карданд.

Дар натиҷаи ин ҳама тағйиротҳо, аллакай дар нимаи дуюми асри XIX дар доираи зиёиёни Осиёи Миёна тақсимшавӣ ба гурӯҳҳо ба амал омада буд. Як гурӯҳи зиёиён (асосан дар кишвари Туркистон) ба воқеияти ба амал омада, муваққатан ҳам бошад, муросо намуда, интизори барқароршавии тартиботи аввала (чӣ мақоми динӣ ва чӣ мулкҳои вақфӣ) буданд. Қисми дуюми зиёиён ин ҳама дигургуниҳоро амри воқеӣ ва баргаштан ба тартиботи пештараро ғайри имкон ҳисобида, сарзамини Осиёи Миёнаро тарк намуда, ба хоки мамлакатҳои ҳамсоя: Афғонистон, Эрон, Туркия ва давлатҳои гуногуни араб кӯч карданд. Қисми сеюми зиёиён – воқеаҳои содиршудаи даврро аз ҳар

[27] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. -Душанбе, 1987. -С. 20.

ҷиҳат омӯхта, сабабҳои онро ба хубӣ фаҳмида, оиди оқибатҳои он барои худ хулосаҳои зарурӣ бароварда, баҳри наҷоти халқи худ, ватани худ ва урфу одати мардуми он мекӯшиданд. Онҳо ба хубӣ эҳсос намуданд, ки дар ҳақиқат ҳам мардуми диёрашон хело қашшоқанд, мулкашон нисбат ба мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон хеле қафомонда аст. Тарафдорони ин гурӯҳ сабабҳои асосии ҳамагуна бадбахтиҳои мардум ва қафомондагии кишварро пеш аз ҳама дар бемаърифатии чӣ мардуми оддӣ ва чӣ амалдорони гуногунмақом меҳисобиданд. Аз ни рӯ роҳи халосиро дар маърифатнок намудани мардум медиданд. Бо андешаи онҳо агар мардум маърифатнок бошанд, зулму истибдод аз байн меравад, ҷамъият ҳам инкишоф меёбад. Бинобар ҳамин ҳам тарафдорони ин гурӯҳро «маорифпарварон» меноманд. Пешвои ин гурӯҳ фарзанди барӯманди халқи тоҷик Аҳмади Махдуми Дониш буд.

Аҳмад Махдуми Дониш, мулаққаб ба Аҳмади Калла (1826-1897) дар шаҳри Бухорои Куҳна, дар оилаи Носир ном мулло ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби хусусии духтаронаи модараш гирифта, дар мактаби қориён (ҳофизони Қуръон) низ таҳсил намудааст. Вале мактаби қориёнро зуд тарк намуда, аз 14 – солагӣ таҳсилро дар мадраса идома додааст. Вай дар мадраса ба ғайр аз илмҳои динӣ, бештар мустақилона, дар асоси асарҳои олимони Шарқ, фанҳои табиийёт, риёзиёт, нуҷум, ҳайат, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиётро меомӯзад.

Аҳмади Дониш аз хурдсолӣ хатти зебо ва дар рассомиву наққошӣ истеъдоди фавқулоддае дошт. Ӯ хушнависиро ҳанӯз аз модараш, ки назми форсии тоҷикиро низ нағз медонист, омӯхт. Бо кумаки модараш, ҳанӯз дар хурдсолӣ накши ҳарфи арабиро хело зебо кашида, ниҳоят чун наққоши моҳир ба камол расид. Дар солҳои таҳсил дар мадраса вай ин истеъдоди худро боз ҳам сайқал дод. Баъди хатми мадраса ӯро, бо тавсияи яке аз устодонаш, ба дарбори амир, ба сифати меъмор ва наққош ба кор гирифтанд. Вале аз сабаби набудани корҳои иморатсозию бинокории ҳукуматӣ, Аҳмади Дониш дар дарбор бештар ба корҳои китобати рисолаву девонҳо ва қоғазҳои расмии дарбор машғул буд. Ин ҳама ба ӯ имконият дод, ки аз як тараф ҳунари хаттотӣ ва наққошии худро боз ҳам такмил диҳад, аз тарафи дигар, аз китобхонаи бойи дарбор истифода бурда, мустақилона илмҳои гуногунро боз ҳам чуқуртар омӯзад. Дар натиҷа вай ҳанӯз дар замони ҳукуматдории амир Насрулло (1826-1860) аз ҷумлаи соҳибмаърифатноктарин аҳли дарбор гардида буд.

Августи соли 1857 амир Насрулло ба Петербург ҳайати сафорате фиристода, ба он шахсан Аҳмади Донишро, ба сифати мирзо (котиб), дохил намудааст. Ин сафари аввали Аҳмади Дониш ба Русия буд. Баъди он ӯ боз ду маротибаи дигар ба Русия сафар намуд.

Аҳмади Дониш махсусан дар натиҷаи сафари дуюмаш (солҳои 1869-1870), ҳангоми мулоқотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ худро ҳамчун ходими масъули давлатӣ нишон дода, соҳиби боварии аҳли дарбори ҳукумати подшоҳӣ гардидааст. Амир Музаффархон (1860-1885) чунин

муваффақиятҳои Аҳмади Донишро дар ҳайати сафорат ба эътибор гирифта, баъди баргаштани ӯ ба Бухоро, ба вай унвони фахрии илмии дарборӣ "ӯроқ"-ро дода, яке аз мансабҳои муҳими дарборро пешниҳод намуд. Вале Аҳмади Дониш, бо баҳонаи он, ки гӯё аз иштирокаш дар корҳои идоракунӣ фоидае намешавад, аз мансаби пешниҳодшуда даст кашид, Ӯ зарур шуморид, ки андешаҳои худро оиди тарзи давлатдорӣ ба қалам диҳад.

Тақрибан солҳои 1870-1873 Аҳмади Дониш рисолае таълиф намуд, ки дар он андешаҳояшро оид ба адолат ва тартибу низоми идора намудани давлат ва ҷамъият баён кардааст. Муаллиф дертар ба он номи "Рисола дар назми тамаддун ва таовун"-ро ниҳод. Ин рисола дар асл як барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба ҳисоб меравад.

Аҳмади Дониш дар ин рисола барои идоракунии мамлакат тартиботи вазорат ва маҷлиси машваратӣ (парламент)-ро зарур мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳуқуқи амир, чун ҳокими мутлақ бояд дар асоси қонун (Конститутсия) маҳдуд карда шавад. Ба ғайр аз ин дар рисола оиди сохт ва ҳуқуқи вазоратҳо, тартибот ва мавқеи қувваҳои ҳарбӣ, ҳуқуқ ва мартабаи амир, муносибати давлатдорон бо халқро батафсил баён кардааст.

Инак чанд нуқта аз ин рисолаи Аҳмади Дониш. Дар фасли аввал, ки "Дар фазилати салтанат ва муомилоти салотин ва аҳаққ ва аҳли он" ном дорад, муаллиф таъкид мекунад: "Бидон, ки вилоят доштан кори бузург аст ва халифагии ҳақ таоло кардан аст ва дар ҳама авомиру навоҳӣ иқтидо ба сулуки илоҳӣ намудан ва асл дар вилоятдорӣ ва ҳукумат илму амал аст. Ва султонро ин миқдор илм лобудд аст, ки бидонад, ки вайро дар ин олам барои чӣ овардаанд ва қароргоҳи вай чист? Дунё манзилгоҳи вай аст, на қароргоҳи вай. Ва вай бар сурати мусофирест, ки раҳими модар бидояти манзили вай аст ва лаҳад ниҳояти манзили вай".[28]

Бо андешаи Аҳмади Дониш подшоҳ ҳамон вақт адолатхоҳ шуда метавонад, ки ӯ ба худ даҳ шартро маҳфуз дошта бошад. Шарти аввал, бо андешаи нависанда, "дар ҳар воқеа, ки раоёро пеши ҳоким афтод, подшоҳ худро дар он воқеа аз раоё тасаввур кунад ва дигареро бар худ ҳоким донад. Ва дар он ҳам ҳар ҳукм, ки аз дигаре ба худ раво намедорад, мисли он (яъне онро – Н.Ҳ.) аз худ ба дигаре раво надорад ва агар раво дорад, хиёнат карда бошад".

Ё худ дар шарти ҳафтум мегӯяд: подшоҳи одил "он ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад. Ва яқин донад, ки мансаби аморату ҳукумат олатест, (ки) бад-он саодату некномии дунё ва охират касб метавон кард. Ва ҳам шақовату гирифторӣ ва бадномии абадӣ ҳосил тавон намуд".

[28] Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. – Душанбе, 1989, -С. 117.

Дар шарти нуҳум гуфтааст: "...некбахтарин раиятдорон касест, ки раият бад-ӯ некбахт аст, ва бадбахтарин касе он аст, ки раият бад-ӯ бадбахт аст".[29]

Дар фасли дуюми рисола, ки "Дар муомилаи мулук бо умаро ва сипоҳ ва танқиси уммолу мутасаррифон ва услуби аскардорӣ", ном дорад Аҳмади Дониш зарурияти панҷ шарти дигарро низ пешниҳод кардааст:

"Аввал, подшоҳи одили коҳири зӯр, ки агар подшоҳ золиму заифҳол бувад, ҳамсоягон дар мулки вай тамаъ кунанд ва он шаҳрро поймол гардонанд.

Дувум, уммолу мутасаррифони мутадайин, ки агар уммолу ҳокимон ҷобир бошанд, агарчӣ подшоҳ золим набувад (яъне одил бошад. – Н. Ҳ.), ин шаҳр хароб шавад ва раоё нуфур кунанд ва деҳаҳо вайрон шавад. Ва ҳол он ки зулми уммол дар ҳақиқат, зулми султон аст ва худ бад-он ризо дода.

Сеюм, табиби ҳозиқ, ки агар дар шаҳре табиби донишманд набувад, мардуми бисёр ба аворизи дохилӣ ва хориҷӣ мариз шаванд ва ба ҳалокат расанд (ва даво наёбанд) ҷамъияти том (яъне тамом – Н.Ҳ.) даст надиҳад ва мардум аз (хориҷ) камтар омадшуд кунанд, аз бими беморию марг.

Чаҳорум, мардумони ҷаводу карим, ки ҷиҳати ғурабо манзилу маош мураттаб медоранд, то мусофиронро осоишу ҷамъият бошад, ки агар мардуми шаҳр лоим бошанд, кас аз хориҷ дар ин шаҳр дарнаравад, барои сахтии маош. Ва ин шаҳр гумном бошад (яъне гумном шавад. – Н.Ҳ.), балки хароб гардад.

Панҷум, обҳои ҷорӣ, чун дарёву наҳрҳо ва чашмасорҳо зироатро, ки агар шаҳре чунин набошад ва оби дарёву чашма надорад, он қариб хароб гардад, ки дар он шаҳр киштукор ва фалоҳату зироат сурат набандад. Ва сукунати одамӣ ва мавошӣ дар он мутааззир бошад".[30]

Аҳмади Дониш дар назди амир Музаффархон шарт мегузорад, ки танҳо дар сурати қабул гардидани ин шартҳои ишорашудаи ислоҳот вай метавонад, дар кори идораи давлати амирӣ иштирок намояд. Амир аз чунин пешниҳодоти бебоконаи Аҳмади Дониш дар пояи давлатдории худ хавфе бурда, на танҳо онҳоро қабул накард, балки худи ӯро аз дарбор дур намуда, аввал ба Ғузор, баъд дар Наҳрпай қозӣ таъин намуд. Ин воқеа баъди сафари сеюми Аҳмади Дониш ба Петербург, ки охири соли 1874 ва аввали соли 1875 воқеъ гардида буд, ба амал омад.

Мақсади фиристодани ҳайати нави сафорат, ин расонидани изҳори шукронаи амири Бухоро-Музаффархон ба подшоҳи рус Александри II, ба муносибати ба ихтиёри ҳукумати амирӣ додани заминҳои соҳили рости дарёи Аму, ки баъди аз тарафи қӯшунҳои подшоҳӣ шикаст додани хони Хева, мувофиқи шартномаи Русияю Хева (соли 1873) ба ихтиёри

[29] Ҳамон ҷо. –с.117-129.
[30] Дониш А. "Наводир-ул-вақоеъ". Китоби 2. –с. 130-131.

Русия гузашта буд, ба ҳисоб меравад. Дар ин сафар амалдорони Русия ба Аҳмади Дониш як дурбини ситорашиносӣ медиҳанд ва ӯ пас аз бозгашт ҷиддан ба илми ситорашиносӣ машғул мешавад. Баъди ҳамин сафар вай аз корҳои давлатӣ ва хизмати дарборӣ тамоман дур карда шуд.

Нависанда, тақрибан аз солҳои 1875 ба навиштани шоҳасари худ «Наводир-ул-вақоеъ» шуруъ намуд ва онро дар муддати 15 сол ба итмом расонид. Ӯ соли 1885, танҳо баъди марги амир Музаффархон ва ба тахт нишастани амири ҷавон – Абдулаҳадхон (1885-1910), ба Бухоро баргашт ва бо марҳамати амири нав, муддате китобдори мадрасаи Ҷаъфархоҷаи Бухоро таъин гардид. Ин ҳама ба нависанда имконият дод, ки шоҳасари худро ба итмом расонида, онро дар байни ҳаводорону ҳамфикрони худ паҳн намояд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ», чун шоҳиди замон, иллатҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва беадолатиҳои ҷамъияти феодалии Бухоро, қафомондагии ҳаёти маданӣ, тарзи шахшудамондаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, симои манфури табақаҳои ҳукмрони амирӣ, ки нисбат ба мардум хело бераҳмӣ зоҳир менамуданд, ҷаҳолат ва ғафлатзадагии арбобони динию маъмурии давр ва ғайраҳоро хеле сахт танқид намудааст. Ба ин асар, аз тарафи худи муаллиф рисолаи дар боло ишорашуда – “Рисола дар назми тамаддун ва таовун” ҳамчун яке аз қисмҳо дохил карда шуд.

Уламои расмии Бухоро, амир ва аҳли дарбор пайдоиши «Наводир-ул-вақоеъ»-ро зараровар ҳисобида, муаллифи он – Аҳмади Донишро ба бединӣ, ҳатто ба надонистани асосҳои ислом ва фалсафаи он айбдор намуданд. Чунин муносибати беасоси онҳо, боиси ба вуҷуд омадани асари дигари Аҳмади Дониш – “Меъёр-ут-тадайюн” гардид. Ин асарро нависанда тақрибан соли 1894 ҳамчун ҷавоб ба душманони ғоявии худ навиштааст. Дар ин асар ӯ аҳком ва нуктаҳои муҳими дини исломро аз нуқтаи назари масъалаҳои ҳаёти воқеӣ таҳлил намуда, бо он дар қатори донандаи забардасти илмҳои гуногун буданаш, инчунин дониши комилу васеи худро оиди асосҳои фалсафаи дин бори дигар исбот менамояд.

Бояд иқрор шуд, ки пайдоиши “Наводир-ул-вақоеъ”-ро зиёиёни пешқадами Бухоро бо камоли мамнуният қабул намуданд. Он бо зудӣ китоби рӯимизии онҳо гардида буд. Аз ҳамин сабаб ҳам таъсири ин шоҳасар дар байни зиёиён беҳамтост. Инчунин худи нависанда ҳам аз доираи зиёиёни Бухоро дар канор набуд. Ӯ ҳама вақт як чанд нафар уламо ва талабаҳои боистеъдодро дар атрофи худ ҷамъ намуда, оиди фасодҳои замона ва роҳҳои аз он баромадан, сӯҳбатҳо меорост.

Садриддин Айнӣ соли 1900 шиносоии худаш бо асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ»-ро барояш «инқилоби фикрӣ» номидааст. Ӯ дар ин сол бо дӯсташ Мирзо Абулвоҳиди Мунзим, нусхаи рӯйбаршудаи асарро бо нусхаи асл татбиқ – муқоиса намудаанд. «Ба ин муносибат-мегӯяд Садриддин Айнӣ, - ман китобро аз аввал то охир хонда баромадам ва аз он лаззати зиёд гирифтам ва такрор хондам. Баъд аз ин фаҳмидам, ки чаро Аҳмад-махдумро кофир мегуфтанд. Ӯ дар ин

китоб муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс, беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст.

Ана барои хамин ӯро кофир мегуфтаанд! Баъд аз ин кӣ будани Аҳмад-махдумро шинохтам ва назарам ба муллоҳо ва ба дарсҳои мехондагиам дигар шуд.

Хулоса, дар сояи мутолеаи ин китоб дар фикрам тағйироте пайдо шуд».[31]

Зеро, ин китоб, таъкид мекунад устод Садриддин Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», - «Ин китоб ба мо чунон таъсир кард, ки назари мо ба амир, вазир, ба муллоҳо ва ба зиндагонии онрӯза қариб тамоман дигар шуд».[32]

Ниҳоят Аҳмади Дониш бо ин ҳама амалиётҳои худ, яъне ба воситаи суҳбатҳо, паҳн намудани ақидаҳояш ва инчунин таълифи асарҳои гаронбаҳояш, барои дар шароити Бухоро ба ҳаёти нав бедории як гурӯҳи зиёиён, барои ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани як равия ё худ ҷараёни нав-равияи маорифпарварӣ заминаи асосӣ гузоштааст.

Маорифпарварӣ, ин ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангист, ки зиёиёнро аз ғафлати шахшудамондагии замони кӯҳнаи феодалӣ бедор намуда, онҳоро ба замони нав, замони тантанаи илму амал ва адолат даъват мекард. Тарафдорони ин ҷараён (ё худ равия) маҳз бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти муайяни ҷамъиятиро барҳам задан, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд. Андешаҳои Аҳмади Дониш ҳам пурра ба ҳамин мақсад равон гардида буд. Аз ҳамин сабаб ӯро ҳамчун яке аз саромадани ҷараёни маорифпарварии на танҳо Бухоро, балки Осиёи Миёна ҳисоб мекунанд.

Дар ғояҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш, ҳақиқатан ҳам тамоми ҷиҳатҳои мусбати афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии на танҳо халқи тоҷик, балки инчунин дигар халқҳои Осиёи Миёна, мамлакатҳои ҳамҳудуди Шарқ ва ғайра таҷассум ёфтаанд. Барои ташаккули ин ғояҳо таасуроташ аз сафарҳои Петербург, махсусан нақши муҳиме бозидааст. Зеро, ӯ дар натиҷаи ин сафарҳо бо чашми худ дид, ки ватанаш Бухоро нисбат ба Русия то ба кадом дараҷа аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ хеле қафо мондааст.[33]

Омӯзиши афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш гувоҳӣ медиҳад, ки дар он се нуктаи асосиро махсусан мушоҳида намоем: Аввалан, нависанда ҷиҳати асосии сохти давлатӣ ва ҷамъиятии замонашро сахт танқид кардааст, намояндагони табақаи ҳукумрон ва ҳомиёни ин тартиботи қафомондаи феодалиро мазаммат ва маҳкум намудааст.

[31] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. -С. 23
[32] Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1. – Сталинобод, 1958. -С.51.
[33] Ниг.: Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. –Душанбе, 1964. –с.93

Дуюм, Аҳмади Дониш омӯзиши илмҳои дақиқ ва дунявӣ, аз худ намудани таҷрибаи тараққиёти мамлакатҳои Аврупоро тарғиб ва усули кӯҳнаи таҳсили мадрасаро сахт танқид кардааст. Сеюм, ӯ дар асарҳои худ манфиати оммаи меҳнаткашро самимона ва далерона ҳимоя кардааст. Аз ҳамин сабаб ҳам вай нисбат ба истисморкунандагони халқ, махсусан амалдорони амирӣ бепарда сухан мегӯяд.[34] Минбаъд ҳамин сифатҳо аз тарафи тамоми пайравони Аҳмади Дониш қабул гардиданд ва инкишоф дода шуданд.

Аҳмади Дониш аз барҷастатарин ва фозилтарин шахсони Бухоро ба ҳисоб мерафт. Ӯ пешрафти иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ватани худро мехост. Орзӯ мекард, ки мулкаш обод ва мардуми он хушбахт бошад. Аммо вайро норасоиҳои замона хело азоб медоданд. Нависанда дар ҷустуҷӯи роҳҳои амалӣ гардидани мақсад ва орзӯҳои худ ба шиори подшоҳи маърифатнок рӯ овардааст. Бо ақидаи вай, агар амир ба фоидаи маорифи халқ “бовар кунанда шавад”, гӯё худи ҳамин барои ба тарзи нав сохтани ҳаёти воқеии Бухоро кофист. Вале дар айни замон, чӣ тавре аллакай қайд намудем, Аҳмади Дониш барои таъсис намудани идораҳои машваратӣ, яъне ба монанди парламент ва ба ин восита маҳдуд гардонидани яккаҳукумронии амирӣ баромад мекард. Яъне, нависанда орзуи онро мекард, ки чӣ амир ва чӣ аҳли амалдору машваратчиёни ӯ аз ҷумлаи фозилони давр бошанд. Зеро, дар ҳамон лаҳза аз худи амир сар карда, аксарияти амалдорону машваратчиёнаш аз ҷумлаи ҷоҳилон, муқобилони ҳар гуна ислоҳоту тағйирот дар аморат буданд. Онҳо тарафдори он буданд, ки мардуми Бухороро дар зулмоти асримиёнагӣ, бе ягон тағйирот нигоҳ доранд. Дар чунин вазъият ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш барои бедории афкори ҷамъиятию сиёсии зиёиёни Бухоро як таккони ҷиддие буд.

Аҳмади Дониш чун шахси дурандеш ва аз рушди давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон огоҳ, ки дар баробарӣ инкишофи саноат ва кишоварзии мулкашон, барои ба даст даровардани бозори ҷаҳонӣ мубориза мебурданд, бо онҳо Бухорои амирии қафомондаро муқоиса намуда, таъкид мекунад, ки ҳукумати амирӣ на танҳо нисбати саноат бепарво аст, ҳатто парвои онро надорад, ки қисми бузурги кишоварзони мулкаш, аз камобӣ, ё худ беобӣ азият мекашанд. Ҳол он ки дарёи сероби Аму аз дохили аморат мегузашт. Дар ин бора Аҳмади Дониш дар асари худ «Наводиру-л-вақоеъ» суҳбатеро бо саркори фарангӣ овардааст, ки хело ҷолиби диққат аст. Чунончӣ:

Саркори фарангӣ «…сухан ба харчу дахли Бухоро оварда пурсид, ки мулки Бухоро чӣ миқдор замини обод ва солеҳи заръ дорад? Гуфтам: Шарқан ва ғарбан тақрибан понздаҳ фарсах, шимолан ва ҷанубан ҳашт фарсах. Гуфт: Самарқанд? Гуфтам: Сулсони он. Гуфт: Насаф? Гуфтам: Нисфи он. Гуфт: Аскарияи Бухоро чанд аст? Гуфтам: Дар айёми амн аскарияи дохилӣ се ҳазор, дар авқоти ошӯб аз ҳавошӣ дувоздаҳ ҳазор ва бо замми атрофи баъида бист ҳазор. Гуфт: Мавоҷиби [ин] ҳашам чист?

[34] Ниг.: Ҳодизода Р. Дониш. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 2. –Душанбе, 1980. –с.322.

Гуфтам: Дувоздаҳ ман ғалла. Гуфт: Ғалла аз куҷост? Гуфтам: Аз ушру хироҷ - Гуфт: Агар осмон наборад ва замин надиҳад? Гуфтам: Аз ҷуъл [ва андозе], ки бар раият андозанд. Гуфт: Агар фуқаро гадо шавад? Гуфтам: Аз мусодара ва ярғу, ки [умаро ва] ағниёро афтад. Муфрит бихандид ва гуфт: Дар ин сурат фуқаро ва сипоҳ озурда бошанд ва бенаво, агар душмане қавӣ ҳодис шавад, муҳимми ҳарб ва ҳифзи давлат чӣ навъ муяссар гардад, (ба ҳамин сипоҳу раият рахти об бурда ва аз шоҳу уммол ва муқаррабони ӯ озурда.] Гуфтам: Дар атрофи мо душмане қавӣ нест ва мо бар ҳама ғолибем. Гуфт: Билфарз, агар пайдо шавад? Гуфтам: Бино бар фарз ниҳодан ва ба ваҳм хотир пароканда кардан на равиши хирадмандон аст: фикри имрӯз кун, андешаи фардо - фардо! Гуфт: Аз ҳазм ва эхтиёт тағофул кардан на маслаки ҷаҳондорист ва на ойини фармонгузорӣ, чи ҳудуси воқеа пештар расул ва рисола надорад, ки [пештар] эълом диҳад, ки ман фулон вақт зуҳур хоҳам кард ва дидаҳоро кӯр ва халқро дар гӯр хоҳам намуд, балки ногоҳ ва нохост воқеа афтад:

Бехе нишон, ки давлати ҷовид бар диҳад.

Давлат [ва] салотин вобаста аст ба ободии мулк ва серии фуқаро ва рафоҳияти сипоҳ. Ин муқаддима, ки ту рондӣ, сабаби харобии мазореъ ва гуруснагии фукаро ва раоё ва эҳтиёҷмандии сипоҳ ва муҷиби зулму ситами уммолу ва девон аст. Инчунин давлат дер напояд ва агар пояд, ба авлоду аҳфоди хулафо нарасад ва вафо накунад ва низоми фатҳу ратқи муҳиммоти мулкӣ халале азим ёбад:

[Байт|

Аз раият шаҳе, ки моя рабуд,

Буни девор канду бом андуд.

Ва итлоқи давлат ва салтанат бар чунин мамлакат рост наёяд, балки шоҳи гадоён ва ҳокими ҷамоаи бенавоён бувад.»[35]

Дар давоми он сӯҳбат, саркори фарангӣ оиди Бадахшон пурсида, дар ин бора чунин андешаҳои аҷиби худро баён кардааст. Аз ҷумла саркори фаранги пурсидааст: «Аз Шумо то Бадахшон чӣ миқдор роҳ аст? Гуфтам: Тақрибан ҳаштод фарсах Гуфт: Аз маҳкуми кист? Гуфтам: Ба сари худ аст ва ба мо гоҳе итоати забонӣ дорад. Гуфт: Чаро подшоҳони шумо онро дар ҳайтаи тасарруфи худ дарнамеоваранд? Гуфтам: Он чӣ замин аст, ҳосилаш ғайр аз санг нест... Бихандид ва каф ҳам месуду мегуфт: Шумо турфа мардуми беақлед ва бинои ҳукумат, ки бар зар аст, шумо бар ҳар ниҳодаед. Охир, намедонед, ки мардум зархоранд, на заргузор. Аз ҷое, ки зар бояд талабид, намеҷӯед ва ба ҷое, ки зар бояд дод, металабед. Бадахшон мулкест, ки манзари назари офтоби рахшон аст [ва маъдани ҷавҳари дурахшон]. Ва хазинахонаи султони торуми чаҳорум [аст] ва дар он чаҳор маъдан аст, аз [таъдил ва таьсири чаҳор аркон] тиллову лоҷварду лаълу ёқут. Ба эътиқоди мо, агар касе дар ин замин мутасарриф бошад ва ин маодинро ба даст оварад, давлаташ ба

[35] Ниг.: Дониш А. Наводиру-л-вақоеъ (Мунтахаб). -Душанбе, 2020. С. 142-143.

чаҳор давлат ҳамсарӣ кунад, балки пешӣ гирад. Ва аз мо касон рафта, ҳар яке аз ин маодинро ба назари тадқиқу имъон тафтишу тафаҳҳус намуданд. Хабар оваранд, ки он чи мардуми ӯзбак дар муддатҳои мутамодӣ дар ин конҳо ҷон кандаанд, ҳануз ба сари матлаб нарасида, ба хазафрезаву сангмайда қаноат кардаанд. Ва дар таворихи мо набишта аст, ки дар солифи замон лаъле аз кони Бадахшон ёфтанд - панҷ ваҷаб андар панҷ ваҷаб ва он дар хизонаи волии он ҷо буд. Чиниён вуқуф ёфта, Бадахшонро ба зери сангу кулӯх гирифтанд ва дар шаб баъзе мавозеъро оташ медоданд. Асҳоби адъия ва азоим яке аз эшонро дида, аз он бедодӣ суол намуд, ки матлаб ва мақсади шумо чӣ будааст, ки дар озори ин халқ кушидаед? Гуфт: Подшоҳи мо иморате дорад ва он қитъаи лаълро, [ки дар хазииаи шумост], мехоҳад. Агар шумо хоҳед, ки аз осеби мо эмин гардед, он сангро дар фулон мавзеъ дар қуллаи кӯҳ гузоред, то мо бардорем.»[36]

Чуноне дар боло таъкид намудем, дар “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш масъалаи оила ва оиладорӣ, масъалаи тарбияи фарзанд ва ғайраҳо ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аз ҷумла муттафаккир ба масъалаи мавқеи падару модар дар тақдири фарзанд дахл намуда, таъкид кардааст: “Падару модар мавриди эҳсону шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзанди худ некихоҳанда ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянда, ки агар фосиқ бошанду ба фарзанд некӣ намехоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯро наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд, мавриди он ҳуқуқ, ки дар оёту аҳодис омада, нестанд. Ва ҳол он ки ҳар як аз абавайн муддаъии инанд, ки мо дар ҳама аҳволу афъол, ки аз мо содир мешавад, хайри фарзандро мехоҳем. Пас, ин кирдору гуфторро дар шаръ ва ақлу мурувват андоза бояд кард. Агар мувофиқу мутобиқи офоқу анфус аст ва фарзанд дар он мухолифу муонид, осӣ ва оқ аст. Ва агар ин кирдору гуфтор мухолифи офоқу анфус аст, волидайн осиманд ва дар даъвии худ мубтил. Яъне бояд, ки қавлу феъли абавайн муфзӣ ба хилофи шаръ нашавад ва дар дину мурувҳати фарзанд халал наёрад, то фарзанд барои дарёфти ризои онҳо муртакиби маҳзуроту маҳҷурот нагардад”.[37]

Албатта чунин андешаҳои Аҳмади Дониш, ки дар асар акси худро ёфтааст, хонандаи оиди тақдири ватан бетараф набуда, орзуи ободии он, махсусан инкишофи кишоварзӣ ва фаровонии боигарии он буда, инчунин маърифатнокии мардумро мехост, ба андеша мекашид.

Ниҳоят “бузургтарин хизмати Аҳмади Дониш аз он иборат аст, ки ӯ тавонист дар атрофи худ як гурӯҳ пайравон - маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид кунад”.[38] Як зумра шоирони номии ин давр, ба монанди: Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Исо Махдуми Бухороӣ, Шамсиддин Махдуми Шоҳин, Мирзоҳайити Саҳбо, Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат ва дигарон пайравони Аҳмади Дониш буданд. Эҷодиёти нависанда танҳо бо ҳамин доира маҳдуд нашуд. Минбаъд,

[36] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[37] Ниг.: Ҳамон ҷо. -С. 33-34
[38] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. –с.28.

яъне дар аввали асри XX ҳам он сабабгори бедории гурӯҳи нисбатан боз ҳам зиёди зиёиёну талабагон ва ниҳоят яке аз манбаҳои ташаккулёбии ҳаракати ҷадидия гардид.

Дар охир андешаҳои худро дар бораи мақоми Аҳмади Дониш дар бедории зиёиён барои ҳаёти нав, бо чунин суханони академик Зариф Шарипович Раҷабов ҷамъбаст карданием: «Дар байни мутафакироне, ки дар гузашта ҳаёти хушбахти халқро орзу мекарданд, зиёиёни пешқадами халқҳои Осиёи Миёна ҳам буданд. Аҳмади Дониш яке аз он гуна мутафакирон буд. Агар кас ҳоло қисмати пур аз бахту саодати Тоҷикистони имрӯзаро бинад, албатта, ба назараш мерасад. Ки орзуҳои неки яке аз фарзандони диловари халқи диловар – Аҳмади Дониш иҷро шудаанд.»[39]

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Ҳотамов Намоз Басарович-д.и.т., профессори*** кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
***Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович-*** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**Сведения об авторах**: ***Хотамов Намоз Басарович*** **–д.и.н., профессор** кафедры обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**Хайдаров Абдусамад Алифбекович-**к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
**Information about the authors**: Hotamov Namoz Basarovich- doctor of historical sciences, Professor
Haidarov Abdusamad Alifbekovich- Associate Professor, Head of the Department of Social Science, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

## ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ-ФАЛСАФИИ ОИЛА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

**Ғуломова М.С.**
н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ

Масъалаи оила ва оиладорӣ аз масъалаҳое ба шумор мераванд, ки ба таҳқиқи он мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм машғул шудаанд. Хусусан, андешаҳои файласуфони бузург Афлотун, Арасту, Абуалӣ Ибни Сино ва дигар мутафаккирони тоҷику форс доир ба ин масъала аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ пайдо намуданд.

[39] Ниг.: Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. -С. 282.

Тадқиқотҳои илмии солҳои охир гувоҳи донанд, ки масъалаи оила, оиладорӣ ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он диққати доираи муайяни мутахассисонро ҷалб намудааст.

Омӯзиши илмии оилаи аз нимаи аввали асри XIX, аниқтараш аз замоне, ки китоби таърихчии шведи Иогган Якоб Бахофен таҳти унвони «Ҳуқуқи модарӣ» аз чоп баромад, оғоз гардид. Бахофен адабиётҳои қадимиро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ истифода бурда, оиларо мавриди омузиш қарор дод. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда дарк кард, ки асотирҳои қадима тағйироти таърихии оила ва ҳолати иҷтимоии муносибатҳои байни зану мардро инъикос менамоянд. Мувофиқан ба ин Бахофен муборизаи байни ҳуқуқи аз байнрафтаистодаи модаршоҳӣ ва пайдоиши ҳуқуқи модаршоҳиро ба таври равшан нишон дода дар андешаҳои онвақтаи ҳукмрон, ки гӯё оила тағйирёбанда аст ва ба хости Худо ба вуҷуд меояд, як инқилоб (револютсия)-ро ба вуҷуд овард.

Новобаста аз Бахофен ҳуқуқшинос ва таърихчии англис Джон Фергюнсон Мак-Леннан дар асари «Никоҳи ибтидоӣ» (1865) дар асоси омилҳои этнографи никоҳи барвақтаи Юнон ва олмониҳоро омӯхта, андешаи Баховенро дар бораи аввалин будани хуқуқи модаршоҳи тасдиқ намуд. Пас аз ин олими атрополог ва таърихшиноси англис Люис Морган дар асари «Ҷомеаи ибтидоӣ» (1877) оиларо мавриди омӯзиш қарор дод. Морганро асосгузори илм дар бораи оила меноманд.

Морган Л. сохтори иҷтимоӣ ва ҳаёти оилавии ҳиндуҳои амрикоиро омухта, соҳаи махсуси донишҳои сотсиологӣ - илм дар бораи оиларо ба вуҷуд овард. Дар кори ӯ мавқеи асосиро консепсияи монеизм ишғол менамояд, ки муқобили назарияи нажодпарастӣ баромад менамояд. Дар асари Морган «Ҷомеаи ибтидоӣ» назарияи илмии инкишофи оила коркард шудааст. Таълимоти Морган догма будани назарияи пайдоиши худовандии оиларо собит намуда антропологияи теологии хукмрони он замонро кулан инкишоф намуд. Ӯ аввалин маротиба оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ номида эволютсияи онро аз нигоҳи гурӯҳи то моногомия (яканикоҳӣ) мавриди таҳлил қарор дод. Методе, ки ин донишманд ҳангоми омӯзиши оила мавриди истифода қарор дода аст, методи таърихӣ мебошанд, яъне то оиларо ҳамчун категорияи таърихи дар раванди таърихии он наомӯзем ба моҳияти он сарфаҳм намеравем. Илми муосир таълимоти Морганро оиди пайдоиш ва инкишофи оила дастгирӣ менамояд.

Асосгузори илми сотсиология О.Конт оиларо аз нуқтаи назари статикаи иҷтимоӣ ҳамчун зуҳуроти универсалии умуми инсони дида баромадааст. Дар асари ӯ «Курси фалсафаи позитивӣ» оила ҳамчун унсури асосии ҷамъиятӣ номида шудааст. Бо андешаи О. Конт ҷомеа аз маҷмӯи оилаҳо таркиб ёфтааст. Инсоният бо мурури замон аз оила, қабила, миллат то ба давлат омада расидааст. Оилаи иттифоқест, ки дар асоси алоқамандии ҳиссиёти ва институти пайдо шудааст. «Оила –ин мактаби ҳасти иҷтимоӣ аст, ки ба фард идоранамоӣ, рафтори ҷоиз мутобиқшави ба ҳаёт ва бо дигар одамонро меомӯзонад» [1] -меандешад О. Конт. Вазифаи муҳими оила-интиқоли урфу одат аст, ки маромияти

иҷтимоиро таъмин менамояд. Тавассуси оила гузашти имрӯз ва ояндаи ҷамъият бо ҳам пайваст мегарданд. Оила бояд бо одамон бо насли гузаштаи худ вобаста бошад. Ниҳоят муҳим аст, ки инсон фикр накунад, ки имрӯз таваллуд шуд, зеро пеш аз он занҷири томи ҳаёти гузаштагони ӯ вуҷуд дорад. Оила дар тақсимоти меҳнат ва ҳамгироию ҳамдигарфаҳмии одамон нақши бузургро соҳиб мебошанд. Оила аз низоми қонунҳои иерархӣ асос ёфта, зан бояд ба мард итоат намояд ва мард бояд оиларо таъмин намояд, иборат аст. Конт ҷонибдори моликияти хусусӣ ва ҳуқуқи меросият буд. Моликияти хусусӣ табиати иҷтимоӣ дорад. Оила ҳамчун соҳиби моликияти хусусӣ дар назди ҷомеа барои тақсим намудани он нақши муҳим доранд. Конт оиларо муҳофизатгари моликияти хусусӣ меномад. Оила унсури асосии ҷомеа аст, ки дар асоси намунаи он ҷомеа бунёд меёбад. Оила чун ҷузъи динамикаи иҷтимоӣ пайваста дар тағйироту инкишоф аст. Қонуни фундементалии тартиботи ҷомеа тағйир ва меросияти насл аст. Ҳангоми инкишофи муътадили ҷомеа як насл ба насли дигар сарвати модди ва маънавии ҷамъкардаи худро мерос мегузорад. Ҳар як насли нав нисбати насли гузашта бояд нерӯи бештари сарватҳои моддӣ ва маънавиро доро бошанд пас аз ин инкишофи прогрессивии инкишофи ҷамъият таъмин мегардад. Аз гуфтаҳои болоии О. Конт метавон ба хулосае омад, ки оила ҳамчун интиқолдиҳандаи урфу одат ва анъанаҳо мемонад, ки муҳимтаринаш прогресси ҷамъиятиро таъмин менамояд.

Идеяҳои О. Контро минбаъд Э. Дюркгейм инкишоф дода институти оиларо ҳамчун ҷузъи воқеияти иҷтимоӣ ва тартиботи табиии унверсалӣ дида баромадааст. Оила зуҳуроти устувор ва асосиест, ки бо қонунҳои объективии ҳисии тобеъ аст. Оила-шакли ҳаёти коллективист, шакли ассотсиатсияи фардҳост. Масъалан-ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ дар сотсиологияи Э. Дюркгейм мавқеи марказиро ишғол менамояд. [2] Бе ҳамдигарфаҳми ҷамъият ва институтҳои он устувории худро аз даст медиҳанд. Институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила ба талаботҳои ҷомеа мувофиқ буда мисли табиат устувор аст. Хароб шудани ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ боиси буҳрони низоми иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷа аномияи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки арзишҳои кӯҳна харобшуда, ҳанӯз аниқ нашудааст. Ҳамдигарфаҳми дар натиҷаи аномия аз байн меравад. Гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари иҷтимоӣ, тағйирёбии босуръати ҷомеа дар баробари мушкилоти иқисоди бӯҳрони, ҳуқуқиву ахлоқӣ ва аномияро ба бор меорад. [3]

Тағйироти куллии иҷтимоӣ ногаҳон руй медиҳанд, ки аксарияти аҳолӣ ба таъсири он омода нестанд. Дар зери таъсири ин раванд фардҳои иҷтимоӣ таҷрибаи ҳаётии худро аз даст дода, «муфлисшавии доимӣ» пайваста онҳоро таҳдид менамояд. Энгелс дар асараш «Пайдоиши оила моликияти хусуси ва давлат». [4] тасдиқ мекунад, ки лаҳзаи муайянкунандаи таърих-ин истеҳсолот ва худистеҳсолнамоии ҳаёти маҳсуб мешаванд. Аз як тараф истеҳсоли воситаҳои ҳаёт, мисли хурока, пушока, манзил ва аз тарафи дигар истеҳсоли худи ҳаёт, давоми насл устувории ҷомеа ва мавҷудияти онро таъмин менамояд.

Тартиботи ҷамъияти ҳар як марҳилаи таърихӣ дар ҳар як давлат бо воситаи ин ду навъ: инкишофи меҳнат аз як тараф, инкишофи оила-аз тарафи дигар муайян карда мешаванд. «Оила воситаест, ки дар асоси он давлат пайдо шудааст». Ба андешаи Энгелс асоси моногомияро омилҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад. Талабот моликияти хусусӣ аз болои моликияти ҷамъияти хусусӣ аз болои моликияти ҷамъиятии ибтидоӣ ва ба дасти мардон афтидани моликияти хусусӣ моногомияро-ҳамчун ҳукмрони мард дар оила ва мероси оила аз они фарзанди мард будан табдил дод. Якканикоҳи-ин катакчаҳои ҷамъият аст, ба воситаи он зиддиятҳои низоми иқтисодиро омӯхтан мумкин аст.

Маҳз моногомия дар танзими муносибатҳои шаҳвонии ҷинсҳои муқобил нақши босазо дорад. Дар ҷомеаи сотсиалистӣ меандешад Энгелс - моногамия аз байн нарафта, балки хусусиятҳои нави сотсиологиро қабул менамояд. Бо аз байн рафтани моликияти хусусӣ дар омилҳои моногомия танҳо ҳукмронии мард қатъ гашта баробарҳуқуқии зану мард мустаҳкам мешаванд. Дар оила нақши ҳалкунандаро шароитҳои иҷтимоӣ ва шахсони дигар мебозанд, озодшавии зан аз ҳукмронии мард, баргаштани зан ба истеҳсолоти ҷамъияти аз меҳнати вазнини оилавӣ халос ёфтани зан, пайдоиши шакли ҷамъиятии ҳаёти оилавӣ аз байн рафтани нобаробариҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои асосии моногомияи марҳилаи инкишофи сотсиолистии ҷамъият аст. Никоҳ-шартнома, никоҳ-харид, ки қалин аз байн рафта, никоҳ дар асоси меҳру муҳаббат ва эҳсоси инсонӣ ташкил мешавад.

Шакли нави моногомияии сотсиалистӣ никоҳи ҳатмии ҳаётиро муҳим мешуморад, зеро никоҳ ва талоқ ба амалҳои озоди инсони табдил меёбад. Талоқро марксистон марги ахлоқии оила номидаанд. Аз баски оила бо ҷамъият алоқаманд аст, пас никоҳ низ бояд предмети қонунгузори бошад никоҳро набояд ба таври сунъи фикр карда баровард ё ин, ки барҳам дод. Талоқ зарур аст, ба шарте, ки никоҳ дар оила «мурда» бошад, маҷбуран нигоҳ доштани никоҳ бе ишқу муҳаббати зану мард, ки ба хотири чизе сурат, ҷабр, фиреб ва худазобдиҳӣ аст. Маҳз таълимоти марксистӣ занро бо маънои воқеиаш аз чанголи мард ва урфу одатҳои иҷтимоӣ озод намуда ба мард онро баробар гардонид.

Дар асри XX масъалаҳои оила дар қатори масъалаҳои глобалӣ аҳамият пайдо намуд. Аммо буданд одамоне, ки назарияҳои марксисти-лениниро таъриф менамуданд. Масъалан, Гротский, Бухарин ва Крилсино мурдани оила ва ҳамзистии ҷинси дар ҷомеаи сотсиалисти гуё пешгӯи менамуданд ва менависанд: «Дар ҷомеаи сотсиалистӣ ҳамаи мардону занон дар колхозҳо дар зери як курпа хоб мераванд». [5]

Дар даврони шуравӣ мафҳуми оилаи советӣ хело паҳн гардида буд. Дар натиҷаи инкишофи сотсиализм бояд оилаи типи нави советӣ пайдо мешуд. Оила аз ячекаи ҷамъкунандаи капитал бояд ба ячекаи ташкили ҳаёт ва ҳасти табдил меёфт.

Дар давоми асри XX Тоҷикистон дар буҳрони сохтори ниходӣ қарор дошт, қариб тулии 100 сол низоми сохтори сохти анъанавӣ, минбаъд инқилоби октябр, саноаткунонӣ, колективиз ва модертизатсия, айни замон пайдоиши сохти нави иҷтимоӣ ба низоми иҷтимоии

Тоҷикистон ворид гардид. Низомҳои нави иҷтимоӣ, тағйир ёфтани арзишҳо ва фазои иҷтимоӣ ба муносибатҳои иҷтимоии оила бе таъсир намемонд. Оила ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоӣ ҳамагуна тағйиротҳое, ки дар ҷомеа руй медиҳад дар худ инъикос менамояд. Оила ягона институти иҷтимоӣ аст, ки дар он тавлиди фарзанд ба амал бароварда шуда, равандҳои интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон руй медиҳанд. Дар асоси таҳлилҳои адабиётҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда тамоюлҳои инкишофёбӣ ва тағйири нақшҳои оилаҳои тоҷикро дида мебароем.

Айни замон оилаи тоҷик дар зери таъсири модернизатсияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши иҷтимоияшро аз даст надода инкишоф ёфта истодааст. Тағирёбии нақши оилаҳои тоҷик пеш аз ҳама ба эволютсияи прогрессивии раванди таърих ва дигар омилҳои ногузории объективӣ рӯй медиҳад. Ҳарчанд дар Ғарб институти оила ба бухрони ҷидди (зиёд шудани шумораи одамоне, ки дер оиладор мешаванд ё умуман оила барпо намекунанд, зиёд гаштани шумораи талоқ ва кам гаштани шумораи тавлид ва ғ.), аммо дар ҷомеаи тоҷик оила нақши қабланро аз даст надодааст, бо истисноӣ таъсири пуравҷи равандҳои модернизатсионӣ ва глобализатсионӣ. Имрӯз дар оилаҳои тоҷик низ баъзе тағйироти нақши руй дода истодаанд. Муҳоҷирати меҳнати асосан аз ҳисоби мардҳо мебошад, занҳо дар оила қисми аз нақшҳои онҳоро ба души худ гирифтаанд. Муҳоҷират бо оилаи тоҷик таъсири манфӣ низ расонид. Шумораи оилаҳое, ки дар натиҷаи муҳоҷирати мардҳо ба хориҷ аз ҳам ҷудо мешаванд то рафт меафзоянд. Илова ба ин бисёре аз ҷавонон дар Руссия оиладор шуда дар ватани хеш дер оиладор мешаванд ё умуман оиладор намешаванд. Солҳои ҷанги граждани 1992-1997 дар Тоҷикистон бисёре аз оилаҳои тоҷик зарар дида ҷавонони зиёде ба ҳалокат расиданд ё ба хориҷӣ кишвар фирор карданд.

Қашшоқие, ки пас аз барҳам хурдани собиқ СССР Тоҷикистонро фаро гирифт сатҳи мурриши кӯдаконро зиёд карда саломатии аъзоёни оилаҳоро коста гардонид, саводи кӯдакон поён рафта шумораи качрафторон, ҷинояткорон, нашъамандон ва оворагардонро ба маротиб зиёд гардонид. Дар қишлокҷойҳо нисбат ба шаҳрҳо аз ин бадтар гардид. Бо вуҷуди қашоқӣ ва вазъи бади иқтисодии оилаҳои тоҷик шумораи тавлиди кӯдакон чӣ тавре, ки дар замони шуравӣ буд ҳамон хел зиёд боқӣ монд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки сиёсати «танзими оила» - ро гузаронад, ки дар натиҷа ҷомеа каме ба эътидол омад. Зеро оилаи қишлоқ 6-7 фарзанд таваллуд карда аз уҳдаи тарбия, таълим ва хуронидани онҳо намебароянд.

Дар натиҷа аз ин гуна кӯдакон шахсони саломатиашон бад, саводашон паст, ақлашон кам, маданияташон паст ва ғайра ба воя мерасад. Дар шароити имрӯзаи қашоқии аксарияти аҳолӣ на танҳо оилаҳои серфарзанд, маъюб, балки оилаҳои дорои аъзои қобилияти меҳнатдошта низ ба аҳволи бад ва зиндагии дарднок гирифторанд. Оилаҳое, ки ягон аъзои оилаашон дар Руссия ё хориҷӣ кишвар кор мекунанд пули заруриро барои таъмини оила равон мекунанд вазъи

иқтисодиашонро беҳ намудаанд, аммо на ҳама муҳоҷирони меҳнати дар муҳоҷират корашон барор мегираду мунтаззам оиларо таъмин мекунанд. Ҳатто мардикороне, ки пули андаке, ки аз муҳоҷирати меҳнати меоранд ба пули қарзи оилаашон, ки дар набуданаш гирифта буданд сарф мешавад ва ҳатто ҳангоми баргаштан ба ҷои кори берун аз ватани барои роҳкиропули наёфта қарз менамоянд.

Аз ин ҷо бар меояд, ки ба оилаҳои муосири тоҷик чунин омилҳо таъсири ҷонкоҳ мерасонанд: [6]

1. Сатҳи пасти инфраструктура иҷтимоӣ.
2. Хароб шудани фонди истеъмолии ҷамъиятӣ.
3. Сатҳи пасти даромади аксарияти аҳолӣ.
4. Тиҷорат ва пулаки гаштани низоми тиббӣ ва маориф.
5. Маоши мунтаззами кофи надоштани аксарияти аҳолӣ.
6. Зиёд шудани шумораи бекорӣ.
7. Бӯҳрони иқтисодие, ки торафт авҷ гирифта системаи иҷтимоӣ иқтисодии давлатҳоро фалаҷ гардонда истодааст.

Пас аз гузаштан ба иқтисоди бозоргони, приватизатсия ва марҳилаи гузориш аксарияти аҳоли ба тағйиротҳои кулли омода набуданд. Дар натиҷа аксарияти аҳоли ба ҳоли қашоқи гирифтор шуда, бошиддат боз қашоқтар мегарданд, аммо қисми ками аҳолии мансабдорон ва тоҷирони бобарор ботадриҷ аз ҳисоби набудани рақобати шадид то рафт сарватманду дастнорастар мегарданд. Ақалалияти оилаҳо устовор, бойтар, накуаҳволтар гашта, қисми дигар торафт ба харобшавӣ ва бегонашавӣ гирифтор мегарданд. Он оилаҳое, ки бо шароитҳои тағйирёбандаи сохтории Тоҷикистон мутобиқ шуда тавонистанд, гул-гул шукуфтанд, аммо оилаҳое, ки мутобиқ шуда натавонист ба ҳоли ногувор гирифтор гардиданд. Оилаҳои муосирро сотсиологҳо чунин тасниф менамоянд. [7]

1. Оилаи накуаҳвол-масъалаҳо ва мушкилотҳои хешро бо ёрии беруна ҳал карда метавонад, аммо ин оилаҳо қодир нестанд аз хизматҳои пурарзиш ва маҳсулоти қиммат истифода баранд.

2. Оилаи пешрафта-даромади калон дошта имконият дорад аз ҳамагуна хизматрасонии пурарзиш истифода барад.

3. Оилаҳои бухронӣ- дар ҳолати қашоққии мутлақ гирифтор буда, танҳо зиндагии ҷисмонӣ мекунанд.

4. Оилаи маргионалӣ- бо сабаҳои гуногун ниҳоят қашоқ буда, дар он бемориҳо, оворагардӣ, бекорхуҷагӣ, майхурагӣ авҷ гирифтааст. Ин оила функсияи оддитарини худро сотсиолизатсияи кудаконро ба амал бароварда наметавонад. Ин гуна оила ниҳоят даромади паст дошта, ҳамаи пули ночизи худро бо истеъмоли нушокиҳои спиртӣ, нашъа ва ғайра сарф мекунад. Кӯдакони ин гуна оилаҳо ҳатто мактаб нарафта, рӯзи дароз ба оворагӣ, майдадуздӣ ва рафторҳои ноҷоиз машғуланд.

Қашшоқӣ – ин мафҳуми абстрактӣ нест. Ин мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодист, ки пеш аз ҳама ба оила таъсири шадид мерасонад. Дар оилаҳои қашшоқ фарзандони зиёд низ тавлид мешаванд, ки аҳволи бе ин ҳам бади оиларо боз бадтар мегардонад. Оилаҳое, ки қаблан накуаҳвол буданд аз сабаби буҳрони молиявии ҷаҳони бекор

монда истода ё аз хориҷи кишвар аз сабаби набудани кор дигар пул фиристода натавониста истодаанд. Дар натиҷа онҳо ба ҳоли қашоққии пештара гирифтор мегарданд.

Дараҷаи ҳолати оилаҳоро индикатори «сабади истеъмолӣ» муайян менамояд. «Сабади истеъмолӣ» - аз истеъмоли ҳар як шахс (неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ) бармеояд. Сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ- демографӣ истифода мешавад. «Бо ин методика нушокиҳои спирти, курпа (бояд 20 сол хизмат кунад), сачоқи ҳамом (бояд 23 сол бардошт намояд) дохил намешавад.» [8] Ҳатто аз рӯи хароҷоти оила ба хурокворӣ аҳволи оиларо муайян намудан мумкин аст. Масъалан, дар Япония ва ШМА барои хурока 10-15% ва хондану табобат 15-18% даромаданашон сарф мекунанд. Дар Русия хароҷот барои хурок 40-48% ва барои хондану табобат 1,6-3% -и даромадашонро сарф мекунанд. Дар Тоҷикистон ичунин таҳқиқот гузаронида шуда аст, ки аксарияти тоҷикон қариб 90-% зиёди даромадашонро ба хурок сарф мекунанд ва барои табобату хондан пулашон намерасад.

Дар «Ошкоркунии» шахсияти ҳамсарон аз афташ сексологҳо ва сексопатологҳо, генетикҳо ва психиатрҳо, неврологҳою физиологҳо; мутахассисони фаннҳои ҷамъиятӣ: психологҳо, иқтисодчиён, демографҳо, сотсиологҳо, этикҳо (ахлоқшиносҳо) ва эстетикҳо, мутахассисони юриспруденсия (ҳуқуқшиносӣ): ҳуқуқшинос, криминалистҳо; мутахассисони ЭВМ: программистҳо, аналитикҳо ва систематикҳо бояд иштирок намоянд. Агар дар масъалаи ошкор намудани ба ном «дараҷаи дуруғӯӣ» бошад (охир одам ба қадри худ кам баҳо медиҳад, ё ки барзиёд баҳо медиҳад), он гоҳ дар ин ҷо, ба фикри мо, бояд графологҳо, дерматоглификҳо), (ошкор намудани коди генетикӣ аз рӯи хатҳои кафи даст), физиогномистҳо, мутахассисон оид ба муайян кардани биоритмҳо ва дигарҳо бояд иштирок намоянд.

Эҳсоси аксарияти одамон пас аз чанд вақт, шиддати аввалаашро гум карда, орому вазнин мешавад, вале ҳамсарони лоиқ бошанд мекушанд, ки ҳамеша якҷоя бошанд. Норозигӣ аз рӯи ягон чизи ҷузъӣ, ба душворӣ ва дилхунукӣ оварда мерасонад. Вале ин душвориҳоро паси сар кардан мумкин аст, агар ҷуфти ба якдигар лоиқ бошад, муҳаббату дилбастагӣ ва хоҳиши оиладорӣ пайдо мешавад. Ғайр аз ин, пеш аз ҷудо шудан ҳамсарон бояд фаромӯш накунанд, ки на танҳо онҳо, балки фарзандҳо ҳам бо яке аз волидон (бештар аз падар) ҷудо мешаванд. Аммо кӯдак ин гуна ҷудошавиро мехоҳад ё не ягон нафари аъзои оила андеша намекунанд. Магар инро ба инобат нагирифтан мумкин аст?

Андешаҳои пурмуҳтавои А.С.Меликсетян барои ташкили хадамоти психологӣ нақши муҳим мебозанд. Хусусан, барои бунёди оилаи нав заминаи хело хуби психологӣ ба шумор мераванд. Чунин андешаҳои пешниҳод кардаи А.С.Меликсетян дар Тоҷикистони имрӯза, акнун фаҳмида шуда истодааст ва барои ташкили он баъзе чорабиниҳо низ дар воситаҳои ахбори омма ба роҳ монда шуда истодааст. Махсусан, баъзеи ин пешниҳодоти олимро дар газетаи «Оила», «Чархи гардун» ва «Муҳаббат ва оила» дидан мумкин аст, ки натиҷаҳои дилхоҳро дода истодаанд. Соли 1986 аз ҷониби психологи рус Галина Разумихина

китобе бо номи «Олами оила» навишта шуд. Дар ин асари илмии худ масъалаҳои гуногуни оилавиро ба муҳокима гузоштааст ва мавқеъҳои илмии худашро дар он низ муайян намудааст.

Галина Разумихина дар бораи санъати муошират ва ҳамдигарфаҳмӣ, хусусиятҳои психологии мард ва зан, дар бораи алифбоӣ оиладорӣ, оид ба масъалаи никоҳу талоқ андешаҳои тозаи психологӣ мегӯяд ва ба эътибор гирифтани онҳо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро доранд.

Галина Разумихина оид ба масъалаи низоъ, пешгирӣ ва бартараф намудани он омӯзишҳо намуда қайд мекунад, ки дар давраҳои аввали ҳаёти оилавӣ ҳамсарони ҷавон бо якчанд минтақаи низоъ рӯ ба рӯ мешаванд.

**Минтақаи якуми низоъро** номувофиқии идеалҳои ҳамсарон ташкил медиҳад. Низоъ дар он вақт ба амал меояд, ки шахси идеалии ё бо шахси реалӣ мувофиқат накунад.

**Минтақаи дуюми низоъро** кӯшиши тобеъ намудани шахси дигар ба худро ташкил медиҳад. Ин маънои онро надорад, ки шахс сарвар шудани аст, ҳокимиятро дар оила ба даст гирифтанист, балки имконият ба фардияти шахсӣ дигар дода намешавад, то ин ки дунёро бо чашми худаш бинад. Чунин тарзи муносибат дар ниҳоят ба низоъҳои оилавӣ оварда мерасонад.

**Минтақаи сеюми низоъро** тобнаоварӣ ба одатҳои шахси дигар ташкил медиҳад. Чунин ҳамсар одатҳои шахсии худашро, аз одатҳои шахсии ҳамсар хубу болотар медонад ва бо ҳамин таъғйир додани одатҳои ҳамсарро талаб мекунад. Ин бевосита ба пайдоиши низоъ замина мегузорад.

Андешаҳои Галина Разумихина оид ба психологияи муҳаббат, рафоқат ва садоқат ҷолибанд ва дар бунёди муҳити солими психологӣ дар оилаҳо татбиқшавандаанд.

Агар ба тадқикотҳои олимони Ватанӣ рӯ оварем, он гоҳ мебинем, ки аксарияти онҳо омӯзишҳои иҷтимоию педагогӣ мебошанд. Як давраҳо дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ китоби Афанасева С., ки ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда буд, таълим дода мешуд ва он «Этика ва психологияи ҳаёти оилави» ном дошт.

Дар китоб роҳҳои бунёди оила, тарзи ташкили ёрии психологӣ бо дарназардошти психологияи мардуми рус навишта шудааст ва он ба шароити кунунии Тоҷикистон ва ба психологияи мардуми кам андар кам мувофиқат мекард.

Солҳои наздик доктори илмҳои педагогӣ Хуррам Раҳимов дар атрофи масъалаҳои оила ва оиладорӣ тадқиқҳо намудааст, барои мактабҳои ҳамагони барномаи таълимӣ тартиб додаст. Тадқиқотҳои Х. Раҳимов аз доираи ақидаҳои педагогӣ берун намебароянд ва ба масъалаҳои психологӣ таваҷҷӯҳи кам дода шудааст.

Аз ин хотир, зарурате пеш омадааст, ки дар Тоҷикистон тадқиқотҳое гузаронида шаванд, ки онҳо ба масъалаҳои маҳз психологии оила ва оиладорӣ бахшида шаванд, то ин ки натиҷаҳояшон дар бунёди оилаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд хизмат карда тавонанд.

Хулоса дар ташаккули оилаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ омил ва шароитҳои психологиро ба инобат гирифтан зарур аст. Мо он вақт ба ин мақсад боз ҳам пештар расида метавонем, ки агар хадамотҳои кормандони иҷтимоӣ ва психологиро дар оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монем

**АДАБИЁТ**


1. Черняк Е.М. –Социология семьи –т., 2007.С.7.
2. Дюркгем Э.– Сомоубийство –М.1998.с.32.
3. Мертон Р.Социалная структура и аномия// Соц. Исслед. – 1992. №4.С.86.
4. Энгелс Э.Происхождение семьи, частной собственности игосударство.М., 1949.
5. Светлов В. Брок и семьи при каннибализме-М., 1939.С.5.
6. Соц. Исслед. 1995 №2. С.32.
7. Мацковский М.С. Российская семья в изменяющемся мире// семья в России. 1995. № 3-4.С.32-33.
8. Резник С.Д., Бобров В.А. Управление семейной Экономикой – М., 2003.С.94.


Аннотатсия

ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ-ФАЛСАФИИ ОИЛА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА


Дар мақолаи мазкур сабабҳои иҷтимоӣ-равонии ба амал омадани низоъҳои оилавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик дида баромада шудааст. Дар асоси таҳлили маводи илмӣ-тадқиқоти оила аз ҷиҳати илмӣ-фалсафӣ таҳлил ва барасси шудааст. Инчунин роҳҳои пешгирии сар задани низоъҳои оилавӣ дида баромада шудааст.


**Калидвожаҳо: оила, "ҷомеаи ибтидоӣ", "никоҳи ибтидоӣ" мактаб, психология, илм, некуаҳволӣ, сатҳи зиндагӣ, "сабади истеъмолӣ", муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ.**


**НАУЧНО-ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА ОБЩЕСТВА**


В данной статье автор рассматривает социально-психологические причины возникновения семейных конфликтов в современном таджикском обществе. На основе научно-исследовательского анализа семья анализируется с научно-философской точки зрения. Также в статье приводятся пути преодоления семейных конфликтов.


**Ключевые слова: семья, "первобытное общества", школа, психология, наука, благосостояние, уровень жизни, "потребительская корзина" любовь, взаимопонимание.**


**SOCIO-PSYCHOLOGICAL PECULIARITIES OF TEENAGERS WITH DEVIANT BEHAVIOR**


In this article, the author examines the socio-psychological causes of family conflicts in modern Tajik society. Based on scientific research analysis, the family is analyzed from a scientific psychological point of vie.


**Key words: family, "primitive societas", school, psychology, science, welfare, standard of living, "shopping basket" love, understanding.** .



**Маълумотнома дар бораи муаллиф: Ғуломова М.С.,** н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ.

# САБАБ ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ КАҶРАФТОРӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

**Ғуломова М.С.**
н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ

Каҷрафторӣ - чунин кирдорест, ки инсон ҳангоми иҷрои он аз доираи меъёрҳое, ки дар ҷаъмият муқарар гардидаан берун мебарояд. Пеш аз оне, ки дар бораи каҷрафторӣ сухан гӯем саравали бояд меъёрҳои иҷтимоиро муайян намоем.

Мафҳуми меъёр дар илмҳои гуногун ҷой дорад, аммо гуфтан бо маврид аст, ки меъёр дар илмҳои гуманитарӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Меъёрҳои ҷаъмиятӣ чунин меъёрҳои таърихан ташакулёфтаи одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ё ташкилотҳои ҷаъмиятро меноманд, ки дар ҷаъмият ҳамчун кирдори дуруст ва зарурӣ пазируфта шудаанд.

Меъёрҳои иҷтимоӣ - талабот, қонун, қоида, амру супоришот ва майлу хоҳишро меноманд, ки ҳамчун нишондод ва дастур нисбати рафтори инсонҳо хизмат намуда дар рафтори чашмдошти «дуруст» ё «сазовор»-и иҷтимоӣ инъикос мегардад.

Вобаста ба шакли зуҳурот чунин навъҳои косташавии рафтор, каҷрафторӣ ё тамоюлҳои манфии устувор дар рафтори ахлоқии наврасон ва навҷавонон фарқ карда мешавад:

- агрессивӣ - (таҳқир,авбошӣ, лату куб ва ғайра);
- ғаразнок (тамаъкорӣ), (дуздӣ, роҳзанӣ, қаллобӣ ва ғайра);
- навъи ғайрифаъол (пассив), ки дар кӯшиши дури ҷустан аз ҳаёти фаъолонаи ҷамъиятӣ, канорагирӣ аз вазифа ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандии худ, набудани хоҳиш дар ҳалли мушкилотҳои шахсӣ ва проблемаҳои иҷтимоӣ ифода меёбад (дурӣ ҷустан аз таълим ва меҳнат, ба дунёи тахайюлотии зери таъсири машрубот ва маводи нашъадор офаридаи хеш фурӯ рафтан, фирор аз хона, оворагардӣ, худкушӣ ва ғ.).

Рафторҳои антисотсиалӣ ё зидди тартиботи ҷамъиятӣ, асотсиалӣ (ғайриахлоқӣ) ё мухолифи меъёрҳои иҷтимоӣ ва аутодеструктивӣ ё худмаҳвнамоии наврасону ҷавонон дар чунин шаклҳо метавонанд зоҳир гарданд:

- рафтори асотсиалӣ - ин канорагирӣ аз иҷро ва риояи меъёрҳои ахлоқии дар ҷамъият қабул шуда мебошад, ки ба беҳбудии муносибатҳои байнишахсӣ таҳдид мекунад, аз ҷумла фирор аз хона, оворагардӣ, дуруғгӯӣ, рафтори агрессивӣ, пайрави аз «маданияти нав»- и бегона ва ғайра.;

- рафтори аутодеструктивӣ (худмаҳвнамоӣ)- ин тамоюли рафтор аз меъёрҳои тиббӣ ва психологие мебошанд, ки ба ягонагӣ ва рушди худи шахсият таҳдид менамояд, аз ҷумла нашъамандӣ, вобастагии компютерӣ, суитсид ва ғайра.;

- рафтори антисотсиалӣ ( зидди тартиботи ҷамъиятӣ) - рафторест,ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф буда, ба тартиботи ҷамъиятӣ ва беҳбудии иҷтимоӣ таҳдид менамояд, аз ҷумла авбошӣ, дуздӣ, роҳзанӣ, зӯроварии ҷисмонӣ ва ғайра.

Омилҳо ва сабабҳои чунин рафтор дар шахс метавонад дар зери таъсири раванди нодурусти иҷтимоишавӣ ва хело бармаҳал азхуд намудани меъёрҳои иҷтимоӣ шакл гиранд. Зоҳиршавии чунин падидаро мумкин аст, ки ҳануз дар сину соли 5-6- солагӣ мушоҳида намуд.

Масъалаи каҷрафтории ҷавонону наврасон хело мубрам ва ҷидди ба шумор меравад. Бинобар ин мо лозим шуморидем, ки ин масъаларо дар алоҳидагӣ таҳлил намоем. Муввофиқи маълумоти СММ 30% ҷавонон ба ягон корҳои ғайри қонуни даст мезананд аз ин шумора танҳо 5% онҳо ҷиноятҳои вазнин содир менамоянд.

Маълум аст, ки равандҳои иқдисодӣ, сиёсӣ ва маънавии замони муосир барои наврасон мушкилиҳои зиёдеро эҷод мекунанд. Нисбат ба инсонҳои миёнасол каҷрафториро бештар дар наврасону ҷавонон мушоҳида кардан мумкин аст. Бинобар он, ки ҷавонон нисбат ба шахсони таҷрибадида заифтаранд, онҳо дар мутобиқшавии равандҳои иҷтимоии замони муосир ва дигаргуниву таъғйиротҳои иҷтимоӣ, танқиси мекашанд. Ҳамин тариқ яке аз ҷомеашиносони рус В. В. Ковалев навъҳои зерини каҷрафтории ҷавононро қайд менамояд[1]:

- Аз таълим ва меҳнат саркашӣ намудан;
- Иштироки мунтазам дар гурӯҳҳои ғайрирасмии хусусияти зидди ҷамъиятӣ дошта;
- Амалҳои таҷовузкорона ва зидди ҷамъиятӣ (ғазаб, ҷангу ҷидол, ғорат ва ё вайрон кардани моликият);
- Амалҳои зиддиқонуни (дузди, фиреб, қалобӣ, таҳқир ва содир кардани дигар ҷиноятҳо);
- Амалҳои зиддиҷамъиятии хусуиятҳои шаҳвонӣ дошта;
- Истеъмоли нушокиҳои спиртӣ;
- Истифодаи маводҳои нашъадор;
- Оворагардӣ;
- Қиморбозӣ ва ғ.;

Хислат ва рафтор инсон дар натиҷаи иҷтимоишавии онҳо дар ҷамъият ба вуҷуд меояд ва вобаста ба муҳит яъне оила, дӯстон, таъсири равандҳои дар ҷомеа ҷой дошта шакли муайянеро мегирад. Дар ин вақт таъсири омилҳои беруна хеле зиёд гашта, муносибати наврас бо волидайн таъғйир меёбад. Наврасон аз рӯйи хусусиятҳои психологии худ ба ҳуқуқвайронкунӣ бештар даст мезананд. Омилҳое, ки ба ин рафтор мусоидат мекунанд – муносибатҳои номуътадил бо оила, бо омӯзгор, мушкилиҳои ҷисмонӣ ва психологӣ, воситаҳои ахбори омма, шароити рӯзгор, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда мебошанд. Ҳар яке аз ин омилҳо метавонанд сабаби асосии амалҳои ғайри қонунии ҷавонон дар ҷомеа гарданд. Дар ин самт сифатҳои шахсӣ низ нақши хеле зиёдро мебозанд.

Аксарияти волидайни наврасон дар низоми сотсиализм ташаккул ёфта, дар раванди тарбиятнамоии фарзандон арзишҳои дар гузашта аз худкардаашонро истифода мебаранд. Ҳаёти имрӯза бошад, аз наврасон тамоман талаботҳои дигари ахлоқӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунанд, ки ба

онҳо имконияти хубтару бештари мутобиқгардиро ба тағйиротҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ба амал омада медиҳад. Дар натиҷа дар низоми тарбия ва ташакули арзишҳои иҷтимоии ҷавонон метавонад тафовутҳо пайдо гардад, ки боиси сарзадани каҷрафторӣ мегардад. Инчунин тадқиқодчиён ба чунин ақидаанд, ки қаҷрафторӣ хоси ҷавонӣ аст. Чӣ қадаре, ки сину соли инсон калонтар бошад, ҳамон қадар услуби рафтораш кӯҳнапарастона мегардад. Сабаби ин хусусиятҳои биологӣ, таъғйиротҳои физиологӣ дар организм ва хусусиятҳои психологии синусолӣ мебошанд.

Ҷомеашиноси дигар Замоновский Е.В. сабаби каҷрафтории ноболиғонро дар норасоиҳои низомҳои ёридиҳанда алоқаманд медонанд, мисли надоштани оила ё волидайн, оилаҳои нопурра, оилаҳои вобаста, оилаҳои каҷрафтор, оилаҳои мақоми пасти иҷтимоӣ дошта, оилаҳое, ки ягон бухронро аз сар гузаронида истодаанд (ҷудошавии волидайн, бӯҳрони молиявӣ, иваз кардани ҷойи зист, марг ва ё бемории ягон нафар аъзои оила), маҳдудгардии робитаҳои иҷтимоӣ ва ғайра. [2] Серил Берт каҷрафторонро ба се – категория ҷудо мекунад, ки асоси ин тақсимотро аломатҳои биологӣ – меросии зерин ташкил мекунад:

- Нуқсонҳои табиӣ;
- Ноқисуақлӣ;
- Беназоратии иҷтимоӣ;

Дар маҷмӯъ мутахассисон як қатор омилҳоеро ҷудо мекунанд, ки боиси ба вуҷуд омадани каҷрафтории наврасон мегарданд.

- Ҷудошавии волидайн, банд будани онҳо бо мушкилоти худ;
- Марги ягон аъзои оила;
- Дар оила таввалудшудани фарзанди нав;
- Каҷрафторӣ аз рӯйи рашк;
- Зӯроварӣ дар оила;
- Маҳдудияти маънавии наврасон;
- Маҳдудгардонии муҳити истироҳатӣ;
- Дилтангӣ, бекорӣ;
- Муоширaт карда натавонистан бо ҳамсолони худ;
- Аз ҷиҳати ҳасосоти суст ташаккул ёфтан;
- Исбот карда натавонистани ҳақ будани худ ва гузаштан ба амалҳои зӯрӣ[3][40].
- Таъсири оилаи носоз;
- Таъсиси тарбияи нодурусти омӯзгорон;
- Сабабҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ;
- Пайгирӣ намудани наврасон ба ҳаргуна мудҳои замонавӣ;
- Таъсири воситаҳои ахбори омма.

Тамоюлҳои рафтор дар наврасон ва навҷавонон метавонанд аз гӯруҳи зерини сабабҳо сарчашма гирад:

а) нуқсонҳои иҷтимоӣ – педагогӣ - вақти холигии кӯдак, бетарбиягӣ, надоштани дониш, маҳорат ва малакаи мусбии зарурӣ, рафори нодуруст, ва ё дар зери таъсири тарбияи нодуруст ба воя расидан дар ӯ рафтори қолабии манфро шакл мегузорад;

б) нороҳатии амиқи равонӣ, ки дар заминаи мушкилоти муносибатҳои байниҳами дар оила, муҳити манфии равонӣ дар он, нокомиҳои паиҳам дар таълим, вайроншавии муносибатҳо бо ҳамсолон дар гурӯҳҳои таълимӣ, муносибати нодуруст аз ҷониби волидон, муаллимон, ҳамсинфон, ҳамсолон ва ғайра ба вуҷуд меоянд;

в) тамоюлҳо, муташанниҷии рафтор дар ҳолати саломатӣ ва инкишофи ҷисмониву равонӣ, буҳронҳои синнусолӣ, ифроти характер ва дигар сабабҳои хусусияти физиологӣ ва психоневрологидошта авҷ мегирад;

г) мавҷуд будани шароити мусоиди ҳаёт ва рушд, зуҳури шууронаи фаъолии берунию ботинӣ, машғул нашудан ба фаъолияти манфиатнок, набудани ҳадафу нақшаҳои мусбии иҷтимоӣ ва шахсии арзишнок таъсири манфӣ мерасонанд;

ғ) беназоратӣ, таъсири манфии муҳити иҳотакарда ва номутобиқатии иҷтимоӣ-психологии дар ин замина инкишоф ёбанда, ивазшавии арзишҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ ба арзишҳои манфии бегонапарастӣ ва ғайра.;

д) мувофиқат накардани имкониятҳои кӯдак ба меъёрҳои синусолии инкишоф, яъне бо ҳамсолон, калонсолон муоширату муносибат барқарор карда натавонистану аз уҳдаи иҷрои фаъолиятҳо набаромадани онҳо ба дилхунукию рӯҳафтодагӣ оварда мерасонанд;

е) маҳдуд будани доираи муошират, меҳру навозиш, дӯстдорӣ, самияту эҳтироми калонсолон ба он вобаста аст, ки атрофиён ба кӯдак аҳамият намедиҳанд, хоҳишу дархостҳояшонро ба ҳисоб намегиранд, қонеъ гардонидани майлу рағбатро дар онҳо манъ мекунанд, ба шахсияту рафтори онҳо ҳеҷ гунна талаботи ахлоқӣ намегузоранд ( дар натиҷа кӯдак худро шахси нодаркор, танҳо, беаҳамият ҳис карда, мехоҳад диққати атрофиёнро бо амалҳои ношоистаи худ ҷалб намояд ва мавҷудияти худро чун «шахсият» намоиш диҳад);

ё) мувофиқат накардани талаботи калонсолон ба имкониятҳои синусолию фардӣ, муносибати фармонфармоёна, истифода бурдан аз ҷазои ҷисмонӣ, эътироф ва эҳтиром накардани шахсияти онҳо, бо алфози қабеҳ дашном додани онҳо аз ҷониби ҳайати оила ва дигар хешону наздикон, доимо эрод гирифтану киноя задан ба ҳар як амалу рафтори кӯдакону наврасон, рӯҳбаланду ҳавасманд накардан барои амалу кирдорҳои нек ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳқиқоти олимон якчанд сабабҳои пайдоиши душвортарбиягӣ ва оворагардии кӯдакон муайян шудаан, ки онҳо метавонанд ба коста гардидани ахлоқу дониши хонандагон ва каҷрафтории онҳо замина гузоранд. Чунин сабабу воқеъияти муносибатҳои бад нисбат ба кӯдакону наврасони душвору мушкилгардида омилҳои пайдоиши нишонаҳои душвортарбиягиро фароҳам меоваранд:

- омилҳои тиббию санитарӣ (бемориҳои хроники волидон, риоя накардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ);

- омилҳои иҷтимоию демографӣ (оилаҳои серфарзанд, оилаҳо бо волидони куҳансол, оилаҳое, ки аз сари нав издивоҷ кардаанд ва кӯдакони воридшуда доранд);

- омилҳои иҷтимоию психологӣ (дар оила мавҷуд будани муносибатҳои ихтилофи ҳамсарон, волидон ва кӯдакон, надонистани афкори педагогӣ аз ҷониби волидон, дараҷаи пасти таълимӣ ва маданияти онҳо);

- омилҳои ҷиноӣ (майпарастӣ, нашъамандӣ, тарзи зиндагии муфтхӯронаи волидон, мавҷудияти аъзоёни дар ҳабсбудаи оила, зӯроварии гуногун);[4][41]

- тарбияи фарзандонро ба ашхоси ғайр вогузор кардан;

- ба вазъи маишӣ ва иҷтимоии фарзандон эътибор надодан;

- ба муҳити носолим шомил гардидани наврасон;

- ба фарогирии дониш таваҷҷӯҳ нафармудани омӯзгорону волидон;

- дар кӯчаву бозор ба муздҷӯи машғул шудан;

-аз беназоратии падару модар бо мақсади ба даст овардани даромади ройгон роҳи дуздиву ғоратгариро пешаи худ сохтан ва амсоли инҳо;

- ятимӣ ва бепарастории кӯдакону наврасони дар итоати нопойдории хешутаборӣ маҳдуд буда;

- дар муҳоҷирати меҳнати қарор дошатани волидон;

- ҷудоии падару модар аз идомаи саъю талоши ворисият байни онҳо барои соҳиб шудан ба фарзандон, таассубу душманӣ, ҷангу хархашаҳо, тақсимоти зану шавҳарӣ ва дигар омилҳои мухолифатомез байни онҳо;

- дар муҳити носолими атроф, оворагардию ҷӯрабозиҳо ва дугонагариҳо қарор доштани фарзандон;

- аз шароити мӯътадили дарсхонӣ дар оила маҳрум будани кӯдакону наврасон;

- зери таъсири хурурӯфот ва рӯҳониёни мутаассибу манфиатҷӯӣ, хаёлоти воҳиманоки дунёбезорӣ ва қиёматпарастӣ маҳдуд будани фарзандон, иштирок ва маърӯза намудани кормандони илму маориф тариқи фош намудани рӯҳониёни мутаассиб дар машваратҳои умумии маҳаллҳо ва маҷлисҳои назди биноҳои истиқоматӣ;

- пешгири намудани сайру гашти духтарони ноболиғ бо либосҳои нимурёну юбкаҳои кӯтоҳбуда, ки ба майлу рағбати танфурӯшӣ ва фоишагӣ доранд;

- набудани таълимгоҳҳо бо мутахассисони равоншинос ва кори иҷтимоӣ;

- дар бисёр мавзеҳои кишвар маҳрум будани хонандагон аз шароити муътадили табобатӣ;

- ба қашшоқию бенавоӣ гирифтор шудани оила бо сабабҳои иҷтимоӣ, маҳдудияти ҳуқуқӣ, ҷинояткории волидон, бесарпанохӣ,

нодорӣ, дигар омилҳои норасии хӯрокҳои серғизо, витаминдор, сафеда ва ғайраҳо;

- аз айёми хурдсолӣ то ба синни наврасӣ шоҳиди нобаробариҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, беадолатиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, моддию маънавӣ будани фарзандон;

- то ҳанӯз дар баъзе минтақаҳо аз сабаби роҳдурӣ аз таҳсил маҳрум мондани фарзандон ва ғайраҳо.

Ба ҳамн тариқ, ҳама намудҳои косташавии ахлоқии кӯдакону наврасон ва каҷрафториҳои онҳо бо мавҷудияти омилҳои дар боло зикр ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад, ки боиси ташвиши ҷомеа мегардад. Чунки падидаҳои номатлубе, ки тули солиёни охир вусъат ёфта, сафиноболиғони ҷинояткорро афзун гардонидаанд, сабабгори асосии ба миён омадани Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» шуданд.[5][42]

Тартиботи муайяншудаи рафтори одамон натиҷаи риояи муқаррароти умумӣ ё меъёрҳо мебошад. Низоми ин нишондодҳоро тартиботи меъёри меноманд, ки ҳифз ва такрористеҳсолнамоии намунаҳои рафтори иҷтимоиро таъмин менамояд. Шарт нест, ки меъёрҳои иҷтимоӣ ҳатман рафтори воқеъиро таҷассум созанд. Ба сифати ин гунна меъёрҳо танҳо рафтори «чашмдошт» баромад менамояду халос. Меъёрҳо қонуну қоидаҳои мавҷударо пешниҳод менамояд, дар раванди иҷтимоишавии фард ва дар асоси интернализатсия аз худ карда шуда, механизимҳои маҳорати иҷтимоиро таъмин мегардонанд. Мувофиқи андешаи Т. Парсонс меъёрҳо асосии тартиботи иҷтимоии институтсиализатсияшудаи ҷамъият фардҳои интернализатшуда мебошанд. Онҳо фаъолона ба рафтори одамон таъсир мерасонанд ва дар ҳолатҳои мухталифи зиндагонӣ майлу тамоюли ӯро муайян мегардонад.[6][43]

Меъёрҳои иҷтимоӣ амсилаҳои абстрактии таъсири тарафайни муайянгаштаро ба худ ҷалб месозанд, дар натиҷа фард имконият пайдо менамоянд, ки амалу рафтори иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоиро пешбини намуда, мувофиқ ба намунаҳои он рафтори хешро ташаккул диҳад. Меъёрҳои иҷтимоӣ маҳз бо ин хусусиятҳои худ ба ченаки рафтори фард ва ҳадди баҳодиҳии ингуна рафтор аз тарафи ҷомеа табдил мeёбанд. Вазифаи амсилаи меъёрҳои иҷтимоиро ба тариқи зайл арзёби намудан мумкин аст: меъёрҳо ва ченакҳо - рафтори фардҳоро роҳбари менамоянд, баҳодиҳӣ - бошад ба ҷомеа тааллуқ дорад.

Аксарияти меъёрҳои иҷтимоӣ чунин хусусият доранд, ки дар шуури иҷтимоӣ ба шакли арзишҳои иҷтимоӣ, намунаҳои мақсаднок ва қолибҳо (намунаҳои рафтор) арзи вуҷуд намуда, ҳамон тавр қабул ва дар рафтор устувор мегарданд.

Хусусияти институтсионалии меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафтори одамон маъно мебахшад. Меъёрҳои иҷтимоӣ нисбатан устувор ва доими буда, агар дар ҳуқуқ мустаҳкам гарданд хислати уҳдадории ҳамагониро

соҳиб мешаванд. Аммо ин хусусиятҳои меъёрҳои иҷтимоӣ ҷойивазнамоии субъектони муносибатҳои иҷтимоиро маҳдуд гардонида, имконият намедиҳанд, ки вобаста ба тағйир ёфтани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо хоҳиши худ ва ихтиёрона ба навоварӣ машғул шаванд ва ба ин шароит хешро мутобиқ гардонанд. Бо тағйир ёфтани шароитҳои иҷтимоӣ вазифаҳои танзимнамоии меъёрҳои иҷтимоии институтсионалӣ самаранокии пешинаи худро аз даст медиҳанд, аз воқеият дур монда, самаранокии меъёрҳои иҷтимоиро коҳиш медиҳанд. Дар ин гуна шароит муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои нави ғайриинститутсионалӣ нисбатан равшантар шароитҳои тағирёфтаро инъикос менамоянд, аммо аз дигар ҷониб ин меъёрҳо дар назорати ҷиддии институтсионалӣ қарор надоранд, хислати ӯҳдадории ҳамогониро соҳиб нестанд, дар қонунҳо низ мустаҳкам нагаштаанд ва онҳо ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятқорӣ роҳ кушода метавонанд. Аксар вақт меъёрҳои нави ғайриинститутсионалӣ ба дисфункцияи иқтисодиёт оварда мерасонанд, ҳол он ки иқтисодиёт ба танзими институтсионалӣ ниёзманд аст ва барои ҳамаи ҷомеа низоми ягонаи ҳамоҳангсоз ҳисобида мешавад. Чунин институтсионализатсияи меъёрҳои нав дар ин гунна шароитҳо бояд ба тағйиротҳои нави шароитҳои объективии инкишофи иқтисодӣ, пеш аз ҳама хусусиятҳои нави аввалиндараҷаи нерӯҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа мувофиқ бошанд. Ҳеҷ имконият надорад, ки меъёрҳои иҷтимоии аз мақсад ва ташкилотҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ озод вуҷуд дошта бошад.

Тамоми меъёрҳои иҷтимоии дар ҷомеаи муосир амалкунанда бо асосҳои зерин ҷудо карда мешаванд: роҳҳои муқарар намудани меъёрҳои иҷтимоӣ; б) воситаҳои ҳифзи онҳо аз вайроншавӣ[7][44].

Чунин намудҳои меъёрҳои иҷтимоиро аз ҳам фарқ менамоянд:

1. Меъёрҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ- қоидаи ба ҳама ҳатмии рафтор буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва эътироф гардида, бо воситаи нерӯҳои водорсозандаи он муҳофизат карда мешаванд.
2. Меъёрҳои ахлоқӣ - қоидаи рафторест, ки мувофиқи тасаввуротҳои ахлоқии одамон оиди некию бади, адолат ва беадолатӣ, қарз, шаъну шараф муқаррар гардида, тавассути афкори омма ва ё эътиқоди ботинии мардум муҳофизат карда мешаванд.
3. Меъёрҳои ташкили-иҷтимоӣ, меъёрҳои динӣ, меъёрҳои анъанавӣ, меъёрҳои расму русум ва ғ.

Ҷудо намудани меъёрҳои иҷтимоӣ натанҳо тавассути муқаррар намудан ва муҳофизати онҳо, балки вобаста ба мазмунашон низ ба амал бароварда мешаванд. Бо назардошти ин нишона меъёрҳои сиёсӣ, техникӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғ., аз ҳам фарқ карда мешаванд. Маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ ва алоқамандии байни онҳоро ҳамзистии инсоният меноманд ва баромадан аз меъёр ва ё каҷрафторӣ мавриди ҷазо қарор мегирад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ ба расман муқаррар карда шуда ва воқеан дар ҷамъият паҳнгардида ҷудо мешаванд.

---

Меъёрҳои расман муқаррар гардида, аз тарафи мақомотҳои қонунгузории давлат ва ё дигар мақомотҳои салоҳиятдор қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешавад. Чунин меъёрҳо дар намуди қонунҳо, санадҳои нормативӣ-ҳуқуқӣ, кодексҳо, низомнома, дастурамал ва ғайраҳо тартиб дода мешаванд. Меъёрҳои дар ҷамъият воқеъан паҳн гардида, ин меъёрҳое мебошанд, ки худ аз худ ва ё бо рафти протсессҳои таърихӣ ё бо таъсири дигар ҳодисаҳои табиию иҷтимоӣ пайдо гардидаанд. Ба чунин меъёрҳо одат, анъана, меъёрҳои ахлоқӣ ва этикет дохил мешаванд.

Маълум аст, ки то ба дараҷаи идеалӣ расидани рафтори одамон ғайри имкон аст, вале он идеал ҳамчун қуллаест, ки барои ба он расидан бояд ҳаракат намуд ва он воситаест, ки бояд онро ба даст овард. Рафтори намунавӣ дар ҷаъмият дар натиҷаи маъмул гаштани ин ё он намуди рафтори одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ё ташкилотҳои ҷаъмиятӣ паҳн гаштаанд. Меъёрҳои касбӣ муносибатҳоеро ба танзим медароранд, ки дар байни ҳамкасбон пойдо мегарданд. [8][45]

Меъёрҳои оморӣ бошад дар ҷаъмият ва гурӯҳҳо худ аз худ бо сабаби таъсири ин ё он ҳолати ҷаъмиятӣ пайдо магарданд, масалан: дар давлатҳои аврупоӣ аз як ё ду фарзанд зиёд таваллуд кардан мумкин нест. Бо гӯзашти замон меъёрҳо чунин хусусиятро мегиранд, ки дар аввал ин ё он муносибатро ба танзим медароварданд, дигар вазифаи худро иҷро карда наметавонанд ва баръакс барои танзим намудани ин муносибатҳо садди роҳ мешаванд. Дар чунин ҳолат танҳо баромадан аз ҳудуди ин меъёрҳо, яъне содир намудани каҷрафторӣ воситаи танзими ин муносибатҳо мегардад.

Дар ҳар ду маврид каҷрафторӣ маънои аз меъёрҳои муаяншудаи ҷомеа, ташкилот, институт ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ берун рафтани рафтору фаъолияти одамонро меноманд, баромадан аз меъёрҳои объективии ҷомеа ба ду самт равона мешавад: манфӣ ва мусбӣ дар ҳама ҷамъиятҳо аз меъёри муқарраршудаи ҷамъият берун баромадани рафтори одамон дида мешаванд.

Яъне ба ҳастии иҷтимоӣ на танҳо тобеъшавӣ (хушомадгӯи), балки каҷрафторӣ низ хос аст, каҷрафтории иҷтимоӣ ба вақт, макон ва доираи шахсон низ алоқаманди дорад, рафтори мушаххаси иҷтимоӣ метавонад барои як маданият ё ҷомеа каҷрафторӣ бошад, меъёри муайяншуда қабул шавад, масъалан ҷонибдорони ҷараёни мазҳабӣ дар даврони Оятулло Ҳумайянӣ мавриди таъқиб қарор гирифта бо ҳазорон баҳонаҳо дар Эрон ба қатл расонида шуд, аммо дар кишварҳои ғарб озодии пурра доштан ё бениқоҳ соҳиби фарзанд шудан дар дини ислом ё олами Ислом гуноҳи азим ҳисобида мешавад, аммо дар Аврупо як амали муътадили иҷтимоӣ қабул шудааст. Каҷрафторӣ дар як шароити муайяни таърихи (дар ин ё он кишвар, минтақа) метавонад ба меъёри ахлоқӣ ва ҳуқуқи табдил ёбад. Мисол ҳангоми таъғир ёфтани сохтори иҷтимоӣ ва тағиротҳои кулли ҷомеа; соли 1919 дар ШМА истифодаи нушокиҳои спирти манъ карда шуд, аммо соли 1933 фурушгоҳҳои

майфуруши аз нав кушода шуд, соли 1933 дар Руссия исқоти ҳамл манъ карда шуд, аммо соли 1955 аз нав ба он иҷозат доданд, дар бисёре аз кишварҳо бисёрникоҳи иҷозат дода шудааст, аммо дар кишварҳои мутараққи ин амалро қонун маҳкум менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонун якканикоҳӣ вуҷуд дорад. Аз баски меъёрҳои иҷтимоӣ консервативӣ мебошад, аз ин рӯ анъанаҳои гузаштаи пешрафтаро бетараф кардан мушкил аст.

Имрӯз дар ҷомеаи тоҷик яке аз навъҳои каҷрафторӣ ин бисёрзани мебошад. Лекин бояд дар назар дошта бошем, ки ин ба каҷрафторӣ ҳамчун ҳодисаи барои ҷомеа манфӣ нигаристан мумкин нест, вагарна ба догмантизм роҳ медиҳем каҷрафторӣ метавонад, характери позитивӣ дошта бошад ва дар инкишофи ҷомеа саҳм гузорад, масалан эҷодиёти иҷтимоӣ, ихтироотҳо бо намудҳои мухталифи зуҳуроташон. Нахустин маротиба шахсе, ки табиати каҷрафториро шарҳ додоаст, ин сотсиолог ва файласйфи барҷастаи фаронса Эмиль Дюркгейм мебошад. Ӯ дар консепсияи худ "Аномия" намудҳои гуногуни каҷрафториро, аз ҷумла худкуширо тавассути тадқикоти сотсиологӣ мавриди муҳокима қарор додааст.[9][46] Роберт Мертон бошад, баръакси Дюркгейм вазифаҳои созандаи каҷрафториро ҷустуҷу намудааст. Ба ин масъала сотсиологҳои дигар О. Конт ва Т. Парсонс низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Каҷрафтории иҷтимоӣ дар ҷойи хушку холи пайдо намешавад, онро омилҳои гуногуни иҷтимоӣ рӯи кор меоваранд. Ҳар чанд каҷрафтории иҷтимоӣ предмети муаяйнкунии иҷтимоӣ аст, аммо бо вуҷуди он омилҳои объективие вуҷуд дорад, ки боиси аз меъёри муқаррагардидаи ҷомеа берун рафтани рафтору фаъолияти шахс мегардад.

1) Ба андешаи яке аз муҳаққиқҳои аввалини масъалаи мазкур Эмиль Дюркгйем сабаби каҷрафтории фардҳои иҷтимоӣ ба меъёрҳои нави ба миёномада мувофиқат накардани арзишу меъёрҳои қабули ҷомеа мебошад, яъне меъёрҳои кӯҳнаи ҷомеа талаботҳои одамонро қонеъ гардонида наметавонад ва меъёрҳои нави иҷтимоӣ бошад, барои одамон бегона мебошад, яъне он меъёрҳоро ҳанӯз онҳо наомӯхтаанд. Ҳеҷ кас намедонад, ки чӣ мумкин аст ва чӣ кор мумкин нест, чӣ адолатнок аст ва чӣ беадолат аст. Ҳар кас хешро ҳақ мешуморад ва барои он мубориза мебарад. Ин воқияти иҷтимоиро Эмиль Дюркгейм «Аномия» меномад.[10][47]

2) Ба андешаи донишманди амрикоӣ Роберт Мертон сабаби асосии ба каҷрафтори рафтани одамон дар нобаробарии иҷтимоии одамон мебошад. Барои ин фикр ӯ чунин далел меорад: одамоне, ки аз табақаи паст мебошанд ва ба корҳои «сиёҳ» машғуланд, қодир нестанд, ки бо василаи амалиётҳои бонкӣ соҳиби боигарӣ шаванд, барои дастовардҳои моддӣ ба воситаҳои ба омма номаъқули иҷтимоӣ даст мезананд, мисли дуздӣ, ғоратгарӣ, одамкушӣ ва ғайра.

Ба ин васила одамон ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ мутобиқ мешаванд Р. Мертон 5-роҳи ба маеъёрҳои иҷтимоӣ адаптатсия шудани одамонро нишон медиҳад.

1. **Конформизм** – мутобиқшавӣ ё қабули меъёрҳои иҷтимоӣ ва василаи риоя кардани онҳо.

2. **Ритуализм (Расмиятпарастӣ)** – берун баромадани рафтори инсон аз меъёрҳои ҷамъиятӣ ва дасткашӣ аз мақсади дар пеш гузошташуда.

3. **Ретритизм (Ақибшинӣ)-** ба меъёрҳои иҷтимоӣ ба назари нек менигарад аз баҳри «ҷойи равғандор» мегузарад.

4. **Исён (бунт, забас**товка) - барои ба даст овардани худ аз воситаҳое истифода мебарад, ки ба меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ мувофиқанд.[11][48]

Ба андешаи Талкот Парсонс сабаби асосии пайдоиши каҷрафтории иҷтимоӣ муофиқат накардани рафтори одамон ба интизории омма ё аз омма ба интизори шахс. Дар натиҷа инсонро шиддати психологӣ фаро мегирад, ки дар ин ҳолат ё инсонҳо бо нобоварӣ рӯ меорад ё ба бегонашавӣ гирифтор мегарданд.

Сотсиологи дигари амрикоӣ А. К. Коэн чунин ақида дошт: низоми иҷтимоӣ чунин сохта шудааст, ки одамон хоҳу нохоҳ ҳангоми содир намудани рафтори муайян ба фишоровари ё роҳи бунбаст гирифтор мегардад.

Дар ин ин ҳолат қисмати зиёди аҳолӣ меъёрҳои эътирофи умум гаштаро поймол намекунанд, зеро танҳо каҷрафторӣ омили асосии бартараф намудани фишорҳои иҷтимоӣ нест. Каҷрафторӣ аз ҳад зиёд шудани ҳолатҳои равонии шахсро ба вуҷуд меоварад. Дар назди инсон ҳангоми ба роҳи бумбаст афтидан ду роҳи дилхоҳ дида мешавад. Канформизм ё каҷрафторӣ, инсон ҳангоми интихоби онҳо озод аст ин пеш аз ҳама ба ҷаҳонбинии қонуногоҳӣ ва меъёрҳои рафтори шахсии худи инсон вобастаги қавӣ дорад.

Барои исботи фикраш А. Коэн чунин мисол меорад: «Шахс метавонад ба шаҳвоният нисбати ҷинс ва иродаи худ ба ин намуди каҷрафторӣ имконият надиҳанд, чунки аз лаззати гемоссексуализм дида фишори он силсилаи умуми вазнинтар аст».[12][49]

Сабаби рафтори девиантӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ қаноатманд нашудани одамон низ шуда метавонад. Қобилияти иҷтимоӣ ба мақоми иҷтимоии ишғолкардаи шахс муофиқат намекунад масалан шахс файласуф аст, аммо дар бозор нишаста савдо мекунад. Дар ин ҳолат шахс ба фишори психологӣ дучор гардида роҳҳои гуногуни ба даст овардани пулро ҷустуҷӯ мекунад. Барои ба дигарон каме монанд шудан роҳи девиантиро пеш мегирад. Сабаби каҷрафтории негативиро олимон таҳқиқ карда тақрибан зиёда аз 200 сабаби онро муайян кардаанд.

Каҷрафториро гуногун тасниф мекунанд, аммо маъмултарини онҳо каҷрафтории мусбӣ (ихтироот, кашфиётҳо, эҷодкориҳо) ва манфӣ

(зуроварӣ, ҷинояткорӣ, фоҳишагӣ, бомжӣ, дуздӣ, нашъамандӣ, бюрократия ва ғайра) мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои гуногуни каҷрафториро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Мақомотҳои қудратии ҶТ роҳҳои гуногуни мубориза ба муқобили каҷрафтории манфӣ (ҷинояткорӣ, фоҳишагӣ, нашъамандӣ ва ғайраро) - ро кор карда баромада истодаанд. Аммо новобаста аз ин ҳануз ҳам дар байни ҷавонони мо навъҳои гуногуни қаҷрафторӣ мушоҳида мегардад.

АДАБИЁТ


1. Ковалёв в. В. Патологические формы девиантного поведения у детей и подросков / В. В. Ковалёв // Тез. докл. 7-го Междун. Симп. дет. психиатров соц. стран. – М.: Всесоюз. Науч. Обш. Невропотологов и психиатров, 1986.
2. Змановская Е. В. Девиантология: Психология отклоняющегося поведения: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / Е.В. Змановская.- М.: Академия, 2003. С. 79.
3. Олиференко Л.Я., Шульга Т. И., Дементьев И.Ф. социально-педагагическая поддержка детей группы риска: М.: академия, 2002. С. 206
4. http//www. Ozodi. Org/ content/ artikl/24619206.html
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон». 2004. С. 5.
6. Парсонс Т. Система современных общество – М, 1998. С.89.
7. Парсонс Т. Система современных общество – М, 1998.С.64.
8. Смирнова Е. Э. Курлова В. Ф. Митюшкина М. Д. Социалная норма и возможности и её измерения соц. исслед. 1999, №1.
9. Дюргейм Э. Норма и патология социология преступности. М, 1966. № 3
10. Э. Дюргейм. Норма и патология социология преступности. М, 1966. № 3 С.95
11. Мертон Р. Merton R. Rosial Tusiopy anol Socitl ctycture cheu coc – 1968. С.53.
12. Коэн А. Отклонящейся поведение и контроль над ним Амер, содсиология М.: 1972. С.40.


## САБАБ ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ КАҶРАФТОРӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН


Дар мақолаи мазкур сабабҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва хусусиятҳои каҷрафтории наврасон дар ҷомеаи муосири тоҷик дида баромада шудааст. Дар асоси таҳлили маводи ВАО ва мақомотҳои корҳои дохилӣ сатҳи каҷрафтории наврасон ва ҷинояткории онҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин роҳҳои пешгирии он дида баромада шудааст.



**Калидвожаҳо:** наврасон, синну соли наврасӣ, базеҳкорӣ, рафтори зиддиҷамъиятӣ, бадхашм, ҷанҷолӣ, рафтори зиддииҷтимоӣ.


## ПРИЧИНА И СЛЕДСТВИЕ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ МОЛОДЁЖИ


В данной статье автор рассматривает социально-психологические причины и особенности девиантного поведения подростков в современном таджикском обществе. На основе анализа материалов СМИ и органов внутренних дел рассматривается уровень подростковой девиации и преступности в республике, а также пути её профилактики.



**Ключевые слова:** подросток, подростковый возраст, девиантное (отклоняющее) поведение, делинквентное поведение, агрессивный, конфликтный, антисоциальное поведение.

## SOCIO-PSYCHOLOGICAL PECULIARITIES OF TEENAGERS WITH DEVIANT BEHAVIOR

In this article, the author examines the social and psychological causes and features of deviant behavior of teenagers in the modern Tajik society . Based on analysis of the media and law-enforcement bodies the materials is considered the level of adolescent deviation and crime in the country , as well as ways of its prevention.

**Key words:** teenager, adolescence, deviant behavior, offender, impulsive, aggressive, emotional, baleful, antisocial behavior.

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ.

# МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Илчибекова М.О.**-н.и.ф. дотсент
**Абдуллоева Л.М.**-ассистент

Донишгоҳи байналмилали сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Сано бодо ба занҳое, ки марданд,
Баёзи зиндагиро байти фарданд.
Ба номардон бидода дарси мардӣ,
Даме ҳусни заниро кам накарданд.

Шумораи занон дар ҷаҳон ҳадди ақал нисфи шумораи умумии аҳолии руйи заминро ташкил медиҳад. Ҳарчанд зан дар ҳар давру замон ва ҳар кишваре корҳои мушкилтарин ва барои ҳаёти ҷомеа муҳимтаринро иҷро мекард, аммо дар тамоми тули таърихи гузаштаи башарият ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нисбат ба мард хеле тангу маҳдуд буд. Танҳо дар замони муосир дар партави инқилобҳои фарҳангӣ ва густариш ғояи озодӣ ва баробарҳуқуқии инсон новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ, ҳаракати феминистӣ сурат гирифт ва зан барои тарвиҷу таҳкими мақому нақшаҳо ва ҳуқуқу озодиҳои фардию иҷтимоии худ, балки расман ва воқеан тасдиқу татбиқ шудани баробарҳуқуқии худ бо мард садо баланд кард ва ба мубориза бархост. Дар пайомади ин равандҳо дар тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳои миллии ҷаҳон дар нигариш ба зан, ба ин қишри иҷтимоӣ дигаргуниҳои куллӣ ва назаррас ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии дидгоҳҳои анъанавию муосир дар бораи нақш ва мақоми иҷтимоии зан барои шинохти амиқи мазмун ва моҳияти ин дидгоҳҳо, ҳамоҳангӣ ё таззоди байни онҳо ва нақши онҳо дар сарнавишти имрӯзаву ояндаи занон хеле мубраму муҳим мебошад.

Агар ба таърихи афкори ҷамъиятӣ назар афканем дар гузашта чунин ақида доштанд, ки мардон аз ҷиҳати зеҳнӣ ва қувва аз занон бартарӣ дошта, фикронии онҳо хеле дақиқу амиқ мебошад. Аммо занҳо,

чун сарчашмаи эҳсосот, ба тафаккури мардон танҳо маънӣ мебахшанду бас. Шояд ҳамин ақидаи назари гузаштагон сарварони қавму қабилаҳо ва давлатҳои қадимро ба андешае овард, ки занҳо ғайр аз тавлиди фарзанд дигар коре карда наметавонанд ва ҷои онҳо сари оташдон, яъне сари дегу табақ аст. Бешубҳа зане, ки дар маҳкамаи рӯзғордорӣ бо заҳмат умр ба сар мебарад ва бо меҳнати каммаҳсул машғул аст, дар арсаи вуҷуд ба коми рӯзғор фурӯ рафта, шинохти қудрату нерӯ ва мақоми аслиаш коҳида, дар равшан дар карда, иҷро намудани вазифаи иҷтимоӣи худ нисбатан каммасъул мегардад. [7. с.89 ]

Аз ин рӯ, бояд тазаккур дод, ки шинохти вазифаи аслӣ ва масъулияти зан дар раванди воридшавии онҳо ба ҳаёти сиёсии ҷомеа имрӯз низ мартабаи баландро дорост. Таҳлили нақши зан дар рушди ҳаёти ҷомеа аз нигоҳи таърих нишон дод, ки тафовути ҷисмонии занону модарон ҳаргиз садди роҳи ташаккули нерӯи ниҳодии зан ва ақлу заковати ӯ шуда наметавонад, илова бар ин, зан ва мард чун ду ҷинси як зот дорои тағйирпазирӣ ва қувваи якхелаи худнигоҳдорию муҳофизкорӣ мебошад, ки дар мавриди зарурӣ бо чандин шаклу намуд худро ошкор месозанд. Онҳо дар иҷрои барномаи мушаххаси ҳаёт, нигаҳдошту муҳофизати насли одамизод дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар иштирок намуда, бардавомӣ ва ҳастии насли башарро таъмин менамоянд

Аслан мафҳуми "сарвар" аз калимаи англисӣ "tolead" маншаъ мегирад ва ё ин ки баранда мебошад. Яъне сарварӣ яке аз воситаҳои якҷоянамоии фаъолияти дастаҷамъоиаи шахс ё ин ки гурӯҳҳои иҷтимоие мебошанд, ки барои ба даст овардани ҳокимият ва ё дигар манфиатҳои умумӣ мубориза мебаранд. [ 3.с.65]. Сарварӣ хосиятҳои гуногунро доро буда, он ба унсурҳои муҳими фаъолияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои этникӣ, ҳизбҳои сиёсӣ хосияти идоранамоиро мебахшад ва муносибатҳои байни онҳоро муттаҳид сохта, ба самти муайян равона мекунад.

Ин падидаи муҳими сохти сиёсӣ дошта, бештари диққати мутафакиронро аз қадимулайём то ба имрӯз ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз дар Юнони қадим Афлотун, Арасту Ҳеродот андешаҳои пурарзиши худро дар ин бобат гуфтаанд. Онҳо ба сифати сарвар қаҳрамонҳо, сарлашкарҳо, подшоҳонеро, ки офарандагони таърниху маданият мебошанд, тасвир намудаанд.

Дар асрҳои миёна гарчанде бештар таълимоти теологӣ арзи ҳасти карда буд низ оиди ин масъала ибрози андеша намудааанд, махсусан дар фалсафаи форсу тоҷик ба масъалаи сарварӣ мароқи махсус зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои пурарзиши "Шоҳнома" - и А. Фирдавсӣ, "Сиёсатномаи" – и Низомулмулк ва инчунин дар "Насиҳатнома" - У. Кайковус андешаҳо дар барои шоҳи одил баён шудааст. Унсурмаолии Кайковус дар "Насиҳатномаи" -и худ сарварии шоҳигариро ба масъалаи ахлоқӣ мепайвандад ва қайд менамояд, ки сарвар бояд бештар ба авҳоли халқи худ диққат диҳад, на ба айшу ишрат дода шавад. Дар баробари ин Низомулмулк низ сарвариро ба

пояи баланд мебарад ва бештар ба вазифаи шоҳ, амалдорони давлатӣ, нақши сафирон диққати махсус зоҳир намуда, фаъолияти мусбати онҳоро ҳамчун пояи идораи давлат ва раиятпарвар нишон медиҳад.

Дар Замони нав низ нисбати ин масъалаи мазкур мутафакирони ин давра  мароқ зоҳир намудаанд. Аз ҷумла А.Адлер сарвариро ба шахсоне мансуб медонист, ки хоҳ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё маънавӣ ноқисӣ доранд. Ба ақидаи дигари мутафакири ин замон Н. Макиавелли сарвар бояд баҳри ба даст овардани мақсадҳояш аз тамоми роҳу воситаҳо истифода намоянд.

Сарвари сиёсӣ ин шахсест, ки қобилияти муттаҳиду  роҳбарӣ намудани пайравони худ дидани пешомади ҳодисаю воқеаҳо ва самтҳои фаъолияти ҳаёти иҷтимоиро дорад. Барои ин сарварро зарур аст, ки ба ташаббускор, зирак, сазоври боварии мардум, сухандон, маданият ва ахлоқӣ баланди сиёсӣ дошта бошад ва  дар ҳалли  масъалаҳои ҷомеа адолати иҷтимоиро риоя намояд ва ғайра. [ 3. с. 66]

Асоси сарвари сиёсиро масълаи ба даст овардани ҳокимият ташкил медиҳад, ки рӯҳшинос Зигменд Фрейд назарияи психоналитики рафтори сарварро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки асоси рафтори сарвариро мағлуб кардани шавқи шаҳвоният ташкил менамояд, ки дар ин асос рағбати ӯ ба фаъолияти сиёсиву маданӣ инкишоф меёбад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки сарварӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ, заминаи иҷтимоӣ ва равонӣ дошта, ҳолати равонии инсонро нисбат ба воқеаҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа инъикос менамояд. Зеро маҳз тинати инсон табиатан фардгаро, соҳибмулк ва шефтаи იродаи ҳокимият аст.

Имрӯз ҷомеа ҷаҳони кушидааст, то мақоми занонро дар масъалаи сарвари ва роҳбарӣ пеш аз беш баланд бардорад. ва мо низ  имрузаи тасмим гирифтем то андозае дар масъалаи сарварӣ ва ё роҳбарии занон дар самти сиёсати давлати таҳлилу бараси намоем. Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани мақоми зан дар самти сиёсати давлати махсусан сарварии занон яке аз масъалаҳои доғи рӯз аст. Ҳарчанде ки дар таърих қариб тамоми муҳаққиқон мақоми занро дар ҷодаи сиёсӣ ва идоранамоӣ рад намуда бошанд ҳам, буд замоне низ буд, ки ҳамчун давраи модаршоҳӣ маъмул аст ва имрӯз  барқарор намудани  мартабаи бузурги занон аҳамияти ҳам назарявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Агар ба таърихи афкори ҷамъиятӣ  назар афканем дар гузашта чунин ақида доштанд, ки мардон аз ҷиҳати зеҳнӣ ва қувва  аз занон бартарӣ дошта, фикронии онҳо хеле дақиқу амиқ мебошад. Аммо занҳо, чун сарчашмаи эҳсосот, ба тафаккури мардон танҳо маънӣ мебахшанду бас. Шояд ҳамин ақидаи назари гузаштагон сарварони қавму қабилаҳо ва давлатҳои қадимро ба андешае овард, ки занҳо  ғайр аз тавлиди фарзанд дигар коре карда наметавонанд ва ҷои онҳо сари оташдон, яъне сари дегу табақ аст. Бешубҳа зане, ки дар маҳкамаи рӯзғордорӣ  бо заҳмат умр ба сар мебарад ва бо меҳнати каммаҳсул машғул аст, дар арсаи вуҷуд ба коми рӯзғор фурӯ рафта, шинохти қудрату нерӯ ва

мақоми аслиаш коҳида, дар равшан дар карда, иҷро намудани вазифаи иҷтимоӣи худ нисбатан каммасъул мегардад. [7. с. 89 ]

Аммо агар амиқтар фикр кунем, тафаккур чун падидаи иҷтимоӣ худ натиҷаи инъикоси муҳит, дарки маънӣ ва андешаронӣ буда, раванди тавлиди фикру маърифта аст. Пас ин васила занон, ки қудрати ҳаётбахш бар насли инсонро доранду тавлидкунӣ яке аз вазифаҳои аслии онҳо мебошад, вале ин маънии онро надорад, ки зан набояд бо дигар корҳои ҷамъиятӣ банд бошад. Чунки таърихи таҷриба нишон медиҳад, ки занҳо чигуна тавонистан ба замми  вазифаи ҷонии худ боз дар мақомотҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ фаъолият намоянд. Аз ҷумла  шуҷоату далелии Хутак Хотун, Фотимаи Хуросонӣ, Рухшонаи Суғдӣ, Гурдофарид, Ҳумой, Гирдуя, Манижа, Буронсдухт, Фарангис, Понту, Пурондухт, Динаг, Озармидухт ва дигарон хело шуҳрат дорад ва ҳар кадоми онҳо вазифаи сарварии кишварро ба уҳда дошта, ҳомии меҳани хеш буданд. [ 14. санаи муроҷиат 11.11.2022]

Сарварии занон ҳамчун падидае тозае дар равандҳои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз далелҳои боэътимоди тасдиқи ин фикр буда, он аз занон ташаббускорӣ, иродаи қавӣ, амалҳои муассир ва фаъолияти пурсамаро талаб менамояд. Ба қатори занони сарвар ҳар як  фард, субъект ё ин ки гуруҳои хурду бузурги ҷомеа шомил аст, ки дорои манфиат ва имтиёзҳои сиёсии худ мебошад. Чунки дар ҷомеаи имрӯза, ки мову шумо умр ба сар мебарем, сарварии сиёсӣ бевосита аз рӯи мансубияти ҷинсӣ муайян карда намешавад [ 12. санаи муроҷиат 11.11.2022].

Раванди таърихи муосир, рушди падидаҳои сиёсӣ ба мо имкон медиҳад, ки аҳамияти  мақоми занон дар роҳбариро дарк  намоем ва маҳорату қобилият ташкилотчигӣ, роҳнамоӣ ва ташаббускории ӯро дар ҳаёти сиёсӣ муайян созем. Дар назар аст, ки занони қобилияти сарварӣ сиёсидошта ба сиёсат назокати хоси занонаро ворид намуда, бо ин амали худ дар иҷрои тадбирҳои андешида латофату нармӣ зоҳир намоянд.

Дар айни замон ҷомеа  аз онҳо умед дорад, ки масъалаҳои ба истилоҳ “занона”,  манфиатҳои гуногунсамти аҳамияти занонадошта ҳимоя, пешниҳод, барассӣ ва ҳалли онҳо саҳми арзанда мегузорад. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ вазифаҳои сарварии занон дар сиёсат ба се шакл тақсимбандӣ карда шудааст [ 2. с. 18]:

1. Модар. Хусусияти хосси ин шакли сарвари сиёсӣ аз таваҷҷуҳ, нармӣ ва ғамхорӣ  нисбат ба атрофиён ва вобастагӣ аз онон иборат мебошад. Фаъолияти Модар бо ҳифзу ҳимояи муносибатҳои фарзандон дар ҷомеа алоқаманд аст;
2. Саворазан. Дар ин самт ӯ бо ақл ва  нерӯи худ боварӣ дорад, қавӣ аст, метавонад атрофиёнро ба худ моил намояд, қувваи зиёд дорад ва аз атрофиёнаш вобастагӣ надорад;
3. Ашрофзан. Вай аслан боақлу заковатпеша буда, дилрабоӣ, назокату зебоии зоҳирӣ ва маълумоти дараҷаи олӣ дорад. Махсусан бо муҳити мардона хуб муомила мекунанд. Хусусияти ифротии рафтори ин намуд

занон дар он ифода меёбад, ки зебогии зоҳирии худро барои ба манфиатҳои худ кор фармудани атрофиён истифода мебарад, ҳарчанде ки ингуна истифодабарӣ барои беҳбудӣ обуруву эътибори ӯ хизмат наменамояд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони низ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан кӯшидааст, ки то мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардоранд. Ин мақсад тавассути қонунҳои амалкунандаи аз нигоҳи баробарии гендерӣ, баланд бардоштани ҳуқуқ ва озодиҳои занон, ҷалби васеи онҳо ба раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон такмил дода шудаанд.

Ногуфта намонад, ки ҳамагӣ дар тамоми 70 соли Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин кишвари пурқудрат 4 нафар зан вазифаи вазириро ба ӯҳда доштанд.

Дар сатҳи баланди роҳбарии замони Шуравӣ 0,5% занон буданду бас. Дар Тоҷикистони Шуравӣ шумораи вазирзанон низ ангуштшумор буд. Чунончӣ, соли 1928- Ӯғулой Шамсиддинова- аввалин вазири маориф, солҳои 1950-1953 Мунаввара Қосимова- вазири саноати сабук, солҳои 1954-1957- вазири саноати хӯрокворӣ, солҳои 1960- 1978 Анзурат Раҳимова- вазири таъминоти иҷтимоии РСС Тоҷикистон, солҳои 1954-1957 Тоирова Ҳамро Зоировна- вазири сохтмони шаҳрӣ ва деҳот, солҳои 1957-1961 вазири сохтмон ва феврали 1985-августи 1990 Гулнора Пӯлодова- вазири тандурустӣ кор кардаанд. [12. Санаи муроҷиат 11.11.20222 ]

Воқеан, дар Тоҷикистони Шуравӣ номи вазирзанон ходимони сиёсиву ҷамъиятӣ ба монанди Махфират Каримова, Низорамоҳ Зарипова, Ибодат Раҳимова, Гулҷаҳон Бобосодиқова, Биҳоҷал Раҳимова, баъдан Валентина Абдусамадова, Тамара Абдушукурова, Бозгул Додхудоева, Мунира Иноятова, Рафиқа Мӯсоева, Адолат Раҳмонова, Қиматгул Рустамова барои насли мо шиносу намунаи ибрат шуданд. Аксарияти онҳо ҳамчун котиби идеологии КМ ҲК Тоҷикистон, узви бюрои КМ ҲК Тоҷикистон буданд. Боиси ифтихор аст, ки Биҳоҷал Раҳимова дар замони бозсозӣ ба вазифаи муовини Сарвазири СССР интихоб гардида буд, ки мақоми баландтарини занони ин минтақа эътироф гардида буданд.

Бо шарофати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақдири занони тоҷик ҳам як саҳифаи тоза оғоз гардид. Таи чанд соли охир масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа бо саъю талошҳои Ҳукумату давлат ва шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи сиёсати давлатӣ расонида шуданд. «Ҳадафи ниҳоии мо аз тадбирҳое, ки то имрӯз дар доираи сиёсати давлатӣ оид ба масъалаҳои занон андешида шудаанд ва дар оянда низ андешида хоҳанд шуд, таъмини озодии воқеии зани тоҷик мутобиқи меъёрҳои тамаддуни муосир ва дар айни замон ҳифзи арзишҳои фарҳангу тамаддуни бостонии миллиамон мебошад. [6. с.8]

Асосҳои ҳуқуқии баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа, таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан, солимгардонии генофонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат ва мутобиқи моддаҳои 64, 69 ва 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба тавсиб расидани фармони Президенти мамлакат «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 дар арсаи ҷаҳонӣ дунявӣ будани ҷомеаи Тоҷикистонро бори дигар таъкид сохт. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро ҳамчун асоси ҳуқуқӣ дар ин масъала номбар кардан ҷоиз аст. Яке аз омилҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа узвияти онҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ намояндагии занон дар ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар сатҳи зиёда аз 43%, буда, боиси ифтихор аст, ки занони Тоҷикистони мо низ чун аъзоёни ҲХДТ баҳри амалӣ шудани барномаи пешазинтихоботии ҳизб ва дастури Раиси ҳизб, тамоми истеъдоду маҳорати касбии худро истифода намуда, дар устувор гардидани пояҳои давлатдорӣ чун симои ҳақиқии занони сиёсатмадори тоҷик азму талошҳо меварзанд. [6. с.10]

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд. (Моддаи 34) [4. с.201]

Пешвои миллат Э.Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23-юми апрели соли 2014 чунин таъкид намуда буданд: «Ҳукумати Тоҷикистон дар раванди татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону ҷавонон, фаъол гардонидани нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва ҷавонгардонии синну соли ҳайати кадрҳои роҳбарикунандаи мақоми давлатӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ медиҳад. Дар байни аъзои Ҳукумат имрӯз занон ду баробар зиёд гардида, дар мақомоти олии намояндагии кишвар 11 нафар зан фаъолият доранд. Аз 18300 нафар хизматчии давлатӣ, ки дар мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо фаъолият менамоянд, 4315 нафар ё 24 дарсадро зан ташкил медиҳанд. Айни замон танҳо дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ 1100 нафар зан фаъолият доранд, ки аз ин 500 нафар ба сохторҳои роҳбарикунандаи вазорату идораҳо рост меояд. Имруз аз 193 ҳазор нафар корманди соҳаи маориф 54,9 дарсад ё қариб 106 ҳазор нафар ва дар соҳаи тандурустӣ аз 88 ҳазор нафар корманд 66,5 дарсад ё қариб 60 ҳазор нафар зан мебошанд.

Солҳои охир нуфузи занон дар самти соҳибкорӣ бештар гардида имруз онҳо беш аз 30 дарсади соҳибкорони мамлакатро ташкил медиҳанд. » [4, с.322]

Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба парлумони мамлакат аз 26-уми декабри соли 2018 доир ба иштироки занон дар соҳаи сиёсӣ,

иҷтимоӣ, идоракунӣ чунин маълумот оварда мешавад: «Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор нафар корманд ҳамагӣ 52 дарсадро занону духтарон ташкил медоданд. Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 70 дарсад расидааст.

Имруз шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2018 дар мансабҳои роҳбарикунанда 19 дарсад ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 25 дарсадро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем» [5, с. 31-32]

Бо итминони комил метавон гуфт, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, ба баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҳаёти сиёсӣ, идоракунии давлат шароиту имкониятҳои васеъро фароҳам овард ва занро ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа, тарбиятгар ба мақоми шоиста ва арзанда гузошт. Имруз сафи занҳои сиёсатмадор, аз ҷумла бонувони дипломат ва довталабони ин касб, зиёд гашта истодааст. Қабули Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар (2002- 2015) ва аз нав дида баромадани қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ» (2015) ва дар маҷмуъ беш аз 20 ҳуҷҷати муҳим доир ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа қабул карда шуд, ки онҳо барои бонувони мамлакат, аз ҷумла дипломатҳо, боз ҳам заминаҳои мусоиди фаъолиятро фароҳам оварданд. [9, декабри 2018]

Бо саъю кӯшиши Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа, ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии модару кӯдак, таъмини иштироки ҳарчӣ бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва идоракунии давлат ба яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлат табдил ёфт ва чораҳои мушаххас андешида шуд. Пеш аз ҳама дар сохтори Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Ҳукуматҳои вилояту шаҳру ноҳияҳо Кумитаи кор бо занон ва оила таъсис дода шуд. Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, ҳанӯз 27-уми декабри соли 1993-юм «Созишнома оид ба барҳам додани ҳама гуна намудҳои маҳдудияти ҳуқуқи занон»-ро имзо кард.

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳуқуқи кӯдак» қабул шуд. Соли 1994 Тоҷикистон дар баробари гузаронидани интихоботи Президент, инчунин, Конститутсияи ҷумҳуриро қабул намуд. Яъне, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар ҷумҳурии мо нисбати занон ягон маҳдудияте вуҷуд надорад ва ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ аз он иборат аст, ки барои занҳо ва мардон имкониятҳои баробар дастрас бошанд. Қабул ва дар амал татбиқ шудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Нақшаи миллии тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан барои солҳои 1998-2005», (10.09.1999 № 363), «Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005» (19.04.2001), Барномаи

давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини Ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001- 2010» (8.08.2001, № 391), Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону ҷавондухтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (29.05.2010, № 269) ва даҳҳо санадҳои дигар ба фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди ҳамаҷонибаи зани тоҷик, беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву маънавии хонаводаҳо, омода намудани кадрҳои соҳибтахассус аз ҳисоби духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳтар намудани вазъи сиҳатии модару кӯдак равона карда шудааст.

Ҳамзамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромадҳои худ гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки "Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгири менамоем. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем." [4. с. 606 – 607]

Аз гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занон - модарон мақоми барҷаста дошта, бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат нақши онҳо дар корҳои давлатдорӣ ва сиёсат хеле ҳам муҳим буда, дар мақомотҳои қонунбарор, иҷроия, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату муасиссаҳои дигари давлатӣ вазифаҳои хело масъулиятнокро ба уҳда доранд, ки ин ҳам нишонаи соҳиби иззату эҳтиром будани онҳо дар ҷомеа мегардад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ нисбат ба занон, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ягон маҳдудияте ҷой надорад.

**Калидвожҳо:** сиёсат, зан, сарвар, роҳбар, идоранамоӣ, рушди ҷомеа, давлатдорӣ, истиқлолият.

**Ключавие слова:** политка, женщина, , лидер, руководитель, развитие общества, государственность, суверенитет.

**Аннотасия**

Сарвари сиёсӣ ин шахсест, ки қобилияти муттаҳид кардан, ташкил ва сафарбар намудани омма, роҳбарӣ ва назорати самтҳои муайяни фаъолияти ҳаёти иҷтимоиро дорад. Барои ин ба сарвар зарур аст, ки бештар ташаббускор, зирак, шинохти боварии мардум, сухандон, бо маданият ва хушахлоқ бошад ва дар ҳалли масъалаҳои ҷомеа адолати иҷтимоиро риоя намояд.

Сарварии занон падидае тозае дар равандҳои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда он аз онҳо ташаббускорӣ, ирода, амалҳои таъсирнок ва фаъолияти пурсамаро талаб менамояд. Ҳар як фард, субъект ё ин ки гуруҳои хурду бузрги ҷомеа, ки дорои умумияти манфиат ва имтиёзҳои

сиёсии худ мебошанд, шуда метавонад дохил мешаванд. Чунки дар ҷомеаи имрӯзае, ки мову шумо умр ба сар мебарем, сарварии сиёсӣ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ муайян карда намешавад.

Имрӯз ҷомеа ҷаҳони кушидааст, то мақоми занонро дар масъалаи сарвари ва роҳбарӣ пеш аз беш баланд бардорад. ва мо низ имрузаи тасмим гирифтем то андозае дар масъалаи сарварӣ ва ё роҳбарии занон дар самти сиёсати давлати таҳлилу бараси намоем. Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани мақоми зан дар самти сиёсати давлати махсусан сарварии занон яке аз масъалаҳои доғи рӯз аст.

Ҳарчанде ки дар таърих қариб тамоми муҳаққиқон мақоми занро дар ҷодаи сиёсӣ ва идоранамоӣ рад намуда бошанд ҳам, буд замоне низ буд, ки ҳамчун давраи модаршоҳӣ маъмул аст ва имрӯз барқарор намудани мартабаи бузурги занон аҳамияти ҳам назарявӣ ва ҳам амалӣ дорад.


**Аннотация**

Политический лидер это человек, обладающий способностью объединять, организовать и направлять массы руковидить и брать на себя ответственность за состаяние всех сфер общественной жизни. Для этого руководителю необходимо быть инициативным, уметь убеждать людей, красноречиво говорить, обладать высокой политической культурой и этикой, соблюдать справедливость в решении общественных вопросов. Лидерство женщин – новое явление в политической жизни современного общества. Это требует от нее инициал воли, эффективных действий эффективной деятельности. Каждый индивид, субъект, большие и малые групповое общества, у которых есть общность политически интересов и социальное привилегии, могут стать лидером. Поскольку в современном обществе, где мы с вами живем, политическое лидерство не определяется полом.



**Annotation**

**Забони англиси**. A political leader is a person who has the ability to unite, lead, and take over all areas of social life. For this, it is necessary for the leader to be more proactive, to convince people, to speak logically and correctly, to have the ability to dialogue with opponents, to have high political culture and ethics, to observe justice in solving public issues. The leadership of women is a new phenomenon in the political processes of modern society. it requires effective actions and demanding activities. The leadership of women also includes the individual, the subject, the big and small gurus of the society, who have their own political interests and privileges. Because in today's society, where you and I live, political leadership is not directly determined by gender.


АДАБИЁТ


1. Жохова А.А., Гендерное неравенство: региональное аспекты и проблемы М.- 2021. С.369.
2. Маҷалаи “Дин ва ҷомеа” №3(72) марти 2020.- С.18.
3. Политология. Краткий словарь основных терминов и понятий. Под ред. Пусько В.С. М., - 2010.- С. 65.

4. Паём ва рисолати созандаи он: Маҷмуи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000- 2016).- Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.- 516с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумиҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018.- Душанбе: Шарқи озод, 2018.- 48с.
6. Раҷабов С.Р. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон/С.Р.Раҷабов.- Душанбе: Шарқи Озод, 2003.- 360с
7. Ильин Е.П. Дифференциальная психофизиология мужчины и женщины. СПб.: ПИТЕР, 2003. 567 с.
8. Шарипов Р. М., Тураев Қ. А., Аз паём то паём. - Душанбе, 2021. - С.606 -607
9. .Шаҳло,Р.Бонувони дипломати тоҷик/Р.Шаҳло.- Ҷумҳурият.- 2018.- 12 март
10. Ҳасанова, Ш.Мавқеи занон дар ҷомеаи муосир: Маводҳо барои тарғиботчиён/Ҳасанова Ш.- Хуҷанд, 2013.- 12с
11. Юсуфӣ Ҳ. Бонувон дар сиёсат- бозгӯи фаъолияти сиёсии занон/Ҳ.Юсуфӣ.- Минбари халқ.- 2016.- 14 дек.

Сомонаҳо:

12. https:\\ comon. tj. (санаи муроҷиат 11.11.2022)
13. https:\\ anrt.tj.(санаи муроҷиат 12.11.2022)

http:\\sugd.tj. (санаи муроҷиат 11.11.2022)

## ЯҒНОБ -МЕҲАНИ МЕРОСДОРОНИ ТАМАДДУНИ КУҲАНИ СУҒД

**Мирзоев Сайфиддин**

Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ

Фазилатҳои бузургтарин ва асили инсон аз пос доштани се чиз: модар, забон, ватан сарчашма мегирад. Ин се истилоҳи муқаддас дар рушду такомули илму фарҳанг ва худшиносиву худогоҳии миллӣ нақши муҳимро ба ҷо меоваранд.

Яке аз забонҳои қадимае, ки дар кишвари мо ҳифз шудааст, ин забони яғнобӣ мебошад. Забони яғноб мувофиқи шароити ҷуғрофӣ дар тӯли асрҳои зиёд бо андак тағйироту таҳаввулот идома дошта, бисёр хусусиятҳои забонҳои аз байнрафтаи эронии қадимаву миёна, хосатан забони суғдиро то ба ҳол нигоҳ доштааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони ин соҳа забони яғнобиро забони суғдии нав низ ном бурдаанд.

Чуноне аз таърихи омӯзиши забони яғнобӣ маълум мегардад, ин забон наздики ҳазор сол ба ёди фаромӯшӣ рафта будааст. Ба ин масъала шоири шинохтаи тоҷик, шодравон Гулназар Келдӣ ҳам таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар яке аз дубайтиҳояш андешаи худро чунин баён кардааст:

Андеша макун ба чашми ман хоб омад,
Ё бар раги ҷӯйи хушки ман об омад.
Суғдии ҳазорсола! Мурдам зи ғамат,
То нолаи ту аз дили яғноб омад
(Мирзоев , 2012, 8)

Дар ҳақиқат, пас аз хомӯшии ҳазорсола нолаи забони суғдӣ аз дили кӯҳҳо, ки Яғноб (аз шимол силсилакӯҳҳои Зарафшон ва аз ҷануб силсилакӯҳҳои Ҳисор) байни онҳо қарор дорад, берун омад.

Беш аз 150 сол мешавад, ки омӯзиши забони яғнобӣ таваҷҷуҳи донишмандони худӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Нахустин муҳаққиқе, ки мавҷуд будани забони яғнобиро кашф намудааст, ин шарқшиноси рус Александр Кун мебошад. Ин муҳаққиқ байни мардуми ин минтақа бо номи Искандар Тура низ маъруфият дорад. Ӯ ба ин дараи бисёр душворгузар соли 1870 сафар карда, аз забони яғнобӣ огоҳӣ пайдо намуда, аз мавҷудияти ин забони навшинохта ба аҳли илм, махсусан муҳаққиқони забонҳои қадима ва муосири эронӣ хабар додааст.

Ба ҳамин минвол, аз аввали солҳои 70-уми асри X1X омӯзиш ва пажуҳиши забони яғнобӣ оҳиста-оҳиста оғоз гардидан мегирад. Ҳамин тавр, аз он замон то ба имрӯз дар бораи масъалаҳои гуногуни забони яғнобӣ дар эроншиносии ҷаҳон, махсусан дар Россия ва Аврупо пажуҳишҳои зиёде ба анҷом расидааст, ки баъдан соҳибони забон низ худ вориди амал гардидаанд.

Роҷеъ ба забони яғнобӣ аз ҷониби донишмандони шинохта, дар мисоли К.Мюлер, Г.Юнкер [1930], К.Г.Залеман [1888], С.И.Климчитский [1940], М.С.Андреев [1970], Е.М.Пещерева [1976], В.С.Соколова [1954], Б.Алборов [1934], М.Н.Боголюбов [1956], В.А.Лившитс, А.Л.Хромов [1972], Б.Ализода [1998], Б.Негматов [1998], Б.Тӯраев [2019], Аъзам Таваккулӣ [2014] ва дигарон асару мақолаҳои зиёде ба нашр расидааст, ки ба соҳаҳои гуногун бахшида шудаанд.

Кадом сабабҳо боис шуд, ки забони яғнобиро аз нобудшавӣ нигоҳ доранд?

**Сабаби аввал.**

Чуноне барои мову шумо маълум аст, 93%-и кишварамонро минтақаҳои кухӣ ташкил медиҳанд. Аз ин сабаб мушкилоти рушди устувори иқтисодӣ, хосатан коркарди канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, гиёҳу растаниҳои шифобахш, ҳифзи онҳо, гуногунрангиашон, маҳз дар минтақаҳои кухӣ ба мушоҳида мерасанд.

Яке аз гӯшаҳои мавзеи кӯҳии сарзамини Тоҷикистон, ки бо номи Яғнобдара маъруфият дорад, то ба ҳол тавонистааст табиати азалии худро ҳифозат намояд. Воқеан Яғнобдара як минтақаи бисёр нодиру афсонавӣ ва муъҷизанок аст, чунки дар ин ҷо омилҳои ҳифзи табиати зебо ва як мардуми куҳанбунёд бо ҳам омезиш ёфта, алоқаманд гардидаанд. Дар асл Яғнобдара дорои табиати зебову афсонавӣ, канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, чашмаву рӯдчаҳои сеҳрангез, гиёҳу растаниҳои дорӯӣ мебошад ва аз ҳама муҳим ҳифзи забони аҷдоди, ки чунин хусусият, маҳз ба шарофати кӯҳҳояш симои азалии онро нигоҳ доштааст.

Кӯҳҳо – ин дар ҳақиқат муҳофизи фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, анъанаву расму русум, бавижа забон ва дар бисёр маврид охирин паноҳгоҳ на танҳо барои навъҳои нодири гиёҳу растаниҳо ва ҳайвонот,

балки барои ақаллиятҳои этникӣ, фарҳанг ва суннатҳои маҳаллии онҳо ба ҳисоб меравнд.

Яғноб – ин меҳани меросдорони тамаддуни куҳани Суғд маҳсуб меёбад, ки аз ҳуҷуми душманони тахрибкори араб шаҳрҳои зебову ободро монда, рӯ ба ҷониби кӯҳистон оварда, дар охир маҷбур шуданд, ин ҷойро сарпаноҳи худ қарор диҳанд.

Ин ҷо, байни кӯҳҳои барои душманон дастнорасу мушкилгузар, теъдоди хеле ками суғдиён барои худ макони зист пайдо намуданд. Ин кӯҳҳо садсолаҳо барояшон ҳамчун сарпаноҳ хизмат кардаанд ва маҳз ҳамин кӯҳҳо сабаб шуданд, ки дар ин дара яке аз гӯйишҳои забони суғдӣ маҳфуз монад.

Ҳамин кӯҳҳо буданд, ки забони яғнобиро аз чанголи бисёр балоҳову офатҳои гуногуни давр то замони мо эмин дошта, ба насли имрӯзаамон расониданд.

Бинобар ҳамин, гуфтан мумкин аст, ки забони имрӯзаи яғнобӣ ҳам, чун забонҳои дигар, бавижа забонҳои бехату алифбо, дар мисоли забонҳои помирӣ маҳсули давраҳои тулонӣ буда, баробари рушду густариши ҳаёти ҷамъиятӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, пешрафти илму техника ва техналогияҳои нав ба тағйироту таҳаввулоти назаррас рӯ ба рӯ гардидааст. Дар ин роҳи дуру дароз ва пурпечутоби ҷамъиятӣ бисёр калимаву истилоҳоти бунёдии яғнобӣ ва суннатҳои маҳаллии ин мардум мақомашонро аз даст дода, бархеашон ба ёди фаромӯшӣ рафтаанд, ки мо инро дар мисоли муқоисаи маводи ҷамъовардаи даҳсолаҳои охир ва асарҳои банашррасидаи муҳаққиқони давраи аввали забони яғнобӣ дида метавонем.

Сабабт дигари ҳифзи забон, ин дӯст доштану муқаддас донистани он аст, ки донишманди рус, муҳаққиқи забон ва суннатҳои мардуми кӯҳистон М. С. Андреев аз мушоҳидаҳои шахсии худ ба чунин натиҷа расида, андешаҳояшро дар баъзе қисматҳои осори илмиаш баён намудааст. Ӯ суханҳои мардуми Ванҷ ва Яғнобро муқоиса карда, ба чунин хулоса омадааст. Ванҷиҳо забони куҳани 200 – 300 сол пеш, ки бобову бобокалонҳояшон гап мезаданд, ба М. С. Андреев гуфтаанд: “Забони бобогии мо ганда будааст”. – Наш дедовский язык был плохой. [Андреев, 1970, 37].

М. С. Андреев мегӯяд, ки яғнобиҳо баръакси мардуми Ванҷ забони худро дӯст медоранд ва бо он ифтихор мекунанд. Яғнобиҳо ба забони қадима ва аҷдодии худ дигар хел баҳо додаанд, бад – ин сабаб муҳаққиқ андешаашро дар мавриди яғнобиҳо чунин корбастнамудааст: “Ягнобцы, видимо, очень любят свой язык, как любят и свои угрюмые, сдавленные горы с их суровым климатом и природой” [1970, 37].

М. С. Андреев хотирнишон месозад, ки: “При посещении равнин им немало приходится выслушивать попреков и насмешек над их непонятным для таджиков языком” [1970, 37].

Бо вуҷуди шунидани таҳқир, аз ҷониби тоҷикзабонҳо руҳафтода нагардида ва баръакс, бо ғурур дар мавриди забони куҳанбунёду

аҷдодиашон, ки барояшон бисёр муқаддас аст ва маҳз ҳамин забон ба онҳо рӯҳу илҳоми тоза мебахшад, ба ин олими нуктасанҷ чунин изҳори андеша намудаанд: “Нехорошо отказаться от своего языка. Это противоречитьи священному писанию” – доводилось слышать мне от ягнобцев. «Язык семи поколений» - авдпуштаи зивокмох [37]. Ин суханҳо, ки дар бораи муқаддасоти забон аз ҷониби мардуми одии Яғноб берун омадааст, суханони омӯзанда буда, маънои чуқури фалсафӣ доранд.

Сабабҳои асосии ҳифзи забони яғнобӣ дар дараи яғноб ҳаминҳо буданд, ки зикрашон кардем.

Ҳамин тавр, миллате ё халқияте забонашро дӯст дошта ва ҳифз карда метавонад, ки он халқияту миллат модару ватани хешро низ дӯст доранд, чунки ин се муъҷиза ё се калимаи барои ҳама муқаддас, яъне модар, забон, ватан бо ҳам робитаи бисёр қавӣ доранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Алиев, Б. Лексикаи этнографии забони яғнобӣ (рисолаи номзадӣ). – Душанбе, 1998. – 158 с.
2. Андреев М. С. Материалы по этнографии ягноба. – Душанбе: дониш, 1970. – 192 с.
3. Боголюбов М. Н. Ягнобский (новосогдийский) язык. Исследование и материалы. Автореф. дис. докт. филол. наук. – Л., 1956. – 56 с.
4. Мирзоев С. Суннатҳои маҳаллӣ ва сурудҳои яғнобӣ. Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2012. – 167 с.
5. Ниматов Г. Лексикаи чорводории забони яғнобӣ (рисолаи номзадӣ). – Душанбе. – 148 с.
6. Пещерева Е. М. Ягнобские этнографические материалы. Душанбе: Дониш, 1976. – 98 с.
7. Хромов А. Л. Ягнобский язык. М.: Наука, 1972. – 206 с.
8. Соколова В. С. Ягнобский язык // Очерки по фонетике иранских языков. Т. II. – М.: Наука. 1954. – С. 61-79.
9. Таваккули А. М. Истилоҳоти хешовандии забони яғнобӣ (рисолаи номзадӣ бо забони форсӣ). – Душанбе, 2014. – 116 с.
10. Тӯраев Б. Микротопонимияи водии Яғноб. Душанбе: Ирфон, 2019. – 270 с.
11. Junker F. J. Arische Forschungen Yagnōbī - studien. 1. – Leipzig, 1930. – 131 pp.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** Сайфиддин Мирзоев – номзади илмҳои филология, дотсент, мудири шуъбаи забони ба номи Рудакии АМИТ, **Сведения об авторе:** Сайфиддин Мирзоев-кандидат фил.наук., доцент, зав.отделом языка ИТЯЛ НАН Республики Таджикистана.

# ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В КОНТЕКСТЕ СТРУКТУРЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ЗНАНИЯ

**Турсунов Ф.А.** –к. ф.н., доцент
Таджикский государственный университет коммерции

**Убайдуллоев А. Т.** – старший преподаватель
Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова

В научной философской мысли еще со времен неокантианцев не прекращается научный спор вокруг герменевтики истории, конкретнее, о месте понимания и структуре исторического знания. В двадцатом же столетии мы стали свидетелями настоящего исторического всплеска, произведенной французской школой «новых историков». Она убедительно продемонстрировала, что вопреки доктрине ортодоксального марксизма, социальное поведение индивидов и групп могут обуславливаться материальными потребностями и интересами только частично, в значительной же степени, оно детерминируется факторами совершенно иной природы - мир ментальностей, включая господствующую картину мира, религиозные верования, нравственные императивы, факторы психокультурного и даже психоаналитического порядка. В этом социально - философском свете история каждого народа приобрела неповторимое человеческое лицо. Говоря шире, история стала частью культурной антропологии.

Исходная историческая и социологическая характеристика таджикского народа представляет собой сложное, многоуровневое, противоречивое образование, формирующее обустройство современного общества. Поэтому всякое полноценное, подлинное научное рассмотрение современных или прошлых проблем этого общества, а равным образом и выявление перспектив его изменения требует учета разных сторон, измерений, уровней и компонентов. Соответственно, и всякая практическая работа по налаживанию, поддержанию и модернизации социокультурных компонентов общественной регуляции, которая в свою очередь накладывает отпечаток и на формирование национального самосознания, должна происходить на основе взаимодействия различных институтов и с учетом тех разнообразных компонентов, которые и составляют культурную систему.

Как и для всех республик бывшего Союза, девяностые годы двадцатого столетия стали для Таджикистана периодом резкого падения уровня жизни населения. Во многом именно этим объясняется усиление социального напряжения, сопровождаемое непрерывными потрясениями политического характера. В конце концов, оно вылилось в открытое противостояние, последствия, которых очень тяжело пережил народ. За последние годы в Таджикистане были проведены заметные преобразования, которые привели к структурным изменениям в социально - экономической, политической и культурной сфере.

В обществе занимает заметное место рыночные отношения. Произошли изменения в институтах исполнительной, законодательной и судебной власти. Сформировалось многопартийность. В обществе сложилась обстановка политического, идеологического, национального и религиозного плюрализма, выражающегося в разнообразии позиций и ориентаций.

Эта важная духовная работа была начата интеллектуальной элитой уже в XIX веке. Этот отрезок времени следует считать поворотным моментом в многовековой истории таджикского народа: зрелость новоформировавшейся плеяды мыслителей в ее типологическом отличии от всех предшествующих поколений духовно - интеллектуальных элит состоял, в том, что они впервые задумались над культурно - историческими перипетиями пройденного извилистого пути. В ходе же этих раздумий стало созревать необходимость понимания самой парадигмы традиционного мышления, окутанного мифоэтической архаикой.

Поэтому далеко не случайно, что начавшееся в XIX и продолживщаяся вначале XX столетия литературно и религиозно - философское течение общественной и философской мысли, получившее название джадидизм, заявило о себе как о самобытности Таджикистана, ее типовых отличий от окружающего мира. Это исторически хрупкое, еще не окрепшее социокультурное движение было буквально погублено лево - радикализмом большевистского толка.

Теперь, когда за нашими плечами груз советской модернизации - пусть в целом исторически неудачной, но и исторически выстраданной, - конечно не можем просто вернуться туда, где остановились, то есть к временам и идеалам славянофильства. Процесс модернизации не может рассматриваться как осуществление некоторой «идеальной» модели, сформированной на опыте некоторых западных или восточных стран, которые реализовали позднеиндустриальный тип общественного производства или переходят к постиндустриальному.

Как верно отмечает Камер Х. Р.: «Государство воплощает собой господствующий строй, обеспечивающий в лице государства - гаранта основных конституционных прав, права граждан на свободу, и учреждающий те правила и общественные институты, в соответствии с которыми граждане реализуют свой суверенитет, формируют волеизъявление и могут совершить необходимые действия как самостоятельно, так и через своих представителей. О том, что может произойти, если государство «отомрет», наглядно свидетельствуют примеры Китая времен культурной революции, Африки - в период постколониализма». [3.27] Добавим, что аналогичные процессы имели место и в постсоветском Таджикистане.

Этот процесс во всякой стране развертывается через некоторые противоречия, накладывающийся на реальную социально - экономическую, политическую и социокультурную особенность данного общества. Через изучение такого рода противоречий в социокультурном плане, мы можем системно и детально представить себе общий характер происходящих процессов. Нынче, в публицистике часто можно встретить призыв «войти в

мировую цивилизация», который подразумевает наличие лишь одной цивилизации - европейско-американской. Между тем, несмотря на преобладание западной культуры в мировых культурных процессах, сохраняются и устойчивые структуры других мировых цивилизаций. Таджикистан имеет свои цивилизационные характеристики, хотя они отличаются противоречивостью. Для нас сейчас, также представляет особую актуальность поиск ответов на широкий круг вопросов о том, какова должна быть культурная политика в нынешней период становления и укрепления суверенитета нашей страны на пути динамичной интеграции ее в мировое сообщество.

Распад централизованного государства, связанного, прежде всего с Российской империей, а затем с СССР, не означает устранения исторически складывающихся связей и отношений с Россией. Взаимодействие Таджикистана с Россией - это постоянный фактор ее истории, важнейший компонент ее социокультурного и геополитического устройства. Вместе с тем, Таджикистан издавна втянут в орбиту цивилизации западных стран и закономерно соединяет в себе оба начала. Таджикистан также имеет исторические, добрососедские и социокультурные отношения в формате СНГ - со странами содружества независимых государств. Развитие отношений стратегического партнерства со странами СНГ для Таджикистана и был и остается приоритетным.

Взаимное уважение к культурам наций и народностей, тем более тех, кто живет рядом по соседству, способствует обогащению национальных культур и усиливает тяготение представителей разных наций и народностей к ним. Как верно писал Ж.Ж. Руссо: «…и, главное, не будем забывать, что общественное благо должно в чем-то быть благом для всех, иначе - это слово, лишенное смысла». [5.173]

Следующее противоречие, которое сопутствует процессам модернизации, является противоречие между процессами национальной консолидации и поддержанием межнационального взаимодействия, поскольку в Таджикистана проживают различные нации и народности. Нынче происходит интенсивное возрождение и утверждение тех социокультурных типов интеграции, которые служат исходной основой складывания человеческих общностей. Характерной особенностью современных процессов, которые протекают в постсоветском обществе, является сильное проявление именно этнического фактора, наряду с национальным или цивилизованным, а подчас и его преобладание.

Этнические общности, основанные на единстве «крови и почвы», т.е. генетического родства и сходства природно-хозяйственной среды, становятся важной «витальной» формой первичной самоидентификации локальных общностей в силу ослабления всех связей более высокого уровня. В этих условиях и происходит выявление социокультурных факторов более низкого уровня, так как этнические ориентации не соотносятся ни с экономическими, ни с общеполитическими принципами, разрывая все связи более высокого порядка.

Таким образом, феномен национализма предстает в преодолении собственно этнических рамок национальной консолидации, во взаимной адаптации к приемлемым общим ценностям, нормам и смыслам. Такой национализм гораздо ближе цивилизованным методам решения проблем интеграции.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Геллнер Э. Нации и национализм // Вопросы философии. 1989 , № 7
2.Здравомыслов А.Г. Межнациональные конфликты в постсоветском пространстве. М., 1999, 286 с.
3.Камер Х.Р. Национальное государство пока продолжает жить //Internationalepolitik. 2000, № 7.
4.Мархинин В.В. Основные закономерности процесса интернационализации общественной жизни. Новосибирск, 1989
5.Руссо Жан-Жак. Об общественном договоре. М., 1997.
6.Тишков В.А. Этничность, национализм и государство в посткоммунистическом обществе // Вопросы социологии. 1993, №1/2.
7.Тишков В.А. Постсоветский национализм и российская антропология: куда идет Россия? // Вопросы социологии. 1994, №4.



**Аннотация:**

В статье утверждается мысль, о том, что вопреки доктрине ортодоксального марксизма, социальное поведение индивидов и групп могут обуславливаться материальными потребностями и интересами только частично, в значительной же степени, оно детерминируется факторами совершенно иной природы - мир ментальностей, включая господствующую картину мира, религиозные верования, нравственные императивы, факторы психокультурного и даже психоаналитического порядка.

Констатируется что, феномен национализма предстает в преодолении собственно этнических рамок национальной консолидации, во взаимной адаптации к приемлемым общим ценностям, нормам и смыслам и такой национализм гораздо ближе цивилизованным методам решения проблем интеграции.



**Ключевые слова:**.социокультурный фактор, феномен национализма, этнические рамки, национальная консолидация, взаимной адаптации, общие ценности, интеграция, рост национального самосознания.



**Abstract:**

The purpose of the article is to show that, contrary to the doctrine of orthodox Marxism, the social behavior of individuals and groups can be determined by material needs and interests only partially, to a large extent, it is determined by factors of a completely different nature - the world of mentalities, including the dominant picture of the world, religious beliefs, moral imperatives , factors of a psycho-cultural and even psychoanalytic order.

It Is Established that, phenomenon of the nationism appears in clean strictly ethnic of the frames to national consolidation, in mutual adaptation to acceptable general value, rate and sense and such nationism much closer civilized method of the decision of the problems to integrations.



**Keywords**: socioculturalfactor, phenomenon of the nationals, ethnic of the frame, national consolidation, mutual adaptation, the general value, integration, growing of the national consciousness.



**Сведения об авторах: Турсунов Фаррух Акбарович** –к. философ. наук, доцент кафедры

общественных наук Института экономики и торговлиТаджикского государственного университета коммерции
**Убайдуллоев Ахрорджон Тохирович** – старший преподаватель кафедры общей педагогике Худжандского государственногоуниверситета им. академика Б.Гафурова

# ҲИФОЗАТИ МИҲАН АЗ НИГОҲИ ОЛИМИ ШАҲИР

**Ҳайдаров А.А.-н.и.п., дотсент**
**Давлатова М.А.-омӯзгори калон**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Tel: 919.99.75.27
E-mail: avsamad@bk.ru

Ақидаҳои ватандӯстонаи Аҳмад Махдуми Дониш як ҷузъи ақидаҳои тарбиявии ӯ мебошанд. Дар робита бо ин масъала муҳаққиқ Субҳон Амир Аҳмади Донишро ба Фирдавсӣ ташбеҳ дода, эҷодиёти ӯро, хусусан «Рисолаи таърихӣ»-и ӯро воқеан «Шоҳнома»-и мансури ҳаҷвӣ (дар шакли нақизаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) номидааст[9, 38-50]. Чун нек тааққул бинамоем, дар ҳақиқат, хоҳем дид, ки дар «Рисолаи таърихӣ»-и Дониш ва «Ҳаҷвияи Султон Маҳмуд»-и Фирдавсӣ як умумияте аз ҷиҳати маънӣ ва услуб ба назар мерасад. Гарчанде ҳаҷвияи Фирдавсӣ назмӣ ва рисолаи Дониш насрӣ бошад ҳам. Дар ҳар ду асар ҳам шоҳони ғосибу ҷоҳилу ба мардуми мо бегонае чун Султон Маҳмуд ва сулолаи манғитиён бо як ҷасорати хоси адабӣ аз ҷониби ҳам Фирдавсӣ ва ҳам Дониш мавриди танқид қарор гирифтаанд.

Мусаллам аст, ки барои «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ «Шоҳнома» - ҳои Дақиқиву Абумансурӣ ва осори пешазисломии мардуми мо чун «Хватайномак» ва мифологияи (асотири) ориёитаборон чун сарчашма хизмат кардаанд.

Вале дар ташаккули ақидаҳои ватандӯстонаи Аҳмади Дониш бошад, таъсири Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ низ ниҳоят назаррас аст.

Барои муайян намудани ақидаҳои ватандӯстонаи Фирдавсӣ ва мавқеи шоир, ба андешаи мо, таҳлили яке аз достонҳои «Шоҳнома» барои муҳаққиқ кофӣ аст, ки ба эронипарасту ватандӯст будани муаллиф эътимод ҳосил намояд.

Вале барои таҳлил намудани ақидаҳои ватандӯстонаи Аҳмади Дониш муҳаққиқро лозим аст, ки ҳам «Наводир-ул-вақоеъ» ва ҳам «Рисолаи таърихӣ» - и ӯро дар маҷмуъ мавриди омӯзиш қарор бидиҳад.

Муҳтавои андешаҳои ватандӯстонаи А. Дониш аз масоили нишон додани роҳҳои бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ дар вуҷуди тифлону ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва низомии ҳам ҷавонон ва ҳам асокир барои ҳифзи ватан, танқиди давлатдории амирони манғит ва муқоисаи он бо мулуки ориёитабор, ободии кишвар ва обёрӣ намудани он, ҷилавгирӣ

намудан аз ҷанги нобаробари ба халқи мазлум фалокатовар, дилсӯзӣ нисбат ба хоку замини ватан ва ғайра бархурдор мебошад. Ин ақидаҳоро мутафаккир бештар дар бобҳои дувум ва сеюми «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-и хеш баён намудааст.

Яке аз роҳҳои бедор намудани ҳисси ватандӯстиро Аҳмади Дониш дар тақдир намудани ҷанговарони шуҷову диловар ва мувозибат намудан аз писарон ва бозмондагони сипоҳиёни дар роҳи ҳифозати ватан шаҳидгардида медонад.

Ба ақидаи адиб, писарони сипоҳиёни ҳалокшударо, агар муносиб бошанд, ба мансаби падарон монанд ва агар муносиб набошанд «ба ҳар ҳол марсум ва идрор ва мансубу шуғл аз эшон дареғ надорад, то дигарон дилгарм бошанд ва ғами зану фарзанд монеи ҷуръати эшон нашавад, ки аз баҳри кӣ ва барои чӣ мекунӣ?»[3,142].

Аз чунин иқдом ҳам дар дили тифлони ятим ва дигар атфол ифтихор аз қаҳрамонии падар ва ҳисси ватандӯстӣ аз як тараф агар ба вуҷуд ояд, аз тарафи дигар сипоҳӣ низ дар фикри он набошад, ки «ҳеҷ оқил сар ба теғ бе дареғ надиҳад»[3,187].

Роҳи дигари баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиро мутафаккир дар он мебинад, ки чун кас дохили хизмати низомӣ шавад, ба ӯ соле панҷсад дирам, чун туфангандозӣ бидонад, шашсад дирам ва чун аспт озӣ биомӯзад ҳафтсад дирам ва чун тамоми илми ҳарбро аз худ кунад, то ҳаштсад дирам ӯро нафақа (маош) таъйин кунанд.

Сипас, ӯ номи аҳлуссайфро бигирад ва тадриҷан ба мартабаи амири аскарӣ ва амирулумаройӣ ва ғайра сарфароз шавад ва маоши ӯ то 12 ҳазор танга расад[3,135].

Ба андешаи Аҳмади Дониш, агар амир аз ин маош қадре ҳам кам кунад, боиси коҳилӣ ва сустии аскар мешавад.

Чу доранд зар аз сипоҳӣ дареғ,
Дареғ оядаш даст бурдан ба теғ[4,28].

Бар иловаи ин, мутафаккир пешниҳод мекунад, ки ба ҳангоми ҷанг на танҳо сипоҳиён, балки ҳокимонро низ воҷиб аст, ки раиятро ба машқи тиру туфанг даъват бикунанд. «Маънии он вай аст, ки чун мардон шуғли таҳияи асбоби қитол оранд, албатта занон низ дар ин маънӣ вуқуфе ҳосил кунанд. Пас эшон низ ба шарти вуқуф бароянд, то ки дафъи куффорро (душманро) мутавақкеъ бошанд…»[4,25].

Дар ин ҷода низ мутмаъин будани Донишро аз диловарии занони сарзамини хеш самтгирӣ аз Фирдавсии бузургу занони диловари «Шоҳнома»-и ӯ метавон ҳисобид.

Омӯхтани ҳунару фунуни сипоҳӣ ва тирандозиву ва аспсавориро барои ҳам амирон ва ҳам сипоҳу раият тарғиб намуда аз ҳаводиси пандомӯзи гузаштагон мисолҳо меорад. Бино ба қавли муаллиф аз ҳунари аспсаворӣ моҳирона истифода карда натавонистани Амри Лайс давлати ӯ шикасти фоҳише ёфтааст: «…Амри Лайс аз Хуросон ба мухосамат ва муҷодилаи Амир Исмоили Сомонӣ бархост. Вақте ки суфуфи лашкари тарафайн ороста, ҳанӯз оташи фитна боло нагирифта

буд, асби Амр рам хӯрда, ҳарчанд забти инон намуд, ҳифзи туғёни асб сурат набаст. Ҳамчунон Амрро оварда, ба қушуни Амир Исмоил ба дасти ғаним супурд. Ончунон хасми қавӣ, бе он ки тиру туфанг холӣ шавад, асири қайди амири Бухоро гашт. Ва ончунон давлате ба андак замоне ночиз гардид (шуми асбро)[3,191].

Воқиф будан аз ҳунари тирандозӣ, ин як василаи аз ҳалокат раҳонидани хеш дар набардҳо мебошад.

Ноогаҳӣ аз санъати камонварӣ ва тирандозӣ на фақат ба ҳангоми разм, балки ба ҳангоми эминӣ ҳам, метавонад боиси таассуф ва надомат бигардад.

Аҳмади Дониш чун носеҳе ҳидоятгар ба фарзандони хеш Асъад ва Абдулкарим ва инчунин ба дигар пандпазирандагон аз сабаби ноошноӣ ба туфангу санъати тирандозӣ ва вазъияти хатир ва таассуфовар афтодани хешро мисол меорад, то ки бад-эшон дарси ибрат шавад:

«Ман боре…. туфангчаи шашмила аз соҳиби сароро гирифта, тамошо…. мекардам ва ҷои қундоқ ва гулӯла меҷустам ва ҳар тарафе мегардонидам… Ҳам дар ин асно ногоҳ туфангча холӣ шуд…агар чаҳор ангушт ба тарафи рост майл кардӣ аз канори абрӯи як рафиқи ман гузаштӣ ва агар чаҳор ангушт ба тарафи чап… аз шонаи дигари рафиқи ман гузаштӣ»[3,106].

Адиб аз ин қазия то лаҳзаи охири умр бо надомат ва пушаймонӣ ёдовар мешуд.

Ӯ тарбияи ҷисмониро ҳам барои сипоҳиён ва ҳам дигар муҳофизони ватан ҳатмӣ меҳисобид. Зеро бидуни ин намуди тарбия наметавон муҳофизеро ба камол расонид, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ боқувват ва барои иҷро намудани вазоифи бапешгузоштаи ҳарбӣ қодир бошад.

Ҷисму тани сарбозонро бо машқ бояд обутоб дод, ба онҳо санъати размро бояд биёмӯхт ва онҳоро ба корҳои беҳуда аз қабили коҳкашонӣ ва ҳаммолӣ масруф набояд кард. Он гоҳ метавон мардони ҷангиеро тарбият кард, ки бист нафар бар дусад нафар душман ғолиб ояд. Чунончӣ: «Яъне агар бошад…бист нафар пойдори собири мутаммакин, ғолиб аст дусад нафар хасмро. Яъне як нафар ба муқобили даҳ нафар пас даҳ ҳазор дар муқобилаи як лак лашкари хасм бошад, ки дар муҳораба ниҳоят як лак аскар ҷамъ шаванд. В-аз он зиёда муфзӣ ба харҷ бошад. Ва он нодир бошад. Пас, панҷ ҳазор марди мутамаккин ба панҷоҳ ҳазор марди ғайри мунтазам муориза муориз ояд ва аз пеш бардорад»[3,133].

Чунин ба назар мерасад, ки дар баёни ин ақида байти машҳури Ҳакими Тӯсӣ:

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор…

илҳомбахшу мутаккои адиб дар баёни ин ақида гардидааст.

Аҳмади Дониш, ки дар бораи тарбияи ҳаматарафаи сарбоз бо дилсӯзиву шафқат мулоҳизаронӣ менамояд, дар мавриди гурехтани

сарбоз аз корзор ӯро хиёнаткор диниста, бо нафрат барои ӯ ҳукми қатлро раво дидааст. Яъне сипоҳие, ки ватан ӯро ҳаматарафа тарбия ва таъмин намуда, омӯзонида ба камол расонидааст набояд, ки кӯрнамакӣ, буздилӣ ва хиёнатпешагӣ кунад: «Ва сипоҳие, ки аз сафи корзор бигурезад, бибояд куштан, ки хунбаҳои худро пешин хӯрдааст. Аскарро, ки султон нон медиҳад, пинҳон ҷон медиҳад, агар бигурезад, шояд, ки хунаш бирезад»[3,149]. Ин таъбир байти Саъдии бузургворро ба хотир меорад, ки гуфтааст:

Якеро, ки дидӣ чу дар ҷанг пушт,
Бикуш! Гар адӯ дар масофаш накушт! [6,198].

Ин тадбир ҳам барои тарбияи насли оянда судманд буд ва ҳам зинае барои пирӯзӣ бар душман. Зеро сарбоз бо тамоми ҳастӣ то ба охир мубориза мебурд ва муқовимат мекард. Аз Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 роҷеъ ба ба ин масъала мисолҳои зиёдеро метавон далел овард, ки барои гурехтан аз ҷанг ё ба тарафи душман гузаштан ба сарбозону афсарон сазо мӯҳри хоинӣ ва ҷазо маргро медонистанд.

Тарбияи ҷисмонӣ ва тайёрии ҳарбӣ ҳар ду бо тарбияи ватанпарастӣ робитаи ногусастанӣ дошта, мақсад аз онҳо садоқат ба ватан мебошад…

Давлати соҳибистиқлоли мо барои ривоҷи тарбияи ҷисмонӣ ва тайёрии ҳарбии ҷавонон имрӯзҳо диққати махсус дода, дар макотиби мутавасита ва олӣ ва макотиби махсус омӯзиши онҳоро ба роҳ монда, шароит фароҳам овардааст.

Ба ҳамаи ин шароитҳои мусоид аҳамият надода, бархе аз чавонон на танҳо аз машқи ҷисмонӣ ва омӯзиши лавозимоти ҳарбӣ, балки аз хизмати ватан ҳам саркашӣ мекунанд.

Зарурати омӯзиши афкори тарбиявии ватандӯстонаи Аҳмади Дониш ва дигар бузургони гузаштаи халқи мо низ барои ҳамин аст, ки дар ҷавонони имрӯза ҳисси ватандӯстиро ва эҳтироми муқаддасоти миллиро тарбия намоем. Ва дар ин хусус сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид мекунад:
«Фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад»[8,13].

Аҳмади Дониш шоҳони манғитро чун Фирдавсӣ (Султон Маҳмудро) ва Саъдӣ (чингизиёнро) барои ин сарзамин бегонаву душман меҳисобид.

Муҳаққиқ Субҳон Амир аз мулоҳизаҳои доктор Ғуломҳусайни Бегдилӣ роҷеъ ба шахсияти Фирдавсӣ иқтибоси зерро оварда, ба ҳокимони аҷнабӣ бо дидаи ҳақорат нигаристани ҳакими Тусиро асоснок мекунад: «Ба назари Фирдавсӣ бегона бегона аст, шимолӣ ва ҷанубӣ, шарқӣ ва ғарбӣ надорад. Бар Эрон бояд худи Эрон ҳукумат намояд, зеро ҳар моск ва пардаву ниқоб, саранҷом ба Эрон латма ворид хоҳад кард»[9,40].

Дар ақидаҳои ватандӯстонаи хеш Аҳмади Дониш ҳам, бешубҳа, чунин мавқеъро пайгирӣ намудааст. Ӯ харобии ватани хешро, залиливу

мазлумии мардуми бумии онро, таназзули маданияту маориф ва қувваҳои низомиву муҳофизатии онро маҳсули кирдори разилонаву бешарафонаи манғитиён ва насақи чингизиён медонад.

Мутафаккир дар «Рисолаи таърихӣ»-и хеш Султон Маҳмудро на шаҳзода, балки писари нонво ба қалам додааст ва нисбат ба насаби Амир Музаффари манғит аз забони қаҳрамони хеш – пири деҳотие, ки шоҳиди аъмоли пурфасоди амир дар чаҳорбоғ буд, чунин меорад: «... ман чашм медорам, ки амир писари Султон Насруллоҳ набошад. Эҳтимол ки падараш раққосу қавволу масхарабоз бошад ва илло ҳеҷ нафси шариф бад-ин разолату сафоҳат тан дар надиҳад»[4,69].

Бетафовутии амирони манғитро нисбати ин ватан ва бетараҳҳумиро нисбат ба мардуми он танқид намуда, менависад, ки ба ҳар деҳа ва маҳалле, ки онҳо барои истироҳат ё адое коре раванд, бозаргонон дӯконҳоро мебанданд ва фуқаро ба танг меоянд.

Аҳмади Дониш бо таассуф аз адолати шоҳони ориётабор – Нушервони Одил ва Исмоили Сомонӣ ва ватандӯстиву раиятпарварии онҳо ривоятҳо оварда ба амирони манғити замони хеш дарси ватандориву фуқаропарварӣ медиҳад.

Ба андешаи адиб услуби салотини турк аз назму насақи Чингиз аст[3,177]. Зеро Чингиз бедодро аз ҳад гузаронида буд, аз ин рӯ худро ба ҳайбат нигоҳ медошт, ки ба назди ӯ касеро даромадан намонанд, то аз зиёни мардуми баҷономада эмин бошад. Манғитҳо низ чун золиманд, на барои ватан, балки барои аз даст нарафтани тахт ҷон мекананд, зеро раият дастгирашон нест. Вале Нушервон ба занҷире ҷарасҳо баста, тарафе назди хеш ва тарафе дар майдон бар дарахте баста, нигоҳ медошт, то агар касеро ҳоҷате бошад, силсиларо биҷунбонад[3,157]. Ё ин ки «Нушервони Одилро, ки дар куфр мурд, дидандаш дар ҷойгоҳи сабзу хуррам. Пурсидандаш, ки «ин мақом ба чӣ ёфтӣ?» Гуфт: «Бар муҷримон шафқат набурдам ва бегуноҳро наёзурдам»[3,166].

Аҳмади Дониш «куфри» меҳанпарастона ва раиятпарваронаи шоҳи номусулмонеро чун Нушервони Одил аз ҳазорон мусулмонии манғитиён авло донистa, такя бар ҳикмати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мекунад, ки эшон дар достони «Саломон ва Абсол»-и хеш мефармоянд:

Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фареҳ,
Мулкро аз золими диндор беҳ[7,9].

Ба андешаи А. Дониш сиёсати ватандӯстона ва ватандориву раиятпарварии Исмоили Сомонӣ низ қобили дастгирӣ ва пайравӣ мебошад. Зеро ки ӯ аввал ватанро аз ҳамлаи кӯчманчиён эмин сохт, дуввум онро обод гардонд ва сеюм бар раият зулмро раво надошт.

Овардани нақли убур намудани Исмоили Сомонӣ бо лашкари панҷоҳҳазора аз кӯчабоғи дар он шохаи пурбори себи овезонбуда, шумурдани теъдоди он ва шомгоҳон барои дубора шумурдани он фиристодани ходим ва боварӣ ҳосил намудан ба он, ки донае аз он себҳо кам нагашта, худ далели он шуда метавонад, ки шоҳ ватандӯсту

раиятпарвар буда, сарбозону афсарони ӯ ишками сер ва чашмони сер дошта, қавоиди низоми аскариро хуб риоя мекардаанд[3,191]; [1, 191].

А. Дониш аз он ки ватани ӯ ба дасти бегонагон афтода ва ба вазъияти баде дучор гардидааст, афсус хӯрда менависад: «..ба дорул-аморати Бухоро хеле тафовути фоҳиш дар умури миллатӣ воқеъ шуда, аксар мадрасаҳо ва масҷид аз дарсу намоз таътил ёфта, ҳуҷраоти мадорис коҳхонаи хари обкашу ғалладони баққол шуда, ба сабаби он ки мардуми ӯзбак дар умури давлатӣ тадохул ёфтааст, ҷиҳати безабтии салтанат шуда, ҳар чӣ аз ҳар ҷо ёфтаанд, мутасаррифу молик шуда, шуъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори ӯ қоқ дуздида ба масрафи шикаму харҷи худ мерасониданд ва касеро маҷоли бозхост набуд ва бозори хамру қимор ва фисқу фасод бисёр роиҷу гарм буда дар миёни умаро ва ҳукком»[4,8].

Маҳз ҳамин бетафовутии амирони бегонаи манғит нисбати ин марз ва бераҳмии онҳо нисбат ба мардуми бумии ин сарзамин, тоҷикон буд, ки ҳангоми сар задании ҷанги байни Русия ва Бухоро (1866-1868) мутафаккир ақидаи пешгирии ҷанги нобаробарро пешниҳод менамояд. Ақидаи пешгирии ҷанги нобаробари Аҳмади Дониш як ҷузъи ақидаҳои тарбияи ватандӯстонаи ӯ мебошад. Дониш нек медонист, ки харобии ин мулк ва қашшоқии мардуми Бухоро аз дасти ин ҳуккоми ҷоҳили турк аст ва мутмаин буд, ки дар ин ҷанг Русия пирӯз хоҳад шуд. Инчунин медонист, ки дар сурати шикаст ёфтани Бухоро дар ҷанг ба ҷони ҳокимони турк хатари ҷонӣ таҳдид нахоҳад кард.

Ин андешаҳои адибро ҳодисаҳои ҷангии солҳои 1866-1868 байни Русия ва Бухоро пурра исбот намуданд, ки лашкари нимбараҳнаву машқнадида ва аз зулми фармондеҳони сипоҳу амир баҷономада ҳаргиз намехоҳад ва наметавонад бар алайҳи лашкари бо силоҳ муғарраҳи Руссия муқовимат намояд. Аҳмад Махдуми Дониш чун ватандӯсти дилсӯз, ки аз бартарияти асокири Русия огоҳии нек дошт, ба шуруъ кардани чанг муқобил буд, вале амир аз бефаросатӣ ба ӯ гӯш надод ва то ба шикасти шармандавор дучор шудан ба ӯ бовар накард.
Баъди шикасти пурра (20-уми майи соли 1868), тибқи шартномаи сулҳ амири Бухоро бояд ба Русия 500 ҳазор тилло товони чанг медод[5,182]. Ин хама азобу кулфат боз ҳам ба сари халқи мазлум бор мешуд.

Вале қабл аз ҷанг, ба гуфтаи писхандомези Аҳмади Дониш, амир Музаффар аз бефаросатӣ ва нодониву ноогоҳи хеш бо манманиву такаббур ба амири тӯпхона ва амири аскари хеш таъйин мекардааст, ки хазинаи Руссия ба дасти навкария талаф нашавад ва бисёри мардуми Русияро нокушта барои хидмат биёранд[4,26].

Дар ҳошияи лашкар Яҳёхоҷаи туркман, ки мансаби охундӣ дошт, халқро ба ҷиҳод даъват мекард. Баъди ҳамлаи русҳо аввал касе, ки бигрехт ва аммомаро аз сар бияндохт, Яҳёхоҷаи охунд буд. Амир низ фурсати нуқси ҳоҷат наёфта ҳам ба болои зини асб бавл карда, эзорро мулаввас гардонида, наздики ишо ба қишлоқе Ховос ном расида фаромад[4,27].

Агар ба гуфтаи Дониш амал мекарданд, шояд на амир эзори худро тар мекарду на аморат 50 ҳазор тилло товони ҷанг медод.

Мутафаккири ватандӯст ҷонибдори ҳифзи сипоҳи беҳимоя ва халқи мазлуми сарзамини худ буд. Аз ин рӯ, дар рисолаи таърихии хеш менависад: «ғалабаи Рус дар кутуби илҳом ба тамомати маъмура пеш аз ин ба чандин сол навишта шудааст… пас мувосою мадоро бо давлати Рус зарур бошад, ки (байт):

Ҳар ки бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соиди симини худро ранҷа кард[4,89].

Аҳмади Дониш, ки тараққиёту пешрафти мамолики ҳамҷаворро, махсусан Русияро ба чашми худ дида буд, мехост, ки Бухорои Шариф ва харобгаштаи ӯ низ ба мисли дували дигар аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ пешрафта ва обод гардад.

Агар гӯем, ки мағзи тамоми андешаҳои ӯ, рисолаҳои ӯ ва пешниҳодҳои ӯро фикри ободии ватан ташкил медиҳад, муҳобо нахоҳем кард.

Адиб ривоҷи мулк ва равнақи онро ба адолати амир вобаста медонад. Ӯ чунин менигорад: «Пас, подшоҳ, ки мушфиқи дарвеш аст, нигаҳбони мулк ва давлати хеш аст, адлу рафъати султон мӯҷиби оину истиқомат аст мар-раиятро, то иморату зироат беш иттифоқ афтад. Ва чун иморату зироат ва адлу рафъати султон ва арзонӣ баландовоза шавад, бозаргону мусофирон дар ин шаҳр рағбат оранд ва ғаллаву қумош ва дигар матоъ биёваранд, пас мулк ободон шавад ва хазоин маъмур гардад. Ва бад-ин сабаб лашкариён серу фарохдаст гарданд. Ва чун аскар қавӣ бошад, ҳавзаи миллат маҳфуз монад ва шариат ривоҷ ёбад»[3,154].

Аҳмад Махдуми Дониш, ки борҳо ба таври шифоҳӣ аз амир талаби ислоҳоти амoратро барои ободонии ватани хеш мекард, баъдан рисолае низ таълиф намуд, ки ба қавли адиб ба назми узбакиву фарангӣ иншо гардида буд. Ӯ дар рисолаи ислоҳотталабонаи хеш бо забони соддаву фаҳмо роҳҳои инкишофи аморати Бухороро нишон дода, тарзи ҳукуматдорӣ ва низоми хоҷагии халқро низ дарҷ намуда буд. Мутафаккир дар фасли дуюми рисолаи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-и хеш қайд мекунад, ки дар шаҳре, ки панҷ чиз мавҷуд набувад, марди оқил дар онҷо зиндагӣ ихтиёр накунад. Ин панҷ чиз, ё ин ки панҷ шарти асосии пешрафти аморат, ки дар рисола пешниҳод гардида буд, инҳоянд:

«Аввал, подшоҳи одили қоҳири зӯр, ки агар подшоҳ золиму заифҳол бувад, хамсоягон дар мулки вай тамаъ кунанд ва он шаҳрро поймол гардонанд

Дуввум-уммолу мутасаррифони мутадайин, ки агар уммолу ҳокимон ҷобир бошанд, агарчӣ подшоҳ золим набувад, ин шаҳр хароб шавад ва раоё нуфур кунанд ва деҳаҳо вайрон шавад….

Сеюм, табиби ҳозиқ, ки агар дар шаҳре табиби донишманд набувад, мардуми бисёр ба аворизи дохилӣ ва хориҷӣ мариз шаванд ва ба ҳалокат расанд… ва мардум камтар омадшуд кунанд аз бими беморию марг.

Чаҳорум, мардумони ҷаводу карим, ки ҷиҳати ғурабо манзилу маош мураттаб медоранд, то мусофиронро осоишу ҷамъият бошад…

Панҷум, обҳои ҷорӣ, чун дарё ва наҳрҳо ва чашмасорҳо зироатро, ки агар шаҳре чунин набошад…. анқариб хароб гардад»[3, 132].

Ба андешаи Дониш танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ин панҷ асос ё шароит инсон метавонад инсонвор дар ватани хеш истиқомат кунад. Тамоми салтанат бар чаҳор чиз қоим аст, яъне бар сипоҳ ва раоё ва зару об ва аз инҳо агар дар яке нуқсон афтад, сеи дигар пойдор намонад ва ҳатто пояи салтанат мутазалзил гардад.

Шарти панҷум, яъне обёрӣ намудани заминҳои Бухоро яке аз рӯзмарратарин масоиле дар ҳалли ободонии ин мамлакат буд.

Аҳмади Дониш аз набудани об танқисӣ кашидани мардуми Бухорои шарифи хешро дида, чандин маротиба амирро даъват карда буд, ки барои аз Амударё баровардани об ризоият ва фармон диҳад. Ҳатто нақшаҳо кашида, маслиҳат ва роҳ низ нишон дода буд.

Зеро халқи тоҷик дар қатори дигар ориётаборон обро дар радифи се унсури дигар- боду хоку оташ муқаддас медонист ва ба яке аз он халқиятҳое мансуб мебошад, ки дар сарзамини Осиёи Марказӣ аввалин шуда ба киштукор машғул шуда буданд.

Гузаштагони мо чи дар замони Ҳахоманишиҳо ва чӣ Сосониёну Сомониён ва ғайра низ барои обод кардану обёрӣ кардани сарзамини хеш аз дарёҳо, наҳру ҷӯйҳо ва корезҳо меканданду об мебароваранд. Далелҳои раднопазири ин ақидаҳоро дар маъхазҳои хаттии гузаштагон ва китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров метавон дарёфт. Бухоро ҳам асрҳо ба қадри имкон аз об таъмин карда мешуд.

Таназзул дар ободии Бухоро ва харобӣ дар мазраъҳои он, ба қавли Дониш, он вақт ба вуҷуд омад, ки оби Бухоро ба дасти русҳо даромад ва бисёри фуқаро аз туманҳо кӯчида ба хоки Рус (сарзаминҳои ба итоати Русия даромада) рафтанд. Таъминоти оби Бухоро асосан аз Самарқанд буд, чун он шаҳр ба дасти русҳо гузашт, дигар барои оби ба Бухоро омада касе аҳамият намедод, ҳатто қасдан онро кам мекарданд. Яке аз шоҳидони ин вазъияти ногувор Александр Борнс дар китоби худ «Путешествие в Бухару» чунин навишта буд: «Гуфтан мумкин нест, ки Бухоро аз оби нағз фаровон таъмин аст, зеро дарёе, ки аз шаҳр даҳ мил дуртар гузашта меравад ва ҷӯе, ки аз он меояд, фақат дар ҳар ду ҳафта як бор кушода мешавад, бинобар ин, тобистон аҳли шаҳр дар муддати як моҳи дароз баъзан оби тоза ёфта наметавонанд»[5,118].

Аз сабаби норасоии об ва истеъмоли оби бадбӯю ифлоси баъзе ҷӯю ҳавзҳо дар Бухоро ва туманоти он касалиҳои зиёди сирояткунанда паҳн мешуданд. Баъзе аз қарияҳо қариб беодам монда буд. Сурати ин фоҷиаро дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ метавон дарёфт, зеро ӯ дар ин вабои даҳшатнок чанде аз пайвандон ва волидайни хешро аз даст дода, сағир монда буд. Барои муайян кардани сабабҳои сар задани вабои марговари соли 1893, касалии ришта ва санҷидани ҳолати санитарии шаҳри Бухоро ва пешгирии он ба гуфтаи устод Айнӣ аз Петербург ҳатто комиссияи тиббие омада буд[2, 543].

Аҳмад Махдуми Дониш ҳамчун мутафаккири меҳанпарасту инсонпарвар сабабҳои асосии сар задании ин вабоeveryро аз аввал медонист.

Аз ин рӯ, бо ҷидду ҷаҳд аз тамоми он имкониятҳое, ки дошт, истифода мекард, то ки барои ободонии Бухоро ва сиҳатии мардум оби зарурӣ ва тозаро ҷорӣ созад. Вале дар тамоми мавридҳо ба ин ташаббус амирони бефарҳангу нисбати халқу ватан бепарвои ба айшу тараб додашуда монеъ мешуданд.

Мавриди аввал. Баҳори камбороне, ки танқисии обро адиб пешбинӣ мекард, бо арзае аз амир хоҳиш намуд, ки бо умеди оби Самарқанд нашуда, аз ҳисоби ба заминҳои ҳафт тумони Бухоро ба ҳар замине 2 танга ҷуъл гузоштан, танҳо бо ду лак тангаи он метавон аз Ому обро ба Бухоро овард. Лек амир дар ҷавоб навишт, ки аз Ому об овардан хатарнок аст, агар обхезӣ шавад, шаҳр вайрон мешавад ва Русия ҳам агар розӣ нашавад, чи мегӯем?

Чун иҷрои ин амрро ба ҳукумати Русия ҳавола намуданд, Дониш аз нав мактубе, ки дар он чор мултамас (хоҳиш) дарҷ гардида буд, навишт ва гуфт, ки амир зимни вохӯрӣ бо вузарову умарои рус мактубро ба онҳо диҳад, ё ин ки бо почта фиристад.

Дар ин мактуб низ, ки аз беҳавсалагии амир ба ҷои зарурӣ супорида нашуд, адиб чор хоҳишеро аз ҳукумати Руссия барои ободонии Бухоро карда буд, ки яке аз он илтимосҳо танзими оби Бухоро аз Самарқанд буд. Мутафаккир аз ҳукумати Русия чунин хоҳиш карда буд: якум, барои ба Бухоро расонидани об аз Аму ё Сир мутахассиси варзидаеро бифиристад; хоҳиши дуюм, фабрики набот ё қанд сохта шавад; сеюм, дар Бухоро фабрикаи мовут сохта шавад; чорум, уламои маъданшиносро бифиристанд, то дар кашф ва кушодани конҳо кӯмак расонанд.

Чуноне ки аз ин мултамасҳо бармеояд, ҳамаи онҳо он масъалаҳое буданд, ки ҳалли онҳо ба дарди онрӯзаи Бухоро мехӯрд.

Дониш медонист, ки бо овардани оби зарурӣ Бухоро сабзу хуррам шуда, заминҳо серҳосил мешаванд; бо сохтани фабрикҳо мардум бо кор таъмин мешаванд; бо кушодани конҳо маъданҳо мавриди истифода қарор мегиранд ва барои давлат даромад мешавад. Ин ҳама, ба андешаи адиб, барои пешрафти зиндагии мардуми Бухоро мусоидат хоҳад кард.

Адиб элчиро низ маҷбур месохт, ки аз губернатор Кауфман барои Бухоро оби Самарқандро биталабад, зеро дар Самарқанд оби чашмаву корез фаровон аст ва дар Бухоро як машки об ба ним дирам ҳам пайдо намешавад[4, 83].

Лекин аз ин радду бадали суханҳо бо умарову вузаро ва элчиҳои бухороӣ натиҷае дар ин самт ҳосил нагардид.

Аз ин рӯ Дониши ватанпараст, чун дид, ки аз эшон ҳеҷ суде нест, худ ба иҷрои ин кор бевосита камар баст ва то андозае ҳам муваффақ гардид, ки сурати ин воқеаро дар «Рисолаи таърихи»-и хеш чунин менигорад:

«Дар Фитирбурх ҳар ҷо ки бо губирнот дучор мешудем, элчиро намонда суханро ба оби Бухоро меовардем. Мегуфт: Филвоқеъ оби дарё ба Самарқанд ба сарф хоҳад рафт, азбаски иморату зироати бисёр фармудаам ва ман оби Бухоро андешидаам. Дар вақташ аз Сир ба Бухоро об хоҳам бурд…

Ман пурсидам, ки об аз Омуя чаро наорӣ? Гуфт: Аксарии мазореи Бухоро аз Омуя иртифоъ дорад, магар тавобиоти Қаршӣ ва Қарокӯл. Гуфтам: Мадхали об аз кучои Сайҳун мулоҳиза кардӣ? Гуфт: Аз Динос ва шимолии чиболи Аштихон ба ҳамаи туманоти Бухоро об тавон расонид. Чун иброми мо дар об муқаррар шуд, безор шуда, вақти видоъ аз Фитирбурх маро миннатдор карда гуфт: дилхӯш бошед, ки баъд аз мушоварат дар машваратхонаи давлатӣ, маъзун шудам, ки оби Бухоро ва Самарқандро мунқасим гардонам. Ба Абрамув, ҳокими Самарқанд фармудам, ки чун ба шумо мулоқот кунад, оби Самарқандро чунончи шумо гӯеду хоҳед, тақсим кунад»[14, 83]. Дар ҳақиқат, ҳамон сол бо заҳматҳои Дониш Бухоро аз оби фаровон таъмин гардида буд.

Чунин муҳокимароникҳоро дар он давраи пуристибдоду пурҷаҳолат танҳо мутафаккири ҷасур, ватандӯсти ҳақиқӣ, билохира қаҳрамони миллие чун Аҳмади Дониш метавонист наҳаросида ба миён гузорад.

АДАБИЁТ:


1.Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 6. -Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1962.- 415 с.

2.Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 7. -Душанбе: Ирфон, 1962.- 646 с.

3.Аҳмади Дониш. Наводирулвақоеъ. Китоби 2.- Душанбе: Дониш, 1989.-339 с.

4. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. - Душанбе: Сарват, 1992.- 98 с.

5. Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш.- Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.

6. Саъдии Шерозӣ. Гулистон.- Душанбе: Дониш, 1988. - 214 с.

7. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. - Душанбе: Адиб, 1987.-158 с.

8.Консепсияи миллии тарбия дар ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе, 2006. -24 с.

9. Субҳон Амир. Фирдавсӣ ва Дониш. //Адиб.№ 5-6. – Душанбе, 1994, с. 38-50.

10.Ҳайдаров А.А.Андешаҳои педагогии Аҳмад Махдуми Дониш.-Душанбе: “Ирфон”. 2011. 164 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович-*** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ; Tel: 919.99.75.27 ; E-mail: avsamad@bk.ru

**Давлатова Моҳира Акбаровна**-омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Сведение об авторе**: **Хайдаров Абдусамад Алифбекович-**к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана; Tel: 919.99.75.27 ; E-mail: avsamad@bk.ru

**Давлатова Мохира** Акбаровна-ст.преподаватель кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана;

**Information about the author**: Haidarov Abdusamad Alifbekovich- Associate Professor, Head of the Department of Social Science, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: 919.99.75.27 ; E-mail: avsamad@bk.ru

**Davlatova Mohira Akbarovna-** Senior Lecturer of the Department of “Foreign Languages", International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, E-mail: tel:+992004331942

# ОСОРИ АРЗИШМАНДИ БУЗУРГОН ВА ПАРВАРИШИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Хоҷаева М. О.-**н.и.ф.,
**Бобоева И.А.-**н.и.п.
Телефон 927741565
Суроғаи электронӣ: boboeva-83@mail.ru

ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Худшиносӣ сарчашмаи шинохти арзишҳои маънавӣ, моддӣ ва фарҳангии миллат, арҷгузорӣ ва эҳтиром ба таърих, фарҳанг, забон, адабиёт, расму оин, ҷашнвораҳо, анъанаҳо, дин ва тамаддун аст. Мувофиқи андешаҳои муҳаққиқон роҳҳои расидан ба худшиносӣ ва худогоҳӣ гуногунанд [3].

Дар ин хусус, академики маъруфи тоҷик М.Шакурӣ истинодан ба гуфтаҳои таърихшиноси рус В.О.Ключевский чунин ибрози назар кардааст: “...чун ниёгонро меомӯзем, худро мешиносем. Имрӯз мо тоҷиконро зарур омадааст, ки аҷдодро биёмӯзем, то худро бишносем. Ҳеҷ яке аз риштаҳои худшиносии шахс ва ҷомиаро бидуни ёди таърихӣ тасаввур наметавон кард. Ҳар амали муҳимми иҷтимоъӣ он гоҳ кам ё беш амали огоҳона хоҳад буд, ки аз ёди таърихӣ раҳнамоӣ дида бошад. Ёди фарҳангӣ яке аз шартҳои асосии моҳияти маънавӣ пайдо кардани ҳастии инсон аст ва низ бидуни донистани таърих даст намедиҳад. Бидуни худшиносӣ ба арсаи таърих пой гузорем, бо чашми пӯшида ва гӯши ношунав қадам хоҳем зад” [5, 30-31].

Воқеан ҳам, академик М.Шакурӣ дар асарҳои арзишмандаш бисёр паҳлӯҳои омӯзиш ва парваришро баррасӣ намуда, масъалаҳои баланд бардоштани маънавият, пешгирии камсаводиро аввалиндараҷа гузоштааст. Дар ин радиф эътибори ҷиддӣ додан ба таълиму тарияи инсонгароӣ ва худогоҳии миллиро бисёр афзал донистааст [4; 5].

Мавриди зикр аст, ки нахустин мактаби тарбияи худшиносии мардуми тоҷику форс ҷаҳонбинии ориёӣ мебошад. Осори хаттии мардуми тоҷик асарҳои куҳани адабӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии он, аз ҷумла “Авесто”, “Дарахти ассурик”, “Ёдгори зарирон”, “Андарзи Озарбади Меҳраспандон”, “Андарзи доноён ба Маздистон”, “Андарзи Хусрави Қубодон”, “Андарзи дастур ба беҳдинон”, “Андарзи Беҳзоди Фаррухпирӯз” ва ғайра мебошанд, ки меъёрҳои ахлоқиро дар робита ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти инсонӣ фаро гирифтаанд ва таҷассумгари назарияҳои худшиносӣ мебошанд. Баъдан, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ ва муосирони дигари онҳо дар адабиёти навини форсиву тоҷикӣ суннати андарзофариниро ривоҷу густариш додаанд.

Дар ин хусус, академик М.Шакурӣ дар асари “Хуросон аст ин ҷо” бо дарки васеи масъулиятшиносӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва

хештаншиносӣ мавзуъро пайгирӣ намудааст: “Мо тоҷикон бояд фахр бикунем, ки аҷдоди мо тамаддуни бузурге, ки бунёди он ба фарҳанги волои маънавӣ буд, ба вуҷуд овардаанд ва мо меросбари онем. Мо бояд сари ифтихор баланд бидорем, ки гузаштагони одамиятпарвари мо барои бузургдошти одамизод, барои хештаншиносии маънавию ахлоқии инсон, барои аз олоиш пок доштани сиришти вай асрҳои аср теша ба пойи андеша задаанд, аммо сохтани дастафзори ҳамакушӣ ва ҷаҳонхӯриро фикр накардаанд. Мояи ифтихори зодагони тамаддуни ориёист, ки аз миёни онҳо пайғамбарсифатоне чун Зардушт, бузургоне чун Ибни Сино ва Фирдавсӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз, мавлавӣ Ҷалолиддини Румии Балхӣ баромадаанд...” [5, 25].

Аз муҳтавои мероси ниёгон бармеояд, ки ҷавҳар ва асли ҳикмати ориё ҷанбаҳои инсонгароёна дорад. Масалан, Аттор худшиносиро аз он ҷиҳат тарғиб мекунад, ки дар заминаи он дар шахс метавонад, фазилатҳои дигари инсонӣ, аз қабили тавозуъ, гузашт, инсоф ташаккул ёбад. Дар байти зер басо содаву фаҳмо ғояи худшиносиро таъкид кардааст:

Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,
Нест марди беадаб соҳибмақом [2, 35].

Дарвоқеъ, табиати инсон аксар дорои сифатҳои худхоҳӣ ва худписандӣ буда, кӯшиш мекунад, ки хубиҳо ва тавоноиҳои худро бузургтар, вале айбу камбудиҳои хешро куллан пинҳон намояд, ё хурдтар нишон диҳад. Дар ин маврид, ба ақидаи Саъдӣ, мушкилот ва ё монеа ин аст, ки бархе аз одамон ҳангоми худбаҳодиҳӣ хато ё худ айбҳои хешро ба сомеъ изҳор намекунанд, ки ин нуктаро ӯ таҳти таъбири “пардаи пиндор” дар ҳикояте ифода намудааст. “Ёд дорам, ки дар айёми туфулият мутааббид будаме ва шабхезу мулаъи зуҳду парҳез. Шабе дар хидмати падар нишаста будам ва ҳама шаб дида ба ҳам набаставу мусҳафи азиз бар канор гирифта ва тоифае гирди мо хуфта. Падарро гуфтам:

– Аз инон яке сар барнамедорад, ки дугонае бигузорад. Чунон хоби ғафлат бурдаанд, ки гӯйӣ нахуфтаанд, ки мурдаанд.

Гуфт:

– Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ, беҳ аз он ки дар пӯстини халқ уфтӣ” [6, 56-57].

Шайх Саъдӣ дар ин ҳикоят онҳоеро танқид кардааст, ки айби дигаронро мебинанду айби худашонро намебинанд, ё худ танҳо аз пайи айби дигарон ҳастанд. Шаб то рӯз нахуфтану ибодат кардан ва Қуръон дар каф доштан суде надорад, агар дар ҷустуҷӯи айби дигарон бошӣ!

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст омадани истиқлолияти сиёсию фарҳангӣ мавзуи худшиносии миллӣ яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз қарор гирифта, мавриди таваҷҷӯҳи давлату ҳукумат ва аҳли фарҳанг қарор гирифт. Заминаи асосии худшиносии миллӣ осори илмӣ-адабӣ ва публитсистии устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон шинохта шуданд, ки дар

мавзуъҳои гуногуни сохтмони ҳаёти нав навишта шуда, халқи тоҷикро ба ҷаҳониён шиносонид [4].

Дар “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ оид ба масъалаи рушди тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Таъкид гардидааст, ки тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад [1].

Ҳамин тариқ, бемуҳобо, устоди фақид академик М.Шакуриро аз чеҳраҳои олӣ ва намунавии зиёии хештаншинос ёд мекунем, ки тарғибгари волотарин суннатҳои аҷдодӣ, муҳофизи илму фарҳанг буд. Равшанфикре, ки бо ҳастии тамом дилаш ба ояндаи миллаташ месӯхт ва масъалаи хештаншиносиро аз равзанаи илму маънавият мӯшикофона ва дилсӯзона меҷуст ва решаи онро бо парвариши маънавият устувору ногузир медонист, зеро ҳар қадар ки худшиносию худфаҳмӣ дақиқтар бошад, инсон ҳамон қадар оқилтар, боадолаттар, самимитар ва босабртару дилсӯзтар мегардад. Ин сифатҳо, хоса дар замони муосир мақоми аввалиндараҷа касб мекунанд, зеро яке аз масъалаҳои ҷомеаи башарӣ ифротгароӣ ба шумор меравад ва ба мавзуи инсонгароӣ, хештаншиносӣ ва арзишҳои миллӣ иртиботи қавӣ дорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2006, № 94.– С. 4-19.
2. Аттор, Фаридуддин.Аз Панднома / А.Фаридуддин.–Душанбе: Маориф, 2016.– 40 с.
3. Бобоева, И. Нақши таҳаммулпазирӣ ва хештаншиносӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Макбати сиёсии Пешвои миллат». – 2022. – №3. – С. 370-375.
4. Шакурӣ, М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ / М.Шакурӣ. –Душанбе: Пайванд. – 2002. – 306 с.
5. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо / М.Шакурӣ. – Душанбе. – 362 с.
6. Шакурзода, О. Шарҳи “Гулистон” / О. Шакурзода.–Душанбе: Адиб, 2014.–540 с.
7. Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2017. Ҷ.6.– 660 с.


**Аннотатсия**


Дар мақола кӯшиш шудааст, ки тарбияи хештаншиносӣ аз дидгоҳи мутафаккирони маъруфи тоҷик то андозае таҳқиқ гардад. Зимни баррасии мавзуъ муаллиф бештар ба андешаҳои академик М.Шакурӣ такя намуда, доир ба масъалаи парвариши маънавият, инсонгароӣ ва ҳифзи арзишҳои миллиро дар радифи худшиносӣ мулоҳизаронӣ намудааст. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ афкори ниёкон дар тарбияи хештаншиносӣ ва бедории миллӣ нақши муҳим дорад.

**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ, инсонгарой, осори куҳан, Аттор, Саъдӣ, М. Шакурӣ.

**Аннотатция**

**ЦЕННЫЕ ТРУДЫ ВЕЛИКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ И РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОЗНАНИЯ**

В статье рассматривается вопитания самосознании с точки зрения известных таджикских мыслителей. При обсуждении темы автор в основном опирался на мнение академика М. Шакури и размышлял над вопросом воспитания духовности, гуманности и защиты национальных ценностей в направлении самопознания. Автор статьи подчеркивает, что в процессе глобализации мнение предков играет важную роль в воспитании самосознания и национального пробуждения.

**Ключевые слова:** национальное самосознание, самосознание, гуманизм, античные произведения, Аттар, Саади, М. Шакури.

**Abstract**

**VALUABLE WORKS OF THE GREATS AND DEVELOPMENT OF NATIONAL CONSCIOUSNESS**

The article examines the cultivation of self-awareness from the point of view of famous Tajik thinkers. When discussing the topic, the author mainly relied on the opinion of Academician M. Shakuri and reflected on the issue of educating spirituality, humanity and protecting national values in the direction of self-knowledge. The author of the article emphasizes that in the process of globalization, the opinion of ancestors plays an important role in nurturing self-awareness and national awakening.

**Key words:** national identity, self-awareness, humanism, ancient works, Attar, Saadi, M. Shakuri.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Хоҷаева Муқаддас Олимовна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти МДТ“ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
**Бобоева Иноят Асроровна,** номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллимаи МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
**Телефон 927741565**
**Суроғаи электронӣ: boboeva-83@mail.ru**

# ОМӮЗГОРӢ – КАСБИ ПУРШАРАФ

**Убайдуллоев** А.-омӯзгори калон
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
**Яҳёев** М.-дотсент
ФДТТ дар шаҳри Исфара

**Ҷомеа, ки ба аҳли маориф, ба устод, омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад.**

Оре, тамоми донишмандони соҳаи тарбия иттифоқи назар доранд, ки шоҳсутуни амали таълим ва тарбия омӯзгор маҳсуб мешавад. Сирру муваффақият ба ҳама маъно дар шахсияти омӯзгор нуҳуфта аст. аз ин нуқтаи назар, бояд омӯзгор ва мураббӣ аз нигоҳи хусусиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва тахассусӣ комилан ба талаботи ин касб мувофиқ бошанд, то ба ин восита вазифаи пурмасъулияти худро ба таври аҳсан иҷро намоянд. Омӯзгор бояд мувофиқи хоҳиши дил, завқу шавқ ва қобилият нисбат ба касби пеша кардааст садоқат дошта бошад ва то охир аз он дил наканад. Оре , омӯзгор то тамоми давру замонҳо шахси соҳибэҳтиром буд ва чунин хоҳад монд, чунки ба дасти вай тарбияи насли наврас, ояндаи дурахшони халқи миллатро бовар карда, супоридаанд.

Шоири маҳбуб Боқӣ Раҳимзода гуфтаанд:

**Тақдири насли миллат ба зиммаи ту бор аст,**
**З-ин бештар ба дунё дигар, чӣ эътибор аст.**
**Омӯзгор он гоҳ мамнуну бахтиёр аст,**
**Шогирди бовафояш ба халқ ифтихор аст.**
**З-ин рӯ, бузург ҳастӣ мисли падар-муаллим,**
**Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.**

“Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯйи олам аст” гуфтани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ бесабаб нест. Ин баҳои баланд ва қадршиносии хизмати омӯзгорон моро водор месозад, ки ба раванди таълиму тарбияи назари нав андозем, фаъолиятамонро ба таври ҷиддӣ ташкил намоем, ташаббусу эҷодкориҳо нишон диҳем. Ҳар як омӯзгор роҳбари синф баробари омӯзондан ё додани дониш малакаю маҳорати баланди ҷавобгӯи стандарти давлатии маълумот, тарзу усулҳои муайян кардани одобу ахлоқи хонандаггонро ба назар гирифта сифати таълиму тарбияро ба талаботи замон мувофиқ бояд намояд.

Таҷриба собит сохта аст, ки дар ташкили таълиму тарбияии мактабиёну донишҷуён нақши ҳалкунандаро омӯзгор мебозад. Хирадмандони олам зикр намудаанд, ки омӯзгорон чӣ гуна бошанд, ҷамъият ҳамин хел аст, яъне муаллимони хуб шогирди хубро тарбия мекунанд. Шайхураис Абӯалӣ Ибни Сино вобаста ба ин масъала чунин гуфтаанд: “Тарбиякунандаи кӯдак бояд дорои сифоти зерин бошад: Оқил, бодиёнат, донандаи хуби масоили тарбияи нафс, донандаи хуби роҳҳои кӯдакон, бовиқору ҷиддӣ, хушахлоқу нармхӯ, зирак, ҷавонмард ва поксурати пасттиннат ”. [50]

Тарбия ҳодисаи муҳим ва басо мураккаби иҷтимоист. Вай баробари пайдоиши одам дар замонҳои хеле қадим дар рафти фаъолияти меҳнатии одамон дар натиҷаи ҷудошавии касбу ҳунарҳо ба вуқуд омадааст ва баробари пешрафти ҷомеа дигаргун гаштани муносибатҳои ҷамъияти тағйир меёбад, ба тарзи истеҳсоолот муносибатҳои ҷамъияти истеҳсолӣ мутобиқ мегардад. Хусусияти тарбияро агар чун ҳодисаҳои

[50] Ибни сино “Ас-сиёсат”, ҷ.1.с. 102-103

ҷамъияти дида барорем, маълум мегардад, ки он чӣ корҳоро анҷом медоду додааст. Ба ҳамагон маълум, ки шаклу усулҳои тарбия ҷанбаи таърихи доранд. Хусусиятҳоро дорост, ки ҳамаи давраҳои инкишофи башарияти ҷомеаро дар бар мегиранд.

Насли наврас таҷрибаи садсолаҳо ғуншудаи гузаштагонро чун фанҳо таълими аз худ мекунад, таҷрибаашро бойтар мегардонад, инкишоф медиҳад, кашфиётҳо ва ихтироотҳои нав мекунад. Ҳамин тавр рушди камоли фарҳанг илму тарбия дар ниҳоят ҷамъият ба вуқуъ мепайвандад. Дар пайвастаги бо ҷамъият тарбия ҳам пеш меравад. Таърих гувоҳ аст, ки дар ҷамъияте ки тарбия дуруст ба роҳ монда шудааст, қуллаҳо баланди тараққиёт фатҳ мегарданд, чунки он ҳаракатдиҳандаи ҷомеа мебошад. Башарият ба шарофати мавҷудияти тарбия ба дараҷаи баланди тамаддун расид. Агар ба таърихи афкори педагогикаи халқамон, шахсиятҳои бузург назар афканем, хоҳем дид, ки қариб ҳамаи мутафаккирони тоҷик дар бораи зарурияти омӯхтани таҷрибаи ҳаёт ва тарбия ақидаҳои ҷолиб баён намуданд. Дар эҷодиёти одамшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Саъдии Шеърозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Садриддин Айнӣ ва бисёр дигарон ғояҳои асосии тарбия фаровон ба назар мерасанд.

Сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Одамшуарро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мазмуну моҳияти кори тарбиявиро дар рубоии зерин возеҳ баён намудааст:

**Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад,**
**Тани дурусту, хӯи неку, номи неки хирад.**
**Ҳар он ки, Эзидаш ҳамин чаҳор рузӣ кард,**
**Сазад, ки шод зияд, ҷовидону ғам махӯрад.**

Оре, баҳри ноил шудан ба самараи дилхоҳ мо бояд ҳамаҷониба омӯзем ва зарурати онро дарк намоем.

То илм наомӯзӣ, некӣ натвон кард.

(Носири Хусрав)

Дар ҳар давру замон, дар ҳамаи давлатҳо наврасону ҷавонон нерӯи интелектуалӣ ва ҷисмонии бебаҳо беназир ба ҳисоб мераванд. Лек ин нерӯ худ аз худ пайдо намешавад, онро тарбият мекунанд. Дар акси ҳол вай ба таври пароканда бошад, ҳам ба чунин қуввае табдил меёбад, ки минбаъд ба ҳастииҷамъият ва сохти иҷтимоию сиёсии он таҳдид менамояд.

Наврасону ҷавонон ояндаи давлату миллат мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо ҳамеша бояд дар маркази диққат ва ғамхории ҷамъияту давлат қарор гиранд. Зинаҳои тарбияи ҷавонон ин оила, мактаб омӯзгор ва ҷамъият аст. бале , маҳз мактаб дар ҳаёти ҷамеа мавқеи бузург дорад. Ҳар каси соҳибақл ба кадом мартабае расида бошад, аз рӯи файзу баракати таълиму тарбияи мактаб устодон баҳраман гардидааст: Мактабро мамлакатсоз ва умедбахши ҳамагон мегӯянд. Дар кишвар мо аз азал мактаб дар кадом шаклу намуде ки набошад ҷойи муқаддас, ҷойе ҳисобида мешуд, ки садҳо наврасон ҳамарӯза ба он ворид шуда, аз

укёнуси беканори илму маърифат дурру гавҳар чида ба ҳаёти минбаъда захира мекарданду мекунанд, то худ хушбахт бишаванд ва дигаронро низ хушбахт гардонанд. Хизмати мактаб дар инкишофи ҷомеа кам нест, он ҳамеша дар тарбияи хонандагон марҳилаи маркази буд ва мемонад. Мактаб бояд оид ба ташаккулдиҳии завқи бадеии хонандагон низ кори мақсаднок барад. Алъон ҷумҳурии мо низоми демократи, ҳуқуқбунёд ва дунёвии инкишофро пазируфтааст ва имрӯз ба он шахсони ташаббускор, офаранда, мушфиқу меҳрубон дорои андешаҳои мустақим лозиманд.

Имрӯз, ҷавонон ва насли наврас бояд дорои фазилатҳои беҳтарини инсонӣ, маърифатнокӣ ва тафаккури баланди умумибашарӣ, соҳиби ахлоқи ҳамида бошанд. Дастовардҳои илм, маданият , таърих, фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва ҷаҳониро аз худ намоянд ва тавонанд, ки фарҳангу маданияти ғании моро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда ва аз дастовардҳои илмӣ ҷаҳонӣ моро огоҳ созанд. Маҳз аз ин нуқтаи назар имрӯз дар мактабҳо раванди тарбияро тавре ба роҳ монем, ки фарзандонамон на фақат дониш омӯзанд, балки беҳтарин фазилатҳои инсонниро низ аз худ намоянд, ба мардуми сайёра фаҳмонанд.

Дар мактаб пеш аз ҳама инсонҳои мустақил, ҷӯянда, эҷодкор ва соҳибихтиёрро ба камол расонд. Омӯзгор пеш аз ҳама аниқ тасаввур кунад, ки дардавраи таҳсил кадом вазифаҳо бояд маддӣ назар истанд. Мувофиқи мақсад мебуд, агар омӯзгорон пеш аз ҳама маъмурият тамоми равияи кори худро қаблан муайян созанд. Ҳангоми ба роҳ мондани мақсади мушаххас дар мактаб эътибор ва бойгарии мазмун ва шаклҳои кории ҳаррӯза аҳамияти калон дорад. Маҳз ба таври корбарии характернок мо метавонем, ҳаёти хонандагонро зебо гардонем, ба онҳо таъсир расонем ёд диҳем, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаашон зебоиро бинанд, ба вуҷуд оваранд, дигаргун созанд, ҳаёти худро беҳтар кунад. Ҳамин тавр кори таълиму тарбияии наврасон дар мактаб аз маҳорати педагогии омӯзгор вобастагии калон дорад. Педагогика баҳри пуртуёнеро мемонад ва омӯзгор аввалин ҳамешагии он аст. Педагогика ин санъат аст, санъатест, ки на ҳар кас онро дарк менамояд.

Иҷрои ин талабот фақат ба муаллими меҳнатдӯсту интизомнок, эҷодкору ташкилотчи муяссар мегардад, ки баҳри баланд бардоштани савияи донишҳои педагогиаш мунтазам саъю кӯшиш мекунад. Вай билохира устоди кори худ бошад. Устод- омӯзгор, заҳматкашест пешаи хеш ва кӯдаконро беандоза дӯст медорад, мондашавиро ҳис накарда маҳорати омӯзгориашро мунтазам сайқал медиҳад. Чунин муаллимро “нури офтоби ҳаётбахш барои наврасон”-номида буд.[51]

Инсони соҳиби пешаи омӯзгори дошта бояд масъалаҳои бисёреро донад ва кори зиёдеросомон бахшида тавонад. Нишондиҳандаҳои маҳорати педагогӣ сершуранд. Яке аз онҳо ташкил карда тавонистани раванди таълим аст,яъне дар ҳама гуна ҳолат, ҳатто дар шароити ногувор ҳам омузгор бояд дараҷаи зарурии тарбия,инкишоф ва

[51] К.Д. Ушинский

догишҳоро ба даст оварад. Ҳамеша ба саволҳои додашуда ҷавобҳои ғайри оддӣ диҳад, ба ҳар шогирд муносиб муомила кунад,фикрашро ривоҷ бахшаду хонандагонашро ба ҳайяҷон орад. Дар усули таълими фаъол ба тарбияи нави муосир , мо насли наврасро ба андеша кардан водор созем ин талаби имрӯза аст . Дар ин ҳолатҳо бояд омӯзгор эҷодкорона рафтор намояд ва дар лаҳзаҳои даркорӣ донишу кордониашро нишон дода тавҷонад. Муаллими кордоне, ки қонунҳо ва меъёрҳои тарбияро хуб мефаҳмад, ҳолатро зуд таҳлил карда, эҷодкорона амал мекунад. Мунтазам дар дарсҳояш идора карда метавонад.

Омӯзгори соҳибтаҷрибаро зарур аст, ки ҳамеша дар дарс кори тарбиявӣ барад, дар хонанда хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ҳисси ватандӯстӣ меҳнатдӯстӣ ва мустақилиятро бедор кунад. Беҳуда бузургон нагуфтаанд:

**То ҳар тифл хонаду соҳибназар шавад,**

**Устоди муҳтарами ӯ хуну ҷигар шавад.**

Замоне, ки омӯзгор мегӯем, пеши назар симои шахсе падид меояд, ки дили саршор меҳр дорад, саропо месӯзаду месозад. Аз суханҳояш олам мунаввар мешаваду аз сохтанҳояш дунё зеботар мегардад. Ҳангоми шогирд гуфтан симои тифли бегуноҳ, чашмони пурмеҳр пеши назар ва ҷилва меоянд. Ин ду мафҳум омӯзгору шогирд ба ҳам пайванди ногусастание доранд. Чашмони меҳрбори шогирд он чиро кӣ меҷӯяд аз ҷалби устод бояд биёбад. Дарс василаест, ки омӯзгору шогирдро ба ҳам меораду ба ҳам мепарварад. Маҳз ҳамин муҳит бояд созгору солим бошад ва дар пояи ҳамкори дкҷониба қарор гирад. Барои таъмини ҷараён ва пешрафти ин кор мо иҷрои якчанд омилҳоро зарур мешуморем.

Омӯзгор бояд нисбат ба худ серталаб бошад. Инчунин қатъи назар аз душвориҳо ва иҷрои вазифаи худ дар боби ояндаи миллату Ватан масъулиятро ҳис намояд, меҳру муҳаббатро ба шогирдон дода тавонад. Худро эҳтиром намояд, созовори боварии шогирдон бошад. Дар радифи шогирдон худро гузорад. Эҷодкорона амал намуда, дарсҳояшро ғайри муқаррарӣ гузаронад. Як дарси хуби ӯ мазмуни асарро доро бояд бошад.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид месозанд, ки муаллим бояд дар таълиму тарбия ба хатогӣ роҳ надиҳад. Омӯзгор бояд тавре таълиму тарбия намояд, ки шогирдонаш дар ҳақиқат чун ворисони арзанда ба камол расанд ва баҳри бунёди ҷомеа нақши муассир дошта бошанд.

Омӯзгор ба ақлу хирад чашми ҳар инсонро ба олам боз мекунад, сабақи одамгарӣ меомӯзонад, аз олами тираву торик ҷоҳилият бурун меорад ва дар олами рӯшонии илму маърифатро ба рӯяш боз месозад. Ҳидояти омӯзгор аст, ки ҳар як инсон ба ҷаҳон бо чашми дил назар мекунад ва баду некӣ ҷаҳон воқиф мегардад. Дӯстро аз душман, сафедро аз сиёҳ фарқ мекунад. Ва барҳақ дар ситоиши омӯзгор гуфтаанд: “Сарчашмаи ҳама хӯшиҳо, ободии ҳама маҳфилҳо, бузург гардидани

ҳамаи шогирдони баркамол ба омӯзгорон вобастагӣ дорад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зима гирифта дар зиндагии пур аз розу ниёз инсониятро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ба роҳи рост раҳмамунашон месозанд. Ин чандон кори осон нест". Омӯзгор ба қавли бузургон, муҳандисӣ рӯҳи инсонанд. Тавре муҳандисягон нақша ё ягон корро ташкил мекунад омӯзгор низ аз рӯзи аввал адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти мустақилона омода месозад. Муаллимро оинаи халқ низ мегӯянд. Оинае ки ба он нигариста камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд, яъне омӯзгор ибратомӯз аст, ки ҳар калому ҳар нигоҳ аз қадамаш саропо ибрати соҳибдилон аст. хуррам он кас, ки созовори ин ном ва касби пуршараф аст. омӯзгор ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Аммо донистану азхуд кардани навоварию ҷамъи рафтору гуфтори нек ба ҳар кас ба осонӣ муяссар намешавад. Чандон осон нест, ки аз тифли аз олами маънӣ бехабар олим сохта- пойдевори устувории ҳар кишвар ба сиришту солимии наслҳои барӯмандаш таалуқ дорад. Маҳз барои ҳамин омӯзгор ба тарбияи насли наврас шахси масъул ва дар назди ҷамъият ҷавобгар аст, вале барои он ки тарбияи солими навниҳолон шикаст наёбад худи омӯзгор бояд солимфикр, бомеҳр, ҷӯянда ва мушкилкушои пешаи худ бошад. Асрорҳои ниҳонии касбашро аз халқ бузургон биомӯзад, зеро халқ эҷодкори нодир, омӯзгори моҳир,ислоҳкори қодир аст. аз халқу орифон ҷудоӣ ин бераҳнамоӣ аст. агар ба ин манбаҳои ғанӣ оқилона рӯй оварда шавад, калиди қулфи ҳар мушкилоту муаммо кушода мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтар кардани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани маълумоти омӯзгорро яке аз роҳҳои асосии ноил гардидан ба ҳадафҳои созандаии давлату Ҳукумати кишвар маънидод карда гуфтаанд: "Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ба истиқлолияти фикри муаллим-омӯзгор ба хазинаи маънавию млмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам моорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон болон равад ва онҳо ҳамуадами замон гардад".

Аз ин рӯ, дар назди омӯзгор, устод, тарбиятгар вазифа гузошта мешавад, ки ӯ ба донишҳои илмӣ мукаммал масаллаҳ бошад, аз насли ҷавони наврас одами хушахлоқ, обрӯмандро тарбия карда ба воя расонад. Барои фарқ кардан ва муваффақ шудан ба омӯзгорон чунин хислатҳо заруранд:

- пеш аз ҳама сатҳи донишу илмӣ ҳаматарафа бошад.
- на фақат фанни худро ба дараҷаи хуб ё аъло донад, балки услубҳои пешқадами замонавӣ, ҷараёни таълиму тарбияро дастурамали фаъолияти худ намояд ва бо ҳамин роҳ завқу шавқи хонандаро бедор намояд.
- дорои фарҳангӣ маданияти баланд, ҷаҳонбинии илмии васеъ бошад

❖ дастовардҳои миллат, таърихи бойи халқро дар байни хонандагон ва омма тарғибу талқин намояд

❖ дорои нутқи равон бошад, забони давлатиро хуб донад, ба хонандагон меҳру муҳаббати бепоён дошта бошад, нисбат ба забони модари беэътино набошад

❖ қудрати иҷрои касби пешакардаашродошта бошад

❖ шахсияти ҷаззоб дошта бошад

❖ на танҳо хонандагонро ё донишҷӯёнро дӯст дорад, балки ҳаётро ҳама тарафа фаҳмида тавонад, арзишҳоии миллатро қадршиносӣ намояд

❖ соҳиби майли васеъ бошад(майл ба ҷомеа, майл ба оила,) ба касби интихоб кардааш ва майл доштан ба шогирдоню

❖ одобу ахлоқи педагогӣ, субботкорӣ, хислатҳои инсонгароӣ дар ӯ таҷассум гарданд.

❖ соҳиби завқи баланд ва ҳикмат бошад.

❖ саломатии худ шогирдонашро ҳифз намояд.

❖ қобилияти хуби бинои, шунавои дошта бошад.

❖ ба ҳама кас ҳамкори ва муомилоти матлубу мақбул карда тавонад.

❖ Барои бедор кардани рағбати шогирдон ба таълим ва таҳарруки зеҳнии онон қудрат дошта бошад.

❖ Мувофиқи қоидаҳои мавҷуда овоз, нутқи худро пасту баланд карда тавонад

❖ Аз сухангӯии шогирдонаш дилгир нашавад.

❖ Шаклҳои кор ва машғулиятгузарониро тез-тез тағйир диҳад.

❖ Худамал бошад (яъне мустақил буда, на бояд касе ӯро барои иҷрои масъулияташ маҷбур кунад).

❖ Шуҷоат, ҷиддӣ, соҳиби ирода ва ҳадафи восеъ дошта бошад.

❖ Дурандеш ва бедордил бошад.

❖ Тандуруст бошад

❖ Амонат нигаҳдор бошад.

❖ Дӯстдори касби омӯзгор бошад.

❖ Сифати мураббӣ будан дар ӯ дида шавад.

❖ Ширинсухан бошад то шогирдашро дар атрофи худ муттаҳид карда тавонад

❖ Покизагиро дӯст дорад ва худ ҳамеша покизаву озода бошад.

❖ Уфуқи аулии васеъ дошта бошад

❖ Нобиға бошад.

❖ Пешрафт дар ҷиҳати амал бошад

❖ Соатҳои дарсӣ ва дигар машғулиятҳоро ки барои амал муайян намудааст, риоя намояд.

❖ Аз нигоҳи ахлоқӣ ҳамеша дар ҳолати пешрави қарор дошта бошад.

❖ Барои ба даст овардани маълумоти ҷадид доимо талош кунад.

❖ Дар ҳама ҳолат худро идора карда тавонад.

❖ Аз зиёдаравӣ ва саҳлангори дар доираи касбу салоҳияташ парҳез намояд.

Аз ҳар навгонӣ бохабар бошад, бахри пешрафту тараққиёти Ватани азизи худ кори аз даст меомадагиашро дар бобати шогирдон, насли наврас самаранок иҷро намояд.

Дар асоси он чи ки зикр гашт, метавон гуфт, ки вазифаҳои асосии муаллим, устоду тарбиятгар аз тарбия иборат аст, яъне муаллим пеш аз ҳама худ тарбиятгар аст ва таълим ҷузъе аз касби тарбиявӣ дониста шавад. Ҳамин тавр, барои иҷрои масъулияти омӯзгорӣ муаллим бояд соҳиби шахсияти ба худ хос буда, аз сифатҳои маънавӣ, имонӣ ва ахлоқӣ баҳравард бошад на бояд фаромӯш кард, ки "як карда аз сад гуфтор беҳ " гуфтаанд "таъсири тарбияии амалӣ даҳсанда тарбияи кавлӣ аст".

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон "Ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ" – Душанбе, 2003.
2. Эмомалӣ Раҳмон "Маориф омили муҳимтарини такмили давлат ва наҷоти миллат" – Душанбе, 1996.
3. Эмомалӣ Раҳмон "Тоҷикон дар оинаи таърих" – Душанбе, 1996.
4. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон – 2012, 2013, 2014, 2015, 2016-2017, 2018.
5. Эмомалӣ Раҳмон "Агар дар ҷаҳон навбад омӯзгор" – Душанбе, 2007.
6. Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат-ҳастии миллат"- – Душанбе, 2016.
7. Ҳусайн Воизи Кошифӣ "Ахлоқи муҳсинӣ" – Душанбе, 1991.
8. Муҳаммад Ғаззолӣ "Насиҳат-ул-мулк" – Душанбе, 1993.
9. "Ганҷи ахлоқ" – Хуҷанд "Нури маърифат", 2014.
10. Алимирдонов А., Додалишоев Ҷ. "Сурат ва сирати Ибни Сино" – Душанбе, 1980
11. Асрорзода Х., Раҳимов Г. "Таърихи педагогикаи халқи тоҷик" – Душанбе, 1995.
12. Атахонов Т., Сулаймонӣ С. "Тамаддун", китоби 1, 2, 3 – Душанбе, 2003, 2005, 2007.
13. "Маорифи Тоҷикистон дар солхои истиқлолият" – Душанбе, 2007.
14. Раҳмонов Х., Нуров А. "Педагогика" – Душанбе, 2000.
15. Лутфуллоев М. "Дарс" – Душанбе, 1995.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Убайдуллоев** Аҳрорҷон -устоди кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров";

**Муҳаммадхӯҷа Яҳёев** М.-дотсенти ФДТТ дар шаҳри Исфара.

# ЗАН - РЕШАИ КАЛИМАИ ЗИНДАГӢ ВА СОЗАНДАГИСТ

**Ҳайдаров А. А.**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

«Зан офаридаест, миёни фариштаву башар.»
(Балзак)
«Агар зан намебуд, навобиғи ҷаҳонро чи касе ба ҷаҳон меоварад ва парвариш медод.»
(Наполеон)

Нақши зан дар ривоҷи тамаддуни башарӣ ба андозае бузург ва дурахшон аст, ки касе наметавонад, онро нодида бигирад. Дар сиёсати имрӯзаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми зан дар пешрафти ҷомеа диққати ҷиддӣ ва ҳамаҷониба зоҳир карда мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми Паёмҳои солҳои ахир, аз ҷумла Паёми навини хеш аз 28.12.2023 масъалаи нақш ва мақому манзалати занро дар радифи масоили муҳими аҳамияти стратегидошта мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Пешвои миллат ба неруи тавонои бонувон ва духтарони тоҷик боварии хешро изҳор намуда, баён менамоянд: «Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми заноноро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем... Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик , ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.»[2,23].

Ба ин итминон ва боварии Пешвои миллат ба қувваи бузургу созандаи занҳо далелҳои зиёди таърихӣ ва корнамоиҳои беназири занону духтарони бебоки гузаштаи эронинажод ва олам гувоҳӣ медиҳанд.

Дар ҳақиқат, таърих саршор аз корнамоӣ, офарандагӣ, дурандешӣ ва бунёдкории занону духтарон мебошад. Роҷеъ ба ин масъала мо дар сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва адабиву фарҳангии бузургони олам, аз ҷумла ”Авесто”, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва осори таърихию адабии олимону таърихнигорони юнониву румӣ маълумот гирифта метавонем.

Замоне, ки ҷинси латифи зан аз тарафи ақвому адёни мухталифи олам таҳқир меёфту ба канизӣ фурӯхта мешуд ва ё дар айёми тифлӣ зинда ба гӯр мегардид, дар давлатдори тоҷикону форсҳо қурбу

манзалате хубро молик буд. Зани эронӣ дар авҷи волой ва шукуҳ мезист. Вақте ки мо калимаи “зан”-ро ба тоҷикии қадима ва иронии қадима шарҳ доданӣ мешавем, маълум мегардад, ки “зан” решаи калимаи “зиндагӣ”, офаринанда, созанда мебошад. Аз ҳамин аст, ки дар забони юнонии қадим “жениус”, дар юнонии муосир “жунайка”, дар фаронсавӣ “жен”, жени, женс шудааст. Дар забони арабии қадим, вожаи “ҷан” аст, ки маънои аҳримани нопайдо ва озордиҳандаро медиҳад . Дар гузаштаи фарҳанги мардуми мо зан ҳаргиз кам аз мардон набуд.

Наполеон беҳуда нагуфтааст: “Агар хоҳед, андозаи тамаддун ва пешрафти миллатеро бидонед, ба занони он миллат бинигаред.”[3,15]

Дар имтидоди таърих, занон дар мартабаҳои шоҳи, вазирӣ, фармондиҳӣ ва сарлашкарӣ, хирадмандиву сиёсатмадорӣ, шоирӣ ва дигар фунуну пешаҳо, нақши боризи хешро то ба андозае амиқу равшан гузоштаанд, ки ҳеҷ гирдобу тӯфоне онҳоро зудуда нахоҳад, кард. Мо дар ин ҷо кӯшидаем, ки на танҳо занҳои шуҳратманди миллати хешро, балки занони муваффақи ҷаҳонро, ки эътирофи умумибашариро соҳиб гаштаанд, мисол биёрем. Бояд зикр намуд, ки зиндагиномаи ҳар яек аз инҳо арзандаи китобҳои бисёрҷилдае хоҳад буд.

Дар арсаи подшоҳӣ зикри хайри номи шахсиятҳои зеринро месозад, ки баён дошт:

1.Билқис-маликаи Сабо(950 пеш аз милод);

2.Малика Томирис(асри 6-и пеш аз милод);

3.Семирамис (Семирада(Шамурати), дар Бобул, ки яке аз муъҷизаҳои ҳафтгонаи қадимаи олам: Боғҳои муаллақи Бобил барои ӯ сохта шуда буданд);

4.Клеопатра ((солҳои 20-30 пеш аз милод, маликаи Миср, дар даврони тобеи Рим будани Миср);

5.Ҳумой- духтари Баҳман;

6.Динак-модари Ҳурмузди сеюм, ҳамсари Яздигурди 2;

7.Парвондухт-духтари Хусрави Парвиз;

8.Озармдухт-духтари Хусрави Парвиз;

9.Малика Разия-маликаи Ҳинд(ваф.1218);

10.Викторияи аввал(1819-1901)-маликаи Англия;

11.Индира Гандӣ-сарвазири Ҳиндустон.

Дар пешаи вазирӣ: Ортодухт-вазири Ардавони чоруми сулолаи Ашкониён;

Дар пешаи сардорӣ ва фармондеҳии неруҳои ҷангӣ:

1.Артемиз (фармондеҳи неруҳои дарёии Ҳушёршо, бар зидди юнониҳо);

2.Гудия(Кардуя)-хоҳари Баҳроми Чӯбин. Бародарашро аз исёни зидди шоҳ боздоштанӣ буд:

3.Бону Гушасб- духтари Рустами Золи Соми Наримон;

4.Зарбону-хоҳари Гушасб, духтари Рустам;

5.Ютоб бо бародаронаш бо Сикандар дар Бахтиёрӣ набарад дошт;

6.Суро;

7.Гулбуя;

8. Жанна Д. Арк;

9.Малолӣ(аз сулолаи Ғуриён); 1297(ҳиҷрӣ) бар зиди англисҳо дар Майванд муҳориба намуд;

10.Ойгул Муҳаммадҷонова, дар ҶБВ корнамоӣ кардааст;

Дар фатҳи кайҳон занони зерин ҷасорати хешро нишон додаанд:

1.В.Н.Терешкова;

2.С.Савитская.

Дар соҳаи варзиш саҳми бонувони зерини тоҷик беҳамтост:

11.Зебуннисо Рустамова;

12.Мавзуна Чориева.

Занон дар хирадмандӣ ва шоирӣ:

1.Пури Чисто-духтари Зардушти Спитамон, зани Ҷомосп;

2.Мунк Модар (асри 4-уми пеш аз м.)-файласуф ривоҷдиҳандаи андешаҳои Конфутсий;

3.Синдухт-зани Меҳроби кобулӣ-модари Рудоба; Бо Соми Наримон баҳс намуд ва Кобулро наҷот дод;

4.Робиаи Балхӣ (асри Х-милодӣ)-шоира;

5.Маҳастӣ (Манижа) асри VI-и ҳиҷрӣ. Шоираи озодандеш буд ва ин назм ба ӯ тааллуқ дорад:

Моро ба дами пир нигаҳ натавон дошт,
Дар хонаи дилгир нигаҳ натвон дошт,
Онеро, ки сари зулф чу занҷир бувад,
Дар хона ба занҷир нигаҳ натвон дошт.

5.Мария Кюрӣ(1867-1934)-олими машҳури соҳаи физика;

6.Ирина Жолио Кюрӣ-олими машҳури соҳаи физика.

Бар иловаи ин ҳама масъулиятҳо боз занро масъулияти аз ҳама воло, тарбияи насли башар бар душ мебошад. Зан натанҳо фарзандҳои хеш, балки ҳамсари хешро низ метавонад, ки ҳамроҳу ҳамрозу ҳамдаму раҳнамо бошад. Зан фариштаест, зеботарин, офаридаест ва ягона шуълае мебошад, ки зиндагии моро, роҳи моро равшан месозад. Ба гуфтаи Гёте "Зан тоҷи офариниш аст, ӯ шарики зиндагӣ ва ёри лаҳзаҳои дармондагӣ мебошад".

Инчунин, метавон илова намуд, ки зан махзани меҳру вафо, маъбади ишқу муҳаббат ва ҷилвадиҳандаи покиву отифагӣ ва манбаи бахшиши гуноҳҳо мебошад. Зан ҳангоме, ки духтар аст, дарест аз дарҳои биҳишт барои волидайнаш, ҳангоме, ки ҳамсар аст, комилкунандаи дини шавҳар ва ҳангоме, ки модар аст, биҳишт дар зери қадамҳояш қарор дорад.

Пас чи сон метавон, ин фариштаро парастиш накард, пас чи сон метавон аз суҳбати шаҳдомези ӯ дурӣ гузид, чи сон метавон дар хидмати ӯ набуд,чи сон метавон, ки шайдои ӯ нашуд.

Дар ҷомеае, ки қадри зан баланд аст, ҷомеа мутаммаддин аст ва ояндаи нек дорад.

АДАБИЁТ:


1. Эмомалӣ Раҳмон. Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. -Душанбе, 2013.
2. Паёми Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”(28.12.2023).-Душанбе, 2023.
3. Доктор Мир Ҳусайни Отифӣ. Занони сарбози номдори таърих.http://www.tebyan.net



**Маълумот дар бораи муаллиф**: Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович- н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Сведение об авторе**: Хайдаров Абдусамад Алифбекович-к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Information about the author:** Haidarov Abdusamad Alifbekovich- Associate Professor, Head of the Department of Social Science International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

Tel: 919.99.75.27
E-mail: avsamad@bk.ru


# ВОПРОСЫ ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Шарипов И. И.** – старший преподаватель

МУТПТ


В наше время вопросы политического перехода становятся все более актуальными, так как нынешняя международная обстановка развивается после распада коммунистического режима как в бывших странах СССР, так и в странах Восточной Европы.

Определенную роль в формировании предпосылок и базовых факторов современного политического процесса Таджикистана играют и внешнеполитические факторы. Таджикистан входит в зону интересов целого ряда вне региональных государств, внешнеполитическая деятельность которых может способствовать развитию новой «большой игры» в регионе, результаты которой могут существенно повлиять на эволюцию общественного развития и политических систем стран региона.

Помимо этого, соседство с Афганистаном и ситуация внутри этой страны может также по-разному сказаться на политических процессах в Таджикистане. Географическая, историческая и культурная близость Таджикистана к народам государств Центральной Азии и России обуславливают сочетание национальной идентификации республики и в то же время принадлежности к евразийской общности. В то же время чем больше Таджикистан будет включен в демократические интеграционные структуры мира, тем больше у республики возможностей не выходить за рамки демократических принципов. Международное сообщество в целом, и международные организации в частности, могут влиять на развитие демократизации политических отношений в Таджикистане. Есть и другие возможные внешнеполитические факторы воздействия на политический процесс в республике, однако, в целом в ближайшей перспективе нынешний статус-кво в политической ситуации Таджикистана все еще будет сохраняться. В связи с внешнеполитическими факторами, Таджикистану необходимо проводить более самостоятельную внутреннюю и внешнюю политику, направленную на общественные и государственные интересы с опорой на собственные силы и ресурсы.

Вопросы демократизации политических процессов в Республике Таджикистан являются предметом постоянных споров и диспутов внутри общества. На современном этапе, этими вопросами интересуются не только таджикские ученые, но и анализируются иностранными исследователями, т.к. процессы демократизации политических процессов охватывают экономические, социальные, политические сферы жизни государства. **Ошибка! Источник ссылки не найден.**
Нами уже было упомянуто, что проблемы экстериоризации были обделены вниманием политологов, однако это не значит, что данная проблематика не рассматривалась и вовсе. В государствах Африки и Латинской Америки предпринимались попытки изучения данного вопроса в Таджикистане. Тоже вопрос переходного периода очень глубоко и всесторонние исследованы профессором И.Ш.Шарипова, А.Рахимова, Комиловым и другие.

Политический переход по направлению к демократической форме управления требует определения некоторых критериев, каждый из которых является очень важным и требует индивидуального исследования. Результаты исследования сильно зависят от концепции, которая является базой политической трансформации. Причинами могут быть ослабление законного режима, экономический кризис, социальные

и культурные противоречия, противоречия среди правящей элиты и т.д., и т.п. Вне зависимости от форм причин, результаты у них похожи: под давлением, правящий режим будет вынужден либо добровольно пойти на перемены, либо отказаться от власти, иначе он будет подвержен насильственному изменению. Как только приходит время, и политический переход становится неизбежным, появляется потребность в четком определении его границ. Политический переход в зависимости от выбранной оппозицией и правящим режимом стратегии демократизации, можно разделить на несколько способов. «Переход может быть мирным и насильственным, эволюционным и революционным, навязанным извне или состоявшимся под преимущественным влиянием внутренних перемен».**Ошибка! Источник ссылки не найден.**

Причины демократизации правящего режима должны быть рассмотрены подробно, т.к. они в большей степени определяют нынешние дебаты о методах демократической экстериоризации. Теория модернизации внесла значительный вклад в осознание причин политических переходов. Теория приобрела новый стимул после того, как колонии в середине прошлого столетия получили независимость и нуждались в экономическом развитии. Именно поэтому, по мере экономического развития, обсуждались и вопросы изменения и модернизированные политической системы. «Существовали конечно и другие подходы, обращавшие внимание на не сугубо экономические измерения модернизации, такие как рационализацию общественных структур или их дифференциацию, национальную интеграцию, психологическую адаптацию, политическое участие, уровень социальной мобилизации и многое другое». **Ошибка! Источник ссылки не найден.** Тем не менее, большинство исследований в области теории модернизации, рассматривали демократизацию как нечто второстепенное, зависящее от социально-экономических изменений в стране.

Современные теории демократизации четко разделяются между приверженцами процессуального и структурного толкования переходных процессов. Приверженцы структурной теории в большинстве случаев заимствуют аргументы приверженцев теории модернизации. «В то же время сегодня для приверженцев этой теории уже невозможно использовать распространенные ранее корреляции между демократизацией и такими факторами, как уровень экономического богатства и распределения национального богатства, наличие рыночной экономики, степень прочности феодальных пережитков и позиций буржуазии и среднего класса, уровень грамотности и образованности, характер политической культуры и религиозных традиций, степень развитости гражданского общества и социального плюрализма, уровень гражданского насилия и политического экстремизма, приверженность элит демократическим ценностям, особенности внешнего воздействия и многое другое»**Ошибка! Источник ссылки не найден.** Совершенно противоположного взгляда

придерживаются приверженцы процессуального толкования демократических процессов. Отрицая существование предпосылок демократизации, они подчеркивают индивидуальность, оригинальность, важность приобретенного нацией опыта, и случайные факторы, приводящие к образованию политических и социальных институтов. Они считают, что политическая ситуация и контекст изменений, которые складываются в процессе перехода, являются решающими и значительными. «То, что делает демократию возможной, есть не комплекс тех или иных предпосылок, а сам переходный процесс с присущими для него сложностью и непредсказуемостью».**Ошибка! Источник ссылки не найден.**

Нами было выяснено, что процесс экстериоризации в сторону демократии, протекает под различными стадиями, фазами и этапами развития. Однако это вовсе не означает, что каждый переход проходит одинаково. Экономические и политические реформы происходят по-разному, проходят в разные сроки, а также в разной последовательности. Исходя из этого, в политической науке выделяются несколько способов политической экстериоризации. Несмотря на то, что для режимов, которые выбрали путь демократизации практически не свойственно организованность, слаженность и согласованность, позволявшая бы без труда классифицировать его с тем или иным типом, выделение «чистых» способов политической экстериоризации является бесценной помощью при исследовании динамики экстериоризации. Каждый переход или каждая экстериоризация имеет свою специфическую особенность:

1. Навязанный переход. Элита начинает принимать решение о переходе в одностороннем порядке, не учитывая во внимание мнение оппозиции, и при необходимости будет использовать силу и все доступные средства, для трансформации режима. Такой переход был реализован в СССР.
2. Пактовый переход. В отличии от предыдущего перехода, этот переход навязывается не одной группой политической элиты, и является результатом заключения многостороннего соглашения элитами.
3. Реформы. Народ и политическая руководящая элита достигают компромисса в проведении ненасильственных реформ.
4. Революция. Насильственное свержение авторитарного режима народом. Примером могут служить события августа 1991 года в Советском Союзе.

«Начавшиеся структурные изменения в экономике республики и психологическая готовность определенной части активного населения к изменению социальных позиций создают благоприятную почву для формирования новых социоструктурных отношений».**Ошибка! Источник ссылки не найден.** Спустя четверть века независимости и ускоренных темпов развития демократических процессов следующие вопросы нуждаются в ответах: укрепились ли в таджикском обществе демократические ценности, и смог ли Таджикистан найти собственную модель государственного устройства? В конституции страны четко указано, что «Таджикистан – это демократическое, правовое и светское

государство и это неизменимое». На политической арене страны функционируют несколько политических партий, государство развивает политический плюрализм, отрицает идеологию вражды, разобщенности и войны. На данный момент «многие пытаются, представит ситуацию так, как будто бы наш народ уже живет в условиях развитого демократического гражданского общества» **Ошибка! Источник ссылки не найден.** Мы убеждены в том, что торопить историю и искусственно подталкивать народ на то, что он еще не в состоянии осознать – это ошибочный шаг.

Особенности исторического развития Республики Таджикистан указывает, что страны, перешедшие на социалистический путь, минуя капитализма, опять возвращаются к капиталистическим формам хозяйствования разрушают многие ценности коллективного разума, переходят на ошибочный путь. Разрушения морали, потеряют идеологические основы современного социалистического общества, приобретают устаревшие капиталистические догмы, устанавливают новые моральные нормы, усиливают противоречие между социальными слоями, разницу между бедными и богатыми, теряют средний класс. Создают новые проблемы для национальных государств. Новые государства с трудом преодолевают эти проблемы , а некоторые не могут решит эти сложные проблемы своих государств.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Конституционный закон Республики Таджикистан от 14 ноября 2016 года №1356 Об основателе мира и национального единства,– Лидере нации. г. Душанбе,/ 14 ноября 2016 года, № 1356.
2. Шозимов П. Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане.[Тескт] /П.Д.Шозимов Душанбе: Дониш, 2003г.-С. 209.
3. Шарипов. И. М. Развитие национальных отношений в Таджикистане. /И.М.Шарипов. Ирфон. Душанбе. 2002.-С. 159 .
4. Хидирова М. Политические идеологии современного мира.[Текст] М.Хидирова. /Ирфон.Душанбе: 2006.- С.93 .
5. Шарипов С.И. Демократизация политических процессов в современном Таджикистане./С.И.Шарипов. Автореф.дис. док.пол.наук: Душанбе, 2001- С.31
6. Зокиров. Г. Н. Политическая модернизация. [Текст] Г.Н.Зокиров .Сино.-/Душанбе: , 2001 .- С.197-207,231 .



**Сведения об авторе:** Шарипов Икром Ибронович –старший преподаватель кафедры обществоведения МУТПТ


## НАҚШИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН


**Шарипов А.М.**-омӯзгори калон

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон


Маълум аст, ки оядаи давлату миллат ба насли ҷавон мансуб буда, маҳз ҷавонон – дар байни дигар табақаҳои аҳоли бештар фаъоланд,

инчунин умеду такягоҳи давлат ба ҳисоб мераванд. Беҳуда нест, ки доимо дар ҳама баромадҳо ва Паёмҳои худ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд[52].

Дилхоҳ давлат дар шароити имрӯза барои рушд, гулгулшукуфой ва таҳкими давлатдорӣ, обрӯ ва нуфузи олии худ, дар навбати аввал ба зеҳну хирад, нерӯи созандаи ҷавонон такя намуда, ояндаи дурахшони худро ба он алоқаманд менамояд. Дар ҳақиқат сатҳи рушд ва нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чи андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва касбу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

Падида ва воқеаҳои даҳсолаҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз ҳеҷ як кишваре дар танҳои бо падидаҳои номатлуби аср истодагарӣ карда наметавонад. Паҳншавии босуръати ҷаҳонишавӣ, терроризму экстремизм, ҷараёнҳои зиддиинсонӣ ва ғ. ҷаҳони имрӯзаро саргардон намуда, ҷони ҳазорон ҷавононро рабудааст. Ҷалби ҷавонон бо роҳи фиреб ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, рӯ овардан ба фарҳангу тамаддуни бегона имрӯз тамоми маорифпарварони кишварро водор месозад, ки дар мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлуби ҷомеа истодагарӣ кунанд[53].

Яке аз усул ва роҳҳои асосии мубориза бо падидаҳои замони муосир албатта, рушди малакаву, таълиму тарбияи дурусти ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, эътирофи фарҳангу маданияти миллли худ, такя намудан ба асолати миллӣ ва гузаштагони худ ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, нақши муҳим ва бузургро албатта илмҳои муосир ва куҳани ҷомеашиносӣ мебозанд, аз қабили фалсафа, сотсиология, диншиносӣ, этика, маданиятшиносӣ, таърих ва ғ.

Бояд қайд кард, ки аз замонҳои қадим сар карда то имрӯз, аз Арасту ва Афлотун, аз Сино ва Берунӣ сар карда то П. Сорокин ва Аугусто Комте дар бораи таъсири илмҳои ҷомеашиносӣ, дар бораи таъсири бузурги фалсафа, мантиқ ва ғ. ба шуури инсон, бахусус ҷавонон таъкид карда буданд. мутафаккирони қадим ба он боварӣ доштанд, ки таҳлилҳои илмӣ метавонанд қонунҳои танзимкунандаи ҳаёти иҷтимоии моро низ кашф кунанд. Махз дар ҳамин замина, мафҳуми позитивизм ба ҷомеашиносӣ - роҳи фаҳмиши ҷаҳони иҷтимоӣ дар асоси далелҳои илмӣ пешниҳод гардид. Бо боварии комил онҳо таъкид мекарданд, ки бо ин

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015.

[2] Воспитание и социализация. Развитие социальной активности детей и молодежи. Москва. 2018, С. 12,13. (с.243)

фаҳмиши нав, мардум метавонандояндаи беҳтаре бунёд кунанд ва дар он ҷомеашиносон дар роҳнамоии ҷомеа нақши муҳим мебозанд[54].

Бояд қайд кард, ки илмҳои ҷомеашиносӣ нақши муҳимеро дар роҳи камолоти маънавӣ ва ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии он мебозанд. Раванди ба истиқлолияти фикрӣ расидани миллат падидаи мураккаби иҷтимоӣ буда, дар асоси таҳқиқи назариёти фалсафӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, сиёсию ахлоқӣ ва психологию динӣ ба миён оварда мешавад. Барои такмилу ташаккули маънавиёт, донишу маърифат ва шахсияти афроди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқи масоили мубрами фалсафӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, сиёсию динӣ нақши меҳварӣ доранд. Дар шароити кунунӣ, аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқу баррасии масоили мубрами фалсафӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсӣ, ахлоқию эстетикӣ бо назардошти арзишҳои равонию динии миллат таъмини дурнамои афкору андешаи солими ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Дар шароити кунунӣ, аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқу баррасии масоили мубрами фалсафӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсӣ, ахлоқию эстетикӣ бо назардошти арзишҳои равонию динии миллат таъмини дурнамои афкору андешаи солими ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Омӯзиш, таҳлил ва баррасии таълимотҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, ирфонӣ, фарҳангиву сиёсӣ ва иҷтимоии мутафаккирони пешин аз аҳамият холӣ набуда, баҳри рушди маърифати илмиву фарҳангии инсони ҷомеаи муосир нақши бузург доранд. Инсони ҷомеаи муосирро лозим аст, ки баҳри пешбурди паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти имрӯза ва гузоштани мероси пурарзиш ба наслҳои оянда аз гузаштаи таърих биомӯзад ва арзишҳои нодиртарини офаридаи ниёгонамонро ба наслҳои имрӯз муаррифӣ намояд[55].

Дар ҳаёти ҳаррӯза, бе душвории зиёд метавон мисолҳои зиёдеро пайдо кард, ки ҷавонони муосир фазои нави иҷтимоию фарҳангии худро ташкил медиҳанд, худро аз наслҳои калонсол дур мекунанд, лоиҳаҳои худро амалӣ мекунанд, бе машварат бо калонсолон эҷод мекунанд, ҷустуҷӯ мекунанд, ягон чизи наве, ки ба мо номаълум аст, ҷаҳон, фарҳанги навро ба вуҷуд меоранд, ё умуман ба таҷрибаи наслҳои калонсол нигоҳ накарда, ё онро ба таври худ тағйир медиҳанд, ҳамзамон мушкилотро ба таври худ ҳал мекунанд.

Илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар ҷаҳони муосир нақши муҳим доранд. Онҳо дар бораи табиати инсон, ҷомеа ва фарҳанг фаҳмиши амиқ медиҳанд. Тадқиқоти ин соҳаҳо ба ҳалли масъалаҳои актуалии инкишофи тамаддун мусоидат мекунанд. Масалан, омӯзиши таърих ва маданияти халқҳо ба мо имкон медиҳад, ки тафаккур ва анъанаҳои кишварҳои гуногунро беҳтар дарк кунем ва ба муколамаи

---

[3]Аугусто Комте. Lettres d'Auguste Comte a M. Valat : 1815-1844. С. 1870. 350 с.

[4] Элназаров М.Б., Давлатов П. Н. Нақши таълими улуми иҷтимоӣ дар бедории маънавӣ ва ҳифзи асолати фарҳангии миллат дар партави паёми пешвои миллат. 05.12.2023. С.2,3. Сарчашма: https://philosophical.tnu.tj

байни онҳо мусоидат кунем. Омӯзиши фалсафа, диншиносӣ, ахлоқ барои фаҳмидани масъалаҳои асосии мавҷудият, ахлоқ ва муносибатҳои байни одамон кӯмак мекунанд. Омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, психология. дар бораи моҳияти ҷамъият ва ҳокимият, таъсири мутақобилаи шахс ва коллектив дониши амиқ медиҳанд.

Ва боз мисли ҳазорон сол пеш, инсон бо андешаҳои печидаи тақдираш танҳо мемонад. Мушкилоти инсон, пеш аз ҳама, масъалаи он аст, ки инсон дар ҷаҳон чӣ мавқеъро ишғол мекунад ва на танҳо дар асл кӣ аст, балки чӣ гуна буда метавонад, оё ӯ метавонад соҳиби тақдири худ шавад, оё метавонад худашро «созад», ҳаёти худро эҷод кунад ва ғайра. Инсон ҳам ягона ва ҳам универсалӣ аст. Инсон тоҷи табиат аст, ки мислаш дигар нест, ӯ қобилиятҳои беназир дорад. Аммо вай на танҳо универсалӣ аст, ба ӯ ҳеҷ чиз бегона нест — на фазо, на табиат. Инсон таносуби ботинӣ ва берунӣ аст. Олами маънавии одам ҳаёти ботинии ӯ аст, вале он дар шаклҳои гуногуни фаъолият, дар бозӣ, меҳнат, эҷодиёти бадеӣ ифода меёбад. Дар натиҷа инсон як мавҷудоти иҷтимоӣ мегардад. Худи инсон олами маънавии худро, олами арзишҳои илму санъат ва ахлоқи худро меофарад. Инсон як мавҷуди таърихӣ аст ва аз ин рӯ, вай мекӯшад, ки худро ба таври органикӣ ба оянда ворид кунад, ки дар он ҷо хатари дучор шудан ба бӯҳрон ва ҳатто вазъияти ноумедӣ ӯро интизор аст. Одам аз бори масъулият дар назди худ ва дар назди одамони дигар баромада наметавонад. Имрӯз барои мо омӯзгорон ва дигар маърифатпарварон мебояд кушиш ба харҷ диҳем, ки ҷавонон аз тамоми илмҳои ҷомеашиносӣ бохабар бошанд, онҳоро ба таври дуруст ба онҳо тақдим кунем, омӯзонем, ҷавононро ба роҳи рост ҳидоят кунем, равона созем, онҳоро дар руҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстӣ тарбия диҳем. Бахри рушди ояндаи миллат ва ватани азизи мо ҷавононро аз сидқи дил таълиму тарбия диҳем, то ки ояндаи неку сазоворро онҳо барои худашон бисозанд, ватанашонро чун гаҳвараки чашм нигоҳ доранд, ҳифз намоянд ва хонаи умеди тамоми тоҷикистониёни ҷаҳонро ҳазорсолаҳо пойдор нигоҳ доранд.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов А.М.**-омӯзгори калони кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Тел: 985085842

# ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ СУПОРИДАНИ ҶИНОЯТКОРОН ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ҳабибов С.И.**

ассистенти кафедраи ҷомашиносии ДБССТ

теl.: 989141436

E-mail: abibov94@ mail.ru.

Экстрадитсия – аз калимаи лотинии (Ekctraditio) грифта шуда маънояш супоридани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ба давлати дархосткунандае, ки ин ҷинояткор шаҳрванди он давлат мебошад.

Таърихи супоридани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст хеле тулонӣ буда, дар даврони қадим байни давлатҳо барои супоридани ҷинояткорон ва монанди инҳо шартномаҳои дуҷониба ба имзо рансонида шудааст. Баъзе аз падидаҳои он бо манбаъҳои пайдоиши давлат ва ҳуқуқ алоқаманданд. Онҳо ба масъалаҳои супоридани ҷинояткорон мутааллиқ буда, на танҳо институти деринаи соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад, балки сарчашмаи асосии институти супоридани шахси ҷинояткор мебошад.

Доир ба мавҷудияти супоридани ҷиояткор дар давраи ғуломдорӣ намунаҳои шартномаҳои дуҷонибаи байни давлатҳо шаҳодат медиҳад, ки супоридани шахси ҷинояткор (экстрадитсия) дар шакли имрӯзааш набошад ҳам, вуҷуд дошт ва истифода бурда мешуд. Аз ҷумла, дар шартномае, ки соли 1296 байни шоҳи давлати Хетҳо Хетуселени 3 ва Фиръавни Миср Рамесоси 2 баста шуда буд, чунин омадааст, " Агар ҳар касе, ки аз Миср ба мамлакати Хетҳо фарор кунад, онгоҳ шоҳи Хетҳо мувофиқи шартномаи дуҷонибаи ба имзо расонидаи худ уҳдадор буд, ки вайро Миср хоҳад баргардонид.

Институти супоридани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (экстрадится) дар давлатҳои Мисри Қадим дар асрҳои 13 истифада шуда ташаккул ёфтааст. Институти супоридани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ҳамчун институти мустақил дар асрҳои 19-20 ташаккул ёфтааст, ки инқилоби буржуазӣ-демократӣ боиси ташаккул ёфтани ҳуқуқи байналмиллалӣ гардид, ки институти супоридани шахси чинояткор як қисми ҳуқуқи байналмиллалӣ мебошад.[56]

Барои боз ҳам оммавӣ ва ташаккул ёфтани экстрадитсия - Конвенсия байналмиллалӣ қабул гардидааст, ки дар таърихи ташаккули супоридани шахси ҷинояткор (экстрадится) нақши асосиро мебозад. Яке аз воситаҳои пешгирии ҷинояткорӣ, инчунин татбиқи принсипи ногузирии ҷазо институти супоридани ҷинояткорон (экстрадитсия) мебошад.

Супоридани ҷинояткор (экстрадитсия) - яке аз институтҳои ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад. Масоили ҳуқуқии супоридани ҷинояткор дар он зоҳир мегардад, ки соҳибихтиёрии давлатҳои манфиатдорро дахл менамояд.

Экстрадитсия (супоридани ҷинояткор) - ин ҷараёни таҳвил додани ҷинояткор, ки мувофиқи ҳуқуқи байналхалқӣ ба давлати дигар барои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ равона шудааст, фаҳмида мешавад. Ба тарзи дигар, экстрадитсия - ин супоридани шахси ҷинояткор, аз ҷониби давлате, ки дар ҳудуди он айбдоршаванда ва ё маҳкумшуда қарор дорад, ба давлати дигаре, ки дар ҳудуди он ин кирдори ҷиноятӣ (ҷиноят) содир шудааст ва ё ҷинояткор шаҳрванди он давлат мебошад, фаҳмида мешавад.

Асосҳои ҳуқуқии супоридани ҷинояткорон ин созишномаҳои бисёртарафа оиди мубориза бо намудҳои алоҳидаи ҷинояткорӣ,

---

1.Ниг. Международное право. Под ред. Г.В.Игнатенко. – М., 1995. – С. 78 ва ғ.

созишномаҳои дуҷониба оид ба ёрии ҳуқуқӣ ё супоридани ҷинояткорон ва қонунгузории миллӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар бисёр давлатҳо оид ба супоридани ҷинояткорон қонунҳои махсус бахшида шудаанд.

Аз рӯи қоидаи умумӣ супоридани ҷинояткор ин ҳуқуқи давлат аст, на уҳдадории он. Ба сифати уҳдадории юридикии давлат доир ба супоридани ҷинояткор танҳо мавҷудияти шартномаи махсус оид ба экстрадитсия ва шартнома дар бораи ёрии ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Ҳангоми супоридани ҷинояткор қоидаҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

1) супоридани ҷинояткорони сиёсӣ манъ аст;

2) мавҷуд будани принсипи ҷинояткории дуҷониба ё худ «гуноҳкории дуҷониба», ки мувофиқи он супоридани ҷинояткор танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки агар кирдори содиршуда чӣ аз рӯи қонунгузории давлатӣ супоридашаванда, яъне давлате, ки ҷинояткор дар ҳудуди он қарор дорад ва чӣ давлати дархосткунанда (талабкунанда) ҳамчун ҷиноят эътироф шавад;

3) шахсони супоридашуда танҳо нисбати он ҷиноятҳое ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида ва ҷазо дода мешаванд, ки он асоси ҳуқуқи барои супоридани ҷинояткор гаштааст. Чунин ӯҳдадориро бояд давлати талабкунанда ба зиммаи худ гирад;

4) супоридани ҷинояткор ба қарори мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ, ки супоридани онро ба амал мебароранд, иҷро карда мешавад.

Супоридани ҷинояткор дар он ҳолате манъ аст, ки агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир намудани ҷиноят гузашта бошад.[57]

Тартиби масъалаҳои супоридани ҷинояткор, яъне гуфтушунидҳо оид ба супоридани шахси ҷиноят содирнамуда тавассути роҳҳои дипломатӣ ҳал карда мешаванд. Ҳамзамон, мувофиқи қоидаи умумиэътирофшуда ба он ҷинояткороне, ки супорида мешаванд, ҷазои қатл татбиқ намешавад. Аз ҷумла, чунин қоида дар Конвенсияи Аврупо оид ба супоридани ҷинояткорон аз соли 1957 муқаррар карда шудааст.

Дар баъзе адабиёт собит мешавад, ки гӯё насупоридани шаҳрвандони хеш қоидаи умумиэътирофшуда мебошад. Ин начандон дуруст аст. Дар ҳақиқат, қонунҳои бисёр давлат чунин меъёрро пешбинӣ менамояд. Масалан, мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супоридан мумкин нест. Аммо давлатҳое ҳастанд, ки моҳиятан супоридани шаҳрвандони хешро пешбинӣ менамоянд (ШМА, Англия, Канада ва ғ.).[58]

Ҳамин тариқ, чӣ тавре ки қайд намудем, масъалаи супоридани ҷинояткорро ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам шартномаҳои байналхалқӣ танзим менамояд.

Тартиби супоридани шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, тибқи Конститутсия дар асоси шартномаи

---

[2] Ниг. Менглиев Ш.М. Международное частное право. Часть 1. Душанбе: Деваштич, 2002.с.123с
[3] Ниг.: Бирюков П.Н. Международное право: Учебное пособие. – М.: Юристъ, 2001. – С.12-13

тарафайн ҳал мешаванд (м.16). Мувофиқи банди II моддаи 16 Кодекси ҷиноятӣ бошад, шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намуда, дар ҳудуди он қарор дорад, мутобиқи шартномаи байнидавлатӣ метавонад барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида ё адо намудани ҷазо ба давлати хориҷӣ супорида шавад.

Чи хеле, ки дар боло қайд кардем яке аз институти муҳими ҳамкориии байналмиллали дар соҳаи супридани ҷинояткор (экстрадится) барои ба ҷавобгари ҷинояти кашидан ё барои иҷрои ҳукм мебошад. Супоридани шахси ҷинояткор (экстрадится) дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва санадҳои байналмиллали сурат мегирад. Ҳамзамон боби 49 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани шахс (экстрадится) барои ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан ё барои иҷрои ҳукм ном дошта, дар он масъалаҳои равон кардани талабнома дар хусуси додани шахсе, ки дар ҳудуди давлати хориҷи мебошад, ҳадди ҷавобгарии ҷиноятии шахс ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, иҷрои супоридани талабномаи шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, рад кардани супоридани шахс, супоридани ашё, супоридани шахсони дорои ду шаҳрвандӣ ва шахсони бешаҳрванд, ба ҳабс грифтан барои супоридан муқаррар шудаанд.

Тибқи ин конвенсия дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба корҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадоранд, ки мувофиқи қонунгузории худ бо супориши давлати дигари ин иштирокчӣ таъқиби (ё худ кофтуков) тафтишоти ҷиноятии шаҳрвандони хешро, ки дар содир намудани ҷиноят дар ҳудуди давлати дархосткунанда гумонбар шудааст, ба амал бароранд.[59]

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният (иммунитет), дар ҳолати аз ҷониби ин ашхос содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ҳал карда мешаванд.

Ҳамкориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза алайҳи ҷинояткорӣ яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Зеро тамоюлоти асосии ҷаҳони муосир ва равандҳои ба онҳо пайванд барои давлати Тоҷикистон бетаъсир буда наметавонад. Бинобар ин, шарти муҳимтарин дар ин роҳ ташаккул додани ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати бартараф намудани хатарҳо ва таҳдидҳои асосии глобалӣ, аз ҷумла терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ мебошад.

Дар замони муосир, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ бахусус дар сатҳи универсалӣ ва минтақавӣ назаррас мебошад. Қайд кардан ба

---

[4] Ниг. Ассамблеяи Генералии СММ Созишномаи намунавии Дар бораи супоридани маҳбусони хориҷи с.1985.м. 23

маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти комилҳуқуқи байналхалқӣ ва ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бахши мубориза ба муқобили намудҳои муайяни ҷинояткорӣ, алалхусус ҷинояткории муташаккилонаи трансмиллӣ ва пешгирии он ки на танҳо ба мамлакати алоҳида балки ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хавфи ҷиддӣ дорад, бетараф буда наметавонад. Бинобар ин омилҳои ба миён омада зарурати ҳамкориҳои васеи байналхалқиро барои ҳалли дастаҷамъии ин проблемаҳо ҷалб менамояд. Шарикии мо дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ ва хатарҳои дигарҳои ҷаҳонӣ барои амният ва суботи минтақавию ҷаҳонӣ арзишманд аст.

Гузашта аз ин, қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таҳия ва тезонидани (суръатбахшии) раванди қабули ин санади муҳими байналхалқӣ аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ саҳми арзанда дорад. Ҳанӯз моҳи апрели соли 1999 дар шаҳри Вена Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми суханрониаш дар ҷаласаи 8-уми Комиссияи СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адлияи ҷиноӣ пешниҳод карда буд, ки раванди пазироии конвенсияи номбурда тезонида шавад, зеро он бояд ба ҳайси механизми самарабахш ва асосии боэътимоди ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар мубориза ба муқобили шаклҳои гуногуни ҷинояткорӣ хизмат намояд. Ҳамзамон хотиррасон намоем, ки Президенти ҶТ соли 2000 зарурати таҳия ва қабули консепсияи ягона ва универсалии терроризмро таъкидан зикр намуда буд, ки қабули он метавонад, ки роҳҳо ва василаҳои муассири мубориза ро бар зидди хатарҳои глобалӣ муайян ва мушаххас намояд. Дар чунин шароит зарур аст, ки дар мубориза бо хатарҳои глобалӣ мавқеи усулӣ ва мутавозин ҳифз шавад ва тақвият ёбад.[60]

**АДАБИЁТ:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2016
2. Международное право.Под ред. ГВ.Игнатенко. – М., 1995. – С. 78
3. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ (дастури таълимӣ). -Душанбе: “Ирфон”, 2009.С.232
4. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ //Зери таҳрири номзади илмҳои ҳукуқ, дотсент Қудратов.Н.А.- Душанбе, 2016. С. 489
5. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қудратов Н.А. -Душанбе.2013с. 185с..
6. Қудратов Н,А. Холхӯҷаев. З.И. Ҳуқуқи мурофиавии ҶТ. Душанбе. 2013с. 237с


[5] Ниг.Менгелиев.Ш.М. Ҳуқуқи Байналхалқӣ (дастури таълимӣ).ш. Душанба“Ирфон”С.2009.С.232

# БАХШИ III. МАСОИЛИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА БАЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЛИНГВИСТИИ МАРБУТ БА НАВРӮЗ

## ШКОЛА – ИСТОЧНИК СОЦИАЛЬНОГО ВОСПИТАНИЯ

**Аликулова С. Т.** к.п.н., доцент

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Развитие общества, его благополучие и процветание, духовная и нравственная культура во многом зависит от цели и содержания воспитания. Отсутствие или недостаточная работа с детьми препятствует социализации молодых людей, формированию нравственно и политически грамотных граждан. Ведущую роль в организации сотрудничества школы и семьи играют классные руководители. Именно от их работы зависит то, насколько семьи понимают политику, проводимую школой по отношению к воспитанию, обучению детей и участвуют в её реализации. Эффективность воспитания личности подростка зависит от того, насколько тесно взаимодействуют школа и семья.

Организация труда и вся обстановка школьной жизни строятся на началах свободного самоопределения и самодеятельности учащихся, для которых школа является не только средством приобретения технических навыков и выработки мировоззрения, но и источником социального воспитания. Великий педагог А. Макаренко подчеркивал «Воспитание есть процесс социальный в самом широком смысле. Воспитывает всё… из них на первом месте родители и педагоги. Родители и педагоги это две мощнейшие силы в процессе становления личности каждого человека, роль которых невозможно преувеличить». Знать и понимать детей учителю очень важно. Отношение учителей с детьми должны быть объектом особого внимания руководства школы. Учитель не может знать всё о каждом. Но стремиться постоянно вновь и вновь узнавать своих учеников необходимо.

Наиболее важным фактором воспитания принятно считать социальную среду, в которой подросток существует и утверждает своё «Я». Педагог, знающий о роли социальной среды как фактора формирования личности, придаёт наиважнейшее значение организации воспитывающей среды. Воспитывающая среда - в отличие от среды формирующей – это совокупность окружающих обстоятельств, социально ценностных, влияющих на его личностное развитие и содействующих его вхождению в современную культуру[2,105].

Каждая семья, имея проблему с подростком, принимает своё решение проблемы, следуя интуиции и своему житейскому опыту. Как неумение справиться со своими внутренними проблемами влияет, а то и ломает жизнь несовершеннолетних, почему все люди знают о правилах поведения, но далеко не все их выполняют? Как усложняют жизнь подростков игнорирование норм поведения – спрашиваем мы себя. Современная жизнь полна неожиданностей, парой неприятных, зачастую опасных.

В последние годы психологи слышат все больше жалоб на скуку, скучающих детей. Это и подростки, проводящие в пассивном безделье вечера у подъездов, и юноши, всё уже познавшие, разочарованные в житейских радостях. Если ребёнок скучает, значит, он бессознательно отвергает сегодняшний день и тем самым отвергает себя самого. Это может быть следствием неудовлетворенной потребности ребенка в любви и ласке, потребности во внимании.

Как же много выдержки, понимания, как много мужества требуют от родителей их обязанности. Ведь отчего порой возникают конфликты? Родители предъявляют сыновьям и дочерям те или иные требования. Они абсолютно справедливы, эти требования, но форма предъявления – категоричная, жёсткая - вызывает протест у старших подростков. Им кажется, что взрослые навязывают свои взгляды и вкусы, и возникает желание поступить наоборот. Психологическая направленность, которая сопутствует формированию целостной личности, зависит не только от физического созревания личной биографии, но и от духовной атмосферы общества, в котором человек живет. В жизни иногда выпадают минуты, когда самые мелкие неприятности принимают в наших глазах размеры катастрофические. Не потому бывают люди плохими, что мир таков, а потому, что принимают в себе дурное из этого мира. Чтобы избавиться от дурной привычки следует переключить себя на полезное увлечение. Нужно устранить причины, которые рождают неудовлетворенность жизнью. Необходимы придерживаться простого правила жизни: подумайте, прежде чем принимать решение; дважды подумайте, прежде чем его исполнять; трижды подумайте, прежде чем настаивать на своём, когда ваша воля столкнулась с волей других людей. В юности важно иметь рядом умного и опытного человека как советчика и старшего друга. Он необходим для того, чтобы попросить совета в трудную минуту.

Необходимо иметь правильное воспитание, создание в ученических коллективах благоприятного, здорового «эмоционального климата». «Моральное образование состоит в усвоение основных норм и правил поведения в данном обществе, их теоретического и характического обоснованно. Правовое воспитание представляет собой раздел воспитательной работы, направленной на информирование людей о существующих в обществе законах, о правах и обязанностей гражданин». Детская безнадзорность, независимо от того, какими обстоятельствами она вызвана, служит главным источником антиобщественного поведения несовершеннолетних [2,83].

Воспитательная работа с молодёжью очень специфична и сложна. Юные годы - время тяжелое. Подростки испытывают и физическое и психологическое напряжение - то есть стресс. Как же бороться со стрессом? Главное – не копить дурные эмоции. Исследования показали, что причиной стресса является самое обыденное напряжение, не самые мелочи, с которыми мы можем справляться. Это нормально, когда подросток время от времени испытывает легкую депрессию. При депрессии обычно подросток чувствует

полное одиночество и совершенно никому не нужным, лишённым всяческой надежды. Если подростку худо, он должен с кем-то поговорить. В моменты стресса нужна сила характера.

В профилактике и лечении наркомании нет плохих или хороших методов, есть эффективные и неэффективные. Проблема профилактики наркомании – это прежде всего проблема воспитательная. Педагог, врач, другой человек, имеющий отношение к воспитанию детей и подростков, должен быть сильной личностью, стремящейся отстоять свое мнение, повести за собой. Кто бы не занимался детской и подростковой наркоманией, исследователи и публицисты всегда отмечали среди факторов, предрасполагающих к наркомании, не только определенные психологические и биологические характеристики личности, но и отсутствие глубокого уважения и контекста между родителями и детьми, учителями и учениками, что здесь первично, а что следствие - трудно сказать. Однако ясно, что будущий наркоман в детстве воспитывался плохо - не всегда, но чаще всего.

Когда удовлетворение мотива, вследствие каких либо препятствий становится вообще невозможным, тогда человек испытывает особо сильное нервно-психическое напряжение (досада, озлобленность, подавленность, тревожность) и расстраивается до такой степени, что вообще не в состоянии ничего делать - человек реагирует на это агрессивными реакциями. В жизни такую форму отреагирования называют: «сорвать зло на ком-то». Неумение преодолеть конфликт, неуверенность, слабая сила воли, вседозволенность в воспитании все это отрицательно влияет на психологическое состояние подростка - все это толкает ребенка на первую пробу, все эти факторы влияют на степень предрасположенности подростков к употреблению наркотических и психоактивных средств[4,137].

Выйти из наркотической зависимости очень сложно и непросто, и больше всего этому пагубному влиянию предрасположены подростки из-за своей наивности, любознательности. Повышенный интерес молодежи к наркотикам, алкоголю, никотину влияет на их физическое и психическое состояние. Профилактика наркомании будет эффективной, если в образовательных учреждениях будут эффективно работать программы по профилактике наркотизации.

В обществе всегда были люди, которые преступали черту закона, с применением силы и агрессии, происходят случаи нарушения закона в отношении граждан, создаются опасные ситуации.

Опасные ситуации социального характера - это криминогенные ситуации, которые имеют место в повседневной жизни и быту: хулиганство, воровство, мошенничество, насилие, вымогательство и т.д. Хулиганство – это когда люди грубо нарушают общественный порядок в силу каких-либо причин: состояние опьянения, наркотизма, озлобленности, мести и т.д. опасным для общества может быть наркоман, насильник (преступник, который умышленно причиняет вред людям), пьяный человек. Воровство – это преступление, которое совершают преступники, занимаясь воровством, тайно присваивая себе чужие вещи. Это могут быть не только взрослые, а

могут быть подростки. Специалисты в области социальной работы считают, что в настоящее время для предупреждения наркомании среди подростков необходимо надлежащее нормативно-правовое воспитание. Надо уметь сосредоточить усилия на главном, преодолевать трудности и стрессовые ситуации на своем пути, отказываться от соблазнов, заставить себя действовать даже тогда, когда силы на исходе. Взрослее, подросток понимает, что жить – значит бороться. Нужно научиться преодолевать стресс, трудности, а не обходить их, не пасовать перед каждой преградой, обдуманно принимать решения.

Факторы, влияющие на состояние эмоциональной сферы, особенно эмоциональные стрессы, ведущие к бурным эмоциональным реалиям или длительному отрицательному по своему характеру эмоциональному состоянию, могут вызывать различные расстройства, вызвать ту или иную болезнь, играя при этом роль последней капли, переполняющей чашу терпения защитных сил организма человека. Состояние в трудной ситуации обозначается как нервно-психологическое напряжение, или английским термином **стресс.** Одна из существенных задач воспитания и заключается в том, чтобы воспитать способность владеть собой при напряжении (в стрессовых ситуациях) и сдерживать антисоциальные ее проявления. Стресс – по английский «напряжение» - это «степень нашей жизненной активности в каждый определенный момент». Стресс необходим для адаптации организма к меняющимся условиям существования. Стресс – реакция человека в период ожидания опасности во многом зависит от эмоционального состояния окружающих его людей.

Воспитывающая среда благотворно влияет на подростка, если она правовая, что означает уважение прав ребенка, его достоинства, личности, создает реальную защиту детства. Создание правовой системы способствует помощь и защита в решении его проблем, конструктивное разрешение конфликтов, благоприятный психологический климат, как в семье, так и в классе, дисциплина в классе и школе. Отношения со сверстниками уже в подростковом возрасте становятся важнейшей сферой жизненных интересов ребёнка, могучим стимулом пробуждения и упрочения его наклонностей, незаменимым «полем» социализации взросления. Среда ученического коллектива как внутренняя, так и внешняя - может быть и благоприятной и неблагоприятной в воспитательном отношении. Внутренняя среда школьного ученического коллектива в значительной степени определяет его морально-интеллектуальное поле. В настоящее время нравственная ориентация подростков направлена далеко не на познание и творчество, которые были ранее основными духовными ценностями. При отрицательном характере эмоциональных контактов семьи, она утрачивает воспитательные возможности и становится микросредой, искажающей и задерживающей положительное воздействие на духовно-нравственное формирование личности, подростка[3,192].

Правильное нравственное воспитание возможно лишь тогда, когда оно базируется на побуждении подростка к нравственному развитию, когда он

сам активно участвует в нем. Надо стремиться к тому, чтобы трудности у подростков не вызывали отрицательных эмоций, чтобы не был склонен к растерянности. Воспитание человека всегда должно сохранить веру в свои силы и возможности, вести всегда себя логично и адекватно обстановки, умение не пугаться неожиданностей. Устойчивости эмоциональной сферы подростков способствуют физические упражнения и закаливание, накопленный опыт, ориентация на здоровый образ жизни, преодоление жизненных трудностей помогают подростку трезво, объективно оценивать обстановку, свои способно и возможности, собственное место в жизни.

По мнению одного из крупнейших педагогов 20-века А.С.Макаренко, корни и причины трудно воспитуемого ребенка берут свое начало в семье, буквально являющейся сферой духовно-нравственного становления индивида. Главной психологической способностью подросткового возраста считается личная нестабильность, у них чаще наблюдается падение социально-психологических и нравственных норм поведения. Результат этого - негативные тенденции общественного развития, а причины - социальная незрелость (стремление независимости, неумение прогнозировать последствия собственных поступков)[1,217].

Подростковый возраст - весьма сложный и болезненный период становления личности. Именно на этом этапе взросления происходит формирование нравственного идеала и стереотипа поведения. Школа заметно влияет на ценностные ориентации подрастающего поколения, на их здоровый образ жизни. Нравственность – это составляющая духовности, но духовность без нее невозможна. Поэтому необходимо повышать уровень духовной, нравственной, правовой и эстетической культуры семьи, чтобы стали возможными преобразование культуры как системы нравственных ценностей в индивидуальную личностную и поведенческую культуру подрастающего поколения, формировании высокой нравственной позиции и постоянного стремления к духовному самосовершенствию[1,46].

Положение детей в любом государстве - это показатель морального и нравственного здоровья семьи и общества. Безнадзорные и беспризорные подростки активно вовлекаются в преступную деятельность. С каждым годом увеличивается количество семей, неспособных надлежащим образом обеспечить содержание и воспитанием детей. В сегодняшних изменившихся условиях особенно важная роль принадлежит не только семье, но и в школе, в которой закладываются прочные основы духовно-нравственных качеств человека.

Лидер нации, национального единства Президент Республики Таджикистана уважаемый Эмомали Рахмон в выступлении с докладом «Сфера образования» отметил, что важной задачей системы образования является в перспективе воспитание гармоничной и созидательной личности, воспитание духовности». Воспитание является социальным, культурным, психологическим и педагогическим явлением и служит упорядочению образа жизни человека и развитию общества. Государство устанавливает такой порядок, который способствует жизнедеятельности человека и

национальному воспитанию граждан. Большую ответственность здесь несут учебные общеобразовательные заведения.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Обухова Л. Ф. Возрастная психология. Учебное пособие / Л.Ф Обухова- М.: Педагогическое общество России, 2000. -351 с.
2. Павленок П. Д. Основа социальной работы: Учебник / П.Д. Павленок - М., 1998. - 378 с.
3. Николаева Е. И. Психология семьи. Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения. 2-е изд. / Е.И. Николаева. – СПБ.: Питер. 2017. -368с.
4. Никифоров А. Эмоции в нашей жизни. М, сов. Россия ;1974.-272С.



**Аннотация**

Автор статьи рассказывает о том, какую роль играют родители и школа в становлении и формировании личности, как создавать для них благоприятные условия и уберечь их от проблем по антинаркотическому воспитанию, найти эффективное средства в преодолении депрессии и стрессовых ситуаций.

Автор рассматривает и роль атмосферы семьи. Их чувства к своим детям, которые должны способствовать тому, чтобы в трудные моменты они умели делать правильный выбор. Автор надеется, что статья поможет создать в классе и в семье атмосферу любви и разумной требовательности к своим несовершеннолетним детям, приучить их к ответственности.



**Ключевые слова:** Социальная среда, формирование личности, подрастающее поколение, ученический коллектив, стрессовые ситуации, депрессия, решение проблем, нормы поведения, конфликт, дурные эмоции, сила характера, духовная атмосфера, родительские обязанности, достоинство личности, моральная устойчивость.



**Сведения об авторе: Аликулова С. Т.** к.п.н., доцент кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.


## РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ.


**Наҷмиддинова У. С.**-н.и.ф.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Зогакова Гурдофарид** –н.и.ф.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон


Заҳматҳои беназири Пешвои миллат чун корномаи бузургони мардони илму адаб, фарҳангу сиёсат ва ва маърифату ҳақшиносони форсизабони дунёст, ки назираш дар тамаддуни ҷаҳон кам андар кам аст. Шахсиятҳои таърихсози форсу тоҷик дар мисоли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Шамси Табрезӣ, Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Спитамен, Восеъ, Куруши Кабир, С Айнӣ, Зардушт, Исмоили Сомонӣ ва дигарон, ки барои дифоъ ва озодӣ, башардӯстию рафоқат, ҳамдилии ҳалкҳои

олам кӯшидаанд ва ба ин васила ба гояҳои мустаҳкаму инсондӯстии ҳеш дар таърихи башарӣ ҷовидонанд, намунаи олии шинохти аслияти мост.

Пешвои миллати тоҷикон дар як давраи кутоҳи таърихӣ тавонист, ки бо бузургманишӣ ва хоксорию ҷавонмардияш чун як чеҳраҳои асили дунеи сиесат, баҳри пойдории давлати миллӣ ва тамаддуни ориёӣ , сулҳу субот раҳоӣ аз паркандагӣ, ҳамбастагӣ, озодӣ, ҷаҳд намояд. Ба ҳифзи асолати миллӣ, посдориии мероси бузургони форсзабон, таҳқиқи осори пурарзиши онҳо баргаштан ба гузашта гом бардорад ва ниқоб аз сиеҳии нафратангези фанооварӣ миллат бардора

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои нодири кишварамон дар чаҳоряк асри Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи барқарорсозии давлати миллии тоҷикон, Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, манфиатҳои миллӣ ва мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ва фардои дурахшони кишвари соҳибистиқлоламон ва дигар нуктаҳои шукуфоии кишвари азизро борҳо дар асарҳои таърихияш нигоштааст.

Ба андешаи Роҳбари давлат соҳибистиқлолии кишвар бори аввал соҳибдавлат шудани тоҷикон, санаи эҳёи давлатии тоҷикони дунёст, ки маҳз тавассути ваҳдату ҳамдилии мардуми кишвар ба даст омадааст.1 Дар сарнавишти дирӯзу имрӯзи миллату давлати мо, ҳастии мо, ҳақиқати сарнавишти мо аён аст. Аз таърихи қадима ва сарнавишти давлатдории ниёгон, ки дар навиштаҳои Пешвои миллат акс ёфтаанд ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин миллати покманишу озодандеш дар печутобу гардишҳои сиёсии ҳар давру замон рӯҳи шикастнопазир дошта, ҳамчун симоҳои ҷовидона дар саҳфаҳои таърих ба қалам омадаанд.

Бо илова аз гуфтаҳои боло метавон зикр намуд, ки ҳанӯз сар карда аз солҳои сохибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба соҳаҳои илму фарҳанг, ки таҷассумгари симои маънавии миллат, муттаҳидсозандаи неруҳои аклонию зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъана, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа маҳсуб мегардад , мақоми арзанда касб намуд. Ба шарофати сулҳу оромӣ ба хотири фаъолияти пурсамари муассисаҳои илмию фарҳангии кишвар ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатиро қабул шуд, ки ба рушду такомули фарҳанги маънавиёти миллӣ такони бузург бахшид.

Дар ин даврон ба мусиқии миллй эҳтиром гузошта шуда, мусиқии классикии "Шашмақом" ва мусиқии мардумии "Фалак" ҳамчун шоҳкори мероси хаттӣ ва шифоҳӣ ба оламиён муаррифӣ карда шуд. Рӯзи 12-уми май Рӯзи "Шашмақом" ва рӯзи 10-уми октябр Рӯзи 'Фалак" эълон гардид.Соли 2010 тибқи қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид (СММ) Ҷашни ачдодии мо - Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб

гашта, моҳи марти соли 2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари 11 кишвари ҳавзаи Наврӯз ба Феҳристи фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО доҳил шуд. Дар санаи 31-уми июли соли 2010 бо қарори Ҷаласаи 34-уми Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО аввалин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» ба Феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ ворид карда шуд. Дар доираи барномаи ЮНЕСКО доир ба нигохдории мероси фарханӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ва табиии башарият барои дохил намудан ба феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Хулбук пешниҳод карда шуд.

Нақш ва мақоми осорхонаҳоро ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоии ҳифзу нигаҳдошт ва таҳқиқу тарғиби арзишҳои фарҳангӣ муҳим шуморида шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо»- қабул гардид. Маҳз дар асоси Қонуни мазкур ва бо назардошти тақозои даврони соҳибистиқлолӣ, Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Хулбук, осорхонаҳои Кӯлоб, Осорхонаи миллии бостонии Точикистон, Осорхонаи ҷумҳуриявии ба номи академик Бобоҷон Гафуров, Осорхонаи таърихи вилояти Сугд ва дигар осорхонаҳои нав сохта ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин, тайи солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба рушди воситаҳои ахбори омма ва табъу нашр чун дигар соҳаҳои илму фарҳанги кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Барои пешрафт ва фаъолияти озодонаи воситахои ахбори омма, пеш аз ҳама, заминаҳои хуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Имрӯз фаъолияти воситаҳои ахбори омма тавассути қонунҳои Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот дигар воситаҳоии ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи хуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи хуқуқҳои муаллиф ва ҳукукҳои вобаста ба он», «Дар бораи табьу нашр» ба танзим даровардa мешаванд. Дар заминаи маҷмӯи асноди хуқуқӣ низоми воситахои ахбори омма хусусан, матбуоти даврӣ, ки дар замони шуравй типи ягонаро ташкил медод, гуногуншакл гардид. Низоми матбуоти тоҷик хам аз ҷиҳати навъи нашрияҳо, таъиноти онҳо ва теъдоди рӯзномаву маҷаллахо дигаргун шуд. Барои мисол, агар дар соли 1991 дар Тоҷикистон хамагӣ 191 адад рӯзномаву маҷалла интишор мегардид, имрӯз наздик ба 450 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз ин шумора 275 ададаш ҷамъиятию хусусӣ мебошад.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар танҳо як агентӣ фаъолият мекард, имрӯз теъдоди онҳо ба ёздаҳ адад расидааст, ки даҳтои он ғайридавлатӣ мебошанд. Пешрафту дастовардҳо дар воситаҳои ахбори электронӣ аз ин бештар ба назар мерасанд. Дар замони Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як шабакаи радио ва як шабакаи телевизион мавҷуд буд, ки бо вақти маҳдуд ба эфир мебаромаданд. Ҳоло дар кишвари соҳибистиклоли мо 46 шабакаи

радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин микдор 28 шабакаи он хусусист.

Эҳёи суннатҳои мардумӣ ва таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Китоб, Рӯзи Забон, ва амсоли онҳо ба ҳукми анъанаи нек даромадааст. Дар 32 соли соҳибистиқлолӣ ба кӯшишҳои бевоситаи ин марди ҳирад мо миллати тоҷик ба фарҳанги қадима ва рангини миллиамон ва роҳбари хирадпеша такя намуда, дар пешбурди ҷомеаи навини Тоҷикистон ва боз ҳам баландтар бардоштани сатҳи маънавию фарҳангии ҷомеа саҳмгузорем. Донистани таъриху тамаддуни миллати худ, бархурдор будан аз суннату анъана, расму оини фарҳангии мардуми хеш, омӯзишу дарки мероси гании гузаштагони илму адаби миллатамон моро аз ҳар гуна таҳдид ва хавфу хатари ҷахонишавӣ ва равияву тамоюлҳои бегонаю ифротгаро эмин дошта, ба саодати неки инсонӣ раҳнамун месозад.“Рушди давлат аз миллати бофарҳанг вобастааст.”- менигорад - Роҳбари давлат. Яъне, мардуми форсизабон дар ҳама давру замон, бахусус тоҷикон маърифатдӯст, донишманду худшинос зираку доно буданд ва барои роҳи минбаъдаи рушди давлатдорӣ хирад ва дониши онҳо мусоидат кард.

Агар ба дар оинаи таърихи миллат таваҷҷуҳ намоем воқеан, беҳтарин фарзандони хирадманду сохибҳунари миллат, бахусус дар дарбори Сомониён бо шоҳкориҳои илму фарҳанг майдони маърифату адабро рушан кардаанд, саҳми онҳо дар равнақи тамаддуни олам назаррас арзёбӣ гардидааст. Таърих гувоҳ аст, ки маърифату тарбияи зотии халки кадимаи мо нотакрор аст. Дар китоби илму адаби дунё номҳои одамушуаро устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Насриддини Балхӣ, Носири Хусрав ва дигарон бо хати тиллоӣ ҷовидона сабт шудаанд. Имрӯз илмҳои ситорашиносӣ, ҳандаса, кимиё, табиатшиносӣ, фалсафаву илоҳиёт ва кашфиётҳои беназири тибро бе шоҳкориҳои Ибни Сино, Умари Хайём, Берунӣ, Алхоразмӣ, Имоми Аъзам, Имом Тирмизӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ ва гайра тасаввур кардан гайриимкон аст. Номҳои ин нобигагони илму адаб асрҳо боз дар радифи бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳон ҷилва мекунад.

Воқеан, саҳфаҳои таърихи миллат бозгӯкунандаи ҳувият муборизаҳои дурударози мазҳабию фарҳангӣ бо аҷнабиён буда, ҷоннисориву фидокориҳои миллати моро дар роҳи озодӣ ва ҳифзи сарзамин, забону фарҳанг дар ҳар давру замон инъикос месозад. Саропои ин таърих аз хуни фарзандони озодипараст, ватандӯст ва гаюру маърифатпарвараш гулгун аст. Тоҷикон халқи ориёиасл аз кадимулайём сокинони аслии Осиёи Марказӣ буда бо таърихи кулли мардуми эронинажод пайванди ногусастанӣ ва решаи қавӣ дорад.

Ин миллат, миллати соҳибмаърифат ва дорои тамаддуни оламгир аст ва месазад, ки мо арзишҳои онро, мероси фарҳангӣ, таърихи куҳанбунёд, илму адабиёт ва ҳунари воло, истиқлолият, ҳувияташро ҳифз

ва эҳтиром намоем. Зеро миллати мо дар ҳама давру замон соҳибони хирад, озодманиш, донишандӯзу сарбаланд, чун кӯҳсорон буданд ва ба ин маъниҳо умри ҷовидона ёфтаанд.Хулоса, заҳматҳои Пешвои миллат кӯшишҳои созандааш дар роҳи эҳёи Ваҳдати комили миллӣ бори дигар марзҳои ҷангу хушунат, бесарусомониро дар замони муосир бишикаст, муҳаббатҳоро миёни ҳалқҳои фарсзабон ба миён овард, ба ин васила барои мустаҳкамии равобитҳои ҳасанаи кишварҳои дигар бо мо замина гузошт .

Иқдомҳои Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон бахусус таъсиси анҷуманҳо, симпозиумҳои байналмилалии дар кишвар баргузоргардида, таргиби робитаҳои илмию фарҳангӣ ва адабии судманд, шиносоии анъанаҳои миллии мо ба оламиён, ҳамкориҳо, эълон намудани "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", озмунҳо, ҷашнвораҳо ин ҳама, танҳо ба хотири дӯстию ҳамбастагии мардумони олам аст то, равобитҳоро ба миён гузорад, шароитҳоро фароҳам ва машваратҳои дӯстонаро самар бахшад, ва тавассути шоҳроҳи тамаддунсоз пойдевори минбаъдаи давлати тоҷикон мустаҳкамтар гардонад. Имрӯз вобаста ба вазъи сиёсию амниятӣ ва бо пуштибонӣ аз ҳуқуқу мақоми мардуми форсизабон дар мисоли афгонию эрониҳо, ки айни ҳол дар Тоҷикистон сукунат доранд ва берун аз марзи Тоҷикистонанд, Раиси Тоҷикони ҷаҳон - Пешвои миллати кишвари тозаистиқлол ҳамеша садо баланд менамояд. Барои мову тоҷикони ҷаҳон Куруши Кабиру Зардушт ва Спитамену Восеъ, Турсунзодаю Айниро ҷовид месозад ва ба шахсиятҳои нотакрори таърихӣ арҷ мегузорад. Роҳбари Давлати мо, воқеан, ваҳдатсозу поягузори арзишҳои волои миллӣ дар таърихи тоҷикони ҷаҳон аст.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Наҷмиддинова У. С. –номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ;
**Зогакова Гурдофарид -** номзади илмҳои филологӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## САНЪАТИ МУСИҚӢ ВА АЛҲОН ДАР АФКОРИ ЭСТЕТИКИИ МУТАФАККИР

**Зоғакова Гурдофарид**

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Ҳайдаров А.А.**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Tel: 919.99.75.27
E-mail: avsamad@bk.ru

Яке аз намудҳои санъат, ки афкори эстетекии Дониш дар он самт баён шудааст, илми тағаннӣ ва алҳон - яъне саноеи мусиқиву суруд

мебошад. Ин андешаҳо низ дар «Дафтари хотирот»-и ӯ баён ёфтаанд. Унвони фаслро адиб бо чунин байт оро додааст:

Чист, медонӣ, садои чангу уд,
Анта ҳасби, анта рабби, ё Вадуд.

Дониш масъалаи аз чӣ дар назди шариат нохуш ва нописанд будани ин санъатро аз нигоҳи фаросат ва дарки олии зебоипарастии хеш шарҳ дода, аз ин санъати воло пуштибонӣ мекунад. Ӯ чунин менигорад, ки илми тағаннӣ ва алҳон шариф аст, вале аз он ҷиҳат, ки давлатмандони сифлатабъ баъзе мардумони муҳтоҷи нонро –ба мисли занону амрадону раққосону масхарагон ҳамчун манбаи шаҳватпарастӣ ва фисқу фасод истифода мебаранд, ин санъат муттаҳам гардида ва манъ шудааст.

Санъати ҳақиқӣ бояд озод ва санъаткор муҳтоҷи касе набошад. Бар рағми суханони хурофотчиён ва иртиҷоипарастон Дониш менависад: «Ман мегӯям: -Илми тағаннӣ ва алҳон ашрафи улум ва ақдами фунун аст, ки зевари ҷамоли инсонӣ ва ғояти камоли одамист ва муҳтоҷун-илайҳу ҷамеи халқ ва қуввати руҳи нотиқа ва ғизои нафси муҷаррад.
Ва чунончи ҷисми унсурӣ бе мудовамати аклу шурб давому бақо надорад, инчунин ҷавҳари руҳонии ӯ бе симои тағаннӣ ва дидори ҷамоли хуб ва ташмими бӯйҳои хуш сурати саботу давом напазирад.»[1, 320]

Адиб илова мекунад, ки агар инсонро ғаму кудурате пайдо шавд, барои таскини хеш ва барои рафъи он нохушиҳо бояд, ки муғаннӣ ва сарояндаи хушилҳонеро биёраду ду-се суруде бишунаваду хешро аз қайди он нигаронӣ раҳо созад. Чи тавре ки маълум мегардад, адиб аз таҷрибаи зиндагии хеш истифода бурда, мехоҳад, ки дар одамон завқи эстетикиро, завқи фаҳмиши суруду мусиқиро тарбия намояд. Ӯ дар хонаи худ ҳамеша, ҳар ҳафта як шаб маҷлисҳои мусиқӣ ташкил мекард ва дар девори ҳуҷраи меҳмонхонааш 7-8 дутору танбӯр доим овезон буд.

Аз нақли шогирди Дониш, Мираточон Миризомов маълум мегардад, ки ҳангоми навохтанҳои Қорӣ Кароматуллои Танбӯрии Дилкаш ва савти дилчаспи Ҳоҷӣ Абдуллои Ҳофиз қалби мутафаккир ба ҷӯш меомад ва аз таъсири мусиқиву суруди воло аз ноумедиҳои замонаи истибдодӣ каме фориғ мешуд.. Адиб «Шашмақом»-ро бо нозукиҳояш медонист ва аз ҳама бештар мақоми «Ироқ»-ро дӯст медошт[4,154-158].
Ӯ дорои завқи баланди мусиқидонӣ будани хешро ҳангоми ба Петербург сафар намудан ва таассуроти хешро оид ба санъати сурудани овозхони машҳури итолиёвӣ- Аделина Паттӣ(1843-1909) чи дар шакли наср ва чи дар шакли назм бараъло нишон дода буд. Дар радифи дигар тамошогарони русиву аврупоӣ Дониш ҳам аз санъати волои Паттӣ ба ваҷд омада буд ва ҳатто бо истидъои овозхон шеъреро эҷод намуд, ки байтҳои тавсифии зер гувоҳи он таассуротанд:

Диданаш он ҳама кайфияти ҳайрат медод,
К-ӯ зи саҳбои нигаҳ дар кафи ҷон гул мерехт.
Лаҳну овози вай он сон, ки ба гӯши ушшоқ,

Гаҳ хуши саъваву гаҳ чаҳ-чаҳи булбул мерехт[ 1,179].

Адиб менависад, ки дар нолаи зераш булбул ва саъва хомӯш мешуд ва дар савти бамаш овози най сурати карно мегирифт. Ин боз як бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои завқи баланди зебоипарастӣ ва барои санъати волою асил сарҳад вуҷуд надорад. Ин суханони Аҳмади Донишро баъдан мутахассиси ҳақиқӣ, оҳангсози машҳури рус П.И.Чайковский дар ҳаққи Аделина Паттӣ тасдиқ намуда, дар асараш «Мактубҳо ва ёддоштҳо» қайд мекунад, ки Патти овозхони ҳақикиву мумтоз буда, овози муъҷизаосои хушоҳанг, комилан тозае дошт ва ҳар як навбати сурудхониро бо назокат, малоҳат ва латофати дилрабоёна ва зебанда иҷро менамуд[5,199].

З.Ш.Раҷабов дар китоби хеш «Маорифпарвар Аҳмади Дониш» иқтибосеро аз навиштаҳои олими рус В.В.Лунин меорад, ки чунин гуфтааст: «Бояд гуфт, ки Аҳмади Дониш на фақат мутриби мумтоз ва донишманди забардасти мусиқии Шарқ буд, балки мусиқии аврупоиро низ басо хуб мефаҳмид ва меписандид. [5,199].

Суханҳое, ки дар бораи бузургӣ ва истеъдоди ҳам Аделина Патти ва ҳам худи Аҳмади Дониш дар фавқ оварда шудаанд, аслан тасвири воқеӣ ва холисонаи дорои санъати воло ва истеъдоди баланд будани ҳар ду ҳунарманд мебошанд. Инчунин ба андешаи Е,Э.Бертелс, бояд қайд намуд, ки шеъри Аҳмади Дониш дар бораи Патти «…ин ягона мадҳияест дар забони шарқ ба васфи вай»[5,198].

Мулоҳизаронииҳои ӯ роҷеъ ба шеъру шоирӣ ва муғанниву алҳон ва таносуби онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки адиб шахсияти дорои завқи эстетикаи баланд буда, ҷавҳари аслии ин саноеъро аз бар намуда, чун устоди ботаҷриба дар дили хонандагони хеш завқи эстетикиро бедор мекунад.

Адиб қайд мекунад, ки агар суҳбати салотину акобир бе созандаву навозанда анҷом пазирад, ин суҳбат ноқис ва номуътабар аст. Ӯ мусиқӣ ва сурудро ба ҳазорон дарду ғам сафобахшу давобахш медонад. Аҳмади Дониш менависад, ки «дар ҳавои мутааффин ва вабое ё чоҳ ва хонаи музлими беравзана ҳазор -ҳазор кас ба андак фурсат видои қолаб кунад ва ҳалок шавад ва аз симои нағма ва овози хуш чандон муталаззиз шавад ва баҳра гирад, ки дил ракик шавд ва ваҷду ҳол оварад ва масту мадҳуш шавад ва ҷайби ҷома чок кунад» [ 1,322].

Таълимоти эстетикии адиб дар ташаккули ҷаҳонбинии одамон, хусусан ҷавонон аҳамияти калон дорад. Дониш илми мусиқиро шариф ва муғанниву сарояндаро муътабар меҳисобад ва талаб мекунад, ки онҳо набояд мутеи кас ва молу сарват бошанд, балки озодона эҷод кунанду бихонанд, он гоҳ маҳбубияти ҳақиқии халқро сазовор хоҳанд шуд. Дар чунин ҳолат барои ҷавонон, албатта дарки зебопарастӣ ва завқи мусиқиву алҳон даст хоҳад дод.

Касонеро, ки санъатро дӯст намедоранд, ё ин ки завқи фаҳмидани шеър ва ё суруду мусиқиро надоранд, Дониш сарзаниш ва маломат намуда, ҳатто аз доираи инсонӣ берун меҳисобад: « Касе, ки аз нағамот

ва овози хуш мутаассир нашавад, ё гӯш надорад ва ба чизи дигар машғул шавад ва аз басотину чаман фараҳ нагирад ва ба рӯи хуш набинад ва аз бӯи нохуш мутаззӣ нагардад, хареву гове бошад ба сурати инсон баромада ва одамӣ бувад ҳайвонсарират ва кӯрбасират»[ 1,322].

Мутафаккир саботу давоми руҳонии инсонро ба вуҷуди мусиқиву лаҳни хуш вобаста медонад. Аз нигоҳи илми муосир ин андешаи адиб, албатта баҳсталаб аст, вале дар тарбияи зстетикии имрӯзаи ҷавонон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

АДАБИЁТ:


1.Аҳмади Дониш.Осори баргузидаи бадеӣ.-Душанбе: Ирфон,1976.-350 с.
2.Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводирулвақоеъ». Бо таҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода.- Сталинобод, 1957.- 224с.
3. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. -Душанбе: Сарват, 1992.- 98 с.
4. Миризомов М. Ёддоштҳо дар бораи Аҳмади Дониш.// Шарқи Сурх,1960, с.154-157.
5. Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш.- Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.
6.Ҳайдаров А.А. Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш.-Душанбе, 2011. 164 с.



**Маълумот дар бораи муаллифон*: Зоғакова Гурдофарид-н.и.ф.*-омӯзгори кафедраи забони тоҷики ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;**

***Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович-* -** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**Сведение об авторах**: ***Зогакова Гурдофарид – к.ф.н.(ТНУ;***
**Хайдаров Абдусамад Алифбекович-**к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
**Information about the author**: Haidarov Abdusamad Alifbekovich- Associate Professor, Head of the Department of Social Science, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.


## ВОЖАҲОИ МАРБУТ БА ИДИ НАВРӮЗ (ШОГУН) ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКЗАБОНОНИ ВОДИИ ҒОРОНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМИ ВМКБ


**ШЕРДИЛОВА С.-н.и.ф.**

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф


Иди Наврӯз (Шогун) яке аз ҷашнҳои густурда ва қадимтарини ориёиҳо мебошад. Ин ид дар Тоҷикистон ҳар сол 21-22 март бо як шукуҳу шаҳомати махсус ҷашн гирифта мешавад. Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни фархундаи

Наврӯз азизу арзишманд нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму ойин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад.

Ҷашни Наврӯз умри дарози беш аз панҷҳазорсола дорад. Чунон ки аз номи он бармеояд, Наврӯз «рӯзи нав», «ибтидои сол» маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фаворасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз мебошад. Аз нигоҳи ситорашиносон, Наврӯз рӯзест, ки офтоб ба бурҷи бара (ҳамал) ворид мешавад ва дар ҳамон дақиқаву сонияе, ки ворид шуд, соли нав фаро мерасад. Наврӯз чунон ки гуфтем аз бузургтарин ҷашнҳои мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад, ки ба фарҳанги қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ бо ҳамин ном гузаштааст. Ҷашни Наврӯз нишебу фарозҳои таърих, ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиҳои зиёдеро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидааст.

Роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин ҷашни куҳанбунёд дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва бадеӣ маълумоти зиёд зикр гаштаанд, ки донишмандони тоҷику эронӣ, хориҷӣ дар асоси онҳо мақолоту рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Маълумотҳои мустақим ва пураҳамиятро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафхим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-маҳосин вал аздод»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ба иттифоқ Ҷамшеди пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд. Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома» роҷеъ ба бунёд гузоштани ҷашни мазкур чунин навиштааст: «…аммо сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз 1-шабонарӯз ба аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан, чи ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-у иқтидо карданд».

Абулсаид Абулҳайи Гардезӣ дар китоби «Зайн-ул-ахбор» дар бораи Ҷамшед мегӯяд: «Ҷамшеди Вангахон (Анвҷаҳон) чун бар тахт биншаст, бо девон ҳарб кард ва дасти эшонро аз мардумон кӯтоҳ кард, эшонро зи ободиҳо барандохт ва андар дарёҳову вайрониҳо шуданд ва эшонро корҳои гароне фармуд, ки мардумон натавонистанд кардан. Ва осиёи сангин андар гардани девон афканд, ба рӯйи он нишаст ва ӯро андар ҳаво бибурд ва дуо кард, то Худои азза ва ҷалла гармову сармо ва беморӣ ва марг аз мардумон баргирад. Худои азза ва ҷалла аз некусиратии вай дуои ӯ мустаҷоб кард. Онро ҷашни Наврӯз бисохт ва девонро фармуд то ки конҳо кананд ва ҷавоҳирҳо берун оваранд, ба дарё фурӯ рафтанд ва гармову сармо, беморӣ ва марг аз мардумон баргирад. Худои азза ва ҷалла аз Некусирати вай дуои ӯ мустаҷоб кард. Онро ҷашни Наврӯз бисохт ва девонро фармуд то конҳо кананд ва ҷавоҳирҳо берун оварданд, ба дарё фурӯ рафтанд ва гавҳарҳо бароварданд ва ин майл ба мардумон биёмухтанд, ҷомаҳо ранг фармуд кадан».

Дар дарбори подшоҳони сосонӣ Наврӯз хеле бошукӯҳ ва бо дабдаба таҷлил мегашт. Намояндагони 23-кишвар (тобеъони Эрон ва кишварҳое, ки бо Эрон робита доштанд) ба ҳузури шоҳ мерасиданд ва аз тарафи кишвари худ ҳадяҳо тақдим мекарданд. Аз ин тухфаҳо бахши бузурге ба хазинаи кишвар ворид мешуд.

Марселиюс –бозаргони румӣ, ки дар даврони сосониён ба Эрон сафар карда, худ шоҳиди ҷашни Наврӯз будааст, дар сафарномаи худ менависад: «Дар аввалин рӯзи ҷашни рӯзи Наврӯз духтарону занони пойтахт бо либосҳои абрешимӣ обию сабз ва мардон бо ҷомаҳои навдӯхта дар саҳни кох ҷамъ шуда, ба пойкӯбӣ ва рақс мепардохтанд. Дар дохили толори салтанати кохии Нигористони Кисрои Анӯшервон, ки шаш ҳазор метр масоҳат дорад, фарши замини сафеди як қитъаи муайян ба ҷавоҳироти ҳафтранг бар кафи толор густурда шудааст. Ин фарш манзараи баҳору табиатро менамояд. Дарахтони ин фаршро бо зумурад ва шукуфаи дарахтон бо забарҷад ва ақиқа сафед ва сурати ёқути сурх, муҷассамаи шутуре аз нуқраи хом ва аспе аз тиллои ноб бо зин ва барги ҷавоҳир нишон бар зинати толори шоҳаншоҳӣ афзудааст. Дар интиҳои толор пардаи марвориддӯзе бо абрешими обӣ ва овезаҳои зарбафт овезон аст. Дар миёни толор бо меваи ширин ва ошомиданӣ аз шодбошгӯяндагон дар Наврӯзи хосса ва омма борёфтагон пазирой мекарданд ва ромишгарон ҳозирони толор ва мардумеро, ки дар саҳни боғ ҷамъ шуда буданд, ба шодмонӣ ва сурур меоварданд…»

Таҷлили ҷашни Наврӯз дар даврони ҳукуматдории Сомониён бо шукӯҳи тоза идома ёфтааст, ки дар ин бора донишмандон дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ ёдовар шудаанд.

Шоирони забардасте чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Дақиқӣ оид ба ҷашни Наврӯз бо меҳру муҳаббат сухан гуфтаанд ва тасвири зебои баҳорро ба қалам додаанд. Дар тӯли садсолаҳо Наврӯз ва ойину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои ҳукмрон борҳо ба тағйиру дигаргуниҳо мувоҷеъ шудааст ва мардуми тоҷику халқҳои дигари эронӣ дар ҳама давру замонҳои душвору пур аз ҷангу офатҳо аз таҷлили ин ҷашни зебои ниёгони худ даст накашидаанд. Ойину суннатҳои тоҷикон дар айёми Наврӯз инҳоянд, ки аксари онҳо то ба имрӯз роиҷанд.

**Гулгардонӣ.** Аз омадани Наврӯз, пеш аз ҳама, бачагон бо иҷрои анъанаи гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як -ду ҳафта қабл аз Наврӯз гурӯҳ-гурӯҳ ба кӯҳу пушта рафта, гулҳои баҳорӣ- бойчечак, сиёҳгӯш ва гули зардакро чида, ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд. Соҳибхона гулҳоро бӯй кашидаву ба чашм мемоланд ва ба бачаҳо кулчаю қанду мавиз, дар баъзе ҷойҳо гандуму нахӯд медиҳанд.

**Фолгирӣ.** Ойини дигар пешбинӣ кардан бо роҳи сабзонидани 12 навъи ғалладона: гандуму нахӯду боқило, зағир, наск, мош ва ғайраро мебошад. Ин ғалладонаҳоро дар зарфҳои гуногун дар шароити хона месабзониданд ва аз суръату кайфияти сабзиши онҳо, фол мегирифтанд, ки кадоми навъи ғалладона дар ин сол нашъунамой хуб карда, ҳосили фаровон хоҳад дод.

Дар замони шоҳаншоҳии Сосониён 25 рӯз қабл аз ҷашни Наврӯз аз хишт 12 сутун сохта, даруни онҳоро ба хок пур мекарданд, Ин 12 сутун рамзи 12 моҳи сол ҳисоб мешуд. Дар дохили ин сутунҳо анвои ғалладонаро кишта аз равиши сабзидани онҳо муваффақиятҳои кишоварзии соли ояндаро пешгӯӣ мекарданд.

**Чаҳоршанбесурӣ.** Маросими чаҳоршанбеи охиронро Чоршанбеи сурук низ меноманд, дар чоршанбеи охирони сол (мувофиқи тақдими эронӣ-хуршедӣ) гузаронида мешавад. Дар чорроҳ алав афрӯхта хурду калон аз болояш меҷаҳиданд ва ба оташ мурочиат карда мегуфтанд: ранҷурию ранги зарди ман аз они ту, сурхию хуррамии ту аз они ман. Бо иҷрои ин амал онҳо бовар доштанд, ки дар соли нави оянда онҳо тандуруст хоҳанд буд. Мувофиқи бовари дигар, агар аз болои оташ ҷаҳида гузарӣ, гуноҳоят мерезанд.

Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ додем, ки баъзе унсурҳои лексикаи марбут ба маросими иди Наврӯз (Шогун)-ро дар гӯйиши тоҷикзабонони Ғорони ноҳияи Ишкошим мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Оростани хони наврӯзии «ҳафт син» аз суннати бостонии эрониён аст. Ба хони «ҳафт син», 7 ашёи бо ҳарфи арабии «син» шурӯъшаванда гузошта мешавад: сабза, сир, себ, суманак, санҷид, сипанд ва сирко.

Тибқи ақидаҳои олимон, ба хони «ҳафт шин» 7 неъмате мегузоштанд, ки номи онҳо бо ҳарфи арабии «шин» оғоз мегардад. Яъне ҳафт шин аз инҳо иборат аст: шир, шакар, шамъ, шароб, шарбат, шамшод ва шаҳд.

Донишмандону фарҳангшиносон кӯшиш кардаанд, ки рамзи ҳар яке аз ин ашё ва неъматҳои табиатро шарҳ диҳанд ва алоқаи мардумро ба онҳо маънидод кунанд. Масалан, шир рамзи сапедии ҳаёт, рамзи покӣ, сулҳу осоиш. Сабза-намоди хуррамию сарсабзии табиат. Себу санҷиду сир- ғизоҳои солим ва ғайра.

Наврӯзи мардуми Ғорони ноҳияи Ишкошим чи аз ҷиҳати суннат ва чи аз ҷиҳати лексика хусусиятҳои ба худ хос дошта, дар баробари умумиятҳо аз дигар манотиқи ҳаммарз фарқиятҳо низ дорад. Бояд гуфт, ки вижагиҳои марбут ба иди Наврӯз дар гӯйиши тоҷикзабонони Ғорон хеле гуногун буда, омӯзиш ва таҳқиқи пурраро талаб менамоянд.

Қайд кардан лозим аст, ки Наврӯзро дар Ғорону Ишкошим ва Вахон «**Шогун»** меноманд. Калимаи «**Шогун»** дар лаҳҷаҳои бадахшонии тоҷикӣ ва забонҳои помирӣ (вахонӣ, ишкошимӣ) маънои **фоли нек**, **хосияти накӯ**-ро доро аст. Иди Наврӯз (Шогун) яке аз ҷашнҳои густурда ва қадимтарини ориёиҳо мебошад.

Омадани Шогун (Наврӯз) дар Ғорон аз **съманъкмонӣ** (суманакмонӣ) оғоз меёбад. Дар забони адабии тоҷик бошад, ба шакли **суманак** маъмул аст. Суманакро дар Ғорон як моҳ пеш аз Шогун сабзонида тайёр мекунанд ва дар ҷашн аз вай хӯрокҳои гуногун омода мекунанд. Суманакро дар водии Ғорони ноҳияи Ишкошим бо ду тарз тайёр мекунанд.

1. нонӣ. Ин намуд суманакро аз орди суманак пухта, нонашро бо шир ва равған тайёр карда мехӯранд. Аввал сабзаи суманакро хушк карда сипас онро дар **осиёб** ё **ҷъwоз** (ҷувоз) нарм мекунанд.

2. шошп. Ин навъи суманак дар шакли атоламонанд тайёр карда мешавад. Занҳои деҳа якҷо шуда, оташ мегиронанд ва суманакро бо хондани сурудҳои дар васфи суманак мепазанд ва ба ҳамаи одамони деҳот аз ин суманак тақсим мекунанд. Ин анъана дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дар иди Наврӯз ҳамасола амалӣ мегардад.

**Сърхимонӣ (сурхимонӣ),** як рӯз пеш соҳиби калони хона, ё падар ё модар, матои сурхро ба рӯйяш **гард** (сафедӣ), ки рамзи сафедӣ, зиндагии осоишта аст, аз орд монда, дар ягон ҷойи баландии ҳавлӣ мегузоранд. Аз давраҳои хеле қадим дар байни мардуми ориёӣ ойине маъмул буд, ки пеш аз фаророасии соли нав – Шогун (Наврӯз) мардум тамоми хонаву либосҳоро шустушӯй намуда, худро поку озода мекарданд.

Дар водии Ғорон саҳари барвақт зани хона аз ҷӯйбор оби тоза ба хона меорад ва як пиёларо аз равзана ба хона мерезад, то ҳамаи баракат дар хонаи ӯ пайдо шавад. Ҳамон касе, ки барои об овардан меравад, бояд аз хона то сари чашма ё дарё ва аз он ҷо то хона ба касе сухан нагӯяд. Дар урфу одати ғорониҳо обро ба хона оварда, як қисмашро ба хамир меандозанд ва як қисми дигарашро барои пухтани хӯрокҳо истифода мебаранд ва аз бозмондааш ҳамаи аҳли хонавода кам - кам менӯшанд, ки он шогуни нек ҳисоб меёбад.

**Тахзанѝ/хонатахзанѝ** (хонабаророн, хонатаконӣ), чангу ғубори соли гузаштаро тоза карда, то ки ба соли нав ҳама ҷо тоза ва дилҳои мардум ҳам тоза бошанд. Мардум як ҳафта пеш аз фарорасии Шогун кӯрпаву палосҳоро аз хона берун бароварда, хонаро руфтаю тамиз мекунанд, курпаҳою пардаҳоро мешӯянд ва хушбӯй мезананд. Тамоми палосу кӯрпаву лавозимоти манзилашонро офтоб дода метаконанд, деворҳои хонаро сафед намуда, тозаву озода месозанд. Дегу зарфҳоро шуста тоза мекунанд. Зеро хонаву дари тоза рамзи соли наву иқболи нав аст. Мардум бовар доранд, ки агар соли навро дар хонаи тозаву озода пешвоз бигирӣ, ҳамон солро бо хушиву хурсандӣ мегузаронӣ.

**Дудабарорѝ/дудазанѝ** (дудабарорӣ) – Дар ин рӯз яке аз мардони хона ду чӯбдаст тайёр карда, дар нӯги онҳо ҷорӯбро мебандад, ки яке **саворачорӯб** ва дигаре **пиёдаҷорӯб** ном дорад ва онҳоро аз равзана ба хона медарорад. Хонаро як ё ду кас аз занҳо рӯбучин карда, дударо ба ҷойи дур, ки касе ба болои он нагузарад, бурда, бо ҷорӯбҳо мепартоянд. Дар вақти партофтани дуда дудапарто кӯшиш мекунад, ки дар ин вақт ба ӯ касе дучор нашавад ё ӯро касе набинад, дигарон ҳам кӯшиш мекунанд ба дудапарто дучор наоянд, зеро дударо кинаву адоват ва ғаму андӯҳи порсола ҳисоб карда, аз он дурӣ меҷӯянд.

**Пъчрмшъканѝ.** Лаҳзаеро, ки хӯрокҳои Шогунро якҷоя бо ҳамсояҳо ва хешу табори наздик мехӯранд **пъчръмшиканӣ** мегӯянд. Одатан **пъчръмро** баъд аз тоза намудани чангу ғубори хона мешикананд. Баъд аз рӯбучини хона ва Шогун кардани он, лаҳзаи пъчръмшиканӣ фаро мерасад. Хусусан, кӯдакон онро бесаброна интизор мешаванд. Ҳангоми ба хона даромадан одамон ба хона **ғимча/химча** – шохчаҳои бедро гирифта, ***«Шогуни баҳор мъборак»*** *(Шогуни баҳор муборак)* гуфта медароянд. Дар ин асно зани хона дар ҷавоб ***«Ба руи шъмо ҳам мъборак»*** *(Ба рӯи шумо ҳам муборак)* гуфта бӯйи хуш меандозад, ки он аз гиёҳи

araқи расул, орд ва равған тайёр карда мешавад. Ба панҷ сутуни хона орд мезананд, ки онро дар гӯйиши Ғорон **гард** мегӯянд. Дар ин лаҳза ҳама сарҷамъ омада **пъчрм** (хӯрокҳои шогунӣ)-ро мешикананд.

**Гардзанѝ:** кадбонуи хона ба китфи одамони ба хона даромада орд мепошанд, ки онро дар Ғорон гардзанӣ мегӯянд. Гардзанӣ, ки бо орд, яъне бо сафедӣ амалӣ мешавад, рамзи хос дорад. Ранги сафед (некӣ) ифодагари пирӯзӣ бар сиёҳӣ (бадӣ) аст, нафаре, ки **пъчръмро** мекушояд, ба хонадон некӣ ва хушбахтӣ биёрад. Фалсафа ё ҳикмати **гардпошӣ/гардзанӣ** ин талаб кардани хубӣ ва рӯзгори неку буда, бо ин ният мардум мехоҳанд ҳама гуна ранҷу бало ва зиштию нохушӣ рафъ шавад. Вақти пъчръмшиканӣ кӯшиш бояд кард, ки ягон одами калонсол ва ба пою қадам аввал ба хона дарояд.

**Бозиҳои шогунѝ**: Дар ин рӯз бозиҳои ҳархела дар байни писарҳо, духтарҳо ва мардҳо, аз қабили **қустингирѝ** (гуштигирӣ), аспдавонѝ (аспдавонӣ), **каwгчангонѝ** (кабкҷанг), **бъзкашѝ** (бузкашӣ), **хърусчангонѝ** (хурӯсҷанг), **лашбозѝ, тъхмчангонѝ** (тухмҷанг), **дорбозѝ** (арғунчак) баргузор мегардад. Дар водии Ғорон дар ин рӯз ҳамаи занон ва духтарон **дорбозӣ** (арғунчакбозӣ) мекунанд, то ҳамаи гуноҳҳояшон пок шаванд.

**Дорбозѝ** (арғунчакбозӣ) – як навъ бозии анъанавии кӯдакон ва ҷавонони Ғорон мебошад ва бештар дар баҳору тобистон бозида мешавад. Ин бозӣ танҳо хоси духтарон мебошад, ки аз рӯзи Шогун (Наврӯз) идома меёбад. **Дор** (арғунчак) аз таноб ё арғамчине, ки ду нӯки он ба шохи дарахт ё болоҷӯбе баста шудааст ва аз нишастгоҳ иборат мебошад. Баланд ё паст будани арғунчак ба синну соли кӯдакон вобаста мебошад. Ин намуди **дор** (арғунчак) танҳо ба кӯдакони хурдсол вобаста мебошад. Дар Ғорон дар иди Наврӯз ба ғайр аз кӯдакони хурдсол боз духтарон ва занҳо низ дар дор (арғунчак) мешинанд. Дор (арғунчак)-и духтарони калон ва занҳо баландтар шуда, он аз расан (таноб)-и дароз иборат буда, ба шохи дарахти сиёҳбед баста мешавад. Духтарон бо навбат дар арғунчак нишаста, дар ҳаво ба пешу қафо алвонҷ мехӯранд ва роҳат мекунанд. Дар аксари мавридҳо дугонаҳо арғунчакро такон дода, дар алвонҷхӯрӣ ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Дор (арғунчак) дар Тоҷикистон номҳои зиёде дорад: алвонҷ, бод, бодпеч, ҳой, ҳайбод, ҳулчак ва ғайра.
Дар забони вахонӣ **дорбозиро** (арғунчак)-ро **улчак/wулчак** мегӯянд.

**Номи бозиҳои гурӯҳӣ. тъхмчангонӣ** (дар рӯзи иди Наврӯз бачаҳо тухмҳоро бо ҳам мезананд, тухми касе шиканад, мағлуб дониста мешавад). Бозии тухмҷангониро бачаҳо бештар дар иди Наврӯз иди Рамазон ва Қурбон анҷом медиҳанд.

**Хонагаштък** (хонагаштак). Шахси дар хонабуда, ки дударо мезанад, баъд дуо хонда, сутунҳову тирҷӯбҳо ва дастакҳои хонаро орд мепошад. Суннати ордпоширо дар Ғорон **гардзанӣ** меноманд. Дар ин лаҳза тамоми ҳамсояҳо, хешу таборон ёрӯ дӯстон барои табрики ҳамдигар ба хонаи ҳам меоянд. Онҳо дар дастҳояшон химча гирифта ба хонаи ҳамдигар даромада ба ҷойи салом дар ин рӯз «Шогун баҳор муборак» гуфта, соҳиби хона ба онҳо «Ба рӯи шумо ҳам муборак» гуфта

ҳамдигарро табрик менамоянд ва бо ҳам хӯрокҳои шогуниро мехӯранд. Касоне, ки дар тӯли чанд сол ва моҳ бо ҳам қаҳрӣ буданд, ҳамдигарро мебахшанд, бо ҳам оштӣ мекунанд ва ба хонаи ҳамдигар муборакбодӣ меоянд.

**Кълчаи шогунбарѝ** (кулчаи шогунӣ) – пас аз се рӯзи Шогун (Наврӯз) ба хонаҳои духтарону хоҳарони худ ё дигар хешу таборони наздик, ки дар деҳаҳои гуногун шавҳар кардаанд, туҳфа мефиристанд ё ин ки худашон хабаргирӣ мераванд.

**Кудакбарорѝ** (кӯдакбарорӣ) – суннати дигаре, ки дар рӯзи Шогун (Наврӯз) баргузор мегардад. Ин суннати кӯдакбаророн (бори аввал аз хона ба берун баровардани кӯдакони навзод) ва **саркалӣ** (сартарошон) мӯйи кӯдаки навзодро бори аввал қайчӣ кардан мебошанд.

**Гоwбарорѝ** (ҷуфтбаророн). Аз солҳои пеш то ин ҷониб дар водии Ғорони ноҳияи Ишкошим то фарорасии Шогун маросими ҷуфтбаророн барпо мешавад. Рӯзи аввал деҳқонон дар хонае ҷамъ омада, дастҷамъона оши палав пухта мехӯранд. Сипас, онҳо ба сари замин рафта ба шохҳои барзаговҳо равғани зағир молида ва ба сару бадани говҳо орд мепошанд, ки рамзи хайру баракат ва фаровонии ҳосилро ифода мекунад. Рӯзи аввал каме шудгор мекунанд, яке аз мӯйсафедони калонсолтарини деҳа ба тариқи рамзӣ ва муборакии кор чанд мушт гандум мепошад. Он рӯз бармегарданд ва кори асосӣ рӯзи дуюм оғоз мешавад. Ин анъанаро дар Ғорон **говбарорӣ** меноманд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки дар замонҳои хеле қадим дар баробари қурбоникуниҳову пешкашҳо ба худоёну фариштагон, ерониёни бостон айёми зиндашавии табиат ва фарорасии баҳор-Наврӯзро ҷашн гирифта, тавассути рамзҳо орзуву омоли худро ифода мекарданд. Дар водии Ғорон низ ин урфу одатҳои хос то ҳол вуҷуд доранд ва то имрӯз ин урфу одатҳо дар ҷашнҳои миллӣ амалӣ мегарданд.

АДАБИЁТ:


1. А. З. Розенфелд. «Бадахшанские говоры Таджикского языка. Л.1968.
2. Фирдавсӣ «Шоҳнома».-Душанбе, 2010.
3. Умари Хайём «Наврӯзнома» .-Душанбе, 2008.
4. Абурайҳони Берунӣ .«Осор-ул-боқия» .-Душанбе, 1991.
5. Абурайҳони Берунӣ. «Ат-таҳфим”.Душанбе, 1978.
6. Абулсаиди Гардезӣ, «Зайн-ул-ахбор». Душанбе, 1983.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷилди 1-2, М, 1969.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** Шердилова Сурайё номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

# МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГ ВА ИЛМУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Зубайдуллоев С. Х.**–ассистент

ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ, дар ҷамъбасти ҳар сол ва дар остонаи соли навин ба парламенти мамлакат ва дар симои он, ба тамоми халқи кишвари худ Паём ироа намудани Сарвари давлат, яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва яке аз рамзҳои асосии давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд мебошад. Ироа намудани Паём аз тарафи Сарвари давлати Тоҷикистон ва дар доираи манфиатҳои миллии кишвар мустақилона муайян гаштани самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ ва дурнамои рушди мамлакати мо, дар ҳақиқат, тантанаи давлатдории миллӣ ва амалӣ шудани ормонҳои таърихии мардуми шарифи Тоҷикистон аст.

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо навиди нек ва боварибахш дар бораи идомаи қадамҳои пойдор ва рушди устувори кишвар дар шароити нави ҷаҳонӣ ироа гардид. Соли сипаригашта бо рӯйдодҳои муҳиму хотирмони худ барои мардуми тоҷик хотирмон хоҳад буд ва дар саҳифаҳои таърих сабт гардида, насли оянда аз дастовардҳои он ба неки ёд хоҳад кард.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28уми декабри соли 2023 дар толори калони «Кохи Сомон» дар паёми навбатии худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеа ироа намуда, соли 2023-ро барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои номатлуби он як соли бобарор номидаанд[2, с.1].

Дар Паёми навбатии худ Сарвари давлат ба рушди соҳаҳои фарҳанг, илму маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд, ки бесабаб нест. Зеро дар замони имрӯзаи ҷаҳонишави бе рушди ин соҳаҳо пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасавур кардан ғайри имкон аст.

Маврид ба зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлоли фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанот, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзандаро касб намудааст.

Дар ин ҷода Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунанд: «Миллати тоҷик дар тӯли таърихи деринааш худро маҳз ба шарофати афкору андеша, забон, илму фарҳанг, расму ойин ва дигар арзишҳои ғоявӣ ба оламиён ҳамчун халқи фарҳангсозу башардӯст, сулҳпарвару озодихоҳ ва хайрхоҳу таҳаммулгаро муаррифӣ кардааст» [3, с. 322-323].

Дар Паёми навбатӣ Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди ҳосаи фарҳанг андешаҳои дар паёмҳои пешина иброздоштаашонро такмил доданд. Маврид ба зикр аст, ки тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муаррифии фарҳанги миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Дар ин ҷода аз 5 то 11-уми октябри соли 2005 Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар федератсияи Россия ва Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (Париж) бомуваффақият баргузор гардид. Ба рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО ворид намудан ва ҷашн гирифтани «1150-солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», соли 2010 тибқи қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид ҷашни аҷдоди Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб гашт. 31-уми июли соли 2010 бо қарори Ҷаласаи 34-уми Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО аввалин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» ба феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО, ки 16-26-уми июни соли 2013 дар шаҳри Пномпени Камбоҷа баргузор гардид, пешниҳоди кишвари Тоҷикистон «Боғи миллии Тоҷикистон» ба феҳристи мероси фарҳанги умумиҷаҳонӣ дохил шуд. Дар доираи барномаи ЮНЕСКО доир ба нигоҳдории мероси фарҳангӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ва табиии башарият барои дохил намудан ба феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук пешниҳод карда шуд. Ҳамингуна пешниҳодҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо амали шудааст, ки дар муаррифии фарҳанги нодири Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон аҳамияти хеле калонро доро мебошад [7, с.271-288].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбати фаъолияти ниҳодҳои фарҳанг, илму маорифро таҳлилу хулосабарорӣ карда, чандин дастуру супоришҳо доданд аз ҷумла як нуктаи муҳимро ироа намуданд: «Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд» [1, с.42].

Ба ҳамагон равшан аст, ки дар сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ҳифзу эҳёи мероси таърихию фарҳангӣ яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол мекунад. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар аз ҳисоби буҷаи кишвар ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ зиёда аз 100 ёдгориҳои мероси таърихию фарҳангӣ тармиму барқарор гашта, даҳҳо ҷашну

чорабиниҳои бошукӯҳи сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ вобаста ба таъриху фарҳанги миллӣ баргузор гардидааст [6,с.7].

Корҳо дар самти вориднамоии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ҷоннок карда шуданд. Аз ҷумла дар нуҳмоҳаи соли 2023 корҳо дар самти ёдгориҳои таърихию фарҳангии Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони "Зарафшон-Қароқум" ҷоннок карда шуда, мутахассисони шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангии Вазорати фарҳанг бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ парвандаҳои номинатсионии ёдгориҳои мазкурро мукаммал намуда, ба Дафтари марказии ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса ирсол намуданд. Хушбахтона 17–уми сентябри соли 2023 зимни Иҷлосияи 45 Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба мероси ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби ЮНЕСКО дар шаҳри Ар-Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, ёдгориҳои таърихию фарҳангии долони мазкур ба феҳристи асосии мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО шомил карда шуд [6, с.7].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастовардҳо дар ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва муаррифи онҳо дар арсаи байналмилалӣ ёдоваршуда, чунин ироа намуд: «Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид» [1, с.38].

Зирк намуд, ки ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Ҳамасола ба мавзеҳои таърихии Саразм, Тахти Сангин, Қалъаи Ҳисор, Ҳулбук, Аҷинатеппа ва дигар ёдгориҳо даҳҳо сайёҳони хориҷи дидан мекунанд.

Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида–Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад [2, с.2].

Акнун ин агенти метавонад ҷиҳати пешбурди ин самти сиёсати муҳими давлатӣ пурмаҳсул фаъолият намуда, пешбурди соҳаро тибқи нишондоди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар амалӣ менамояд.

Яке аз самтҳои дигаре ки Пешвои муаззами миллат дар паёми навбати худ ироа намуд ин рушди соҳаи илму маориф ба ҳисоб меравад. Маврид ба зикр аст, ки ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе рушди соҳаи илм ва маориф пеш бурдан ғайри имкон аст.

Дар раванди ҷаҳонишави руовардан ба илму маориф яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёми худ  вазъи соҳаи илму маорифро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин росто, ба масъулон дастуру ҳидоятҳои тозаро ироа менамоянд.

Дар паёми имсолаи худ Сарвари давлат ноил шудан ба дастовардҳои бузурги иқтисодиётро дар самти рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон дониста, боз илова намуд, ки вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад [1, с.39].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд [1, с.39].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлоли ба ин самти соҳаи пешбарандаи ҷумҳурӣ яъне илму маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, мабзағҳои заруриро аз буҷети давлатӣ ҷудо намуданд. Ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон, тарбияи кадрҳои баландихтисос ва ҷалби духтарони деҳот ба таҳсил соли 1997 квотаи Президентиро ба роҳ монд. Инчунин соли 2005 барои ҷавонписарони минтақаҳои дурдасти куҳистон низ квотаи Президентӣ муқаррар карда шуд [5, с.7].

Тули солҳои 1997–2012 тибқи квотаи Президентӣ беш аз 10 ҳазор нафар, аз ҷумла 7200 нафар духтарон ба таҳсил фаро гирифта шуда, аз ин шумора 5530 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро хатм намуда, ба ҷойҳои кории таъингардида фиристода шудаанд [5, с.7-8].

Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 20–уми марти соли 1998 таҳти № 967 шаш ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ таъсис ёфт, ки ҷавонони саодатманди кишвар аз ин иқдоми сардори давлат хушҳол шуданд [4, с.1].

Сарвари давлат дар самти ҷалби наврасону ҷавонон ба таҳсил чунин нуқтаҳои муҳимро дар паём қайд намуданд: «Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст» [2, с.2].

Вазъи ҷаҳони имрӯза водор месозад насли наврасро дар руҳияи ватандӯсти ва худшиносии милли тарбия намуд. Оиди амали гардидани ин мақсадҳо Сарвари давлат чунин андешарони намудаанд: «Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода

кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷӯйӣ намоянд» [2, с.2-3].

Ҳамин тавр, Паёми имсолаи Пешвои миллат ҳамчун ҳуҷҷати тақдирсоз тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва дурнамои рушди устувори кишварро дар ҳамаи самтҳо дар бар мегирад. Имрӯз ҳар яки моро мебояд, ки сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, ҷавононро, пеш аз ҳама, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ тарбият намоем.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе, 2023.–64 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Минбари халқ.–2023.–28 декабр.–№ 51 (1448).–С.2
3. Сайдзода З.Ш. Суханони ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. / З.Ш. Сайдзода.–Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017–464 с.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1998 №967 дар бораи таъсис додани ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ. Ҷумҳурият.–2006.–10 июн.–№ 70 (21 126).–С.1.
5. Хонзода А. Ҳамдам Б. Эмомалӣ Раҳмон ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон. / А. Хонзода., Б. Ҳамдам–Душанбе: Истеъдод, 2018.–160 с.
6. Ҷамъбасти фаъолияти нуҳмоҳаи Вазорати фарҳанг дастоварду натиҷаҳо ва нақшаҳо баррасӣ гардиданд. Баҳори аҷам.–2023.–18 октябр.–№28-29 (649).–С.7.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. / Р. Эмомалӣ.–Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.–436 с.


## МАСЪАЛАҲОИ ФАРҲАНГ ВА ИЛМУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақола оид ба масъалаҳои фарҳанг ва илму маориф дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан меравад. Муаллиф қайд менамоянд, ки дар Паёми навбатӣ Сарвари давлат ба рушди соҳаҳои фарҳанг, илму маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд, ки бесабаб нест. Зеро дар замони имрӯзаи ҷаҳонишави бе рушди ин соҳаҳо пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасавур кардан ғайри имкон аст.


Маврид ба зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлоли фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузашта ба ҳисоб меравад.

Дар раванди ҷаҳонишави руовардан ба илму маориф яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёми худ вазъи соҳаи илму маорифро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин росто, ба масъулон дастуру ҳидоятҳои тозаро ироа намуданд.

**Калидвожаҳо**: Пешвои миллат, паём, Эмомалӣ Раҳмон, фарҳанг, илм, маориф, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ВОПРОСЫ КУЛЬТУРЫ, НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ В ПОСЛАНИИ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В статье рассматриваются вопросы культуры, науки и образования в послании Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Автор отмечает, что в очередном послании Глава государства уделил особое внимание развитию сфер науки, культуры и образования. Изветно, что в современном мире невозможно представить прогресс Республики Таджикистан без развития этих отраслей.

Стоит отметить, что в период государственной Независимости культура считается воплощением духовного образа народа, объединителем интеллектуальных сил, выражением прошлой и богатой истории.

В условиях глобализации развитие науки и образования является одним из основных направлений политики Правительства Республики Таджикистан. Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем очередном послании проанализировал состояние науки и образования, и в связи с этим дал новые поручение представителям науки и образование для дальнейшего развитие этих отраслей.

**Ключевые слова:** Лидер нации, послание, Эмомали Рахмон, культура, наука, образование, Республика Таджикистан.

## PROBLEMS OF THE CULTURE, SCIENCE AND EDUCATION IN THE MESSAGE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, HIS EXCELLENCY EMOMALI RAHMON

This article deals with the issues of culture, science and education in the message of the President of the Republic of Tajikistan, his excellency Emomali Rahmon. The author mentioned that in his next message, the Head of State paid special attention to the development of science, culture and education. It is clear that in the modern world it is impossible to imagine the progress of the Republic of Tajikistan without the development of these industries.

It is worth noting that during the period of state Independence, culture is considered the embodiment of the spiritual image of the people, a unifier of intellectual forces, an expression of the past and rich history.

In the context of globalization, the development of science and education is one of the main directions of the policy of the Government of the Republic of Tajikistan. The President of the Republic of Tajikistan, his excellency Emomali Rahmon, in his next message analyzed the state of science and education, and in this regard gave new instructions to representatives of science and education for the further development of these industries.

**Keywords:** Leader of the nation, message, Emomali Rahmon, culture, science, education, Republic of Tajikistan.

***Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич***–Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассисенти кафедраи таърихи халқи точик. Суроғa734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **+992 988–12–90–78**

***Зубайдуллоев Саиджон Хайруллоевич***–Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры истории таджикского народа **Адрес:** 734003 Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **+992 988–12–90–78**

***Zubaidulloev Saidgon Khayrulloevizh***–Tajik State pedagogical University named after Sadriddin Ayni–assistant in the department of history of the Tajik nation. **Adress:** 734003 Repudlic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 121 phone: **+992 988–12–90–78**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

**Шарипова Р.-ассистент**

Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Тоҷикистон

Бешак, истиқлолияти воқеии давлатӣ аз истиқлолияти забон оғоз мешавад. Ин нукта дар таърихи навини забони тоҷикӣ рост меояд, чаро ки аввалин озодихоҳиҳо маҳз аз расминамоии забони тоҷикӣ оғоз шудааст. Сафҳагардонии таърихи забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ баъди давраи Сомониён маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳукумату зимомдорони давлат қарор гирифт. Хусусан, таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҷиби таҳкими забони тоҷикӣ дар замони соҳибистиқлолӣ гашт.

Дар бораи таърих, забон ва фарҳанги давраи Сомониён аз тарафи муҳаққиқони маъруфи ватанию хориҷӣ – устод Садриддини Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Саид Нафисӣ, Муҳаммадтақии Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Василий Бартолд, Евгений Бертелс, Жилбер Лазар, Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммади Ноҷӣ, Нуъмон Неъматов, Ҷаводи Ҳиравӣ, Мукаррама Қосимова, Саид Ҳалимов, Носирҷон Салимӣ ва дигарон таҳқиқоти арзишманд анҷом пазируфтааст. Дар китоби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат – ҳастии миллат» (Душанбе, 2016) дар робита ба забони рӯзгори Сомониён мулоҳизоте ҷолибу муътамад мавҷуд аст.

Давлати Сомониён (875-999) бо дурахшу ҷаҳонтобии кӯтоҳ, вале шукӯҳу шуҳрати ҷовидон равшантарин фасли таърихи сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ба шумор меравад. Фармонравоёни наҷибзодаи ин силсилаи некном, ки аксаран мардони одилу покизасиришт ва фозилу фарҳангпарвар будаанд, махсусан барои эҳё ва ривоҷу равнақи забони модарии мо – забони тоҷикӣ хидмати шоёни таҳсин кардаанд. Аз ҳамин ҷост, ки аксари муаррихону муҳаққиқон авҷи шукуфоӣ ва боландагии ин забонро ба рӯзгори давлатдории Сомониён марбут медонанд, ки ҳақиқати воқеӣ ва бурҳони бебаҳс ба назар мерасад. Аз ҷумла, тазкиранигори маъруфи тоҷик Муҳаммад Авфии Бухороӣ, дар «Лубобу-л-албоб» ҳақиқати густардани фарши фазилат ва афроштани парчами шеъру сухани баланди тоҷикиро ба рӯзгори давлати Оли Сомон марбут дониста, ин воқеиятро чунин ба қалам додааст: «Чун навбати давлати Оли Сомон даромад, рояти сухан боло гирифт ва шуарои бузург пайдо

омаданд ва бисоти фазоилро басит карданд ва олами назмро низоме доданд ва шоириро шиор сохтанд» [5, с.22].

Баъди гузаштани бештар аз ҳазор сол донишманди барҷаста Саид Нафисӣ дар таърихи куҳансоли мо сулолаи дигареро пайдо накардааст, ки «монанди Сомониён сиёсати махсуси нажодӣ ва миллӣ дошта бошад» ва шакке ҳам надорад, ки агар Сомониён ба фармонравоӣ намерасиданд, мо низ монанди даҳҳо кишвару қавми дигар чун Мисру Африқои Шимолӣ ва ғайра дар тамаддуни забони бегона ғарқ шуда, на танҳо забону фарҳанг, балки нажоди худро гум мекардем. Бино бар ин, ба назари ӯ «ҳар чӣ дар улувви (бузургии) мақоми подшоҳони ин силсила, бавижа поягузори далери он – амири бузург Исмоил Аҳмад муболиға кунем, боз аз гузордани ҳаққи вай ва поси миннати ӯ кӯтоҳ омадаем» [12, с.3, 312].

Ҳамин ватандӯстӣ ва фарҳангпарварии Сомониён буд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) дар замони давлатдории онҳо қудрату тавоноӣ ва таҳаввулу такомули беназиру бесобиқа пайдо кард ва барои офаридани як фарҳанги ғании оламгир, ки таъсиру нуфуз ва анъанаҳои мондагораш то айёми мо идома дорад, заминаи мусоид фароҳам омад.

Зуҳури истеъдодҳои беназиру фавқулода чун устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва даҳҳо тани дигар, ки ҳам дар шеъру адаб ва ҳам дар илм забони модарии моро барои ифодаи нозуктарину дақиқтарин маъниҳои адабию илмӣ неруву тавон бахшиданд, ҳосили ҳамин сиёсати фарҳангпарвар ва забонгустари Сомониён аст. Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар ин давра ҷанбаи дарборӣ ва идорӣ ёфта, забони шеър ва наср гардид, ки шоирону нависандагон бо ин забон эҷод мекарданд.

Дар аҳамият ва густариши забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Мовароуннаҳр (-и қарни чоруми ҳиҷрӣ) ҳамин басанда аст, ки аввалин бор “Тафсири кабир” ва “Таърихи Табарӣ” ба ҳайси ду китоби асосии ҳамонвақта ба тоҷикӣ тарҷума шуд. Забони тоҷикӣ (форсӣ)-и Самарқанду Бухоро забони дарӣ буд. Дар қарни чоруми ҳиҷрӣ забони дарии Самарқанду Бухоро дар таркибаш вожаҳои суғдӣ, хоразмӣ ва арабӣ дошт ва ин забон дар тамоми Мовароуннаҳр ва Хуросон қобили фаҳм буд.

Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Мовароуннаҳр баъд аз Сомониён забони расмӣ буд ва на танҳо дар мукотаботи идорӣ, балки дар нигориши китобҳои гуногун низ корбурд дошт. Густариши забони тоҷикӣ (форсӣ) корро ба ҷойе расонда буд, ки алоқаи мардум ба арабӣ, ки матнҳои зиёде ба он забон мавҷуд буд, рӯз ба рӯз коста шуд ва донишмандонро ба ин фикр водошт, ки китобҳои арабиро ба тоҷикӣ (форсӣ) тарҷума кунанд [6, с.4] .

Пешвои миллат ва Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон нақши давраи Сомониёнро дар таъмини ҳастии миллат ва забону фарҳанги мо сарнавиштсоз арзёбӣ кардааст. Ба андешаи Пешвои миллат: «Маҳз давраи Сомониён буд, ки адабу фарҳанги ҷаҳоншумул ва забони ноби тоҷикии форсӣ чун дурри гаронбаҳо то имрӯз бар ҷабини таърих ва тамаддуни башарӣ медурахшад, чеҳраҳо ва ситораҳои

дурахшонро тақдими ҷомеаи инсонӣ менамояд. Донишмандони тавоное чун устод Садриддини Айнӣ, Саид Нафисӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Евгений Бертелс борҳо изҳор доштаанд, ки агар Сомониёни хирадпарвару фарҳангдӯст ба арсаи сиёсат ва давлат намеомаданд, имрӯз сарзамини тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон қаламрави нажоду забони аҷнабиён ба шумор мерафт ва адабу фарҳанги ҷаҳоншумули мо чун ғунча лаб во накарда, пажмурда мегашт ва ба боди хазон мерафт. Аз ин рӯ, метавон бо итминони комил гуфт, ки Сомониён илму фарҳанг, забон ва китобу назми тоҷикиро мақоми хосса бахшиданд ва ин омилҳо боиси ҳастии миллат ва пойдории он гардиданд» [10, с.312].

Ҷойи ҳеч шакку тардид нест, ки симои воқеии таърихӣ ва нақши фарҳангии халқи тоҷик дар рӯзгори Сомониён дар оинаи ҳақиқатнамои забони тоҷикии ҳамин аҳд равшантару барҷастатар ба назар мерасад. Дар баробари ин, дар оинаи ин забон ҳамчунин корномаву корнамоии худи Сомониён, ки шукуфоӣ ва авҷи боландагии забони модарии мо натиҷаи сиёсати камназири забонгустарӣ ва давлатдори миллии ҳамин дудмон дониста шудааст, инъикос мегардад.

Бояд таъкид кард, ки Сомониён бо бархӯрдорӣ аз чанд вижагии муҳим тавонистанд заминаи рушду густариши забони тоҷикиро фароҳам созанд, ки танҳо ба якчанд нуктаи он ишора мешавад:

1. Аҳамияти Бухоро

Пойтахти давлати Сомониён – Бухоро аз назари мавқеи ҷуғрофии худ аҳамияти зиёде дошт. Бухоро аз як тараф ба Хуросон, Табаристон ва Систон ва аз тарафи дигар бо кишварҳои дигари Мовароуннаҳр пайваст буд, ки ин худ сабаб шуд, то Бухоро маркази бархурди мазоҳиби мухталиф ва андешаҳои гуногун бошад.

2. Пуштибонии Сомониён аз илму адаб

Пуштибонии ҷиддии Сомониён аз илму адаб сабаби он шуд, ки олимону адибони зиёд рӯ ба ин шаҳр оваранд. Иқболи аҳли илму адаб ба Бухоро ба ҳадде буд, ки дар қарни чоруми ҳиҷрӣ он маркази донишмандону адибони барҷаста гардид. Дарбори Сомониён унсурҳои милливу фарҳангиро ҳимоят намуда, ба тарҷумаи матнҳои арабӣ ва паҳлавиро ба форсӣ таъкид мекард [11, с.117].

3. Санъати коғазсозӣ

Мавҷудияти саноати коғазсозӣ дар ин минтақа ва равнақи он дар он замон аз омилҳои дигаре буд, ки ба тарвиҷи илму адаб ёрӣ мерасонд. Ин санъат соли 133 ҳиҷрӣ ба воситаи коргарони чинӣ дар Самарқанд ривоҷ ёфта, бисту панҷ сол пас асрори он ба Бағдод ва Димишқ расид.

4. Гирд омадани шоирон дар дарбор

Сомониён заминаи ҳузури шоиронро дар дарбори худ барои устувор сохтани пояҳои ҳукумат ва густариши нуфузи худ фароҳам оварданд. Гузашта аз ин, бархе аз бузургони Сомониён, ба вижа вазирони ин сулола аз аҳли илму адаб ба шумор рафта, ба забони точикӣ (форсӣ) алоқаи бисёр доштанд. Онҳо шоирону нависандагонро ташвиқ менамуданд, то ба форсӣ шеър гӯянд ва китоб нависанд. Чунин буд, ки осори арзишманде дар ин давра падид омада ва муқаддимаи офариниши осори ба монанди “Шоҳнома” гардид [11, с.117].

Акнун, ки мо истиқлолияти комили сиёсиро соҳиб гардида, забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ қабул намудаем, бояд тазаккур дихем, ки истиқлолият дар рушди забони миллӣ нақши басо ҳам асосӣ ва муҳим бозидааст. Дар ҳамин замина сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаоби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳимоя, пуштибонӣ ва рушду густариши забони тоҷикӣ хамчун шахсияти таърихӣ нақши беназирро иҷро намуда истодаанд, чунки бо қабул ва содир намудани силсилаи қарору қонун ва дастурҳо оид ба забон мақому манзалати забони точикиро хеле боло бурдааст. Ҷаноби Олӣ эълон кардаанд, ки: «Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд».

Аз ҷониби дигар, хӯшбахтона, Пешвои миллат дар мавриди ҳифозату пуштибонии забон аз тамоми ҷомеа ҳифзу густариш ва эҳтироми забони тоҷикиро талаб намуда, дар ин замина ниҳоди назоратӣ – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис доданд, ки ин худ нишонгари дар паноҳи якдигар будани забон ва давлату миллатанд.

## АДАБИЁТ


1. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷилди дувум. – Теҳрон, 1373.
2. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, Сочинения, I. – М., ИВЛ, 1963.
3. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. – М., 1988.
4. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои X- XI). Ҷилди 1. – Душанбе, 2011.
5. Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубобу-л-албоб. Бо тасҳеҳоти ҷадид ва ҳавошию таълиқоти комил ба кӯшиши Саид Нафисӣ. – Теҳрон, 1335.
6. Наршахӣ, Абубакр. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунаср ал-Қубовӣ. Талхиси Муҳаммади Зуфар. Тасҳеҳ ва таҳшияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1351.
7. Негматов Н.Н., Мукимов Р.С., Хакимов Н.Г., Воднев В.В., Мандельштам А.М. Ариана и Арйанведжа (история и цивилизация). Под общей редакцией академика АН РТ Негматова Н. Н. – Худжанд: Ношир, 2006.
8. Озарнӯш, Озартош. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. – Теҳрон, 1385.
9. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2016.
10. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016.
11. Ризо, Шафақзода. Тарихи адабиёт. – Теҳрон: Амири кабир, 1341
12. Саид Нафисӣ. Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1309.
13. Султон, Мирзо Хасан. Формирование персидско-таджикского литературного и научного языка // Эпоха Имама А'зама и ее значение в истории культуры народов Центральной Азии и Ближнего Востока. – Душанбе, 2009.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шарипова Раъно –ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ .* ***Нишонӣ****: 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе,кӯчаи Абуалӣ Сино,41/50* ***Телефон****: (+992) 987799052.* ***E-mail****: sharipovarano1977@mail.ru*

# СУФФИКСҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ЗАБОНИ ФРАНСАВӢ

**Султонова Ш. Б.**-ассистент

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар забони муосири фаронсавӣ низ ба монанди забони тоҷикӣ бо ёрии суффикс сохтани сифат яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Суффиксҳои сифатсоз аз ҷиҳати мавқеи калимасозӣ ва истеъмол дар забони франсавӣ низ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул:

Якум суффиксҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, аз ҷумла калимаҳои нав, сифат месозанд, суффиксҳои сермаҳсул ном доранд. Дуюм дар забони франсавӣ суффиксҳое, ки калимаҳои зиёд сохта, вале доираи истифодаашон дар сохтани сифатҳои нав маҳдуд аст, суффиксҳои каммаҳсул ва сеюм бошад суффиксҳое, ки фақат дар сохтани танҳо чанд калима иштирок мекунанд, суффиксҳои бемаҳсуланд.

Дар забони франсавӣ аз сабаби мавҷуд будани ҷинсият сифат дар ҷинс ва шумора ба исми додашуда мутобиқат мекунад, яъне агар исм дар шумораи танҳо бошад сифат низ дар шумораи танҳо ё дар ҷинси мардона ё занона бошад сифат низ ба исми додашуда мутобиқат карда дар ҳамон ҷинсу шуморае, ки исм омадааст, гузошта мешавад. Дар асл сохтори сифатҳои ҷинси занона бо илова кардани суффикси е-и талаффузнашаванда ба сифатҳои ҷинси мардона сохта мешаванд: ***un petit garçon-une petite fille*** [2:35].

Агар сифатҳое, ки дар ҷинси мардона бо **е**-и талаффузнашаванда ба охир мерасанд, дар ҷинси занона бетағйир мемонанд: *un* ***large*** *pont-une* ***large*** *rue* [2:35].

Дар ҷинси занона сифатҳое мавҷуданд, ки сохторашон бо илова кардани баъзе хусусиятҳои махсус ба ҷинси мардона сохта мешаванд. Масалан сифатҳое, ки дар ҷинси мардона бо ҳарфҳои ***-er, -ier*** ба охир мерасанд, дар ҷинси занона ***–ère, -ière*** мегиранд: ***un vent leger-une robe legère.*** Сифатҳое, ки дар ҷинси мардона бо суффикси **-f** ба охир мерасанд дар ҷинси занона суффикси **–ve** мегиранд: *un air* ***naïf****-une question* ***naïve,*** *un costume* ***neuf****-une robe* ***neuve.***

Сохтори сифатҳои ҷинси мардонае, ки бо суффикси **–eux** ба охир мерасанд дар ҷинси занона суффикси **–euse** мегиранд: *un visage* ***heureux****-une figure* ***heureuse*** [1:45].

Суффиксҳои **–et, -el, -eil, -en, -ien, -on** ба гурӯҳи суффиксҳои сермаҳсули забони франсавӣ дохил шуда, сифатҳои ифодакунандаи мафҳуми олилавӣ, монандӣ, ҷой, макон ва ғайраро ифода мекунанд. Ин суффиксҳо барои сохтани ҷинси занонаи сифат шаклҳои махсусро доро мебошанд. Яъне дар охир дутои ҳамсадо мегиранд:

| **Ҷинси мардона** | **Ҷинси занона** |
|---|---|
| *un frère* ***cadet*** | *une soeur* ***cadette*** |
| *un refus* ***formel*** | *une réponce* ***formelle*** |
| *un cas* ***pareil*** | *une chose* ***pareille*** |

| | |
|---|---|
| *un pays **européen*** | *une langue **européenne*** |
| *un monument **ancien*** | *une ville **ancienne*** |
| *un **bon** caractère* | *une **bonne** note* [2:35] |

Илова бар ин дар забони франсавӣ баъзе сифатҳое мавҷуданд, ки истисно шудаанд, яъне дар ҷинси мардона бо суффикси ***–et*** ба охир расида, дар ҷинси мрдона шаклҳои махсуси зеринро доро мебошанд:

| **Ҷинси мардона** | **Ҷинси занона** |
|---|---|
| ***inquiet*** | ***inquiète*** |
| ***concret*** | ***concrète*** |
| ***complet*** | ***complète*** |
| ***secret*** | ***secrète*** |
| ***discret*** | ***discrète*** |
| ***indiscret*** | ***indiscrete*** [2:35-36] |

Суффиксҳои ***-al, -in, -ain, -ein, -un*** низ ба гурӯҳи сифатҳои сермаҳсули забони франсавӣ дохил шуда, барои ифода намудани сифатҳо ба маънои миллат ва монанди инҳо истифода бурда мешаванд. Гурӯҳи сифатҳое, ки дар ҷинси мардона бо суффиксҳои номбаршуда сохта мешаванд дар ҷинси занона дутои ҳамсадо нагирифта, аммо аз рӯи қоидаи умумӣ (бо илова кардани е-и талаффузнашаванда) сохта мешаванд:

une fête nationale-иди миллӣ

*une chambre **voisine**-хонаи барангӣ*
*une affaire **commune**-кори умумӣ*
*une touriste **américaine**-саёҳи америкоӣ*
*une tasse **pleine**-пиёлаи пур (лабрез)*

Агар сифат дар ҷинси мардона бо суффикси ***–eur*** ба охир расад, дар ҷинси занона суффикси ***–euse*** мкгиранд: ***un rire moqueur-une voix moqueuse.*** Сифатҳое, ки дар ҷинси мардона бо суффикси ***–teur*** ба охир мерасанд дар ҷинси занона суффикси ***–trice*** мегиранд: *un ton **protecteur-**une obmre **protectrice.***

Боз якчанд сифатҳои дигаре мавҷуданд, ки дар ҷинси мардона бо суффикси ***–eur*** ба охир расида ин намуди сифатҳо дар ҷинси занона ба истино дохил шуда, суффикси ***–euse*** нагирифта аз рӯи қоидаи умумӣ амал карда, дар охир танҳо ***e-***и талаффузнашаванда мегиранд:

| **Ҷинси мардона** | **Ҷинси занона** |
|---|---|
| ***meilleur*** | ***meilleure*** |
| ***antérieur*** | ***antérieure*** |
| ***postérieur*** | ***postérieure*** |
| ***supérieur*** | ***supérieure*** |
| ***inférieur*** | ***inférieure*** |
| ***intérieur*** | ***intérieure*** |
| ***extérieur*** | ***extérieure*** [3: 37] |

Бо вуҷуди ин ҳама боз дар забони франсавӣ барои сохтори сифатҳои ҷинси занона дигаргунии ҷиддие ба назар мерасад. Масалан сифатҳое мавҷуданд, ки дар ҷинси мардона сохтори гуногун дошта, дар ҷинси

занона низ ин сифатҳо ба сохторҳои гуногуне, ки ба ҷинси мардона ягон алоқаманди надоранд ифода меёбанд:

| **ҷинси мардона** | **ҷинси занона** | **тарҷумаи тоҷикӣ** |
|---|---|---|
| ***long*** | ***longue*** | ***дароз*** |
| ***frais*** | ***fraîche*** | ***тоза*** |
| ***sec*** | ***sèche*** | ***хушк*** |
| ***blanc*** | ***blanche*** | ***сафед*** |
| ***franc*** | ***franche*** | ***франк*** |
| ***public*** | ***publique*** | ***ҷамъият*** |
| ***grec*** | ***grecque*** | ***грекӣ*** |
| ***sot*** | ***sotte*** | ***аблаҳ*** |
| ***favori*** | ***favorite*** | ***дӯстдошта*** |
| ***doux*** | ***douce*** | ***ширин, ором*** |
| ***roux*** | ***rousse*** | ***зардина*** |
| ***faux*** | ***fausse*** | ***хатто*** |
| ***jaloux*** | ***jalouse*** | ***рашкгин*** |
| ***gentil*** | ***gentille*** | ***меҳрубон*** |
| ***bas*** | ***basse*** | ***паст*** |
| ***las*** | ***lasse*** | ***хаста*** |
| ***gros*** | ***grosse*** | ***ғафс, фарбеҳ*** |
| ***gras*** | ***grasse*** | ***равғанин*** |
| ***épais*** | ***épaisse*** | ***зич, ғализ*** |

Сифатҳои ***beau, nouveau, vieux, fou, mou*** дар забони франсавӣ ба гурӯҳи сифатҳои серистеъмол дохил шуда, ин сифатҳо на танҳо дар ҷинси занона шаклҳои махсусро доро мебошанд, балки дар ҷинси мардона низ ду шакли навишт доранд:

| **Ҷинси мардона** | **Ҷинси занона** | **Тарҷумаи тоҷикӣ** |
|---|---|---|
| ***beau-bel*** | ***belle*** | ***зебо*** |
| ***nouveau-nouvel*** | ***nouvelle*** | ***нав*** |
| ***vieux-vieil*** | ***vieille*** | ***пир*** |
| ***fou-fol*** | ***folle*** | ***девона*** |
| ***mou-mol*** | ***molle*** | ***мулоим*** |

Суффикси ***-s*** дар забони франсавӣ суффикси серистеъмол буда барои сохтани сифат дар шумораи ҷамъ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Аз рӯи қоидаи умумӣ шумораи ҷамъи сифатҳои забони франсавӣ бо илова кардани суффикси ***–s*** ба шумораи танҳои сифатҳо сохта мешавад: *une* ***belle*** *place-des* ***belles*** *places,* *un vase* ***bleu****-des vases* ***bleus,*** *un projet* ***fou****-des projets* ***fous.***

Аммо агар худи сифат дар шумораи танҳо бо суффиксҳои ***–s, -x*** ба охир расад, дар шумораи ҷамъ ин намуди сифатҳо бетағйир мемонанд: *un* ***gros*** *bouquet-de* ***gros*** *bouquets, un élève* ***paresseux****-des élèves* ***paresseux*** [4: 40-41].

Сифатҳое, ки дар шумораи танҳо бо суффикси ***–eau*** ба охир мерасанд, дар шумораи ҷамъ суффикси додашудро бо суффикси ***–eaux*** иваз менамояд: *un* ***beau*** *parc-de* ***beaux*** *parcs.*

Суффикси ***–aux*** суффикси сермаҳсул буда, барои сохтани шумораи ҷамъи сифатҳое, ки дар шумораи танҳо бо суффикси ***–al*** ба охир мерасанд истифода бурда мешавад: *un conseil **amical**-des conseils **amicaux**.*

Бо вуҷуди ин боз сифатҳоеро во хурдан мумкин меояд, ки дар шумораи танҳо бо суффикси ***–al*** ба охир мерасанд, аммо дар шумораи ҷамъ суффикси ***–aux*** нагирифта балки аз рӯи қоидаи умумӣ иҷро шуда суффикси **–s** мегиранд: ***banal-banals, natal-natals, final-finals, glacial-glacials, fatal-fatals, des vents glacials, des résultats finals.***

Хулоса масъалаи суффиксҳои сифатсоз дар забони франсавӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтанд. Дар муқоиса бо забони тоҷикӣ маълум гардид, ки суффиксҳои сифатсози забони франсавӣ вобаста ба ҷинсият ва шумора тағйирёбандаанд. Барои мисол, **beau-bel-belle, nouveau-nouvel – nouvelle, vieux-vieil-vieille, fou-fol-folle, mou-mol- molle** дар ҷинси занона, мардона ва шумораи танҳо ва ҷамъ фарқ мекунанд, ки ин нозукӣ дар забони тоҷикӣ қариб ба мушоҳида намерасад.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони тоҷикӣ (Ҳиссаҳои номии нутқ). -Душанбе, 1988. - 100 с.
2. Damourette J., Pichon Ed. Des mots a la pensee. Essai de grammaire de la langue française. V. VI. – Paris: Collection des linguistes contemporains, 1970. – 689 p.
3. Dauzat A.Grammaire raisonnee de la langue franchise.– Lyon, 1948. – 48l p.
4. Dubois J. Grammaire structurale de français. Le verbe. – Paris: Larousse, 1968. – 218 p.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Султонова Шукрона Бобоҷоновна**-ассистенти кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.


## ФЕЪЛҲОИ БЕВОСИТА ВА БАВОСИТА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ


**Султонова Ш. Б.**-ассистент

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ


Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ феълҳо аз чиҳати воситаи иҷрои амал ва муносибати бо он доштаи фоилу мафъул бевосита ва бавосита мешаванд. Феълҳои бевосита. Феълҳои бевосита аз тарафи фоил (субъект) барои худи фоил воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурӯҳ ҳам феълҳои монда дохил мешаванд, ҳам феълҳои гузаранда: Le lendemain, dès cinq heures du matin, d’Artagnan se leva, descendit luimême à la cuisine, demanda... [65, 18]. – Рӯзи дигар д’Артанян соати панҷи саҳар аз хоб хеста, худаш ба ошхона фаромаду хоҳиш намуд... [53, 20].

Аммо дили ман ба ҳоли онҳо месӯхт, зеро ҳеҷ кадоми онҳо ба бозӣ роҳбарӣ накрда буданд… [52, 17]. – Je ressentais une grande pitié, car aucun d'entre eux ne s'était distingué particulièrement dans le jeu... [61, 17].

Чунон ки дида мешавад, дар ин мисолҳо маъно ва муносибати грамматикии фелҳои хеста (se leva), месӯхт, роҳбарӣ накрда буданд (ressentais une grande pitié, distingué) якхел нест: яке ҳамчун феъли бевосита, дигаре ҳамчун феъли бавосита омадааст.

Феълҳои бавосита. Феълҳои бавосита ё барои мафъул воқеъ гардидани амал ва ё ба воситае иҷро шудани амалро мефаҳмонанд.

Шаклҳои бавоситаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ тафовут доранд.

«Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин гуна феълҳо бо роҳи ба асоси замони ҳозира ҳамроҳ кардани суффикси -он (-ён) сохта мешаванд. Ҳамаи феълҳои бавосита феълҳои гузаранда мебошанд ва онҳо моҳиятан ду гурӯҳро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи якуми феълҳои бавосита аз феълҳои монда сохта мешавад, монанди рафтан — равондан, ҷунбидан — ҷунбондан, афтидан — афтондан, гузаштан — гузарондан ва ғ.

Аксарияти феълҳои бавоситаи гурӯҳи якум маҳз барои мафъул воқеъ шудани амалро мефаҳмонад ва ба ин восита хусусияти гузарандагии ин гуна феълҳо бо роҳи таъкид кувват мегирад» [11, 262]. Масалан: гузаштан — гузарондан, афтодан — афтондан, кӯчидан — кӯчондан, нишастан — шинондан, гаштан — гардондан, хобидан — хобондан, ҷингирос задан — ҷингирос занондан, дер мондан — дер монондан, сайр кардан — сайр кунондан, дар ҳайрат (тааҷҷуб) мондан — дар ҳайрат (тааҷчуб) монондан ва ғайра:

Ба Худо шукр ёд гирифтаам,— гуфт Назаров ва аз бандакҳои аккумлятор тасмаро чолокона гузаронда, газгардонро ба гардан ҳамоил намуду лампаи овезонро ба каска газонд [58, 410].

Бинам, Иброҳими бечораро модари ӯгаяш хобонда, бо шохаи дарахти зардолу зада истодааст [54, 63].

Бояд тазаккур дод ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз феълҳои омадан, зистан, будан, шудан бо суффикси «-он» шакли бавосита сохта намешавад.

«Гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита аз асоси замони ҳозираи феъли гузаранда бо иловаи ҳамон суффикси «-он» (-ён) сохта мешавад. Ин гуна феълҳои бавосита ба воситаи каси дигар иҷро шудани амали фоилро мефаҳмонанд, яъне амали шахси дигар ҳамчун натичаи амали фоил (субъект) воқсъ мегардад» [11, 262].

Чунончи: хондан — хонондан, хӯрдан — хӯрондан, коридан — корондан, чидан — чинондан, бастан — бандондан, кандан — канондан, пурсидан — пурсондан, овардан — оварондан, фуровардан — фуроварондан, омӯхтан — омӯзондан, рехтан — резондан, шинохтан — шиносондан, гирифтан — гирондан, навиштан — нависондан ва ғайра:

Моро ба назди худ гиифта хононд, савод омӯхт [54, 264]. Барои миршаби хасис Фирӯзаро хӯронда – пӯшонидан ва хонондан кори хазл не! [54, 286].

Феълҳои таркибии номии гузаранда ҳам бо суффикси -он айнан дорои ҳамин гуна хусусияти маъноӣ ва грамматикӣ мебошанд: қайд кардан — қайд кунондан, суст кардан — суст кунондан, қоил кардан — қоил кунондан, даъват кардан — даъват кунондан ва ғ.

Дар ин қабил феълҳои таркибии номӣ муайянкунандаи моҳияти грамматикии амал ҳиссаи номӣ не, балки феъли ёридиҳанда мебошад, ки бо суффикси -он (-ён) омадааст:

Ба Шамсиячон мегӯям, сабақи бачаҳоро такрор кунонда меистад [54, 299].

Тавсия навишта ба партия қабул кунондам [54, 368].

«Баъзе феълҳои содда ва таркибии бавосита, ки аз феълҳои монда бо суффикси «-он» сохта шудаанд, аз ҷиҳати маънои грамматики ба гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита медароянд: давидан — давондан, рақсидан — рақсондан, шиштан — шинондан, гурехтан — гурезондан, гап задан — гап занондан ва м. ин» [11, 263]:

Пеш-пеши машина бод реги аз дашт овардашударо рӯй-рӯи асфалт давонда мегашт [58, 399].

Ҳар рӯз, агар хоҳад, палонҷҳояшро ба тоқчаи аъло мешинонад, агар хоҳад ба мушхона ҷо мекунад, не, агар раҳм кунад, як лаб нон медиҳад ва мерақсонад... [54, 118].

Як хусусияти феълҳои бавосита ин аст, ки дар аксарияти онҳо дар шаклҳои гуногуни феълҳои замони гузашта пас аз суффикси -он (-ён) овози «-и» пайдо мешавад. Вале чунин тағйири ҷузъии шакл ба маънӣ таъсир намекунад ва аз ин рӯ ҳар ду шакли феълҳои бавосита баробармаъно ва серистеъмол аст: расондан — расонидан, ёзондан — ёзонидан, рӯёндан — рӯёнидан, даргирондан — даргиронидан, гузарондан — гузаронидан, печондан — печонидан, паррондан — парронидан, гӯёндан — гӯёнидан, мубаддал гардондан — мубаддал гардонидан ва ғ. Чунончи, феълҳои бавоситаи ҷумлаҳои зеринро аз назар мегузаронем:

Дигаре чунон ба хоби сахт рафтааст, ки тӯб парронда бедор карда наметавонед [58, 27].

Бераҳмиро бинед, ки одамҳоро аз дами шамшер гузаронидаю парронида ба хонаҳо оташ ҳам задааст [58, 81].

Дар забони фаронсавии муосир низ феълҳои бавосита барои мафъул воқеъ гардидани амал ва ё ба воситае иҷро шудани амалро мефаҳмонанд.

Дар забони фаронсавӣ ин гуна феълҳо бо роҳи ба асоси шакли масдарии феъл ҳамроҳ кардани префиксҳои «a-», «en-» сохта мешаванд. Ҳамаи феълҳои бавосита феълҳои гузаранда мебошанд.

Ба мисли забони тоҷикӣ дар забони фаронсавӣ низ феълҳои бавосита аз феълҳои монда бо ҳамроҳ кардани префиксҳои «a-», «en-»

сохта мешавад, ба монанди: dormir (хобидан) — endormir qn (хобондан), faiblir (беқувват шудан) — affaiblir qn (бемадор, оҷиз кардан) ва ғ.

D'ailleurs son intention était formelle de faire au brave mousquetaire toutes les excuses convenables, mais sans faiblesse, craignant qu'il ne résultât de ce duel ce qui resulte toujours de fâcheux, dans une affaire de ce genre, quand un homme jeune et vigoureux se bat contre un adversaire blessé et affaibli: vaincu, il double le triomphe de son antagoniste ; vainqueur, il est accusé de forfaiture et de facile audace [65, 47-48]. – Вай пешакӣ аҳд карда буд, ки аз мушкетдори ҷасур, то мумкин аст, узрхоҳӣ бикунад, лекин, табиист, ки суст омадан намехост. Вай оқибати ин .ғуна дузлро, ки бояд шахси бақуввату ҷавоне бо ҳарифи маҷрӯҳу заифе меҷангид, андеша карда, ба чунин қарор омада буд. Агар мағлуб гардад — тантанаи ҳарифаш ду чанд мешавад; агар ғолиб ояд — ба бадаҳдӣ айбдор хоҳад шуд, хоҳанд гуфт, ки пирӯзиаш осон ба даст омад [53, 53].

Аксарияти феълҳои бавоситаи маҳз барои мафъул воқеъ шудани амалро мефаҳмонад ва ба ин восита хусусияти гузарандагии ин гуна феълҳо бо роҳи таъкид кувват мегирад» [11, 262]. Масалан: sortir (баромадан) — faire sortir qn (баровардан),voir (дидан) — faire voir (нишон додан).

Son vieux valet de chambre me fait entrer [67, 153]. – Нӯкари куҳансоли ӯ маро ба хонааш медарорад [59, 166].

Бояд тазаккур дод ки аксарияти ин гуна феълҳо, дар забони фаронсавӣ феълҳои таркибии номии гузаранда ном гирифта, бо феъли ёридиҳандаҳои «faire», «laisser» «avoir» ва ғ. сохта мешаванд.

savoir —донистан → faire savoir — хабар додан

tomber — афтидан → laisser tomber — афтондан

devenir sourd — кар шудан → render sourd — кар кардан

avoir peur — тарсидан → faire peur — тарсондан ва ғ.

Забоншиноси шинохтаи рус В.Г. Гак қайд менамояд, ки «бинобар сабаби кам будани воситаҳои калимасоз, ин навъи феълҳои таркибӣ дар забони фаронсавӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегиранд» [7, 163- 164].

Нуқтаи дигареро низ қайд кардан ба маврид аст, ки феълҳои забони фаронсавӣ мисли феълҳои забони тоҷикӣ барои ифодаи шакли бавоситаи феъл на ҳамеша мувофиқ меоянд. Чунончи, феъли tomber дар забони фаронсавӣ дар як ҳолат ҳамчун шакли бевоситаи феъл баромад намояд, дар ҷои дигар шакли бавоситаро мефаҳмонад. Чунончи:

A peine eut-il fait dix pas, que ses oreilles tinterent, qu'un éblouissement le prit, qn'un nuage de sang passa sur ses yeux et qu'il tomba au milieu de la rue, en criant encore: — Lache! lache! lache! [65, 18]. – Даҳ қадам нарафта гӯшҳояш садо дод, сараш гирд гашт, чашмонаш сиёҳ зад ва дар мобайни кӯча афтода, ҳамчунин фарёд мекашид: — Тарсу! Буздил! Беномус! [53, 20].

J'ai tombé mon adversaire. = Ман ҳарифамро афтондам.

Чи тавре ки аз мисолҳои дар боло оварда шуда муайян мегардад, феъли tomber дар забони фаронсавӣ дар ҷумлаи аввал ҳамчун феъли монда ба ҳисоб рафта, дар ҷумлаи дувум бошад чун феъли гузаранда зоҳир мегардад. Яъне феъли tomber дар забони фаронсавӣ дар як шакл ин вазифаро иҷро намояд, пас дар забони тоҷикӣ он аз асоси замони ҳозираи феъли гузаранда бо иловаи суффикси «-он» (-ён) сохта мешавад: tomber – афтодан (je me suis tombé,e); tomber – афтондан (j'ai tombé mon adversaire); faire tomber – афтондан (афтонидан) (j'ai fait tombé la vase).

## АДАБИЁТ


1. Гак В.Г. Теоретическая грамматика французского языка.– М.:Высшая школа, 1979.– 304 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Зерир таҳрири: Ш. Рустамов, Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев, Д. Тоҷиев, Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 365 с.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 1, 2. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с. 52.
4. Айнӣ С. Мактаби кӯҳна. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.
5. Дюма А. Се мушкетдор. – Душанбе: Маориф, 1984. – 654 с.
6. Раҳим Ҷ. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди II. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304
7. Стендал. Сурх ва сиёҳ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 544 с. 58
8. Aïni S. La mort de l'usurier. – Paris: Les éditeurs français réunis, 1956. – 316 p.
9. Dumas A. Les trois mousquetaires. – Moscou: Editions du progres, 1977. – 618 p.
10. Stendhal. Le rouge et le noir. – Paris: Librairie garnier frères, 1955. – 513 p.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Султонова Шукрона Бобоҷоновна-**ассистенти кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.


## ВОПРОСЫ РЕМЕСЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА ТАДЖИКОВ ГБАО (ПАМИРА) ОСВЕЩЕНЫЕ В РАБОТАХ РЯДА ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ ЕВРОПЕЙСКИХ И РОССИЙСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ.


**Шоназар Дж.М.**

**Зокиров Б.М.**

**МУТПТ**


Горно-Бадахшанская Автономная область (ГБАО), больше известная как Памир, образована 2 января 1925г. и занимает 44,5% на территории современного Таджикистана. Здесь проживают 218 тысяч человек разных народностей в основном таджики, которые, исповедают исмаилизм и суннизм, говорят на 13 различных языках (письменных и бесписьменных)[61].

[1] Данные приведены согласно положению современной московской школы языкознания. Другие исследователи склонны считать, что в ГБАО существуют 5 языков и 2 диалекта.

Вопросы ремесленного производства таджиков Памира освещены в работах ряда дореволюционных европейских и российских исследователей. Как справедливо замечает Б.В. Лунин, процесс скопления знаний и научного исследования Центральной Азии в европейских странах и России можно поделить на три этапа. Так, XVI – XVIII ст. являлись этапом накопления первоначального материала о регионе в области географии, природы, экономики и политики. В XIX веке в востоковедении шел процесс специализации знаний и постепенное исчезновение универсализма, то есть комплексности и всеобщности в сборе и обработке виденной и услышанной информации. Третий этап начинается с началом XX в., Который характеризуется широким участием ученых с высокой эрудицией и специальной научной подготовкой в изучении региона. Вопросы ремесленного производства таджиков Памира освещены в работах ряда дореволюционных европейских и российских исследователей.

Как справедливо замечает Б.В. Лунин, процесс скопления знаний и научного исследования Центральной Азии в европейских странах и России можно поделить на три этапа. Так, XVI – XVIII ст. являлись этапом накопления первоначального материала о регионе в области географии, природы, экономики и политики. В XIX веке в востоковедении шел процесс специализации знаний и постепенное исчезновение универсализма, то есть комплексности и всеобщности в сборе и обработке виденной и услышанной информации. Третий этап начинается с началом XX в., Который характеризуется широким участием ученых с высокой эрудицией и специальной научной подготовкой в изучении региона.[62]

С. Горшенина составила библиографический и биографический указатель западных исследователей Центральной Азии 1820-1940 гг.[63] Рядей современных ученых классифицировал труды западных и русских путешественников конца XIX – начала XX ст. в виде нескольких групп: путешествующих дипломатов, разведчиков, ученых, участников военных экспедиций. В общем, в одном лице в разных пропорциях присутствовал и купец, и разведчик, и дипломат, и ученый, путешественник-универсал, появление которого было обусловлено тем временем, когда шел процесс накопления знаний и формировался опыт в сборе, селекции, обработке и интерпретации информации.

Таким образом, была проведена реконструкция материальной и духовной культуры второй половины XIX – начала XX вв., возможно, благодаря научному и визуальному материалу, собранному дореволюционными путешественниками и исследователями. В совокупности они возникли и продолжают быть богатым источником серьезных и

[2] Лунин, Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении / Б.В. Лунин. – Ташкент, 1965. – С.69.

[3] Corshenina, S. La Haute – Asie Telle Quils Lont vue. Explorateurs et Scientifiques de 1820-1940 / S. Corshenina. – Geneva: Editions Olizane, 2003; La Route De Samarqande. L' Asie Centrale Dans L' Objectif Des Voyageurs D' Autrefois. – Geneva: Editions Olizane, 2000.

глубочайших исследований современных историков культуры таджикского народа.

Благодаря западным и русским путешественникам и исследователям конца XIX – начала XX ст. значительно расширился диапазон знаний о регионе, начался процесс накопления, сбора и классификация информации о Памире, его духовной и материальной культуре. В результате эта научная база стала ресурсом для формирования и развития таких направлений в науке как история, этнография, социальная география, культурная антропология, языкознание, фольклористика и др., а также источником для рассмотрения экономического, социально-политического и культурного развития ГБАО.

Ремесла и промыслы ГБАО, до конца XIX вв. были изучены фрагментарно. Начало их исследования совпало с крупными географическими открытиями в регионе. Они как правило, осуществлялись не специалистами-этнографами, а путешественниками-географами, ботаниками, зоологами или же офицерами и чиновниками, командированными правительством в регионе.

Западные исследователи первыми зафиксировали монументальные крепости Памира. Особенно важны сведения Дж. Вудда, который в Вахане описал древние сооружения: крепость Каахка I в Намангуте и Зангибаре около селения Иссор. Он определил, что в них жили огнепоклонники. После него английский лейтенант Т. Гордон также отметил эти две крепости, расположенные на берегу р. Пяндж и крепость Ямчун, которую назвал Мэйчун. Капитан Х. Троттер 1873-1874 указал на крепость Калаи-Вамар. В крепости Зангибар он не нашел следов древней античности, но заметил, что руины старых стен и арки относятся к древности.

В 1881 антрополог С. Уйвалфи упомянул руины в Вахане, которые назвал «башнями молчания» персов. Значительный вклад в изучение памирских крепостей внес О. Олуфсен, который в 1898-1899 обследовал сооружения в Вахане и сопроводил свои заметки планами и фото. Его интерпретация памятников и связанных с ними легенд, дали ему возможность датировать их временем Сияхпушей, т.е. XII в., что в будущем вызвало критическое отношение к его датировке.[64]

В публикациях материалов (текст, фото, планы) своей второй экспедиции на Памир в 1904 г. О. Олуфсен рассмотрел крепости Зангибар, Каахкаха, Ямчун 1 и пещерный комплекс Вранг. Он также упомянул квадратные башни Лангари Кишт, возможно, крепость Ратм 1 в Нуте, которую он назвал «башней молчания». В действительности это была Тупхона. Руины, которые он видел на первом берегу р. Пяндж между селениями Ранг и Нут, на самом деле принадлежали караван-сараю Доркишт. Он так же зафиксировал крепости Рын, другую около селения Симгун,

[4] Подробно см. Bliss F. Social and Economic Changes in the Pamirs (Gorno-Badakhshan, Tajikistan) / F. Bliss. – London and New York, 2005.- PP. 25-34.

Зебакджангал, и Тупхону на правом берегу р. Багушт. Помимо этого, им были рассмотрены наскальные рисунки в Лангар-киште.[65]

О. Олуфсен отмечал, что «дома горцев состоят из четырех крепких тесаных деревянных столбов, стена дома из камня, крыша из стропил, покрытых хворостом и сеном, со слоем грязи сверху… «Их кишлаки имеют очень однообразный вид, никаких куполов или минаретов, выделяющихся из плоской серой массы, как в других азиатских городах. Иногда совсем рядом с ними замечаешь на большинстве крыш квадратную башню с бойницами; но так как они часто построены из той же желтовато-серой глины, что и сам дом, и совершенно лишены украшений, то они не облегчают общего однообразия дома[66]». Дж. Вуд также сообщал, что «дома ваханцев имеют плоскую крышу и строятся из камня и глины[67].

Среди российских исследователей первым через Дарваз прибыл доктор А. Регель. Он побывал на Памире в 1881-83 гг. и оставил краткое упоминание крепости Калаи - Хумб, фундамент, которой он отнес ко времени Александра Македонского, и Ванч калы.

Секретарь политагенства Российской империи при Бухарском эмирате А. Черкасов[68] указал, что в домах любая обстановка заменяется подобием глинобитных нар выше аршин от пола, идущих вдоль трех стен жилья. Нары эти устроены в два уступа с той стороны, где находится отверстие для очага. Дым очага и дневной свет проходят через четырехугольное окно в потолке, прикрывающееся на ночь ставней. В свою очередь Б. Громбчевский подчеркнул, что в Кала-и Хумбе «большинство домов имели над земляной крышей другой высокий, остроконечный, двускатный, покрытый тонким слоем соломы»[69]. Л. В. Ошанин привел сведения по этнографии таджиков Дарваза. Он одним из первых, наблюдал у горцев процесс строительства и эксплуатации оврингов[70].

Данные, собранные исследователями и путешественниками, свидетельствует о том, что крепостные сооружения на Памире выполняли прежде всего стратегическую роль. Система их строительства свидетельствует о высоких инженерных знаниях местного населения,

---

[5] Olufsen, O. Through the Unknown Pamirs (Vakhan and Garan) [Electronic resource] / O. Olufsen. – London: William Heinemann, 1904. – P.151. – access mode: www.URL: http://digitalcomons.unl.edu./afghanenglish/21; Through the unknown Pamirs. – P.156-196.

[6] Olufsen, O. Through the Unknown Pamirs (Vakhan and Garan) / [Electronic resource] / O. Olufsen. – London: William Heinemann, 1904. – P. 76. – access mode: www.URL:http://digitalcomons.unl.edu./afghanenglish/21

[7] Минаев, И. Сведения о странах по верховьям Аму – Дарьи / И. Минаев. – СПб, 1879. – С.193.

[8] Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 г. // Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире. – М., 1975. – С. 110.

[9] Акрамов, Н.М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л. Громбчевского / Н.М. Акрамов. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1974. – С.55.

[10] Ошанин, В. Каратегин и Дарваз / В. Ошанин // Известия императорского Русского географического общества. – СПб, 1881. – Вып. I. – С. 16.

начиная с древности. Особое внимание следует обратить на выступы, вырубленные в скале, дороги, ворота, ниши. Часто стены были сложены из камня на известковом растворе. Использовался при их строительстве и сырцовый кирпич (более 5-ти видов). Все это свидетельствует о развитых технологиях строительства на Памире, и не только о высоком уровне обработки природного камня, но и значительном опыте местных мастеров в области строительства и художественного оформления.

А. Стейн описал достаточно полно крепости Вахан, Каакаха 1, Даршай, Ямчун, форт Зулкамар, пещерный комплекс Вранг. Крепость Зангибар. Он идентифицировал не традиционно сооружение около селения Исзер, но верно указал, что оно называется Вишим кала около селения Зонг. В долине р. Шохдары (правый приток р. Пандж) он отметил крепость Синдев, Бидев, Джаушангоз, которые сопроводил планами и фото. Для крепости Вамар помимо описания он сделал план и фото декора резного дерева, украшавших интерьер. Не менее интересна его информация о святилищах в Намангуте, копей Кух-и Лал. Он сделал попытку датировать свой материал «поздним индоскифским периодом, который соответствует кушано-сасанидскому времени».[71]

Ключевой отраслью экономики любого общества, в древности и средневековье являлись металлообработка. На Памире были отмечены богатые и обширные месторождения железа, золота, серебра и меди минеральных красителей и свинца, при том, что в прошлом обрабатывались лишь мелкие месторождения данных металлов. По- видимому, их добыча, переработка, имели только местное и узко локальное значение, не выходящее за пределы района. Здесь она не получила достаточно высокого уровня развития по сравнению с соседними регионами, т.к. не обеспечивала полностью внутренних потребностей в указанных металлах, обработке железа. Русский дореволюционный исследователь И. Минаев отмечал особую тягу местного населения к этому виду производства. Он писал, что “железное производство весьма развито во всех странах по бассейну Верховьев Аму”. Несмотря на примитивность процесса производства, наследованного от предков, металлические изделия, создавались искусными местными мастерами. Наибольшую известность получили изделия, изготавливаемые в Ванче, в Кала-и Хумбе.

Дополняя эти факты далее И Минаев, отмечает, что главными предметами, выделываемыми кузнецами, были подковы, топоры, кетмени, серпы, ножи, прямые и складные, клинки, шашки и другие изделия, которые затем развозились по всему ханству и считались лучшими по своему качеству.[72]

Д. И. Мушкетов указал, что «в прежние времена Дарваз и Ванч сохраняли свою независимость, а около Вичхарва и Потау имелись богатые железные месторождения, издавна эксплуатировавшиеся и заставившие

---

[11] Подробно см. Bliss F. Social and Economic Changes in the Pamirs.-PP.30.

12 Минаев, И. Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи / И. Минаев. – СПб, 1874. – С. 190.

население развить хотя и примитивный, но большой и хороший железный промысел».[73]

Этот факт подтверждает и другой русский исследователь А.А. Бобринской. Он пишет, что «Жители долины Ванджа, благодаря, вероятно, долгому времени, так хорошо приспособились к своему железному производству, что выделывают не только крупные, грубые вещи вроде лемехов, кирок и топоров, но даже такие мелкие вещи, как складные ножи, бритвы и ножницы[74]».

Громбчевский Б.Л. указывал, что в Ванче выплавкой железа, так и добычей железной руды промышляют сами жители. Железо получается совершенно чистое, без примеси песка, пепла или угля, и потому оно имеет широкую известность не только в Средней Азии, но и за ее пределами.

Автор указал, что ванчское железо имеет широкую известность за пределами Горного Бадахшана. Он посетил и изучил 4 копии железа в долине Ванча. Недалеко от селения Ван-Ван, близ Акба -и – Ванч, расположенном почти в устье Ванча, на левом берегу реки; несколько выше селения Бунай[75].

Славу Памира составляло с раннего средневековья (VII в), месторождение благородной шпинели или бадахшанский лал у деха Кухи-лал. Здесь из было более 500 древних разработок, которыми занимались опытные мастера. Об этом свидетельствует набор инструментов: кирка, кайло, клинья, долото, шило.[76] Известно, что бадахшанский лаъл активно вывозили в другие регионы Востока. В целом, добыча и разработка полезных ископаемых проводилась не повсеместно на Памире. Оно не только частично удовлетворяло нужды местного населения, но и являлось предметом экспорта.

Как указивают материалы конца XIX - начала XX вв., обработка дерева местных пород была широко развита. Местные мастера изготавливали посуду, ножны для оружия, древки для знамен, дощечки для добывания огня, гребни, музыкальные инструменты. Весьма широко дерево использовалось в интерьере жилица для изготовления колонн, дверей, потолка *чорхона*. Здесь местным резчикам *кандакорам* удавалось создавать истинные шедевры резьбы по дереву. Из дерева готовили ткацкие станки. Офицер Вуд отмечал, что сосуды для воды жители готовят из букового дерева, для муки-из красной ветлы.

В целом деревянное кустарное производства было сосредоточено в селении Пшихарв, на одном из мелких притоков Пянджа. Жители его

---

[13] Пирумшоев, Ҳ. Ванҷи ману ганҷи ман: Очерки таърихӣ / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2013. – С. 563.

[14] Бобринской, А.А. Орнамент горных таджиков Дарваза (Нагорная Бухара) / А.А. Бобринской; Пер. на тадж. яз.: Джурахон Зоир, на англ. яз.: Азиза Давлатшоева. – Душанбе, 2014. – С. 10.

[15]Акрамов, Н.М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л. Громбчевского / Н.М. Акрамов. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1974. – С. 63.

[16] Бубнова, М.А. Данные о полезных ископаемых на Памире X – XII вв. / М.А. Бубнова // История горной науки и техники. – Тибилисии, 1979. – С. 94 - 102.

выделывали из гнутых тонких полос подносы, короба, люльки и тому подобные предметы, покрытые грубым резным геометрическим орнаментом и выкрашенные в красный и черный цвета.[77]

По сведения А.А. Семенова, Дарваз являлся значительным текстильным центром. Здесь в каждом доме ткали популярную по всей нагорной Бухаре белую и цветную бумажную ткань, в которую одевались все горцы от мала до велика. Изготовлением пряжи для маты занимались женщины, ткачеством - мужчины[78]. Здесь же широкое распространение получили шерстяные, полушерстяные ткани и вязание шерстяных чулок *джурабов* с богатыми оригинальными орнаментами.

По информации Г.А. Арандаренко, в Дарвазе готовили материи бязь *карбос, алочу*, шерстяные чулки *джурабы* и другие изделия, которые нужны в быту.[79] Согласно И. Минаеву, Дарваз не зависел от Кундуза, «Хлопок растет здесь всюду, и одежды, приготовленные из него, обмениваются на хлеб и порох[80]». По его мнению, главное богатство прихожан – это стада, шерсть и кожа, которые шли на изготовление одежды. Что касается вопроса изготовления материи и мест ткачества в Горном Бадахшане, то наиболее распространена здесь шерстяная ткань под названием «берек», пряжу для нее производят женщины, ткут мужчины.

В 1907,1929г. и 1943гг. известному этнографу М.С. Андрееву в Хуфе удалось еще зафиксировать традиционные занятия матеров- текстильщиков и их продукцию, что значительно дополняет сведения дореволюционных авторов.

Так, по его утверждению, местное население из шерстяных тканей производило материю для одежды. Только в XX веке сюда начали поступать привозные ткани, которые использовали во время шитья рубашек и брюк. Они вытеснили шерстяные материи местной выработки[81]. Ученый зафиксировал пять небольших станков для ткани хлопчатобумажной ткани («х.иwинц») собственного производства, которые ткали, как и шерстяные материи, только мужчины.

Шерсть коз шла только на грубые изделия - выделку веревок, подпруг, паласов, шерсть овец на приготовление узкого домотканого сукна "Рага" (ragza), поясов, завязок, к обуви, к шароварам, к люльке, на вязание чулок и перчаток. Сукно "райза" (ragza) идет на изготовление халатов, рубашек и

---

[17] Бобринской, А.А. Орнамент горных таджиков Дарваза (Нагорная Бухара) / А.А. Бобринской; Пер. на тадж. яз.: Джурахон Зоир, на англ. яз.: Азиза Давлатшоева. – Душанбе, 2014. – С. 11.

[18] Семенов, А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза / А.А. Семенов. – М., 1903. – С. 92.

[19] Арандаренко, Г.А. Досуги в Туркестане 1874 – 1889 / Г.А. Арандаренко. – СПб, 1889. – С. 466 - 469.

[20] Сайнаков, С.П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира): Дис. … канд. ист. наук / С.П. Сайнаков. – Душанбе, 2015. – С. 26.

[21] Андреев, М.С. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. – Сталинабад, 1953. – Вып.1. – С. 200.

другой женской и мужской одежды, мужских поясов (менд) (Miyend) шапочек (паколь) (pakol) и других предметов.

Как отметил М. С. Андреев, в Хуфе население шило из шерстяных тканей разные виды одежды. Согласно его утверждению, когда в Хуф начали поступать привозные ткани, которые начали использовать при шитье рубашек и брюк, они начали вытеснять шерстяные материи местной выработки. При этом хлопчатобумажные ткани раньше почти совсем не проникали в Хуф. М.С. Андреев отмечал, что в Хуф в 1929 году поступали хлопчатобумажная ткань, привозимая из двух источников: карбос (бязь) туземного производства – из Кашгарии а также и европейские дешевые ткани, русские ситцы[82].

В Хуфе имелись пять небольших станков для тканья хлопчатобумажной ткани («*хиwинц*») собственного производства, а ткачами были только мужчины. М. С. Андреев указал, что в Хуфе шерсть получали только двух сортов: овечью называемую «*ваун*» (*Wa: wн*) и козью- «*зьаус*» (*mhaus*). Шерсть коз шла на изготовление узкого домотканого сукна (*sukna*) *рагза* (*raghza*), поясов, завязок, к обуви, шароварам, колыбели на вязание чулок и перчаток. Из сукна *рагз*а (*raghza*) изготавливали халаты, рубахи, прочую женскую и мужскую одежду, мужские пояса (*миенд*) (*miyend*) шапки (*паколь*) и т.п.

По данным О. Олуфсена, мужская одежда включала в себя коричневый шерстяной *чапан (chapan)*, который достигал половины колена, короткую белую или коричневую шерстяную рубаху *парахан (pirohan)*. Белые или коричневые штаны *шаволак* (*shavolak*) до колен, были закручены на поясе веревкой. Кожаные коричневые или желтого цвета бусы или своего рода чулки муса, предохраняли от падения. Их закрепляли вокруг колена плетеным шнуром или же шерстяной бечевкой. Носили коричневую шерстяную шапку *челпок (chelpok)* в виде небольшой мягкой шапки, чалму, которые выделывали в Афганистане, из голубого полотна. Поясной платок лонги или пояс из кожи с небольшими мешочками на нем закрепляли на талии. Имелся шелковый носовой платок. Во время суровой зимы мужчины одевали тулупы, хлопчатобумажные брюки *тамбон (tambon)*, халаты серые с черным (*ча*:в) (jav).[83]

В свою очередь И.И Зарубин отмечал, что «одежда горцев состояла из шерстяного довольно прочного халата «*gilim*» и таких же штанов (*tambon*)… На рушанском халате не было пуговиц, ни каких-либо завязок, они появляются только в соседних областях Шугнан и Дарваз[84]». Овечья шерсть употреблялась для выделки сукна, не красилась. Рушанские халаты

[22] Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) / М.С.Андреев. – Сталинабад: Изд-во Акад. наук Тадж. ССР, 1953. – Вып. 1. – С. 200.
[23] Olufsen, O. Though the Unknown Pamirs / O. Olufsen. – London, 1904. – P. 68.
[24] Зарубин, И.И. Обувь горных таджиков долины Бартанга / И.И. Зарубин // Сборник Музея антропологи и этнографии имени Петра Великого при Академии наук. – Петроград, 1915– Т. III.. – С. 98.

запахивались на правую сторону и стягивались широкими шерстяными поясом (*мендак*, *мийенд*), (*miyendak*) их длина калымов была различна.

Внимание Б.Л. Громбчевского привлек костюм жителей Кала-и Хумба, где в жаркое время мужчины и женщины ходили в белых рубашках из матны и таких же штанах. Женщины на голове носили белые косынки из матери или кисеи, а мужчины – красные тюбетейки или чалмы. На ногах у них были чарыки (char), мягкая обувь без каблука, халаты шерстяные или ситцевые, преимущественно красные, русского кумача или ситца. В Дарвази жители сами готовили себе одежду из хлопка, маты.[85]

Олуфсен О. писал, что в Вахане и Гороне «….предпочтение отдается ярко-белой шерстяной одежде. Женское платье летом состоит из длинного широкого белого шерстяного халата с длинными рукавами. Оно открыто спереди и застегивается на шее шнуром разных цветов или небольшой пряжкой. Кроме того, под халатом они носят белую шерстяную или хлопчатобумажную сорочку и шерстяные брюки, как у мужчин, всегда белые.

Летом они в основном ходят босиком; но иногда носят сапоги, как мужские, а более состоятельные кожаные ботинки *шокс* (*Shoks*), расшитые золотой проволокой с заостренными загнутыми вверх носами; которые импортируются из Кашмира. На голове они носят небольшую белую шерстяную или хлопчатобумажную шапочку *челпок chelpok*, похожую на европейскую дорожную шапочку без полей: «Когда выходят из дома или путешествуют, носят белый платок - (*цил*)» (*sil*). В Ишкашиме местные шерстяные халаты, обувь *(чарук*) (*charuk*), готовят из шкур, подков и веревки.[86]

И. Минаев сообщает, что дарвазцы одевают хлопчатые одежды, поскольку здесь растёт хлопок. Зимняя же одежда бадахшанцев – это толстого вида одежда, цветные чулки и шерстяные толстые чекмени. Горцы носят полусапожки из кожи домашнего приготовления.[87]

Капитан А. Ванновский отметил, что в Рушане в зимние вечера «мужчины выделывают кожи для шуб, плетут веревки и делают сапоги и капы, а женщины вяжут из бараньей шерсти чулки, ткут грубо е сукно[88]». Д. И. Иванов отмечал, что одежда у жителей шерстяная, и они носят шерстяную

[25] Акрамов, Н.М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л. Громбчевского / Н.М. Акрамов. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1974. – С. 55.
[26] Olufsen, O. Through the Unknown Pamirs (Vakhan and Garan) / [Electronic resource] / O. Olufsen. – London: William Heinemann, 1904. – P. 75. – access mode: www.URL:.
[27] Минаев, И. Сведения о странах по верховьям Аму – Дарьи / И. Минаев. – СПб, 1879. – С.194.
[28] Ванновский, С.П. Извлечение из отчёта капитана Ванновского С. П. о поездке в Рушане и Дарвазе / С.П. Ванновский // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – СПб, 1894. – Вып. LVL. – С. 92 - 93.

рубашку, штаны, халат и шапку. Их шерстяные ткани весьма хорошего качества.[89]

Подобную информацию подтверждают сведения А. Черкасова, который указывал, что горцы одеты в одежду из домотканого сукна с шароварами из привозной маты (бумажный холст). Зимою зипунов надевается два или три, один на другой, а на ноги – шерстяные, дома связанные чулки и «*пехи*» (*pekhi*) - гамаши с калошами из кожи горного козла «*киик*» (*kiik*)[90]. Женщины носят шаровары, сверху-длинную, ниже колен рубахи четырехугольный кусок материи в виде платка на голове, а те, кто по богаче – из цветного ситца. Зимой к этому прибавляется суконный зипун, ничем не отличающийся от мужского, который описал А. Черкасов[91].

Жители Памира использовали разные виды свечей (*пилак, цирӯв, шамъ*) (*pilak, sirouv, sham*). Свечи для горцев имели духовный аспект. Материалом для них в основном служило масло животных, которое было не дорого.

Известный этнограф М.С. Андреев отмечал, что в Хуфе освещение было двух типов: обыкновенные чираги, в котором горело сало и жир, и свечи, изготовленные или из обожжённой глины, или из мягкого камня, называемого *«санглиц» (sanglich)*, привозимого из Бартанга. Другой тип освещения, наиболее распространённый среди таджиков верховьев Аму-Дарьи, это род грубых лучин свечей, называемых в Хуфе «*цирӯв*» (*srouv*).[92]

Вместо фитиля употреблялись сухие прутья некоторых кустарников, растущих в Пастхуфе, Девлохе и Бицади Дерзуде – Барзуде, Сироз Барушане, Вамар – Дарье и других местах. Кустарник Ё «*видуг*» (*vidug*) *пилпилк вох (pilpilak vokh)* приносят в Рушан целыми охапками. Эти прутья высушивают и облепляют по мере надобности массой, получаемой из семян различных растений, например: растение «*цравидж*» (*srouvij*) по внешнему виду похож его на семена репы или редиски. В диком виде это растение не встречается, и его сеют специально, только в Хуфе долине Гунда Шах-Дарьи и Бартанга в высокогорных местах.

Таким образом, согласно сведениям различных авторов, побывавшим на Памире в конце Х1Х-начале ХХв. можно привести основной список ремесел и промыслов, их ассортимент этого времени. Среди них следует отметить следующие традиционные отрасли: обработка металла, скорняжное, сапожное, кожевенное, ювелирное дело, гончарное, бумажное и ткацкое производство, прядение (процесс продольного складывания и спирального скручивания отдельных волокон для получения длинной и прочной нити),

---

[29] Иванов, Д.И. Путешествие на Памир / Д.И. Иванов // Известия Императорского Русского географического общества. – СПб, 1884. – Т. XX. – С. 209 - 252.

[30] Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 г. // Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире. – М., 1975 – С. 111.

[31] Акрамов, Н.М. Вопросы истории, археологии истории народов Памира и при Памирья в трудах Б.Л. Громбчевского / Н.М. Акрамов. – Душанбе, 1974. – С.70.

[32] Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) / М.С.Андреев. – Сталинабад: Изд-во Акад. наук Тадж. ССР, 1958. – Вып. 2. – С. 213.

деревообработка, изготовление музыкальных инструментов, обработка камня, охота, вязание, шитье и многие другие.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Абаева, Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. – Ташкент: Наука, 1964. – 164 с.
2. Акрамов, Н.М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л. Громбческого / Н.М. Акрамов. – Душанбе. – Дониш, 1975. – 131 с.
3. Акрамов, Н.М., Акрамова, Х.Ф. М.С. Андреев – Тадқиқотчии таърихи тоҷикони кӯҳистон / Н.М. Акрамов, Х.Ф. Акрамова. – Душанбе: Ирфон, 1977.
4. Андреев, М.С. Страны верховья древнего Оксуса (Аму – Дарьи) и их значение для понимания старого быта оседлых народов С. Азии. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев – Сталинабад, 1958. – Вып.2.
5. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) [Текст]. - Сталинабад: Изд-во Акад. наук Тадж. ССР, 1953-1958. - 2 т. – Вып.1. – 251 с., Вып.2. – 524 с.
6. Бобринской, А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы): Очерки быта по путевым заметкам графа А.А. Бобринского / А.А. Бобринской. – М., 1908. – 150 с.
7. Бобринской, А.А. Орнамент горных таджиков Дарваза (Ногорная Бухара) / А.А. Бобринской; Пер. на тадж. яз.: Джурахон Зоир, на англ. яз.: Азиза Давлатшоева. – Душанбе, 2014. – 126 с. – (На тадж., рус. и англ. яз.).
8. Бубнова, М.А. Древние рудознатцы Памира / М.А. Бубнова. – Душанбе: Дониш, 1993. – 176 с.
9. Ванновский, С.П. Извлечение из отчёта капитана Ванновского С. П. о поездке в Рушане и Дарвазе / С.П. Ванновский // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – СПб, 1894. – Вып. LVL. – С. 92 - 93.
10. Лунин, Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении / Б.В. Лунин. – Ташкент, 1965. – С.69.
11. Минаев, И. Сведения о странах по верховьям Аму – Дарьи / И. Минаев. – СПб, 1879. – С.193.
12. Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 г. // Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире. – М., 1975. – С. 110.
13. Ошанин, В. Каратегин и Дарваз / В. Ошанин // Известия императорского Русского географического общества. – СПб, 1881. – Вып. I. – С. 16.
14. Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 г. // Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире. – М., 1975. – С. 110.
15. Минаев, И. Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи / И. Минаев. – СПб, 1874. – С. 190.
16. Пирумшоев, Ҳ. Ванҷи ману ганҷи ман: Очерки таърихӣ / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2013. – С. 563.
17. Семенов, А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза / А.А. Семенов. – М., 1903. – С. 92.
18. Olufsen, O. Through the Unknown Pamirs (Vakhan and Garan) / [Electronic resource] / O. Olufsen. – London: William Heinemann, 1904. – P. 75. – access mode: www.URL:.
19. Иванов, Д.И. Путешествие на Памир / Д.И. Иванов // Известия Императорского Русского географического общества. – СПб, 1884. – Т. XX. – С. 209 - 252.
20. Corshenina, S. La Haute – Asie Telle Quils Lont vue. Explorateurs et Scientifiques de 1820-1940 / S. Corshenina. – Geneva: Editions Olizane, 2003; La Route De Samarqande. L, Asie Centrale Dans L, Objectif Des Voyageurs D, Autrefois. – Geneva: Editions Olizane, 2000.

21. Olufsen, O. Through the Unknown Pamirs (Vakhan and Garan) [Electronic resource] / O. Olufsen. – London: William Heinemann, 1904. – P.151. – access mode: www.URL: http://digitalcomons.unl.edu./afghanenglish/21; Through the unknown Pamirs. – P.156-196.

**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ҶАШНИ НАВРӮЗ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**(МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ҶУМҲУРИЯВӢ, БАХШИДА БА ИДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ)**

**(12-УМИ МАРТИ СОЛИ 2024)**

# РОЛЬ НАВРУЗА В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ

**(МАТЕРИАЛЫ РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ, ПОСВЯЩЕННОЙ МЕЖДУНАРОДНОМУ ПРАЗДНИКУ НАВРУЗА)**
**(12- МАРТА 2024** ГОДА**)**

**Душанбе – 2024**

Ба матбаа «   » 03.2024  супорида шуд.

Ба чоп «   » 03.2024 иҷозат дода шуд.
Андозаи чоп..... Чопи офсет
Гарнитураи Taims New Roman Tj.
Ҷузъи чопи шартӣ
Теъдоди нашр       нусха